173217

САДРИДДИН

АЙНӢ

ДОХУНДА

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Садриддин Айнӣ

ДОХУНДА

ДУШАНБЕ
НАШРИЁТИ «ИРФОН»
1984

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Китобхонаи маркази
Чумхурии ВМ-институти ба
номи А. Фирдавсӣ

Тоҷик 2
А 40

173217 тоҷик-2

© Нашриёти «Ирфон», 1984

E-mail: ziyozoda@gmail.com

КИСМИ ЯКУМ[1]

I. ДАРАИ НИҲОН

Агар аз Сари Ҷӯй баромада аз даруни кӯҳсор ба Кӯргонтеппа пинҳони рафтанӣ шавед, роҳи шумо аз даруни Дараи Ниҳон меафтад. Дараи Ниҳон, ба номи дигар «Тангиниҳон» яке аз дараҳои кӯҳистони Ҳисори Шодмон аст. Ин дара, чунон ки аз номаш маълум аст, аз назарҳо пинҳон буда, танҳо аз ду тарафаш: тарафи Сари Ҷӯй ва Боботоғӣ ду тангно намоён мешавад. Кӯҳсоре, ки ин дараро печонда гирифтааст, аз дур ба назаратон монанди як кӯҳпорае менамояд, ки дарунаш шикофе ва сӯрохе надошта бошад. Ҳар гоҳ аз Сари Ҷӯй баромада ба пои ин кӯҳпора расед, дар рӯ ба рӯятон монанди «оббурда» як шикофе мебарояд; дар аввали дидан шумо гумон мекунед, ки оби борон ба мурури замон аз куллаи кӯҳ ба поён шорида, рафта-рафта дили сангро чок карда ин чоро кофтааст. Ҳамин ки аз даҳанаи раҳна дарунтар меравед, фиреб хӯрдани худатонро мефаҳмед ва мебинед, ки ин шикоф оббурда набуда, балки роҳи танги печ дар пече будааст, ки гӯё устокорони ҳарбӣ барои пинҳон доштани вай аз чашми душман дар қалъаи чангие ин роҳро сохтаанд. Ин роҳи пурпечу хам чунон торик аст, ки гӯё аз бағали кӯҳ нақб зада бошанд.

Лекин ин рох монанди роҳҳои зеризаминӣ болояш пушида набуда, балки сар то сари бомаш монанди дутанҳои иморатҳои баланд кушода мебошад ва аз он чо осмон менамояд; партави офтоб ҳеҷ гоҳ ба замини ин рох наафтода бошад хам, дар нимрӯзӣ сари деворашро шаъшаадор мекунад ва дар сояш ин офтоби саридеворӣ пеши пои худро дида метавонед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Агар дар сари шумо шавқу ҳаваси тамошои аҷоиботи кӯҳсор бошад, ваҳму ҳаросро ба дили худ роҳ надиҳед, аз воҳимадории ин роҳи борики торик натарсед ва далерона ба пеш нигоҳ карда қадам партоед, тамошо сар мешавад:

Чашмасор. Шумо гумон накунед, ки ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегардонад. Не! Балки инҳо чашмаҳоеанд хурду заиф, ки монанди чашмҳои ситамдидагони даври подшоҳӣ оби худро чакра-чакра мечакконанд, танҳо фарқ дар ин ҷост, ки аз чашми ситамдидагони даври подшоҳӣ хун мечакид, аз инҳо — об.

Чакраҳое, ки аз чандин чунин чашмачаҳо мечаканд, дар як ҷо ғун шуда ҷӯйчаи мусаффоеро ба ҳам мерасонанд, оби ин ҷӯйчаҳо чунон соф аст, ки гӯё аз санг гузаронида софкориаш карда бошанд, монанди алмоспора беғубор менамояд. Дар ҳақиқат ҳам ин об ҳамон оби барфу боронҳо аст, ки аз мағзи сангпораҳои кӯҳ софкорӣ ёфта баромадааст.

Ин ҷӯйча монанди он ҷӯйчаҳое, ки дар миёни заминҳои корам кандаанд, аз лой ва гил бино наёфтааст, балки канор ва замини ин ҷӯйча аз сангпораҳое бино ёфтааст, ки ба сабаби шустушӯи ҳамешагии об монанди оина шаффоф шудаанд.

Шаффофии канор ва замини ин ҷӯйча шаъшаапошии ин оби софро чанд-чанд зиёд мекунад.

Агар шумо дар нимрӯзӣ ба лаби ин ҷӯйча оед, аз тамошояш чашм канда наметавонед:

Партави офтобе, ки ба сари девори ин дара афтодааст, аз даруни ин оби соф ва ҷӯи шаффоф акси худро намоён карда шаъшаапошӣ мекунад; сангҳои девори дара аз даруни ин оби оштоб ба тарзе намоён мешавад, ки гӯё сангтарошони ҳунарманд сангҳои рахдорро ба як тартиби ҳандасагӣ болои ҳам чида бошанд. Намуди як девори боазамати баланд, бо партави офтоби чаҳонтоб аз даруни як ҷӯйчаи танг, шуморо дар ҳайрат меандозад.

Агар аз ҳайвоноти даррандаи монанди гург ва шағоли ин дара натарсида, шабона дар вақтҳои соф будани ҳаво ин ҷо оед, боз зиёдтар дар ҳайрат меафтед. Ситораҳое, ки аз шикофи боми ин дара қатор шуда намоён мегарданд, акси худро бо тамоми нурафшонӣ ба даруни ин ҷӯйча меандозанд. Азбаски замини ин ҷӯйча бо сангрезаҳои парradор фарш ёфтааст, об монанди як

E-mail: ziyozoda@gmail.com

занчири симин халкахои нафис намоён карда, бо частухези нозукона пасту баланд шуда меравад; ҳар ситорае, ки акси худро дар ин об меандозад, аз ҳар кадоми ин пастихо, баландихо халкачаҳо ва гирдобчаҳо чудогона-чудогона намоён мешавад; масалан; агар шумо сад дона ситораро ба болои сари худ дар осмон дида тавонед, дар ин шаби торик ба даруни ин чўйчаи борик чандсадто аз онҳоро дурахшон мебинед, ҳар кадоми ин ситорагон монанди чироғи электрикӣ, ки ба пеши онхои рахдори чилчирогиаш гузошта бошанд, яке бар бист, яке бар си акс медиҳад ва нурафшонӣ мекунад.

Агар ранги сабзи сабзаҳои канори ин чўйча нури биниши шуморо нигоҳдорӣ намекард, тобиши ин об, ки аз аксандозии ситорагони офтобваш пайдо шудааст, чашматонро мебурд.

Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, баногоҳ ин оби дурахшон монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд, ба зери санге даромада аз назаратон пинҳон мешавад. Ба сабаби маҳрум монданатон аз ин тамошои муфти табиӣ, албатта, ғамгин мешавед; лекин дилтангӣ накунед! Ҳамин ки боз сад-дусад кадами дигар пештар рафта аз як-ду хамгашти пои кўҳ гузаштед, ҳамон об ба зери санг фурўрафта аз таги санги дигаре чўшида мебарояд, ҳамоно дар ин роҳи зеризаминии худ чанд чашмаи дигарро ба худ ҳамроҳ кардааст, ки аз аввала пурзўртар ва хушчавлонтар шуда мебарояд. Акнун шилдирас зада садо мебарорад ва сангрезаҳоро ғелонда, ба чукурихои гузаргоҳи худ хобонда, роҳи худро ҳамвор мекунад. Ба андозае, ки шумо пеш меравед, чўйча ҳам фароҳтар ва обаш фаровонтар мешавад. Акнун роҳи шумо хам он кадар танг ва бадвоҳима нест, акнун ба боло нигоҳ кунед, осмони паҳновари кушодаро мебинед; акнун аз канда афтодани харсангҳои девори дара, ки тагашонро обҳои барфу борон кофтаанд, наметарсед. Зеро акнун чунин ҳодисае рўй диҳад, метавонед, ки худро ба канорае кашед ва аз пахш карда реза-реза намудани он эмин бошед; акнун ягон-ягон дарахтони писта, чормағз, арча (бурс) ва дигар растаниҳои кўҳиро мебинед.

Боз агар як миқдор роҳ равед, ниҳоят ба миёнаҷои дара мерасед, ки дар он чо аз як чашмаи равони шаршарадоре, ки аз камари кўҳ шаррос зада мефурояд, чўи пуробе дар чавлон аст; агар дар ин чо истода ба гирдогирди худ нигоҳ кунед, гумон мебаред, ки ба даруни

E-mail: ziyozoda@gmail.com

киштии сангине ҳастед, лекин фарқ дар ин ҷост, ки киштиҳои муқаррарӣ ба даруни об мераванд, аммо аз дарунни киштии шумо об меравад. Кунҷу камари ин киштирӯ мардум кофта барои худ хона сохтаанд. Шумо гумон накунед, ки дар ин ҷо хонаҳои кабзафурӯмонӣ[2] чӯбин, ҳеҷ набошад, иморатҳои хишти хомро мебинед. Не! Балки хонаҳои бошандагони ин дара аз ошьёнаи парранда-гонаш фарқ надоранд. Танҳо фарқ дар ин ҷост, ки хонаҳои мардум мувофиқи ҷуссаашон иборат аз сӯрохи васеътар аст, ки тарафи болояшро барои нигоҳдории аз хуҷуми сел бо харсангҳо сахт кардаанд.

II. ДУХТАРИ ОБКАШ

Бошандагони дарае, ки шумо дар фасли аввал тамошояш кардед, ҳамагӣ ба кору кочоли худ сокӯл[3] буданд: ҷавонон рамаҳои худро ронда бо теғаҳои кӯҳ ба чаро бурда буданд; мардони миёнсол ҷуфт баста ҷоҳои ҳамвори дараро, ки дар он ҷоҳо ба мурури замон дар бориши барфу борон бо гузаштани селоб ба қадри ним газ хок ба ҳам расида буд, меронданд ва барои кишти тирамоҳӣ тайёрӣ медиданд, занон ва духтарон шир мепухтанд, ҷуғрот мехобонданд, гуппӣ мезаданд, маска месохтанд ва равған мекашиданд; мардони куҳансол дуду, чор-чор ба сангҳо такья карда нишаста саргузашт мегуфтанд ва мешуниданд.

Як ҷавони тахминан бистсола, ба сараш як саллаи кӯҳнаи нимтибит, ба танаш як куртаи карбоси дарида, аз рӯи курта як ҷомаи тики пахтадори чиғда-чиғдашуда, миёнаш бо як карбоси кӯҳна аз рӯй баста, ба пояш як чоруқ, чашмонаш дурахшон, лекин андешаманд, пешонааш фарох, лекин пурчин, рухсорааш чун себи сурх тобон, лекин ғамгин, ки аз башарааш андешамандӣ намоён буд, ба хаёл фурӯ рафта дар гӯшае аз бошишгоҳи мардум дуртар менишаст; ба дасти ин ҷавон як чӯбдасти чӯпонии сегазаи качи чавгонмонанд буд, ки бо нӯги он бехаёлона ба замин хат мекашид, нуқтаҳо меканд ва боз он хат ва нуқтаҳои качу килебро вайрон мекард; гоҳо аз ҷояш хеста ба тарафи як хонаводае, ки дар он наздикӣ буд, чашм меандохт ва боз ба ҷояш нишаста ба хаткашӣ машғул мешуд ва худ ба худ мегуфт: «магар инҳо имрӯз об намехӯранд, ки ҳанӯз ба обкашӣ намеоянд...»

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Дар хонаводае, ки ин ҷавон гоҳо ба тарафи он нигоҳ мекард, се кас ба назар менамуд: яке аз инҳо як марди тахминан панҷоҳсола буд, ки ба рӯи тахтасанге нишаста нону ҷуғрот мехӯрд; дигаре як зани тахминан 40-сола буд, ки хамир мекард; сеюмӣ як духтари тахминан 16—17-сола буд, ки гуппӣ мезад. Ин духтар гуппиро чунон бо шиддат ва тезӣ мезад, ки аз сару рӯяш арақ мерехт; гоҳо гуппичӯбро ба ҳоли худ гузошта, қад рост мекард ва бо дасти худ арақи рӯю пешонаашро пок менамуд; мӯйҳои дарози сиёҳи маҳинбофтаашро, ки дар вақти гуппизанӣ ба пеш меафтоданд, даста карда ба пушти сари худ меандохт. Дар миёни ҳамин ҳаракатҳо бо гӯшаи чашм ба тарафи марде, ки машғули таомхӯрӣ буд, нигоҳ мекард; агар медид, ки мард ба кори худ машғул аст, бе он ки назари диққати ӯро ба тарафи худ кашад, ба сӯи ҷавоне, ки машғули заминхаткашӣ буд, оҳистекак нигоҳе мекард. Агар нигоҳаш ба нигоҳи ҷавон, ки гоҳ-гоҳе аз ҷой хеста ба ин тараф меандохт, рост ояд, аз шодӣ гул-гул мешукуфт ва мағрурона зуд чашми худро аз он тараф канда боз ба кори гуппизании худ машғул мешуд. Агар нигоҳаш ба нигоҳи ҷавон рост наояд, маъюс мегардид ва аз чашмони сиёҳи пурхумораш аломати андӯҳ намоён мешуд, ҳатто ин маъюсӣ ба дасту бозувонаш ҳам асари худро нишон медод, ки дар гуппизаниаш он шиддат ва тезии аввалиаш намемонд.

Мард таоми худро хӯрда тамом кард, дос ва арғамчинро гирифта ба зан нигоҳ карда:

— Очеш! То расидани хамират ман як пушта хасу хошок чида меорам,— гуфт ва аз миёнаи сангпораҳо бо роҳе, ки оби боронаш қадре ҳамвор карда буд, ба болои кӯҳ баромада рафт.

Зан хамирро аз корсон (табақи чӯбин) ба суфраи мешӣ андохта печонда ва аз болояш як ҷомаи пахтадорро ҳам бипӯшонид. Пас аз он бо офтобаи чӯянӣ, ки дар он ҷо буд, дасташро шуст; оби офтоба тамом шуд, хост аз чӯбкадуе, ки дар он хонавода хизмати кӯзаро адо мекард, ба офтоба об андозад, дид, ки дар вай ҳам об намондааст; ба духтари гуппизан нигоҳ карда:

— Гулнор!— гуфт,— ту об биёр, ман маскаро тайёр карда мегирам, зуд бош, ки ҳеҷ об намондааст, ҳамин замон хамир мерасад, падарат ҳам ҳезумро меорад, барои нонпазӣ ҳам об даркор мешавад.

Гулнор мӯнанди як духтари қобили фармонбардор зуд омада кадуро гирифт ва тозон-тозон барои обкашӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

рафт, чунон медавид, ки бинанда гумон мекард, ки духтар фармони «зуд бош»-и модарашро ба хубӣ адо кард; лекин агар шумо дар он ҷо мебудед ва бо диққат нигоҳ мекардед, мефаҳмидед, ки дар ин ҷо як қуввати кашандаи дигаре ҳаст, ки ин духтарро ба тарзе, ки каҳрабо коҳро ва оҳанрабо оҳанро кашад, ба тарафи худ пеш мекашид.

Ҷавони андешаманд, ки бехаёлона ба замин хат мекашид, ҳеҷ як ҳаракати ин духтарро аз назар намегурезонид, вақте ки духтар қадуро бардошта ба роҳ даромад, ҷавон ҷои худро дигар карда дар паси санге рафт ва ба ҷое, ки ба назари модари духтар намоён намешуд, нишаст; то ин вақт духтар ҳам ба наздикии ҷавон расида омада ва ба пушти худ баргашта нигоҳ кард, ки модараш саргарми гуппизанӣ аст ва ба чолокӣ роҳи худро дигар карда худро ба пушти санге, ки ҷавон он ҷо буд, гирифт, гӯё ки аз будани ҷавон дар он ҷо хабаре надорад ва нохост ӯро дидааст, як қад парида:

— Ёдгор, ту ин ҷо чӣ мекунӣ?— гуфт.

— Ту ин ҷо чӣ мекунӣ?— гуфт ҷавон.

— Мехоҳам ба хона об бибарам,— гуфт духтар, ва ба тарафи ҷарӣ — ба лаби об фуромаданӣ шуд.

— Барои об гирифтан омада бошӣ, хайр аст,— гуфт Ёдгор.— Ман гумон кардам, магар барои оташ гирифтан омадаӣ, ки ба ин зудӣ меравӣ.

Гулнор табассуме карда қадуро ба замин гузошт ва худаш ҳам ба болои сангпорае нишаст, пас аз он ки ба чашмони пурҳайрати ҷавон лаҳзае нигоҳ карда истод, гуфт:

— Росташро гӯй, Ёдгор! Ин ҷо чӣ мекардӣ?

— Аввал ту росташро гӯй, ки барои чӣ ин ҷо омадӣ?

— Ман барои об омадам, ана қадуи об!— гуфта духтар қадуро нишон дод.

Ёдгор ҳам:

— Ман дар ин ҷо гӯсфанд мечаронам, ана калтаки чӯпониам!— гуфта чӯбдасташро нишон дод.

Гулнор гуфт:

— Ёдгор! Ман туро ҳеҷ гоҳ ба ин ҳолат надида будам, аз чашмонат маълум аст, ки як андешаи пурзӯре дар дил дорӣ, ҳавосат парешон менамояд. Рост гӯй, ки ба ту чӣ шудааст?

— Ба ман ҳеҷ чиз нашудааст,— гуфт Ёдгор,— ҳавосам ҳам парешон нест; лекин як гап дорам, ки ба ту

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дахлдор аст, ҳамин гапро ба ту гӯям ё нагӯям, гуфта андеша дорам.

— Агар маро хурсанд карданӣ бошӣ, гӯй, ҳар чизи бад бошад ҳам, гӯй, чизе ки бошад, ба гуфтани он ман аз ту намеранҷам.

— Гапи бад нест, барои ту хеле хуб аст, хабари хурсандист: ман туро муборакбод карданӣ будам.

Гулнор куртаи гулии обшустаи худро нишон дода:

— Ин бошад, қариб ба даридан расидааст, ман ягон чизи нав напӯшидаам ва пӯшиданӣ ҳам надорам, ки маро муборакбод гӯӣ.

— Пагоҳ-фардо куртаҳои оҳарӣ мепӯшӣ, на ин ки читу гулӣ, балки атлас ва адрасро ҳам мепӯшӣ.

Гулнор гуфт:

— Ёдгор! Муаммогӯӣ макун, ман аз ин гапҳои ту чизе намефаҳмам, магар чӣ шудааст?

Ёдгор:

— Магар ту нашунидаӣ?.

Гулнор:

— Чиро?

— Тӯи худатро!

Ба шунидани ин сухан рангу рӯи Гулнор аз хиҷолат суп-сурх шуд, агар чашми Ёдгорро андешаи ояндаи сиёҳе торик накардагӣ мебуд, ин ҳолати Гулнорро дида аз аввал ҳам зиёдтар волаву шайдои вай мегардид; лекин ҳоло ба назари Ёдгор нозукадоиҳои ҳусни Гулнор наменамуд, ҳоло ӯро масъалаи муҳимме аз ин майдакориҳо ба тарафи худ кашида машғул медошт:

Ёдгор дирӯз аз писари оқсақол шунида буд, ки Гулнорро ба писари Ҳамроҳбой номзад карданианд, оқсақол миёнаравӣ карда ин корро пухтааст, дар ин наздикиҳо шаҳр рафта, харид карда меоянд, пас аз он сартӯй дода фотиҳа мекунанд...

Ин воқеа буд, ки дирӯз боз Ёдгорро зиёда парешонҳол карда буд ва мехост, ки ин воқеаро ба худи Гулнор гуфта, ба ин тӯй ба чӣ назар нигоҳ кардани ӯро аз забони худаш фаҳмад.

Ин буд, ки Ёдгор шунидаҳояшро ягон-ягон ба Гулнор нақл кард. Гулнор ҳам бо диққати тамом гӯш дод. Аз шунидани ин хабар ҳаяҷони вай ҳам аз Ёдгор кам-на парешон нашуда буд, лекин аз як тараф даҳшати ин хабар ва аз тарафи дигар шарму ҳаё монеъ мешуд, ки замири дили худро ба Ёдгор кушода ва ошкоро гӯяд. Ҳамин қадар гуфта тавонист, ки:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ёдгор! Дониста бош, ки ҳар гоҳ ту хонадор шуданӣ шавӣ, ман тӯй шуданро ба гардан мегирам. Вагарна маро тӯй карданӣ шаванд, гарданамро бурранд ҳам, сар намефурорам...

Инро гуфту кадуи худро бардошта бо гароние, ки гӯё ба гардани вай як ман борро бор карда бошанд, ба тарафи обгир фуромада рафт.

Ёдгор бошад, гӯё ки вайро ба замин мех карда бошанд, низ ба зери бори гарони андешаву андӯҳ монд.

III. ЯСАВУЛ

Ба Дараи Ниҳон хомӯшӣ ҳукмфармо буд, ҳар кас ба кори ҳаррӯзаи худ машғул буда, ҳеҷ ҳаракати аз одат берун дида намешуд; дар дили Ёдгор ва Гулнор як ҳаракати вулқонӣ пайдо шуда дар паи оташфишонӣ кардан бошад ҳам, ин ҷунбишро ғайр аз бадани худи онҳо дигар касе пай намебурд. Дар ин вакт баногоҳ санги калоне аз қуллаи кӯҳ ғелид. Ин санг ба санге, он ҳам ба санги дигаре расида, ба ҳамин тариқа даҳҳо сангҳо ба якдигар бархӯрда то ба замини дара афтоданд. Садои тараққо-туруққе, ки аз ба ҳам хӯрдани ин сангҳо баромад, бо акси садое, ки аз ҳар хамгашти он кӯҳпоя бархоста буд, ҳамроҳ шуда замини дараро дар ларза андохт.

Бо рӯй додани ин ғулғулаи ногаҳонӣ бошандагони ин дара ҳама ба якборагӣ аз ҷойҳо барҷаста, ба тарафе, ки сангҳо аз он ҷо ғелида омада буданд, назар андохтанд ва диданд, ки ҷавоне бар теғаи кӯҳ истодааст.

Вақте ки он ҷавон ҳамаи чашмҳоро ба тарафи худ дӯхта ва ҳамаи гӯшҳоро барои шунидани сабаби ин ҳодисаи ногаҳонӣ сихшуда дид, бо овози баланде, ки кӯҳсорро дар ларза андохта тавонад:

— Ясавул!— гуфта фарьёд кард.

Баробари ин садо пасу дунболи якдигар ба фосилае, ки шунавандагон он қадар фарқ карда наметавонистанд, аз дуру наздики кӯҳсор ин фарьёд такрор ёфт, яъне аз ҳар ҷониб «ясавул» гуфта фарьёд баромад.

Ин судани воқеа ба пеши хонандагони мо маълум нашуда бошад ҳам, ба бошандагони ин дара ба хубӣ ошкоро шуда буд, бинобар ин ҳамагӣ ба якбора ҳар кор ва ҳар чизеро, ки доштанд, ба ҳоли худ гузошта ба тарафи теғаи кӯҳ—ба боло нигоҳ карда давиданд, чунон

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ки агар шумо дар он ҷо мебудед, гумон мекардед: инҳо галаи оҳувонанд, ки бо дидани сайёд ё бо шунидани садои милтиқ ба якборагӣ рамиданд, ё ин ки гурӯҳи кабӯтаронанд, ки ба сабаби ҳуҷуми боз ё дигар мурғони соҳибчангол саросемавор париданд.

Баъд аз даҳ дақиқа ҳамагӣ бар теғаи кӯҳ буданд, ҳама акнун худро халосшуда ва наҷотьёфта мепиндоштанд, бинобар ин акнун ҳама бо оромӣ нафас рост карда, кӣ будан ва чӣ будани сайёди маҳруми худро донистан мехостанд ва ба ҳамин ният ҳама чашмҳои худро ба нуқтае, ки ояндагони аз Сари Ҷӯй аз ҳамон нуқта ба дара медаромаданд, дӯхтанд.

Баъд аз даҳ дақиқа интизорӣ диданд, ки саворе меояд: тахминан 25-сола, ба сараш як саллаи докаест, ки монанди дастори сипоҳиёни Бухоро шалғамӣ карда баста шудааст, ба танаш як ҷомаи адраси шонагии зеҳкалон, ба пояш як мӯзаи американии (локини) бухоридӯхти пошнабаланд ва аз рӯи мӯза як чолвори мешии зард пӯшидааст, ки канораҳояш бо абрешими сурх ва сиёҳ ироқидӯзӣ карда шудааст, ба паҳлуи чапаш шамшери ҳисорӣ ҳамоил, ба пушти сараш як милтиқи дунболапури фарангӣ овезон, миёнаш аз рӯй бо камарбанди нуқрагин баста ва аз ду паҳлуи камарбанд кисакамарҳои чармини бахиядӯзӣ овехтааст.

Ҳарчанд шаклу шамоили ин савор даҳшатангез бошад ҳам, мардуми ин дара, ки худҳоро ба қуллаи кӯҳ гирифта буданд, аз вай ҳеҷ боке надоштанд, зеро ин мард аз он одамоне набуд, ки пиёда ё савора ба сари ин кӯҳ баромада тавонад, ба сари ин кӯҳ давида баромадан насиби он касон буд, ки дар ин ҷо зоида ва дар ин ҷо калон шуда бошанд.

Акнун кӯҳпарвозони мо ба ин мард бо чашми тамасхур нигоҳ мекарданд, монанди гурбае, ки аз ҳуҷуми саге гурехта худро ба шохаи дарахте гирифта бошад, бо харакатҳои худ гӯё ба он шахс «агар мард бошӣ, биё пеши мо, ҳарчӣ мехоҳӣ, бигӯй ва ҷавоби моро шунав» гуфта ӯро ба майдони муборизаи худ ҷеғ мезаданд.

Савор ҳам аз даст рафтани сайди матлабро фаҳмида буд ва монанди сайёде, ки шикори ба дом афтодаи худро гурезонда бошад, ё мисли шағоле, ки мурғи ба чангол даровардаашро аз даст дода бошад, аз ғазаб дандон мехоид ва бе он ки чӣ кор кардани худро муайян кунад, ба ҳар тарафи кӯҳсор девонавор асп медавонид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

IV. ОДАМИ ПАСИСАНГӢ

— Гулнор, Гулнор!.. Зуд биё, ки ба даст афтодем!

Ба шунидани ин овоз, савори навмедшуда дубора ба ӯмед афтод ва ҷилави аспи худро ба тарафе, ки ин садо баромада буд, гардонда, кашидаву кушода як тозиёна ба тарафи сағрии чапи асп зад.

Асп ҳам, ки дар куҷо будани мақсади соҳиби худро надониста аз давиданҳои беҳосил ба ҷон омада буд, дарҳол нишонаро гирифт ва ба чор пои таковарона ба ду хез худро ба пеши бароварандаи он овоз расонид.

Савор ҳам фурсатро аз даст надода, барои ҳар ҳодиса ҳозир шуда буд: пеш аз он, ки аспи худро ба нишона расонад, милтиқро ба даст гирифта пистонакашро зер карда шикори худро нишон гирифта буд, ҳамин ки ҳама чизро мувофиқи матлаби худ ёфт:

— Дохунда! Дастонатро аз остинат барор! Вагарна ба асфалассофилин рафтӣ!—гӯён фармони даҳшатноке дод.

Шахсе, ки аз тарафи савор ба хитоби «дохунда»-гӣ «мушарраф» шуда буд, ғайр аз итоат чораи дигаре надошт: дарвоқеъ ҳам як шахси беяроқ дар ҷое, ки роҳи гурез аз ҳар тараф баста бошад, дар рӯ ба рӯи як силоҳи номардона, яъне милтиқи дунболапури фарангӣ чӣ кор карда метавонист?.. Бинобар ин дастони худро аз остин бароварда мунтазири фармони дуйум шуда истод.

Савор ҳалқаи лаҷоми аспро ба банди дасти худ гузаронда, аз асп фуруд омада, саллаи нимтибитиро, ки бар сари он шахс буд, гирифта ду даставшро ба пушташ гардонда аз оринҷҳояш бо нӯги салла маҳкам барбаст, нӯги дигари салларо ду ҳалқа карда ба қоши зин гузаронид ва сабук ҷаста бар сари зин нишаст; пас аз он ба як даст милтиқ ва ба дасти дигар лаҷом ва тозиёнаро гирифта:

— Пеш даро!—гӯён фармон дод, ин шахс рӯи худро ба тарафи савор гардонда:

— Ҷаноби ясавул, маро куҷо мебарӣ ва гуноҳи ман чист?..—гуфт. Савор якбора шӯрида:

— Гуноҳи ту..? Шумо дуздон магар ҳанӯз худро бегуноҳ мепиндоред? На танҳо худи ту, балки ҳамаи касоне, ки аз давлати ҷаноби олӣ дар ин ҷо бо осудагӣ умр ба сар мебаранд, дузданд; на танҳо дузди муқаррарӣ, балки дузди ёғии воҷибулқатланд: агар шумо дузду ёғӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

набошед, чаро аз ҳукуматдорон мегурезед, чаро фармони ҳокимро писанд намекунед?

Як касе, ки тахминан сад қадам аз инҳо болотар харсангеро ба рӯи худ сипар карда ин воқеаро дида ва ин гуфтугузорҳоро шунида истода буд, бо овози баланди ғазаболуд гуфт:

— Ӯй, ясавул! Гапатро дониста зан! Мо дузд шуда хонаи киро задем, бузу гӯсфанди киро бурдем, ба зану фарзанди кӣ бо чашми бад нигоҳ кардем?.. Дузд касест, ки бе боис ба хонаи мазлумони бекас пахш карда медарояд, дузд касест, ки бечораи беяроқеро ба даст дароварда ба сараш шамшер мекашад ва ба синааш милтиқ мениҳад; дузд касест, ки мардумони бечораи ба кори худ машғулро бесабаб мебандад, мебарад, мезанад, мекушад; дузд касест, ки на танҳо моли фақиронро мегирад, балки зан, фарзанд, номус ва обрӯи бечорагонро ҳам помол мекунад... Агар ҳанӯз ҳам кӣ будани дуздро надониста бошӣ, шунида мон, ки худи ту дузд, амлокдорат дузд, ҳокимат дузд, амират дузд, вазират дузд, қозию раисат дузд! Шунидӣ?

Мардак сухани худро давом дод:

— Мо аз «давлати ҷаноби олиат» дар ин ҷо умр ба сар намебарем, балки дар паноҳи ин (ба кӯҳсору дара ишора карда) қалъаи худоофарид саломат мондаем: агар туву «ҷаноби олиат» ба мо даст меёфтед, то ҳол умри бештарин мардони мо дар зиндони Ҳисор ва Бухоро мепӯсид, занону духтарони мо ба ҳарамсарои ҳоким ва амири шумо ба номи духтархонагӣ номуси худро барбод медоданд,—марди паси санг илова кард:

— Мегӯй, ки «шумо ҳукуматдоронро писанд намекунед». Шумо кай одам барин омадед, ки мо писанд накардем? Ҳар вақт шумо монанди қазои осмонӣ ва балои ногаҳонӣ ба сари мо меоед; борҳо шудааст, ки мо даст пеш гирифта ба ҳурмати тамом ба пеши шумо баромадаем, аммо шумо бе пурсиш дастҳои моро ба пушт бастаед, молу ашьёи моро тороҷ кардаед ва худамонро ба зиндон фиристодаед.

Ясавул бо шунидани ин суханҳои рости заҳрдор чун мори саркӯфта ба худ мепечид, лекин ҷавоби муносибе намеёфт, ки гӯяд. Оре, агар даст меёфт, ҷавоби он мардро ба як тири ҷонгудоз медод, «ҳайфо», ки ин муяссараш намешуд. Ба як марди кӯҳистонӣ, ки худро дар баҳали кӯҳ ба ҷое, ки дар он ҷо ҳайвоноти кӯҳӣ базӯр мебароянд, дар паноҳи санге гирифтааст, тири милтиқ чӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

асар мекард?.. Ночор дар ҷавоб ҳамин қадар гуфта тавонист, ки:

— Ман барои ба даст даровардани касе омада будам, ки ба вай яке аз мӯътабарони Сари Ҷӯй «вачҳи шаръӣ» доштааст; ман ба хубӣ медонистам, ки аз дарунни шумо хуш ба хушӣ он гунаҳгорро ёфтан мумкин нест. Бинобар ин кадом кас ки бошад, як касро ба даст даровардан ба ман матлаб буд, агар ин (ба шахси дастбаста ишора карда) ҳам ба даст намеафтод, аз ин ҷо маҳрум рафтанам муқаррар буд; ҳар чӣ худо ёр ва шариат мададгор шуд, ки аз шарафи давлати олӣ ин шикор дастгир шуд; агар аз ин ҷавон даркорӣ дошта бошед, аз дунболаш меравед, хизматона мебаред, кафил меёбед ва гунаҳгори ҳақиқиро ёфта медиҳед, пас аз он инро халос карда меоред; вагарна умраш ба зиндон пӯсид гуфтан гиред.

— Бар, гӯшташро тушбера карда хӯр, пул ва одами бекор нест, ки аз дунболи ин биравад,—гуфт марди пасисангӣ.

V. ДАЛЕРИИ НАВМЕДОНА

— Зуд бош, равон шав, дохунда!—гуфта ясавул ҷавони дастбастаро пеш андохт.

Ҷавон, ғайр аз пеш даромада рафтан чораи дигаре надошт, лекин як андеша, як хаёл ӯро аз қадам бардоштан бозмедошт, ӯ саросемавор ба ҳар тараф назар меандохт, магар бо касе видои вопасини худро карданӣ буд, ки аз ҳар гӯша ӯро меҷуст. Ясавул ин сустии ҷавонро дида гумон бурд, ки вай рафтан намехоҳад, бинобар ин як тозиёнаи сахт ба паси гардани ӯ ҳавола карда:

— Магар кар астӣ, ки...

Ясавул сухани худро ҳанӯз тамом накарда буд, ки:

— Вой, Ёдгор! Туро чаро мезанад, ба кучо бурдан мехоҳад,—гуфта фарьёди гирьяолуди касе аз камари оббурдае баромад.

Ясавул ба он тараф нигоҳ карда дид, ки духтаре ба сӯи худаш давон-давон меояд. Пас аз он рӯи худро ба сӯи ҷавон гардонда:

— Магар номи ту Ёдгор аст?—гуфт.

Ҷавон сари худро ҷунбонида ба тасдиқ ишора кард.

Ясавул чунон хурсанд шуд, ки ба гуфтан рост наояд. Вай зери лаб хандазанон: «ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем»—гуфт ва ба ҷавон нигоҳ карда:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— То ҳол худат худатро бегуноҳ шуморӣ ҳам, акнун наметавонӣ. Он гунаҳгоре, ки ман ба талаби вай омадаам, туӣ!—гуфта тозиёнаи дигаре ба буни гарданаш зад.

Ин вақт духтар ҳам наздик расида омад. Албатта, кӣ будани ин духтарро гуфтан лозим нест, хонандагон ба хубӣ мефаҳманд, ки ин Гулнор буд; ин Гулнори ҳичронзадаи гирифтор буд; ин Гулнори вафодор буд, ки ба дастгир шуда рафтани ошиқи зори худ тоб оварда наметавонист; бинобар ин пеши як сипоҳии девсират, ки мардон аз рӯ ба рӯ шудан ба он лоҳавл мехонданд, рӯйрост баромад.

Оре, ба Гулнор як ҳолати бисьёр сахте рӯй дода буд. Гулнор чанд гоҳ боз Ёдгорро дӯст медошт ва хаёл мекард, ки дар оянда бо ӯ як зиндагонии дӯстдорона барпо карда умри худро бо саодат ва шодкомӣ хоҳад гузаронд. Нақле, ки пештарак аз ин Ёдгор аз писари оқсақол дар бораи ӯро ба шавҳар доданӣ буданашон карда буд, гӯё чакраи заҳри ҳақиқӣ буд, ки ба хаёли ширини Гулнор омехта буд, бо вучуди ин вай худро тасалло медод, ки маро ҳеч гоҳ бо зӯрӣ ба шавҳар дода наметавонанд, дар ин роҳ то чораи охирин пойдор меистам.

Чораи охирине, ки Гулнор дар ин кор меандешид, бо Ёдгор ба як тараф гурехта рафтан буд. Ҳоло дар пеши чашмаш ҳамаи ин хаёлот зеру забар шуда рафта истода буданд; ҳоло дида истода буд, ки Ёдгорро аз дасти ӯ гирифта мебаранд, ҳам ба сифати як гунаҳгор, ба сифати як хуни ноҳаққор, ба сифати як дузди ёғии ғаддор дасти ӯро баста гирифта бурда истодаанд.

Гулнор инро ҳам медонист, ки Ёдгор фақир ва камбағал аст, бар болои ин бекас ва бехешованд аст; падаре ё ақрабое надорад, ки аз дунболи вай биравад ва ҳар чӣ дорад, дар ин роҳ харҷ карда вайро ба кафилӣ гирифта биёрад. Бинобар ин ҷудоӣ ба назари Гулнор ҷудоии абадӣ менамуд.

Бо таъсири ин ҳичрон ва алами тоқатфарсо Гулнор ҳар як мулоҳизаро аз сар дур карда, бе ибо ба пеши ясавул давид ва ҳар чӣ бодо бод гӯён ба зорӣ ва тавалло даромада гуфт:

— Ҷаноби ясавул! Садқаат шавам, пеши пот мирам, арзи маро гӯш кун! Ин ҷавон бегуноҳ ва беозор аст, ин дузд ва ҳаромзода нест, ва ҳар кас ҳар чизе, ки дар ҳаққи ин гуфтааст, бӯҳтон аст. Инро сар деҳ, илоҳӣ муроди бачагонатро бинӣ...

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Аммо ясавул аз он касон набуд, ки ба заифнолиҳои як духтар дилаш нарм шавад ва раҳме ба дилаш ояд, агар ин густохиро, ки ин духтар кард, як зани муқарраррӣ мекард, ҷавоби вай ду-се тозиёнаи обдор буд. Лекин ҳусну адои Гулнор ба ясавул як таъсири аҷибе бахшида буд, ки ба вай ин муомиларо накард.

Дар ҳақиқат ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор таъсирбахшо буд: чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абрӯи каҷи дунболадори ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд; мӯи дарози тобдораш, ки то хамгашти зонуҳояш мерасид, барои ҳаваскорон каманди печоне буд; зулфи парешонашро дар гирди рухсори тобонаш бо он зебоӣ тасвир кардан аз дасти ҳеҷ наққоши нодиракор намеомад; қади навраста, рӯи ҳуҷиста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста—ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд. Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони дурахшонаш ба рӯи рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯи гулбарги сурхи таре ҷилва медоданд.

Хусусан дар ҳолати ҳозира ҳусн ва зебоии Гулнор яке бар даҳ афзуда буд: чашми бепарвое, ки ба як нигоҳи мағруронааш бинандагон зор буданд, ҳоло бо нигоҳи маъюсона зорӣ мекард: лаби пуристиғное, ки дар ғояти ноз ба ҷуз пеши дилбохтаи худ (Ёдгор) ба боз шудан гардан намефуровард, ҳоло ба ниёз омада буд.

Агар ясавул аз ҷони худ намеандешид, албатта, ин шикорро аз даст намедод ва бо худ гирифта мебурд. Лекин ӯ ба хубӣ медонист, ки агар инро бурданӣ шавад, худаш аз ин дараи «Тангниҳон» ҷон ба саломат бурда наметавонад. Чӣ ҷои ҳамаи бошандагони ин дара, балки яке аз инҳо ҳам агар дар баромадгоҳи дара рафта аз боло истода сари роҳашро бо санг мегирифт, роҳи халосӣ намеёфт.

Дастгир шудани Гулнор, монанди гирифтор омадани Ёдгор, кори саҳле набуд, ки аҳолии дара бар вай тамошобин шуда монанд, зеро бо дастгир шудани Гулнор масъалаи номус ба миён меомад: мардуме, ки ба ҳукуматдорон кину адовати чандинсола доштанд ва аз онҳо, чунон ки аз дев гурезанд, канора меҷустанд, пас аз ба миён омадани масъалаи номус ясавулро осон-осон саломат намегузоштанд.

Ясавул ба ҳамин мулоҳизаҳо ҳозир аз гирифта бурдани Гулнор даст кашид, лекин ба даст даровардани ӯро дар оянда ва ба сабаби ин пешкаши дилкаш ба пе-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ши амлокдор, агар толеаш зиёдтар мадад кунад, ба пеши ҳокими Ҳисор ё амир иззату обрӯ ёфтанашро ба дил муқаррар кард. Бинобар ин барои як дараҷа вуқуф пайдо кардан ба ҳоли Гулнор аз вай пурсид:

— Магар ту хоҳари ин ҷавон мебошӣ, ки ба вай ин қадар дилсӯзӣ мекунӣ?

— Не!—гуфт Гулнор.

— Хоҳарзодаи ин, ё бародарзодааш ҳастӣ!

— Не!

— Пас маълум мешавад, ки занаш ҳастӣ!

Гулнор хиҷолатмандона «ҳанӯз не!» гуфт.

Ясавул сари худро ҷунбонда зери лаб гуфт:

— Сабаби ин дилсӯзиҳо маълум шуд,— гуфта ба Гулнор нигоҳ карда:

— Хуб, бисьёр ғам махӯр! Дар ин наздикиҳо котаи[4] худро дар Сари Ҷӯй ё ки дар Ҳисор хоҳӣ дид,— гуфт ва хост, ки ба роҳ дарояд.

Гулнор, ки аз нармгуфториҳои аввалии ясавул ба халосии маҳбубаш умедвор шуда буд, бо суханҳои охириаш якбора ба навмедӣ афтод, дунъё ба назараш сиёҳ ва торик шуд, ҳеҷ чизро намедид ва аз чизе ҳам бок надошт: бо як далерии шерона монанди гурбае, ки ба саги ба бачааш қасдкарда ҳамла орад, девонавор худро ба тарафи ясавул ҳаво дод:

— Эй золими хунхори дилозор, чунӣ, ки аз болои аспат гирифта ба рӯи сангат занам?—гӯён хост, ки аз камари ясавул гирад.

Ясавул бе он ки пои худро аз рикоб (узангу) барорад, бо пошнаи мӯзааш ба сари синаи Гулнори дилафгор чунон зад, ки мурдавор парида якчанд қадам поинтар ба чуқурие афтод ва як чир зада хомӯш монд.

Аз паси санге, ки тахминан панҷоҳ қадам болотар ба камари кӯҳ часпида гӯё муаллақ истода буд:

— Эй золими нобакори одамхор, магар барои худат дар ин дара гӯр мековӣ,—гуфта як наъра баромад.

Ясавул донист, ки андешаҳояш бечо набудаанд, дарҳол Ёдгорро пеш андохта аспи худро пошна зада, шитобкорона ба роҳ даромад, баъд аз фурсате ба баромадгоҳи Дараи Ниҳон даромада, аз назарҳо пинҳон шуд.

VI. САНГИ ҒЕЛОН

Вақте ки мардум ба воситаи сангғелонии чӯпон аз омадани ясавул хабардор шуда гурехтанд, модари Гул-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

нор якчанд дақиқа ба вай мунтазир шуда пас монд, чун Гулнор наёмад, пиндошт, ки вай бо роҳи дигаре худро бар теғаи кӯҳ гирифтааст, бинобар ин зиёда мунтазир нашуда аз дунболи гурезагон ба болои кӯҳ баромад.

Падари Гулнор ҳам аз воқеа хабар ёфта бо роҳи дигаре худро ба гурезандагон расонид. Вақте ки зану шавҳар бо якдигар рӯ ба рӯ шуданд, аввалин сухани шавҳар ба зан:

— Гулнор куҷост?—буд.

— Бояд ин ҷо бошад?—гуфт зан.

— Куҷост? Нишон деҳ!

— Надонам!

— Чаро намедонӣ?

— ...

Баъд аз ҷустуҷӯ ва кофтукови шавҳараш занак донист, ки Гулнор поён мондааст.

Лекин аз тарси коҳиши шавҳараш лаб намекушод ва иддао мекард, ки бояд дар қатори гурезандагон бошад.

Падари Гулнор миёни гурезандагонро ягон-ягон дида, духтарашро наёфт ва ба дастгир шудани он яқин ҳосил карда:— во бачаякам! Аз бачаякам зиндаву зор ҷудо шудам!—гӯён ғулғула дар кӯҳсор андохт.

Як пирамарди тахминан 80-сола ба гирьяи занонаи падари Гулнор хандаи тамасхуромезе карда гуфт:

— Рустам! Номат Рустам бошад ҳам, аз занат ҳам буздилтар будай! Чӣ шудааст? Осмон омада ба замин начаспидааст, ё замин фурӯ нарафтааст! Ва духтарат ҳам ҳанӯз дастгир нашудааст; агар дастгир шавад ҳам, ту хотирҷамъ бош, ки ӯро бурда наметавонанд. Магар ту имрӯз ба ин дара омадай? Магар мо танҳо имрӯз ба ясавул рӯ ба рӯ шудаем?..

Ин ҷоро Дараи Ниҳон мегӯянд, ин ҳамон дараест, ки ба ин ҷо Раҳимхони манғит[5] бо чил ҳазор савори худ бо роҳи ҷанг зафар ёфта натавонист; ин ҳамон дараест, ки аз тӯпҳои қалъакӯби Доннёл атолиқ[6] натарсида шӯришчиёнро, ки дар қалъаи Деҳнав ба муҳосира монда буданд, ду моҳи озод мадад ва озуқа расонида истод; ин ҳамон дараест, ки Муҳаммадамини[7] ҳисориро дар ҳоле, ки аз Шеробод то Деҳнав ва Боло-Ҳисор ҳама ҷои мамлакатро лашкари манғит фаро гирифта буд, яккаву танҳо дар Сари Ҷӯй ҳимоят кард; ин ҳамон дараест, ки бо фурӯхта шудани калонони худ чорсад нафар савори ӯро-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

теппагӣ ва хучандии Муҳаммадаминро талаф карда худи ӯро саргурез кард...*

Акнун чӣ шуд, ки як нафар ясавул як духтарро гирифта аз ин ҷо ҷон ба саломат мебарад?.. Не! Ин ношуданист!—Пирамард сукуте карда давом намуд:

— Ту худдорӣ карда аз роҳҳои ниҳонӣ поёнтар фуро, агар дидӣ, ки ясавул духтаратро дастгир карда бурданӣ аст, бо ғелондани санге ба мо хабар деҳ; мо ҷавононро мефармоем, ки аз боло ба баромадгоҳи дара рафта бо сангҳои ғелон пеши роҳашро бигиранд. Агар ясавул сад ҷон дошта бошад, якеаш халос намешавад...

Дигарон ҳам бо сарҷунбонӣ «ҳамин та, ҳамин та»** гуфта суҳани пирамардро тасдиқ карданд.

Яке аз чӯпонбачагон ба пирамард наздик шуда:

— Ёдгор ҳам дар миён нест, дур нест, ки вай ҳам ба поён монда бошад,—гуфт.

— Вай дастгир шавад, садқаи сар, аз куҷо ва чикора будани вайро мо намедонем, бачаи хиштакмурдор менамояд, барои як бесару бепо мо ба ҳукуматдорон муқобил шуда худро дар ташвиш намеандозем,— гуфт арбоб.

Ин буд, ки Рустам бо роҳҳои оббурда ва бо даруни ғорҳои ду дара худро ба поён расонид. Акнун бояд ба хонандагон маълум шуда бошад: касе ки дар вақти дастгир шудани Ёдгор ба суханҳои оташноки заҳрдор ба ясавул ҷавобҳои талх дод ва касе, ки дар вақти ба ясавул дастгир шудани Гулнор, муҳайёи сангғелонӣ шуд, падари Гулнор—Рустам буд.

VII. ХӮҶАИН

Як ҳавлии дарун-беруни ҳангомадор, дар ҳавлии дарун чор хона, як ошхона ва танӯрхона; дар миёнаи ҳавлии дарун ва ҳавлии берун як анбори бисьёр калон, даруни анбор дуқатора хаммаҳои пур аз ҷаву гандум, зағиру кунҷит; дар ҳавлии берун як меҳмонхона, ду собот, як саисхона, болои собот ва саисхона каҳхона, бедахона; дар майдони ҳавлӣ яккамехҳои қатор, ба яке аз онҳо як аспи бидав баста; дар таҳти собот як ҷуфт барзагови нав аз кор омада бо қантар истодаанд ва ҳанӯз аз гар-

* Ин воқеаҳо соли 1170 х. (1757 м.) рӯй дода буданд. («Тӯҳфаи хонӣ»).

** Ҳамин тавр, ҳамин тавр.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

данашон юғ гирифта нашудааст. Дар миёнҳои ҳавлӣ як сарҳавзи соядор, ба тарафи сояравии ҳавз як шаҳсуфа, ба болои шаҳсуфа як ҷуфт гилем андохта ва ба тарафи пешгаҳи гилем ду қабат кӯрпача паҳн карда се болиш мондаанд, ки барои ёзида нишастан, ё хобидани як нафар хеле соз аст.

— Ӯҳу, ӯҳу, ӯҳу,—сурфа карда касе аз дарвозаи кӯча даромад.

Бо шунидани ин овоз ҷуфтрон, ки нав аз кор омада ба рӯи суфачаи пеши саисхона хобида буд, сари худро як бардошта ба оянда нигоҳ карда ва боз ҷомаи кории худро ба сараш печонда ба хоб рафт.

— Собир!—Ӯй, Собир!—гӯён оянда фарьёд кашид.

Ҷуфтрон саросема сар аз хоб бардошта:

— Лаббай,—гуфт.

— Магар ба хонаи ман хоб бардошта омадӣ? Сари шаб, ки ҷуфтро мебастӣ, магар таъин накарда будам, ки аз ҷуфтронӣ омадан замон ба сари хирман рав?! Бодигарон ҳама дузданд, ҳамин ки чашмро хато карданд, гандумро ба хонаи худ мекашонанд. Гарданканда! Ҳамин қадар таъину такшинони ман куҷо рафт?

Собир чашмонашро молида-молида аз ҷояш хеста:

— Хӯҷаин! Магар нахобида кор карда мешавад?!.— гуфт.

Хӯҷаин шӯрида:

— Магар нони хӯҷаинро муфт гумон кардӣ?! Дар вақти хӯрок гов барин мехӯрӣ, кор фармоям, хари ланг... Хоб ки даркор будааст, чаро ятим истодӣ? Зимистон вақти бекорӣ дар хонаи худ чунон хобӣ, ки то баҳор барнахезӣ.

Собир, ки аз мондагӣ қуввати бархостан надошт, почаҳои худро молида-молида базӯр рост шуд ва ба тарафи роҳрави ҳавлии дарун нигоҳ карда рафтан хост.

Хӯҷаин боз шӯрида:

— Магар ба ту як чиз шудааст? Ман туро ба сари хирман рав мегӯям, ту ба тарафи ҳавлии дарун меравӣ? — гуфт.

— Аз хона нон гирам, имрӯз ҳанӯз намак начашидаам,—гуфт Собир.

— Ба сари хирман рав, аз нони бодигарон мехӯрӣ; ту гумон накун, ки бодигарон нони худашонро мехӯранд, не! Албатта онҳо аз гандуми ман медузданд ва аз ҳамун нон пухта мехӯранд, ту ҳам аз ҳамон нон як лаб хӯрӣ, дуньё вайрон намешавад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Собир (ба зери лаб): —«Нони бодигарони камбағалро хӯр, хоб накарда ба ман кор кун!» гуфт.

Хӯҷаин:—Чӣ ғур-ғур мекунӣ, саг, зуд ба сари хирман рав мегӯям!—гуфт.

Собир мехост биравад, хӯҷаин гуфт:

— Аввал аспро ба саисхона кашида хӯрок деҳ!

Собир аспро ба саисхона дароварда баст, пас аз он ба каҳхона рафта аррадосро гирифта ба бедабуррӣ сар кард.

Хӯҷаин садои аррадосро шунида:

— Собир!—гуфт.

— Лаббай!

— Ин ҷо фуруд о!

Собир фуромад. Хӯҷаин ғуфт:

— Бедаи бурида набудааст, ба ҷои хоб беда мебуридӣ намешуд? Мон акнун, худам ба молҳо хӯрок медиҳам. Говонро аз юғ барор ва зуд ба сари хирман рав!

Собир пас аз гирифтани юғ аз гардани говон хост аз дарвоза барояд, хӯҷаин гуфт:

— Собир!

Собир ба пеши дарвоза истода,—лаббай!—гуфт.

— Ин ҷо биё!

Собир омад.

Хӯҷаин:—Ба сари хирман рафта чӣ кор мекунӣ?

— Чашми шумо шуда нигоҳ карда меистам, ки бодигарон гандумро надузданд?

— Ҳамин ҳам кор аст?—гуфт ва худ ба худ,—ба сари хирман рафта мехоҳад, бо бодигарон чақ-чақ карда ёзида нишинад; нони Азимшоҳ муфт, хӯрдан мегирӣ.—Вай боз ба Собир нигоҳ кард.

— Қаландро гир! Замине, ки дар паҳлӯи хирманҷой аст, бояд расида бошад, рошҳояшро лабшон зан, ки имшаб ба ҳамон замин ҷуфт мебандӣ, эҳтиёт кун, ки хокҳои аз лабшон баромада ҷо-ҷо тӯда шуда намонад, паҳн карда пош, ки замин ноҳамвор нашавад, пеш аз лабшон задан обрӯбакҳояшро рӯфта барор, вагарна замин ифлос шуда мемонад.

Собир каланд ва ҷорӯбро гирифта хост, ки биравад.

— Ҷорӯбро барои чӣ гирифтӣ?—хӯҷаин пурсид.

— Обрӯбак мерӯбам.

— Барои обрӯбакрӯбӣ ҳам ҷорӯб? Аз дарахти сада (гуҷум) як бандча шох зада гир! Ин мешавад ҷорӯби обрӯбакрӯбӣ.

Собир ҷорӯбро ба ҷояш гузошта мехост биравад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ҳӯҷаин пурсид: — Ба ман нигоҳ кун, Собир! Пас аз лабшон зада шудани замин, чӣ кор мекунӣ?

— Худи ҳамин якрӯза кор нест?!.—гуфт Собир.

— Агар кор накарда бихобӣ, дар ду рӯз ҳам тамом намешавад, лекин агар нони хӯҷаинро ҳалол карда кор мекунам гӯӣ, то пешин тамом мешавад, пас аз лабшон зада шудани ин замин, рошҳои замини хирманҷойро баланд кун, ки аз муқаррариаш ду баробар шавад, чаро ки хирманҷой сахт мешавад, агар рошаш баланд нашавад, аз об сер намешавад; ҳамин ки хирманро бардоштем, об медиҳӣ.

Собир рафт.

Хӯҷаин монанди касе, ки як таноб заминро ҷуфтронӣ ё каландгардонӣ карда бошад, осори кӯфтагӣ нишон дода «уф...» гӯён ба шаҳсуфа баромад, ҷомаи рӯпӯшиашро, ки аз алочаи жандагии кӯлобӣ буд, кашида ба як тараф партофт, фӯтаи анбарбӯро, ки ба миёнаш бастагӣ буд, кушода бағалҳои ҷомаи таҳпӯшиашро, ки чити гулкалони серпахта буд, яла карда худро шамол дода-шамол дода, рафта ба рӯи кӯрпача нишаст; саллаи кабуди афғониро, ки фашашро дарозтар карда баста буд, аз сар гирифта ба рӯи гилем ба пеши болиш ниҳод ва болишҳоро ба зери бағал кашида, ба хаёлот фурӯ рафт.

VIII. «ҲИСОБ ҶАВ-ҶАВ, БАХШИШ ЛАГ-ЛАГ»

Аз тарафи дарвоза садои «иш...ишшш...» омад; хӯҷаин нимхез шуда нигоҳ кард, ки ду нафар деҳқон панҷ хари пурборро ба ҳавлӣ медароранд.

Деҳқонон «салом алайкум, салом алайкум» гӯён харҳоро пеши анбор бурда борҳояшонро фуроварданд. Яке аз деҳқонон харҳои борҳошон фуровардашударо ба тарафи соботе, ки дар он ҷо говон буданд, ронд.

— Назар! Харҳотро ба вай собот бар, вагарна дар як дам охури говонро рӯфта медиҳанд,—гуфт хӯҷаин ба он деҳқон.

— Аз давлати шумо харҳои мо як каф коҳ хӯранд, чӣ мешавад? Хӯҷаин, хуб диққат мекунед-дия!—гуфт Назар.

— «Шутур калон, яғираш ҳам калон» мегӯянд,—гуфт хӯҷаин,— дарди сари ман мувофиқи худам аст, як гапҳо мезанӣ, ки гӯё аз сари хирманат ба ман ду ҷувол коҳ оварда дода бошӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Қоҳ бошад, коҳ-дия, хӯҷаин, як ҷувол, ду ҷувол коҳ писанд нест, саломатии шумо даркор аст,—гуфт Назар харҳоро ба тарафи соботи холӣ ронда истода.

Хӯҷаин аз ҷо бархоста пеши анбор омад, аз кисаи куртааш як калиди калони дутобаро бароварда қулфро кушод ва дари анборро боз карда даромад; зағомаи (паллаи) дар он ҷо бударо ба шоҳини тарозу, ки аз болои анбор овехтагӣ буд, гузаронид, дар сӯрохи тарафи санги шоҳин ба зери тасма як чӯбча халонид, ки тарафи санг аз тарафи бор ба қадри як нахӯд дарозтар шуд. Пас аз он ба деҳқонон:

— Борҳоро дароред!—гуфта овоз дод.

Деҳқонон ҷуволҳои пурборро ягон-ягон ба анбор даровардаид; хӯҷаинро ба сари тарозу дида яке аз деҳқонон гуфт:

— Хӯҷаин! Баркашидан даркор нест, аз чор ман зиёд аст, ки кам намеояд.

— Баркашида пухта кунем хуб аст,—гуфт хӯҷаин «Ҳақ ба ҳақдор шуда қарз ба қиёмат намонад». Вагарна баробар бошад ҳам, дили кас қарор намегирад.

— Ду ман гандум дода чор ман гирифта истодаед, агар як миқдор кам шавад ҳам, зарар намекашед,—гуфт он деҳқон.

— «Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лаг-лаг» гуфтаанд гузаштагон,—гуфт хӯҷаин,—агар ба шумоён инъом карданӣ шавам, вай дар вақти худаш ба пои худаш мешавад, ҳозир ҳисобро пухта кардан даркор аст.

Назар (ба зери лаб):—Ту хоки лаҳадро бахшиш мекунӣ,—гуфта ва ба хӯҷаин нигоҳ карда давом намуд:

— Ҳозир ба ёдам омад, ки мо дар ҳисоб саҳв кардем, мо бо тарозу барнакашида бо манак[8] андохта будем, ҳар як манакро ман панҷ сер ҳисоб кардаам ва ҳол он ки манак даҳчорьякӣ буд; ба ин ҳисоб бояд бори мо зиёд барояд; баркашидан гиред, ки толеи мо тохт.

— Чизе, ки бошад, тарозу нишон медиҳад, ба зағома резед,—гуфт хӯҷаин.

Як тарозу баркашиданд.

— Баҳор, вақте ки ба мо гандум баркашида дода будед, бо даҳ сер ҳамин зағомаатон ҳамвор ҳам намешуд, ҳоло қариб аст, ки ба ин зағома даҳ сер нағунҷад?—гуфт Назар.

— Гандуми ман сермағз ва қурч буд, гандуми шумо сусти пуч будааст; бинобар ин бисьёр санг намебардорад,—гӯён ҷавоб дод хӯҷаин.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Баркаш тамом шуд; аз рӯи ҳисоби охирии деҳқонон бояд гандумашон панҷ ман меомад ва ҳол он ки аз чор ман тахминан як пуд зиёдатӣ кард. Деҳқонон ғандуми зиёдатиро ба худ нигоҳ дошта ҷуволҳояшонро ғундоштан гирифтанд.

— Назар, ин гандуми зиёдатӣ ба бозгашта гирифта бурдан намеарзад, ба ҳамма рез мон!—гуфт хӯҷаин.

Назар (қадаре тунд шуда):—Магар «ҳисоб ҷав-ҷав» нест?—гуфт.

Хӯҷаин:—Ман ба як каф гандуми шумо зор нестам, —гуфт,—давлати худам ба худам насиб кунад бас аст, лекин нафъи шумо дар ин аст, ки ин як ғалбер гандумро ба анбори ман резед, агар баргашта баред, хоҳ бисьёр аст, хоҳ кам, дар ду-се рӯз несту нобуд карда мефиристонед, «об дар хушкӣ намеистад» гуфтаанд; агар дар ин ҷо бошад, дар вақти маъталӣ ва мӯҳтоҷиатон дари анбори ман ҳамеша ба рӯи шумо боз аст.

Деҳқонон барои як ғалбер гандум ранҷондани хӯҷаинро муносиб надиданд.—Соли оянда дар вақти тухм боз хӯҷаин даркор мешавад,—гуфтанд дар байни худ ва он гандумро ба хамма рехта, аз анбор баромада, ҷуволҳоро афшонда таҳ карданд.

Назар (ба хӯҷаин):—Хати (васиқаи) моро диҳед, мо равем,—гуфт.

— Хат дар хонаи дарун, ба даруни сандуқ аст, лекин ҳозир дар хона меҳмони зан ҳаст. Даромада гирифтан мумкин нест, ёфта бароварда мемонам, рӯзи бозор мегирӣ,—гуфт хӯҷаин.

Назар:—Имрӯзҳо айни долу зарби кор аст, ба мо фурсат куҷост, ки бозор оем, ҳозир ёфта медодед, хуб мешуд,— гуфт.

— Як бор гуфтам, ки дар хона меҳмон ҳаст; даромадан мумкин нест, «гапи бисьёр ба хар бор» гуфтаанд, агар рӯзи бозор дастат нарасад, кадом вақт ки фурсат ёфтӣ, омада мегирӣ.

Назар худ ба худ ба зери лаб: «Дар ҳақиқат агар «гапи бисьёр ба хар бор» намебуд, ту ин қадар намешӯридӣ» гуфт ва ба хӯҷаин давом кард:—хайр, хӯш; ҳар чи бошад, ёфта мондани хат аз хотиратон фаромӯш нашавад-дия, хӯҷаин!

Хӯҷаин:—Хотирҷамъ бош, ман хати туро тар карда намехӯрам,—гуфт.

Деҳқонон рафтанд; аз ҳавлӣ як бачаи тахминан 8-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

сола баромад; хӯҷаин аз дасти бача гирифта ба болои шаҳсуфа бароварда қадре дӯстдорӣ кард, пас аз он:

— Рав, писарам, Диловар! Ба Фотима апаат гӯй ба ман як чой дам карда барорад,—гуфт, худ болишҳоро ба зери бағал кашида, боз ба андеша фурӯ рафт.

15 дақиқа... ним соат фурсат аз миён рафт, ҳанӯз аз чой дарак не; хӯҷаин монанди қасе, ки нохост чизе ба ёдаш омада бошад, ҷаста аз ҷояш хест ва ба ҳавлии дарун даромад. Чор нафар зан, ки ба сари чор тағора нишаста ҷомашӯӣ мекарданд, ҳамагӣ аз ҷоҳо бархоста бо иззатдории тамом дастҳоро пеш гирифта салом доданд. Хӯҷаин ҷавоби салом надод ва даҳшат карда:

— Фотима кучост?—гуфт.

Фотима, ки як духтари 12-сола буда, ба сари тор чизҳои ҷомашӯиро паҳн мекард, «ана ман!» гӯён пеш омад; хӯҷаин бе пурсиш як торсакӣ зад, ки духтарак «вой мурдам» гӯён ба замин афтод.

Хӯҷаин:—Мурӣ, садқаи сар,—гуфт,—ту хунбаҳои худат ва падару модаратро гирифта ба дари хонаи ман омадаӣ, дар соли қаҳтӣ, ки қариб буд аз гуруснагӣ ҷон диҳед, падарат ба даҳ сер гандум туро ба ман фурӯхта буд, агар ман ҳамон гандумро намедодам, ҳамаатон дар ҳамон сол аз гуруснагӣ мемурдед, акнун шикамат чунон сер шудааст, ки гап ба гӯшат намедарояд, як соат шуд, ки як чойник чой гуфтам, ҳанӯз лоақал чойҷӯшро дар паси оташдон намондаӣ!

Фотима, гирьён-гирьён аз ҷой хеста: «Ба ман касе чой нагуфтааст» гуфт.

Хӯҷаин:—Бешарм! Мехоҳӣ, ки марӯ дурӯғгӯй кунӣ?! —гӯён хост, ки боз торсакии дигар занад, Фотима гурехта худро ба канора гирифт.

Пас аз ин хӯҷаин: —Ҳоло ҷавонмарги Диловар кучост?—гуфта ба ҷустуҷӯи писари 8-солааш афтод.

Диловар, ки дар вақти ба ҳавлӣ даромадани падараш бо оби аз ҷомашӯӣ рехташуда ҷӯйчабозӣ карда, истода буд ва шӯриши падарашро дида то пеши дари хонаи модараш гурехта рафта ба навбати коҳиши худ интизорӣ дошт, ҳамин ки номи худро бо лақаби «ҷавонмаргӣ» шунид, якбора чир зада худро ба даруни хонаи модараш ҳаво дод.

Хӯҷаин ҳамин қадарро дар ниқоргирии аз писари сариаш басанда дониста, ба занонаш нигоҳ карда:

— Магар ман шуморо барои «бӯрдоқӣ» кардан гирифтаам: се соат шуд ба хона омадам, ба ман як чой-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ник чой не, ятим ба сари хирман рафт, асп ва говон ҳанӯз хӯрок нахӯрдаанд; худатон ки ҳеҷ кор намекунед, лоақал ин сакалтуро (ба Фотима ишорат карда), ки гули хонаи маро хӯрда гаштааст, кор ҳам намефармоед!— гуфта ба ҳавлии берун рафт ва ба болои суфа баромада ин дафъа дуруст хобид.

IX. МЕҲМОНИ ИЗЗАТМАНД

— Мулло Азимшоҳ!.. Мулло Азимшоҳ!.. Ӯвв, Мулло Азимшоҳ!

Хӯҷаин, ки хобаш сахт бурда буд, бо шунидани ин овоз саросемавор бедор шуда, чашмони худро молидамолида:

— Э... э, Алимардонбег-ку, ассалому алайкум,— гӯён аз чой хест ва яке аз кӯрпачаҳоро аз таги худ гирифта ба тарафи рости чои худ паҳн кард, меҳмони навомадаро ба «неву нестонаш» нигоҳ накарда ба рӯи кӯрпача гузаронид ва кӯрпачаи дигарро дар рӯ ба рӯи меҳмон андохта, худ ба болояш нишаст; пеш аз он ки бо меҳмон пурсупос кунад, дубора аз чо хеста болишхои дар вақти гирифтани кӯрпачаҳо ба рӯи гилем бетартиб афтодаро гирифта ба паҳлуи меҳмон ниҳод ва боз ба чои худ нишаста бо меҳмон бо ҳам даст бардоштанд ва «оллоҳу акбар» гӯён дастҳоро ба рӯ кашиданд.

— Чашми маро ғафлат бурда будааст, омадани шуморо нафаҳмида мондаам, мебахшед-дия,— гуфта хӯҷаин узрхоҳӣ кард.

Меҳмон:—Зарар надорад —«хоби чоштгоҳӣ бех аз подшоҳӣ» гӯфтаанд азизони гузашта,— гуфт.

— Хайр, хуб баофият, хуб сиҳат-саломат ҳастед?

— Шукр,аз давлати чаноби олӣ саломатист, аз худатон пурсем?

— Шукр, аввал аз меҳрубонии худо, дуйум аз давлати чаноби олӣ аз хок бердл гаштем!— гӯён соҳиби хона ба шиками чойнике, ки дар лаби суфа истода буд, даст расонда дид, ки хунук шудааст; чойникро гирифта,— шумо ба хузур ёзида нишинед, ман хозир меоям, — гуфта ба ҳавлии дарун даромад ва занонашро, ки ҳанӯз аз сари чомашӯй нахеста буданд, коҳиш карда бо овози пасте, ки ба ҳавлии берун набарояд, гуфт:

— Фотимаи гардаништакаста ку ба нобуд шудани чизхои ман кор надорад, балки касдан нобуд ва исроф

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мекунад, шумо ҳам, гӯё ки дар ин хона бегона бошед, чизе намегӯед: маро, ки хоб рабуда будааст, чаро чой дам карда бурда монд, пас аз он ки чой дам кардааст, маро бедор накард, ки як чойник чой ях барин шуда нобуд гардида мондааст, худи вай кучост?

Яке аз занон:

— Барои ба молҳо хӯрок додан баромада буд; бояд дар оғил ё каҳхона бошад,— гуфт.

— Меҳмон омад, дастархон барорад ва чои тоза дам кунад,— гуфта хӯҷаин бозгашта овоз дод ва ба ҳавлии берун рафт; дар рӯи ҳавлии берун,—Фотима, кучой? Ба хона нигоҳ кун! — гуфта худ ба меҳмонхона даромад ва аз кисаи куртаи худ як даста калидро, ки ба як ресмон гузарондагӣ буданд, бароварда бо яке аз онҳо қулфи сандуқи чӯбинеро кушод, аз дарӯни сандуқ як лаъличаеро, ки ба дарунаш қадре мавиз, нахӯди бирьён, қандалот ва печак буд, гирифта боз сандукро қулф зада пеши меҳмон ба сари шаҳсуфа рафт.

Меҳмон, ки бо вучуди бесавод будани соҳиби хона, маҳз барои ҳурмат ба вай лакаби «муллой»-ро дода, «Мулло Азимшоҳ» мегуфт, ба иззаташ аз чой хестанӣ шуда худро чунбонид; соҳиби хона қадами худро чолоктар монда бо дасти худ ба ором нишастан ишора карда:

— Баҳузур, баҳузур,— гӯён зуд омада ба чой худ нишаст ва меҳмонро, ки ҳанӯз дузону нишаста буд, ба чорзону нишастан таклиф карда худ ҳам чорзону нишаст.

Фотима дастархонро оварда аз поёни суфа дароз кард, хӯҷаин гирифта вайро ба пеши меҳмон кушод, лаъличаи «чоршарбат»-ро ҳам ба рӯи дастархон ниҳод, яке аз нонҳоро шикаста порча-порча карда бештаринашро пеши меҳмон ва андакашро пеши худ монд: пас аз он:

— Марҳамат кунед, ба ном нигоҳ кунед,— гуфта меҳмонро ба нонхӯрӣ таклиф кард ва худ ҳам баробари меҳмон лукмаи нонеро ба дахон андохта лаъличаро пештари меҳмон тела дод, як дона мавизро гирифта ба дахон зада меҳмонро ҳам:— гиред, гиред,— гуфта ба мавиз ва қандалотхӯрӣ таклиф кард.

— Чанд вакт аст, ки камнамо шуда рафтед, хеч даракатон нест, ин пагоҳ ба саломи мир рафта будам, он чо ҳам набудед,— гуфта хӯҷаин гап сар кард.

E-mail: ziyozod@gmail.com

— Саргардониҳои дунъё ҳеҷ фурсат намедиҳад, ки ягон рӯз бо дӯстон нишаста як дами беғам занем,— гуфт меҳмон.—Имрӯз бинед, ки дар Кармина ба рикоби олӣ, фардо дар Бухоро дар пеши қӯшбегӣ, пасфардо дар Ҳисор ба давлатхонаи соҳибдавлати худамон; ба ҳамин тариқа ҳар рӯз ба ҳар ҷо умр гузашта рафта истодааст, ҳар кучо кори заруртар ва калонтар барояд, мир каминаро мефармоянд; як рӯз ба мир:

— Дигарон ҳам номи хизматгорӣ доранд ва нону намаки шуморо мехӯранд, ба онҳо ҳам кор фармоед,— гуфта густохӣ кардам.

Ҷаноби мир:—Алимардон дар дунъё дута нест, «бӯз агар хирман мекӯфт, ҳоҷати барзагов набуд»— гуфта аз ӯҳдабароии ман хурсанд буданашонро маълум карданд.

Ман ҳам шӯхӣ карда:

— Ҳар чӣ аз давлати шумо барзагов ҳам шудем, ему алафашро мувофиқи худаш диҳед, барзагов шудан ҳам бад нест,— гуфта густохӣ намудам.

Ҷаноби мир аз ин суханам бисьёр хурсанд шуда, ин ҷоман (ба ҷомаи абри ҳисории зеҳкалон, ки остинҳояшрӯ аз бандаш чок карда зеҳ дӯхта буданд, ишора карда) таҳпӯшии худашонро — ин «аз нӯги ҳамир фатир» гуфта ба камина инъом карданд.

Фотима чойники чойро оварда ба лаби суфа монд, хӯҷаин чойро ду бор гардонд ва аз кисабағал рӯмолчаашро бароварда пиёларо, ки вақти гардондани чой тар шуда чиркҳояш нарм гардида буд, пок кард: ӯҳӯ-ӯҳӯ сурфа карда оби даҳонашро ба поёни суфа партофта бо ҳамон дастрӯмол даҳон ва биниашро ҳам пок кард. Пас аз он ба пиёла ба қадри як ангуштпона чой рехта худ нӯшид. Ҷои ба лабаш расидаи пиёларо ба канори ҷомааш, ки аз равғани риши калонаш қариб ҳамранги дастмоли дегшӯй гардида буд, молида «тоза» кард: пас аз он ба пиёла аз ним камтар чой рехта бо сарангушт ва ангушти миёна аз лабу каъбаш гирифта ангушти дуйуми худро ҳалқа карда бо шохуни он ба шиками пиёла тинг-тинг зада ба меҳмони худ дароз кард. Меҳмон, ки ба бозӣ ва парвози гунҷишкони сари дарахт чашмашро дӯхта ба андеша фурӯ рафта буд, хушьёр шуда пиёлаи чойро аз дасти хӯҷаин гирифта ба замин монд ва боз чашмашро ба шохаҳои дарахт дӯхт.

Хӯҷаин дастрӯмолчаи худро чорқат карда ба рӯи чойник пӯшонд ва меҳмонро, ки ҳанӯз аз хаёлот ду-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

руст ба худ наёмада буд,— марҳамат кунед, нон хӯред охир,— гуфта дубора ҳушьёр кард ва худаш ҳам пораи нонеро шикаста ба даҳон андохт.

Дар ҳақиқат ҳам Алимардонбег дар андеша фурӯ рафта буд; вай андеша мекард, ки ба чи андоза корчаллони ҳунарманд будани худро чӣ гуна ва ба чи роҳ пеши хӯҷаин исбот кунад, то барои хизмате, ки баъд аз ин ба хӯҷаин карданист, химзатонаи дуруст ситонда тавонад: дар аввали сӯҳбат гапро ба сари муддао оварда монда буд, акнун як гурезгоҳ ёфта ба асли муддао гузаштан даркор буд, ки инро ҳам дар аснои ба бозии гунҷишкон нигоҳ кардан, дар фикри худ қарор дода буд:

— Ҳамин тавр, Мулло Азимшоҳ,— гуфта суханашро аз ҷои мондагиаш гирифт ва гуфт:

— «Сипоҳигарӣ сӣ пой дорад» гуфтагӣ барин, «ҳар гап ҳам сесаду шаст паҳлу дорад», азизони гузашта «ҳар сухан вақтею ҳар нукта мақоме дорад» гуфтаанд, ки бисьёр дуруст аст, агар одам гапро ба ҷояш хӯронда тавонад, ҳар касро мот мекунад, ба ҳамин сабаб мир ҳар кори ишкелдорро ба ман мефармоянд ва хоҳ хушк кунам, хоҳ тар, кор надоранд, зеро як дараҷа дилашон ба ман пур шудааст, бинобар ин дар ҳаққи ман ба гапи дӯсту душман намедароянд.— Алимардон барои мисол овардан сухани худро давом дод:

— Чанд рӯз шуд, ки ба як даъвои завҷият* рафта будам, як-ду рӯз чанҷолро пайсал дода дидам, ки тарафи даъвогар ширдеҳ аст. Як навъ карда корро ба нафъи вай гардондам: агар ба гуфтаи ман тарафи духтар розӣ намешуд, чӣ мешуд, гӯед? Агар розӣ нашуда ба ҳокимхона меомад ҳам, боз кор ба гуфтаи ман тамом мешуд.

Ҳозир ҳамон корро тамом карда омада будам, ки мир «пеши Мулло Азимшоҳ равед! Як корашон будааст, тамом карда биёед» гуфта маро ба хизмати шумо фиристоданд. Шогирдпешагон ва ясавулоне ҳастанд, ки як моҳ боз ягон хизмат нагирифта хок лесида хоб кардаанд, ман ки аз дастам кор меояду даъвогар ва мирро хурсанд мекунам, як рӯз ҳам бекор наемонам, ғайр аз хизматонае, ки аз фуқаро мегирам, гоҳ-гоҳ аз худи ҷаноби мир ҳам ба ин гуна (боз ба ҷомаи худ ишорат карда) илтифотҳои махсус сарфароз мешавам,— гуфта Али-

---

* *Даъвои завҷият* — зани ман аст, гуфта ба духтаре ё зане даъво кардан аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мардон сухани худро як дараҷа тамом кард ва барои фаҳмидани ин ки гуфтаҳояш ба хӯҷаин чӣ таъсир бахшидааст, чашмонашро ба чашми ӯ дӯхта нигоҳ карда истод.

Дар ҳамин вақт Диловар ба поёни суфа омада:

— Дада, ба ман қандалот диҳед,— гуфт.

Хӯҷаин пешонаашро турш карда:

— Бачаам, ин амакат сартарошанд, қайроқ ва покуҳояшонро ҳамроҳ овардаанд, гурез ки ...атро мебурранд,— гуфт.

Диловар ба шунидани номи сартарош аз даъвои қандалот гузашта ба тарафи ҳавлии дарун гурехта рафт.

X. ЧӮПОНИ ГУРЕЗА

Азимшоҳ ҳавосашро, ки ба сабаби қандалотталабии писараш парешон шуда буд, бо ду сония сарҷунбонӣ ба як ҷо ҷамъ карда ба меҳмонаш, ки мунтазири ҷавоб буд, нигоҳ карда гуфт:

— Ҳама аз худи шумост, Алимардонбег! Шумо ки як хизматгори содиқи ҷонсупори ҷаноби мир мебошед, дили он кас ҳам ҳамеша ба тарафи шумост, «дилро ба дил раҳест дар ин гунбази сипеҳр, аз рӯи кина кинаву аз рӯи меҳр меҳр» гуфтаанд, бинобар ин шуморо хурсанд ва шуморо тарбият мекунанд. Монанди ин воқеа аз сари худи ман ҳам гузаштааст: каму беш худо давлат додааст, мулку асбоб додааст, албатта, инҳоро ман ба гӯри худ гирифта намебарам, лекин ба кӯча ҳам бароварда намепартоям: ҳар кас маро хурсанд кунад ва мувофиқи табъам хизмат нишон диҳад, ман ҳам вайро то ҷон дорам, хурсанд мекунам, молу ҷонамро аз вай дареғ намедорам «дилама бар, пулама хӯр» гуфтаанд. Мисолаш ана ҳамин кори имрӯзаам аст; имрӯз ба шумо кори ман афтодааст, агар маро миннатдор кунед, ман ҳам изҳори миннатдорӣ мекунам; албатта, дар миёни ёру дӯст пул ва чизи дуньё пйсанд нест, ҳамин тавр бошад ҳам, тиккаи муҳаббат гуфтагӣ ганҳо ҳаст.

Алимардон:—Ба чашм! Ҳар коратон бошад, ба чону дил мувофиқи дилхоҳатон мекунам, дуои шумо ғанимат аст,— гуфт.

—«Нафаси хушк аз най садо намебарорад» гуфтаанд, дуои обдор мекунам,— гуфт хӯҷаин.

— Магар ба ягон моли мардумхӯр пулатон афтодаст?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Не, ман аз барои пули дуньё мир ва шуморо дарди сар дода намегардам; пули маро кӣ нахӯрдааст. Ин кори ман ба болои як чӯпони гуреза аст; ин чӯпон аз ҳисоби падараш ва худаш тахминан ҳазор танга аз ман қарздор шуд, дар бадали ин пул ба ман хизмат кардани шуда, аз забонаш хати қозихонагӣ дод. Бар болои ин дар хонаи ман хобида дасташро ба оби гарму хунук назада хӯрд, пӯшид. Вақте ки ман гӯсфандҳоро харида ба сафари Бухоро тайёр шудам ва хостам, ки рамаро ба вай рононам, якбора ғоиб шуд; акнун мешунавам, ки ба Дараи Ниҳон рафтааст. Албатта, ин кор ба ман алам кард, гӯё ки вай маро аҳмақ карда, фиреб дода гурехт, вагарна гап бар болои пул ва чиз нест. Дигар он ки агар ман корро саҳл гирифта «бало ба пасаш» гуфта монам, думчаи ҳаман хизматгорон об мегирад, ҳар хизматгор, ки нигоҳ дорам, мехӯрад, мепӯшад, рӯзе ки корам баромад, мегурезаду меравад. Як ятим дар хона дорам, ки аз ҳоло чашмонаш бечо шудааст, ҳамин рӯз аз пеши мир омадам, ки ҳанӯз хобидааст: базӯр хезонда ба сари хирман фиристодамаш, дар он чо чӣ кор мекунад гӯед? Пеши бодигарон рафта онҳоро хаю бош карда баҳузур менишинад, ана ба чунин як кори сабук базӯр фиристодам; ин аввалин асари гурехтани чӯпон аст. Агар ман ин корро ба субуташ нарасонам, на танҳо хизматгорони ман, балки хизматгорони дигарон ҳам вайрон мешаванд. Ба шумо маълум аст, ки ҳеч гоҳ одами «нобуда» «буда»-ро, «нодор» «дорам»-ро дида наметавонад; вақте ки маътал ва мӯҳтоҷ шуданд, гушна монданд, омада ятим менстанд, ошатонро мехӯранд, намакатонро мехӯранд, ҳамин ки шикамашон сер шуд, дастархонатонро поймол мекунанд, намакдонатонро мешикананд, ҳамеша хун мехӯранд, ки чаро инҳо бой, мо қашшоқ, чаро инҳо фарбеҳ, мо лоғар; чаро инҳо дорам, мо нодор; намедонанд, ки азизон гуфтаанд: «бо худододагон ситеза макун, ба худододагон худо додаст»— хӯчаин чои сардшударо нӯшида давом намуд:

— Бегӣ! Ба шумо дурӯғ, ба худо рост, вақте ки ман аз Дарвоз омадам, ғайр аз як кафши чӯбин, як чоруқ, як кӯлвор ва як чӯбдаст чизе надоштам, аввал аз марҳамати худо, дуйӯм ба соян давлати ҷаноби олӣ соҳибӣ ҳавлӣ, зану фарзанд шудам, як не, чор зан дорам, мулку асбоб ҳам мувофиқи дилу ниятам ҷамъ шуд, ва ҳол он ки ман каланд назадаам, «дуздӣ накардаам», «моли мардумро нахӯрдаам», худо маро ба давлат му-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

носиб диду дод, «бедавлат агар кишт кунад, об наёбад, бодавлатро киштаву нокишта баробар» гуфтаанд. Дар ҳақиқат худи ман деҳқонӣ накардаам, чанд таноб кӯлу шӯр дорам, ки чорьяккор ё ятим мекорад. Дар вақти баҳор ба деҳқонони бебизоат маҳзи хайрхоҳӣ аз доди худо тухм медиҳам, вақте ки ҳосил расид, каму беш худашон оварда медиҳанд. Бисьёр одамон ҳастанд, ки шабу рӯз кор мекунанд, боз шикамашон сер намешавад, пас нолакашон мешаванд, аз бой, аз дорам нолиш накарда, инҳо агар ақл дошта бошанд, аз толеи худашон, аз дилу нияти худашон ноланд.

Ба мо лозим аст, ки то чон дорем, дар ҳаққи инҳо сахтигирӣ кунем ва нагузорем, ки инҳо худсарӣ кунанд; инҳо душмани моли мардуманд, инҳо нотавонбинанд; ба ятим ва хизматгор ном некӣ кардан ҳаргиз дуруст нест.

— Ин чӯпони шумо аз кучост, номаш чист ва падараш кист?—Алимардон пурсид.

— Номи худаш Ёдгор ва номи падараш Бозор аст, асли инҳо инчоӣ набуда аз тобеи Кӯлоб ба ин тараф афтодаанд, 7—8 сол пеш аз ин дар соле ки ба Кӯлоб қаҳтӣ рӯй дода буд, Бозор бо зану фарзанди худ ба Бухоро равона шуда ин чо омад, занаш дар ин чо мурд, ман мурдаи занашро бо харчи худ гӯронидам; худаш ва писарашро, ки он вақт тахминан 12—13-сола буд, ман ба тарбияи худ гирифтам; инҳоро ҳам, ки аз кӯфти роҳ ва гуруснагӣ қариб ба мурдан расида буданд, парво кардам: пас аз он ки Бозор фарбеҳ шуда ба устухонаш об давид, толиби хизмат шуд, «маҳз аз барои савоб» ӯро ба чӯпонӣ гирифтам, соле як бор ба Самарқанд ва як бор ба Бухоро гӯсфанд рондам; ҳар бор дуздӣ кард, гӯсфандони шишаки фарбеҳи маро дар роҳ дуздида фурӯхт; дуздиҳояш пеши «қозии ислом» дайн шуда ба гарданаш афтод, аз ман қариб як ҳазор танга қарздор шуд ва ба бадали ин қарз ба ман хизмат карданӣ шуда аз забонаш хат дод; лекин пеш аз он ки хизмат карда, ҳаққи маро адо кунад, мурд; мурдаи инро ҳам ман гӯронидам. Писараш ба чои худаш то адо шудани ин қарз хизмат карданӣ шуда, хатро тоза кард; лекин як бор ҳам сафар накарда гурехт. Воқеа ҳамин буд, ки имрӯз ба чаноби мир рафта арз кардам ва ясавул талаб намудам; аз хушбахтии ман шуморо таъин кардаанд, умедворам, ки шумо ин чӯпони гурезаи маро дастгир карда ба дастам супоред ва ҳам ин кӯрнамакро чу-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

нон ҷазо диҳед, ки ба дигарон ибрат шавад: ин пойбараҳнагони «моли мардумхӯр» донанд, ки дар мамлакат ҳоким ва шариат будааст, то ки дигарон ба ин ранг беандешагиҳо далерӣ карда натавонанд. Ман ҳозир васиқаҳоро бароварда ба шумо нишон медиҳам.

Ҳуҷаин сухани худро тамом карда ба ҳавлии дарун даромад ва аз кисаи худ як даста калид бароварда бо яке аз онҳо сандуқро кушод, аз дарунӣ сандуқ як бугчаро бароварда яла кард, ки пур аз васиқаҳо буд; дар пушти ҳар кадоми ин васиқаҳо ишоратҳои махсус буд, ки хӯҷаин бо вуҷуди бесаводиаш аз он ишоратҳо ба номи кӣ будани он васиқаҳоро медонист.

Дар вақти кофтукови васиқаҳо васиқаи Назари деҳқон ба чашмаш вохурд, инро гирифта ба зертари бӯғча монда, худ ба худ гуфт: «ахмақ мегӯяд, ки «хати маро супор!» Ман нодон нестам, ки ин домро ба дасти худат дода туро раҳо кунам; кадом рӯз, ки қадаматро бечо мондӣ, ҳамон рӯз бо дастьёрии ин хат туро ба кӯрқозиҳо ошно хохам кард».

Оқибат васиқаҳои Бозор ва Ёдгорро ёфта гирифт; бугчаро маҳкам барбаста ба сандуқ гузошта дарашро қулф кард.

Васиқаҳоро берун бароварда ба дасти Алимардон дода:

— Инҳоро хонда дида маза кунед, Бегӣ!— гуфт.

Алимардон хатҳоро аз дасти Азимшоҳ гирифта, яке аз онҳоро бо овози баланд ба хондан сар кард:

«Дар таърихи шаҳри рачабулмураччаби санаи 1325 буд, ки Бозорбои ришчол, миёнақад, гандумгун, мешчашм валади Авазмурод дар дорулқазои Сари Ҷӯй ҳозир омада иқрори саҳеҳи мӯътабари шаръӣ намуд, ҳола чавози иқрориҳӣ шаръан бар ин вачҳ, ки мани мукир аз Мулло Азимшоҳ валади Раҳимшоҳ ҳаштсаду панҷоҳу нӯҳ танган ронҷан мазруб ба зарби Бухорои шариф сонаҳуллоҳу маа волиҳо анилофот мадъюн гардидам, ки индалмутолаба маблағи мазкурро ба ҳузури козии ислом ба мукирунлаҳи мазкур супорида иброи зимма менамоям ва кона золика бимаҳзарен миналмус лимин.

Ҳуззорулмаҷлис Рауфбой, Раҳмон қаравулбегӣ, Худойназар ва ғайруҳу (ҷои мӯҳри козӣ)».

Тақрир ва таҳрири васиқаи дуюм ҳам ба ҳамин мазмун буд. Фақат фарқ дар ин чо буд, ки ба ҷои «Бозор» «Ёдгор» навишта шуда буд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Алимардон пас аз хондани васиқаҳо:

— Бо ин васиқаҳо, агар Ёдгор сад чон дошта бошад, як чонаш ҳам халос намешавад; ҳозир шумо нигоҳ доред, дар рӯзи мурофаа мебарорем,— гуфта васиқаҳоро ба дасти хӯчаин дод ва ба дастархон фотеҳа хонда рафтан хост.

Азимшоҳ ӯро ба андак истодан таклиф карда, худ ба меҳмонхона даромад ва аз сандуқи ширавордони худ як сарқанди панчқадоқиро бароварда:

— Инро даҳанширинӣ кунед, «аз нӯги ҳамир фатир»,— гӯён ба дасти Алимардон дод ва ӯро то тан дарвоза гусел карда:

— Ҳар чӣ бошад, кӯшиш кунед, ки ба даст афтад,— гуфта таъкид кард.

Алимардон: «—Хотирҷамъ бошед, аввал он ки худашро ба даст медарорам, агар гурезад, як-ду нафар аҳолии дараро дастгир карда оварда ба зинхона меандозам, ки дигарон кӯр шуда гунаҳгорро бо дасти худ оварда месупоранд ва ишкелбоғӣ дода бандиҳояшонро халос карда мебаранд»,— гуфт ваӣ,— «хайр, хуш, паноҳи худо» гӯён рафт.

Азимшоҳ ҳам:—Худо роҳи сафед диҳад, шикоратон барор гирад, ҳақ ба ҳақдор қарор ёбад,— гуфта ба ҳавлиаш даромад.

XI. БЕМОРИИ НОГАҲОНӢ

Меҳрмоҳ пас аз он ки навардро гардонда як лой карбоси бофтаашро печонд, «даҳеҷ!» гуфта зани додаршӯи худро чеҳ зад. Тӯтимоҳ, ки дар рӯи суфа ба зери дарахти тут нишаста нойча меандохт ва барои кори фардоии даҳеҷи худ —Меҳрмоҳ пуд тайёр мекард, чарху паррики худро ба ҳолаш гузошта ба дӯконхона омад ва «чӣ мегӯӣ?» гуфта аз Меҳрмоҳ пурсид.

Меҳрмоҳ бе он, ки мокуро аз даст монда сарашро аз кор бардорад:

— Қариб буд, ки аз ёдам фаромӯш шавад: отаи Ёдгор гуфта буд, ки имрӯз шумо як чувол гандумро шуста монетон, шаб Сафарро осиё мефиристонем, ман бошам, то бегоҳ бо Сафар ба дарави кунҷид саргардон мешавам, ба гандумшӯӣ на дасти ман ва на дасти Сафар намерасад...

Меҳрмоҳ ҳанӯз суханашро тамом накарда, як бачаи панҷсола, ки дар як тарафи дӯконхона нишаста, чоҳча канда аз ғарав дӯкони бофандагӣ месохт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Оча! Ман осиёро надидаам, ман ҳам шаб ҳамроҳи амакам осиё меравам,— гуфта миёни гапи Меҳрмоҳро шикаст.

— Шаб шавад, отаат барои ту осиё сохта медиҳад, ҳоло дӯконатро сохтан гир,— гуфта Меҳрмоҳ бачаро сокӯл кард ва ба Тӯтимоҳ:

— Сабилмонда ҳанӯз ду газ нашудааст, боз ду лой бофтан даркор аст, ту гандумро ба тағора шуста ба болои шол рехтан гир, ман ҳам корамро тамом карда рафта, ба ту ёрӣ медиҳам,— гуфт.

* * *

Офтоб фурӯ рафт, торикӣ ҳам кам-кам дунёро фаро гирифт, ҳанӯз аз Бозор ва Сафар хабар нест, Меҳрмоҳ ба оташдон, ки қариб буд оташаш фурӯ нишинад, як дона тароша монда ба дағеҷи худ:

— Чаро имшаб инҳо дер монданд, падари Ёдгор «пиёбаат барвақттар тайёр шавад, Сафар ҳам шикамашро сер карда дар рӯзи равшан осиё равад» гуфта буд: чӣ шуд, ки ҳанӯз намеоянд?

Тӯтимоҳ:

— «Сухани хона ба бозор намеояд рост» гуфтаанд, корашон тамом нашудагист, ё ягон кори дигар баромадагист. Лекин ман гумон мекунам, ки амаки Ёдгор имшаб осиё рафта наметавонад; ду рӯз боз сарам сим-сим дард мекунад мегуфт, имрӯз базӯр хеста ва аз рӯи акаш гузашта натавониста ба кор рафт, вагарна ҳеҷ мадори чунбидан надошт.

— Ман аз рӯзи мурдаи афғони мусофир боз аҳволи амакашро дигаргун мебинам; аз кучо буд, ки он мусофири беморро раҳмхӯрӣ карда ёфта омад, то вақти мурдани он ҳеҷ аз пеши вай начунбид, ачаб нест, ки аз ҳамон бемор ба ин ҳам ланге расида бошад,— гуфта Меҳрмоҳ гапи дағеҷашро тасдиқ кард; лекин аз ин «тасдиқ» дигаргун шудани аҳволи дағеҷашро дида:

— Зарар надорад, акааш эшонро оварда куфу суф кунонад «ту дидӣ, ман надидам» шуда, асли қадимаш барин мешавад меравад,— гуфта тасаллӣ дод, ва:

— Дер монанд, майлаш-куя, лекин говро барвақттар меоварданд, ки дар вақташ дӯшида мешуд,— гуфта боз ҳасрат кард.

Ҳамин вақт аз роҳрав овози «ишшш, ишшш» гуфтани касе баромад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Меҳрмоҳ саросема аз сари оташдон хеста, говдӯшаро гирифт ва:

— Дадеш! Агар ду бор ҳамин та (ҳамин тавр) шуда дӯшидани гов бевақт монад, бадамал мешавад ва ширашро хушк мекунад,— гӯён аз суфа мефуромад, ки ба ногоҳ пои худро як қадам пас монда истод.

Манзарае, ки Меҳрмоҳ дида буд, дар ҳақиқат бимнок буд. Сафар бар болои хар дар ҳолате, ки худдорӣ карда наметавонист, ба як тараф овезон аст. Бозор ресмони говро аз банди дасти худ гузаронда ба ду даст Сафарро аз афтодан нигоҳ дошта омада истодааст. Вақте ки чашми Бозор ба занаш афтод:

— Говдӯширо мон! Биёетон инро фурорем,— гуфта зани худаш ва зани додарашро ба ёрӣ чеғ зад.

Ҳар ду зан зуд рафта ҳамроҳи Бозор секаса шуда Сафарро аз болои хар фуровардаанд ва бардошта ба рӯи суфа бароварда хобонданд.

— Ман рафта барзаговонро аз сари замин биёрам, шумоён ҷойи андоҳта додарамро осуда хобонетон.—гуфта Бозор зуд баромада рафт.

Меҳрмоҳ чироғ гиронд, Тӯтимоҳ аз хонааш кӯрпа ва болиш бароварда барои шавҳараш ҷойгаҳ андохт. Бемор чизе намегуфт ва чашм намекушод. Ҳар ду зан бо ёрмандии якдигар беморро ба рӯи бистар гузарониданд, дар ҳамин вақт чашми Меҳрмоҳ ба бистар афтод, ки ба рӯяш як ҷондори хокистарранг роҳ меравад. Чироғро наздиктар оварда дид, ки як шабуши калони шохдори канамонанд аст. Даррав даст гирифта ба замин партофт ва бо кафши худ молида кушт ва Тӯтимоҳро:

— Даҳеҷ! Кӯрпаҳоятро офтоб деҳ, шабуш пайдо шудааст,— гуфта як панди таънаомез дод.

— Аз бозе, ки ҳамон мусофири бемор ба ҳавлии мо омад, ҳаман кӯрпа ва болиштҳои ман шабушзор шуд, ҳарчанд мечинам ва мекушам, ҳеҷ нест, ки ин зормондаҳо тамом шаванд,— гӯён Тӯтимоҳ узр гуфт.

Тӯтимоҳ хост дасти шавҳарашро гирифта молад, ҳамин ки дасташро ба дасти ӯ расонид, гӯё ки ба оҳани тафсонда расонда бошад, дасташ сӯхт. Бемор дасти худро кашида гирифта:— вой сӯхтам,— гӯён ба як тараф зад, ки ба зонуи Меҳрмоҳ хӯрд. Дар ҳақиқат таби бемор бисьёр баланд буд, ба ҳадде, ки бо расидани дасташ ба зону аз болои либос гармӣ ба бадани Меҳрмоҳ ҳам гузашт.

Тӯтимоҳ пешонаи шавҳарашро молида:— ба ту чӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шуд?— гуфта аҳволпурсӣ кард, бемор:— воҳ сӯхтам,— гуён нимхез шуда боз ба паҳлуи дигар афтод.

Деги пиёба, говдӯша ва душидани гов аз хотири ҳама баромада буд, хонаводае, ки то имрӯз ин гуна рӯзи сахтро надида буд, ғамхона шуд.

Бозор барзаговонро аз сари замин оварда ба охурҳояшон баст ва:

— Аҳволаш чӣ тавр аст?— гуфта ба сари бемор омад. Мехрмоҳ:

— Чашм намекушояд, зудтар ягон эшон ёфта хонондан ва дуою тумор гирифтан даркор аст,— гуфта ба шавҳараш маслиҳат дод.

Бозор:

— «Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд» гуфтаанд, эшони Султонхони дарвозӣ, ки аз эшонони машҳури замонаанд, имшаб ба ҳавлии Яъқуббой меҳмон шудаанд, ана ҳамин касро оварда мехононам,— гуфта аз паи эшон рафт.

XII. ЭШОН

Дар қишлоқи Кангурт имрӯз як ҳозирии аз одат берун мерафт: ҳавлии Яъқуббой, ки аз беҳтарин ва ҳангомадортарини ҳавлиҳои ин қишлоқ буд, ороста шуд, таги дарвозаро то сари кӯча об зада рӯфтанд;
Яъқуббой аспи давонда ба шарафи меҳмоне, ки имшаб омаданист, аз муллоҳои аҳли таҳсили Кӯлоб, ки ба наздики аз Бухоро омада буданд, Мулло Муҳаммадсалим, Мулло Асад, Назар махдум, Мулло Алимуҳаммад ва дигаронро хабар кард.

Қариби намози аср «омаданд-омаданд» шуда монд: ҳама даст пеш гирифта дар сари роҳ истоданд. Аз дур як чавони тахминан 25-солаи миёнақади сергӯшт, ки бинии дарози нӯгаш ба поён хамшуда ва ришу бурути кулӯтаи сиёҳ дошт, бар болои аспи сафеде аз дур намоён шуд; ба сари ин чавон дастор, ба танаш чакмани пиёзии бухоридӯхт, ба пояш кафшу маҳсии зард, ба зераш аз болои зин як чойнамозкампали дарвозӣ буд ва чор нафар пиёдаи кафши чӯбинпӯш, ки ба сарашон дар печи саллаи карбосини худ мисвок[9] халонда буданд, дар чилав медавиданд.

Яке аз пешвозгирандагон аз Яъқуббой:

— Магар эшони Султонхонат ҳамин бача аст?— гуфта тааччубкунон пурсид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Яъқуббой:

— Хо, ҳамин аст, «дар чавонӣ тавба кардан нашъаи пайғамбарист» гуфтаанд; ин шахс чавон бошад ҳам, хеле парҳезгор аст,— гуфта шубҳа ва тааҷҷуби пурсандаро бартараф карданӣ шуд. То ин вақт меҳмон ҳам наздик расида омад; Яъқуббой якчанд қадам пештар рафта дасти эшонро бӯсида ба чашмонаш молид бо пиёдагардони эшон пеш даромада то дари ҳавлиаш омад ва аз бағали эшон гирифта аз асп фуровард; дигар ҳозиршудагон ҳам дасти эшонро як-як гирифта ба чашм молида бӯсиданд.

Ҳамин ки эшон ба ҳавлӣ қадам монд, ба шарафаш як гӯсфанди бӯрдоқӣ қурбон карда шуд; эшон ба рӯи суфа баромада нишаст. Яъқуббой аз пас баромада бо таъзим ва одоби тамом «хуш омаданд» гуфт. Вақте ки эшон аз вай аҳволпурсӣ кард, аз чояш барҳеста даст пеш гирифта:

— Шукр, аз шарафи дуо ва таваҷҷӯҳи шумо саломатист,— гуфта нишаст. Онҳое, ки аз аҳли қишлоқ ба пешвози эшон ҳозир шуда буданд, ба воситаи Яъқуббой аз эшон изн гирифта як-як ба рӯи суфа баромаданд ва дубора эшонро зиёрат ва дастбӯсӣ карда, бо рухсат ва ишорати эшон ба як тарафи суфа қатор нишастанд.

Вақти намози дигар расид, яке аз муридони эшон азон гуфт, ҳама таҳорат карданд, эшон ҳам, таҳорат тоза кард, намози асрро бо имоматии эшон хонданд; пас аз адои намоз ҳама ҳалқа нишастанд, эшон сарҳалқа буд, ҳама сарҳоро ҳам карда чашмҳоро пӯшида буданд; баъд аз чанд дақиқа эшон бо зону роҳ рафта рӯ ба рӯи касе, ки ба дасти росташ нишаста буд, нишаст; зонуҳои эшон ба зонуҳои он мард мерасид; эшон дасти рости худро ба рӯи зонуи он мард монда қадре хомӯш ва сарҳам истод, пас аз он ба марди дигар гузашт, ба ҳамин тариқа ягон-ягон ба навбат ва аз як сар аҳли ҳалқаро таваҷҷӯҳ дод, то он вақт намози шом расида азон гуфта шуд, пас аз адои намози шом муллоёни хабар кардашуда ҳам расида омаданд. Эшон бо онҳо гарму сӯзон вохӯрдӣ кард, онҳо ҳам эшонро гармпурсӣ карданд, лекин дастбӯсӣ накарданд, бо ишорат ва илтимоси эшон дар паҳлуи ӯ қатор нишастанд.

Дастархон омад, шӯрбои серравғанро бо фатири равғанизардӣ пасту расо хӯрданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Азми кучо доранд?— гуфта Мулло Мухаммадсалим аз эшон пурсид.

— Мехохам ба тарафи Хисор ва Душанбе рафта, бузургворони он тарафро зиёрат кунам; соли гузашта хам ба он тарафхо сафёхат карда будам, дар он чохо хеле мазороти пурфайз хастанд. Мардуми омма намефахмад, лекин касе, ки аз сулуки машоих бахра ёфтааст ва кашфи кубурро ба вай насиба кардаанд, медонад, ки дар он хокхо чй гуна бузургон хобидаанд. Соли гузашта, вакте ки ман ба Хисор расидам, чаноби Остонакулбек — кушбегии Хисор бо вучуди нолоики ба ин камина изхори ихлос карда зиёфат ва мехрубонихо намуданд. Ин чакман (ба чакмани пиёзии худ ишорат карда) хам аз табаррукихои хамон шахс аст. Ба он кас хам мовути ин чакманро такьядорашон шайх Абдулазиз аз Истамбул фиристода будааст! Мегуянд; асли ин аз хазинахонаи халифаи муслимин Султон Абдухамидхон ба шайх инъом шуда будааст. Ба камина аз кашфи кулуб хам андаке бахра хаст, вакте ки бо мири кушбеги хамхалка шудем, маълум шуд, ки он шахс хам холи набудаанд; бо вучуди ишголи дунъё ва хукуматдорй ба ин давлат расидаанд, ки хеле чои тахсин аст. Мири кушбеги хостанд, ки факир ба он кас наздик бошам ва гох-гохе хамхалка шуда аз якдигар истифода барем. Бинобар ин ба ман мархамат карданд, ки:

— Шумо аз вилояти Хисор ё Душанбе кучоеро ки хохед, талаб кунед; ман аз давлати олй ба шумо медихам, дар он чо манзил карда ба мо наздик шавед.

Ман хама чои он давру пешро дида аз музофоти Душанбе аз тобеоти Янги Бозор кишлоки Янги-Кургонро хуш кардам; аз он чо як тахта замини хосилхезро ба ман мехрубонй карданд, ки имсол дехконони он чоро кор фармуда хамон заминхоро гандум ва шолй корондам; акнун меравам, дар он чо иморат карда факирхонае созам, хам дар лаби дарьёи Кофарнихон чойхои махмул хаст, ки дар он чо осиё ва обчувоз андозам, то ки халкуллох фоидаманд шаванд.

Сухани эшон бисьёр дароз шуд, бо вучуди ин хавасангез буд, муллоён ба кашфи кубур ва кашфи кулуби эшон он кадар хавас накарда бошанд хам, ба чакмани пиёзии «табаррукй», ба заминхои хосилхез ва обчувоз монанди тифли халводида оби даханашон рафт. Хатто Мулло Назармахдум ба гуши Мулло Мухаммадсалим:

— Мо бехуда хок лесида дар мадрасахои Бухоро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

таҳсили илм карда гашта будем, иззат, ҳурмат ва давлат ҳама дар эшонӣ будааст,— гуфта изҳори ҳасрат кард.

Мулло Муҳаммадсалим ба навбати худ суханҳои эшонро хулоса карда:

— Ҳай-ҳай, бисьёр нағз, сафари шумо ҳам зиёрат ҳам тиҷорат будааст,— гуфт.

XIII. АҶИНА АСАР КАРДААСТ

Вақте ки муллоён бо эшон гарми чақ-чақ буданд, касе ба поёни суфа омада дар сояи чароғ истода Яъқуббойро имо кард ва худ пас рафта, дар роҳрави дарвоза истод. Яъқуббой ҳам оҳиста аз суфа фуромада пеши имокунанда рафта:

— Бахайр, Бозорбой, дар ин вақти шаб чӣ хизмат? Агар барои зиёрати ҳазрати эшон омада бошӣ, равон шав, ман зиёрат кунонам,— гуфт.

— Ба сарам як рӯзи бисьёр сахт афтод, додарам якбора бемор шуда аз пой ва забон монд, омадани ҳазрати эшонро шунида омадам, агар ҳамин шаб ё фардо қадам ранҷа карда як куфу суф мекарданд, шояд аз дому нафасашон бечора беҳтар мешуд,— гуфта Бозор дарди дили худро изҳор кард.

— Бисьёр хуб; лекин ман намедонам ту иззати ҳазрати эшонро бачо оварда метавониста бошӣ, ё не?

— Албатта, то ҷон дорам, хизмат мекунам; барои ман додарам беҳтар шавад, мешавад, ҳамин вақт молу чиз ба назарам наменамояд.

— Ин эшон, аз эшонҳои муқаррарӣ не, ин кас як эшони бисьёр калонанд, ба ин кас қушбегии Ҳисор ва ҷаноби олӣ муриданд, агар ин касро ба хонаат барӣ, ҳеҷ набошад, як асп савор карданат даркор аст, ва ҳол он ки ту асп надорӣ.

— Аспам набошад, модагов ва барзаговам ҳаст, бечорапарварӣ кунанд, бо маслиҳати шумо «ҷон гарав, ҷома гарав», як навъ карда хурсанд мекунам.

— Яке аз барзаговонатро назр карданӣ шавӣ, ман гирифта мебарам.

Ятими бой Зуфар, ки дар пеши роҳрав ин гуфтугузорро шунида истода буд, худ ба худ ба зери лаб:

— «Буза ғами ҷон, қассоба ғами чарбу»,*— гуфт.

* Бузро ғами ҷон, қассобро ғами чарбӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Бозор назр кардани як барзаговро ба гардан гирифта чай қадам ранча кардани эшонро аз бой пурсид.

Яъқуббой:

— Имшаб мумкин нест, барои зиёрати эшон уламо омадаанд; фардо пас аз намози ишроқ[10] хоҳам бурд,— гуфта Бозорро гусел кард.

* * *

Рӯзи дигар, вақте ки эшон намози ишроқро хонда шуд, Яъқуббой ба вай салом дода:

— Тақсир, давлат ба ту омад кардааст, барои замине, ки аз Янги Қӯрғон гирифтӣ, як барзагови бисьёр нағзро хам худо ба ту дод.

Эшон аз кучо ва аз чи роҳ омадани барзаговро напурсида нимхез шуда ба таги собот нигоҳ кард ва як чуфт гови дар он чо бастагиро дида:

— Қадом аз инҳост?— гуфта пурсид.

Яъқуббой:— Не, инҳо не,— гуфта воқеаи бемории додари Бозор ва ваъда гирифтанаш назри барзаговро хикоя карда:

— Тақсир, як кор кун, ки алояшро назр кунад; агар чуфти муносиби худашро ёбӣ, дар як шабу рӯз тамоми заминатро меронад,— гуфт.

Эшон:— Худо тақдир кунад, вайро хам меёбем.

— Барои тақдири худо тақдирчунбон хам даркор аст: агар кафшбардорҳои ту мисли ин (ба яке аз кафшбардорон ишорат карда) бебуриш бошанд, худо бузро хам тақдир намекунад.

Эшон ба кафшбардори худ нигоҳ карда:

— Мулло Набот, шунидӣ? Хамин бой хам бебуришии туро фахмидааст, баъд аз ин хушьёр шав ва бо муридон чӣ гуна муомила кардан ва аз онҳо бисьёртар ва хубтар назр ситониданро ёд гир,— гуфт ва ба бой:

— Биё, биравем,— гуфта хар ду равон шуданд. Бой Мулло Наботро хам ба хамроҳ рафтан таклиф кард, ки говро меорад.

* * *

— Аҳволи додаракам бисьёр танг аст, эшон хам то хол наёмад,— гуфта Бозор ба зани худ дарди дил мекард, ки аз берун овози чеғ задани бой омад. Бозор занонро ба гузаштан ба хонаи дигар амр карда, худ ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com

пешвози эшон баромад. Ба мучарради дидани эшон гирья карда саломро аз ёдаш бароварда дастхои эшонро ба чашмаш молид ва пеш даромада омадагонро ба сари бемор бурд.

Бемор дасту по мезад, гох-гох чашми худро кушода ба касони дар он чо буда тез кашида нигох мекард ва боз чашми худро мепўшид.

Эшон дасти худро ба пешонаи бемор монда чизе хонд ва ба тарафи бемор дам андохт. Пас аз он сари худро ба зер андохта чашмони худро пўшида ба мурокаба рафт. Пас аз дах дакика сари худро бардошта як охи сард кашид ва ба бой нигох карда:

— Ба ин ачина асар кардааст, вакташ хеле гузаштааст, бояд шаб ба ман мефахмондй, ки ба сари вакташ расида ачинаро мебастам; хуб, кори ношуданй шудааст, акнун афсўс хўрдан фоида надорад. Ханўз хам вакт хаст, то чон дорем, кўшиш мекунем, шояд бача халос шавад, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд. Лекин барои ин як чондореро, ки аз хама бехтар бошад ва ин кас (ба Бозор ишора карда) аз хама чизаш дўсттар дорад, садака карданаш лозим аст.

Бозор:

— Як барзагови ало дорам, ки ғайр аз додарам аз хар чиз дўсттараш медорам, хамон садакаи кадамат, таксир; коре кун, ки додарам халос шавад,— гуфт.

— Халосй аввал аз худо, дуйўм аз ихлосн худат аст, «ихлосу халос» гуфтаанд. Мову ту чизе, ки аз дастамон меояд, мекунем, ин тарафаш кори худост,— гуфта эшон дубора азоимхониро[11] сар кард. Пас аз ду-се бор ба тарафи бемор дам андохтан, даст бардошта чизе хонд, дигарон хам даст бардошта «омин» гуфта истоданд. Эшон пас аз хондани як дуои дуру дароз даст ба рў кашид ва боз ба тарафи бемор «кўф-суф» гуфта дам андохт. Дигарон хам даст ба рўй кашида «оллоху акбар» гуфтанд.

Эшон ба тарафи Бозор, ки дар чашмонаш об чарх зада истода буд, нигох карда:

— Хафа нашав, «дард дигар, ачал дигар» гуфтаанд; ман ба кўшхона рафта дуо менависам, якеашро кат карда мефиристонам, ки дар пахтаи обнарасида печонда аз болояш се кабат латтаи охарй дўзонда ба кифти росташ мебандй. Дигар се парча дуои кушода мефиристонам, ки якеашро хозир, дигарашро пешин ва сейумиашро шаб дар об тар карда ба бемор менўшонй, ди-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

гар ба се бўлак тахтача дуо навишта мефиристонам, ки якеашро хозир, дуйўмашро пешин ва сейумашро шаб дуд карда ба зери домани бемор нигох медорй — гуфта эшон аз чой бархост, дигарон хам хестанд. Бозор пештар давида баромада гови алоро кушода ба пешкаши эшон тайёр кард; эшон бе он ки ба дигарон фахмонад, бо зери чашм ба гов нигох мекард.

Бой ба Мулло Набот нигох карда:

— Говро аз дасти ин гир,— гуфт ва ба Бозор нигох карда:

— Ту зуд ба пеши додарат рав, ки вай танхо намонад,— гуфта ўро баргардонид ва худ бо эшон чак-чак кунон рохи хонаи худро пеш гирифт.

Эшон ба хонаи Яъкуббой омада тахорати тоза карда ду ракъат намози шукри вузў хонд ва ханўз аз сари чойнамоз хеста ба сари табаки ширбиринче, ки дар он чо хозир шуда буд, нонишаста, муаззини кишлок омада эшон ва бойро ба хавлии Бозор ба чанозаи додараш хабар кард.

— Таксир, мардуми авом хуб ихлос доранд, агар беморашон бех шавад, аз эшон медонанд, агар бимирад, аз худо дониста, боз эшонро ба чаноза хабар карда хайрот ва йиртиш медиханд; ба хар хол эшонон аз мурдашуён боиззаттар ва хуштолеътаранд: бечора мурдашуён, бо вучуди ин ки ба мурдани мурда хеч дахл надоранд ва танхо пас аз мурданаш шустушўй мекунанд, ба чаноза рох дода намешаванд ва як шахси шумкадам пиндошта мешаванд,— гуфта бой ба эшон шўхй кард.

XIV. ЧАНОЗА

Эшон бо имоми кишлок ва кафшбардорони худ пас аз фотеха хондан ва таъзиярасонй ба Бозор, барои ёзидан ва тахорат тоза кардан ба сари масчид рафт. Аммо Яъкуббой бо мўйсафедон ва арбоби деха дар мурдахона монд.

Яке аз мўйсафедони кишлок пас аз дилсўзй кардан ба мурдани Сафар ва ба Бозор тасаллй додан, гуфт:

— Додарам, Бозорбой! Бародарат аз дунье хеч чиз надида рафт, бечора фарзанд хам надорад, ки чирогиц ўро равшан кунад, занаш бошад, пас аз бисту чил, агар бисьёр вафодорй кунад, пас аз оши сол баромада меравад. Акнун ба ту лозим аст, ки рўхи ўро хушнуд ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шод кунӣ, дар миёни дӯсту душман иззату обрӯй карда ӯро гӯронӣ; чизи дуньё дар зиндагӣ ба як рӯзи бад ва як рӯзи нек даркор мешавад, шукри худо, дехқонӣ дорӣ, мулк ва асбоб дорӣ, ғаллаву дона дорӣ, чуфти гов дорӣ...

Вакте ки мӯйсафед чуфти говро ба забон овард, Бозор магар эшон гови бурдаашро пас аз мурдани Сафар боз фиристодааст гуфта ба таги собот як нигохи умедворона кард. Чун дид, ки аз гови рафта асаре нест, монанди он, ки зинда шудани бародаращро умед карда бошад, дубора ба навмедии сахт афтод.

Мӯйсафед аз ин аҳволи Бозор пиндошт, ки ба суханҳояш дуруст диккат намекунад, бинобар ин кадре шӯрида:

— Бозор, ман ба ту гап мезанам, гӯш кун!— гуфта ба сухани худ давом кард:

— Шукри худо, ғайр аз додарат дар дуньё хеч камӣ надорӣ, тани сиҳат дорӣ ва куввати кор дорӣ, обрӯй кун; агар мӯҳточӣ дошта бошӣ, Яъқуббой ёрмандии худро аз ту дареғ намедорад,— гуфта мӯйсафед суханони «маслиҳатомез»-и худро тамом кард.

Яъқуббой бо чунбонидани сари худ ин сухани «маслиҳатдиҳандан мехрубон»-ро тасдиқ карда:

— Албатта, албатта,— гуфта ба гап даромад:

— Ман орзу доштам, ки,— гуфт Яъқуббой,— ба Бозор дар тӯи писараш хизмат кунам, холо хам ин нияти ман баркарор аст, худо ба он рӯз расонад, худам сар шуда Ёдгорро тӯй карда медиҳам. Лекин имрӯз, ки худо рӯзи сахтеро ба сари Бозорбой овардааст, хеч гуна ёрмандиро аз вай дареғ намедорам; хар чӣ кадар иззату обрӯй, ки ба мурдаи додараш кардани бошад, бе ибо кардан гирад, ман ба ёрмандӣ хозирам.

Арбоби деха:—Баракалло, бой! Дар рӯзи нағз хар кас дӯст аст, дӯст он аст ки дар рӯзи бади кас кор ояд ва дастгирӣ намояд,— гуфта ба сухани бой лаб монд.

Бозор чашмони гирьяолуди худро бо остин пок карда:

— Аклу хуши ман рафтааст. Чӣ кор кардан даркор буданро хам намедонам, хар чӣ ки лозим бошад, сар шуда кунетон ман ёр хастам,— гуфта монанди мурдае, ки ба дасти мурдашӯй супорида шуда бошад, тамоми инони ихтиёри худро ба дасти калонишавандагони деха супурд. Пас аз ин барои харочоти мурда Бозор не, балки арбоби деха ва Яъқуббой хукмрон буданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Асбоби такфин ва йиртишворӣ аз хонаи Яъқуббой оварда шуд, сад танга нақдаро ҳам барои хайрот бой ба дасти арбоб супурд, махсусан барои пешкаш кардан ба эшон, бой як туб дока ҳам дод. Ошхӯру обхӯри атрофро ба ҷаноза хабар карданд. Имомҳои атроф ҳам бо кавмхои худ омада фотеха хонда ба ҷаноза хозир шуданд.

Имоми кишлок бо факире омада нишаста барои лавра кардани мурда тайёрӣ дид; мурдашӯй ҳам кафанро духта барои шустан мурдаро ба рӯи тахта гирифт. Муаззин ба имом: — даст ба об карданд,— гуфта хабар дод. Имом давраро сар кард, гӯё «ба бадали савму салот[12] ва сояри воҷиботи қазошудаи яксолаи Сафар» як аспи амонатро, ки аз хонаи арбоб оварда буданд, ба факир бахшид. Факир бозгашта аспро ба имом бахшид; ин хол бист бор давом кард, пас маълум шуд ки Сафар сивудусола будааст, 12 соли аввал, ки вакти сайирист, аз ҳисоб бароварда шуда, қазоҳои бистсолааш ба гардани факир ба бадали асп бор карда шуд, пас аз тамом шудани давра аспро аз факир ба бадали як табақ гандум харида ба соҳиби аслиаш доданд; факир ба бадали як табақ гандум гӯё «гуноххои бистсолаи Сафарро бардошта рафт».

Акнун ба хисоби имом Сафар монанди он, ки нав аз модар зоида шуда бошад, тамом бегуноҳ шуда буд.

Пас аз адои намози ҷаноза ва гӯронидани мурда йиртиш ва хайрот тақсим шуд; се рӯзи дигар фотеҳахонӣ ба сари хок давом кард. Бегоҳи ҷумъаи нахустин боз фотеҳахонӣ ва хатми қуръон шуд; пас аз ду ҳафта «бист», пас аз панҷ хафта «чил» шуд. Дар бист ва чил хам ошу об, хатми қуръон шуда деги имом, муаззин ва калонони кишлок чӯшид.

Пас аз гузаштани мавсими азодорӣ ва айёми сӯгворӣ арбоб ба хонаи Бозор омада харочоти мурдаро ҳисоб дод: аз рӯи ҳисоби арбоб Бозор аз бой сад тангаи нақда ва панҷ чувол гандум карздор шуда буд, зеро аз рӯи таомули вилоят асбоби такфин ва газворҳои йиртишш бо гандум ҳисоб карда шуда буд.

Арбоб гуфт:—Бозор! Ғаллаву дона, кунчид, зағир, гӯза ва хар чизе дорӣ, фӯрухта пули нақдаи бойро адо кун, то ки бародарат дар қабр осуда бихобад; гандумро бошад, кадре зиёд карда аз сари хирмани соли оянда медихӣ.

Бозор:—Мани танҳодаст дар ин вакти сол, ки айни

E-mail: ziyozoda@gmail.com

долу зарби кору бори деҳқонист, ғаллаву донаҳоямрс ба кӣ ва ба кучо бурда мефурӯшам; ба бой гӯй, ки ҳамин қадар некӣ кард, чанд рӯзи дигар бардошт кунад, дасти ман холитар шавад, то ки асп ва улоғ ёфта ин чизҳоро ба Душанбе ё ба Кӯлоб бурда фурӯшам.

— Бозор, ту ғам махӯр ва ҳеҷ ташвиш ҳам макаш, мувофиқи таомули замона ғаллаҳоятро ба худи бой нарх карда медиҳам: вай одами сердастьёр аст, хоҳад ба Душанбе бурда мефурӯшад, хоҳад ба Кӯлоб. Ба ҳар ҳол қарзи мурдаро зудтар баробар кардан даркор аст, то ки бечора додарат дар гӯраш осуда бихобад.

Бозор ба ин кор розӣ шуда, чӣ қадар зиёд карда додан даркор будани панҷ чувол гандумро пурсид.

Арбоб:—Ин ҳам аз рӯи таомули вилоят мешавад; лекин бой туро риоя карда як қадар сабук ҳам мекунад. Агар касе аз касе дар вақти баҳор барои тухм гандум қарз кунад, таомули ваъдаи сари хирман дучанд аст. Ҳоло то баҳор шаш-ҳафт моҳи дигар ҳаст, то вақти гандумбардорӣ қариб дах моҳ ҳаст; бо вучуди ин бойро ба дучанд, яъне дар бадали панҷ чувол ба дах чувол розӣ мекунем. Лекин ту ин некиҳои ман ва бойро аз хотират набарор, ҳар вақт ба кору кочоли бой ёрӣ дода ист, дар ҳаққи худам чизе намегӯям, ба ҳаққи ман ҳар чизеро, ки муносиб бинӣ, ҳамонро кун,— гуфта арбоб масъалаи ҳисобиро тамом намуд ва ба сухани худ давом кард:

— Биё, акнун пеши бой равем, чизеро, ки дар ин чо гуфтушунид кардем, ба худи бой фаҳмонда ризогии вайро ҳам гирем, пас аз он кадом рӯзе, ки бой фурсат ёбад, ғаллаҳоятро баркашида медиҳӣ.

— Хуб, биравем,— гуфт Бозор ва ҳар ду пеши бой рафта қавлу қарори гузаштаро арбоб ба бой маълум кард.

Бой ҳам аввал ба хотири худи Бозор, дуйум барои шод кардани арвоҳи Сафар, сейум ба хотири арбоб он қавлу қарорро қабул карда:

— Ширинкоман арбобро дурусттар кун!— гуфта ба Бозор тавсия намуд.

ХV. МАСЛИҲАТ

Имсол кори деҳконии Бозор монанди пештара авҷ накард, зеро барзагови чуфташ тока, ду марди коркун як шуда монда буд. Корҳои хонагии Бозор ҳам монан-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ди пештара пеш нарафт, зеро пас аз чили мурдан Сафар зани ӯ ба хонаи хешовандони худаш баромада рафт; Мехрмох, ки танхо монда буд, дасташ аз дарзу дуз ва пухту сохти хона фориғ нашуд; бинобар ин мисли харсола алочаву карбос тайёр карда натавонист. Бо ин хама танҳоластӣ, Бозор мачбур буд, ки як қисм вақташро ба корӣ бой сарф кунад.

Гандум пухт, аз хама пештар ба сари чош чувол-хои Яъкуббой хозир шуд. Пас аз он ки дах чувол гандум ба бой рафт, баъд аз баровардани хаққи даравгар, бодигар ва хаққуллохҳои имом, гуё барои Бозор танхо чол ва кох монда буд.

Гӯза ва загиру кунчид бошад, ба хирочи подшохӣ ва ба ошн соли Сафар сарф шуд.

Имсол Бозор аз аввали зимистон ба ёрмандии Яъкуббой мухточ гардид. Бой хам «ёрмандии» худро аз вай дареғ намедошт, назар ба кавли бой дар миёнаи вай ва Бозор моли дуньё ва чизи дуньё писанд набуд, танхо саломатии яклигар даркор буд, пас аз ин аз рӯи эхтиёти як рузи ноомад, хар чизе, ки ба Бозор даркор шавад, хозир буд, ки бо як парча хати козӣ додан гирад. Аз хати козӣ тарсидани Бозор даркор набуд. Ин он кадар вазнинии зиёдатӣ надошт; танхо хамон шартхоеро, ки дар муомилахои пештара забонӣ мекарданд, акнун дар хат меандохтанд.

Бозор хар чӣ бошад, аз хат дар андеша афтод, то охирин токати худ сабр кард ва чизе талаб намуда ба дари хонаи бой нарафт. Окибат дар хонааш як каф чизи хурданӣ ва як парча чизи пӯшиданӣ намонд; ночор барои талаби галла ба дари хонаи бой рафт.

— Додар! Ман чизи худро аз ту дареғ намедорам, — гуфта бой гап сар кард,— чунончи, мисоли инро дар соли гузашта — дар вактхои тангӣ ва фурӯмондагиат дидм: ман кавли туро кавл, лафзи туро лафз медонам ва ба ту эътимод мекунам, аз ин эътимоди худ то хол зарар накашидаам ва фиреб хам нахӯрдаам. Лекин ин ахвол то замоне, ки ману ту зинда бошем, чунин аст. Аммо рафту ба сари ман, ё ба сари ту ягон казое афтода, додугирифти ману ту ба фарзандонамон, ки хануз сагиранд, гузарад, маълум нест, ки «онхо хак ба хакдор» карда метавонанд, ё не? Азизон «то бад нагӯй, нек пеш намеояд» гуфтаанд, бинобар ин барои рӯзи бад — рӯзи ноомад, як дилпурӣ даркор аст, то ки баъд аз сари ману ту хам хисобамон ба киёмат намонад. Ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дилпурӣ як парча хати козист. Аз ин хат ту ҳеҷ зарар намекашӣ, чунончи, ғаллаеро, ки ту аз ман гирифтанӣ ҳастӣ, пул ҳисоб мекунем, дар бадали он, бо хати козихона, заминҳоятро ба ман ҳосилгарав мекунӣ, боз заминҳо монанди пештара ба дасти худат меистад, худат мекорӣ, худат мебардорӣ, танҳо дар вақти ҳосил чизеро, ки соли гузашта забонӣ гуфтушунид карда додугирифт карда будем, медиҳӣ.

Бозор дар андеша фурӯ рафт. Ҳарчанд аз рӯи гуфтаҳои бой ғайр аз «як парча хати козӣ» чизи зиёдатӣ аз соли гузашта ба зарари худ намедид, боз дилаш дар ташвиш афтода буд, аз ҳамин рӯз сар карда гӯё ки беватан, безамин ва бехонумон шуда истода буд. Лекин чора чист? То вақти гандумпазӣ шиками худ, зани худ ва бачаи сағири худро сер кардан даркор аст; ғайр аз ин агар имсол тухм наёбад, дар соли оянда ҳам бегандум ва гурусна хоҳад монд.

Яъқуббой аз чашмони ба ҳайрат фурӯрафтаи Бозор, ки монанди чароғи электрикии саҳнаи кино, ҳамаи андешаҳои ӯро ба нуқтаи муқобил акс мекунонд, ба хаёлҳои вай пай бурда гуфт:

— Бозор, магар аз гуфтаҳои ман бадгумон шудӣ, ки дар андеша афтодӣ; худ медонӣ, ки то ҳол ман дар ҳаққи ту бадӣ накардаам ва пас аз ин ҳам бадӣ кардани нестам. Ин гапҳоро маҳз барои эҳтиёт ва рӯзҳои ноомад гуфтам: агар бадгумон шуда бошӣ, боз монанди соли гузашта ҳозирам, ки бе хат шиками туро сер кунам; лекин агар як парча хат дар миёна бошад, дили кас аз ҳар вақт барқарор мешавад. Боз фикр карда бин ва ба ҳар кас, ки хоҳӣ, машварат кун, пас аз он ба як қарор биё! Алҳол аз нӯги кор як чувол оварда гандум бар.

Бозор аз сухани охирини бой, ки хеле мулоимона ва меҳрубонона буд, қариб аз шубҳа баромад, бо вучуди ин:

— Хуб, то фардо фикр карда бинам,— гуфта имрӯза гуфтугузорро ба поён расонида рафтанӣ шуд.

Бой: — Боракалло, гап ин-дия, «чоман бомаслиҳат буридашуда кӯтоҳ намеояд» гуфтаанд, фикр кун, маслиҳат кун, ҳар гап бошад, баъд мешавад,— гуфта Бозорро узот кард ва боз аз дунболи Бозор:

— Чӣ гуфтам, агар дар хонаат чизе хӯрданӣ намонда бошад, зуд чувол биёру гандум бар, бачаҳо гушна

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мамонанд,— гуфта бой дили Бозорро бардошт; Бозор ҳам:

— Саломат бошед,— гуфта ба роҳи ҳул рафт.

* * *

— Ҳа, ака Бозор, аз кучо? Хавосат парешон барин менамояд?

— Хеч гап не, аз ҳамин чо — аз пеши хӯчаинат меоям.

— Чй гап буд он чо? Чанд вакт боз чудо хӯчаиншинос шуда рафти-а; акнун моёнро назарат ҳам намегирад.

Бозор захрханда карда:

— Бедардҳо барин гап мезанй-я, Зуфар! Агар мӯҳточ намешудам, калапушам ба хонаи хӯчаинат меафтод ҳам, рафта намегирифтам, мӯҳточй ва нобудагист, ки рангамро зард карда маро ба дари ӯ мебарад.

Ин шахс, ки Бозор уро Зуфар гуфта ном бурд, ятими чуфтрони бой буд, дар вакте ки чуфти говро пеш андохта аз сари замин меомад. Бозорро аз дур дида гап сар карл, то вакте ки дар миёнаашон гуфтугузори дар боло навишташуда гузашт. Зуфар ба пеши Бозор расида омад, говонро бош-бош гуфта аз роҳ боздошта, дар канори роҳ монда ва ҳуд омада:

— Ассалому алайкӯм. Чй тавр, саломат ҳастй, бачагонат чй тавр?— гуфта бо Бозор вохӯрдй ва пурсучуй кард; Бозор ҳам:

— Ваалайкум ассалом. Шукри худо, аз хок берун, аз худат пурсем, монда нашави,— гуфта ба вай чавоб дод.

Магар Зуфар аз чуфтронй хеле монда шуда омада будааст, ки:

— Биё, Бозор, ин чо нишин! Чорта гап занем, ҳалокиҳо барояд,— гуён рафта дар канори роҳ нишаст ва Бозор ҳам дар паҳлуи ӯ нишаста ба Зуфар:

— Боз чй мӯҳточй туро ба дари хӯчаин бурд,— гуфта пурсид.

Бозор вокеан дар миёни худаш ва Яъкуббой гузаштаро як ба як накл намуда:

— Ана ҳамин хосилгарав кардани замин маро ба андеша андохт, кас намедонад, ки окибати ин кор чй мешуда бошад? Аз барои ҳамин сари бетана шуда омада истодаам.

Зуфар сари худро бо ишорати инкор ва рад чунбонида гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ака Бозор! Агар ба гапи ман дарой, ин корро накун, хўчаинро аз ту бисьёртар ман мешиносам (чоман чиғда-чиғда даридаашро бо эзори аз нифа чудошудааш нишон дода), сол дувоздаҳ моҳ, шабу рўз кор мекунам, ана холам ҳамин, ишкам бошад, бештарин вақтҳо танбўр менавозад, дар ин наздикихо рўи сериро надидаам; хўчаин ҳамеша худро ба ҳар кас раҳмхўр нишон медиҳад; лекин ҳамааш дурўғ аст; ин барин одами сахтдили мумсик дар дуньё кам ёфт мешавад, ин ҳама ғамхўриҳо, ки ба ту мекунад, барои ба даст даровардани замин ва мулку асбобҳои туст. Ин «як парча хати дилпурй» бисмиллохи ҳамин кор аст. Агар дар ҳакикат бой одами рахмдил бошад, маро, ки ғуломвор ба дари хонааш кор мекунам, чаро сер намекунад, чаро намепўшонад?

Зуфар як ох кашида боз ба гапи худ давом кард:

— Як тахта замини ҳосилхезе, ки дар офтоббарои заминҳои туст, аз они падари ман будааст. Рахматй падарам ҳамин заминҳоро ба ман нишон дода чй навъ шуда ба дасти бой гузаштани онҳоро хикоят мекард. Аз рўи гуфтаи падарам: вакте ки вай мехоҳад хонадор шавад, бой ба вай «ғамхўрй» карда пул карз медиҳад ва пўшокворихои тўйро ҳам медиҳад, ғайр аз ин ба ҳар маъталй ва мўҳточиаш ҳам «ёрмандй» мекунад. Вакте ки карзи падарам вазнинтар мешавад, бой барои «эҳтиёт» заминҳоро ҳосилгарав мекунад, кам-кам чуфти гов ва асбоби деҳконй хам аз дасти падарам ба дасти бой мегузарад, падарам, ки буду нобудаш аз даст рафта, дасту пояш аз замину осмон меканад, ночор ба хизмати бой медарояд, то вакти мурданаш як рўз сер бошад, ду рўз гушна меҳнати сиёҳ карда умр мегузаронад.

Баъд аз сари падарам ман ҳам монанди як ғуломи хоназод[13] ба дари ин одам мондам, чои рафтани ва кори карданй надорам, ночор хоҳ гушна бошам, хоҳ сер, кори ин касро мекунам. Ман араки чабин мерезам, донаҳои гандуми тиллоранг насиби ин одам мешавад; ман меҳнати сиёҳ мекунам, ғўзаҳои сафеди пахтаро ин кас дар анбори худ меандозад: ба сабаби бисьёр кор кардан иликҳои ман хушк мешавад, зағиру кунчит ба чувози ин одам даромада равған мегардад.

Ҳамин пагоҳ ба ҳамон заминҳо чуфт баста будам, ҳамин вокеаҳо ба ёдам омада, дуд аз димоғам баромад; мехостам ягон касе бошад, ки бо вай кадре дар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ду хайрат карда, андаке дили худро холӣ кунам, ҳар чӣ ту аз пеш баромадӣ, ки чорта гап зада бори худро сабук кардам.

Зуфар дар охири сухани худ:

— Туро аз рох монондам, бубахш, бародар! Ҳар чӣ бошад, бо бой коратро доништа кун,— гуфта говхоро пеш андохта ба тарафи хонаи хучаинаш рафт.

Бозор хам пас аз шунидани гуфтахои Зуфар, аз пештараш зиёдтар андешаманд гардида ба тарафи хонаи худ равон шуд

Бозор бо як сару хазор савдо ва бо як дилу хазор хаёл ба хонаи худ даромад, ки бачааш гирья мекунад ва занаш Мехрмох:

— Дам шин, ана отаат омад, нон овард,— гуфта кайро оромонидан мешавад.

Вакте ки чашми бача ба падараш афтод, аз канори модараш часта худро дар огуши падар андохта:

— Дада, дадачон! Нон мехурам, нон овардӣ? Нонат кучост?— гӯён чайб ва багали падарашро кофтан гирифт.

Бозор:

— Чони дадеш, барзагови дадеш. Ана хозир нон меорам, очеш! Чувол кучост? Ёфта дех, ман ба бачаякам як чувол нон биёрам,—гуфт.

Мехрмох:

— Рости, фикри нонро дидач даркор аст, бача хамин рузи озод намак начашидааст, аз нон гуфта гирья кардан кораш шуд.

Бозор:

— Аз хамсоягон ягон нон карз мегирифтӣ намешуд?

Мехрмох:

— Аз кадом хамсоя? Аз хар кадомашон якта-дута нон карз гирифтаам: дубора ба карз талабидан рӯям намешавад. Баъд аз гирифтан доданамон хам маълум нест. Аз Бибисоро ду рӯз пеш аз ин якта нон карз гирифта будам, имрӯз ки бача бисьёр гирья кард, боз ба руям чарм кашида ба сари девор рафта:

— Илохи барака ёбӣ, боз ягонта нон карз дех,— гуфтам. Рӯяшро турш карда:— нонамон тамом шуд, имрӯз хамир карданам хам маълум нест,— гуфта ба хонааш даромада рафт.

Бозор:

— Хар чӣ бошад, ягонта нон ёфта ба бача хӯрон,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ман аз бой ваъда гирифтам, як чувол гандум медиҳад, лекин то осиё бурда орд карда овардан як рӯзи дигар мегузарад. (Ба бача нигоҳ карда) Ёдгор! Ту пеши очет нишин, ман ҳозир чуволро бурда пур карда нон меорам,— гӯён аз ҷой хест ва чуволро гирифта аз дар баромаданӣ шуд, боз як пои худро пас монда, ба занаш нигоҳ карда:

— Ба ту як маслиҳат доштам; бой гандум доданӣ шуд, лекин мегӯяд, ки заминҳоятро ҳосилгарав кун. Ман ҳайрон шуда истодаам, ки чӣ кор кунам? Ту чӣ мегӯӣ?

Мехрмоҳ:

— Ҳаргиз ин корро накун, беватан ва дар ба дар мешавем.

— Хуб, пас зиндагиро чӣ навъ мегузаронем?

— Бисьёр не, кам, ғами хӯрокворирро хӯрдан даркор, қаноат мекунем, як навъ карда худро ба гандумпазӣ мерасонем.

— Аввал он ки бо як хӯрокворӣ кор буд намешавад, барои гов кунҷора ва барои кишт тухм даркор аст: дуйум, ҳамин каму беш хӯрокворирро ҳам кӣ медиҳад: худат якта нонро ба қарз ёфта натавонистӣ ва «намедиҳанд» мегӯӣ, ман даркориҳои солонаро бе хат ва бе гаравӣ, чӣ гуна ба қарз меёбам?!

Мехрмоҳ:

— Ҳар чӣ бошад, ман ба ин кор маслиҳат дода намегавонам, худат медонӣ; лекин то чон дорӣ, ин корро накун!

Худи Бозор ҳам аз таги дил ба ин кор розӣ набуд, лекин чораи дигар надошт, ба занаш ҳам шояд ягон маслиҳате барояд гуфта гап зад, аз ин ҳам ғайр аз «ин корро накун» маслиҳати фоиданоке набаромад. Бинобар ин танҳо ба «марҳамати бой» такья карда, ба роҳ даромад. Бозор гӯё ба дарьёи бепоёне ғарқ шуда ва ба рафти об тобеъ гардида, ба дари хонаи бой рафта ӯро чег зад. Бой баромада дид, ки ба дасти Бозор чувол аст, донист кори Бозор хеле танг аст:

— Зуд омадӣ, магар ба касе маслиҳат накарда худат гуфтаҳои маро қабул кардӣ,— гуфта бой замири дили Бозорро фаҳмиданӣ шуд.

— Ҳозир гандумро осиё барам,— Бозор ҷавоб дод, — бачагон бисьёр гурусна будаанд, фурсати маслиҳат нашуд, фардо бо ягон кас маслиҳат карда ба шумо ҷавоб медиҳам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Бой кадре авзои худро бечо карда:

— Додар! Кори дунё ин тавр намешавад, бояд маслихат карда гапатро ба як чой монда меомадй; холо хам чуволро ин чо мон, як сари кадам ба хонаи арбоб рав, маслихат карда биё!

Бозор, паси сар хорон-хорон, пеши арбоб рафта вокеаро ба вай гуфт ва аз вай маслихат чуст. Арбоб гуфт:

— Дар ин кор чи чои маслихат аст? Дар дунё касе нест, ки чизи худро бе хат, бе дилпурй ба касе бароварда дихад, руи хотири мо буд, ки порсол бе хат бой ба ту карз дод. Имсол хам агар ман рӯй андозам, бе хат медихад; лекин аз рӯи шуниди ман, кори худаш хам андак танг аст; ин ахволро, албатта, ба касе изхор намекунад, лекин ман медонам,ки дар муомилахояш танги дорад: ту мебинй, ки бой хар рӯз ду бӯгча моли баззозиро ба аспи худ бор карда имрӯз Кангурт, фардо Балчувон, пасфардо ба бозори дигар бурда мефурӯшад ва хар хафта ба Кӯлоб, ё Душанбе рафта аз он чохо той-той мол меорад. Ту гумон мекунй хамаи ин молхо, аз они худи вай аст ва бо дастмояи худаш додугирифт ва харидуфурӯш мекунад. Не, ин тавр не! Вай хам аз бойхои дигар ва аз кантӯрони* рус ба наъда мегирад ва ба бадали он аз забонаш хат медихад, васикахои замин ва амлоки худро гарав мемонад. Имсол аз ту хати гаравй талаб карданаш барои ин аст, ки хати туро хам ба гарав монда ба ягон дарди худ дармон кунад; вагарна бой дар дили худ хеч модарбахатой надорад, бой он гуна одами бадкирдор не, ки хила карда мулки касеро аз дасташ гирад. Рав, хат додан гир. Хеч парво накун, хеч гап намешавад. Натарс! Агар ба бой замин даркор бошад, нимаи заминин мамлакат бекишт ва бесохиб хобидааст, хамонхоро сохибй кунад, намешавад, дар чои мо аз замин бекадртар чиз нест.

Ҳатто ҳучаин ба Ҳозир ҳарчи шуда ҳамаҳ чаҳ ҳамаҳ ҳарда бошад ҳаи, ҳай ва тоа ҳаи шир ҳарда, ранҷаро ва сухт то шом дар шарҳарҳаи сарҳаф шуда-рониҳ, ҳас ва ду ҳаи гуфтаҳои чунин фаҳмид шудаҳ, ҳа гӯё ҳатто ба ҳатт бошт ба шунаҳро ва сабаҳ ҳарда ҳарда бошад

ҲАЗИ ЧАҲОРУМ ҲАЗ

Тафсилаи ҳуд, ранҷ шуфаҳои шаҳаи Ҳозир ва Са-марқанд шунаҳа гирифт, ҳатто сафари Самарқанд ҳар-рӯза. Ҳучаин ҳаҷ, ки Ҳозир ва ҳамаҳатҳои ҳамсуҳбат ҳаст Ин гуна ҳамаҳатҳаро ба шуд, шудаҳи ҳарда шир фаҳмида шунаҳа ҳаст, агарчи худ ин ҳамаҳатҳо ҳамаҳ ба ҳа шунаҳ ҳушаҳ шир ҳарда гирифт ҳаи, дигар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хизматгорон инро вайрон хоҳанд кард ва инро хоҳанд андохт, ки ба дари дигаре бо музд хизмат кунад, бинобар ин «илочи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард».

Хӯҷаин, пеш аз баромадан ба сафари Самарқанд, Бозорро пеши худ хонда гуфт:

— Ман намехоҳам туро бе музд кор фармоям, бинобар ин солона як чиз гуфтушунид карда монем, бехтар аст.

Бозор:

— Саломатии шумо даркор аст, ман як марди мусофирам, дар хонаи шумо мисли хонаи худам ҷойгир шудам; аввал он ки музд даркор не, агар не-не гуфта худатон химмат карданӣ бошед, ман чизе намегӯям, ихтиёр ба худи шумост,— гуфта одамгарӣ кард.

— Дигарон камтар диҳанд ҳам, ба ин одамгарии ту ман ҳам одамгарӣ карда ба ту соле панҷоҳ танга додани мешавам хурсанд мешавӣ?

— Худо давлататонро зиёда кунад, ман, албатта, хурсанд мешавам.

— Як таомули дигар,— гуфт хӯҷаин,— дар миёнаи гӯсфандҷаллобон ва чӯпонон ҳаст, ки вайро ҳам ба ту шунавонида монам; ин таомул чунин аст. ки агар гӯсфандеро дар роҳ гург хӯрад ё гум шавад, тавонаш ба гардани чӯпон аст: ин таомулро барои ин кардаанд, ки бештарини чӯпонон мардумони пасти ҳақношинос мешаванд, аз хӯҷаин ош мехӯранд, нон мехӯранд, пӯшок мепӯшанд, лекин моли вайро сариштa намекунанд, ба ин сабаб бисьёр гусфандон дар роҳ талаф, ё гум мешаванд. Ҳатто баъзе чӯпонон аз дуздӣ ҳам рӯй намегардонанд, бинобар ин ин шартро дар миён овардаанд, ки чӯпонон саҳл нагиранд ва худашон ҳам гӯсфандеро надузданд. Албатта, ту аз он одамони кӯрнамак нестӣ, бо вуҷуди ин аз катори мардум баромада бо ту ин шартро накардан муносиб не; зеро дар он вақт дигар чӯпонон ҳам шав гирифта аз миён бардоштани ин шартро талаб мекунанд.

Агарчи Бозор дар аввали кор аз ин шарт тарсида бошад ҳам, ба корчаллонӣ ва эҳтиёткории худ такья карда, инро ҳам ба гардани худ гирифт.

Ҳақиқатан Бозор аз толеи худ хурсанд буд; вай хаёл мекард, ки агар 12 сол бо ин шарт кор кунад, ҳар сол панҷоҳтангагӣ дар 12 сол шашсад танга мешавад; агар харсола музди хизматро дар охири он сол гирифта ба он пул гӯсфанд харида мондан гирад, дар андак вақт як чорводорча хоҳад шуд; агарчи худ дигар нияти

E-mail: ziyozoda@gmail.com

[illegible] [illegible] [illegible] [

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хизматгорон инро вайрон хоҳанд кард ва иғво хоҳанд андохт, ки ба дари дигаре бо музд хизмат кунад, бинобар ин «илочи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард».

Хӯҷаин, пеш аз баромадан ба сафари Самарқанд, Бозорро пеши худ хонда гуфт:

— Ман намехоҳам туро бе музд кор фармоям, бинобар ин солона як чиз гуфтушунид карда монем, беҳтар аст.

Бозор:

— Саломатии шумо даркор аст, ман як марди мусофирам, дар хонаи шумо мисли хонаи худам ҷойгир шудам; аввал он ки музд даркор не, агар не-не гуфта худатон ҳиммат карданӣ бошед, ман чизе намегӯям, ихтиёр ба худи шумост,— гуфта одамгарӣ кард.

— Дигарон камтар диҳанд ҳам, ба ин одамгарии ту ман ҳам одамгарӣ карда ба ту соле панҷоҳ танга додани мешавам хурсанд мешавӣ?

— Худо давлататонро зиёда кунад, ман, албатта, хурсанд мешавам.

— Як таомули дигар,— гуфт хӯҷаин,— дар миёнаи гӯсфандҷаллобон ва чӯпонон ҳаст, ки вайро ҳам ба ту шунавонида монам; ин таомул чунин аст. ки агар гӯсфандеро дар роҳ гург хӯрад ё гум шавад, тавонаш ба гардани чӯпон аст: ин таомулро барои ин кардаанд, ки бештарини чӯпонон мардумони пасти ҳақношинос мешаванд, аз хӯҷаин ош мехӯранд, нон мехӯранд, пӯшок мепӯшанд, лекин мэли вайро саришта намекунанд, ба ин сабаб бисьёр гусфандон дар роҳ талаф, ё гум мешаванд. Ҳатто баъзе чӯпонон аз дуздӣ ҳам рӯй намегардонанд, бинобар ин ин шартро дар миён овардаанд, ки чӯпонон саҳл нагиранд ва худашон ҳам гӯсфандеро надузданд. Албатта, ту аз он одамони кӯрнамак нестӣ, бо вуҷуди ин аз қатори мардум баромада бо ту ин шартро накардан муносиб не; зеро дар он вақт дигар чӯпонон ҳам шав гирифта аз миён бардоштани ин шартро талаб мекунанд.

Агарчи Бозор дар аввали кор аз ин шарт тарсида бошад ҳам, ба корчаллонӣ ва эҳтиёткории худ такья карда, инро ҳам ба гардани худ гирифт.

Ҳақиқатан Бозор аз толеи худ хурсанд буд; вай хаёл мекард, ки агар 12 сол бо ин шарт кор кунад, ҳар сол панҷоҳтангагӣ дар 12 сол шашсад танга мешавад; агар ҳарсола музди хизматро дар охири он сол гирифта ба он пул гӯсфанд харида мондан гирад, дар андак вақт як чорводорча хоҳад шуд; агарчи худ дигар нияти

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хонадор шудан надошта бошад ҳам, то расида шуданк писараш Ёдгор кулбае барои худ тайёр карда вайро хонадор хоҳад кард; дар ин сурат то охири умраш дар хонаи худ, дар пеши фарзанд ва келини худ хоҳад монд, ҳайфо ки бечора занаш ин хурсандиҳоро надида дар сари роҳи бекасӣ ва бехонумонӣ мурда рафт, танҳо чудоии зани вафодораш, ки хама мусибатҳоро ба ҳам дида буд, ба хурсандии оянда халал мерасонид.

— Меҳрмоҳ мурд. Меҳрмоҳи вафодорам мурд, ҳар чӣ бенишон нарафт. Ёдгорро ба ман аз худ ёдгор гузошт,— гуфта тасаллӣ медод.

Бозор аз бемурувватиҳои Яъқуббой ҳам акнун он кадар озурда набуд:

— Ҳар чӣ кард ба худ кард, хоҳ нек кард, хоҳ бад кард. Агар вай бад кард, ба ҷои вай худо монанди Азимшоҳ як марди хайрхоҳро ба ман рост овард,— мегуфт ва дар ҳаққи Яъқуббой:

— Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре,— гуфта ёди вайро аз хотири худ тамоман метарошид.

XXIV. САФАР

Рӯзи сафар расид; чанд нафар гӯсфандҷаллобони ургутӣ ва ҳисорӣ ҳам ба роҳ тайёр шуданд, ҳар кадоми онҳо ҳам ба қадри ҳол баъзе сад, баъзе панҷоҳ сар гӯсфанд ғун карда ба чӯпонон супурданд ва ҳамагӣ бо Азимшоҳ як шуда ба роҳ даромаданд; чӯпонон гӯсфандонро меронданд, хӯҷаинҳо ҳам то Ургут бо рамаи худ савора мерафтанд.

Бозор шабҳо чирм накарда рамаи худро, ки 250 сар гӯсфанд буд, посбонӣ мекард: сагро ба ҳар тараф ҳалакиш (алкиш) дода гург ва ҳайвоноти даррандаи дигарро аз омадан ба сари гӯсфандон бозмедошт. То расидан ба Ургут ҳеҷ фалокате рӯй надод. Бозор «— шукр аз ҷоҳои хатарнок бе осибе гузаштам» — гуфта ба дили худ хурсандӣ мекард; вай хотирҷамъ буд, ки пас аз ин ҳеҷ фалокате рӯй нахоҳад дод, зеро аз рӯи шунидааш аз Ургут то Самарқанд сар то сари роҳ ҳама ободӣ, ҳама маъмурӣ, ҳама киштзор, ҳама деҳот ва ҳама боғот аст; дар ин тараф на аз гург ва на аз дузд хатаре нест.

Гӯсфандҷаллобони ургутӣ чанд рӯзе гӯсфандонро дар чарогоҳҳои Ургут ба чаронидан фармуда худ дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хонаҳои худ осуданд ва Азимшоҳро ҳам ба худ меҳмон карданд. Пас аз он ки аз димоғи гӯсфандон ва хӯчаинон кӯфти роҳ баромад, ба тарафи Самарқанд рафтанӣ шуданд; хӯчаинон савора ба тарафи Самарқанд рафта чӯпононро ба оҳиста-оҳиста ронда бурдани гӯсфандон амр фармуданд.

Чӯпонон ва аз чумла Бозор саҳари барвакт рамаро пеш андохта ба тарафи Самарқанд ронданд. Роҳи ин тараф, агарчи аз ҷиҳати ободӣ аз роҳи кӯҳсор беҳтар бошад ҳам, лекин чанг, хоки ҳавои ғуборолудаш димоғҳои чӯпононӣ моро, ки ба ҳавои тозаи кӯҳистон парвариш ёфта буданд, қариб ба таркидан меовард. Аз саҳар то дамидани офтоб чанг он қадар ғалаба надошт, шабнами саҳарӣ, ки аз бухори чашмасор ва чӯйборҳои гирду пеш пайдо шуда ба замин мерехт, хоки хушкро кадре нам дода аз парвоз бозмедошт. Ҳамин ки офтоби чаҳонтоб баромада партави худро дар сари чаҳониён андохт, ба қатори ҳайвонот ва наботот гӯё ки хок ҳам аз хоби гарон сар бардошт; ба таъсири тобиши офтоб, аввал шабнам бухор шуда ба ҳаво парид, пас аз он хок ҳам хушк ва сабук шуда бо расидани суми гӯсфандон ба парвоз оғоз кард; вақте ки офтоб қади найза баланд шуд, чанг ҳам рӯи ҳаво ва офтобро фаро гирифта оламро сиёҳ ва торик кард; гӯё ки офтоб пас аз як соати баромадани худаш боз фурӯ рафт, лекин дар атрофи баромадгоҳи худ фурӯ рафт. Ин фурӯ рафтани рӯзонаи офтоб аз фурӯ рафтани шабонааш хеле фарқ дошт: шаб ҳангоме ки офтоб фурӯ мерафт, ситорагони дурахшанда монанди офтоб набошад ҳам, ба андозае, ки равандаи роҳи худро дида тавонад, ба рӯи замин рӯшноӣ медоданд, ҳоло бошад на моҳ ва на ситора, на осмон ва на замин, на дарахт ва на девор, ҳеҷ чиз ба назари равандагони мо наменамуд, танҳо сагон ва бузони сарка ба рама ва ронандагони он роҳбарӣ мекарданд. Дар аввали кор чӯпонон бо зӯр ва душворӣ ҳам бошад, гоҳ-гоҳ чашми худро мекушоданд, вақте ки аз чашмонашон об рехта сӯзиш кардан мегирифт, беихтиёр ва ночор мепӯшиданд. Рафта-рафта дигар тоқати чашмкушоӣ намонд. Сару рӯи чӯпононро на танҳо хок гирифта буд, балки чангу хоки ба сару рӯяшон нишаста, ки бо арақи пешонӣ ва оби чашмашон лой шуда буд, онҳоро ба сурати як хайкали аз лои сиёҳ сохташуда оварда буд. Аз пешгохи ҳалқашон гирифта то ком ва буни дандонҳо (вораҳо)-яшон ҳамаи чашмаҳои луобдиҳиро хок баста даҳони ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бечорагонро чун хумдони оҳакпазӣ пур аз оташи чанголуд карда буд. Биниҳо монанди дудкаши кӯраи оҳангарон хок мекашиданд ва дуд мебаровардand, гӯшҳо бошанд, тамоман хокрез шуда ба ҷуз садои ғув-ғуве, ки аз дарунашон меомад, дигар чизеро намешуниданд.

Корвони рамарон ба ҳамин ҳол то лаби Дарғам расид. Дигар на ба гӯсфандон ва на ба чӯпонон ёрои як қадам пештар гузоштан намонда буд. Дар ин ҷо рамаро ба чаро сар доданд, худи чӯпонон ҳам шустушӯй карда, дар сояи дарахте осуданд, сояи бед, насими обу ҳавои форами канори Дарғам кам-кам ба мурдагони нав аз гӯр баромада ҷони тоза медод. Ҳавои покиза дар ҳар нафас кашидан роҳи гулӯ ва нойчаҳои шушҳошонро аз чангу хок пок карда ҷунбиши сина ва задани дилҳошонро ба холати табиӣ овардан гирифт. Кам-кам иштиҳо омад, нони қоқ ва талқон бо оби равон хӯрда шуд. Гӯсфандон ҳам бо обу алаф шикамҳои худро сер карда дам гирифтанд ва ба даруни паттазорҳо хобида чашму гӯши худро бо нӯги сум аз хок пок карданд. Офтоб ҳам дигарбора намоён шуда аз партави худ оби Дарғамро чароғон карда буд. Ба қадре, ки офтоб поёнтар мерафт, ҳамон қадар ҳам ҳаво рӯҳафзотар ва форамтар мегардид.

Чӯпонон, пас аз он ки шабро дар ин ҷо гузарониданд, боз ба роҳ даромада рамаро пеш андохтанд. Бозор ҳам гӯсфандони худро ягон-ягон аз назар гузаронида, хушбахтона сарҷамъ будани онҳоро дида ба роҳ даромад.

Чӯпонон ба ҳамин тарика манзил ба манзил аз даруни Ҷумъабозор ва Тайлоқ гузашта ба наздикии шаҳри Самарқанд расиданд ва мувофиқи супориши хӯҷаинони худ ба шаҳр надаромада аз қишлоқи Қаварзор лаб-лаби ҷӯи Даштак бо роҳи боғоти Зоминӣ ва Пистамазор ба тарафи Дашти Сӯхта боз ба канори Дарғам нигоҳ карда ронданд.

Чангу хоки роҳи миёни боғот аз пештара афзунтар ва ҷонфарсотар буд: деворҳои боғот ва дарахтони сершоҳ намегузоштанд, ки чанги аз рӯи замин бо суми гӯсфандон бархоста пароканда шуда дуртар равад, балки ҳар мушт хоке, ки аз зери пои гӯсфандон бардошта мешуд, пас аз як дақиқае пас гашта ба ҷои аввалиаш мефуромад; гӯё хокбороне буд, ки монанди сели бахорон аз ҳаво мерехт, ё парвезан (элак)-и ҳаво ба сари равандагони мо хок мебехт.

Дар вақте ки Бозор дар миёнаи боғоти Қаварзор

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ва Пистамазор, ба чангу хок ғўта хўрда аз дунболи рама мерафт, аз таги деворе нолаи ҳазинонаеро шунид; ноланда мегуфт:

— Э роҳгузари хайрҳоҳ, э чўпони меҳрубон! Ба ҳоли ман мурувват кун, маро ки шал (фалаҷ) шуда қуввати аз ҷо чунбидан надорам, ёрмандӣ карда то таги он дар расон! Илоҳӣ худованд ба муроду мақсадат расонад.

Бозор, ки аз паи муроду мақсади бисьёре мегашт, аз пеши ин бемори барҷомонда бепарво нагузашт, агарчи панҷ дақиқа аз дунболи рама пас монда бошад ҳам, ин роҳафтодаро бардошта ба пеши даре, ки вай нишон дода буд, расонида дуо гирифт ва боз аз дунболи рама расида ба роҳи худ давом кард.

XXV. ХАЙРИ БЕРИЁ

Вақте ки чўпонон ба Дашти Сўхта ба канори Дарғам расиданд, Бозор ба одати ҳамешагиаш, аз ҳама пештар гўсфандони худро аз назар гузаронид.

— Ду гўсфанд нест, ду гўсфанди чорӣ нест,— гуфта Бозор фарьёд кашид, лекин бовар намекард, ки ду гўсфанд гум шуда бошад; зеро ҳеҷ гумон намекард, ки омада-омада дар наздикии як шаҳри обод ду гўсфандро гург рабуда, ё дузд бурда бошад. Дубора гўсфандонро аз чашм гузаронид, нест! Нишони (тағман хўчаини худро медонист, ки гўшҳои гўсфандони вай чоки чорпарра доштанд. Бо ин нишон гўсфандони худро аз дигарон ҷудо карда ба канорае ронд, гўсфандони бокимондаро боз як бори дигар як-як аз назар гузаронид, нест — ду гўсфанди чорӣ нест. Ҳанўз бовар намекард, ки ду гўсфанд гум шуда бошад; рафиқони худро хабар дода бо ҳам ҷустуҷў карданд, нест ки нест.

Акнун шаке намонда буд, ки ду гўсфанд гум шудааст, лекин дили Бозор ба ин воқеа ризо намедод ва намехост, ки гум шудани ду гўсфандро, яъне талаф шудани музди хизмати яксолаашро пас аз кашидани ин ҳама ранҷ ва меҳнат қабул кунад; лекин ин ҳақиқат буд; харчанд ногувор аст, бояд ин ҳақиқатро қабул кард.

Акнун чора чист? Ҳеҷ! Хост ки пас рафта ·чўй ва ҷарҳои роҳи омадаашро кофтуков кунад, шояд нишони гумшудаи худро дарьёбад, рафиқонаш боздоштанд;

— Ҳеҷ гоҳ гўсфанд ба ихтиёри худ аз рама ҷудо шуда намемонад. Дар ин миён гург хам набуд, маъ-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лум аст, ки инҳоро гургони дупо рабудаанд,— гуфтанд.

Бозор бетоқатӣ мекард; гохо аз рафиқони худ дуртар ба канорае рафта бар сари худ хок мебехт, гоҳо ба канори Дарғам нишаста дар ғами ин вокеа аз чашмони худ хун мерехт.

— Чора нест, ба қазо ризо додан даркор аст.

Худро тасаллӣ медод:

— Бародарам мурд, чуфти гов ва заминам аз даст рафт,, аз ватанам чудо шудам, ниҳоят аз ҳамдами умриам Меҳрмоҳ, ки ба ҳамаи мусибатҳои ман ба ман ҳамроҳӣ мекард, чудо шудам. Ҳар кадоми ин кулфатҳоро, ки аз тасаввураш дили одам меларзад, пас аз ба сарам афтодан бардоштам. Ба гум шудани ду гӯсфанд ва талаф шудани музди хизмати яксолаам, ки дар пеши он фалокатҳои аз сарам гузашта ҳеч аст, чаро бардошт накунам, агар зинда бошам, соли дигар кусури инҳоро мебаморам.

Бозор бо ин гуна муҳокимаҳои хирадмандона ором гирифт ва дасту рӯи худро бо оби сарди Дарғам шуста ба пеши рафиқони худ боз омад.

* * *

Гӯсфандчаллобон даллолон ва қассобони Самарқандро диду боздид карда ба сари рамаҳои худ расида омаданд. Азимшоҳ гум шудани ду гӯсфанди худро шунида ҳеч изҳори андӯҳ накард:

— Хуб, зарар надорад,— мегуфт ӯ,— ду гӯсфанд гум шуда бошад, садақаи сар, гӯсфанд боз ёфт мешавад, саломатиро ёфтан душвор аст, чизи гумшуда «хайри бернё» ба шумор меравад.

Азимшоҳ бо ин гуна фалсафаҳои «диндорона» ятими худро тасаллӣ дода, худ аз дарун хурсанд буд. Вай ба дили худ мегуфт:

— Ман бо гум шудани ду гӯсфанд ҳеч чиз бой надодаам, товони онҳоро Бозор хоҳад дод, ҳатто бо расонда додани гӯсфандон ба Самарқанд, ин товонро пешакӣ додааст. Ин кор дар ҳаққи Бозор зарар бошад ҳам, дар ҳаққи ман лутфи худовандист, зеро агар Бозор аз ман қарздор нашавад, мумкин аст, ки кори маро партофта ба дари дигаре равад, ҳамеша қарздор ва мӯҳтоҷ будани ин гуна хизматгори чонсупор бехтар аст. Ҳоло ду гӯсфанд гум шудааст, агар ду гӯсфанди дигар ҳам гум мешуд, боз бехтар буд, ба ин восита барои хизмати соли оянда ҳам ба ман банда шуда мемонд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XXVI. ЗАКОТЧИЁН

Як боғ: атрофаш бо девори пастаке иҳота шудааст; аз тарафи дарун сар то сари зери девораш ҷӯйчае кашида шуда, дар лаби ин ҷӯйча дарахтони себ, зардолу, гелос, олболу, дӯлона, нок, дилафрӯз, олуча, мурӯд ва дигар дарахтони мевадор қатор шинонида шудаанд; лекин ҳар кадоми ин дарахтон сархушк ва шикасташох буда аз мева додан бозмондаанд. Дар як тарафи ин боғ тахминан як таноб токзор аст, ки аз ғафсии кундаҳояш хеле пир буданаш ва аз печдарпечии навдаҳояш дар ин як сол, ду сол токбур ва қайчӣ нахӯрданаш маълум мешавад; баъзе токҳо ба дарахтони бед ва зардолу печида баромада буданд; агарчи баъзе шоххои ин токҳои ба дарахтпечида сархушк шуда бошад ҳам, аз баъзеҳояш навдаҳо сар зада аз онҳо ҷо-ҷо сарҳои ангур намоён мегардид.

Дар як тарафи дигари ин боғ ҷарии чуқуре ҳаст, ки аз сохташ оббурда будани ин ҷарӣ ва аз саҳлгирии соҳиби боғ як миқдор замини боғро хароб кардани он маълум мешавад.

Дар даромадгоҳи боғ як работи ҳафтпохсагии кӯҳна. Дар рӯ ба рӯи дарвозаи работ як сарҳавз ҳаст, ки гирдогирдашро дарахтони гуҷум (қароғоч) соя андохтаанд.

Ба рӯи суфаи ин сарҳавз чор нафар мард ба паҳлу дароз кашида бо ҳам сӯҳбат мекарданд. Яке аз инҳо ба они дигар гуфт:

— Истамқул! Агар ба боғат андак меҳнат мекардӣ, ангури мусалласи яксоларо худи ҳамин боғ медод, дар вақти ангурпазӣ ҳамсоягон ҳам аз дасти ману ту осуда мемонданд.

Истамқул дар ҷавоб гуфт:

— Рустам — ака, хуб гапо (гапҳо) гап мезанӣ, худат боғи худатро аз ин ҳам харобтар карда мондӣ, ба ин ҷо омада ба ман варсоқӣ мехонӣ. Ману ту бандаҳои нағзи худоем, ба мо худо меҳнатро раво намебинад; боғи мо, чорбоғи мо, ҳамсоягони моанд; онҳо меҳнат кунанд, ангурро расонанд, аз даҳ боғи атроф аз ҳар кадом панҷпудӣ шабкорӣ кунем, мешавад панҷоҳ пуд, даҳпудӣ гирем, мешавад сад пуд, агар онҳоро мусаллас андозем, ба ҷои об мусаллас хӯрем ҳам мерасад.

— Хонаобод Шамсӣ боғашро хуб обод кардааст-дия, дирӯз аз сари девораш нигоҳ кардам, токҳояш ба ҷои

E-mail: ziyozoda@gmail.com

барг ҳам ангур андохтаанд, аз ин барин боғҳо бист пуд ҳам гирем, зарар намекунад,— гуфта дигаре ба гап ҳамрох шуд.

— Рӯзиқул! Нафсатро калон накун, «кам-кам хӯр; доим хӯр» гуфтаанд, агар аз як боғ, ҳосилаш бисьёр будааст гуфта якбора бист пуд бардорӣ, боғдор ба чонаш расида аз паят меафтад, оқибат дуздашро ба даст афтонда, ба як ҷой мерасонад. Эҳтиёт карда обамонро пуф карда хӯрданамон даркор аст, агар поямонро бечо монем, боғдороне ки меҳнат мекунанд, лингамонро аз осмон мебиёранд,— гуфта Рустам ба рафиқони худ насихат дод.

— Хонахароб Некалай дар шахри мо пойкабоққо[27] ва пиванойҳоро кушода, дар он ҷо нозанинони олампаноҳро косагул* карда шинонда, моро дар ин кӯи бад андохт, набошад падару бобои мо арақ хӯрда калон шуда буданд-мӣ? Агар мо ҳам дар ин кӯйҳои бад намеафтодем, боғамонро аз боғи Шамсӣ ободтар мекардем,— гуфта Шоқул, ки дар гӯшае дам назада нишаста буд, ҳасрат кард.

— Монетон ин гапоя (гапҳоро), як гапи дигар; ангур қариб ширин шудааст, аз мусалласи порсола як хумча ҳаст, инро ҳам хӯрда холӣ мекардем, ба ҳамаи хумҳо аз ангури нав мусалласи тоза меандохтем, — гуфт Бедард бойбача.

— Ин хумча кучо буд, ки ман рӯзи ҷумъа ҳарчанд кофтам, наёфтам; сонӣ гумон кардам, ки магар ягон вақт дар вақти мастӣ холӣ шудааст, ки нафаҳмида мондаам,— гуфт Истамқул.

— Ба таги пору гӯр карда монда будам.

— Ӯ ноумеде!

— Хез, ёфта биёр, даррав хӯрда холӣ мекунем-дия.

— Май ҳам бо чор абзоли худ кайф медиҳад,— гуфт Рӯзиқул,— гӯшти бирьёни серравған ё ки сихкабоб набошад, май хӯрдагӣ барин намешӣ (намешавӣ).

— Гӯшт набошад, бақалачон (памидор) хам шудан мегирад.— гуфт Рустам,— даҳта бақалачони намакин, чор сар пиёз, як шиша май онета нишон медиҳад.

— Исто! Исто!—Ба кӯча нигоҳ карда Наврӯз гуфт,— магар аз кӯча гӯсфанд гузашта истодааст, агар закоташро гирифта тонем (тавонем), гӯштбирьён хам мешавад, сихкабоб ҳам.

---

* *Косагул* — соқии маҷлиси шароб.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Дарвоқеъ як раман калони гӯсфанд гузашта истодааст, читу (чӣ тавр) мегирем?

— Ҷудо осон,— гуфт Наврӯз,— Рӯзиқул! Ту хез, рафта ба таги обмӯрӣ дароз кашида хоб рав! Рустам-ака аз думи ту истад, ман ба сари роҳ рафта чӯпони аз ҳама охир меомадагиро ба гап мегирам, ҳамин ки гапзанон кардани маро бо чӯпон шунидед, Рӯзиқул аз почаи гӯсфанд кашида додан гирад, Рустам-ака дасти вайро гирифта дарун кашад. Истамқул, як шохбанд (ресмон) ёфта тайёр кун ва даҳани гӯсфанди ба дастафтодаро маҳкам банд, ки мааъ... гуфта соҳибашро хабардор накунад.

Рӯзиқул:

— Чанд гӯсфанд мегирем?

Истамқул:

— Чанта ки тонӣ!

— Не,— гуфт, Рустам,— «дузд бошу баинсоф бош» гуфтаанд, закотчиҳои Бухоро барин ҳар чӣ ба даст афтад, гирифтан намегирем-дия, якта, ё дута гирем, бас.

Касе ки ин плани закотгириро кашида буд:

— Хезетон, зуд бошетон, вақт нагузарад,— гӯён аз ҷояш хест ва аз девори боғ ба кӯча фуромада ҳудро ба бемори барҷомонда сохта дар таги девор хобид.

Ин буд, ки қаҳрамони ҳикояти мо Бозор ба нияти расидан ба муроду мақсади худ «ин беморро» бардошта ба пеши дар расонид ва дар натиҷа ду сар гӯсфандаш ба «хайри бериё» рафт.

XXVII. ИН ҲАМ ХАЙРИ БЕРИЁ

Дар тарафи ҷануби қалъаи шаҳри Бухоро, дар майдоне, ки ба он ҷо аз дарвозаи Намозгоҳ мебароед, садҳо гӯсфандро кӯшоқ-кӯшоқ карда мондаанд; дар даромадгоҳи ин майдон ба болои суфача як гилем ва як кӯрпача андохта ба рӯи он як шахси сипоҳимонанде чорзону зада нишастааст, дар паҳлуи ин шахс як бӯғча ҳар гуна ҷомаҳо, дар як тарафи суфача ду шахси дигар дар пеши худ дафтар ва қаламдон гузошта нишастаанд.

Шахси сипоҳимонанд, ки ба рӯи кӯрпача нишаста буд:

— Поякӣ! — гуфта овоз дод.

— Хӯш, тақсир! Даррав обтоза карда меоям,— гӯён поякӣ, ки ба даст як чилими сарак-поинакнок буд

E-mail: ziyozoda@gmail.com

аз майдон баромада рафт ва ба лаби ҳавзе рафта оби чилими худро рехт; аз як чашми хӯрчинчае, ки дар миён дошт, як латта бароварда сару гардан ва наю сархонаи чилимашро хуб пок кард. Пас аз он аз ғилофе, ки ба миёнбандаш овезон буд, кордеро кашида бароварда каъби чилимашро тарошида тоза кард ва аз хӯрчинчаи худ ба қадри себ як чизи хамирмонанди часпакро бароварда каъби чилимро бо вай пур кард. Пас аз он ба чилим оби тоза андохта, боз дуйӯмбора чилимро пок карда зуд баргашта ба майдони пеши суфача омад ва:

— Обтоза! — гуфта наи чилимро ба даҳони сипоҳӣ дода бодкаши онро ба ангушти худ нигоҳ дошт.

Сипоҳӣ пас аз кашидани чилим:

— Аҳволат чӣ тавр? — гуфта аз поякӣ пурсид.

— Аз давлататон дегҷӯши ҳаррӯзаро ёфта истодаам,— гуфта поякӣ таъзим карда ба миёни кӯшоқҳои гӯсфандон «обтоза!» гӯён даромада рафт.

* * *

Бозор гарм шуд, бист-бист, панҷоҳ-панҷоҳ гӯсфанд савдо шуда истодааст; дар ин қатор 20 сар гӯсфанди Азимшоҳ ҳам ба як қассоби бухорӣ ба воситаи Фатҳуллоҳи гӯсфандҷаллоб савдо шуд. Қассоб аз пули гӯсфанд дусад танга нақда шумурда дода бақияашро ба рӯзи панҷшанбеи оянда ваъда дод.

Азимшоҳ тангаҳоро пеши худ кашида ба рӯи шолча шумурд ва хост, ки аз бағалаш ҳамьёнашро бароварда тангаҳоро ба вай андозад, дар ҳамин вақт «обтоза!» гуфта, поякӣ ҳозир шуд ва чилимро бо дасти худ ба миёни давра дароварда гардиш дода, наяшро ба бошандагони он чо як-як тақдим кард. Чун Фатҳуллоҳ ба кашидани чилим моил шуд, поякӣ бо як дасти худ сархонаро гирифта, пуф-пуф карда қириндӣ ва хокистарҳояшро парронда мехост наи чилимро ба даҳони Фатҳуллоҳ дихад, гарди оташе ба дасти дигараш, ки чилимро нигоҳ дошта истода буд, расида сӯзонид, ки чилим ростнокӣ ба рӯи тангае, ки Азимшоҳ шумурда монда буд, афтод, лекин поякӣ бо як чолокии поякиёна чилимро аз ғелидан боздошта, зуд бардошт ва ба Фатҳуллоҳ кашонда боз «обтоза!» гӯён ба миёни бозор даромада рафт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

* * *

Азимшоҳ дар охири бозор савдои имрӯзаи худро ҳисоб карда пулҳои ҷамъшударо якҷоя шумурда дид, ки аз рӯи ҳисоб пул кам аст: дубора ҳисоб кард ва дубора пулро ҳам шумурд, боз кам, пул намерасад, чун яқин, кард, ки пул гум шудааст, осмонро ба сари худ бардошта фарьёд кард, ба дузди «номарди» кисабур нафрин мефиристод ва дашном медод.

Бозор барои дилдорӣ додан ба хӯҷаини худ он тасаллиро, ки вай дар Самарқанд, дар мавриди гум шудани ду гӯсфанд ба худаш дода буд, ба хотир оварда гуфт:

— Хӯҷаин, зарар надорад, чизи гумшуда хайри бериё аст, худо ба ивазаш ба шумо боз мерасонад.

Азимшоҳ шӯриш карда:

— Хайри бериё?.. Хайри бериё барои касоне даркор аст, ки бо ихтиёри худ ҳеҷ хайру саховат намекарда бошанд, ё ки карда натавонанд; аммо ман-чӣ? Ман нимаи пайдову пасандози худамро ҳамеша ба хайру саховат сарф мекунам; мурдаи зани туро бардоштам, он ҳам хайр аст, туро ва писаратро хӯрондам, пӯшондам ва ҷой додам, ин ҳам хайр аст; ба чандин бекормонда кор ёфта медиҳам, ин ҳам хайр аст, ба подшоҳӣ закот ва аминона медиҳам, садақаи фитр[28] медиҳам, қурбонӣ мекунам... ҳамаи инҳо хайр аст; боз барои ман хайри бериё чӣ даркор аст... магар худо ғайр аз ман бандаи хайрхоҳӣ дигар надорад? Ту кори худатро дон ва ба ман насиҳат доданӣ нашав.

Азимшоҳ «магар ин шаҳр бесоҳиб аст» гуфта аз ҷои худ хест ва ба даромади майдони бозор ба пеши шахсе, ки ба болои суфача чорзону зада нишаста буд,.рафта:

— Закотчӣ-бег! Ман ба подшоҳӣ закот[29] медиҳам, аминона медиҳам, дар бозори подшоҳӣ мол мефурӯшам, агар дар бозори подшоҳӣ рӯзи равшан пули маро дузданд, дар ин ҷо амният набошад, пас барои чӣ ман закот ва аминона медиҳам? Шумо ки ҳокими бозоред ва аз ман закот мегиред, дузди маро ёфта ҳаққи маро ситонда диҳед! — гуфт.

Закотчӣ аз Фатҳуллоҳ, ки ба сари ҷанҷол расида омада дар паси сари худаш ба поёни суфа рост истода буд, оҳиста:

— Ин корро кӣ карда бошад? — гуфта пурсид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ман гумон мекунам, ки Шер кардааст,— гуфт Фатҳуллоҳ.

— Шери поякӣ?

— Ҳо, таксир.

— Ӯ бадбахте,— гуфт закотчӣ ва рӯи худро ба тарафи Азимшоҳ гардонда:

— Хуб, таҳқиқ мекунем,— ва ба одами худ:

— Гумонбаронро дастгир карда ба миршабхона фиристон!

— Қиҳоро? — одами закотчӣ пурсид.

— Якчанд нафар сарсарии пойлучро-дия, одами одамшаванда дуздӣ намекунад, ҳар вақт дузд аз миёни одамони сарупобараҳна мебарояд.

— Хӯш таксир,— гуфта одами закотчӣ барои иҷрои ҳукм рафт.

Азимшоҳ бо ин ҳама кӯшиши закотчӣ ба ёфт шудани пулаш умед надошт — «тири аз камонҷаста боз гашта намеояд» — мегуфт, бинобар ин дилаш ҳеҷ кушода намешуд; пас аз он ки закотчӣ ба қатори дигар гӯсфандчаллобони закоти калондода ба Азимшоҳ ҳам як ҷоман подшоҳӣ пӯшонда «ба ҳаққи ҷаноби олӣ дуо гирифт», қадре хурсанд шуда ба кӯшхонаи худ рафт.

Аз бозори гӯсфанд қассобон, ҷаллобон ва даллолон ҳама рафтанд, чӯпонон ҳам гӯсфандони аз бозормондаро аз кӯшоқашон бароварда ба чарогоҳҳо ронданд; закотчӣ ҳам мехост чизҳои худро ғундошта бо одамонаш биравад, дар ҳамин вақт «обтоза!» гӯён поякӣ пайдо шуд.

Закотчӣ:

— Шер!

— Лаббай, таксир!

— Чанд гирифтӣ?

— Даҳ танга, таксир!

— Номаъқул накун! Аз рӯи шуниди ман бисьёр аст.

— Не, таксир! Ба сари шумо, ки аз даҳ танга як пул зиёд не.

— Хуб, закоташро барор!

Поякӣ ба хӯрҷинчаи худ даст зада панҷ тангаи шилемолудро аз байни пулҳои сиёҳ ҷудо карда бароварда пеши закотчӣ монд, закотчӣ пас аз бо гилем пок карда ба киса худ андохтани тангаҳо гуфт;

— Шер! Аз ман насиҳат, минбаъд ин коратро дар ҳаққи боён ва ҷаллобони калон накун! Одамони калон дар андак кор дод гуфта осмонро ба сарашон мебардо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ранд, додашонро ба ҳар куҷо мешунавонанд, агар худо накарда сиррат фош мешуд, туро як кор накарда намемонд. Ҳар чӣ метозӣ, аз чакана тоз, ки додаш ба фарьёдаш намерасад. Вай нав доду бедод карда омад, қариб буд, ки бӯи пилта барояд, ҳар чӣ ба зудӣ Фатҳуллоҳ иморо гирифт, ки хокпӯш карда гузарондем. Аз мо ибрат гирӣ намешавад? Мо ба боён, агарчи закот гуфта аз гов ғадуд медиҳанд, аз давлати ҷаноби олӣ ҷома мепӯшонем, аз бечорагон бошад, яке бар ду, яке бар се закот гуфта мегирем ва ҳеҷ чиз ҳам намедиҳем, бо вуҷуди ин дам назада рафтан мегиранд.

Шер:

— Аз саратон гардам, бегиҷон! Закоташро, ки мегиред, саришта мекунед-дия, ҳамеша тирро ба нишон рост овардан мушкил аст; гоҳо ноомади кор шуда кас ба ҷои оҳу, гургро ҳам зада мемонад,— гуфта. ва боз «обтоза!» гӯён ин ҳам аз бозор баромада рафт.

XXVIII. ҚАРЗДОРӢ

Хӯҷаин хост, ки баъд аз сафари Бухоро бо Бозор ҳисобӣ намояд:

— Ҳар чӣ сафари Бухоро барои ман нағз нашуда бошад ҳам, барои ту бехатар гузашт,— гуфта рӯзе хӯҷаин ба Бозор гап яла кард,— аммо аз ваҷҳи сафари Самарқанд ҳисобии миёни худро муайян карда мондан намон даркор аст: агарчи ҳамроҳони ду гӯсфанди чории дар сафари Самарқанд гумшударо зиёдтар фурӯхта бошам ҳам, ба ту 25-тангагӣ ҳар дуи онҳоро 50 танга ҳисоб мекунам.

Бозор:

— Хариди ин гӯсфандон чандӣ буд?

— Ба хариди онҳо корат набошад, аввалаш он ки ман ҳар кадоми онҳоро ҷудо-ҷудо нахаридаам, ки харидашон ба ман маълум бошад, даҳта яке, биста яке харидаам, ки ба миёни онҳо аз даҳтангагӣ то чилтангагӣ гӯсфанд ҳаст; дуйум ин ки баъд аз харидан он гӯсфандон қариб шаш моҳ ба дасти ман истодаанд; пули ман ба онҳо банд шудааст, ман онҳоро парво карда фарбеҳ кардаам, ки ба бозори Самарқанд рафта пул шудаанд; бинобар ин дар ин мавридҳо тани харидаро муайян кардан басе душвор аст; нағзаш он ки аз нархи фурӯш қадре камтар ба ту ҳисоб мекунам, агар аз ман равад,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба ту меравад, ки ту одами бечора ҳастӣ, дар ҳаққи ман дуо мекунӣ. Ба ин ҳисоб ту аз ман панҷоҳ танга карздор мешавӣ. Агар хӯрок ва пӯшоки яксолаи бачаатро ҳам 50 танга ҳисоб кунем, ҳамагӣ ту аз ман сад танга қарздор мешавӣ.

— Магар як бача дар як сол 50 танга мехӯрад? — гуфт Бозор тааҷҷубкунон.

Хӯҷаин:

— «Гӯсола каҳдон холӣ мекунад, бача нондон» гуфтаанд, сағбача дар як сол аз одами калон зиёдтар мехӯрад, лекин ман ба ту раҳмхӯрӣ карда камтар ҳисоб кардам; дуруст, агар ту намебудӣ, ман бачаи туро «холис барои худо» хӯронда мепӯшондам, вақте ки ту зинда бошӣ ва аз дастат кор ҳам ояд, бачаи туро парво кардани ман муносиб нест; ман мекунам гӯям ҳам, бояд ту не гӯӣ. Агар аз дасти бачаат ягон кор меомад ҳам, ман вайро муфт хӯронда мепӯшондам, ҳоло ба вай ягон кор фармоям ҳам, барои ин мефармоям, ки корро ёд гирад. На аз барои манфиати худам, ҳоло ба вай кор фармудан хатарнок аст, чунончи, як рӯз говро мечаронам гуфта ба заҳкаш ғалтондааст, нағзӣ, ки роҳгузарон расида омада бароварда додаанд. Вагарна як гови панҷоҳтангагӣ ба муфт ҳаром мурда мерафт; гапро кӯтоҳ кунем, ту аз ман сад танга қарздор шудӣ. Акнун ихтиёр ба худат, мехоҳӣ аз забонат хат медиҳӣ, 50 тангаи нақда ба ман ёфта медиҳӣ ва хизмати шашмоҳаатро бо хӯроки шашмоҳаи бачаат баробар ҳисоб карда ба куҷое, ки хоҳӣ меравӣ.

Ҳарчанд Бозор мехост, ки аз ин дари хона зудтар халос шавад, лекин касе ба назараш наменамуд, ки ба вай панҷоҳ танга қарз диҳад, то ки ҳисоби хӯҷаинро баробар намояд, ночор ба хат додан розӣ шуда, ҳар ду ба қозихона рафтанд ва ба пеши мирзои қозӣ даромаданд, Азимшоҳ:

— Аз забони ин одам (ба Бозор ишорат карда) ба номи ман маблағи сад танга хати иқрорӣ нависед! — гуфта илтимос кард.

Мирзо:

— Ин сад тангаро ба фоида мемонед, ё қарзи ҳасана медиҳед? — гуфта пурсид.

— Дар ин замон,— гуфт Азимшоҳ,— қарзи ҳасана[30] чӣ кор мекунад, пули бекор дар куҷост, ҳоҷати инро бароварда қарз ёфта дирҳам ҳам, хуб гап, савоби ҳамин ҳам ба ман басу зиёдатист.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Сад танга моҳе чанд пул?

— Худатон гӯёд, моҳе чанд пул кунем дуруст?

— Одамаш медонад: агар қарздор молу мулк дошта бошад, замин ё ҳавлии худро ба гарав монад, ҳар бист танга моҳе аз ним танга то як танга таомул аст, агар қарздор чизе надошта бошад, баркаш надорад, баъзехо дар ҳар бист танга моҳе ду танга ҳам мегиранд.

— Қарздори мо на молу мулк дорад ва на худаш инчоист, лекин як одами бечора аст, бинобар ин як кор мекунем, ки «на сих сӯзад, на кабоб», ман аз ин ба моҳе ним танга розӣ мешавам.

— Ин ҳиммати шумост, лекин вақте ки қарздор чизи гаравӣ надошта бошад, фоидаро дар хат даровардан мумкин нест, зеро дар ин сурат рибо мешавад, ки вай ба шариат рост намеояд, агар ягон чизи гаравӣ медошт, фоидаи пулро ичораи ҳамон чиз гуфта ба хат даровардан ҳилаи шаръӣ мекардем, акнун бояд фоидаи яксолаи пулро ҳисоб карда ба тани пул ҳамроҳ намуда ба ҷамъаш як хати иқрорӣ нависем.

— Бисьёр хуб, вай кори шумост, як кор кунед, ки ба шариат ороста шавад.

Мирзо фоидаи яксолаи сад тангаро сӣ танга ҳисоб карда ба маблағи 130 танга аз забони Бозор хати иқрорӣ навишт, ва:

— Қадри хӯҷаинро дон! Агар ба ҷои хӯҷаин каси дигар мебуд, барои бист танга ҳар моҳе дутангагӣ фоида ҳисоб намуда туро 220 танга қарздор мекард; хӯҷаин ба ту хуб мурувват карданд,— гуфта аз ҷониби хӯҷаин Бозорро миннатдор ҳам кард.

Мирзо мулозимеро ҷеғ зада хатро ба дасти вай дода қарздор ва қарзхоҳро пеши «шариатпаноҳ» бурда мӯҳр кунонидани хатро фармуд. Мулозим инҳоро бурда ба рӯи бӯрьёчае, ки ба пеши дари мурофиахонаи қозӣ паҳн кардагӣ буд, шинонида хатро ба дасти қозӣ дод.

Қозӣ хатро аз назар гузаронида:

— Бозор! — гуфт.

— Лаббай!

— Аз мулло Азимшоҳ яксаду сӣ танга қарздор шудӣ?

— Шудам.

— Ҳар вақт хӯҷаин талаб кунанд ин пулро дар козихона ба ин шахс месупорӣ?

— Хуб.

Қозӣ хатро мӯҳр кард, мулозим ба таги остона ду-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

зону нишаста мӯҳронаро пеши козӣ гузошт ва хатро аз дасти кози гирифта, хеста ба қарздор ва қарзхоҳ «хезетон» гуфта ишорат кард.

Қози ба Азимшоҳ нигоҳ карда:

— Мулло Азимшоҳ! Камнамо шуда рафтед, ҳаргиз пеши мо намеоед, дарун дароед, камтар чақ-чақ кунем,— гуфт.

Азимшоҳ, «хӯш, тақсир»-гӯён аз дари даҳлез пеши кози даромад, козӣ барои эҳтироми вай нимхез шуда чой нишон дод; Азимшоҳ аз чои нишондодаи козӣ қадре поёнтар нишаста ба ҳаққи чаноби олӣ, эшони козӣ ва махдумчонҳо (фарзандони козӣ) дуо кард.

— Козӣ: — бача, дастархону чой биёр! — гуфта ба маҳрами худ фармуд ва бо Азимшоҳ аз ҳар дар сухан ронда гапро ба сафари Бухорои вай овард, ва гилаи ҳазломез карда гуфт:

— Дар Бухоро магар моро фаромӯш кардед, ки барги сабз гӯён ягон савғои наёвардед, ин дафъа агар Бухоро равед, моро аз ёд набароред.

Азимшоҳ андаке хичолат кашида гуфт:

— Дар бозори гӯсфанди Бухоро як маблағ пулро дуздондам, бинобар ин дилам сиёҳ шуда корҳои зарурии худамро ҳам нимкора партофта зуд баргаштам, дар оянда хизмат карда қусурашро мебарорам.

Козӣ афсӯс хӯрда:

— Худо ачрашро яке бар даҳ карда расонад! Чӣ кадар пулро дуздондед?

— Он кадар пули казой не, як маблағи андак буд; ҳамин тавр бошад ҳам, пул гум кардан ба кас бисьёр алам мекардааст.

— Албатта, албатта, «моли мӯъмин, хуни мӯъмин» гуфтаанд, аз бадани кас хун барояд, андак ҳам бошад, алам мекунад. Ба ҳокимони Бухорои шариф арз накардед?

— Ба закотчии бозор фаҳмондам, вай аз ду-се кас гумон карда дасти онҳоро баста ба миршабхона фиристод, худи ман дигар аз паси ин кор нагаштам.

— Аз дасти закотчӣ ғайр аз ҳамин дигар кор ҳам намеояд; мебоист ба чаноби козиюлқуззот Эшони калон арз мекардед, дузди шуморо ёбонда ба шариат ороста карда пули шуморо рӯёнда медоданд.

— Аз барои андак маблағ ба ҳазрати Эшони калон дарди сар доданро ба худ муносиб надидам.

— Чаро? Хоҳ Эшони козикалон бошанд, хоҳ козӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ва ҳокимони дигар, барои ҳимоят кардани ҳаққи шумо барин давлатмандон нишастаанд: боғи мо, чорбоғи мо шумоед, оши мо, нони мо ва ҳамаи нашъунамои мо аввал аз давлати ҷаноби олӣ бошад, дуйӯм аз болои шумо барин давлатмандон аст; дигар ин ки агар ба Эшони калон арз мекардед, ба худи он шахс мӯҳрона ва ба мулозимашон хизматона меруӣид (ҳазломез карда), Эшони калон ҳам пулро бад намебинанд.

— Тақсир!

— Марҳамат кунед, нон хӯред!

— Тақсир, бисьёр хӯрдам,— гӯён Азимшоҳ дасташро нимбардор карда бо ин ишорат ба дастархон фотиҳа хонданро аз қозӣ илтимос намуд. Қозӣ ҳам даст бардошта ба ҳаққи «ҷаноби олӣ» дуо карда фотиҳа хонд. Маҳрам омада дастархонро ғундошт.

Азимшоҳ сӯҳбатро ба поён расида шумурда дасташро ба сари синааш бурда:

— Иҷозат шавад,— гуфт.

Қозӣ:

— Ҳа, даррав мегардед? Хуб, камнамо нашавед, омада-омада равед,— гуфта дигар бора даст бардошта дуо карда ба меҳмони худ рухсат дод.

Азимшоҳ ҳам даст бар рӯ кашида то дари миёнаи меҳмонхона ва даҳлез пуштнокӣ рафта, ба тарзе, ки пушт ба қозӣ нашавад, якпаҳлу шуда аз дар баромад.

Бозор то ин вақт пушт ба девори мирзохона дода нишаста буд ва ба дили худ мегуфт, ки:

— Хӯҷаини ман бо қозӣ ҷӯраи обногузар будааст, дар ин ҳол ҳар қадар, ки мехост, маро қарздор карда хат гирифта метавонист, гуфтаи мирзо дуруст будааст, ки ба ҳаққи ман хеле мурувват кардааст.

Вақте ки Азимшоҳ аз пеши қозӣ баромад, мулозим хатро чорқат карда ба дасти вай дода:

— Хӯҷаин! Маро аз давлататон хушк намонед! — гуфт.

Азимшоҳ ба вай ҳам ним танга дода дубора ба мирзохона даромад:

— Як танга котибона, ду танга мӯҳрона, ним танга хизматона, ҷамъ севуним танга хароҷот шуд, инро ҳам ба пушти хат ишорат карда монед,— гуфта аз мирзо илтимос кард.

Пас аз он хӯҷаин, марҳаматҳоеро, ки қозӣ дар ҳаққи худаш карда буд, яке бар даҳ карда ба Бозор ҳикоя-кунон ба хонаи худ рафт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XXIX. ХИСОБИ ҲАМДУНА

Бозор пас аз ин қарздорӣ ҳашт соли дигар ба хӯҷаин хизмат кард. Дар ин муддат хӯҷаин бе тарк як бор ба Самарқанд ва як бор ба Бухоро ҳар сол ду сафар мекард; дар ин сафарҳо ҳамеша чӯпони гӯсфандрон Бозор буд; ҳар чӣ дар ин сафарҳо ҳеҷ як фалокате ба сари Бозор рӯй надод, яъне гӯсфандеро дузд набурд ва гург ҳам нарабуд. Бозор дар рӯзҳое, ки сафар фароғат меёфт, бо чорвидани гӯсфандҳои хӯҷаин машғул мешуд.

Мебоист Бозор дар муддати ин ҳашт сол мувофиқи ваъдаи хӯҷаин ва вақти музди хизмати худ ба чорсад танга молик мегардид, пас аз адои яксаду сӣ танга қарз мебоист дар кисааш боз дусаду ҳафтод танга мозода мемонд.

Лекин дар воқеъ ин тавр нашуд, балки дар натиҷаи ҳисоби сари соли нӯҳум Бозор аз Азимшоҳ ҳаштсаду панҷоҳу нӯҳ танга қарздор шуда монд. Чӣ гуна, ки дар ҳалли ин муаммо ақли Бозор нарасида,— чаро ин тавр шуд? — гуфта ба ҳайрат меафтод. Дигарон ҳам ҳайрон хоҳанд шуд; лекин аз рӯи ҳисоби Азимшоҳ ин ҳисоб, монанди «ду кара ду мешавад чор» ошкор ва равшан буд.

Чунончи, дар боло гуфта шуд, Азимшоҳ дар соли аввал Бозорро яксаду сӣ танга қарздор карда буд, дар соли дуюм, ба ҳисоби бист танга ҳар моҳе ним танга фоида, ин маблағ ба яксаду шасту нӯҳ танга расид; харчанд Бозор дастьёр шудани писарашро далел оварда хӯроки ӯро ба ҳисоби хӯҷаин гардонида дар баробари музди хизматаш панҷоҳ танга аз қарз кам карданӣ шуда бошад ҳам, хӯҷаин қабул накарда гуфта буд:

— Худи Ёдгор чӣ, ки дастьёрии вай бошад, ба бадали пӯшокаш хизмат карда тавонад ҳам, хуб гап. Порсол чор газ карбос ба вай ба ду куртаву эзор мерасид, имсол ба як куртаву эзораш ҳам намерасад; то ба қатори мардум даромадани Ёдгор хӯрокаш аз музди хизмати туву пӯшокаш ба ҳисоби дастьёрии худаш, агар ин шартро қабул накунӣ, ту пули маро нақд кун, ман ба ту як фотиҳаи сафед медиҳам.

Ба ҳамин ҳисоб маблағи қарздории Бозор дар соли сеюм ба дусаду бист танга, дар соли чорум ба дусаду ҳаштоду шаш, дар соли панҷум ба сесаду ҳафтоду як, дар соли шашум ба чорсаду ҳаштоду ду танга расид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

То ин дам Ёдгор хӯрокашро ба ҳисоби падараш мехӯрд ва пӯшокашро ба ҳисоби хӯҷаин мепӯшид.

Бозор дид, ки писараш хуб кор мекунад, дар паи он афтод, ки барои вай ҳам ягон кор ёбад, то ки ҳеҷ набошад, хӯрок ва пӯшокаш ба даст дарояд ва худаш дар зиндагии худ кор карда қарзашро адо кунад ва аз дунъё бе қарз гузарад.

Яке аз шогирдпешагони бухории амлокдори Сари Ҷӯй ба ин фикри Бозор воқиф шуда Ёдгорро соле бист танга ба хизмат гирифтани шуд, лекин шарт кард, ки вайро ба Бухоро барои хизматхонаи худ фиристонад.

Ҳарчанд ҷудоӣ аз фарзанд, ки вай ба замми фарзанд буданаш аз Меҳрмоҳи меҳрубон ёдгор мондааст, барои Бозор душвор буд, лекин барои зудтар халосӣ ёфтан аз қарз, ба ин шарт ҳам розӣ шуд. Пеш аз он ки Ёдгорро ба шогирдпеша супорад, барои «ҳалол кардани ҳаққи намак» ин воқеаро ба Азимшоҳ ҳикоя карда аз вай барои Ёдгор «фотиҳаи сафед» талаб намуд.

Азимшоҳ, чунон ки ба Ёдгор ҳеҷ эҳтиёҷ надошта бошад, ризоии худро ба ин кор маълум кард.

— Лекин,— гуфт ҳӯҷаин,— намедонам оқибати ин бача дар шаҳрҳои ғарибӣ чӣ мешуда бошад? Агар дилат ба писарат намесӯхта бошад, фиристон! Фоидаи ту дар ҳамин аст, не, агар аз фарзандат дил канда наметавониста бошӣ, истодан гирад. Акнун бача калон ҳам шудааст, монанди як мард кор накунад ҳам, ним мард барин кор карда метавонад; ман ҳам хаёл доштам, ки имсол хӯрокашро ҳам аз худам диҳам ва музди хизмати туро ба қарзат шиканам. Ман гумон мекунам, ки ду соли дигар дар ин ҷо бошад, аз худи ҳамин ҷо ҳам соле панҷоҳ — шаст танга ёфта метавонад. Боз ихтиёр ба худат, «ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад» гуфтаанд азизон.

Бозор, ки барои хӯроки писараш ва ба нияти шикастани музди хизмати худаш ба қарз, ба ин фикр омада буд, пас аз ин таклифи хӯҷаин дилаш нахост, ки писарашро аз худаш дур кунад; бинобар ин фикри хӯҷаинро хуш қабул карда Ёдгорро ба шогирдпеша надод.

Сари сол ҳафтуми қарздорӣ ва вақти тоза кардани хати иқрорӣ даррасид. Азимшоҳ чорсаду ҳаштоду ду тангаро бо фоидаи яксолааш шашсаду бисту шаш танга ҳисоб карда, аз ин маблағ панҷоҳ танга ба ҳисоби музди хизмати солонаи Бозор кам карда ба панҷсаду ҳафтоду шаш танга хати тоза гирифт. Дар сари соли ҳаш-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

тум ин маблаг бо фоидаи солонааш ва кам кардани музди хизмати яксола шашсаду наваду нӯҳ танга шуд ва дар сари соли нӯҳум бо зам кардани фоида ва кам кардани музд ба хаштсаду панҷоҳу нӯҳ танга расид.

Бозор дид, ки бо вуҷуди ба қарз шикастани музди хизматаш, маблағи қарз кам намешавад, балки торафт дар зиёд шудан аст, аз ҳисобиҳои ҳӯҷаин ба шубҳа афтода аз самоворчии дар қозихона буда ба худаш фаҳмонда додани ин ҳисобро илтимос намуд. Самоворчи:

— Бародар! Ин гуна ҳасобиҳоро «ҳисоби ҳамдуна»[31] мегӯянд, ба фаҳмидани ин гуна ҳисобиҳо на ақли ман ва на ақли ту намерасад,— гуфт.

XXX. ВАСИЯТ

Чанд рӯз аст, ки Бозор бемор аст; аз саисхонае, ки пас аз сахт шудани бемориаш чойгоҳи ӯро ба он чо бурда буданд, берун баромада наметавонад; шабҳо дар вақти хоб, лисараш аз пешаш начунбад ҳам, рӯзҳо дар вақти кор хабардори карда наметавонад. Лекин ҳӯҷаин ҳар руз пагоҳӣ ва бегоҳӣ ӯро дида ҳолпурсӣ мекунад ва дилдори медиҳад.

Торафт аҳволи бемор сахттар шудан гирифт, ҳатто ба дараҷае расид, ки аз ин паҳлу ба ин паҳлу гашта наметавонист. Рӯзе дар вақти аҳволпурсӣ кардани Азимшоҳ гуфт:

Ҳӯҷаин, намакатонро бисьёр хӯрдам, хизмататонро кам кардам, агар тақдири худо шуда рӯзам пур шуда бошад, рози шавед.

Азимшоҳ:

— Дард дигар, аҷал дигар, одам бо бемор шудан намемирад, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд. Лекин «то бад нагӯӣ, нек пеш намеояд» бинобар ин дар дини ислом васият суннат шудааст. Агар имом ва арбобро хабар карда биёрем, пеши онҳо муомилаи байни худро ҳисоб кунем, ту адои ин қарзро ба писарат васият кунӣ, аз рӯи васияти ту хатро аз номи писарат нав кунем, умед аст, ки ба шарофати ин васият бехтар шавӣ.

Бозор бе ҳеҷ чунучаро «дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест» гӯён ба ин хоҳиши ҳӯҷаин розӣ шуд.

Азимшоҳ аз пеши бемор баромад ва баъд аз соате

E-mail: ziyozoda@gmail.com

имом ва арбобро ҳамроҳ гирифта омад ва Ёдгорро ҳам, ки аз ҳавлӣ ба сари замин пору мекашонид, чеғ зада:

— Мон, кори дуньё ҳар вақт мешавад, дуои падар ғанимат аст, биё ба пеши падарат нишин ва аз аҳволаш хабардорӣ кун,— гуфт.

Ёдгор ҳам аз паси имом ва арбоб ба пеши бемор даромад. Бозор, барои эҳтироми имом аз болиш сар бардоштанӣ шуда бошад ҳам, натавонист: танҳо бо таъзими ишоратӣ қаноат кард.

Имом баъд аз пурсупос ояте аз қуръон хонда, дар ҳаққи бемор дуо кард.

Бозор бе талқини имом ва ҳӯҷаин нафас канда-нафас канда ҳикояти қарздории худро кард ва ба пеши онҳо писарашро ба додани хати тоза аз номи худаш ва ба адои ин қарз васият намуд.

Ёдгор чизе нагуфт ва ба замин нигоҳ карда истод.

Азимшоҳ гуфт:

— Ёдгор! Чаро дам намезанӣ, магар сухани падаратро дар нафаси вопасинаш ба замин мемонӣ?

Ёдгор, бе он ки ба касе нигоҳ кунад:

— «Бузро ба пои худаш меовезанд, гӯсфандро ба пои худаш», агар падарам қарздор бошад, ба ман чӣ?— гуфт.

Бозор ба шунидани ин сухан аз писараш, ки ҳаргиз аз ӯ ин гумонро надошт, зиёда маъюс ва андӯҳгин шуд ва аз қатор шуда чакидани оби чашм, худдорӣ карда натавонист.

Домулло имом ба Ёдгор:

— Агар падарат мол медошт, баъд аз сари ӯ, албатта, ту соҳиб мешудӣ; имрӯз ки аз вай қарз мондаанӣ аст, чаро тан намегирӣ, чаро аз ҳукми шариат гарданкашӣ мекунӣ? — гуфт.

Ёдгор:

— Ҳоло қарздор будани падарам ба шумо аз кучо маълум шуд, ман ҳамин қадарро медонам, ки мо падар ва писар даҳ сол боз ба ин кас кор мекунем, нобудкорӣ накардем, тӯй накардем, маъракаю мавриди дигареро ҳам аз сар нагузарондем. Падарам дар соли аввали хизматгориаш танҳо ду гӯсфандро гум карда будааст, аз рӯи таомули вилоят барои онҳо товон доданаш даркор бошад, пули ду гӯсфанд қарздор мешавад, ки ба вай гарав шуда музди хизмати даҳсолаи мо истодааст; пас ба чӣ сабаб падарам ин қадар маб-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лаги калон карздор шуда монд?! Не, ман ин хисоби «ҳамдуна»-ро тан гирифта наметавонам.

Аз суханхои Едгор аломати исьён — аломати гардаикаши хувайдо буд. Хўчаин сахт тарсид, вай андеша мекард, ки агар Едгор ба розигии худ хат надихад, аз вай бо зури хат гирифтан хеч фоида надорад, зеро ин чо молу мулк надорад ва дилбастагии дигар хам надорад; агар баъд аз сари падараш гурехта равад, аз хати хушк ба ман чи хосил?

— Едгор! — гуфт хўчаин,— падарат бача набуд, девона хам набуд, аз руи хисоб карздор шуд ва ба карздории худ дар пеши козии ислом икрор карда хат дод. Дуруст аст, ки харсола ба маблаги тани пул фоида гўён як чиз зам карда шуд, лекин ин фоидаи замшуда аз рўи таомули вилоят нимй буд. Ба болои ин харсола харочоти хат: мўхрона, котибона ва хизматонаро хам ман додаам, ки дар пушти хатхо навиштагй аст, худи ин харочот хам аз шаст танга зиёд мешавад; агар ту ба хат додан розй шавй, мумкин аст, ки бачагии туро риоя карда пулро ба ту бе фоида ба тариқи карзи хасана монам, музди хизмати солэнаатро як чиз мукаррар карда ба хисоби қарзат шикастан гирам. Харочотхои то ба хол ба дари козихона шударо хам ба ту бахшам, аз тани пул, ки хаштсаду панчоху нўх танга аст, панчоху нўх тангаашро хам бахшида ба ту танхо хаштсад танга хисоб намоям, агар худо накарда рўзи падарат пур шуда бошад, харочоти гуру кафанаш хам аз ман шавад.

Азимшох дар охири сухани худ гуфт:

— Ман ин гузашт ва бахшишхоро барои он мекунам, ки падарат аз дуньё бе карз равад, набошад агар падарат ё ту хакки маро хўретон, худо ачрашро ба ман мерасонад, аммо шумоён дар рўзи киёмат ба пеши козии хакикй чавоб мегўетон.

Едгор, бе он ки ба касе нигох кунад, сари худро чапу рост чунбонида:

— Не, намешавад! — гуфт ва хост домани худро афшонда аз чояш хезад.

Дар ин вакт падараш, ки ба вай суханони гўр ва киёмати Азимшох хеле асар бахшида буд, бо овози хазин:

— Едгор, писарам, Едгор! Ба ман нигох кун! — гуфт.

Едгор баргашта ба чои худ нишаста ба падараш нигох кард, ки ашки хасрат аз чашмони ў мерехт. Бо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

зор бо ин ҳол чашмашро ба чашми писараш дӯхта қадре истод. Ин нигоҳи маъюсона, ин нигоҳи андӯҳгинона, ин нигоҳи мушфиқона, ки дар айни замон бо зорӣ ва тавалло, аз писари худ шафқат ва марҳамат мепурсид, ба дили Ёдгор бе асар намонд; ин нигоҳ чунон нигоҳе буд, ки агар бо ин ҳасрат, бо ин яъс ба санг меафтод, об мекард, чӣ ҷои дили писар, ки бо ин ҳама хашмгиниаш дар ҳаққи хӯҷаин, ба ҳоли падар месӯхт.

Бозор, вақте ки ба асар кардани нигоҳи худ ба дили писараш қаноат ҳосил кард, гуфт:

— Магар розӣ мешавӣ, ки ҳаққулъабдро [32] ба гардани худ бубарам, магар розӣ мешавӣ, ки мурдаи ман дар кӯча монад?

Ёдгор ба ин нигоҳ ва ба ин гуфтори падар тобоварӣ карда натавониста:

— Хуб, барои ризои хотири шумо розӣ шудам, хат кунанд,— гуфт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

КИСМИ ДУЮМ

I. АЗ ГӮРИСТОН БА ГУЛИСТОН

Ҳаво соф, офтоб ҳанӯз набаромадааст, аммо ситорагон аз назарҳо пинҳон шудаанд, насими пагоҳӣ мевазад, гаронии шабона, ки оламро фаро гирифта буд, гӯё аз ин насим мегурезад. Бо ин ҳама созгории табиат як манзара бинандаро дилгир мекард — ин манзараи гӯристон буд; гӯристон, ки дар болои пуштаи фарохи баланде вокеъ шуда буд, аз намуди ваҳшатангези худ ҳар касро дар даҳшат меандохт. Тӯда-тӯда хокҳое, ки сар то сари ин пушта аз онҳо холӣ набуд, ба назар чунон менамуд, ки мурдагони дар таги замин хобида муҳайёи бархостананд, ки хокҳоро ба сари худ бардоштаанд; орс, пушта аз бисьёрии қабр ва лаҳад монанди як анҷумани серодам ба назар намоён мегардид, лекин монанди анҷумани хомӯшон сокит ва андӯҳовар буд.

Навҳа ва зории як чавони 18—20-сола, ки ба сари қабри наве нишаста мегирист, сукути ин анҷумани хомӯшонро вайрон мекард, навҳаи ин чавон гӯё мусикии ҳузнангезе буд, ки аз шунавандагони худ асари ҳаётро тамоман рабуда буд; чонзоде, ки дар ин манзили хомӯшон асари зиндагӣ нишон медод, танҳо юрмонҳо буданд, ки қади худро аз замин як вақаб боло бардошта ба навҳасарои мо инодкорона нигоҳ мекарданд.

Чавони навҳасаро пас аз соате фиғону вовайло кардан хомӯш монд; баъд аз дақиқае чанд, сари худро аз қанораш бардошта чашми худро ба қабр дӯхт ва ба хобидаи он чо хитоб карда гуфт:

— Танҳо ту будӣ, ки ба дилхушии ту ман ба ҳар азоб ва ӯқубат бардошт мекардам; танҳо ту будӣ, ки ба хушнудии ту ҳар гуна талху шӯри ин навъ зинда-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

гониро ба худ гуворо мешумурдам, танҳо ту будӣ, ки барои ризои ту, дар зери бори гарони як қарзи бесабаб худро андохтам; акнун ки ту маро танҳо партофта рафтӣ, худам бояд барои халосии аз ин маҳлака кӯшиш кунам...

Ҷавон боз қадре хомӯш монд ва гӯё барои халосии худ роҳ меҷуст.

— Гурехтан! — ҷавон ба ҷустуҷӯи худ, бо ин калима ҷавоб дод: аммо ба куҷо гурехтан?

— Ба ҷое гурехтан даркор аст, ки касе дар он ҷо маро дунболагирӣ накунад ва касе ба ман кордор набошад,— ҷавон дар пурсиши дуйуми худ ба ҳамин тариқа ҷавоб дод.

— Он ҷо куҷост? — лекин ин пурсиш беҷавоб буд.

Ҷавон аз ҷои худ хест, гӯё барои ёфтани «он ҷо» кӯшиш мекард: ба атроф менигарист, фазои бепоёни осмонро аз чашм мегузаронид ва орзу мекард, ки болу пар бароради ба тарафи осмон парвоз кунад, ба куллаҳои кӯҳ ва гӯшаҳои абр нишаста ба тарафи замин, ба тарафи ин замин ки ба вай бисьёр азият расондааст ва ниҳоят падарашро ҳам бо хорӣ фурӯ бурда, ягона дилхушиашро аз дасташ рабудааст, бо истеҳзо ва нафрат нигоҳ кунад.

Дараи Ниҳон! Дар ин асно кӯҳе ба назараш омад, ки дараи онро «Дараи Ниҳон» мегуфтанд.

— Ин аст ҷои ман! — гуфт.

Ҷавон аз Дараи Ниҳон бисьёр ҳикоятҳо шунида буд, рафиқони чӯпони вай, дар вақтҳои гӯсфандчаронӣ, ба вай Дараи Ниҳонро таъриф карда борҳо гуфта буданд;

— Ин дараест, ки дар он ҷо пашша пар занад, параш месӯзад; дар он ҷо ҳокимон ва қозиёнро роҳ нест; дар он ҷо девон ва париён ҳам дар қатори одамон зиндагонӣ мекунанд; бештарини мардуми Дараи Ниҳон бо париён хонадор шудаанд, бинобар ин духтарони онҳо хеле соҳибҷамол мешаванд...

Ҷавон, чизҳои дар ҳаққи Дараи Ниҳон шунидаи худро аз хотир гузаронида, худ ба худ табассуме кард, гӯё вай ба Дараи Ниҳон рафтааст, бо мардуми он ҷо унс ва улфат пайдо кардааст, яке аз он духтарони паризодро ба худ ром карда гирифтааст...

Дар ин ҳол ин ҷавон, на танҳо аз маҳлакае, ки дар он афтода буд, халос мешавад, балки ба замми ин ба ҷое роҳ меёбад, ки дар он ҷо бо паризодон умр ба сар мебарад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ин хаёл, ин тасаввур чавонро дигар ба нишастан мачол надод ва чун бод ба тарафи Дараи Нихон рахсупор гардид.

Чавон имрӯзро дар рах гузаронида шабхангом ба даромадгохи дара расид, ба болои тахтасанге осуда хобид; албатта, ин хобгохаш, назар ба хобгохи пештараш, ки дар оғилхонае буд, бехтар ва осудатар аст; имшаб ба чои девори хавли девораи кӯхи сар ба фалаккашида ба назараш намоён буд, ки сохиб ва хучаин надошт. Дар гирдогирдаш чӯйчахои оби равон синахои сангро харошида нағмаи «синахарош» мебаровардан; бар болои сараш ситорагони дурахшон нур мепошиданд.

То як поси шаб бо тамошои ин манзараи табиат хобаш набурд, окибати андешахои пешомад худашро аз худаш даррабуд, оянда ба назараш бисьёр дурахшон метофт; ба даруни дара, ба сари кӯх, дар миёнаи дарахтони кӯхи озодона сайругашт менамояд; хар тараф чашмасор, хар тараф чуйбор; чавонон суруд мегӯянд, духтарон мераксанд, ин чавонон хама некусират, ин духтарон хама парисурат...

Чавон вакте сар бардошт, ки офтоб ба куллахои кӯх партав афкандааст, он хама дилгирихояш хобу хаёл будаанд, ки дар хакикат ханӯз аз онхо асаре нест: аммо ачаб хоби хуш, турфа хаёли ширин?

Аз чой хест, бо оби равоне, ки аз пахлуи хобгохаш мегузашт, дасту рӯ шуст; бо вучуди кӯфтагии рохи дирӯза худро имрӯз аз пештара бокувваттар ва пурзӯртар мепиндошт, лекин гуруснаги хотирашро парешон медошт; чизе ёбад, ки бихӯрад, дигар ғам надорад.

Дар чустучӯи хӯрданӣ ба хар тараф менигарист, чашмаш ба алафи сабзии кӯхи афтод: дигар ғам намонд; якчанд бех сабзиро аз замин кашида гирифт, бо об шуста хонд, андак бӯи нофорам дошт, бо вучуди ин таъмаш гуворо буд; бо ин чанд бех сабзӣ нафсашро ором дод ва боз ба рох даромад.

Акнун вай ба шахри худ, ба диёри худ мерафт, ба диёре мерафт, ки дар он чо хеч тахлука вайро дунболагири намекард.

Рох ва манзарахои Дараи Нихон ба чавони танхогарди мо хеле хуш омад; печу хами ин рохи борикторик ба дилаш он кадар дахшат намеандохт; агарчи вай дар хар хаму печи ин кӯхсор деве ё парие хаст гуфта гумон мекард, аз онхо намехаросид, зеро, назар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба афсонаҳои шунидааш, ин девон ва париён ба одамӣ ром шуда буданд ва паноҳандагони ба худро аз ҳар гуна таҳлука ҳимоят мекарданд; ин ҷавон, ки гуреза шуда ба инҳо илтиҷо бурда омада истодааст, чаро тарсад?. Дур нест, ки дар наздикӣ бо инҳо хешӣ пайдо кунад, яъне аз инҳо зан хоҳад ва домод шавад.

Аз роҳи тангу торик ба майдони фароху равшани дара баромад, ҳар ҷо-ҳар ҷо дарахтони арча (бурс) соя меандохтанд; ҷӯйчаҳои оби мусаффо аз пои дарахтони қатори зебо равон буданд, сабзаҳои расида ва себаргаҳои дамида гӯё қолини сабзе буданд, ки ба канори ин ҷӯйбор ва зери ин дарахтони қатор густурда шуда буданд; не, ин гулистоне буд, ки табиат барои сайру гашти ин ҷавони бехонумони аз гӯристон гурехтаи мо омодааш карда буд. Ҷавон аз шодии дидани ин гулистон гул-гул мешукуфт ва ба дили худ:

— Ин аст боғи ман! — гуфт.

Ҷавон мехост пеш равад, лекин бисьёр монда ва кӯфта шуда буд, бинобар ин ба канори санглохе нишаст, сару рӯи худро шуст. Гӯшу бинии худро аз хоку чанги роҳ пок кард ва ба ҳамин ҳол соате ба равиши об нигоҳ карда истод.

Об чун оина мусаффо буд; пас аз ором ёфтани лаппише, ки ҳангоми дасту рӯйшӯй пайдо шуда буд, ҷавон акси рӯи худро дар ин оби оинамисол дид:

Ҳайрат!

Пеш аз ин ҳам ҷавон акси худро дар хонаи хӯҷаини худ дар оинае, ки зани он дар вақти мӯйбофӣ ба девор рост мемонд, дида буд, лекин дар он вақт рӯи худро пажмурда, чашмони худро афсурда ва ҳолати худро парешон ва пароканда ёфта буд.

Акнун чӣ?

Акнун рӯяш чун себи рахш медурахшид, чашмонаш монанди ситораи саҳарӣ нур мепошид, аз лабонаш аломати шодмонӣ ва хурсандӣ бо як табассуми бесабаб намоён буд: бар рӯи лаби болояш як хатти сиёҳ ба шакли камон кашида шуда буд, чун нек нигарист ин хат набудааст, балки нуқтаҳои бисьёр резаи сиёҳи ба ҳам пайвастаанд, ки дар назари аввал монанди хат намудор мешудаанд; дар ҳақиқат ин хат ё нуқта дар ғояти зебоӣ буд ва бар рӯи лабе, ки аз таъсири шустан бо оби сард гулобиранг метофт, бисьёр шинам афтода буд; ин мӯйлаби навдамида буд, ки ҷавон инро ба ҳеҷ чиз монанд карда наметавонист. Агар ин ҷавон

E-mail: ziyozoda@gmail.com

як чавони дар мактаб ва мадрасахо хонда, ё ки пурдида мебуд, медонист, ки ин мӯйлаби навдамидаи худаш ба афшони мушкине монанд аст, ки моникаламони[22] Шарк бо калами мӯин бар рӯи коғази хитоии абрешими афшондаанд. Лекин вай ин гуна чизхои сохтаро надида буд.

Шаклу шамоили чавон, ба назари худаш хеле зебо намуд, вай гумон мекард, ки ба сабаби наздик расидани ӯба диёри париён, сурататаш хам ба сурати онхо наздик шудааст.

Хисси чавонй, хаёлхои ширин, умеди оянда чавонро тамоман дар олами дигар андохта буданд, якбора часта аз чой бархост ва лаб-лаби санглох ба рафти об нигох карда равон шуд.

Кучо меравад?

Ба чое меравад, ки зудтар дар он чо бо одамиёни паризод вохӯрад ва ба онхо шиносо шавад, унсу улфат пайдо кунад; агар бахташ мададгор шавад, яке аз он духтарони паризодро роми худ гардонад, худаш хам бад нест; сару сурати худашро, ки хозир дар об дид, дарьёфт, ки барои ба даст даровардани як духтар басанда аст... Бо ин хаёлоти ширин пеш рафтан гирифт.

Нохост чиро дид? Хоб аст, ё хаёл?

Духтари парипайкари мохсимоеро дид, ки ба лаби чашмае нишаста кадуи обкашии худро аз оби чашма пур мекунад.

Ин на хоб асту на хаёл. Ин хакикатест, ки ба пеши чашми худ дар рӯзи равшан мебинад.

Аввал аз пеш рафтан ибо карда, дакикае чанд ба чои худ истод; боз ба худ андешид:

Ин бахти ман аст, ки ба пешвози ман баромадааст. Ё ин ки ман ба вай рост омадаам, пас ибо кардан барои чист?

Боз пеш рафтан гирифт, чашми духтар хам ба вай афтод ва ба андешаи кӣ будани ин мехмони нохонда ба вай бо нигохи хайрат менигарист; пас аз наздик омадани чавон духтар донист, ки вай инчой нест.

— Ту кисти ва аз кучо меой? — духтар пурсид.

— Як каси мусофирам, аз Сари Чӯй меоям,— гуфт чавон. Духтар аз ин чавоб дар хайрат афтод: — то хол аз Сари Чӯй одамони козй ё шугирдпешагони хоким меомаданд, аммо киёфати ин чавон ба онхо монанд набуд, пас ки бошад ва барои чй ба ин чо омада бошад?

Духтарак:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Барои чӣ ин ҷо омадӣ? — гуфта боз пурсид.

— Ба паноҳи ту омадам!

— Ба паноҳи ман?

— Ҳо, ба паноҳи шумо — ба паноҳи аҳли ин дара омадам.

— Магар гуреза астӣ?

— Гурезаам гӯям ҳам мешавад.

Духтар кадуи оби худро бардошт ва хост, ки биравад, дид, ки ҷавони мусофир ба вай бо нигоҳи илтичо ва паноҳандагӣ менигарад, гуфт:

— Биё ба ҷои мо!

Ҷавон неву нестон карда наистод:

— Хуб,— гӯён аз дунболи ӯ равон шуд.

Чашму абрӯ, лабу даҳан, рангу рӯи ин духтар чӣ қадар дилрабо бошад, мӯи сиёҳи диловезаш, ки аз баногӯшаш гузашта ба дӯшаш афтода буд, ҳамон қадар зебо менамуд.

Духтар тез мерафт ва дар сари ҳар чанд қадам ба дунболи худ нигоҳе карда гӯё аз ҳоли меҳмони худ ҷӯё мешуд.

Дили ҷавон ҳанӯз ба ин духтар банд нашуда буд, лекин нигоҳҳои гоҳ-гоҳии он гӯё вайро ба тарафи худ мекашид ва ё ба дили ӯ тухми муҳаббат мекошид.

Ҳар ду хомӯш мерафтанд; оқибат дили ҷавон ба ин хомӯшӣ тоб оварда натавонист, хост, ки сухане дар миён орад, лекин чӣ гуфтанашро намедонист, ба як духтари ношинос як ҷавони бегона чӣ ҳам гуфта метавонист? Бо андешаи бисьёре ҳамин қадар гуфта тавонист, ки:

— Қадуи обро ман бардорам-чӣ? Ту монда шудагӣ барин менамоӣ!

Духтар ба худ осори мондагӣ намедид, бо ҳисси духтаронаи худ пай бурд, ки мақсади ин ҷавон, аз ин сухан, танҳо гап кушодан ва бо таклифи хизмате хушомад гуфтан аст; духтар пеш аз он ки ҷавоб диҳад, ба вай нигоҳи табассумомезе кард, гӯё бо ин табассум пай бурдани худашро ба мақсади вай маълум намуд ва гуфт:

— Не, монда нашудаам, ман ҳар рӯз даҳ-понздаҳ бор об мекашам, аз пойпартоиҳоят маълум мешавад, ки ба сабаби аз роҳи дур омаданат, худи ту монда шудаӣ.

Ҷавон дар зери обу арақи хиҷолат монд, сухане намеёфт, ки ба вай ҷавоб гардонад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Боз хомӯшӣ сар шуд, пас аз чанд дақиқа ба манзил наздик расиданд.

Зане, ки дар он чо ба пеши оташдон истода буд:

— Гулнор! Тезтар пой мон, кариб аст, ки аз беобӣ дег кафад,— гуфта духтаракро чеғ зад.

Духтар тез-тез пой партофта дар ду дақиқа обро ба пеши оташдон бурда монд ва ба душболи худ баргашта нигоҳ кард, ки чавони мусофир якчанд қадам дуртар истода ба тарафи худаш ҳайрон-ҳайрон менигарад.

— Чаро истодӣ? — гуфт духтар,— омадан гир! Чои мо хамин чост. (Ба занак, ки аз сари оташдон хеста ба ояндa нигоҳ мекард) Ин мусофири ғариб чои рафтан надоштааст, ки ман ҳамроҳи худ овардамаш.

Занак:

— Хуб кардӣ, гардад очеш,— гуфта хушнудии худро маълум кард ва ба чавон, ки вай хам расида омада буд, нигоҳ карда:

— Биё, писарам, ин чо нишин! — гуфта пӯстаки дар он чо пахн кардашударо нишон дод.

— Номат чист? — занак аз чавон пурсид.

— Едгор!

— Ҳай-ҳай, номи хуб доштай,— пас аз он ба духтараш нигоҳ карда:

— Зуд бош, модаговро аз чаро оварда чӯш, вақташ нагузарад, ман барои меҳмонат ширкаду мепазам,— гуфт занак.

Духтар рафт, дили Едгор ҳам аз паси он; афсӯс ки Едгор ба ин хонадон навомада ва ноҳолдон буд, вагарна ин хам ҳамроҳи духтар ба баҳонаи ёрӣ додан ба вай барон овардани гов мерафт.

II. ШОМИ ҒАРИБОН

Камари кӯҳро монанди хонаи шағолон кофта дар атрофаш аз санғҳои нотарошида деворҳо сохта болояшро бо хасу хошок пӯшонда буданд. Дар пеши ин кулбаи кӯҳи рӯ ба рӯи ҳам ду пӯстакча пахн карда буданд, ки ба болои яке аз онҳо Едгор ва ба они дигараш як шахси дигар нишаста буд; дар миёни инҳо як дастархончаи шол пахн карда ба рӯи он як корсон (табаки чӯбин) ширкаду нихода буданд, ки хар дуя-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шон бо як қошуқи чӯбини ҷойдорӣ ба навбат он ошро мехӯрданд.

Дар он сӯтари ин кулба — дар пеши оташдон як корсони дигар ширкаду буд, ки Гулнор бо модари худ сари дупо нишаста, инҳо ҳам бо як қошуқ ба навбат мехӯрданд.

Мардон оши худро хӯрда тамом карда фотиҳа хонданд, Гулнор табақ ва дастархонро бардошт, марде, ки дар рӯ ба рӯи Ёдгор нишаста буд:

— Писарам! Пурсидан айб нест, ту куҷоӣ астӣ ва чӣ тариқа ба ин тарафҳо афтодӣ? — гуфта пурсид.

Ёдгор дар ҷавоби ин шахс як қисми саргузашти худ ва падарашро кӯтоҳ карда ҳикоя кард, аммо бе иҷозати хӯҷаин ба ин тарафҳо гурехта омадани худро пинҳон дошт, дар бораи ба ин тарафҳо омаданаш ҳамин қадар гуфт, ки:

— Ман, ки як фарзанди кӯҳистон будам, ҳавои Сари Ҷӯй ба ман нафорид, вақте ки падарам мурд, дар он ҷо ҳеҷ дилбастагиам намонд, коре ёбам, ки шикамам сер шавад, ба ман бас аст, гуфта ба ин тарафҳо омадам.

— Агар ба як лаб нон,— гуфт мард,— ва ширу чуғрот қаноат кунӣ, дар ин ҷо ба хубӣ умр мегузаронӣ, аммо пайдову пасандоз кардanat мумкин нест; дар ин ҷо бойҳои калон, ки ба музд ятим нигоҳ доранд, каманд, баъзе касони сермол бошанд ҳам, мувофиқи худ дастьёр доранд. Лекин баъзе одамони танҳодаст ҳастанд, ки ду сар, чор сар мол доранд ва худашон бисьёртар дар паси киштукор мегарданд, агар подабон ёфт шавад, молҳои худро ба пода месупоранд; агар ту хоҳиш кунӣ, фардо ман молҳои ҳамин қисм одамҳоро ғундошта ба ту месупорам, ту мечаронӣ, ҳар кадоми инҳо ба қадри ҳол ягон нон, ё ягон коса ош медиҳанд, ки бо ҳамин ту зиндагонӣ мекунӣ.

Ёдгор ба хаёлот фурӯ рафта буд, магар ӯро кӯфти роҳ ё хаёли Гулнор ба ин ҳол водошта буд, ки мард гумон кард вай он қадар ба суханони худаш диққат надорад:

— Хуб, ҳоло ту аз роҳи дур монда шуда омадай, ман ҳам нав аз кор омадам, ин маслиҳатро фардо мекунем, ҳозир зудтар хобидан даркор аст: пӯстакро бардошта биё! — гуфта мард пеш даромад ва чанд қадам дуртар аз кулбаи худ рафта ҷоеро нишон дода, гуфт:

— Писарам, пӯстакро ин ҷо андохта бихоб, натарс,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ки ман хам дар пеши хона мехобам, агар хавотир каши, амаки Рустам гуфта фарьёд кун, ман хозир мешавам.

Мард чои хоби Едгорро муайян карда, худ ба пеши зану духтараш омада бихобид. Пас аз панч дакика садои хурроки ў ба гўши Едгор расидан гирифт.

Аммо Едгор чи? Магар мумкин буд, ки ўро хоб барад, магар мумкин буд, ки осуда бошад? Магар мумкин буд, ки як чавони аз падараш, аз модараш ва аз ватанаш чудошуда, дар як кўҳсори бегонае, ки дар ин чо ба чи тарз зиндагонй карданаш ханўз маълум нест, осуда бихобад?!.

Ба Едгор як холати бисьёр ачибе рўй дода буд, ки ин холат уро хеч осуда намегузошт: вай мехост, ки имшабро пеши Гулнор гузаронад, бо вай сўхбат кунад, гуяд, шунавад ва бахои ояндаи худ аз вай маслихат чуяд, хар чизеро ки вай савоб бинад ва салох донад, ба хамон амал кунад..., аммо ин муяссараш набуд; духтар, пас аз он ки вайро бо худ то пеши модари худ овард, дигар аз холи вай чуё нашуд.

Едгор окибати кори худро меандешид, чй шудани пешомади худро намеёфт, вай ба дили худ мегуфт:

Аз рўи сухани амаки Рустам ин чо ба хуби умр мегузаронам, аммо агар Гулнор, монанди хаминшаба, дигар аз холи ман чўё нашавад, ин зиндагонй он кадар хуб намешавад.

Едгор чун сари калобаи ояндаи худро наёфт, ба саргузашти худ як назар андохт: саргурез шудан аз Кўлоб, афтодан ба дасти дуздон, мурдани модар, хизматгории Азимшох, карздории бесабаби падар, гуссамзргии он, видои вопасини сари хоки падар, гурехтан ба тарафи Дараи Нихон... монанди як тасмаи кино ягон-ягон, лекин ба зудй аз назараш мегузашт.

Хамаи инхо гўё як хоби хавлнок буд, ки Едгор дида буд, вагарна одамй натавонад, ки ба ин хама фалокат ва машаккатхои хакики тоб овард.

Вохурдан ба Гулнор...

Дар охири ин тамошогохи хаёлй, як манзара меомад, ки вай хоб набуд, хаёл набуд, балки хакикат буд, як хакикат буд, ки ба вай Едгор дар бедори рост омада буд, ин як бедории масъудона[24] буд, ки баъд аз дидани хобхои парешон рўй дода буд; дидани рўи дилороми Гулнор ва шунидани суханхои мехромез аз он лаби шакарбор — дар хакикат дар як рўзи фирўз ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дар як соати масъуд буд. Ҳайфо, ки ин рӯзи фирӯз дер напоид ва он соати масъуд дароз накашид, вақте ки Гулнор ӯро оварда ба модар ва падари худ шиносо кард, дигар аз ҳоли вай чӣё нашуд, монанди он ки ин гуна касро ба умри худ ҳеҷ надида бошад, ба тарафи ӯ дигар нигоҳе ҳам наандохт; агар ин беилтифотӣ ва номеҳрубонӣ давом кунад, вой ба ҳоли Ёдгори бекасу бекӯй!..

Ёдгор ғазалеро, ки падараш дар вақтҳои ғамзадагии худ мехонд, дар ҳавои «Шаби ҳичрон» ба сароидан даромад:

Ғарибонро кӣ мепурсад
Дар ин шоми ғарибона?
Тамоми халқ бепарво,
Тамоми мулк бегона.

Сарам чун чарх мегардад,
Танам чун бед меларзад,
Дилам чун кӯра месӯзад,
Дар ин шоми ғарибона.

На мулкам ҳасту не молам,
На кас пурсад зи аҳволам,
Зи шаб то рӯз менолам
Дар ин кӯҳсори бегона.

Ёдгор гумон дошт, ки ҳамаро хоб рабудааст, бо вуҷуди ин бисьёр ба оҳистагӣ замзама мекард ва эҳтиёт менамуд, ки касе нолаашро нашунавад ва гумонаш ҳам ин буд, ки ғайр аз санге, ки дар зери сараш нихода буд, фарьёди беовози ӯро касе нашунидааст.

Лекин дар воқеъ ин гуна набуд; дар миён як шахси бедори дигар ҳам буд, ки чашму дилашро ба тарафи Ёдгор баста буд; ҳарчанд ки ин шахс ба сабаби дурии чои хоб ва торикии шаб дар ҳар дақиқа даҳ бор аз ин паҳлу ба он паҳлу гаштани Ёдгорро намедид, вайро ба ҳамин ҳол ҳис мекард.

Ҳамин ки ин шахс «нолаи шаби ҳичрон»-и ғарибонаи Ёдгорро шунид, гумонаш ба яқин бадал шуд ва донист, ки мурғи бегонаи навомӯз зада шудааст, ҳатто нимбисмил гардидааст.

Ин шахс Гулнор буд.

Вақте ки ин ду ҷавон — Ёдгор ва Гулнор, бо ҳам рӯ ба рӯ шуда буданд, монанди ба ҳам расидани ду сими рӯ ба рӯи электрик дар миёна шӯълаи муҳаббат ҷафрӯхта буд. Ёдгор ба Гулнор чӣ қадар майлон карда

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бошад, ин хам ба он хамон кадар моил шуда буд, лекин оташи хичрон ба Ёдгор, ба дигар ғамхои вай зам шуда, зудтар асари худро нишон дод, вай ба сўзу гудоз афтод; хамин ки Ғулнор нолаи дилхароши ўро шунид, вай хам бетокат шуд, агар дар пеши падару модари худ намебуд, ин хам бо вай хамовоз шуда меполид, хайфо, ки ба дам задан махол надошт; дилаш танги мекард, аммо нафаси сахттар кашида наметавонист; дарунаш месўхт, аммо охи сард баровардан мумкин набуд.

III. БАДЕХАГЎЙИ

Айёми тобистон, офтоби чахонтоб бар болои сар рост баромада, кўху биёбонро баробар равшан ва гарм намуда буд; лекин харчанд нимрўзии тобистон бошад хам, хавои кўхсор монанди айёми баҳор миёна ва форам буд; кабкхои дарй гохо бар теға ва гохо дар камар сайру гашт менамуданд; мургони хушилхон бар шохахои дарахтони кўхй нишаста нағмасарой ва ғазалхонй мекарданд; чўйчахои оби соф, ки аз фарози кўх ба нишеб аз санге ба санге частухез карда мефуромаданд, аз шилдир-шилдири охангдори худ бо мургони нағматироз хамовозй мекарданд; гўсфандон дар хоби ноз; бузголагон дар таку тоз; чўпонбачагон дар давидан; охубаррагон дар рамидан; хулоса хар кас, хар чиз ва хамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

Чупонон ва подабонон гала ва рамахои худро, ки аз аввали пагох то ниман рўз чаронда сер карда буданд, дар камарҳои сояраш оварда ба истирохат гузоштанд ва худхошон ду-ду, чор-чор ба хар гуна бозихо: найнавозихо, ғазалхонихо ва бадехагўихо машгул шуданд.

Яке шахд кашида мегуфт:

— Ёри ман дар хона, ман дар кўх афтон мекунам,
Сангро аз полиши чонсўз лолон мекунам!
Пеши чашма менишинам дар хавои чашми ў,
Чашмаро бо оби чашми худ хурўшон мекунам!

Дигаре мегуфт:

— Дил хуш асту гул хуш асту хонаши булбул хуш аст,
Хонаши булбул хуш аст, аммо ба пеши гул хуш аст,
Ё дар он чо, ман дар ин чо нолаҳо дорам зи хичр,
Кай тавон гуфтан маро аз полиши худ дилхуш аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Танҳо Ёдгор ба ин даврахо ҳамроҳ набуд, вай гала ва гӯсфандонеро, ки Рустам аз ҳар дар ғундошта барои чаро ба дасти ӯ супурда буд, баъд аз сер кардан онҳоро дар камаре хобонд, худ дар зери дарахти арча ба лаби чашмае, ки бисьёр ба сустӣ равон мешуд, нишаст ва наи чӯпонии худро ба даст гирифта найнавозиро сар кард; ҳар нақш ва ғазалеро, ки чӯпонони дигар мехонданд, Ёдгор ҳавои онро бо най адо мекард; хусусан ҳавои байти:

«Ӯ дар он чо, ман дар ин чо нолаҳо дорам зи ҳачр,
Кай тавон гуфтан маро аз нолиши худ дилхуш аст»

ро бисьёр дилхарошона адо кард.

Магар мазмуни ин байт ба ҳасби ҳоли худаш рост омада буд, ки пас аз хомӯш гаштани дигар хонандагон ҳам худи он байтро гашта-баргашта шаҳд кашида мехонд ва боз ҳавояшро бо най адо мекард.

Вақте ки аз ин нолаҳои беҳосил дилгир шуд, найро ба як тараф партофт ва худ оҳи чонкоҳе кашида, ба рӯи сабза ва себарга ёзида чашми худро пӯшида ба хаёлот фурӯ рафт.

Лекин ҳоло хаёлоти вай мисли пештара парешон ва пароканда набуд, ҳоло аз гузаштаи худ камтар ёд мекард ва аз оянда ҳам бисьёр андеша надошт; умргузаронии ҳаррӯзааш ҳам бад нест: бо ёрмандии Рустам ҳоло вай як подабон аст, 20—25 сар гов ва гӯсфанди аз ҳар дар ғуншударо ҳар рӯз ба чаро мебарад, «оши ҳалол, нони ҳалол»-е, ки соҳибони мол медиҳанд, барои хӯроки ҳаррӯзаш басу зиёдатист; ширу чуғроту дӯғ бошад, чӣ қадар хоҳад, ҳамон қадар тайёр аст. Ду-се моҳ аст, ки дар ин дара умр мегузаронад, ҳар чӣ аз дунболагирии Азимшоҳ ҳам ҳеч хатаре рӯй надодааст; бинобар ин гуфта метавонист, ки як дараҷа хушбахтона умр ба сар бурда истодааст.

Ҳоло хаёлоти вай танҳо ба як тараф, ба як чо — ба Гулнор банд буд; он майлонҳое, ки ба тарафи вай дошт ва пештар як ҳавову ҳаваси муқаррарии чавонӣ шумурда мешуд, ҳоло ба як ишқи чонсӯз, ба як муҳаббати заволнопазир бадал шуда буд; хусусан илтифотҳои ниҳонӣ ва дилчӯиҳои пурмеҳрубонии Гулнор оташи ишқашро дуболо карда буд, лекин бо ин ҳама ҳанӯз ин муҳаббатро, ғайр аз забони ҳол, дигар воситае изҳор накарда буд — ҳанӯз Ёдгор ишқи худро ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Гулнор рӯйрост нагуфта ва Гулнор ҳам майли худро ба Ёдгор ба забон наёварда буд.

Ёдгор мехост, ки акнун дарди дили худро ба вай фошофош гӯяд, аммо андеша мекард, ки вай чӣ муомила мекарда бошад? Агар хуш кабул кунад, чӣ хубу чӣ нага, аммо агар рад кунад?..

— Вой ба холи ман! — Ёдгор мегуфт,— дар он сурат ҳаман умедҳо ба навмедӣ ҳаман хаёлҳои ширин ба талхкомӣ ва ҳаман муҳаббат ба хасрат бадал хоҳад гардид. Дар он ҳол зиндагӣ басе душвор хоҳад шуд...

Ёдгор имрӯзҳо хоҳ най навозад, хоҳ нақш гӯяд, хоҳ молҳоро ба чаро барад, хоҳ нишинад ва хоҳ хобад, бо ин хаёлот ва бо ин андешаҳо машғулӣ мекард.

Ҳоло ки аз найнавозӣ ва нақшгӯӣ дилгир шуда ба замин ёзида чашми худро пӯшид, ин хаёлот аз пештара зиёдтар сараширо фаро гирифт; гоҳ ба дили худ мегуфт:

— Ҳар чӣ бодо бод, имруз дарди дили худро мегӯям.

Гоҳо андеша мекард, ки:

— Ҳоло сабр кардаам даркор аст, то ишорате аз тарафи худи вай шавад.

Дар ин асно як сангчаи бисёр хурде аз ҳаво омада ба сари синаи Ёдгор расид, якбора чашми худро кушод, бе он ки сари худро бардорад, ба гирду пеши худ назаре андохт ва боз чашм пӯшида ба хиёлатхонаи хаёлоти худ рафт; сангчаи дигаре омад, боз аҳаммият надода аз чой начунбид. Бори сеюм сангчаи кадре калонтар омада ба канораш афтод. Ёдгор ҳис кард, ки касе ба вай шӯхӣ мекунад; аз чой хест ва ба ҳар тараф бо диккат чашм андохт, дид, ки дар пеши дарахти чормағзе як одам менамояд, аммо кӣ будани ӯро надонист; бароҳ дастгир карда танбеҳ додани ин шӯхикунандаи мавкеъношинос, ки бо як-ду шӯхии бечои худ ҳаман хаёлоти ширинашро зеру забар кард, барчаст ва ба тарафи ӯ давид.

Ёдгор вакте ки ба дарахти чормағз наздик расид, шахси нуқуфта ба чои он ки гуреза, якбора аз паси дарахт баромада гӯё, ки Ёдгорро тарсонда мехоҳад:

— «Вах!» — гуфта худро ба тарафи вай андохт ва аз ду банди дасташ бо дастони возухи худ махкам гирифт.

Ин дастони возухи нармин, чунон дасте буд, ки ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com

маҳзи расиданаш, дасти пурзӯри гирои Ёдгор суст шуд.

Ин дастҳо, дасти нозуки нармини Гулнор буд.

Ёдгор ҳақиқатан тарсида буд, аз ин шодии ногаҳонӣ ва аз ин бахти фирӯзе, ки аз ғайри чашмдошташ нохост ба вай рост омад, наздик буд, шодимарг шавад; боз гумон мекард, ки дур нест он чӣ мебинад, хоб бошад; бинобар ин, беихтиёр, дастони худро аз дасти Гулнор кашида гирифта чашмони худро молида диданӣ шуд. Лекин ин муяссараш нашуд: дасти Гулнор, ки бо вуҷуди нозукӣ чун сими электрик ба дастонаш печида ӯро тамоман аз қувват бароварда буд, сар надод ва гуфт:

— Магар шӯхии ман ба ту сахт расид?

— Худо нақунад, ки шӯхии ту ба ман сахт расад,— гуфт Ёдгор,— лекин ман ҳанӯз гумон надорам, ки ин давлат ба ман ба бедорӣ рӯй дода бошад, ҳанӯз метарсам, ки ман хоб дида истода бошам.

Гулнор (бо ишвабозӣ):

— Магар маро ба хоб бинӣ, метарсӣ?

Ёдгор ҳазлро ба ҷиддӣ гардонда:

— Бисьёр чапгирӣ макун, ба дили сӯхтаи ман намакоб мазан!

Гулнор бо нозу ғурури маҳбубӣ гул-гул шукуфта:

— Чаро дили ту сӯхтааст? — гуфт.

— Агар ҳоло ҳам боварӣ надорӣ, даст ба синаам расонда бин.

Гулнор дасти чапи Ёдгорро сар дода, дасти рости худро ба рӯи синаи вай расонид.

Лекин худаш чунон бехуд шуда буд, ки кариб буд синаи худро ба синаи вай расонад; бо вуҷуди ин худдорӣ карда:

— Вох, вох! — дастам сӯхт,— гӯён худро ба шӯхӣ зада якбора дасташро аз сари синаи вай кашид.

Акнун Гулнор ҳам аз ҳол рафта буд, бе он ки дасти рости Ёдгорро сар диҳад, чун сархушони зиёдатар нӯшида, калавида-калавида ба зери дарахти арча рафт ва дасти Ёдгорро сар дода ба дарахт такья карда нишаст. Ёдгор ҳам дар рӯ ба рӯи вай ҷой гирифт, дақиқае чанд ба хомӯшӣ гузашт, лекин на Ёдгор аз Гулнор ва на ин аз вай чашм намеканданд ва гӯё ки ду дилдода «чашмакбозӣ» карда куввати чашмони худро меозмуданд.

Гулнор ин сӯҳбати хомӯшонаро вайрон карда гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— То кай «чашмаки ман, чашмаки ту» карда менишинем? Биё як ғазал хон ва ё накше гӯй.

— Ман ғазал хонда наметавонам, агар ту хонӣ, аз ту омӯхта ман ҳам мехонам.

— Ғазал намедонӣ?!. Ҳо, дурӯғгӯй! Навакак дар ин чо кӣ ғазал мехонд?

— Ман намедонам, ту гӯй кӣ мехонд?

Гулнор як сангчаро аз замин гирифта ба тарафи Ёдгор андохта:

— Ана ҳамин «кӣ?»-гӯяк мехонд! — гуфт.

— Баъд аз омадани ту ҳамаашро фаромӯш кардам, акнун агар ту ғазалхонӣ кунӣ, ман ҳам ба ёд оварда ғазали худро мехонам.

— Набошад, биё, бадеҳагӯй мекунем.

— Хуб, ман суханҳои худатро бадеҳа карда мегӯям.

— Кадом суханамро?

— Ана шунав!

— Гӯшам ба ту!

— Чашмаки ман чашмаки ту,
Чашмаки пурхашмаки ту,
Чӣ мешавад ба сӯи ман
Ғамза кунад чашмаки ту.

Гулнор як сангчаро ба Ёдгор андохта:

— Ҳа, тӯҳматчӣ! Ман ба ту кай хашм кардам?

Ёдгор:

— Гапро нагурезон, гӯй навбататро!

Гулнор:

— Даррав мегӯям, лекин агар ту чавоб дода натавонӣ, аз ҳамин дарахт як химча гирифта ба поят садта мезанам.

Ёдгор:

— Ӯҳӯ, «ҳокими Сари Чӯй» ин чо будааст-ку; хуб, навбататро гир, агар ман натавонам ҳар чӣ мекунӣ, кун.

Гулнор Ёдгорро бо ин гуна гапҳо машғул карда ба дили худ ғазал бофтанӣ мешуд, лекин чизе ба хотираш намерасид, бинобар ин гуфт:

— Ту боз як бори дигар байти навакак хондаатро хон ва аз ман чавоб шунав.

Ёдгор сар кард.

Чашмаки ман чашмаки ту,
Чашмаки пурхашмаки ту,
Чӣ мешавад ба сӯи ман
Ғамза кунад чашмаки ту.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Гулнор:

— Дастаки ман, дастаки ту,
Дастаки наврастаки ту,
Чӣ мешавад ба гарданам
Ҳалқа шавад дастаки ту.

Ёдгор:

— Рӯяки ман, мӯяки ту,
Мӯяки хушбӯяки ту,
Чӣ мешавад ба рӯякам
Шадда шавад мӯяки ту.

Гулнор бо шунидани ин ду байт ба мӯи худ як даст расонда монд, аммо дар ҷавоб чизе ба хотираш нарасид, бинобар ин бадеҳагӯиро ба роҳи дигар гардонданӣ шуда гуфт:

— Ёдгор! Ту «Шоҳдухтар»-ро медонӣ?

— Ҳо, шоҳдухтарро ман надонам, боз кӣ медонад?

— Донӣ, гӯй!

— Шоҳдухтар худи ту-дия!

— Шӯхиро мон, ба ростӣ мегӯям, ғазали «Шоҳдухтар»-ро медонӣ ё не!

— Медонам.

— Биё, ҳар дуямон ғазалро бадеҳа карда мехонем.

Ёдгор:

— Бисьёр хуб,— гуфта сар кард:

— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон
Абрӯкат ба ман бинму* шавум** бар ту ғулом!

Гулнор:

Абрӯкам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор ӯсма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

Ёдгор:

Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон!
Чашмакот ба ман бинму, шавум бар ту ғулом!

Гулнор:

Чашмакам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор сурма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

Ёдгор:

— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Рӯякат ба ман бинму, шавум бар ту ғулом!

Гулнор:

— Рӯякам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор кулча надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

— ...

— Ёдгор, Ёдгор... ӯв, Ёдгор!

---

* Бинму — бинамо.
** Шавум — шавам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ин овозе, ки паси сари Ёдгор, аз 30—40 қадам дуртар омад, сӯҳбати гарму сӯзони ин ду дилдодаи ҷавонро вайрон кард. Ин овоз гӯё косаи оби сарде буд, ки ба деги ҷӯшон рехта якбора ҷӯшиши вайро фурӯ нишонид.

Ёдгор бо дили нохоҳам, аз ҷои худ хеста, ба тарафе, ки овоз аз он ҷониб омада буд, нигоҳ кард, дид, ки чӯпонбачагон дар пастхамие истода ханда мекунанд.

Касе, ки Ёдгорро ҷеғ зада буд, гуфт:

— Агар гап назанем, то бегоҳӣ ҳам бадеҳагӯии шумо ба поён намерасидагӣ барин менамояд; мо кайҳо молҳои худро ба чаро бурдем, молҳои ту ҳам худ ба худ хеста ба чаридан рафтанд, зуд биё, аз онҳо хабардорӣ кун!

Ёдгор:

— Хуб, ҳозир меравам,— гуфта ба вай ҷавоб дод ва мехост, ки боз нишаста «Шоҳдухтар»-хонӣ кунад, Гулнор гуфт:

— Акнун бас, ҳоло хело шармандагӣ шуд, ман барои бурдани модагови навзо омада будам, ки дар нимрӯзӣ ҷӯшида бачаашро макконам, намедонам ба ин қадар дер монданам очаам чӣ мегуфта бошад?

— Чӣ мегӯяд, агар сабаб пурсад — бадеҳагӯӣ кардам гӯй, мон-дия!

— Як гуфта бинам-чӣ? На ин ки вай кампир мӯйҳоямро канда нагирад. Тез бош, говро оварда деҳ, ман гирифта барам.

Ёдгор паси овардани гов рафтанӣ шуд, дид, ки гов дар ҳамон ҷо аст, бо вуҷуди ба чаро рафтани молҳои дигар вай ба умеди пеши бачаи навзоди худ рафтан, бо онҳо ҳамроҳ нашуда дар он ҷо монда будааст; ҳамин ки Ёдгорро дид, худи гов «ҳуъ-ҳуъ» гуфта пеш омадан гирифт. Ёдгор говро оварда ба дасти Гулнор супурд:

— Боқимондаи ғазали «Шоҳдухтар»-ро фардо мехонем, фаромӯш накун! — гуфта паси молҳои худ рафт.

Гулнор ҳам:

— Агар имрӯз очаам ҷанҷол накунад-дия,— гуфта говро пеш андохта ба тарафи хонаи худ шитофт.

IV. ҲИҶРОН

— Рустамбой! Як коса дӯғ биёр, аз сари хирман ташна монда омадам, ҳамаи молҳои ман аз ҷӯш монданд,— гуфта оқсақол дар пеши кулбаи Рустам омад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Рустам барои нишастани оқсақол шолчаеро ба зери дарахти арча паҳн карда:

— Гулнор, нону дӯғ биёр,— гуфта ба духтараш дастархон фармуд.

Оқсақол аз писари худ шикоят сар карда гуфт:

— Ҷавонмарги Пӯлот чанд гоҳ аст, ки бо молҳо дуруст нигоҳубин намекунад, бузу гӯсфандон як моҳ шуд, ки аз шир монданд, модагов бошад, бо вуҷуди ин ки аз зоидаш шаш моҳ нагузаштааст, як ҳафта шуд, ки ширашро хушк кард; худам бошам, аз паси ҷанҷолу харҳашаи мардум овора; агар аз кори мардум фориғ шавам, ба болои киштукор меравам. Агарчи бештарини заминҳои обиамро ба чорьяккор ва панҷьяккор супурдаам, боз худам хабардорӣ накунам, кор пеш намеравад. «Чашми соҳиб дору» гуфтаанд, ки бедарак нест.

Рустам:

— Магар Пӯлот ҳар рӯз молҳотро ба чаро намебарад?

— Мебарад, лекин аз рӯи шунидам, як давр занонда зуд ба сояшон мехобонад ва худ бо бачагони худсар шӯхию бозӣ карда мегардад. Аз бозе, ки ҳамин бачаи мусофир, ки ҳоло подабонӣ мекунад, ба дара омад, бештарини бачагон дар паи бозию шӯхӣ афтода аз парвариши молҳо бисьёр бепарво шуда рафтанд. Писари Ҳамроҳбой ҳикоят мекунад, ки Ёдгор ҳар рӯз ба лаби чашма нишаста найнавозӣ мекунад, бачагони дигар ба вай сомеъ мешаванд. Дирӯзи озод Ёдгор бо Гулнор ҳар ду бадеҳагӯӣ кардаанд, бачагони дигар ҳам ба шунидани бадеҳагӯии онҳо машғул шуда молҳоро то гашти рӯз ба чаро набурдаанд.

Гулнор нону дастархонро бо як корсон дӯғ оварда ба пеши оқсақол ва падари худ ниҳода рафт.

Оқсақол пас аз дур шудани Гулнор ба Рустам гуфт:

— Духтарат акнун калон шудааст, аз пасу пеш ба вай даҳан зада истодаанд, Ҳамроҳбой хаёл дорад барои писари худаш пурсад; ба фаҳми ман агар бой кас фиристонад, не нагуфта ҷавоб доданат даркор аст; бой одами давлатманди бобарака аст, бо вай хеш шавӣ, хурсанд мешавӣ, мувофиқи табъат орзуву ҳавас мекунад, маҳр[35] медиҳад, обрӯй мекунад.

— Тақдир медонад,— гуфт Рустам,— ҳоло ман нияти духтарбарорӣ надорам, бечора модараш яккадаст аст, худаш пир шудааст, бештарини корҳои зӯри рӯз-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

горро Гулнор мекушад; барои худам ҳам дар корҳои деҳқонӣ ҳамин Гулнор дастьёрӣ мекунад. Агар инро ҳам бароварда фиристонем, тамом бекас шуда мемонем. Агар тақдиру насиба рафта бошад, ман ният дорам, ки ягон чавони қобил ёфта хонадомод кунам, то ки як фарзандам ду шуда дар вақти пиронсолагии мо ба мо дастьёрӣ кунад.

— Духтари қадрасро,— гуфт оқсақол,— ба умеди як домоди қобил ёфтан дар хона нигоҳ доштан, ё ӯро ба ихтиёри худаш гузоштан ҳаргиз дуруст нест; ҳарчанд худи вай покдоман ва бономус бошад ҳам, даҳани бадгӯро бастан душвор аст. Албатта, ҳанӯз ту нашунидай: ҳар рӯз дар чарогоҳ ба пеши ин чавони мусофир рафтани духтаратро ва бо ҳам бадеҳагӯӣ кардани онҳоро ҳоло ҳам хеле гап кардаанд. Агар зудтар пеши ин корро нагирӣ ва духтаратро ба касе номзад карда даҳани мардумро набандӣ, росту дурӯғ ҳикоятҳо бофта ба муфт бадном ва бепардааш мекунанд. Агар ман донам, ки ту Гулнорро ба ин чавон доданӣ ҳастӣ, чизе намегуфтам, лекин ман якин медонам, ки ту ин корро нахоҳӣ кард — духтари гул барини худатро ба як мусофири бепову сар бароварда нахоҳӣ дод. Боз ба дилат сахт нарасад, ман ин суханҳоро ба ту дар оёни гап аз рӯи ёру бародарӣ гуфтам ва мақсадам барои ту як домоди мулкдори асбобдор ёфта дода, туро хурсанд ва духтаратро хушбахт кардан асту бас. Ба фаҳми ман аз писари Ҳамроҳбой хубтар ва бобтар домод намеёбӣ. Ту хуб фикр кун, бо занат маслиҳат кун, аз ҳама пештар духтаратро аз ҳамгап шудан бо ин мусофирбача боздор. Фардо боз ман ба пеши ту меоям,— гуфта оқсақол паи кори худ рафт.

* * *

Пас аз ин сӯҳбат толеи Ёдгор дигаргун шуда буд, дигар ба вай муяссар нашуд, ки бо Гулнор ба пеши падару модараш ва дигарон ҳамгап шавад; фардои он рӯз вақте ки Ёдгор ба одати ҳаррӯзааш барои ба пода гирифта бурдани молҳо омад, Рустам ба вай гуфт:

— Бача! Молҳои маро баъд аз ин ба пода бурдан ҳочат не, хасу хошоке, ки худам аз сари кишт меорам барои инҳо басанда аст, бирав паси кори худ!

Осмон ба сари Ёдгор фурӯ рафт, лекин чӣ чора? Сари бетана шуда аз пеши Рустам хеста рафт. Рустам пас аз рондани Ёдгор ба духтараш:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Гулнор! Акнун ту калон шудай, худо бахтатро сафед кунад, пас аз ин бо ҷавони бегона ҳамгап шуданат дуруст нест,— гуфта монд.

Акнун рӯзи ҳичрон — рӯзи ҷонсӯзи ҳичрон сар шуда буд; ин ҳичрон, ки пас аз умеди висол рӯй дод, ба ҳар ду тараф ҳам таъсири бад кард, лекин ҳар ду тарафро ҳам бе он, ки шӯълае намоён кунанд, ба ҷуз каҳдудвор дарун-дарун сӯхтан чорае набуд.

Як ҳафта бо ин ҳол гузашт, дар муддати ин як ҳафта ин ду дилбохта якдигарро надидаанд; ин як ҳафта дар назари ин ҳичронзадагон аз як сол ҳам дарозтар менамуд; ин, як соле буд ки рӯз надошт; ин, як шаби торики дарози навмедӣ буд, ки субҳи умеде ба поёнаш наменамуд.

Пас аз он ки хабари номзад шудани Гулнор ба писари Ҳамробой овоза шуд, Ёдгорро дигар тоқат намонд; ин буд ки молҳоро ба чаро сар дода худ дар пастхамие дар сари роҳи Гулнор нишаст, бе он ки ин ҳаракати худро ба касе фаҳмонад, Гулнорро бо тӯяш «муборакбодӣ» кард ва худ ҳам аз он ҷо бандӣ ва дастгир шуда рафт.

V. ФОИДАИ АЗОНӢ

Дар ҳавлии Азимшоҳ асбоби зиёфат омода ва дастархон бо неъмати алвон ороста буд. Дар пешгоҳи шаҳсуфае, ки аз ин пеш як бор дида будемаш, домулло имоми маҳалла, дар як тараф оқсақол ва дар тарафи дигар Алимардонбеги ясавул менишастанд; худи Азимшоҳ поёнтар аз инҳо нишаста чой мекашид ва меҳмононро пай дар пай ба хӯрдани нуқлу наво таклиф мекард.

Гули сари сабади маҷлис Алимардонбег буд, вай чӣ гуна ба Дараи Ниҳон даромадан ва чӣ корномаҳо нишон додани худро ва чӣ гуна ба даст даровардан аш чӯпони гурезаро шарҳҳо дода ҳикоя мекард. Ясавул дар аснои сӯҳбати худ муқобил баромадани як духтари соҳибҷамолро, дар миёнаи Ёдгор ва ӯ алоқаи муҳаббат буданро нақл карда ҳусну ҷамоли духтарро таъриф намуд.

Домулло имом ба шунидани ин таърифи духтар обҳои аз даҳонаш рафтаро бо лаби худ лесида-лесида гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ҷаноби олибоб гӯед-чӣ, бегӣ!

Ясавул:

— Аз вай ҳам як лой зиёдтар, маҳ гумон мекунам, дар ӯрдаи ҷаноби олӣ ҳам ин гуна духтари зебо камтар ёфт мешудагист.

Домулло имом:

— Ба як тир ду сайдро мезадед намешуд?

— Баъзе мулоҳизаҳои сипоҳигарӣ маро аз ин фикр боздошт, ман ният доштам, ки ин духтарро хушӣ ба хушӣ ба даст дарорам, лекин ҳозир ба вай толиби бисьёр баромад, вақте ки ман ин духтарро ба ҷаноби мир таъриф кардам, он кас даҳан зада мондаҳд; албатта, дар пеши он кас барои худ даҳан кушодани ман беодобӣ мешавад.

— Хуб, ҳозир гурезаамо,— гӯён Азимшоҳ ба гап ҳамроҳ шуд,— дастгир шуд ва гумшудаам ёфт шуд, акнун чораи аз ин рӯёнидани ҳаққи худамонро андешиданамон даркор аст.

Домулло имом:

— Ин бача на дар ин ҷо ва на дар Кӯлоб пой мемондагӣ ҷой надорад; агар як роҳ ёфта нашавад, хизматонаи ҷаноби ясавул ҳам месӯзад.

Азимшоҳ:

— Хизматонаи ин шахс дар токчаи аъло аст, гап ба болои ҳаққи ман аст, албатта, ман ҳам аз ин ҷавон пул тамаъ надорам, зеро пул дода натавонистани ӯро медонам, коре шавад, ки якчанд сол хизмат карданро ба гардан гирад, ба ман кифоя.

Ясавул:

— Дар ин бора худи шумо чӣ андеша доред?

— Ман фикр мекунам, ки.— Азимшоҳ мегӯяд,— аз ҳабс кунонда мондани ин ҷавон ва ё аз фиристодани он ба зиндони Бухоро ҳеҷ мурод ҳосил намешавад; агар бо ризову рағбати худ ба гардаи нагирад, ё натарсад, аз хизмати ин ҳам фоида бурда намешавад, зеро то кай ман дунболи инро гирифта мегардам, имрӯз набошад, фардо боз мегурезад меравад, бинобар ин ба фаҳми ман аввал ӯро бо ҳабси умрӣ, бо зиндон ва канахонаи Бухоро ва бо дору манори ҷаноби олӣ тарсондан даркор аст, ин хизматро худи шумо (ба ясавул хитоб карда) ва оқсақол карда метавонед; аз роҳи дигар ӯро бо гӯру қиёмат, бо азоби охират тарсонда, ба хизмат ва адои қарз моил кардан даркор аст, ки ин корро ҷаноби домулло метавонанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Домулло дасти худро бар сина монда:

— Ба чашм! — гуфт.

Ясавул:

— Хуб, хизматона ва дигар харочотҳоро кӣ медиҳад?

— Аз хизматона ғам нахӯред,— гуфт Азимшоҳ,— лекин барои хубтар тарсонидан ва торафт бораш вазнин шуданро ба худи ин бача нишон додан, дар аввали кор хизматона додани худи ман дуруст нест, балки оқсақол барои харочот ба номи бача аз Қудрати самоворчӣ бо таомули муқаррарӣ қарз мекунад, ҳар гоҳ ҷанҷол яктарафа шуда бача ба хизмати ман дарояд, ман ба худаш писанд карда, бо дасти худаш қарзашро ба самоворчӣ диҳонда аз забонаш хати дигар мегирам.

* * *

Фардои он рӯз ясавул бо оқсақол ба дари зиндон рафтанд, ясавул ба оқсақол гуфт:

— Шумо ба пеши бача даромада аз ҳар роҳ сухан ронда, ӯро ба сулҳ розӣ кунед ва аз ҳама пештар хизматонаро талаб намоед, агар дидем ки ба ин қадарҳо ҷон намедиҳад, худи ман рафта пӯписаву сиёсат карда, чашмашро ба хонааш мефурорам.

Оқсақол мехост, ки ба зиндон дарояд, имом аз пеши Ёдгор баромад, оқсақол:

— Ҳа, чӣ гап, тақсир, мулоим шуд ё не?

— Чӣ будани шариатро ба ин бачаи гарданканда дар ҳамин дунъё нишон додан даркор аст, охират ва гӯру қиёматро ба як пул намегирад.

— Хуб, тақсир,— гуфт оқсақол ханда карда ба имом,— пули чойро ҳалол кардед, акнун ба таҳорату намозатон рафтан гиред. Ин тарафашро худам дуруст мекунам.

Имом рафт ва оқсақол пеши Ёдгор даромад ва таъна карда:

— Ҷазои бачаи худсар ҳамин аст, худо хайр кард, ки худи хӯҷаин восита шуд, вагарна ҳозир туро ба зиндони Бухоро мефиристоданд; ман «арвоҳи падаратро рӯи хотир карда» пеши ту омадам, ки ин корро ба хайру хубӣ баробар кунам; лекин барои ба дурустии ин кор кӯшидан аввал хизматонаи ясавулро додан даркор аст, ҳеҷ набошад, 20 танга ёфта деҳ!

— Ман аз кучо хизматона ёфта медиҳам, дигар он

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ки ясавул ба ман чӣ хизмат кардааст, хизматаш ин шуд, ки маро бандӣ карда ба сарам қамчин зада овард.

— Бача, ту ҳанӯз ҳушьёр нашудаӣ ва таомули дуньёро ҳам намедонӣ, таомул ин аст, ки хизматонаро гунаҳкор медиҳад, агар ту намегурехтӣ, на гунаҳкор мешудӣ ва на хизматона медодӣ; акнун ки ин қадар беандешагиро худ кардӣ, чунончи «худкардаро даво нест» гуфтаанд, ҷазояшро ҳам бояд худ ба гардан кашӣ.

— Ман хона ва замин надорам, ки фурӯхта хизматона диҳам, барои ман кӣ қарз медиҳад?

— Ту ба хизматона додан розӣ шав, дигар парво макун, ба номи ту қарз ёфтан ва баробар кардани ин корро ба хотири арвоҳи падарат худам мекунам, танҳо ту ҳамин қадарашро дониста мон, ки ба ин ҷанҷол ҳар чӣ харочот шавад, ҳама ба гардани туст.

Ёдгор ба замин нигоҳ карда:

— Худ медонед, лекин зудтар фонаи кундаи дасту поямро суст кунонед, ки ҳеҷ токатам намонд.

— Ту ихтиёратро ба дасти ман монӣ ва аз гуфтаҳои ман набарой, ман ҳар некиро, ки аз дастам меояд, дар ҳаққи ту дареғ намедорам.

Оқсақол аз зиндон баромада ба дари самоворхонаи Қудрат омад, ки ясавул ҳам дар он ҷо нишастааст.

— «Шер ё рӯбаҳ?» — ясавул пурсид.

— Аз давлати шумо ва ҷаноби мир ман кай рӯбаҳ шуда будам, ки акнун мешавам, ҳозир хизматона рӯид, фардо ҷанҷолро ҳам тамом мекунам, лекин фардо шумо ҳам ҳамроҳи ман ба зиндон рафта андак сипоҳигарӣ карданатон даркор аст.

— Фардо нашавад, пасфардо, ҳар чӣ қадар дертар монад, ҳамон қадар ба ман хизматона зиёдтар мерӯяд.

Оқсақол Қудратро ҷеғ зада бо дармиёнии худаш аз вай ба номи Ёдгор ба ваъдаи ҳар азоне як танга бисту панҷ танга қарз гирифт, бист тангаашро ба ясавул дода, панҷ тангаашро ба кисаи худ зад.

Фардои он рӯз оқсақол ва ясавул ҳар ду бо ҳам ба зиндон рафтанд, дасту пои Ёдгор аз зарби фонаи кунда чун кунда варам карда буд, оқсақол ин ҳолро дида «афсӯс хӯрда» ба ясавул гуфт:

— Ба ҷони ҷавони ин бача раҳм карда фонаҳои кундаро андак суст кунонед.

— Хуб, ба хотири шумо ман ин корро мекунам, лекин ба зиндонбон як чиз додан даркор аст.

— Ин хизматро худи ман ба ҷону дил мекунам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ясавул зиндонбонро чеҳ зада сусттар кардани фонаро хоҳиш кард; зиндонбон ба оқсақол чашм дӯхт, оқсақол аз кисаи худ 5 танга бароварда ба дасти зиндонбон ниҳода:

— Арвоҳи падари ин бачаро шод кунед,— гуфта хоҳиши ясавулро такрор кард. Зиндонбон фонаҳоро сусттар карда паи кори худ рафт.

Оқсақол ба Ёдгор нигоҳ карда:

— Аз чониби ту ба чаноби ясавул рӯй андохтам, ин шахс ба мир восита шуда, гуноҳи туро металабанд; савобдиди ман ин аст, ки ту ба хӯчаин даҳ сол ҳизмат мекунӣ ва пас аз он кучое, ки дилат хоҳад, он чо меравӣ.

Ёдгор:

— Ман то фардо фикр кунам.

— Ҳар рӯзе, ки, ҳатто ҳар соате, ки мегузарад, борат вазнинтар мешавад, дирӯз аз Қудрат барои харочот ба ваъдаи ҳар азоне як танга 25 танга ба номи ту қарз гирифтам, то имрӯз панч азон аз миён гузашт, ки қарзат ба 30 танга расид, фардо 35 танга мешавад ва ҳамчунин торафт зиёд мегардад, ҳозир дидӣ, ба пеши назари худат панч танга ба зиндонбон додам; инҳоро ҳам «ман намедонам, падарам медонад» гуфта мункир шуда наметавонӣ, он беҳ, ки зудтар чанчолро тамом кунем, ту ҳам халос шав, бой ҳам ба ҳаққаш расад.

— Ба савобдиди оқсақол ту розӣ шавӣ ҳам,— гуфт ясавул,— ҳоло маълум нест, ки мир розӣ мешаванд, ё не. Хӯчаинат хеле одами раҳмдил будааст, дирӯз пеши мир рафта:

— Ман беодобиҳои Ёдгорро бахшидам, шумо ҳам аз гуноҳаш гузаред ва аз зиндонаш раҳоӣ диҳед, ки ба хонаи ман омада ба чои падараш хизмат кардан гирад,— гуфта илтимос кард. Мир гуфтанд:

— Ин бачаро ба Бухоро ба ихтиёри чаноби олӣ фиристодан даркор аст, он чо мувофиқи шаръи шариф: хоҳанд ба дораш меовезанд, хоҳанд аз манораш мепартоянд ва ё агар чонашро бахшанд, умрӣ ба зиндонаш меандозанд.

Ҳоло мир бар сари ин гап сахт истодаанд, лекин агар ту ба савобдиди оқсақол розӣ шавӣ, ман мешавам, оқсақол мешаванд ва хӯчаинро ҳам бо худ мегирем, як навъ карда мирро розӣ мекунем.

Ёдгор ба худ меандешид, ҳоло вай аз дор, аз манор ва ё аз зиндони абадӣ наметарсид, лекин як чиз ӯро ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com

халосии худ водор мекард: халос шудан ва як бори
дигар ба ру ру ба ру гардидан!
Ёдгор, ай ештар дидани Гулнорро барои худ ме-
хоста бошад нун барои хотири худи Гулнор ҳам ба
ин хоҳиш м р буд. Гулнор ба Ёдгор чӣ қадар вола
будани худр р рӯзи дастгир шудани он, бо кирдори
худ собит ка буд.
Акнун гардист, ки,— гӯён меандешид Ёдгор,—
ман ба хотир й ба халосии худ кӯшиш накунам. Агар
ҳар вакт ба м расад, боз роҳи гурез барои ман ку-
шодааст.
Ёдгор ро. туд. Ясавул ва оқсақол аз пеши Ёдгор
баромада са анчоҳ тангаи дигар аз Қудрат ба номи
вай қарз гир ид; ин маблағ ба ҳоким, ба зиндонбон,
ба ясавул, ба ди оқсақол ва имом тақсим ёфт. Ёдгор
аз зиндон ха. шуда ба бандагии Азимшоҳ афтод. Пу-
ли Қудрат бо ндаҳояш ба дусад танга расида буд, ин
маблағро ба зи кӯҳна ҳамроҳ карда аз забони Ёдгор
ба номи бой аблағи ҳазор танга хати иқрорӣ гириф-
танд; шарт о д, ки Ёдгор даҳ соли комили қамарӣ[38]
ба бой хизма рда, ба ҳисоби ҳар соле сад танга қар-
зи худро адо мояд.
Бой, ки ра ба Бухоро бурданӣ шудааш тайёр буд,
фардои он ру дгорро ҳамроҳи худ гирифта гӯсфандон-
ро ба тарафи оро ронд.

VI. ДУ ХОСТГОРӢ

— Фируза ту чӣ шуд, ҳамин замон меҳмононат
мекунанд,— гуф Саломатбиби ба кулбаи Рустам даро-
мад.
Фируза, к сари болини Гулнор нишаста аз чаш-
монаш ашк м т:
— Ҳама бадани бача монанди миси дар оташ-
афтода сухта а истодааст; дар ин ҳол барои вай тӯй
сар кардан носиб набуд; дадеш як одами якраҳа,
ҳамин ки ов миёнарав шуда Ҳамроҳбойро номбар
кард, гарра б дода ва ба бемории бача нигоҳ на-
карда ин кор р карда истодааст; ман акнун бемор-
дори кунам, ё мондори?
Саломат ҳ асти худро ба пешонаи Гулнор монда:
Хеч ч удааст, танҳо аз ҳамон ясавули шум-
кадам ... к хурдааст, ман фардо як алас карда

E-mail: ziyozoda@gmail.com

монам «ту дидӣ, ман надидам» шуда ҳаман бемориҳояш бартараф мегардад; зуд биё, ошро даст ба даст кунем, ки ҳамин замон хостгорон меоянд,— гуфта ба сари дегу табақ рафт.

* * *

Рустам вақте, ки таги дарахти арчаро рӯфта, об зада шол паҳн кард, имом, оқсақол ва чанд нафар калоншавандагони дара намоён шуданд. Рустам меҳмононро хуш омадед,— гӯён ба рӯи палос нишонид. Ҳанӯз дастархон паҳн нашуда буд, ки аз тарафи шаҳр як нафар ҳарсавор намудор шуд. Пӯлот, ки аз дунболи меҳмонон барои ёрмандӣ кардан ба Рустам омада кафшҳои меҳмононро пеш монда ба пеши Рустам рост истода буд, ба оянда нигоҳ карда:

— Ака Қудрат барин менамояд,— гуфт.

Оқсақол:

— Қадом Қудрат?

— Ҳамон Қудрати самоворчии худамон,— Пӯлот ба оянда боз хубтар диққат карда:

— Худаш! — гуфт.

Имом гуфт:

— Худо зиёда кунад, Қудратро бисьёр бой шудааст мегӯянд, вақте ки аз дара рафта буд, ҳеч чиз надошт.

— Фоидаи азонии дари қозихона ва кафгирзании дари ҳокимхона ҳар касро бой мекунад,— гуфта оқсақол ҷавоб дод.

Қудрат расида омад, ҳама аз ҷой хеста бағал кушода бо вай вохӯрдӣ карданд ва дар қатори худ ба рӯи кӯрпачааш ҷой доданд; дар ин миён дастархон омад, нонҳо шикаста, қандалотҳо пошида ва чойҳо кашида шуданд.

Имом:

— Қудратбой! Хуб дар вақти нағз — ба сари тӯй расида омадӣ, иншооллоҳ қадами ту муборак аст.

— Чӣ гуна тӯй? — гуфта Қудрат пурсид.

— Рустамбой,— оқсақол ҷавоб дод,— писари Ҳамробойро ба худ домод карданист.

Ранги Қудрат қадре дигаргун шуда:

— Ҳай-ҳай, худо мубораку хайр гардонад,— гуфта изҳори хурсандии сохта кард.

Оқсақол дигаргунии аҳволи Қудратро ба назар гирифта:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Қудрат! Қадре парешонӣ дорӣ, худо накунад, магар ба сарат ягон кор афтодааст?

— Не, ҳеч гап не,— гуфта Қудрат гумонии оқсақолро рад кард.

Аз сухани оқсақол дигарон ҳам хушьёр шуда ба рангу руи Қудрат диққат карданд, ки дар ҳақиқат ба ҳолаташ як дигаргунӣ намоён аст.

Пеш аз он, ки ба дастархон ош оранд, Қудрат ба сари худ фотиҳа хонда аз сари дастархон хест ва ба баҳонаи ёзидан ба канорае рафтанӣ шуда Рустамро ҳам имо кард. Ҳар ду пасу дунбол аз чои нишасти меҳмонон дуртар рафта ба пастхамие нишастанд.

Қудрат гуфт:

— Ака Рустам! Ба хонаводаи ту бахту толеъ рӯй овардааст, хабарчии ин ҳам ман шуда омадам, лекин дар вақте расида омадам, ки кариб аст ту аз ин бахти осмонӣ ва давлати ногаҳонӣ чудо шавӣ; ҳар чӣ аз меҳрубонии худо ҳанӯз вақт нагузаштааст, ҳанӯз ихтиёри ба даст даровардани ин давлат ба дасти туст; аммо намедонам, ки ту ин давлатро пешпоӣ хоҳӣ зад, ё пешвоз хоҳи кард?

Аз як тараф бачаам бемор,— гуфт Рустам,— аз тарафи дигар амри хайри ин ягона фарзандамро сар карда истодаам, ки ин ҳам ҳавоси маро хеле парешон кардааст; бинобар ин аз ин муаммоҳои ту чизе намефаҳмам, аз барои худо гапатро точикӣ карда рӯйрост гӯй, монанди савдогарони Бухоро забонбозӣ накун!

— Луччаку пӯсткандан гап ҳамин ки ҳафтаи гузашта Алимардонбеги ясавул ба ин чо барои коре омада, духтаратро дида рафта будааст; дар асноӣ чақ-чақ дӯстрӯӣ ва зебоии духтаратро ба ҳоким таъриф кардааст, ҳоким агарчи ду зан дошта бошад ҳам, зани калонаш пири аз кор баромада ва зани чавонаш ҳамеша бемор будааст, бинобар ин орзу доштааст, ки ба як духтари соҳибчамоли тандурусти тануманди кӯҳистонӣ хонадор шавад; вақте ки таърифи духтаратро аз ясавул мешунавад, ба орзуи ҳоким як ба як баробар омада ғоибона ба вай ҳавасаш меравад. Илочи ин корро ба дасти худи Алимардонбег супурда гуфтааст, ки «ҳеч гоҳ барои ин духтар ясавул фиристода зӯрӣ карда гирифтан дуруст нест, зеро ман инро барои ҳавою ҳавас намегирам, балки маҳрами танам ва ҳамроҳи умрам гуфта мегирам; бинобар ин касе аз аҳли дара ёб, ки ба ин кор миёнаравӣ кунад ва ризои падару модарашро гирад. Мо ҳам мисли

E-mail: ziyozoda@gmail.com

як фуқаро маҳр ва тӯёна дода, тӯю тамошо карда, мувофиқи урфу расм, хушу хурсандона мегирем». Ясавул, ки бо ман ошнои дерина аст, барои ин кор маро пеши ту фиристод; ман ҳам аз болои бозор баромада дар ҳайрат афтодам, намедонам ки ту чӣ фикр мекунӣ?

— Аввал он ки ман як одами бечораам,— гуфт Рустам,— ман киву бо ҳокими вилоят хеш шудан кӣ? Дуйум он ки дар бисотам як духтар дорам, дигар фарзанд надорам, вайро ҳам аз назарам дур карда фиристонам, ҳоли ман ва ҳоли модараш чӣ мешавад? Сейум он ки Ҳамроҳбой ба вай даҳан задааст ва оқсақол миёнаравӣ кардааст, баъзе чизу чораашро ҳам тайёр карданд. Хатто имрӯз ба хостгорӣ омадаанд; акнун ман ба кадом рӯй мегӯям, ки ман духтарамро ба шумо намедиҳам? Рӯй амри ширин аст, худат медонӣ, ки мардуми ин дара монанди гӯшту нохун ба якдигар часпидаанд, духтар гуфта аз ҳама гузаштан басе душвор аст.

— Ба ҳоким духтар додани як бечора айб нест,— гуфт Қудрат,— балки чои фахр аст; духтарам аз худам дур мешавад гуфта тарсидани ту ҳам бечост, ҳоким ки домоди ту шуд, ту соҳиби аспу ярок мешавӣ, мехоҳӣ ҳар рӯз рафта духтаратро дида меоӣ, мехоҳӣ дар шаҳр хонаву чой мекунӣ; аммо тарафи бой ва оқсақолро бошад, илоч кардан ба дасти ман аст, агар духтаратро ба ягон пойлуч номзад мекардӣ, кор андак душвор мешуд; зеро пойлучон на аз замин андеша мекунанд, на аз осмон, ҳокимро ҳам ба як пул намегиранд, қозиро ҳам, аммо арбоб, оқсақол, давлатмандон ва калоншавандагон бошанд, аз ҳоким чудоӣ надоранд; ҳар давлату ҳашамати ин гуна одамон аз болои ҳоким аст; чунончи, ҳоким инҳоро риоя мекунад, инҳо ҳам як гапи ҳокимро ду намекунанд; бинобар ин хоҳ бой бошад, хоҳ оқсақол бошад, ба ин кор розӣ нашуда, дар кучо меистанд, мегӯӣ? Як рӯз не як рӯз, охир корашон ба ҳоким меафтад, ана ҳамин гуна рӯзро андеша карда, инҳо ҳокимро аз худ наранчонанд. Дар ин маврид танҳо ризои ту даркор аст.

— Хуб, Қудрат, ман намедонам, худат медонӣ, лекин коре кун, ки бой ва оқсақол аз ман наранчанд.

— Аз ин чоҳош хотирчамъ бош, «сипоҳигарӣ сӣ пой дорад» гуфтаанд, худи ман сипоҳ набошам ҳам, чандин сол боз таги табаки миси сипохиёнро лесида омадаам, як кор мекунам, ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранчад»...

Сӯҳбати Рустам ва Қудрат дароз кашид, меҳмонон

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хам дар фикрхои гуногун афтода безобита шуданд; оксакол, ки дар аввали кор аз ахволи Кудрат ба шубха афтода буд, барои фахмидани хакикати хол аз пеши мехмонон хеста, ба пеши инхо омад.

— Ха, чй гап, магар шумоён дар ин чо тухм пахш карда чуча бароварда ба мехмонон мурғкабоб карда додан мехохед? — гуфта хазл карда хакикати гапро пурсид.

Кудрат вокеаро сар то по ба оксакол накл карда, дар охири сухани худаш гуфт:

— Агар такдиру насибаи духтар ба хоким рафта бошад, тўёнаи ту хам хокимона мешавад.

— Хар чй бошад,— гуфт оксакол,— ин гапро ба ин мачлис кушодан дуруст нест, зеро сухан дар миёнаи омма овоза шуда, бе он ки таги корро кованд, «хоким чикора будааст, ки аз дараи мо духтар мебурдааст?» гуфта хама ба шўриш меоянд; Рустам, Хамрохбой ва калоншавандагон дар як тараф монда пойлучони дара номусталаб шуда бармехезанд, дар он сурат хоким аз мо меранчад, чўб ба сари мо мешиканад ва бадномй ба мо мемонад; илочи ин кор чунин аст, ки бемории духтарро бахона карда мачлисн хостгориро имрўз мавкуф мемононем. Пас аз он дар хонаи торик гапро ба Хамрохбой ва калоншавандагон маъкул карда, корро мепазем; дар ин хол хеч кас аз хеч кас гиламанд нашуда ва дар миёнаи мардум хам овозахои бад наафтода кор ба хайру хубй мегузарад; ба фахми ман Хамрохбой хам ба ин кор розй мешавад, вай писарашро хонадор карданй бошад, ба вай духтар кахт нест, пул ки дорад, кист ки духтарашро ба вай надихад? «Пул бошад, дар чангал шўрбо» гуфтаанд.

VII. НИКОХ

Дар Сари Чўй хавлии Кудрати самоворчй бо колинхо, гилемхо, кўрпачахои адрас ва шохй ороста буд; агарчи худи Кудрат сохиби ин хама асбоб набошад хам, бештарини ин чизхоро ба тарики амонат аз хокимхона оварда, хавлии Кудратро хам гўё як хокимхонаи дуйум сохта буданд; ясавул ва шогирдпешагони хоким даст баста мухайёи хизмат шуда истода буданд: худи Кудрат хам як чоман хисории аброо, ки имрўз ба вай хоким инъом карда буд, пўшида монанди он, ки худаш ба хоким падарарўс шуда бошад, бо карру фарри сипохигарона берун-даруи баромада-даромада менистод, ба шогирдпешагон ва ясавулон хизмат мефармуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Тафсили воқеа чунин буд, ки ба саъи Қудрат ва кӯшиши оқсақол Ҳамроҳбой аз сари келин кардани Гулнор гузашт ва ҳамаи калоншавандагони дара иттифоқ карда розӣ шуданд, ки Гулнорро ба ҳоким диҳанд, ба вай хешӣ пайдо кунанд.

Пас аз саранҷом додани ин кор Қудрат бо оқсақол ба Сари Ҷӯй омада аз ҳоким асбоби тӯй гирифта ба дара бурда, ба аҳолии он ҷо тӯй дода, Гулнорро бо падару модар ва дигар наздиконаш ба Сари Ҷӯй оварданд. Тӯи ҳақиқӣ ва никоҳ дар Сари Ҷӯй шудании буд, азбаски Рустам дар Сари Ҷӯй ҳавлӣ надошт, никоҳро дар хонаи Қудрат карданӣ шуда имшаб онҷоро ороста буданд.

Гулнор бошад, аз ин ҳама гирудорҳо, рафтуомадҳо ва бурдуовардҳо чизе намефаҳмид; вай ба таъсири фалокати дастгир шудани Ёдгор ва хабари тӯи худаш ба писари Ҳамроҳбой бемор афтода буд; вай намедонист, ки ба ёрмандии кадом сабаб ва бахти фирӯз ин тӯй баргашт ва ҳоло ӯро ба Сари Ҷӯй мебаранд; ин ҳам як хушбахтии дигар аст, зеро Ёдгор ҳам дар Сари Ҷӯй аст, агарчи бандӣ карда ба зиндонаш андохта бошанд ҳам, дар Сари Ҷӯй аст; мегӯянд, ки худашро ба ҳоким ба занӣ медиҳанд, ин як фалокати дигар аст, лекин ба тарзе, ки аз ғайри чашмдошти худаш аз дасти писари Ҳамроҳбой халос шуд, шояд аз дасти ҳоким ҳам халосӣ ёбад... Гулнор, дар дарьёи андеша ва ҳайрат фурӯ рафта, бо як ҷаҳон тарсу умед ва ғайри ихтиёри худаш ба Сари Ҷӯй омад, яъне оварда шуд.

Имшаб шаби никоҳ аст; пас аз намози шом амалдорони ҳокимхона, имом ва калоншавандагони маҳалла ба хонаи Қудрат омаданд. Пас аз обу таом Алимардон аз ҷониби ҳоким вакили ба никоҳ буданашро бо ду шоҳид дар пеши имом исбот кард. Акнун навбати таъин кардани вакили Гулнор расида буд; Қудрат падарвакили Гулнор муайян шуда, бо ду шоҳид ба ҳавлии даруни худ даромад, то ки аз Гулнор ваколати ба никоҳ гирад. Хона аз пешгаҳ то пойгаҳ пур аз зан буд. Даруни хона аз пасу пеш, рӯ ба рӯ, пушт ба пушт, зону ба зону, кифт ба кифт нишастани занон маъракаҳои маддоҳии замони пеш ё дарсхонаҳои кӯҳнаи Бухороро ба ёд меовард. Сухани якдигарро нафаҳмида баробар гап задани занон ҳам, айнан монанди дарсхонаҳои кӯҳна буд.

Дар ин ҳол Гулнорро, ки бо либосҳои арӯсиаш ороста буданд, ба таги дар оварда шинонданд; Қудрат, ки

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дар рӯи суфа ба пушти дар бо ду гувоҳ муҳайёи ваколат гирифтан шуда сари дупю нишаста буд:

— Духтарам Гулнор! Маро аз чониби худ вакили ба никоҳ кун! — гуфт.

Гулнор: — ...

— Зуд бош, вакил кардам гӯй, вақт рафт!

— ...

Занон ҳама ба якдигар баробар:

— Дам шин, хап шин! На сухани арӯс шунида мешавад, на гапи падарвакил,— гӯён фарьёд мекарданд.

Қудрат пас аз он, ки занонро:

— Дам шаветон, ман чавоби арӯсро шунавам,— гуфта танбеҳ кард.

— Гулнор! Ба ту мегӯям, маро вакили ба никоҳ кун! — гуфт.

Гулнор: — ...

Яке аз шоҳидон:

— Бегим, бисьёр мунтазир накунед, вакили ба никоҳ кардам гӯед! — гуфт...

Гулнор: — ...

Қудрат овози худро баланд карда:

— Магар дар ин хона ягон зани бурранда нест, ки ин духтарро ба гап дарорад; кайвонӣ (кадбону) кучост?

Зани Қудрат, ки ба пушти сари Гулнор нишаста буд, ба вай гӯшакӣ карда:

— Амакат бисьёр маъгал шуд, вакил кардам гӯй!

— ...

Кайвонӣ:

— Истетон, истетон, худам ба пеши духтарам гузарам,— гуфта аз миёнаи занон якеро аз зону, дигареро аз паси сар зер карда ба пеши Гулнор омада ба Фирӯза ва Саломатбиби, ки дар ду паҳлуи Гулнор нишаста буданд.

— Марг ба ҳамин расм, муқаррар шумо намегузоред, ки ин бача зудтар чавоб диҳад, вагарна дили худаш тахтах кашида рафта истодааст, зани хурдии ҳоким, бикаи Сари Чӯй! Ин чӣ гуна давлат,— гуфта онҳоро аз паҳлуи Гулнор дур кард ва худ дар як паҳлуи Гулнор нишаста ба паҳлуи дигараш зани Қудратро гузаронида:

— Зуд бошед, келинпошшо, вакили ба никоҳ кардам гӯед! — гуфт.

Гулнор: — ...

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Осиё, обчувоз ва ҳамаи чизҳои ҳоким аз они шумост, вакил кардам гӯед!

— ...

— Нозу нуз бас, вакил кардам гӯй!

— ...

Қайвонӣ дасти худро ба зери домани Гулнор дароварда баданашро маҳкам тофта — пучида:

— Вакил кардам гӯй!

Гулнор аз шиддати озор як тоб хӯрд, лекин боз:

— ...

— Ӯхӯ, ин чудо гарданшахи сӯр баромад-ку!

Яке аз шоҳидон, ки муаззини маҳалла буд, гуфт:

— Қудратбой, акнун шуд, бисьёр зӯр кардан даркор нест, «сукут аломати ризо» гуфтаанд.

Гулнор дид, ки сукуташ аломати ризо шуда кор аз дасташ рафт, якбора дилаш пур шуда ҳиққақзанон гиристан гирифт.

Муаззин:

— Акнун чои гап намонд, гирьяи духтар ҳам аломати ризост.

Қудрат:

— Агар овозашро бароварда вакил кардам мегуфт, хубтар мешуд.

Муаззин:

— Агар гапи маро бовар накунӣ, биё пеши домулло имом, аз он кас мепурсем.

Гувоҳон бо падарвакил ба меҳмонхона баромаданд; муаззин ба имом:

— Таксир! Арӯс аввал сукут кард, пас аз он гирист, ман ин корҳоро аломати ризои вай гӯям, Қудратбой бовар намекунад.

Имом:

— Сукутулбикри аломатурризои — «сукути бикр (духтар) аломати ризост» сухани китоб аст; духтари бикр хаё мекунад, ки рӯйрост чавоб диҳад, ночор сукут мекунад, вагарна худаш мехоҳад, бинобар ин сукути вайро шариат аломати ризо қарор додааст, аммо гирьяе, ки арӯс дар вақти никоҳ мекунад, гирьяи шодист, ин аломати бо хурсандӣ розӣ шуданаш аст, дарвоқеъ арӯсшавандаи чаноби мир ҳақ дорад, ки ба ин арӯсӣ аз хад фузун хурсанд шуда гирьяи шодӣ кунад. Хуб, акнун гувоҳӣ диҳетон, сурати шаръиаш дуруст шавад.

Аввал муаззин сар карда пас аз «аузу», «бисмилло» кашидан:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Гувохӣ медиҳам аз барои худо, на аз барои риё, ки биби Гулнор бинти...

Қудрат:

— Рустамбой.

— Бинти Рустамбойро вакили...

Имом:

— Не, бинти Рустамбой Қудратбойро вакили ба никоҳ кард гӯй.

— Бинти Рустамбой бинти Қудратбойро вакили ба никоҳ кард.

Имом:

— Не, ин тавр не, туро чӣ шуд, зеҳн мон! — гуфта дубора калимаҳои гувоҳиро талқин кард.

Муаззин аз забони имом калима ба калима гирифта:

— Бинти Рустамбой Қудратбойро вакили ба никоҳ кард,—гуфт ва бо остини худ сару рӯяшро, ки дар зери обу арақ монда буд, пок кард.

Гувохи дуйум нас аз «ауз...» ва «бисмилло»:

— ...

Имом ягон-ягон калимаҳои гувоҳиро ба гувоҳ талқин кард; гувохи дуйум хам мувофики талкини имом забонаш гирифта-гирифта расми адои «шаҳодати худой»-ро[37] тамом намуд.

Пойкор[38] як косаи пуробро оварда ба пеши имом ниҳод. Имом «аузу», «бисмилло» кашида хутбаи маълуми никоҳро бо адои махрач хонд, чун хутбаи арабӣ ба поён расид, имом ба Қудрат нигоҳ карда ба забони тоҷикӣ:

— Шумо, ки аз қибали бибӣ Гулнор бинти Рустамбой вакили собитулваколаед,[39] нафси нафисаи муаккалаи худатонро бо никоҳи мусулмонӣ ба аморатпаноҳ эшони тӯксоба[40] бахшидедаш ба занӣ?

Қудрат:

— Бахшидам.

Имом ба Алимардон нигоҳ карда:

— Аз ҷониби аморатпаноҳ қабул кардедаш ба занӣ?

— Қабул кардам!

Ҷавононе, ки ҳанӯз хонадор нашуда буданд, ба нияти фоли нек косаи оби никоҳро, ки дар пеши имом истода буд, гирифта талош карда нӯшиданд.

Алимардонбег ба имом ва арбоб никоҳона дод ва ба гувоҳон хам, ки «аз барои худо, на аз барои риё, гувоҳӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дода буданд», дутангагӣ инъом кард ва бо ҳамин қадар маросим Гулнор моли ҳоким шуд.

Саҳаргоҳони ҳамон шаб Гулнорро ба аспе, ки бо сӯзаниҳои қиматбаҳо ороста будандаш, дар паси Саломатбибӣ савор карда бо тантанаи калон ба ҳокимхона бурданд; дар пасу пеши асп занони дигар пиёда мерафтанд, ки ин шаъну шавкати арӯсро боз ҳам зиёдтар мекард.

Агар касе аз дарди дарунии Гулнор воқиф мебуд, мегуфт:

— Ин тантанаест, ки мурдаи иззатмандеро ба гӯристон мебаранд.

Аммо зоҳирбинон ин тантанаро тантанаи арӯсӣ мепиндоштанд.

VIII. МАДРАСА

Дар шаҳри Бухоро, дар рӯ ба рӯи ҳавзи Ғозиён ба тарафи ҷанубии он мадрасае ҳаст, ки онро мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф меноманд. Иморати ин мадраса аз хишти пухта, тарафи пешаш дуошьёна ва аз тарафи берун дуқатора (болову поён) равоқдор аст; пештоқаш баланди барҳаво буда, ба даруни он зеру боло, ба шакли муқарнас шаш дона равоқи дигар ҳаст, дар равоқи миёнаи зерини даруни пештоқ дарвозаи дутабақаи калони чӯбине шинонидаанд, ки бо нақшаҳои шашгирех, дувоздаҳгирех ва шонздаҳгирех кандакорӣ карда шудааст; бинидарӣ ва пуштбони ин дарвоза бо қатор-қатор гулмехҳои қуббадор, ки ба зери онҳо порчаҳои шашкунҷаи моҳути сурх гузоштаанд, парчин карда шудааст; ба ҳар ду табақаи дарвоза як-як ҳалқаи калони хӯлагӣ шинондаанд, ки инҳо дар вақти пӯшонидани дарвоза вазифаи дастгирӣ ва дар ҳангоми аз берун қуфл задани он, вазифаи зулфиниро адо мекунанд. Ба зери ҳалқаи тарафи рост ба рӯи тахтаи дарвоза як парча оҳани ҳамворро парчин карда аз болои он як кӯбачаи чоррахи сар шашпарии хӯлагии рехтаро овезон карда гузаронидаанд, ки дар вақти баста будани дарвоза касе аз берун ояд, бо ин кӯба дарро кӯфта муаззини мадрасаро барои кушодани он хабардор мекунад.

Ҳар гоҳ аз дарвоза ба дарун қадам ниҳед, ба миёнсарое медароед, ки аз се гунбази қатори ниммусаттаҳи мунаббаткорӣ[41] бино ёфтааст. Ин гунбазҳо ба якдигар бо гарданаҳои камонӣ пайвастаанд, ки гӯё ҳамаашон як сақфро ташкил медиҳанд; дар рӯ ба рӯи дарвоза як ра-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

вокеи панчараи оханиндор хаст, ки миёнаи масчиди тобистонй ва миёнсаройро чудо мекунад. Тарафи дасти рост кисми дуйуми миёнсарой аст, ки дар пешгохи ин масчиди зимистонй вокеъ аст ва аз пеши масчид ба тарафи дасти чап як рохрави дарозрўя хаст, ки бо он ба сахни дарунй мадраса гузашта мешавад. Дар тарафи дасти чап кисми сейуми миёнсарой буда, дар пешгохи он дарсхона бино ёфтааст ва аз пеши дарсхона низ як рохрав ба сахни дарун меравад.

Агар шумо аз дарвозаи мадраса даромада ба дасти чап — ба тарафи дарсхона гардед, пеш аз он ки ба дарсхона расед, ба дасти чапатон як зинаи танги торик вомехурад. Агар шумо бо ин зинаи морпеч боло баромадан гиред, дар нуктаи охиринаш ба як дар вомехўред, ки ин дар хучраи болои дарвоза аст. Аммо пеш аз он, ки ба дари ин хучра расед, дар торикй даст-даст карда ба тарафи дасти чап гардед, ба дари як хучра вомехўред, ки оиндагони нобалад, дар он чо будани хучраеро хеч гох гумон намекунанд. Хатто худи шумо хам пас аз баромадан ба сари зина то гўгирд назанед, ё даст-даст накунед, наметавонед, ки дари ин «хилватхона»-ро ёбед.

* * *

Як гаштирўзии аз рўзхои охири тирамох, ки ханўз сармохои сахти зимистонй сар нашуда буданд, ба дарун ин хучра ё «хилватхона» як муллои хисории тахминан 40-сола чоман серпахтаи худро ба сар кашида мехобид. Дар ин вакт як муллои хисории дигари тахминан 30-сола, ки ба сар як калапўши кундали бухоридўхт ва ба бар як чоман сатини парчагули зехкалон дошт, бе он ки мувофики одати мадраса так-так кунад, дарро беадабона кушода даромад ва ба пойгах рост истода:

— Хаит, ўй Хаит! — гуфта чеғ зад. Чун дид ки хобанда хеч намечунбад, дигарбора овози худро баландтар карда:

— Хаит мегўям, ўй гург! Зиндай ё мурда! — гуфта фарьёд кард.

Сохиби хучра, ки ўро оянда ба номи «Хаит» ва бо лакаби «гург» ёд кард, бе он, ки сар бардорад ва ё сарашро аз зери чома барорад, гуфт:

— Чй мегўй, маро ба холи худ мемонй, ё не?

— Имрўз ош накардй?—гуфт оянда,— «шикамам аз гуруснагй танбўр навохта истодааст».

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ошро аз чӣ мекунам, дирӯз ҳуми равғанро дар офтоб гузошта, як пиёла барин равғани охирини онро чаконда гирифта будам, ки вай ҳам ба дирӯза оши «Накбатхӯҷаат» сарф шуд, акнун ба ҷои ош хумчаро шикаста сафолҳояшро хӯр!

— Оянда кафши худро кашида ба рӯи ҳуҷра гузашта ба пеши Ҳаит омада нишаст ва аз сари ӯ ҷомаашро гирифта ба як тараф ҳаво дода: ,

— Хез, хез! — гуфта аз бозуяш гирифта зӯр кард.

— Махдум, барои арвоҳи падарат, маро ба ҳоли худ гузор! Валлоҳӣ намехезам.

— Хез, гуфтам, хез! Як илоҷ ёфта ош напазем, намешавад.

Ҳаит аз ҷои хобаш хеста нишаста:

— Хуб, ана хестам, чӣ мегӯӣ? — гуфт.

— Пеши Шароф қассоб рав, нимнимча[42] гӯшту нимнимча равған биёр, биринҷамо бошад, ба як ош мерасад.

— Ӯҳӯ, «ин хобатро ба об гӯй», дирӯз Шароф қассоб ба ман гуфт, ки агар насияҳои пештараатонро надиҳед, баъд аз ин як бурда гӯшт ҳам насия намедиҳам.

— Аввал забони хуш кун, дидӣ ки насия намедиҳад, як баҳона ёфта ҷанг кун ва аз гиребонаш гирифта ба замин зан, ман ҳам аз дунболат расида меравам, дукаса шуда хуб лагадкориаш мекунем, аз ин аҳвол тарсида қассоб ва баққолони дигар ҳар чӣ пурсӣ, бемалол насия додан мегиранд.

— Дар сари бозори Ғозиён касе нест, ки дар ин даҳ соли охирӣ ба сабаби ҳаққи худашонро талаб кардан, ё насия надодан аз ману ту шатта нахӯрда бошад. Акнун кор ба ҷое расидааст, ки аз шатта ҳам наметарсанд; ҳақ додан даркор, ҳақ! Дигар чора нест.

— Хуб, имрӯзро ҳар чӣ карда мегузаронем,— махдум гуфт,— палав набошад, биринҷоба мекунем, лекин барои оянда, ки то баҳор ҳоло се моҳ ҳаст, як фикри дуруст кардан даркор аст, аз ҷомаро ба сар гирифта хобидан ҳеҷ кор намебарояд.

— Ин осон аст,— гуфт Ҳаит,— фардо баромада ҳар дуямо Қарокӯл меравем, аз қозии он ҷо хат гирифта дуямо ба ду масҷид имом мешавем; пас аз ягон ҳафта истодан, аз болои имоматиамон пешакӣ ягон чиз ситонда, баҳор баргашта омаданро ваъда карда бармегардем; ин корро дар тумани Хайробод ва Вобканд ҳам мекунем. Ҳар дуямо аз ин се ҷой ҳеҷ набошад, аз ҳар кадом пан-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

чохтангагӣ яксаду панчоҳ танга ба даст медарорем. Ин маблағ ба ҳар дуямо то баҳор мерасад, тобистон бошад, боз ба сари ҳамин имоматиҳо меравем, ки камаш аз ҳар кадомаш дусадтангагӣ шашсад танга ба дасти дуямон медарояд. Ин маблағ барои харҷи таҳсили оянда ба ҳар дуямон бояду шояд мерасад. Лекин ин «Накбатхӯҷаи» ту дарди бедаво аст; агар ту ҳар рӯз вайро оварда зиёфат кардан гирӣ, ин маблағҳое, ки баъд аз ин хоҳем ёфт, ба ҳеҷ кучо намерасад. Агар ту вайро ин қадар зиёфат намекардӣ, мо дар ин миёначои таҳсил ба «саҳромарг шудан» маҷбур намегардидем, равғану биринҷи мо то моҳи чавзо мерасид. Равған ва биринҷ ҳам садақаи сар, дили ман ба он як хумча мусалласи кӯҳна месӯзад, агар ин «Накбат» мурдаи худро ба сари мо намепартофт, мусалласамо ҳам то моҳи чавзо мерасид ва дар вақти ба имомати рафтан даҳ сер мавизро ба хум андохта мерафтем, ки то сари таҳсили оянда як маи дандоншикан шуда мемонд.

— Ҳаит, ту хамеша,— гуфт махдум,— аз хамин «хӯҷа» менолӣ, вакте ки вай соҳиби давлату ҳашамат буд «эшончон-эшончон» гуфта қариб буд аз хушомадгӯӣ кафшҳои вайро бӯсӣ; шабу рӯз дар хонаи вай хобидӣ, палавҳои «дугӯштаи оринҷшор», ошҳои бахши қазидор, барраҳои навзоди бирьён, кабобҳои шоҳитанӯрии ӯро бо шаробҳои нестдарҷаҳонаш нӯши чон кардӣ, хушрӯйҳои олампаноҳро дар хонаи вай дидӣ, созу овози ҳофизҳои хушхонро дар он чо шунидӣ; дар он вақтҳо агар як бор «эшончон» гӯӣ, аз даҳонат «сад эшончон» мечакид; агар вай туро «Ҳаити гург» гӯяд, «лаббай, эшончон» мегуфтӣ. Имрӯз, ки вай шикаста кисааш аз пул ва косааш аз май тиҳи шудааст, номашро «Накбатхӯҷа» мондӣ, акнун агар «домулло Ҳаит» гуфта аз дарат дарояд, ҳудатро ба хоб мезанӣ... ин аз одамгарӣ нест.

— Ба мову ту одамгариро кӣ мондааст? — гуфт Ҳаит,— «мулло чорӯби дастархон» гуфтаанд, ин суханро ба тариқи ҳазлу шӯхӣ гуфта бошанд ҳам, дар ҳақиқат худаш сухани пурмаънии рост аст. Мову ту ки мулло бошем, вазифаи мо дастархони мардумро рӯфта хӯрдан аст, на ин ки буду нобудамонро ба зиёфати мардум сарф карда, калапӯши кундалро ба сар нимшикан монда, «як пул ба киса неву такаббур бар осмон» шуда, шикамро аз гуруснагӣ танбӯр навозонда гардем.

— Хуб, одамгариро ба як тараф мондем,— гуфт махдум,— лекин инро фаромӯш накардан даркор аст, ки

E-mail: ziyozoda@gmail.com

як одами давлатманд абадӣ бедавлат шуда наемонад, «понздаҳи моҳ торик бошад, понздаҳи дигараш рӯшноист» гуфтаанд. Ин одам, ки имрӯз ба накбат дучор шудааст, аҷаб нест, ки фардо кораш дуруст шуда боз савдогари пӯстболои[43] Маскав ва макариёчи[44] шавад; худаш қозишинос, раисшинос, қушбегишинос ва амиршинос аст, бар болои ин хешҳои давлатманди макариёрав ва маскавчӣ дорад, ҳеҷ қадоми инҳо розӣ намешаванд, ки ин одам абадӣ ба ин ҳол мӯнад, баъд аз чанд рӯз мебинӣ, ки боз ин кас «Эшони тӯрем» шуда меравад ва ту ҳамон «Ҳаити гург» шуда мемонӣ. «Мурдаи як шер сад рӯбаҳро сер мекунад» гуфтаанд, ҳоло ҳам бошад аҳволаш аз ману ту беҳтар аст; чунончи, дирӯз дар гузари Ҳоҷӣ Амонбой аз пешам баромад, дар даст як шиша май дошт ва худаш шермаст буд. Аз дастам гирифта ба ҳолам намонда ба ҳавлиаш бурд; дар меҳмонхона нишаста ҳар дуямо он як шиша майро бо донашӯрак нӯшидем, мастиаш боло гирифт, ман хостам баргардам, намонд. «Панҷ дақиқа нишин, ман ба ҳавлии дарӯн даромада бароям, пас аз он ҳар чо мехоҳӣ, бирав!» гуфт ва худ ба ҳавлии дарунаш рафт, пас аз даҳ дақиқа ана ҳамин (Махдум ба сару тани худ ишора карда) калапӯшу чомаро бароварда ба ман дод.

IX. АТОИ ҒАЙБӢ

Дар ҳамин вақт дари ҳуҷра тиқ-тиқ шуда сухани махдумро бурид. Ҳаит:

— Хӯш! — гуфт, ки ин ба тиқ-тиққунанда дароед гуфтан аст.

— Тиқ-тиқ,— дубора ин садо баромад. Боз Ҳаит сареҳтар карда;

— Хӯш, марҳамат кунед, дароед,— гуфт.

Тиқ-тиққунанда:

— Ҳуҷраи Домулло Ҳаит ҳамин аст? — гуфта пурсид.

— Ҳамин аст,— гуфт Ҳаит,— марҳамат кунед, дароед!

— Исомиддин махдуми ҳисорӣ ҳам дар ин чо ҳастанд?

— Дар ҳамин чоанд, даромадан гиред! — Ҳаит ба Исомиддин махдум нигоҳ карда оҳистатар гуфт:

— Ин ғӯли биёбонӣ кӣ бошад, на медарояд ва на дафъ шуда моро ба ҳоли худ мегузорад?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Тик-тиккунанда аввал як табаки дарро кушода сари худро дарун карда, ба нишастагон чашм андохт, пас аз он чо «бисмиллох-бисмиллох» гўён охиста-охиста кадами худро дарун ба пойгахи хучра даромад.

Хамин ки чашми Исомиддин махдум ба вай афтод,

— Э... Мулло Азимшох-ку,— гуфта аз чояш часта хест ва багал кушода бо вай вохўрдй кард. Хаит хам аз чояш хеста бо вай вохўрдй намуд.

Сохибони хона Азимшохро ба пешгохи хучра гузаронида ба рўи кўрпачааш шинониданд ва хар ду ба навбат:

— Хуш омадед,— гуфта пурсупос кардандаш.

Азимшох ба Исомиддин махдум нигох карда:

Магар шумо хам дар хамин хучра истикомат доред?

Не,— чавоб дод махдум,— ман дар поёнхучра менстам, лекин ин хам мисли хучраи худам аст,— ба Хаит ишора карда,— зохиран шумо ин шахсро намешиносед, ин кас хам хисории худамоанд; азбаски дар вакти 16-солагиашон барои тахсили илм Бухоро омада дигар ба Хисор нарафтаанд, эхтимол шумо ин касро надида бошед.

– Диданам ба ёдам не,— гуфт Азимшох,— лекин хисори будаташонро дар аввали даромаданам аз афту андомашон донистам.

Хаит ба чойник чой андохта барои дам карда овардан аз хучра баромада рафт.

Мо ба ин кас,– гуфт махдум,— хам хамвилоятй, хам бародари дининаем, хучраамо дигар бошад хам, табхамо дар як чост; дар вакти муллобачагй ва айёми тахсил хар кас бо яке аз кадрдонхои худ хамтабх нашавад, ташвишаш зиёда мешавад; рўзе хафт-хашт дарс мехонем, шабхо то ними шаб китоб мебинем, муколама мекунем; ба болои ихо тахорату намози панчвактй, вирду авроди одатиро хамрох кунем, фурсати сар хоридан хам наменомад, чй чои хар рўз ош пухтан. Бинобар ин ман хар чй ёбам, ба хамин кас оварда медихам, дарси ин кас аз ман камтар аст, хар рўз ошро ин кас мепазанд ва хар дуямо мехўрем.

Мулло Хаит чойро дам карда бо дуто нон овард, дастархон пахн карда нонро шикаст, ба рўи дастархон як таксимй кандалот ва як таксимй халвои лавз хам нихода мехмонро ба нонхўрй таклиф кард.

Азимшох бо як лукма нон як дона кандалотро ба дахони худ андохт. Магар кандалот хеле кўхна ва сахт бу-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дааст, ки хоида натавониста бе он, ки ба соҳибони ҳуҷра фаҳмонад, оҳиста аз даҳон бароварда дар як гӯшаи дастархон пинҳон кард. Пас аз он як лӯнда ҳалвои лавзро ба даҳонаш бурда хост, ки як миқдори онро бо дандони худ шикаста гирифта хояд, лекин ҳалво чунон сахт буд, ки вайро ба дандон шикастан дар як тараф истад, қариб буд вай дандонро шиканад. Азимшоҳ дар мавқеи бисьёр сахте монда буд, агар аз даҳон ҳалворо баргашта барорад, мухолифи назоқат аст, агар хоиданӣ шавад, мумкин нест. Ин аҳвол аз чашми Исомиддин ҳам пинҳон намонд, вай ҳам ба ҳисоби худаш аз сахтии ҳалвои Ҳаит хиҷолат кашид ва барои худро аз ин маҳлака баровардан ба Ҳаит нигоҳ карда гуфт:

— Аз ҳалво ва қандалоти табаррукии «Эшони тӯрем» ҳанӯз будааст-дия.

— Агар мехӯрдем,— гуфт Ҳаит,— ё ба пеши ҳар кас мегирифтем, то ҳол гардаш ҳам наемонд. Лекин азбаски табаррукии «Эшони тӯрем» буд, барои чунин,— ба Азимшоҳ ишора карда,— меҳмонони азиз нигоҳ дошта будамаш.

Азимшоҳ ба сухан ҳамроҳ шуда пурсид:

— Магар Эшони тӯра аз шайхҳои бузурги Бухороанд?

Исомиддин махдум гуфт:

— Аз шайхҳои машҳури хонақоҳнишин набошанд ҳам, як одами назарногири гӯшанишини соҳибҳоланд, пештар он шахс як марди соҳибдавлат буданд, лекин ҳамаи чизҳошонро дар роҳи худо сарф намуда, тарки дуньё кардаанд. Мо ҳар ду ба он кас ихлосмандем, ҳар вақт дуои он шахсро гирифта меистем.

— Хокашро гардам,— гуфт Азимшоҳ,— Бухорои шариф, ҳар тарафаш аз соҳибҳолон пур аст, ҳар боре, ки Бухоро меоям, ба хизмати он гуна соҳибҳолон расида натавонам ҳам, ба сабаби гирифтани дуои шумо барин азизон дилам хеле кушода мешавад, дар корҳоям ҳам кушоиш рӯй медиҳад.

— Дуруст аст,— тасдиқ кард махдум,— «асои пир, ба чои пир» гуфтаанд. Боре, корҳоятон чӣ навъ аст, чаро ин сафари Бухороятон аз муқаррариаш дертар монд?

— Шукр, корҳоям бад нест,— ҷавоб дод Азимшоҳ,— чӯпони пештараам мурд, мехостам рамаро ба писари вай рононда биёям, кӯрнамакӣ карда гурехт, барои ёфта ба даст даровардани вай ду-се моҳ гузашт, ба ҳамин сабабҳо сафарам дер монд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Чӯпони пештараатон магар Бозор ном дошт, бечора кай мурд, бисьёр одами хуби дидадаро буд.

— Се мох пеш аз ин мурд.

— Писараш чи ном дорад?

— Ёдгор!

— Магар ин бача нокобил аст?

Хо, як бачаи шуми гардангафси нинакшах аст; сад даҳан гап занед ҳам, чизе намегӯяд ва ба замин нигоҳ карда меистад; лекин аз чашмонаш маълум мешавад, ки дар дилаш дашном медиҳад.

— Худатон одами пурдида, рохи хизматгор кор фармуданро хуб медонед «ё ба зорӣ, ё ба зӯрӣ, ё ба зар» гуфтаанд, чояш ояд, пӯписа кунед, баъзе вакт пул диҳед ва гохо забони хуш кунед, хушомад гӯед; дар ин сурат хеч гӯр намеравад.

— Аз падараш мурдан боз як даҳан гапи баланду паст назадаам, пул бошад, ҳозир аз ман хазор танган накда карз дорад, забони хуш мекунам, насиҳат медиҳам, имоми маҳаллаамо ҳам хеле насиҳат карданд, бо вучуди ин чашмаш бегона менамояд; агар аз ман қарздор намебуд, ё ман хокимшинос ва қозишинос намебудам, кайҳо гурехта мерафт. Ман вайро фардо пеши шумо мефиристонам, шумо ҳам як насиҳаташ карда монед; шояд ба шарофати даму нафаси шумо қобил шуда монад.

— Бисьёр хуб, фиристонед, насиҳатгӯй ва азоимхониаш карда мемонем.

Азимшоҳ ҳамьёни дучашмаи худро, ки ресмони онро ба миёнбандаш махкам баста худашро ба кисаи бағалиаш андохта монда буд, баровард, даҳанбанди ҳамьёнро кушода ба дарунаш «пуф-пуф» карда чашми тангадонашро ёфт ва дасти худро дар он чо андохта тангахоро ягон-ягон шумурд ва ба Исомиддин махдум нигоҳ карда гуфт:

— Ман барои шумо аз нӯги закот аз Ҳисор як гӯсфанд оварда будам, фурӯхтан ва ё куштанаш ба шумо ташвиш мешавад гуфта, дирӯз он гӯсфандро ба як қассоби қадрдони худам додам ва таъин кардам, ки гӯшту пӯсташро фурӯхта пулашро ба шумо диҳад ва равғанашро барои шумо нигоҳ дорад.

Азимшоҳ сухани худро ба ин чо расонида аз ҳамьён дасти худро баровард, ки аз миёни панчаи дасташ тангахо намоён буданд; дар ин вакт Ҳанти гург ва Исомиддин махдум монанди бачагони нав аз тухмбаромадаи фароштрук, ки дар вакти хӯрокворӣ овардани модарашон парпанак зада ба даҳони вай нигоҳ мекунанд, гарданҳои

E-mail: ziyozoda@gmail.com

худро дароз карда ба дасти Азимшоҳ чашм дӯхта буданд.

Азимшоҳ тангаҳоро:

— Ин пули гӯшту пӯсти ҳамон гӯсфанд аст,— гуфта ба кафи махдум андохт ва даст бардошта илтимоси дуо кард. Ин вақт сару гардани Ҳаити гург монанди гули офтобпараст, ки ба тарафи партави офтоб гардад, ё чун мили қутбнамое, ки ба ҷониби қутб равад, ба тарафи Исомиддин махдум гашта чашмаш ба дасти вай дӯхта шуда буд.

Ҳар ду шарик илтимоси Азимшоҳро ба ҷо оварданӣ шуда, бехаёлона дар ҳаққи вай дуо карда дастҳоро бар рӯ кашиданд.

Пас аз ин Азимшоҳ:

— Хуб, акнун ба ман рухсат шавад, фардо ҳамин вақт равғанро бо бача мефиристонам, насиҳат карданро фаромӯш накунед,— гуфта аз ҷой хест.

— Чаро зуд меравед, имшаб ба мо меҳмон шавед,— гуфт махдум.

Азимшоҳ ба дасти маҳдум, ки тангаи нав додааш дар вай буд, як нигоҳи ҳасратомезе карда:

— Имшаб бо Фатҳуллоҳи гӯсфандҷаллоб ҳисобу китоб дорам. Қорҳоям тамом шавад, албатта, як шаб ба шумо меҳмон мешавам,— боз як бори дигар ба дасти тангадори махдум нигоҳ карда,— хотирҷамъ бошед, ки як оши табаррукии мадрасагиро нахӯрда намеравам,— гуфта кафши худро пӯшид ва аз дари ҳуҷра баромад.

Исомиддин махдум ҳам то таги дар рафта:

— Хайр, хуш омадед, саломат бошед, хурсанд кардед,— гуфта меҳмони худро гусел кард ва боз ба ҷояш омада нишаста тангаҳоро шумурда дид, ки бист танга аст, онҳоро ба Ҳаит нишон дода:

— Дидӣ, гург! Ин атои ғайбист, ин як атои ғайбист, ки ба шарофати номи мубораки «Эшони тӯрем», ба қавли ту «Накбатхӯҷа» ба мо омад.

Ҳаит:

— Ин одам маро нашиносад ҳам, ман инро хуб мешиносам, ин аз ҳаннотони забардасти Сари Ҷӯй аст, ки шайтонро фиреб медиҳад, ин, на ба ту ва на ба Эшони тӯраи ту, ки ҳанӯз кӣ будани ӯро намедонад, якпула ихлос надорад, ин ҳазор эшон ва даҳ ҳазор муллоро ба як пул мефурӯшад; лекин вақте ки кораш афтод, пул ҳам медиҳад, изҳори ихлос ҳам мекунад, агар хоҳӣ, мурид ҳам мешавад; хулласи калом, ҳар чӣ мекунад, мақсади худро ба даст медарорад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ин аз мо чӣ тамаъ дорад мегӯй? — пурсид Исомиддин.

— Чи тамаъ дорад?.. Худаш нагуфт, ки бачаро мефиристонам, насихат карда монед. Маълум мешавад, ки кадом ғарибро ёфта кор фармуда гаштааст, акнун вай ба чои омадааст, ки мехоҳад гурезад, ё ба дари дигаре равад; ана хамин ғарибро ба воситаи ману ту насихат кунонида гуломи халкабаргӯши фармонбардор карда гирифтанист. Ин шайтон ба муллои худ, хусусан ба муллое, ки дар Бухоро таҳсил мекарда бошад, чӣ кадар ихлос ва акида доштани авоми тоҷикро медонад.

— Хуб, гирем ки хамин тавр аст, ба ману ту аз ин чӣ зарар? Ба мо ин 20 танга ғанимат, агар аз дасти ман оянд, хаман факирони тоҷикро хар кадоме бисттангаги мефурӯшам, «гӯр сӯзаду дег чӯшад» гуфтаанд. Хез, зуд бош, гушту равган оварда ошро тайёр кун, ки аз хол рафтам.

X. ЯХУДИИ КӮЗАКАШ

Азимшох фардои он рӯзе, ки ба мадраса омада буд, хаман гӯсфандони худро фурӯхта тамом кард. Ба Ёдгор:

Бачаам, биё! Ба ту шахри Бухорои шарифро тамошо дихам,— гуфта ӯро хамроҳи худ бурда аз дарвозаи Намозгохи шахр даровард, вакте ки аз остонаи дарвоза кадам ба дарун мениход, худ ба овози баланд «бисмиллох...» гуфт ва Ёдгорро хам ба «бисмиллох» гуфтан таклиф карда гуфт:

Бухорои шариф як шахри бисьёр табаррук аст, дар ин чо бе бисмиллох кадам мондан дуруст нест, дар ин шахр мазорхои азизон ва зиёратгохи бузургворон бисьёранд; ман мехохам баъзе аз онхоро ба ту зиёрат кунонам.

Азимшох хамин тарика аз гӯру қиёмат гап зада, Ёдгорро ба мазори Турки Чанди бурд, дар тахоратхонае, ки рӯ ба рӯи дари мазор вокеъ шуда буд, даромада тахорат кард ва Ёдгорро хам тахорат кунонид. Пас аз он кафши худро ба даст гирифта ва чоруки Ёдгорро хам кашонда ба дарунн мазор даровард, аз чохе, ки дар он чо буд, об нӯшид ва ба Ёдгор хам нӯшонид, магар бадтаъмии оби он чох, ки дар вай аз рутубати мурдахои харрӯзан дар он давру пеш гӯр шуданстода асар буд, ба дахони Ёдгор нафорид, ки пушти худро афшонид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Азимшоҳ, ки ин ҳолати Ёдгорро аз чашм нагурезонида буд, гуфт:

— Зинҳор ба оби ин чоҳ беҳурматӣ ва шаккокӣ макун, ки ба ҷони ҷавонат зарар мерасад. Дар дунъё се чоҳи шифо ҳаст, ки яке аз онҳо дар Маккаи мукаррама чоҳи Замзам аст; дуюм чоҳи Хӯҷаи Ӯбон аст, ки дар саҳроҳои регзори Бухоро дар тумани Зандонӣ воқеъ аст; оби чоҳи Хӯҷаи Ӯбон ба бемориҳои песӣ ва махавӣ давост; сеюм ин чоҳ аст, ки оби ин ҳар гуна иллатро барҳам медиҳад, ба шарте, ки ихлос дошта бошӣ, лекин агар шаккокӣ кунӣ, зарар мерасонад. Дар байни ин се чоҳ бо зери замин роҳ аст. Боре як ҷоми обхӯрӣ дар чоҳи Замзам афтода будааст, ки баъд аз чанд гоҳ он ҷомро аз чоҳи Хӯҷа Ӯбон ёфтаанд. Вақте ки он ҷом боз ба чоҳи Хӯҷа Ӯбон афтода дубора гум шудааст, пас аз чанд гоҳ аз ҳамин чоҳ ёфтаанд. Назар ба қавли одамони куҳансол, ҳамон ҷом ҳамин ҷом аст, гуфта Азимшоҳ ҷоми обхӯрии сари чоҳи Турки Ҷандиро нишон дод.

Азимшоҳ баъд аз зиёрат карда баромадани мазор ба Ёдгор:

— Биё акнун ба ту мадрасаҳои Бухорои шарифро нишон диҳам,— гуфта ӯро аз миёни пуштаҳои Турки Ҷандӣ гузаронида ба гузари Ҳоҷӣ Амонбой бароварда дид, ки аз тарафи дарвозаи Намозгоҳ як гурӯҳ мардум бо шӯру ғавғои аҷибе рӯ ба тарафи сари бозори Ғозиён меоянд.

Азимшоҳ бо Ёдгор барои тамошои ин ҷамъомади аҷиб дар канори роҳ истоданд; гурӯҳи мардум наздик расид, дар пешопеши ин гурӯҳ як яҳудии тахминан панҷоҳсола меомад, ки ба сараш як телпаки чортарки махсуси яҳудиёни Бухоро ва ба бараш як ҷомаи алочаи майданакаши кабуд дошт; миёни ин яҳудӣ бо як ресмончаи канабӣ аз рӯй баста буд, ки бо амри уламо ва амирони Бухоро ба ҳамаи яҳудиёни Бухоро ин кор маҷбурӣ буд.

Ба пушти ин яҳудӣ як кӯзаи якмашкии чоргӯша бо як арғамчин чорбанд карда бастагӣ буд; аз садои лапишаш маълум мешуд, ки дар ин кӯза як чизи обакӣ ҳаст.

Аз дунболи яҳудӣ як шахси мусулмон меомад, ки ба дасташ як таппончаи шаштира дошт; ин шахс ба ҳолате, ки бо нарангушташ пистонаки таппончаро пахш карда буд ва барои баромадани тир танҳо бардоштани ин нарангушт кифоя мекард, яҳудиро ба тез-тез роҳ рафтан амр мефармуд. Ҳар гоҳ, ки тамошобинон ҳуҷум оварда роҳро танг мекарданд, ин шахс мили таппончаи худро ба тарафи онҳо рост карда як қадам мемонд, табиӣ ҳамаи

E-mail: ziyozoda@gmail.com

тамошобинон дуртар рафта барои яҳудии кӯзакаш роҳ мекушоданд.

Гурӯҳи мардум ба ҷое, ки Азимшоҳ истода буд, расида омаданд, ҳамин ки чашми Азимшоҳ ба яҳудӣ афтод:

— Вой! Ту Юсуфи гург нестӣ? — гуфта фарьёди тааҷҷубомезе кард. Яҳудиро мачоли дам задан ва чавоб додан набуд.

Ёдгор:

— Ҳучаин! Магар шумо инро мешиносед? — гуфта аз Азимшоҳ пурсид.

— Оре, мешиносам,— гуфт Азимшоҳ,— ин Юсуфи гург ном як яҳудии кассоб аст, ки ҳар вакт аз ман гӯсфанд мехарид, дируз ҳам ду гӯсфанд гирифта буд, ки ҳанӯз пулашро надодааст.

— Инро ба кучо ва барои чӣ мебурда бошанд? — гуфта Ёдгор пурсид.

— Бухороӣ шариф шахрест, ки дар ин чо муллоён бисьёранд ва ҳар хукми шариат дар ин чо чорист; маълум мешавад, ки ин яҳудӣ бо шароб ба даст афтодааст ва ӯро ба козихона, ё раисхона мебаранд, ки таъзираш кунанд.

Гурӯҳ ба сари бозори Ғозиён расид, дар ин чорраха чунон бисьёр одам гун шуда буд, ки мачоли ба ҳеҷ тараф кадам мондан набуд. Яҳудии пир дар душвории бисьёр сахте афтода буд: дар пушт як кӯзаи якмашкии пур, аз дунбол як шахси таппончадор девонавор ба тез роҳ рафтани ӯ амр медиҳад, дар пеш се тарафро ҳам мардуми бедарди тамошобин банд кардаанд.

Ҳар чи дар ин мавкеи хатарнок худи шахси таппончадор ба доди яҳудӣ расид: сиёҳиҳои чашмони худро бало кашида, таппончаи худро намоиш дода, калавида-калавида кадам партофта тамошобинонро пеш кард ва роҳи дасти чапро кушода ба яҳудӣ бо забони русӣ:

— Налево марш! — гуфта фармони аскарӣ дод.

Яҳудии барои ба амал овардани ин фармон монанди сарбозони амири Бухоро як кадам ба тарафи рост партофт. Шахси таппончадор ҳам монанди фармондеҳони аскарии даври амирӣ[43] аз бозуи яҳудӣ гирифта ба тарафи дасти чап кашида:

— Ба ин тараф мегӯям, кар! — гуфта фармони худро ба амал оваронид.

Ба ҳамин ҳол ба мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф расиданд; шахси таппончадор, боз як бор мардумро аз сахн ронда, яҳудиро ба мадраса даровард ва дарвозаро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

аз дарун баста ғоиб шуд. Саҳни мадраса ва сари роҳро мардум фаро гирифта буданд, тамошобинон дақиқа ба дақиқа зиёд мешуданд, дар ин вақт як нафар мулозими қозикалон бо як нафар одами миршаб ба сари воқеа расида омаданд, инҳо мехостанд барои фаҳмидани ҳақиқати ҳол дари мадрасаро кушода дароянд, ки шахси таппончадор бо яҳудӣ аз мадраса баромада омаданд. Акнун дар пушти яҳудӣ кӯза набуд, аммо шахси таппончадор базӯр қадам мемонд, дар ҳар қадам ба як сӯ калавида рафта ба афтодан наздик мерасид, ба девор бархӯрда худро боз рост мегирифт; одами қозӣ аз пушти ин шахс расида ба як чанг задан таппончаро аз дасташ рабуд. Бо он таппонча худи он шахсро тарсонида бо яҳудӣ ҳар дуяшонро пеш андохт ва бо одами миршаб ду кас шуда ҳар ду инҳоро ба тарафе ронда бурданд.

* * *

Азимшоҳ пас аз пароканда шуда рафтани мардум Ёдгорро ҳамроҳ гирифта ба дари мадраса бурд, ҳалқа, қубба ва кӯбаи дарвозаи мадрасаро ин ҳалқаи мурод, ин қуббаи давлат ва ин кӯбаи шайтонкӯб гуфта ҳар кадоми инҳоро ягон-ягон бӯсида ба чашмонаш молид ва ба Ёдгор ҳам зиёрат кунонид ва пас аз он гуфт:

— Ҳозир аз қассобии Таки Шӯр як думба равған гирифта ба ту медиҳам, ту ҳамон равғанро ба ин ҷо гирифта биёр ва аз дари мадраса Мулло Исомиддин махдуми ҳисорӣ кучоанд гуфта пурс, ба ту нишон медиҳанд, равғанро ба ҳамон кас супурда дуо гирифта бозгашта пеши ман ба ҳавлии Фатҳуллоҳи гӯсфандчаллоб рав. Лекин вақте ки омадӣ, аввал дари ҳучраро тиқ-тиқ кун, ҳар гоҳ ки биё гуфтанд, пас аз он ба ҳучра даро!

Азимшоҳ пас аз тамошо додани току равоқҳои мадраса ба Ёдгор, ӯро ҳамроҳи худ гирифта ба тарафи Таки Шӯри Бухоро рафт.

XI. РӮЗИ НИШОТ

Имрӯз ду рӯз аст, ки дар ҳучраи Ҳаити гург деги палав дар ҷӯш аст, дар оянда ҳам умед бисьёр, толее, ки дар вақти «акнун ғайр аз саҳромарг шудан чораи дигаре нест» гуфта истодан 20 тангаи нақда расонид ва ба расонидани як думба равған ваъда дод, аҷаб нест ки то ба поин расидани ин мояи зиндагӣ боз расонад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Танхо як камбудй хаст, ки вай хам набудани мусаллас аст. Агарчи акнун як миқдор маблағ ёфта дар хум андохтан мумкин бошад хам, вай бе чил рӯз мувофики қоида намерасад.

Хаити гург бо ин хасрат, боз гапро ба сари Накбатхӯча оварда ба Исомиддин махдум гуфт:

— Хамаи кори Накбатхӯчаат як тараф, як хум мусалласи солгашти маро хӯрда тамом карданаш як тараф аст. Агар хамин рӯзхо он май мебуд, дар айшу нишоти мо хеч ками наменонд.

— Агар хамин вакт,— гуфт Исимоддин,— худо як хум май мерасонд, аз даъвои ба Накбатхӯча доштаат гузашта гушу майнаи маро осуда менондй?

— Як хум не, як шиша расонад хам, валлох, ки дигар аз Накбатхӯча шикоят намекунам.

Хамин вакт аз сари зина садои пойхое, ки бетартиб монда мешуданд, шунида шуд, ояндагон рост ба дари хучра наздик омаданд.

— Пуштатро ба тарафи дар гардонда ба сари зина нишин!

Аз паси садои пойхои ба дари хучра наздикрасида ин овоз омад, Исомиддин гӯши худро ба тарафи дар сих карда:

— Ин овози Эшони тӯра барин,— гуфт.

Ба сари ин 20 танга хам об рехтем гӯй-чӣ? — гуфта, Хаити гург боз оташин шуд.

Дар бе тик-тик кушода шуд ва оянда сари худро дарун карда:

— Хаити гург! Ин хумн майро гир ва дар хакки ман дуо кун! — гуфт.

Хаит сари худро рост карда дид, ки хакикатан ба дари хучра як хум истодааст; якбора аз чой хеста гуфт:

— Эшончон! Худатон хам мархамат кунед, табхи дарназар мекунем.

— Ин аз они шумохост, ман боз ба хонаи Юсуф рафта то сер шуданам менӯшам, кабобча хам карда медихад,— гуфт оянда ва ба тарафи рафики худ нигох карда:

— Пеш даро, равон шав, Юсуфи гург! — гуфт ва хар ду аз зинахо поин фуромада рафтанд.

Хум ба дарунн хучра гирифта шуд, кушода диданд, ки маи ангури шибирғонй аст, шодмонй ва нишоти хар ду шарикро дигар хадду андозае набуд.

Исомиддин гуфт:

— Ба чои як хум май як хум тилло аз худо метала-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бидем, мешудааст, магар малоикаи омингӯй «омин» гуфта будааст, ки аз даҳонамон баромадан замон хоҳишамо қабул шуд.

— Ба назди ман,— гуфт Ҳаит,— ҳамин вақт як хум май, аз як хум тилло, ҳатто аз як хум гавҳар ҳам беҳтар аст. Шоир беҳуда нагуфтааст ки:

Токро сероб кун, эй абри найсон, дар баҳор!
Қатра то май метавонад шуд, чаро гавҳар шавад?!

Махдум гуфт:

— Гург! Ғазалхониро мон, хез, зуд бош, ошро тайёр кун, ки ин шароби илоҳиро имтиҳон карда як дами беғам занем.

— Ҳезуми тайёр кам аст, ту ҳезум шикан, ман равғани ошро доғ кардан мегирам.

Гӯшти ош бирьён шуд, бо гӯшти бирьёни ош, ҳар ду шарик ду-се пиёла даркашида санҷида диданд, май кӯҳна ва пурзӯр буд. Исомиддин гуфт:

— Ҳаит, лақаби «гургӣ»-ро аз даст додӣ?

— Чаро?

— Вақте ки маи ту дар хубӣ ва пурзӯрӣ ба дараҷаи маи Юсуфи гург расида буд, Эшони тӯра туро бо вай ҳамлақаб карда буд, акнун ки маи Юсуф аз маи ту пешӣ кардааст, метарсам ин лақабро аз ту боз ситонад ва туро баъд аз ин «шағол» номад.

— Шағол шудан ҳам бад нест, кас ба ҷои гӯшти гӯсфанд ҳамеша гӯшти мурғ мехӯрад.

Биринҷи ошро андохта дам карданд, боз пиёла ду-се бор даст ба даст гузашт; ошро кашида бо иштиҳои тамом хӯрданд, табиӣ дар вақти ошхӯрӣ ҳам ба ҷои об май сарф шуд.

Дар ҳамин вақт касе ба дари ҳуҷра омада тиқ-тиқ кард. Ҳаит:

— Рухсат нест, парҳез,— гуфт.

Оянда:

— Ман, сӯфӣ, ба дари мадраса як дохунда омада Исомиддин махдумро пурсид, ҳамроҳ гирифта овардам.

— Хуб, вайро ин ҷо мон, худат баргард, рухсат нест, парҳез!

Ҳаит, пас аз баргашта рафтани муаззин, дарро кушод:

— Биё, бача,— гуфта меҳмони чоруқпӯши худро ба рӯи ҳуҷра гузаронид, як думба равғанро, ки ба дасти оян-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

да буд, гирифта дар гӯшае гузошт ва табақи оши саркутро ба пеши ӯ ниҳод.

— Номи ту Ёдгор нест? — пурсид Исомиддин.

— Хо, Ёдгор аст.

— Гир, бача, ошро хӯрдан гир.

Ёдгор ба ошхӯрӣ машғул шуд, Исомиддин ба чои илтимосҳои Азимшоҳро ба ёд оварда ба вай насиҳат кардан ба «Мутрибчаи дугоҳ»-хонӣ машғул шуд. Дар авч ва акс Ҳаит ҳам ба ӯ ҳамроҳӣ мекард, дар паси он ҳар ду ҳамовоз шуда «Нақши мулло»-хонӣ карданд.

Пас аз ошро хӯрда тамом кардани Ёдгор, ӯро рухсат дода боз ғазалхонии худро давом кунонданд:

Агар бихишт диҳандат, фиребошӣ маҳӯрӣ,
Қадам зи мадраса берун маниҳ ки чо ин чост.

Ин байтро дар ҳавои «Ушшоқ» ба такрор мехонданд. Магар имруз кайфи мадрасагиашон аз кайфи майкадагӣ баландӣ мекард, ки дар асли шеър: «Қадам зи майкада...» бошад ҳам, инҳо «мадраса» гуфта мехонданд.

XII. ДОИРАХАБАР

Аз фурӯ рафтани офтоб тахминан ду соат гузашта буд, мастии шарикон ҳам кадре фуромад, лекин дарди сар ва гаронии мизоҷ ба осуда нишастан ва ё хобиданашон халал мерасонид, бинобар ин аз ҳучра баромада кадре кучагарди карда ҳавои тоза хӯрда хумори худро шикастани шуданд.

Кӯчаҳои тангу торики Бухоро ба ин ду масти дарьёдаркаш созгор наёмад.

— Валлоҳи,— гуфт Ҳаит,— аз кӯчаҳои Бухоро гӯр бехтар аст.

— Ҳамин кӯчаҳои торик аст, ки,— гуфт Исомиддин,— айби ману туро мепӯшад, агар кӯча равшани пуродам мебуд, кайҳо расво мешудем.

— Ҳар чи бошад, дили ман тангӣ кард, ё ягон базм ёфта меравем ва ё бозгашта ба ҳучра рафта мехобем.

— Барои ёфтани базм ҳам кӯчагардӣ даркор аст, то ки овози донраро аз ягон тараф шунавем ва чои онро ёфта «донрахабар» шуда бираем.

Ҳаит розӣ шуд:

— Хуб, меравем, аммо ба кадом тараф?

— Таваккал карда ба тарафи Хиёбон рав

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Бисьёр хуб, равон шав!

Ҳар ду «толиби илм» дар роҳи «талаби маҷҳули мутлақ»[47] ба тарафи Хиёбон рӯ оварданд. То гузари Миракон аз ҳеҷ тарафе овози доирае шунида нашуд, вақте ки аз пеши хонақоҳи Миракон ба тарафи рост баргаштанд, аз тарафи сари бозори Хиёбон аранг-аранг овози доира омадан гирифт. Ҳар қадар, ки ба сари бозор наздиктар мешуданд, ҳамон қадар ҳам овози доира баландтар меомад. Ба сари бозор расида аз шабгарди посбоне, ки таблро ба зери сари худ монда ба канори гулхан хобида буд:

— Ака шабгард! Базм дар куҷост? — гуфта Исомиддин пурсид.

Шабгард бе он, ки сари худро бардорад:

— Дар гузари Эшони Имло,— гуфта ҷавоб дод ва аз ғур-ғур карда худ ба худ чизе гуфтанаш маълум мешуд, ки аз ин халалрасонандагони осоиши худаш хеле нохушнуд шуда буд.

Баъд аз соате ду шарик дар базмхона буданд: рӯи ҳавлӣ дар ғояти тангӣ буд, оташдоне, ки дар замин канда ба вай деги ниммании масҷидро шинонда буданд ва хирворҳои ҳезуми явшон, ки барои пухтани оши фардо ҳозир карда буданд, рӯи ҳавлиро фаро гирифта буд; дар як тарафи рӯи ҳавлӣ ду самовори калони якмашкӣ дар ҷӯшидан буда хизматгорон пай дар пай аз хона чойникҳои холиро бароварда чойникҳои пури дарҷӯшро, ки ба сари манқали калони дувоздаҳхонагӣ истода буд, гирифта ба хона медаровардан. Самоворчӣ боз чойникҳои холиро чой андохта дам карда ба сари манқал мениҳод.

Меҳмонони ногуфт ё доирахабар аз болои ҳезумҳои явшон бо эҳтиёт қадам монда гузашта ба дари хона расиданд ва сари худҳоро аз дар дарун карда ба тамошо машғул шуданд. Базмгоҳ як хонаи нӯҳболор буд, ба даруни он мардум, чунон ки дар маъракаҳои маддоҳии он замон ё дар давраи бедонабозӣ нишаста бошанд, пасу пеш ва зону ба зону нишаста буданд, ки ҷои сӯзан задан набуд; танҳо дар миёнҷои хона ҳалқаворе як ҷои дуолчинии холӣ буд, ки дар поёнаш се манқали пуроташ дар дурахшидан буд, дар пеши манқалҳо чор нафар доирадасти забардасти он замон нишаста доираҳоро ба ҳавои яккақарс менавохтанд ва ба ҳамин ҳаво ғазал мехонданд. Дар миёнаи ҳалқа як бачаи амради кокулдор рақс мекард ва дар навбати худ бо доирадастон ҳамовоз шуда ғазал мехонд. Як нафар ҷавони тахминан 25-сола, ки миёни худро аз рӯй баста, тугмаҳои яктаҳкуртаи худро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

кушода ва барои хурсандии ёрон ба рӯи худ хокаи ангишт молида буд, ба дасти худ як шамъи чойдории дута чорьяки афрухтаро гирифта пеши рӯи амради раккос нигоҳ медошт; амрад ба ҳар тараф, ки майл ва ҳаракат кунад, чавони шамъдор ҳам ба ҳолате, ки як зонуи худро ба замин нихода зонуи дигарашро рост медошт, бе он ки шамъро аз пеши рӯи амрад дур кунад, ба он тараф майл ва ҳаракат мекард. Равғани шамъи афрӯхта, ба рӯи намади охакӣ, ки дар садҳо ин гуна базмҳо пахн шуда равғани шамъолуд шуда буд, монанди обе, ки аз нӯли офтоба резад, мешорид.

Меҳмонони ногуфти мо як кадар аз таги дар базмро тамошо карданд ва бо амради раккос ба воситаи задани чашм ва парронидани абрӯ гуфтугӯ карда «лаззатҳо» гирифтанд.

Яке аз ҳаҳанмардони аҳли базм магар мулло будани ин меҳмононро доинст, ки аз чои худ рост хеста:

Ака кори, даруи марҳамат кунетон,— гуфт.

Меҳмонони «азиз» ҳам ба ҳамин кадар ишорат мунтазир буданд ва ба лили худ: «аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан» гӯён, бе он ки сари худро аз дар беруи кунанд, кафшҳои худро накашида пои худҳоро дарун гирифтанд ва бе пӯшт-пушт мардумро зер карда ба дарунии даври гузаштанд. Касе, ки инҳоро бо ин кадар одамгарӣ сарафроз карда буд, мардумро ба якдигар чафстар шинонда барои онҳо аз пешгоҳи ҳалкаи базм чой ҳолӣ кард. Меҳмонони мо ба рӯи он намади охакини равғани шамъолуд, монанди он ки ба рӯи бистари атласи парикудор нишинанд, бо хузури тамом дузону нишастанд.

Имшаб толеи базмгардони мо тохта буд: ба болои ин ки ба дарунии хона рох ёфтанд, чойники чой ҳам аз пеши эшон канда намешуд, агар як чойник холӣ шавад, барои омадани чойники дигар чик-чики сарпӯши чойник басанда буд.

Нсомиддин ба гӯши Ҳанит гуфт.

Инҳо одамони хуб, муллодӯст будаанд, моро аз чашмдоштамон зиёдтар эҳтиром кардаанд.

— Ёфти, одамҳои наҷзатро,— гуфта Ҳанит сухани шарифи худро инкор кард ва гуфт:

«Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб» гуфтаанд, инҳо ҳам аз воқеаи ҳавлии «Шариф кичирӣ» ибрат гирифтаанд. Ҳафтаи гузашта ба базми тӯи вай муллобачагон дорҳалабар шуда рафта буданд. Вай инҳоро рох надод, дар як соат монанди зогон, ки ба сари лошаи худмурда

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ғун шаванд, муллои бисьёре ҷамъ шуданд ва ба хонаи ӯ ҳуҷум оварда даромаданд, лампаҳои калони овезаро зада шикастанд, хона даргирифт, қолинҳои даҳгазаи такагӣ ва кӯрпачаҳои якандози махмал сӯхт. Агар мардуми тамошобин ғайрат карда оташро фурӯ наменишонданд, тамоми хона ва ҳавлӣ месӯхт. Магар фаромӯш кардӣ, ки мононди ин воқеа соли гузашта дар гузари Ғозиёни худи мо ҳам шуда буд...— гуфта Ҳаит хост воқеаи як тӯи калони дар гузари Ғозиён шударо, ки дар он ҷо ба сабаби баста мондани дари ҳавлӣ муллобачагон ҳуҷум оварда симҳои телефони хонаи бойро бурида буданд ва оқибат ба сабаби дар миён даромада ду-се нафарро ба ҳабс гирифтани одамони қозикалон ҳодиса пасанда шуда буд, нақл кунад; магар дар бораи нақли «қаҳрамонии» муллобачагон дар ҷӯш омада қадре овозаш баланд шуда буд, ки яке аз поён:

— Хомӯш! — гуфта миёни сухани Ҳаитро шикаст.

Як пайт базм ба охир расид, хизматгорон манқалҳоро аз хона баровардаанд, шамъи калон ҳам кушта шуд, шӯълаи лампаи сиюми овезаро ҳам пасттар карданд, меҳмонони мо ҳанӯз нишаста буданд. Яке аз рӯи суфа овози худро баланд карда:

— Меҳмонон хуш омаданд, фардо вақти наҳорӣ ош дорем, барвақттар хобидан даркор аст,— гуфт.

Исомиддин ба Ҳаит:

— Ҳамин қадар обрӯй хуб аст, биё пештар аз ном гирифта пеш карданашон биравем; вақт ҳам аз ними шаб гузашт.

— Хуб, биравем,— гуфт Ҳаит.

Ҳамин ки инҳо аз ҷои худ хестанд, як нафар аз аҳли базм:

— «Хуш омаданд, тақсирҳо, ҳар қадам монданд, болои дида, ҳар чӣ бегилек» — гуфт.

Вақте ки меҳмонон аз дари хона мебаромаданд, касе ба соҳиби хона гуфт:

— Домуллоҳоро узот карда мон!

Дигаре овози худро пасттар карда:

— Аз дунболашон як санг ҳаво деҳ! — гуфт.

Ин ҳақорати ҳазломезро меҳмонони мо шунида бошанд ҳам, худро ба нодонӣ заданд. Хатои охирини аҳли базмро ба атои аввалиашон бахшиданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Исомиддин ва Ҳанг дар бозгашт аз базм роҳашонро дигар карда аз тарафи Кӯшмадраса равон шуданд. Ҳанг гуфт:

— Валлоҳ, ки аз гуруснагӣ дар ман тоқати қадам бардоштан намонд.

Чойро ҳам муфт ёфта пай дар пай нӯшидан гирифтем, кошки дар кучра ягон чизи хурданӣ мебуд,— гуфта Исомиддин ҳам гурусна мондани худро маълум кард.

Аз гояти гуруснагӣ ҳар ду шарик дам назада рох мерафтанд. Бо ин ҳол ба долони сари бозори Кӯшмадраса расиданд, дар он чо пеши даҳбоши, ки гулхани худро афрухта бо шабгардони худ чак-чак карда нишаста буд, рафта чилим пурсиданд.

Як шабгард ба фармуди даҳбоши чилим андохта пухта карда дод, ҳар ду шарик дуд ба дуд дуборӣ кашиданд.

— Таксирчон, маро халос кунед! — гуфта овозе аз як гӯшаи пойтуги[46] даҳбоши баромада диккати муллоёнро ба тарафи худ кашид.

Исомиддин наздиктар шуда:

— Ту кистӣ? — гуфта аз овозаш пурсид.

— Магар маро нашинохтӣ, ҳамин рӯз дар мадраса ба ту равган бурда надодам?

— Хо, хо... ту одами Азимшох-а? — гуфт Исомиддин,— ин чо чӣ мекунӣ?

— Вакте, ки аз мадраса баромада се-чор қадам рох рафтам, рохро гум кардам, харчанд кофтам, чои хӯчаинро наёфтам, хавлии Фатҳуллоҳбой кучост гуфта аз ҳар кас пурсидам, ҳеч кас надонист; шаб торик шуд, аз кӯчаҳо пои мардум канда шуд, ба кучо рафтанамро надониста ба ҳар тараф медавидам. Охирбат яке аз инҳо (ба шабгардон ишора карда) ба ман вохӯрда, ин чо гирифта овард, ниятам дошт, харчанд зорӣ кардам, ки «маро ба хонаи Фатҳуллоҳбой расонед, хӯчаини ман дар он чост, агар имшаб расида наравам, маро кохиш мекунад», сар надоданд ва маро бандӣ карданд.

— Даҳбоши! Инро сар дихед, ин мехмони мост,— гуфта аз даҳбоши пурсид Исомиддин.

— Хуб, садкаи суханатон, таксир,— гуфт даҳбоши,— вакте ки ин бача хӯчаини ман мехмони Фатҳуллоҳбой аст гуфт, ман умедвор шуда будам, ки фардо пули як дегчӯш меруяд, давлати хӯчаинаш сахт будааст, ки шумо расида омадед.

Исомиддин:

— Хайр, зарар надорад, худо ивазашро аз ҷои дигар мерасонад, агар роҳи базмиёни Эшони Имлоро гиред, пули чанд дегчӯш мерӯяд,— ва ба Ёдгор нигоҳ карда:

— Хез, биё бача! — гуфт.

Ҳар ду шарик муқаррар карданд, ки Ёдгорро ба ҳавлии Фатҳуллобой расонда монанд. Азбаски дар Регистон ва давраи арки подшоҳӣ сарбозон посбонӣ мекарданд ва ҳеҷ касро бе донистани номи шаб роҳ намедоданд, маҷбур шуданд, ки аз пушти болои ҳавз аз гузари Усто Рӯҳӣ, Аскарбӣ ва Кофарработ давр зада, аз болои гузари Мирзо Ғафур раванд.

Пас аз он ки шарикон аз гузари Мирзо Ғафур гузаштанд, дар пасткӯчаи рӯ ба рӯи масҷиди арабон Ёдгорро ба ҳавлии Фатҳуллоҳ расонда, худ бо роҳи калон аз болои лаби ҳавзи Чӯббоз гузашта, ба манзили худ рафтанӣ шуданд. Ҳаит гуфт:

— Дар ин гуруснагӣ ин қадар роҳи барзиёдро, ки ба касофати Азимшоҳи ту тай кардем, «болои мурда сад чӯб» шуд.

— Ҳақиқатан гург астӣ, Ҳаит,— гуфт Исомиддин,— дунбаи гӯсфанди Азимшоҳ нағз, аммо одами вайро даҳ қадам роҳбарӣ кардан бад.

Дар ҳақиқат гуруснагии шарикон аз ҳад гузашта буд, чои кабуди пай дар паи поёни мастӣ ҳама чизро аз меъдаашон рӯфта бурда буд, меъдаи холӣ ба ҷои ғизо сафроро сарф карда дуд аз димоғашон мебароварда. Дар роҳ аз пеши ҳар нонвойхонае, ки мегузаштанд, бӯи хуши нони гарм иштиҳояшонро торафт ба ҷунбиш меовард.

Ҳаит гуфт:

— Пул дорӣ, ягон нон харида хӯрем?

— Пул надорам, лекин барои муфт гирифтани нон як чора ба хотирам расида истодааст.

— Чӣ чора ба хотират расид, медуздем ё гадой мекунем?

— Не, дуздӣ ҳоҷат нест, лекин як гадоии одамшавандагона мекунем.

— Гадоии одамшавандагонаат чӣ гуна аст? Зуд бош, ҳар чӣ мекунӣ, кун, ки ҷонам ба лаб расид.

— Сабр кун, аввал гӯям: имрӯзҳо дар шаҳр вабо пайдо шудааст, Эшони қозикалон ба муаззинон амр доданд, ки барои дафъи вабо шабҳо дар кӯчаҳо азони бемаҳал гӯянд, дишаб як вақт ман ба сари саҳни мадраса будам, ду муаззин дар роҳ истода азон гуфт, аз нонвой-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хонаи Усто Хамрох як шогирдашро ду нон баровард ба они дод. Мо хам дар пеши пойгохонаи Мирзо Муттарчон як озон мегўем, умед аст, ки ба мо хам нон баровард диханд.

Исомиддин, ин фикри бикрро аз кучо ёфтй? Тезтез кадам мон, ки пеш аз хўрдани нон ба похоям чон даромад.

Шарикон давон-давон ба пеши пойгохона омада истодаид ва хар ду хамовоз шуда, як озони баландбардаво гуфтанд. Хамин ки озонро ба поён расонда дар рох сари дупо нишаста дуои озонро ба адои тачвид[49] баланд мехонданд, дари пойгохона кушода шуд ва як шогирдашро ду нони тафтоиро ба даст гирифта баромад.

Хануз дуои озон ба охир нарасида буд, Хант гуфт:

— Бас кун, ки муддао хосил шуд ва дуоят аз даргохи илохй кайхо кабул ёфт.

Шарикон дуоро тамом карда дастхоро бар рў кашиданд, шогирдашро хам нонхои гарми дастсўзро ба нихо дода илтимоси дуо карда.

Шарикон дар хакки шогирдашро дуои кўтохе карда ба роки худ афтоданд, як нонро пора карда хар ду дар вакти рох рафтан дар ду дакика нахонда фурў бурданд. Навбат ба нони дуйум расид, Хант гуфт:

— Агар чор нон медод, як нав шунбанд мешудем, аммо ба ин ду нон: «лаб гуфт омад, дахон гуфт даромад, шикам ба боло чй чиз буд, ки ба поён нафаромад».

Хант, агар гурги чорпо мешудй, дар дунёй гўсфанд намонда хамаро мехўрдй-дия, як авом ихлос карда ба ту нон медиханд, боз ту ношукри карда звёдталабй мекунй. Нико соддаанд, ки ба ману ту нон медиханд, агар чй будани моро донанд, сангро намедиханд, ки ба сарамон занем.

Нико ахмакаанд,— гуфт Хант.

Курнамакй карда хакорат мадех,— гуфт Исомиддин,— нико ахмак бошанд хам, ману туро хаминкас сер мекунанд ва ободии дунёй хам бо хаминхост, бинобар ин аст, ки уламои гузашта «лавлалкумакоу лахарибаддунё» (агар ахмакон намебуданд, дунёй харобмегардид) гуфтаанд.

Гохо фалсафафурўшй ва гохо шўхию бозй карда хар ду шарик ба мадраса омада расиданд, аз болои нони гарми пахсагй оби сардро нўшида ба хоб рафтанд. Фардо соати 8 рўз Накбатхуча дари хучраро тик-тик зада нихоро аз хоб бедор кард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Эшончон! Дирӯз шуморо бандӣ карда буданд гуфта буданд, чӣ гуна халос шудед? — гуфт Ҳаит.

— Касе, ки моро бандӣ карда тавонад, ҳанӯз аз модар нарӯидааст.

— Юсуф чӣ шуд?

— Ҳар дуямонро ба қозихона бурданд. Эшони қозикалон ба ман нигоҳ карда ба Юсуф гуфтанд:

— Дар гӯр сарат! Ту дар зери ҳимояти подшоҳи ислом зиндагонӣ карда аракфурӯшӣ мекунӣ,— ба одами худ нигоҳ карда: — бар, ин кофирро ба зиндон супур! — гуфта амр доданд ва гуфтанд, ки:

— Инро дар зиндон бандӣ карда нигоҳ доранд, ба ҷаноби олӣ арз карда ҳадди шаръӣ мезанонам.

Мулозим Юсуфро гирифта бурд, магар қозӣ ишорате кард, ки маро мулозими дигаре ба зинхонаи қозихона бурд ва пас аз шом мирохурбошии[50] қозикалон ба ман одам ҳамроҳ карда сиҳат саломат ба хонаам фиристод.

Ҳаит гуфт:

— «Дароза мону кӯтаҳа бур»* гуфтаанд, ки бисьёр рост аст.

— Агар ман барин дарозҳоро буридан мегирифтанд, ту барин кӯтоҳҳо аз гуруснагӣ мемурдед, ҳатто шиками Эшони қозикалонат ҳам аз давлати ман барин дарозҳо сер мешавад, зуд бош, ошро тайёр кун! — гуфт Накбатхӯҷа ва ҷомаи худро кашида монда чорзону зада дар пешгоҳи ҳуҷра нишаст.

XIV. САРБОЗӢ

Ёдгорро ҳеҷ як шаъшаа ва тантанаҳои Бухоро, ки ҳар каси кӯҳистонӣ ва саҳронишинро дар ҳайрат меандохт, ба худ намекашид, мазору мадрасаҳо ҳам ба дилаш таъсири зиёде набахшид, хаёли вай танҳо ба як ҷо — ба Дараи Ниҳон, ба Гулнор банд буд; он дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ, ки дар вақти дастгир шуданаш аз Гулнор дид, яке бар сад ишқу муҳаббаташро ба вай зиёд карда буд; дар ҷаҳони бекасӣ ҳоло як кас дошт, ки дили вай ҳақиқатан ба ин (ба Ёдгор) месӯзад. Афсӯс, ки ҳоло аз вай дур афтодааст, пас аз ин ҳам маълум нест, ки боз вайро мебинад, ё не?

Дуньё ҷои умед аст, агар кӯшиш кунад, дур нест, ки боз ба вай бирасад. Ҳеҷ набошад, ҷамоли ҷаҳонорои ӯро

---

* Дарозро мону кӯтоҳро бур

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бод як бор бинад, пуштахои ширинро аз он лабхо, ки гайр аз рўзи дастгир шудanash ҳамеша бо табассумхои нечрагез омехта буд, як бори дигар шунавад.

Ғаффор ба дили худаш гуфт:

Аз харакатхои Гулнор маълум буд, ки вай ҳам маро дўст медорад, вай ҳеч гох дасти дигареро бо дасти мухаббат нахохад гирифт, оё вай рўзи охирин: «Ҳар гох ту ман гирифтани шавй, ман ҳам тўй мешавам» нагуфта буд?! Он далерй, ки аз вай ба зери шаштери асавуя дида шуд, маълум буд, ки вай осон-осон ба ҳамин дигар кас розй нахохад шуд. Аёб аст, ки вай бо вучуди ин будanash ҳамин кадар мардонагй ва вафодорй нишон дихад, ман дар расидан ба ў ҳеч кўшиш накунам.

Бароя кушиш кардан дар ин рох аввал аз дасти Азимшох халос шудан ва гузаронин худро аз ягон роҳи дигар мухайё кардан даркор буд. Чора чист?

— Чора гурехтан!

— Аммо ба кучо ва ба дари кй?

Ба ин пурсиш, ҳамони хурдсоли тачрибанадида ҳеч чавоб намеёфт.

Ғаффор дар гузари пушти арки Бухоро дар сари пасачае, ки ҳавлии Фатхуллоходжои гусфандчаллоб дар он чо буд, пушт ба девор нишаста ба ҳамин хаёлот фуру рафта буд, ки:

— Дохунда! Ту кучой асти? — гуфта овозе омад ва ўро аз хаёлоти бепоёнаш, ки ба кучо рафта расиданашро худаш ҳам намедонист, бозовард.

Ғаффор бо шунидани ин овоз мошинди касе, ки вохост аз хоб бедораш карда бошанд, ва кад парид ва ба тараф, ки ин овоз омада буд, нигох кард ва дид, ки як сарбози амир мунтазири чавоб аст.

— Аз Хисор, — гуфта Ғаффор чавоб дод.

— Аз куди Хисор?

— Не, аслан аз Кўлоб, коло дар Сари Чўи Хисор мешавам

— Он чако чолом обод аст?

— Чолом обод ҳам дорад, харбуза ҳам дорад.

Ангур, харбуза ва дигар меваҳо ёфт мешаванд?

— Ҳа, дар ҳеч меваҳо ҳаст

— Ба маданьи ин он чо хохем рафт, аммобзр ин ахволи он чакаро аз ту пурсидам.

— Барои саёхатгарй мерави, ё музофирй? — пурсид Ғаффор.

— Не, барои ҳеч ҳалоли ишо не, ин сарбози чавоби

E-mail: ziyozoda@gmail.com

олием, ҳамеша дар хизмат мебошем, ҳоло аз ҷаноби олӣ фармон шудааст, ки дастаи мо ба тарафи кӯҳистон биравад, аз рӯи одат бояд дар он ҷо ду сол бимонем. Ин бори аввал аст, ки ман ба он тарафҳо меравам.

— Одам ба сарбозии амир чӣ гуна даромада метавонад? — пурсид Ёдгор; ӯ сари калобаи кори худро ёфта буд, агар мумкин бошад, ба сарбозии амир даромада ба тарафи кӯҳистон рафтанӣ буд. Мумкин будан ё набудани ин корро аз ҳамин сарбоз, ки ба тарафи кӯҳистон рафтанист, фаҳмидан даркор буд, бинобар ин пурсишҳои худро аз ҳамин роҳ сар кард.

Сарбоз ҷавоб дод:

— Ҳар кас хоҳад, ҳар вақт ба сарбозии амир даромада метавонад.

— Агар ман хоҳам-чӣ?

— Ту ҳам хоҳӣ, даромада метавонӣ.

— Хӯҷаинам ба сарбоз шудани ман розӣ нашавад-чӣ?

— Агар ту хоста бошӣ, падарат, модарат, хӯҷаинат ва ҳеҷ каси дигар бозгашта наметавонад.

— Агар ба дастаи шумо, ки ба кӯҳистон рафтанист, даромаданро хоҳам, қабул мекунанд?

— Албатта, қабул мекунанд.

— Ман ба дастаи шумо медароям, ту ба ман роҳ нишон деҳ!

— Ман ҳозир дар ин ҷо посбонам, баъд аз як соат ба ҷои ман каси дигар меояд, ки ман озод мешавам ва ҳар ду меравем пеши юзбошии[51] мо, ту мешавӣ сарбози амир.

— Бисьёр хуб, ман аз ҳамин ҷо намеҷунбам.

Баъд аз як соат сарбоз аз хизмат фориғ шуда омад ва Ёдгорро ҳамроҳи худ гирифта дар гузари Кофирработ ба ҳавлии юзбошии худ бурд. Вақте ки ба дари ҳавлии юзбошӣ расиданд, сарбоз Ёдгорро пеши дарвоза монда:

— То ба юзбошӣ арз карда баромадани ман ту ин ҷо бош,— гуфт ва худ ба даруни ҳавлӣ даромада ба сар исхона рафт.

Дар ин ҷо дар зинхона як марди тахминан 40-сола ки ба поҳояш занҷир зада буданд, бо чашмони пуроб нишаста буд. Сарбоз ба ин одам нигоҳ карда гуфт:

— То кай ба ин ҳол менишинӣ, Қурбон!..

— Замин сахт, осмон баланд, илоҷам чист? Мешинам-дия,— гуфт Қурбон.

— Зудтар ягон одам харида деҳ, ба кори бечорагиат

E-mail: ziyozoda@gmail.com

рафтан гир, «ҳеҷ кас дар он ҷо бо рӯи ту нах надидааст».

— Ман аз куҷо одам пеҳдоман, ки одам чизе гӯяд, худи ман чӣ дорам?

— Курбон, ба ман гӯш дех,— гуфт сарбоз,— ё додаратро ифто недиҳӣ, ё ки одам кардан недиҳӣ ва ё тудат сарбоз нашавӣ, гайр аз инҳо дигар роҳи халосат нест.

— Кошкӣ ман чизеҳтиёрт ба ман додани ибӣ будам, танҳо модари пайғо падарам ба зиёд гирифтааст, бачаи аз мурдани модарам ман падарам ба ман ин шахси бегонаи шуда рафт, худаш бисёр-бисёр гашт, худаш оиладор шудааст, худаш гуреҳтааст. Ба ман чӣ, ки ман ба чои вай одам кардан диҳам?

— Хар чӣ бошад, ҳалқ вай ба ту нест додарӣ дорад, агар ту намехӯдӣ онҳо аз ҳамдигаргирифтро сарбоз мекардем; корӣ ҳалқиро ҳалкпарӣ нест, ҳамин ки касе як бор сарбоз шуд ва ҳалқаи чамоаи олиро ҳӯрд, вай то мурданаш сарбоз аст, агар вай гурезад, ба чои вай хешаш, агар хешаш набошад, ҳамсояш ё ҳамдеҳаш сарбоз мешавад. Агар одам кардан надиҳӣ, худат сарбоз мешавӣ, ҳарки дигаре нест.

— Ба ҳеҷ ман роҳи нуҷеҳтан,— гуфт Курбон,— ман не бачаи сегар ва ки зани шуштшӯяри сегҳар дорам, ҳар бисотам гайр аз ду тонаб замин ва ин (дастгирро ишон дода) дастаки кубзаеда дигар чиз надорам, агар ҳ рӯз нахӯрам, бачагони ман аз гурусагӣ нагӯранд, ки сарбоз шавам, ҳалқи онро чӣ мешавад?

— Ҳеҷ кас кафолати бачагони туро нагирифтааст, ҳар ту сарбоз мешавӣ. Вақте аз он ҷо нагӯранд, ё зан мемонанд, вай ҳам дигар ост. Курбон! Ту ҳамеҳа ки гушаи гӯрбачаи ҳамсояи худро ҳалос кунӣ, кӣ доимӣ бош, ки бо гушаи гӯрбачаи аз чанги вай и ҳӯрда наметавонӣ. Агар ту фирорбачаи ҳалқи ҳамшӣ, нех чабонанд, сасад танга ҳам ифто наметавонӣ, ки одам харида диҳӣ?

— Бо сасад танга ҳеҷ кас ба сарбозӣ рози намешаҳ, ҳамаш ҳадар танга мегирифтанд, агар шер бо сасад танга буд мекушт, ҳам ҳайф ҳамин худро ба ҳеҳ сурат гарав карда, одам харида меҳоҳам ки худ нарафтам

— Ба сасад танга ифто додан ҳам ҳеҳ, ман дарҳол м нефтам.

— Ман ҳазор бор розӣ, шумо одам ёбед!

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ман ҳамин рӯз одам ёфта ба ҷои ту мегузаронам, кай ки ту пулро ёфта додӣ, озод мешавӣ.

— Ҳамин рӯз арбоби деҳаи мо меояд, ба вай таъин мекунам, ки ягон судхӯрро дида гаравии замини маро баробар кунад, лекин баъд аз қарздор шуданам кори ман баробар нашавад ва ман халос нашавам, беҳуда қарздор шуда мемонам.

— Худо якта, гап якта! — гуфта сарбоз аз саисхона баромад ва ба меҳмонхона, ба пеши юзбошӣ даромад.

Юзбошӣ бо либоси хонагӣ тугмаи яктаҳкуртаи худро кушода сари синаи худро бараҳна карда бо сарбозбачае, ки тахминан 15—16 сола буд, қартабозӣ карда менишаст.

Юзбошӣ чашмашро аз қартаҳои дар дасташ буда наканда:

— Чӣ гап, даҳбошӣ? — гуфта аз сарбоз аҳволпурсӣ кард.

— Ҳеҷ гап не, аз давлати шумо кори Қурбонро ҳам баробар кардам,— гуфт сарбоз. Юзбошӣ боз бо ҳамон бепарвоии аввалӣ:

— Чӣ тариқа баробар кардӣ? — гуфт.

— Ҳам сесад танга медиҳад, ҳам одам харида медиҳад.

Юзбошӣ якбора қартаро ба замин партофта як вазъияти ҷиддӣ гирифта:

— А... ҳам пул медиҳад, ҳам одам? Ин чӣ гуна ҷодугарист, ки ту кардӣ? Росташро гӯй,— гуфт.

— Ман кай ба шумо дурӯғ гуфта будам? Шумо росташро гӯёд, ки аз ҳамин сесад танга ба ман чанд танга медиҳед?

— Агар ба замми одам ёфта додан сесад танга ҳам диҳад, ба ту панҷоҳ танга медиҳам.

— Ин кам аст, зиёдтар диҳед.

— Панҷоҳ танга ҳам пули калон, ба саркарда ягон чиз надода, ин пулро ош кардан мумкин нест. Камаш сад танга ба он ҷо ҳам меравад, пас ба худи ман чӣ монад? Тез бош, гӯй! Чӣ тариқа кардӣ? Ҳанӯз ман бовар намекунам.

— Ман як ҷавони бекаси толиби сарбозиро ёфта ба худаш нафаҳмонда ӯро ба Қурбон ба бадали сесад танга фурӯхтам. Акнун гап ҳамин ки он одамро ба дафтар ба ҷои Қурбон гузаронед, ҳар вақт ки Қурбон пулро расонад, худашро озод мекунем.

— Ин ҷавон чандсола аст?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Сарбоз ба зери чашм ба сарбозбачае, ки бо хэбоши картабози мекард, нигоҳ карда:

— Боид 20-сола ё зиёдтар бошад, лекин худаш он қадар дилвазн не,— гуфт.

— Хуб, кай корро баробар мекунй?

— Кор баробар шуд, ки чашми сарбозпазанда ҳам дар тани дарвоза қозир аст.

— Намурй, Наврўз Туро бехуда Наврўзи зўр наменўванд, кор кори зўрро ту ба осонй баробар мекунй. (ба сарбозбача нигоҳ карда) кеч, ба акаят як чилими андохта дех!

Сарбозбача ба сарбозаи чилими оташ монда овард, паҳлуда аввал ба хэбоши дод, хэбоши нас аз кашидани чилим ба сарбозбача гуфт:

— Чилимро қанд карда ба дахбоши дех! Аз ин пул ба ту ҳам як калладўши тос харида медиҳам.

Сарбозбача аввал чилимро худ кашида нас аз он ба Наврўз дод. Наврўз нас аз кашидани чилим аз мехмонхона баромада дар ду дақиқа Ёдгорро гирифта овард.

Хэбоши нас аз пурсидани ном ва чои Ёдгор ба Наврўз гуфт:

— Инро бибар ба мирзохонаи сарқарда, номашро дар дафтар гузарон, кулўчаву[88] чалвор ҳам гирифта дех, нас аз он боз ба ин чо бифр, ки то ром шуданаш дар хона ба хизмат карда мегардад.

• • •

Ёдгор сарбоз шуд, боз як сарбози хурсанде, ки эҳтимол дар ҳафта 12 қатор сарбози амир, ғайр аз аслаҳаронаш, итоат надар ҳам ба дарачаи ки хурсанд набошад; вай ба зудй ба кўчистон мерасад, боз ба як тартибе мерасад, ки Аминчон ба вай кеч чиз гуфта наметавонад, зеро вай сарбози амир аст; дахбоши гуфта буд, ки «агар ту сарбоз шавй, падарат, модарат ва кўчаҳоят ба ту чизе гуфта наметавонанд». Баъд аз он ки ба кўчистон расид, кор асон аст. Ё Гулзор нест ў нест ва ё ў нест Гулзор мерасад. Баъзе як гулзор, аз овозй бехтар ва баъзе як ошиқ, аз овози чононаш хубтар кори аст. Ёдгор ҳам гулзор буд ва ҳам ошиқ, вай акнун аз гулзори овоз шуда буд ва бо сафари кўчистон зуд аст, ки ба чанде худ низ асосй мегирифт: ба болои ин, дар баҳори ҳар ҳафта се рўз дусоатй машқ кардан ва ин рўз карнайй

E-mail: ziyozoda@gmail.com

кашидан моҳе 20 танга аз хазина мегирад, ки ин барои вай як давлати калон аст. Агар дар рӯзҳои фориғ шуданаш аз хизмати сарбозӣ коре карда панҷу чори дигаре ёбад, «ин нур болои нур» мешавад...

Ёдгор ин гуна хаёлҳои ширин мекард; афсӯс, ки ин кор ҳам мувофиқи чашмдошти ӯ набаромад ва «сухани хона ба бозор рост наёмад», ин орзуҳо ва ин умедҳо бисьёр дер напоиданд.

Рӯзи сафари даста муайян шуд, ароба ва шутурҳои мардум барои сафари даста аз тарафи подшоҳӣ ба даст гирифта шуданд, сарбозҳои ин даста ҳам барои тайёрии сафар ва диду боздиди хешу табор як ҳафта аз машқ озод шуданд. Дар ҳамин вақт аз лашкарбошӣ (вазири ҳарбӣ) ба саркардаи даста ба ин мазмун фармон омад:

«Дар дастаатон ҳар чанд нафар сарбозе, ки ватанашон дар он тарафи Чак-Чаки Бузғола бошад, маълум кунед! Онҳоро ба дастаи дигар гузаронида ба ҷои онҳо аз ҳамон даста ба шумо одам дода мешавад».

Дар ичрои ин фармон аввал касе, ки ӯро аз дастаи равандаи кӯҳистон чудо карда ба дастаи дигар додандаш, Ёдгор буд. Ҳеҷ бало ва ҳеҷ мусибат ба сари Ёдгор бо ин дараҷа сахтӣ наёмада буд, ӯ пас аз умедвориҳои бисьёр якбора навмед шуд, ки ин аз сахттарини рӯзҳост.

XV. МУСИҚАИ НАВБАРОМАД

Ёдгор пас аз гузаштанаш ба дастаи дигар ва рафтани дастаи аввалиаш ба кӯҳистон ғайр аз ба тақдир тан додан чораи дигаре надошт. Бинобар ин бо роҳбарии сарбозони кӯҳна аз сарои Таки Шӯри Бухоро, ки дар тарафи шимоли мадрасаи Қӯкалтош[53] воқеъ аст, ба бадали ҳар моҳе панҷ танга як ҳуҷра ба ичора гирифта, ба сарбозӣ ва истиқомати Бухоро дил баст; лекин ҳанӯз дилаш аз тарси дунболагирии Азимшоҳ ором нагирифта буд ва гумон мекард, ки вай осон-осон аз доманаш даст нахоҳад кашид. Хушбахтона дилаш аз ин андеша фориғ шуд; яке аз гӯсфандчаллобони ӯбачӯлӣ, ки ҳар рӯз баъд аз бозор ба он сарой омада ҳисоби худро дида мерафтанд, ба Ёдгор хабар дод, ки Азимшоҳ пас аз ғоиб шудани Ёдгор чанде ҷустуҷӯ карда оқибат аз сарбоз шуданаш хабар ёфтааст; чун хостааст, ки барои ба даст да-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ровардани вай кӯшиши кунад. Фатҳалхоҷӣ ҳро аз ин кор боздошта гуфтааст, ки «агар ҳоҷӣ, ё сарварда домад, ки ту кӯчанӣ Ёдгор ҳастӣ, амал он ки вайро ба ту бароӣ ситонданӣ ҳаким кӯшиш дидан мекунонад. ҳукм он ки агар вай аз сарбозӣ гурезад, ӯ ту ба бадали вай ҳами талаб мекунанд. он бех, ки дигар дар пои ин гуна ҳиллаттори сарсарӣ нагардӣ»; кӯчанӣ ҳам ҳо ин маслиҳат рӯзе ба назар дода аз деҳаи ҳо даст даровардани Ёдгор даргузаштааст.

Баъд аз навиздани ин рафтани кӯҳистон, ин ҳабар ки ғалабаи Ёдгорро бар Аҳмадшоҳ «ба шарофати сарбозӣ» нишон медод, дили ҳро ҳеле қавӣ кард ва ҳо дили ҳуд ҳода ҳо ҳаяҷ ва ҳаросонии интизорӣ дидани ҳардам гирифт.

Ҳа рӯзи панҷшанбе баъд аз ҳамон кардани нашр, дар вақте ки сарбозон рухсат меёфтанд, ҳоҷӣ ҳамаи онҳоро ба ин ҷо ҳудошта гуфт, ки:

— Имрӯз шумо озодед, фардо сари офтоб ҳаматон ба ҳавлии ман ояд, ки ҳамоҳи лашкарбошӣ меҳоҳанд ин чорбог бино кунанд, ҳаматон ҳо он ҷо ҳо бегорӣ (ҳоҳ бемузд ҳамбурӣ подшоҳӣ) меравед, ҳар ҳас, ки аз ин пас гардан тобад, монанди он ки аз нашр гуреҳта бошад, ҷазои сахт мебинад.

Фардои он рӯз Ёдгор ба ҳавлии ҳоҷӣ рафт, сарбозони дигар ҳам ин-ин, ду-ду онҳоро гирифтанд, аммо ҳеч ҳадоме онҳо дастгирӣ набудаанд: ҳаме ин чунон ҳарбузе, дигаре ду ҳачоки ангур, сеюмӣ, ин чунон ҷав, чорум ин сабад тухм, панҷум ин гандумро ранҷонӣ ҳард ва монанди ин ҳиҳо чизҳо доштанд. Ҳар ҳадоме ин ҳиҳо чизҳои ҳудро ба ҳоҷӣ пешкаш кард, ӯзро гуфта аз бегорӣ озод шуда рафтанд, аммо Ёдгор ва ҷанд нафари дигар, ки дастҳолӣ будаанд, ба кор фармастода шудаанд.

Бегорӣ ҳоҳо дароз кашид, аммо дар ҳамон шудани кори чорбог умеде набуд, зеро ҳос, ки ҳиҳо ба ҳай кор ҳарда чорбог сохтанӣ будаанд, таъинкардаи сад ҳамоҳ замин чизҳое буд, ки ин замонро Аҳмадбеги тӯпчибошӣ (лашкарбошӣ) ба даст даровардааст ҳо ҳур обод шуда ва ҳамаи ин чорбоғро ҳам шуҳратпазир ҳудаш «Ҳуроҳод» ҳатҳо буд. Аммо сарбозон, ки дар он ҷо кор мекарданд, ба ҳай номи «Зулматобод»-ро шунидан ҳила будаанд, ҳиҳобар ин ки ин чорбог дар забони ҳардум ҳо ду ном шӯҳрат ёфт.

Ба Ёдгор, ки дар Бухоро ғайр аз ҳоҳаҳои сарбозӣ даромади дигаре надошт, ин бегорӣ ҳеҳобӣ ҳур овард,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

20 танга моҳонаи сарбозӣ, ки 5 тангааш ба иҷораи ҳуҷра, як тангааш ҳам ба котибонаи мирзои даста меравад, ба хӯроку пӯшок намерасад. Бинобар ин Ёдгор маҷбур шуд, ки як ҳафта ба бегорӣ наравад, ба ҷои он ҳаммолӣ, ё мардикорӣ карда ягон камии худро пур кунад.

* * *

Як рӯзи сешанбе, ки се рӯз пеш аз он пай дар ҳам Ёдгор ба бегорӣ нарафта буд, дар майдони машқ ӯро дастгир карда, либосҳояшро аз танаш кашиданд, як дӯли (дуҳули) сарбозиро ба замин ниҳода, Ёдгорро тани бараҳна ба болои он хобониданд, як сарбоз ду дасташро ва сарбози дигаре ду пояшро ба замин зер карда истод. Бо як фармоне, ки ба воситаи карнай дода шуд, тамоми даста атрофро калъавор гирифта, ба вазъияти салом милтиққоро ба пеши рӯи худ бардошта рост истоданд. Аз гурӯҳи мусиқинавозони даста як нафар дуҳулчаи худро ба гардани худ овехта ба болои сари Ёдгор рост истод. Ду ясавул ду чӯбдасти ҷавбедро ба дастҳо гирифта ба ду паҳлуи Ёдгор рост истоданд. Баъд аз «ҳозир бош!» гуфта фармон додани юзбошӣ чӯбҳо бар ҳаво баланд шуданд, дуҳулзан ҳам нағорачӯбҳои худро бардошта мунтазири фармони дигар шуд.

— Зан!

Бо ин фармон, дуҳулзан ба ҳавои «рез» навохт, ясавулон ҳам ба он ҳаво бо чӯбдастҳои худ ба пушти бараҳнаи Ёдгор задан гирифтанд; магар садои «дӯм, дӯм, дӯм, дӯми» дуҳул бо овози «шарт, шарт, шарт»-и чӯб ҳамроҳ шуда таъсири хубе мебахшид, ки аломати шодӣ ва хурсандӣ аз вачоҳати саркарда, юзбошӣ ва амалдорони дигари даста ҳувайдо буд. Аммо аз он ҷо, ки рӯи Ёдгор ба замин буд, касе намедид, ки вай ҳам аломати шодмонӣ нишон медиҳад, ё андӯҳгинӣ, аз вай садое шунида намешуд, аммо маълум набуд, ки вай бо таъсири ин «мусиқаи тозабаромад» мадҳуш шуда буд, ё нолаи ҳазинонаш монанди овози танбӯр дар зери «гумбур, гумбур»-и нағора пахш шуда буд.

Ин «мусиқанавозӣ» хеле кашол ёфт, аммо саркарда ва амалдорон аз шунидани он ҳанӯз сер нашуда буданд, магар дасти ясавулони чӯбзан монда шуд, ки пай дар пай ба саркарда нигоҳ кардан гирифтанд; саркарда ҳам ба ҳоли онҳо дилаш сӯхта, ба юзбошӣ ишорате кард, юзбошӣ:

— Исмерна! — гуфта фармон дод, нағора хомӯш мон-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

да, баробари он садои «шарт, шарт» чўб ҳам дигар шуда ғеҳуд.

Ба ин фаромиш «ҳамдаст» ва ҳамбозӣ, сарбозон ҳаракат да шуда, ҳар ҳамон ба ҳар тараф рафтанд. Аммо Ёдгор, ки ҳамеша ҳушёр буд, ки дар ҳаракатҳои кўдакӣ афтода бошад, ба ҳолате, ки ғўлҳои ҳалқаш бурда-бурда шуда хуб нашоҳид, дар ҳайрат монд.

Пас аз рафтани сарбозҳо ва аналдарон ҳамд нафар сарбозҳое, ки онро ҳам дар сари Тахти Шўр ҳалқа доштанд, ҳамбари сардор Ёдгорро дар ҳай аҳдоҳта бардошта ба ҳалқаи худаш расонданд.

• • •

Сари Тахти Шўр тақрибан 20 қадами мураббаъ фарши дошт, ошёнаш зарҳалаш аз сатҳи кўча ду қадам чуқуртар буд; ҳабасҳо дар ин ҷо ҳаёти ба ҳалқ ошиқ да ҳеҷ ҳаре худро наҳостанд, ҳамеша ба сарҳади ҳарбаш пур буд, дар ошёнаш дўбўлаш, ки ҳамаи ҳаво ва ҳайро ба ҳосилаш аз ҳаракат нагирифт, ба ҳатори ҳамд нафар сарбозаш дигар қуҷоҳро Ёдгор бароҳ худ ҳалқа ҳарда буд.

Ба Ёдгор, ки дар ҳамон тоза ва бегубори қуҳистон ҳамон шуда буд, ҳамон ки ҷустуҷӯ баъзе аз ҳашўҳ шудани бадаҳлаш ба «ҳадабтуба» сарбозӣ бисёр бад таъсир ҳарда ва рўз то рўз ҳолаш дигаргун шудан гирифт.

Рақиби ровагтар, ки ҳунарҳояш аз ҳарӣ буд, ба ҳаъдаи ҳарочотҳо аз ҳолаи ситонидан, ба ранҷи Ёдгор баҳои тавассут Ашўрчаррочро сипард. Ашўрчарроч, ки шиҳамаш аз ғояти ҳарбаӣ ё нурбодӣ аз худаш ва ҳунарҳои ҳунтар нигошт, ба ошёнаш дўбўл — ба ҳалқаи Ёдгор ба ҳина баромада нотавонист, дар дунё ҳеҷ нарх бепул нест, сигор ҳарро ҳашм бар бурдан шумшер ҳашонад, ҳарро ҳашм ҳар ҳунарҳо»; ягарчи ҳарроҷро ҳашм бисёр баровардан шумшер ҳашуд, бечорро ҳашм ҳарроҳ фурӯхтан Ашўр Ёдгорро ба рўи ҳарғу ҳобонда, ҳалқаи ҳуро дар ба ҳарҳи ў ҳаралаш тайёр ҳардаӣ шуда дег ва кўза фармуд. Рақиби ровагтар дасти чўпаш ошёнаш худро ба ҳалқаи кўҳаи ошёна ҳашонда асбобҳои ҳарҳиҳояшро тайёр ҳарда дод. Чарроҳ дар дег тақрибан ҳи қалаҳ ровагаи ҳатторро ҳалқаи гарм ҳарда, пас аз ҳи дар пай ҳашторе бандаша ва ҳатори кўфтаро ба ҳати гулобӣ, дандаҳи фарқ ва ҳалобиаш ҳатораҳ ҳарда ҳалқаи, то ҳамаи ҳашторҳо ҳарҳи ва гафс шудани ҳанд чўпашро. Пас аз сарҳатор ва дастрас шудани ҳи ҳарҳаи «ҳунарҳошиҳаш», ҳайро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба сар то сари захмҳои Ёдгор молид, чағбути кӯрпачаи ҷойхоби Ёдгорро, ки аз ғояти кӯҳнагӣ астару абрааш фасурда шуда рафта буд, аз болои марҳам монда бо саллаи нимтибитии вай, ки дар Дараи Ниҳон дар вақти дастгир шуданаш дасту пояшро ясавул бо он баста буд, маҳкам печонда барбаст:

— «Дасти ман нест, дасти Луқмони ҳаким», агар умраш боқӣ бошад, албатта, беҳ мешавад,— гуфта пас аз ситондани музди хизмати худ аз Раҳим чарроҳ рафт.

Баъд аз панҷ дақиқа ба фарьёду фиғони Ёдгор тоқат карда намешуд:

— Аз барои худо, чароҳатҳои маро кушода марҳамро аз бадани ман рӯфта гир,— гуфта ба Раҳим зорӣ мекард. Раҳим як-ду соатро бо тасаллӣ ва насиҳат гузаронида бошад ҳам, дигар мумкин нашуд ва захмҳоро кушода марҳамҳоро рӯфта гирифт. Сар то сари бадани Ёдгор, монанди рӯи саромосшудагон омос карда буд.

«Одамӣ аз гул нозук ва аз санг сахт» гуфтаанд, гоҳо ба вазидани боди сарде ба шушаш, зиндагиро видоъ мекунад ва гоҳо бо вуҷуди азоб ва уқубатҳои бардоштнопазир худаш хоҳад ҳам, мурда наметавонад. Ёдгор ҳам пас аз ҷонканиҳои бисьёре, баъд аз як моҳ қадре беҳтар шуда ба по хест, лекин ҳанӯз милтиқ бардошта наметавонист, бинобар ин рӯзи моҳона суммаи милтиқро бардошта ба Регистон рафта дар қатори сарбозон моҳонаи худро гирифт. Аммо аз он ҷо, ки вай дар муддати ин якмоҳа беморӣ ба машқ ва қаровулӣ рафта натавониста буд, юзбошӣ пас аз дар Тахтапул ба ҳузури қушбегӣ ба дасти вай додани моҳона, даҳбоширо аз дунбол фиристода дар Регистон аз дасти вай моҳонаро боз ситонд, ба ҳамин тариқа умедҳои Раҳим равғангар ҳам ба ҳаво рафт.

XVI. ҚАРЗИ ҲИНДУ[54]

Ёдгорро умргузаронӣ сахт шуд, ба иштиҳо омада буд, аммо чизе надошт, ки бихӯрад, қувват надошт, ки ҳаммолӣ ва мардикорӣ кунад, ба болои ин, харочоти Раҳим равғангарро ҳам каму беш аз ҷое ёфта додан даркор буд. Аммо аз кучо? Ба ин пурсиш Ёдгор ба сари худ чавоб ёфта наметавонист, душвории ҳолашро ба сарбози ҳамсояҳуҷраи худ гуфта аз вай маслиҳат ҷуст, вай гуфт:

— Ин кор бисьёр осон аст, сарбозе нест, ки вай ҳамеша мӯҳтоҷ ва маътал нашавад, дар ин гуна вақтҳо ҳо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

чатворори мо кишдубеи фолдатгурезд, агар хеста бошй, бай бо ман, меравем пеши ак кишду, ки бо ман кадрдон ва борхо бо ман кучкина кардааст.

— Хуб, бисмеми,— гуфт Егор ва дар ду рафтанд ба сарои кишду, ба кучаи Бойгутти.

— Магар атои дарз дорй, ки пеши ко оядй. Нельмат? — гуфта Бойгутти аз сарбони шишсола пурсид чуфа акаи шуд.

Нельмат чои истикомат, пои ва бо кадом даста дошта будани Егорро гуфта. Баъди вай бо кори шуд додаштро аз Бойгутти гирифт кард.

— Мо сарбозони чанубй асирем,— гуфт Бойгутти — бисъёр рахи шикастем, бе кафан, бе гарезй ва бе хати хонй (хонй) шуд додаи шигарем, лекин дар сарбозе, ки бо ватъ додаи вафо накунад, дуборо ба вай кори (кори) намедихем, Егорбой, шумо ким агар кимати кандаи (кандаи) моро аз ёд набарорй, кимата сандуки (сандуки) ко бо-рои шумо кушодаст. Хуб, чанд танга дархор (дархор)?

— Бист танга,— гуфт Егор.

— На, ки тор намешавад, шумо дар дар мох бист тан-га чолоки шигарй; агар бист танга кори (кори) кунй, пас фолдаи пули моро аз кучо ёфта медихй, пондаи танга бигир, кафтае панчтангай дар чор кафта медихй ба мо бист танга, ки мешавад баробари чолокат.

Егор мехост кафтае панчтангай додаштро рад карда кимаштро аз чолоки додаштро ватъа дихад. Нельмат дар инчо офтода шарти Бойгуттиро кабул кунонид:

— Як нахъ карда ёфта додаи шигарй,— гуфт.

Егор розй шуд. Бойгутти аз тохи кучаи худ як чу-ба намадинаи чортарошро гирифта, ба як тарафи он чои Егор, шабахти кард ва тъирхаи ва мўлаятгашро бо хати кандуги навишт ва пас аз он дари сандуки худ-ро кушода панч тангаи сафед ва дид танга пули сиёдро ба гардани Егор бор кард.

Баъди аз баромадани аз кучаи Бойгутти, Нельмат гуфт:

— Агар шарти вафо кабул намекардй, пули намедод, шарфа пулро ба дост дарованда, дарди худро дармон кун! Фардо мўлаяташ расад, фитратро дар канори хат мекунй ето ошкоро тобар кунда нависад,— гуфтанд.

• • •

Дар сари кафта, чои аз он ки Егор аз хоб бедор ша-вад, дари кучаро тик-тик шуд; Егор бедор шуда дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҷои хоби худ нишаста аз тарқиши дар нигоҳ кард, ки дар берун як шахсе, ки ба танаш як ҷомаи бухоридӯхти сиёҳ дорад ва миёнаш аз рӯй бо ресмони канабӣ бастагист, ба пеши дар рост истодааст. Аз ҷояш хеста дарро кушод. Ин, Боймуттӣ буд. Аз ҳанӯз хушк нашудани нақши чиллики сурхи ба пешонааш задашуда, маълум мешуд ки баъд аз ғусли пагоҳиаш, пеш аз он ки чизе хӯрад, зуд барои талаби пул омадааст. Ёдгорро дидан замон як халтаи пурчӯберо, ки дар бағал дошт, кофта аз миёна хатчӯби ба номи Ёдгор навишташударо ёфта бароварда.

— Хӯҷаин, ҳанӯз ман пул наёфтаам, имрӯз тайёр мекунам, фардо биёед, бигиред! — гуфт Ёдгор.

— Имрӯз ба хотири сарбози ҷаноби олӣ буданат хоҳиши туро кабул (қабул) мекунам. Аммо фардо ба ваъдаат вафо кун.

— Хуб,— гуфт Ёдгор. Ҳинду рафт.

Фардо боз аввали пагоҳӣ ҳинду ҳозир шуд. Аммо Ёдгор ҳанӯз пул наёфта буд, боз то фардо мӯҳлат доданашро илтимос кард. Ҳинду шӯрида:

— Дирӯз бокӣ (боқӣ), имрӯз бокӣ, фардо бокӣ, то кай бокӣ? Пули маро пайдо кун! — гуфта аз гиребони Ёдгор кашид.

Ҷанҷол боло гирифт, сарбозони дигар ҳам аз хоб бедор шуда баромаданд, Раҳим равғангар ҳам, «чӣ гап-чӣ гап» гуфта омад. Сарбозон ва Раҳим ҳамагӣ гоҳ хушомад гуфта, гоҳ дӯғ зада оқибат ҳиндуро розӣ карданд, ки то ҳафтаи дигар сабр кунад ва баъд аз он бе тарк ҳафтае панҷтангагӣ гирифтан гирад.

— Агар ин дода натавонад, ман медиҳам,— гуфта Раҳим кафил шуд.

* * *

Ёдгор, ҳар рӯз баъд аз машқ, ҳаммолӣ, муздурӣ карда ҳар ҳафта ба сари ваъда пули ҳиндуро додан гирифт. То сари моҳона се ҳафта гузашт, ки дар ин муддат понздаҳ танга ба ҳинду супурд.

XVII. ҲИНДУИ САЛЛАНОК

Як рӯз вақте ки Ёдгор аз машқ омад, Раҳим равғангар:

— Ёдгор! Хабари хушро шунидӣ? — гуфта вайро пешвоз кард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Чӣ хабар? — гуфт Ёдгор.

— Боймуттӣ мурдааст!

— Не-е?

— Чаро не? Ҳозир мурдаи вайро ба беруни шаҳр барои сӯхтан мебароранд.

— Дирӯз ба ман вохӯрда — албатта, панҷ тангаи бокимондаро фардо медиҳӣ! — гуфта таъин карда буд, чӣ шуд, ки вай дар як шаб мурд? Шӯхӣ накун!

— Мурдан шӯхӣ надорад. Худо кофиронро бемор накарда мекушад, зеро агар бемор шаванд, аҷаб нест, ки ҳушьёр шуда тавба кунанд, мусулмон шаванд, дар он вақт гуноҳҳои дар дуньё кардаашон бе ҷазо мемонад ва муфт ба ҷаннат медароянд.

— Ман то ба чашми худ набинам, бовар намекунам,— гуфта Ёдгор давон-давон ба сарои ҳиндуён рафт. Ба дари сарой бачагони шаҳр чӯбҳои яколчиниро ба даст гирифта: «Ром-ром саттӣ, бе гуноҳ рафтӣ» гӯён рақс мекарданд ва чӯбҳои дар даст доштаашонро ба якдигар ба садои ҳиҷои суханҳои дар боло навишташуда мезаданд.

Ёдгор, пас аз қадре тамошо кардани бозии бачагон, ба даруни сарой даромад, ки дарҳои ҳамаи ҳуҷраҳои ҳиндуён баста аст, худҳошон бо ҷомаҳои сиёҳи якранги бухоридӯхт, ки миёнашон аз рӯй бо канабча бастагӣ буд, ба дари ҳуҷраи Боймуттӣ саф кашида меистоданд, ба сари ҳамаашон телпакчаҳои чортарки чоррахи белабакии нав буд, холи чорчиллики дар пешонӣ задаашон ҳам аз холҳои оддии ҳаррӯзаашон хушобурангтар менамуд, лекин дар бағалҳошон халтаҳои пурхатчӯбе, ки Ёдгор ҳеҷ гоҳ ҳиндуёнро бе вай надидааст ва аз он хатчӯбҳо бисьёр метарсид, набуд.

Ёдгор қадре ин аҳволи аз одат берунро тамошо карда истод ва ҷуръат накард, ки мурда ё зинда будани қарзхоҳи худро аз касе пурсад. Дар ин вақт ҳиндуи ҷӯлидамӯе, ки ба тарафи аз миён поёни худ як лӯнгӣ печонда, лӯнгии дигареро аз сари китфи росташ бо зери бағали чап ва сари синаи худ гардонда ба пушташ партофта буд, аз ҳуҷраи Боймуттӣ баромад. Ин ҳиндуи ҷӯлидамӯ ғайр аз ин ду лӯнгӣ на ба сар, на ба бар ва на ба пои худ дигар пӯшоке надошт. Ҳиндуёни саф бастаистода ба ин ҷӯлидамӯ бо як вазъияти эҳтиромкорона нигоҳ карда истоданд; ҷӯлидамӯ, пас аз қадре хомӯш истодан, ба ҳиндуёни дигар нигоҳ карда чизе ба забони ҳиндугӣ хонд ва баъд аз он ҳамагӣ якбора: «ром-ром саттӣ»[55] гуфтанд. Баъд аз ин ҳиндуи ҷӯлидамӯ ҷуволчаеро,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ки ба дари ҳуҷраи Боймуттӣ истода буд, кушода чӯбҳои нимолчинии чоррахро бароварда ба ҳар як ҳинду дудонагӣ дод ва худ чизе хонда монанди фармондеҳони дастаи мусиқӣ як дасти худро ба ҳаво бардошта ишорате кард; бо ин ишорат ҳамаи ҳиндуён чӯбҳои дар дастдоштаи худҳошонро бо як оҳанги мунтазам ба якдигарашон зада, ҳама бо як овоз:

— Ром-ром саттӣ! — гуфтан гирифтанд.

Дар ин вақт чор нафар ҳиндуи ҷӯлидамӯи дигар нардбонеро, ки бар болояш чизеро хобонда бо латтае печонда буданд, бардошта аз ҳуҷраи Боймуттӣ баромаданд ва ба дари сарой нигоҳ карда ба роҳ даромаданд. Ҳиндуи ҷӯлидамӯи аввалӣ пеш-пеши ин нардбон роҳ мерафт ва чизе мехонд, ҳиндуёни дигар аз дунболи нардбон чӯбзанон ва «ром-ром саттӣ» гӯён равон шуданд.

Даста, ба тартибе, ки мардуми мо домодеро ба хонаи арӯс ё арӯсро ба хонаи домод мебурда бошанд, аз сарой баромада рафтанд. Ёдгор ғарқи ин тамошо шуд, аммо ҳанӯз яқин намедонист, ки Боймуттӣ зинда аст, ё мурда, ҳамин қадарро медонист, ки дар миёни ҷамъият аз вай асаре нест. Дар ҳамин вақт саройбон омада аз гиребони Ёдгор гирифт ва ба тарафи дари сарой кашолааш карда:

— Дар ин сарои бекас дар ин вақт чӣ кор мекунӣ? Дузд! — гуфт.

Ёдгор аз ин даҳшат ва тӯҳмати саройбон, дар тарс ва қаҳр афтода:

— Ма... ма... ман, ба... ба Боймуттӣ кор доштам,— гуфт.

— Боймуттӣ ба ун дунъё рафт, агар корат зарур бошад, ту ҳам зуд аз дунболи вай рав,— гӯён саройбон Ёдгорро аз дари сарой бароварда пеш кард.

Дигар ба Ёдгор шакке намонда буд, ки Боймуттӣ мурдааст, агар аввал ба ин муомилаи сахти саройбон аз вай ранҷида бошад ҳам, ба сабаби ин хабари хушаш дар дили худ аз вай хушнуд шуд.

* * *

Ёдгор ҳақиқатан хурсанд буд, вай ба замми ин ки дар бадали як моҳ барои понздаҳ танга аз панҷ танга фоида додан халос шудааст, аз дидани халтаи ҳатчӯбдор ва шунидани «дирӯз бокӣ, имрӯз бокӣ...», ки инҳоро аз ҳар чиз бадтар дида буд, низ раҳоӣ ёфтааст; акнун

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ин моҳона тамоман ба кисаи худаш мемонад. Ёдгор имрӯзро масти ин хушбахтии ногаҳонӣ шуда гузаронид, шаб ҳам осуда хобид ва монанди шабҳои пеш дар хоби худ овози шуми «дирӯз бокӣ...»-ро нашунид. Фардои он рӯз ба машқ ҳам бо шавқи тамом рафт. Дар бозгашти машқ ба манзили худ омада милтиқро ба мехи девори ҳуҷрааш свехт ва кулӯчаи сарбозиашро кашида аз дари ҳуҷра бароварда мехост, ки чангу хоки вайро афшонад, аз дари сарой як марди босавлати ҷомаи банораспӯши дастори калондор даромад. Ёдгор дар тааҷҷуб афтода ба дили худ гуфт: дар ин сарои ифлос, ки ғайр аз сарбозони иҷоранишин ва харони деҳқонон дигар ҷонзоде ба ин ҷо намедаромад, ин шахси босавлат чӣ мекарда бошад?

Ёдгор бо ин тааҷҷуб аз афшондани кулӯчаи худ бозистода, ба оянда дурусттар диққат карда чашм андохт, ки дар бағалаш як халта хатчӯби ҳиндугӣ дорад, тааҷҷубаш боз зиёдтар шуд: Боймуттӣ мурда буд, агар зинда мебуд ҳам, ба ин қиёфат — ба қиёфати муллоӣ намегашт, ҳеҷ гоҳ дида нашудааст, ки дар Бухоро ҳиндуе бо салла гардад, чӣ ҷои ба қиёфати муллоӣ гаштан; дигар он ки Боймуттӣ чашмони сиёҳи калон, чеҳраи сиёҳча, лабҳои ғафс ва риши ғулии расидае дошт; чашмони ин одам бошад, кабудтоб, ранги рӯяш сафед, лабҳояш тунуки бехун ва ришаш тор-тор аст, андак парзадарӯй ва доғи кунҷидак ҳам дорад.

Ёдгор ба худ андешид: дур нест, ки дар вақти мурдани Боймуттӣ бо вуҷуди бемор нашуданаш худо қуфли дилашро кушода бошад ва ӯ имон оварда мусулмон шуда бошад ва худо ӯро биёмурзида ба вай қиёфати муллоёни мусулмонро дода бошад, ки вай барои ғундошта гирифтани насияҳои худ дубора ба дуньё бо ин қиёфат омада бошад. Дарвоқеъ рӯзи мурдани ӯ бачагон ба дари сарой «...бегуноҳ рафтӣ» гуфта бозӣ мекарданд. Магар ин суханро худо ба забони бачагон андохта будааст, ки дар баёни ҳоли Боймуттӣ мегуфтаанд, вагарна ҳеҷ мусулмонзода ҳиндуро «бегуноҳ рафтӣ» нахоҳад гуфт.

Ин васваса дар хаёли Ёдгор ранги хақиқатро гирифт, дигар ба дидани рӯи ин ҳиндуи салланок тоқаташ намонда, худро ба даруни ҳуҷра кашид.

Ҳиндуи салланок баъд аз чанд дақика ба рӯи сарой рост истодан боз ба дари сарой рафт.

— Раҳим, зудтар биё, ба ман нишон деҳ! — гуфт.

Раҳим равғангар:

— Хӯш, тақсир, ҳозир! — гуфта омад ва ҳиндуи сал-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ланокро ҳамроҳи худ бо нардбон ба ошьёнаи дуйуми сарой бароварда ба дари ҳуҷраи Ёдгор оварда:

— Ҳамин аст қарздори Боймуттӣ,— гуфта Ёдгорро нишон дод.

Ҳиндуи салланок халтаи хатчӯбро аз бағалаш бароварда хатчӯбҳоро як-як аз назараш гузаронид ва аз миёни онҳо хатчӯберо гирифта, чизи дар вай навишташударо хонда ба Ёдгор нигоҳ карда:

— Ту аз Боймуттӣ бист танга қарздор будӣ, ин пулро кай медиҳӣ? — гуфт.

— Ман,— гуфт Ёдгор,— аз вай понздаҳ танга қарздор будам, ба ин понздаҳ танга дар як моҳ панҷ танга фоида доданӣ будам, то ҳол тани пулро додам, акнун ба гардани ман танҳо панҷ тангаи фоидаи пул мондааст.

— Ин гапҳо бахья намехӯрад, агар ту то ҳол чизе медодӣ, дар хатчӯб ишорат мешуд ва ҳол он ки дар ин хатчӯб ягон хат ҳам кашида нашудааст.

— Аҷаб нест, ки ин хатчӯб, ба номи каси дигар бошад ва яке аз хатчӯбҳои хат кашидашуда аз они ман бошад.

— Ин мумкин нест, хатчӯби хар кас ба номи худаш бо хати ҳиндугии худи Муттӣ навиштагист ва инҳоро мо ба Бойарҷии ҳинду, ки хати мусулмониро ҳам хуб медонад, тарҷима кунонда нависондем, ҳамин хатчӯби бехат ба номи Ёдгор аст, магар номи ту Ёдгор не?!.

— Гӯрсӯхтаи Муттӣ хат накашидааст, гуфта маро насӯзонед, тақсир!

— Гӯраш ун тараф истад, худи Муттӣ ҳам сӯхта рафт, ҳамаи нақду насияи вай подшоҳӣ шуд — ба ҳисоби ҷаноби олӣ гузашт. Акнун қарзхоҳи ту Муттӣ нест, ки мункир шавӣ ва бо гушнапурзӯрӣ худро халос кунӣ, ҳоло аз тарафи ҷаноби олӣ ин маблағро Эшони қозикалон аз ту талаб доранд, ҳаққи ҷаноби олӣ то ҳол ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ кас насӯхтааст ва баъд аз ин ҳам нахоҳад сӯхт; бояд бидиҳӣ, вассалом, гапро дароз накун!

Сарбозони дар он сарой истиқоматдошта ҳам ба сари ҷанҷол ғун шуда буданд.

Ёдгор:

— Ман ба Боймуттӣ пулро ба хонаи торик надодаам, ҳар боре, ки медодам, инҳо хабар доштанд,— гуфта ба сарбозон ва ба Раҳим ишорат кард. Онҳо ҳам,— рост мегӯяд,— гуфта сухани Ёдгорро тасдиқ карданд:

Ҳиндуи салланок якбора шӯрида:

— Ҳай, ҳай, ҳамаи шумо шариатдон будед, то ҳол

E-mail: ziyozoda@gmail.com

инро намедонед, ки гувоҳӣ додани монанди шумо бенамозон дар пеши шариат ҳеҷ эътибор надорад; маълум мешавад, ки ҳамаи шумо якзабон шуда мехоҳед ҳаққи ҷаноби олиро бихӯред. Ҳамаи шуморо барои ин гувоҳии бардурӯғатон ҷазо додан даркор аст.

Раҳим дид, ки худаш ҳам ба таги тӯҳмат монда истодааст, ба Ёдгор нигоҳ карда гуфт:

— Биё, акнун розӣ шав, як моҳонаат аз даст равад, майлаш, танат сиҳат бошад, боз пул меёбӣ (ба ҳиндуи салланок нигоҳ карда):

— Хуб, тақсир, рӯзи моҳона медиҳад.

— Бисьёр хуб,— гуфт ҳиндуи салланок,— ман туро медонам, Раҳим! Агар дар рӯзи моҳона надиҳад, ман сарои туро подшоҳӣ карда ҳаққи ҷаноби олиро мерӯёнам.

Раҳим ханда карда:

— Зарар надорад, худи ин сарой ҳам аз они Эшони қозилакон аст, ман монанди як саройбон дар ин ҷо иҷорадорӣ мекунам.

— Сарой неву хонаат, ё асбоби хонаат, ҳар чӣ бошад, агар ин надиҳад, ман метавонам, ки ҳар навъ карда аз ту рӯёнам,— гуфта ҳиндуи салланок рафт.

Пас аз рафтани ҳиндуи салланок Ёдгор ба Раҳим гуфт:

— Магар Боймуттӣ ворис надорад, ки бо вай гап зада пулро тан гиронем.

— Ворис дошта бошад ҳам, дар вилояти худаш — дар Ҳиндустон аст, ҳар ҳиндуе, ки дар Бухоро бимирад, моли вай подшоҳӣ мешавад, аз рӯи шариат аз мусулмонобод ва кофиробод мерос додан дуруст набудааст. Агар ба толеи ту ба болои ин кор ягон каси дигар меомад, ин қадар ба ту зӯр намеафтид, ҳамааш набошад ҳам, як миқдорашро кам мекунонидем, лекин бо ин одам гап зада нашастан бефоида аст, инро Ибодулло махдуми тараккачӣ мегӯянд, ки дар золимӣ ном баровардааст, ҳаққи сариронро ман саришта ва ҳисобӣ мекунам гуфта ҳамаашро мехӯрад, агар ягон одам бимирад, ки писари баркамол надошта бошад, «ворис доштанаш собит нашуд» гуфта ҳама чизҳои ӯро подшоҳӣ мекунад, агар касе ба миёна дарояд, ба вай ягон тӯҳмат карда ба балое гирифтор мекунад, надидӣ, ки қариб буд ба ман ва ба ин сарбозон тӯҳмат карда моро ҳам ба қатори ту ба қозихона кашад.

— Эшони қозикалон чаро ба ин гуна ноҳаққориҳои ин одам гап намезананд?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Э, дохунда, ҳанӯз ту содда будаӣ, магар ту надонистаӣ, ки «об аз боло лой аст», ин ҳам ин гуна корҳоро ба калонон хуш меояд, даромад бисьёр мешавад, худам ҳам аз як лабаш мехӯрам ва мартабаам ҳам калон мешавад гуфта мекунад.

Ёдгор чӣ будани корро фаҳмид ва барои ба киса надаромада аз даст баромада рафтани як моҳонаи оянда-аш афсӯси бефоида мехӯрд.

XVIII. ЗИНДОН

Ёдгор баъд аз ба таракачӣ додани ҳамаи моҳонаи худ ба ҳуҷрааш омада монанди қиморбозе, ки ҳамаи чизашро бой дода бошад, ба гӯшае нишаста ба андешаву хаёл фурӯ рафт ва ба дили худ мегуфт:

— Ман бо чӣ умедҳо сарбоз шуда будам ва аз пешам чӣ фалокатҳо баромад, ман аз дасти Азимшоҳ гурехта ба доми амир афтодам, гӯё «аз борон гурехта ба новдон дучор гардидам», ман бо ин дилхушӣ сарбоз шуда будам, ки бо моҳонааш рӯзам ба хушӣ мегузарад ва худам ҳамроҳи даста ба кӯҳистон рафта, ба тарзе, ки Азимшоҳ ба ман даст ёфта наметавонад, ба маҳбубаи дилороми худ хоҳам расид. Ҳайфо, ки «аз лой гурехта ба лойдон афтодам».

Ёдгор ин гуна ҳасрат ва надоматҳоро аз дили худ мегузаронид ва барои ёфтани баромадгоҳи ин кӯчаи пешбаста, роҳ меҷуст:

— Як роҳ ҳаст, ки гурехтан аст. Аз сарбозӣ ҳамин қадар фоида бурдам, ки милтиқ парронда метавонам, милтиқи подшоҳиро ба даст гирифта гурехтан даркор аст, то ки дар як ноомади кор ба ман кор ояд.

Инро гуфту кулӯча ва чалвори сарбозиро дар ҳуҷра гузошт, милтиқро ба даст гирифт ва гашти рӯз, аз дарвозаи Саллоҳхонаи Бухоро баромада аз болои деҳаи Сепулон, Қафтархона, Фошун ва Хумин ба чӯли Қаршӣ нигоҳ карда бадар рафт.

Вақте ки Ёдгор аз сарой мебаромад, дигар сарбозоне, ки дар он ҷо истиқомат доштанд, дар сарой набуданд. Бегоҳӣ яке аз онҳо аз навбатдорӣ омада хост, ки Ёдгорро бубинад ва чӣ муомила кардани таракачиро ба ӯ дар бораи рӯёнидани пули ҳинду бифаҳмад, Ёдгор дар ҳуҷрааш набуд, аз Раҳим равғангар куҷо рафтани ӯро пурсид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Гашти рӯз милтиқ ба даст баромада рафт,— гуфт Раҳим,— ман, ба кучо меравӣ бе либоси низомӣ гуфта пурсидам, «пеши усто барои дуруст кунонидани милтиқам» гуфта ҷавоб дод ва гуфт, ки «моҳона ба тӯҳмати Боймуттӣ рафт, акнун барои дуруст кунонидани милтиқ ҳеҷ набошад, ду танга аз усто ҳам қарздор мешавам ки ин, «болои сӯхта намакоб аст».

Ҳамаашон бовар карданд, ки Ёдгор пеши усто рафтааст; шаб шуд, аммо ҳанӯз аз Ёдгор хабар нест. Раҳим дар шубҳа афтод:

— Мабодо ин беақлӣ карда нагурехта бошад, агар бе милтиқ мегурехт, кӯр шавад буд, акнун ки милтиқи подшоҳиро гирифта гурехтааст, ақиби ин кор бад мешавад, эҳтимол ман ва шумоёнро ҳам сахтгирӣ кунанд,— гуфт Раҳим ба сарбозони дигар.

— Хуб, чӣ бояд кард? — сарбозе гуфт.

— Чора ба юзбошиаш рафта хабар додан аст,— гуфт Раҳим ва сарбози ҳамсояҳучраи Ёдгорро барои хабар додани ин кор пеши юзбошӣ фиристод.

Баъд аз як соат шогирдпешагони қушбегӣ ба номи қозиён ва ҳокимон барои дастгир кардани Ёдгор ном сарбози гуреза хати кушода гирифта ба чор тарафи музофоти Бухоро асп давонданд.

Пеш аз он ки Ёдгор аз «Қаравул» ном манзили чӯли Қаршӣ гузарад, яке аз ин хатҳо ба саркардае, ки бо дастаи худ дар он ҷо роҳдорӣ мекард, расид. Навкарони ин саркарда ҳам барои дастгир кардани сарбози гуреза ду-ду, чор-чор ба ҳар тарафи чӯл паҳн шуданд.

Ёдгор ба ду нафар навкари милтиқдор дучор омад, агарчи барои халосии худ милтиқашро як бор холӣ карда бошад ҳам, то дубора бо сумма пур кардани он милтиқ дастгираш карданд ва дасташро ба пушташ баста милтиқи дуздиро ба гарданаш овехта пеши саркардаи худҳошон бурданд ва бо фармудаи саркарда бандиро пеш андохта ба Бухоро ронданд.

* * *

Фардои он рӯз Ёдгор дар Бухоро буд, ӯро аз ҳузури қушбегӣ бароварда аз растаи Қандолотфурӯшӣ, ки ҳоло он ҷой станцияи электрик аст, гузаронда аз пеши мадрасаи Аёз ба тарафи дасти чап гардонданд; вақте ки аз гузари Қозиӯрда гузаштанд, Ёдгор гумон кард, ки худашро ба ҳавлии Фатҳуллоҳи гӯсфандҷаллоб мебаранд

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ва дубора ба дасти Азимшоҳаш месупоранд; лекин ин тавр нашуд, вақте ки пеши кӯчаи Миршабхона расиданд, ба тарафи дасти рост гардонда ба болои як тал (теппа), баровардаид, ва ба дарвозаи дутабақае, ки пеши вай сарбозон посбонӣ мекарданд, даровардаид. Дар роҳрави дарвоза ба пеши хоначае нигоҳ дошта, ба пояш ишкел, ба гарданаш ҷел заданд. Аз он ҷо навкарон бозгаштанд. Ду шахси дигар, ки ба гардани Ёдгор ҷел зада буданд, ӯро бо як роҳи танги торик пеш ронда ба як хонаи торике даровардаид, ки касе касеро дида наметавонист, аммо аз садои ҷелу ишкели бисьёре маълум мешуд, ки дар он ҷо бандиёни зиёде ҳастанд. Касоне, ки Ёдгорро ба он ҷо даровардаи буданд, ӯро ба гӯшае гузошта худ бозгаштанд ва ба дари хона қулф зада паси кори худ рафтанд.

Баъд аз чанд дақиқа чашми Ёдгор ба он «торикистон» ром шуда бошандагони он ҷоро дид; баъзе бо ҷел, баъзе бо ишкел, баъзе монанди худаш бо ҷелу ишкел хобида буданд ва ба пойҳои баъзе кунда[56] ва ба дастҳошон дастқунда зада буданд, як гурӯҳ дасту по кушодагон дар миёнаҷои он хона, ё гӯри зиндагон, ки дар он ҷо аз сӯрохии сақф рӯшноие монанди чароғи бевазанон меафтод, ҳалқа гирифта нишаста буданд, баъзе аз инҳо ғилофи корд медӯхтанд, баъзеашон тӯри вартиш (бедэна) ё қафас мебофтанд ва ё бо ягон ҳунари дастии майдаи дигар машғулӣ мекарданд, либоси бештарини инҳо дарида ва чиркин буд, аммо дар зерашон палос ҳеҷ набуд, аз дароз шуда рафтани мӯи сарашон маълум мешуд, ки солҳо боз онҳо рӯи сартарошро надидаанд.

Ёдгор, пас аз он ки ҳамаи ин ҳолро ягон-ягон аз чашми худ гузаронид, аз бандие, ки ба наздиктари худаш хобида буд:

— Ин ҷо кучост? — гуфта пурсид.

Он бандӣ, пас аз он ки ба афту андоми Ёдгор бо тааҷҷуб нигоҳ кард, гуфт:

— Магар ту дохундае ҳастӣ, ки аз кӯҳистон нав омадаӣ ва худат бандӣ шуда бошӣ ҳам, ҳанӯз кучо будани ин ҷоро намедонӣ?!. Ин ҷоро «зиндон» мегӯянд ва яке аз бандихонаҳои амир аст.

— Магар амир боз бандихонаҳои дигар ҳам дорад? — гуфта пурсид Ёдгор.

— Амир чанд чиз дорад: дор дорад, манор дорад, нақорахона дорад, зиндон, обхона ва канахона дорад. Одамро кушта ба дор меовезад, ё зиндаву зор аз манор, ё ин ки аз нақорахона мепартояд, ки одам то ба замин раси-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дан, монанди машки пуроб мешавад; ё дар обхона меандозад, ки он ҷо мувофиқи номаш монанди халоҷой аст, ё ба канахона нигоҳ медорад, ки дар он ҷо канаҳоро парвариш кардаанд; одамеро, ки ба он ҷо андозанд, он канаҳо газида умрашро ба поён мерасонанд, ё ба ин ҷо меандозанд, ки номи ин мувофиқи худаш «зиндон», яъне «гӯри зиндагон» аст.

Рӯз ба бегоҳӣ расид, аммо даруни зиндон монанди он ки офтоб фурӯ рафта бошад, тамом торик шуда буд. Дари хона кушода шуд, ду нафар зиндонбон даромада чизҳоеро, ки ҳунармандони зиндонӣ бофта ва ё сохта буданд, ғундошта гирифтанд ва ба дасти ҳар кас як порча нони хушк дода дари хонаро боз қулф зада рафтанд. Баъд аз хӯрдани нон, ғайр аз Ёдгор ҳамаро хоб бурд, аммо Ёдгор соате сад бор аз ин паҳлу ба он паҳлу гашта оқибати кори худро меандешид.

«Чист ки нагузарад?» Имшаб ҳам гузашт, баробари афтодани рӯшноӣ аз сӯрохӣ, зиндониён аз хоб бедор шуданд ва ба чуқуриҳое, ки ба наздикии ҷои хобашон буд, қазои ҳоҷат карданд. Ҳунармандон боз ба кор машғул шуданд. Аммо аз зиндонбон ҳанӯз хабаре набуд. Оташи иштиҳоҳо боло гирифт, гуруснагӣ дуд аз димоғҳо бароварда ҳамаро дар ҷустуҷӯи хӯрок андохт.

— Рӯз қариб пешин шуд, ҳанӯз аз ин зиндонбони худобехабар хабаре нест,— гуфт яке.

Дигаре гуфт:

— Рафта дарро задан даркор аст, вагарна вай кай ки худаш хоҳад, ҳамон вақт меояд, аз гушна мондани ману ту чӣ парво дорад. «Ишками серро чӣ парвои ишками гурусна» гуфтаанд.

— Оре дарро задан даркор аст!— гуфта ду нафар рафта дарро кӯфтан гирифтанд. Зиндонбон омада дарро кушод:

— То ноништа (ношто) кардан ҳам тоқат намекунед, а! — гуфта даҳшате кард, ба одамони худ фармуда чанд нафар аз бандиёнро ба як занҷири дароз бандонид.

Яке аз бандиён:

— Маро ҳам банд! — гуфта худро пеш андохт.

— Не! — гуфт зиндонбон,— ту дирӯз баромада будӣ, боз баъд аз ду рӯз ба ту навбат мерасад.

Зиндонбон бо одамони худ бандиёни ба занҷир бандондаашро қатор карда аз зиндон бароварда ва аз баландӣ поёнтар фуроварда ба канори роҳ ҳамаро қатор

E-mail: ziyozoda@gmail.com

кард ва ба занҷире, ки бо вай бандиёнро баста буд, чанд занҷири дигарро паси ҳам баста нӯгашро ба дарвозаи зиндон расонида аз таги остона гузаронида ба даруни зиндон барбаст.

Бандиён дар сари роҳ қатор шуда оянда ва равандагонро дуо карда чизе металабиданд. Мардум ба қадри ҳол баъзе нон ва баъзе пул дода мегузаштанд. Баъд аз ду соат зиндонбон омада ҳамаи нон ва пулҳоеро, ки ба пеши ин гадоёни бандӣ ҷамъ шуда буд, гирифт ва дигарбора ҳамаашонро пеш андохта, ба зиндон даровард ва ба ҷои аслиашон гузошт.

Пас аз он аз нонҳое, ки имрӯз ба гадоӣ ҷамъ шуда буд, як миқдорашро ба бандиён тақсим карда дод. Яке аз бандиён ба зиндонбон гуфт:

— Пулҳои нақда ҳама аз они ту шавад, лекин аз нонҳо ба қадри серӣ ба мо деҳ!

— Нони шаби шуморо ман аз кучо ёфта медиҳам, ҳоло ҳам аз ним зиёдтарашро додам, боз чӣ мегӯед? — гуфта зиндонбон аз дар баромад ва дарро аз берун қулф зада рафт.

XIX. «ДУОИ НАҶОТ»

— Имшаб ман хоб дидам, ки ҳамаамо аз зиндон халос шудаем,— гуфта яке аз бандиён дигаронро аз хоб бедор кард.

Дигаре бе он ки сари худро бардорад:

— Халосиро хоб дидай, лекин ин «хобатро ба об гӯй»,— гуфта вайро масхара дошт.

Сеюмӣ:

— Агар пул бошад, халосӣ оппа-осон, ҳама гап ба сари пул,— гуфт.

Чорумӣ пас аз қоҳ-қоҳ хандидан гуфт:

— Хуб илочи осон ёфтӣ, агар пул медоштем, аз авval ману ту бандӣ намешудем, ҳамин пули сабилмонда набуд, ки дар банд афтодем ва ҳам дар ин гӯристони зиндагон дароз мондем; Абдулло бойбачаи ғиҷдуворо надидӣ? Чанд касро хонавайрон кард, бистари чанд хонаводаро сӯхт, дар деҳаи Чармгарони Ғиҷдувон дар миёнаи мардум рӯйрост як касро ба шикамаш корд зада кушт... пул ки дошт, бо вуҷуди дастгир шуданаш зуд озод шуда рафт. Ману ту чӣ кор кардем? «Хари киро иш, пишаки киро-пишт ва саги киро тур гуфтем?»

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Гуноҳи ман он аст, ки баъд аз даҳ сол хизмат кардан як пул музд гирифта натавониста, аз дари хонаи Ҷалолиддин амини ғиҷдувонӣ гурехтам, вай хонасӯхта, ки қозишиносс, ҳокимшинос буд, маро дузд гуфта нишон дод ва ин рӯзи сиёҳро ба сарам овард. Қошкӣ бо андак-мундак пул роҳи халосӣ ёфта шавад, барои розӣ кардани ин ҳокимони гушнамурда хунбаҳои ману ту ҳам намерасад.

— Ман як илоҷ ёфтаам, ки бо андак пул ба даст медарояд.

Гӯянда ҳанӯз сухани худро тамом накарда буд, ки:

— Гӯй, Фармон! Ин илочи арзонбаҳоят чист? — гуфта ҳамаи гӯш ва гарданҳо ба тарафи вай сих шуд.

— Дар гузари Хоча Аспгардон,— гуфт Фармон,— Домулло Қутбиддин ном як эшони дуохон ҳастанд, ин кас ба қишлоқи мо — Дилкушои Берун рафтуой доранд, як рӯз ба қишлоқ рафта буданд, ки модарам ҳоли маро ба он кас арз карда, дуо ва тӯмор пурсидааст. Ана ҳамин бозубандро,— гуфта Фармон бозубандеро, ки дар зери куртааш ба бозуяш овехтагӣ буд, нишон дода,— ба нияти начот ёфтани аз зиндон навишта додаанд. Модарам аз рӯи буд ду танга назр додааст, хурсанд шуда гирифта гуфтаанд, ки «инро ҳам намедодед, зарар надошт, ҳар вақт писаратон халос шавад, худаш мувофиқи табъ назр медод. Ба писаратон фаҳмонед, ки агар дигар бандиён ҳам толиби дуову тӯмор бошанд, ман навишта медиҳам, нарзашро агар чизе дошта бошанд, медиҳанд, агар надошта бошанд, баъд аз халос шудан диҳанд ҳам, зарар надорад. Мо худой хизмат кардан мегирем, агар бандиён толиб шаванд, ман ба худи зиндон ҳам рафта ба номи ҳар кас дуо навишта метавонам, қушбегӣ ва миршаб аз муридони ман ҳастанд, ки барои рафтани ба зиндон ба ман роҳ медиҳанд».

Фармон ҳикояти эшонро ба ин ҷо расонда гуфт:

— «Шумоён ба дуо ва эшон ихлос дошта бошетон, ё не?» гуфта ман ин воқеаро нагуфта будам, имрӯз ки гап яла шуд, гуфтам, агар толиб бошетон, ҳар вақт модарам ба дидан ояд, таъин мекунам, эшонро гирифта мебиёрад.

— Гӯй ба модарат, биёрад,— гуфт як бандӣ,— пул ки нагирад, аз мо чӣ меравад, «шавад — обӣ, нашавад лалмӣ», агар дуояш нафъ накунад ҳам, мо ҳеҷ чиз бой намедиҳем.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Хушку холӣ ҳам намешавад,— гуфт дигаре,— бисьёр не, кам, сари фол гӯён ягон чиз ёфта мондана-мон даркор аст.

Аз зиндонбон пинҳонӣ як-ду ҷилди соат, тӯри қафас ва калапӯши бачагона бофта мемонем, ҳар вақт эшон ояд, ҳамин чизҳоро ба вай сари фол гӯён медиҳем. Аз-дусар, агар ба эшон надиҳем ҳам, аз ин қадар меҳнат ба мо фоидае нест, ба мо як лаб нони хушк дода, ҳа-ма чизҳои мо кор карда баровардаро зиндонбон фурӯх-та мехӯрад,— гуфта бандии дигаре ҳам ба овардани эшон далолат кард.

* * *

Эшони дуохон бо таъсири дуо ва тӯмори худ халос-ӣ ёфтани аз зиндонро то чил рӯз ваъда дода бошад ҳам, то шаш моҳ аз ин «наҷот» хабаре нашуд. Банди-ён бетаъсир рафтани дуову тӯморро дида, аз дуохон шикоят сар карданд:

— Ба мулло, ба дуохон ман ҳаргиз ихлос надош-там, лекин ба қатори ёрон ман ҳам як тӯмор гириф-та ба калапӯши худ дӯхта будам,— гуфта Ёдгор ҳам ба шикоят ҳамроҳ шуд ва сухани худро давом кунон-да:

— Агар ба маслиҳати ман дароетон, чораи халосӣ маргро ба гардан гирифтан аст,— гуфта диққати ҳама-ро ба тарафи худ кашид.

— Ту аз куҷо донистӣ, ки мо аз марг метарсем, До-хунда? — гуфта Қаландари зарангаригӣ якбора шӯрид ва гуфт:

— Ними ин бандиён аз тамоми музофоти Бухоро бошанд, ними дигарашон аз тумани Ғиҷдувонанд, ҳа-мин аз марг натарсидан аст, ки моро ба ин ҳол (ҷелу нишкели ба пой ва гардани худаш задаро як ҷунбонда) овардааст. Мо ғиҷдувониҳоро «аробасавори занбарни-шин» мегӯянд, медонӣ ки маънии ин чист? Мо дами қо-зиро намехӯрем, дами ҳокимро намехӯрем, иззати бою эшонро ба ҷо намебиёрем, агар аз бинӣ боло гап за-нанд, одамони чор ҳокимро гирифта мезанем... албат-та, як рӯз набошад, як рӯзи дигар моро ҳокимон ба даст медароранд, дасту гарданамонро баста ба ароба савор карда Бухоро мефиристонанд, дар ин ҷо амир моро мекушад, пас аз он хешу табори мо омада мур-даи моро ба занбар андохта гирифта мебаранд. Нотар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

сии мо то ин чост, ки имрӯз ҳамин ҳол ба сари якчанд нафари мо меояд, боз фардо як чанд нафари дигарамо сар бардошта ҳамин корро мекунем. Ту, Дохунда, агар яке аз моён бошӣ, аз марг тарсиданро ба миён наовар-да «агар, магар»-ро як тараф монда, гапатро задан гир ва гӯй, ки ба фикри ту роҳи халосии мо чист?

— Агар ба ман як арра, як теша ва як сӯҳон ёфта диҳӣ,— гуфт Ёдгор,— ман ҳамаамонро дар 15 рӯз ха-лос мекунам. Қаҳрат наояд, ака Қаландар, ҳамаро мо-нанди ғичдувониҳоят надон, бисьёр касон ҳастанд, ки маргро ба хоби шабашон бинанд, метарсанд ва корҳо-еро, ки мо карданием, аз тарси худ пешакӣ хабар до-да банди моро сахттар мекунонанд.

— Ин гапат дуруст аст, Дохунда,— гуфт Қалан-дар,— лекин ман ҳамаи ин корҳоро илоҷ мекунам, дар ин чо бист нафар ёрони озмуда ҳастанд, ки «сар меди-ҳанд, сир намедиҳанд». Дигарон, ки тарсончак, ё ноозмудакоранд, аз тарси чони худ ба мо ҳамроҳ меша-ванд; агар як бор тарсонда монем, ба хоби шабашон ҳам ин сирро аз даҳон намебароранд. Дар ин чо агар касе барои як пула гап касеро кушта ба чоҳи зиндон андозад, ҳеҷ кас лаб во карда наметавонад; чӣ чои он ки ҳамаи мо якзабон шуда сарҳоморо ба қимор монда бошем. Ман ба гуфтаҳои ту ёр, арраву тешаву сӯҳон ҳам ёфт шуд гуфтан гир.

Масъала қарор ёфт, барои лаб накушодани дудила-гон ва тарсончакон ҳам чора дида шуд.

* * *

Як шаб пас аз фурӯ рафтани офтоб дар паскӯчаи пушти зиндон аз тарафи роҳи калон — аз тарафи ғарб як шахси номаълум омада аз сарбозе, ки дар он чо ба посбонӣ милтиқ ба даст истода буд:

— Ака даҳбошӣ! Ғолибхона ба кадом тараф аст?— гуфта пурсид.

Сарбоз бе он ки дастаи милтиқи худро аз замин бардорад, рӯи худро ба тарафи офтоббаро гардонда ме-хост:

— Ана дар рӯ ба рӯ намуда истодааст,— гӯяд, шахси номаълум милтиқро аз дасти сарбоз даррабуд ва гурехт.

Сарбоз:

— Дуздро намонетон! — гӯён шахси номаълумро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

пеш кард, сарбозони дигар ҳам, ки ҷо-ҷо ба посбонӣ истода буданд, аз дунболи милтиқдузд давиданд, шахси номаълум қариб буд, ки ба даст афтад, милтиқро ба роҳ партофт ва бадар рафт.

Сарбозон диданд, ки милтиқ ба даст даромад ва дузд гурехт, дигар ҷои посбонии худро монда аз дунболи вай пеш карданро лозим надонистанд ва ба сари чатмаҳои худ баргаштанд.

Лекин вақте ки сарбозон ҷои посбонии худро гузошта дуздро пеш мекарданд, як одами номаълуми дигар аз пасхамие баромада роҳро бепосбон дида ба як хез худро ба болои тали зиндон гирифта дар камаргоҳе пинҳон шуда буд.

Ин одам то як поси шаб аз ҷо наҷунбид; вақте ки шаб хуб торик шуда посбонон ҳам пинак рафтан гирифтанд, шахси номаълум аз ҷои пинҳоншудаи худ баромада худро ба боми зиндон гирифт ва аз сӯрохе, ки аз он ҷо ба даруни зиндон зиё ва ҳаво медаромад, чормағз барин як кулӯхчаро партофт ва гӯши худро ба даҳони сӯрох ниҳода истод.

— Шифрав!

Ба ин овоз, ки аз даруни зиндон баромад, шахси номаълум даҳони худро ба даҳони сӯрохи зиндон монда:

— Ман, худам,— гуфта ҷавоб дод.

— Якта-якта парто!

Шахси номаълум:

— Хуб! — гуфта аввал теша, пас аз он арра ва баъд, сӯҳонро ба даруни зиндон партофт.

— Сафдар халос шуд-мӣ? — ин овоз аз даруни зиндон баромад.

— Халос шуд! — гуфт шахси номаълум.

— Худат ҳам эҳтиёт шав!

— Хотирҷамъ бош! — гуфта шахси номаълум худро аз бом ба поёнтари тал гирифта дар камаре то ҳаммомбуғ[57] нишаст, вақте ки ҳаммом буғ зада дар кӯчаҳо рафтуомади мардум сар шуд ва посбонон ҳам хотирҷамъона хобиданд, шахси номаълум оҳиста худро ба кӯча гирифта монанди яке аз роҳгузарон, аз пеши посбонон гузашта рафт.

Қор сар шуд; бандиён ҳар шаб то саҳар ба нақбзанӣ машғул мешуданд, агарчи дар пои бештарини бандиён ишкел бошад ҳам, барои хоккашонӣ бисьёр ташвиш накашиданд: бандиён аз даҳони нақб то даҳони

E-mail: ziyozoda@gmail.com

чоҳе, ки дар замонҳои пеш дар он ҷо ҳам одам меандохтанд, қатор нишастанд, хокеро ки аз кандани нақб мебаромад, ба як ҷома андохта даст ба дасти якдигар гузаронида ба лаби чоҳ мерасонданд ва дар он ҷо меандохтанд.

Ёдгор дар тахмини худ бисьёр саҳв накарда буд: баъд аз бист рӯз сари нақб ба паскӯчаи пушти зиндон наздик расид, ба ҳадде, ки агар бандиён ба девор гӯш мехобонданд, садои пои аспу хари равандагонро мешуниданд.

Акнун корро хобонданд. Танҳо ба тарафи кӯча як сӯрохи танге, ки аз он ҷо кӯчаро дидан мумкин шавад, кушоданд ва мунтазири вақти муносиб шуда ором гирифтанд.

Ёдгор хурсандӣ карда ба Фармон мегуфт:

— Ин аст «дуои наҷот»-и мо!..

XX. ИФТОР

Рӯзи рамазон, ба фурӯ рафтани офтоб тахминан як соат мондааст, ба гӯши рӯзадорони Бухоро ҳеҷ гап намедарояд ва ба сарашон ҳеҷ фикре намеояд, диққатҳо ба як тараф кашида шудааст ва ҳавосҳо ба як нукта банд аст: кай намози шом мешавад ва дар ифтор чиҳо мехӯрем; бинобар ин дақиқа ба дақиқа соатҳо дида мешаванд ва гуна-гуна неъматҳо харида мегарданд.

Як даҳа (даҳ нафар) сарбозе ҳам, ки дар пушти зиндон дар паскӯча посбонӣ мекарданд, аз ин ҳолати умумӣ фориғ набуданд; даҳбошӣ пас аз чида гирифтани махорич ифтор аз нафарони худ, ба Регистон рафт ва ду коса нишалло, чор дона нони тафтон, даҳ дона хурмо, як коғаз носи шомӣ ва як коғаз тамокуи духтарпечи каршигӣ харида омад.

Ба фурӯ рафтани офтоб ним соат мондааст, гӯшҳои сарбозон ғайр аз ғув-ғуви худ дигар чизеро намешунаванд, чашмҳошон ҳам сиёҳ рафта истодааст, 16-соата гуруснагӣ, бо бедорхобии посбонӣ, хусусан дар зери хумори нос ва чилим кори осон нест; лекин бо ин ҳама кӯфтагӣ ва беҳавсалагӣ барои як чиз ҳозирӣ дидан даркор аст — барои ифтор. Машаққати 16-соатаро лаззати 15-дақиқагии ифтор аз димоғҳо хоҳад баровард.

Ҷои муносиб ва ҳамвореро аз як тарафи кӯча хоста покиза рӯфтанд, як шоли каршигиро ҳам дар он ҷо паҳн

E-mail: ziyozoda@gmail.com

жарданд. Ба рӯи шол як дастархон паҳн карда, ба рӯи вай нону нишаллою хурморо ниҳоданд. Худи даҳбошӣ ба обтоза кардани чилим машғул буд.

— Барои тамокуе, ки имрӯз овардам, бояд чилимро худам обтоза кунам, дар он вақт мефаҳмед, ки тамокуи духтарпечи қаршигӣ чӣ будааст? — гуфта даҳбошӣ майл ва рағбати нафарони худро ба чилими шомӣ яке бар сад меафзуд.

Ба тарафи ҷануб — ба тарафи дарвозаи зиндон ҳам айнан ҳамин ҳол мерафт, дар он ҷо зиндонбонон ҳам ба давраи сарбозони посбон ҳамроҳ шуда дастархони рамазониро боз ҳам оростатар карда истода буданд.

Аммо дар даруни зиндон дигар гуна ҳозирӣ мерафт: бандиён мехостанд, ки имшаб самараи 20-рӯза нақбканиии худро ба даст дароранд, бинобар ин дасткунда ва покундаҳоро, ки дар вайҳо пову дасти якчанд нафар бандиён банд буд, бо арра буриданд, сӯҳонро ба кор дароварда қулф ва занҷирҳоро монанди ресмони фарсуда аз ҳам гусехтанд, девори охирини нақбро ҳам, ки тахминан як вақаб монда буд, тарошида ба ҳолати пӯчоқи тарбуз овора монданд. Пешравони бандиён ба дами сӯрох истода чашмҳошонро ба дастархони сарбозони рӯзадор дӯхтанд.

Овози азони намози шом аввал аз дарвозаи арк — аз нақорахона баланд шуд, баъд аз як сония ҳафт муаззини манор ба якбора азон сар карда, ба муаззини арк ҳамовоз шуданд, баъд аз як сонияи дигар тамоми муаззинони масҷид ва мадрасаҳои Бухоро баробар ба фарьёд омаданд. Ғулғулаи аҷибе дар шаҳр афтод, лекин баробари ин ғулғула шаҳр як ҳолати кӯи хомӯшонро[58] гирифт, аз кӯчаҳо пои мардум тамоман канда шуд, аз ҳеҷ ҷо на овози пой ва на овози сухани инсоне шунида намешуд, ҳатто онҳое ҳам, ки ба сари дастархон нишаста буданд, чизе намегуфтанд, забонҳо баста, даҳон ва ҳалқҳо кушода шуда буданд.

Баробари шунидани овози азони арк, даҳбошӣ чилимро ба даст гирифт, бо ду-се қуллоб кашидан монанди касе, ки ҷон меканда бошад, харр-харр карда, ба ҳамон ҷои худ афтод, дигаре аз сарбозон чилимро аз дасти вай гирифта, пас аз кашидан вай ҳам ба ҳамон ҳол шуд, хулоса дар даҳ дақиқа даҳ нафар сарбоз монанди мурда шуда афтоданд, ҳатто чилим ҳам аз дасти касе, ки дар навбати охирин мекашид, ба замин афтода, ададди мадҳушонро ба 11 расонид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Дар ҳамин вақт бо як лагад задани Қаландари зарангариғӣ девори охирини нақб аз ҳам пош хӯрд, бандиён ҳам монанди мурғони аз қафас бароянда аз сӯрохи нақб парпанак зада баромаданд ва монанди бозҳое, ки худро ба галаи кабӯтарон зананд, ба гурӯҳи сарбозони рӯзадори ба замин афтода ҳучум карданд ва дар панҷ дақиқа ҳамаашонро бо тасмаи камарбанди худҳошон дасту по баста ба замин гузоштанд ва милтиқҳоро ба даст гирифта бо паскӯча ва тангкӯчаҳо ба тарафи таги қалъаи шаҳр дар миёни дарвозаи Имом ва Самарқанд шитофтанд.

То аз воқеа хабар ёфта одам баровардани қушбегӣ бандиёни азбандраста монанди шерони аз қафасчастаи занҷиргусиста худро дар беруни шаҳр ба даруни найзорҳо гирифтанд ва ҳама якҷоя ба як сӯ рафтан, ё дар як ҷо истоданро муносиб надида ҳамагӣ пароканда шуданд ва аз торикии шаб фоида бурда, як-як, ду-ду ба найзорҳои дуртар аз шаҳр ҷойгир шуданд.

Аз бандиён, танҳо чанд нафаре, ки ба ин кор далерӣ накарда ва аз зиндон набаромада буданд ва низ касоне, ки дар вақти баромадан ва фаромадани аз девори қалъа дасту пояшон шикаст ёфта мачрӯҳи сахт шуда буданд, ба дасти ҳукумати амир афтоданд, дигарон ҳамагӣ бадар рафтанд.

XXI. САБАБИ НАҶОТ АСТ Ё ГИРИФТОРӢ

— «Бар Муҳаммад салавот!

Аз рӯи фармоиши ҷаноби олӣ: фузалою фуқарое ки хастед, нашунидем нагӯед! Ҳар бандии аз зиндон гурехта, ки ба дасти кас афтад, ё ҳар одами номаълум ва сарсарие, ки ба назари касе намоён шавад, бояд дарҳол дастгир карда шуда, ба қозихона ва миршабхона супорида шавад, ҳар касе, ки аз ин фармоиш гарданкашӣ кунад ва касони номаълуми шубҳанокро ба ҳокимхонаҳо нарасонад, сараш подшоҳӣ ва молаш тӯлон мешавад.

Бар Муҳаммад салавот!..»

Баъд аз ду рӯзи воқеаи гурехтани бандиён ҷарчиён дар ҳамаи бозорҳои туманҳои Бухоро ба мазмуни болоии дид мекарданд. Қозихона ва миршабхонаҳои туманҳо аз сарсариён ва шубҳанокон пур шуда буд, ҳаррӯза ба даст афтодагонро дасту гардан баста гурӯҳ-гурӯҳ ба шаҳри Бухоро мефиристоданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

* * *

Агар аз Бухоро баромада тумани Вобканд рафтанӣ шавед, ба наздикии бозорчои Вобканд — ба масофати ду чакрим — ба дасти чапатон аз роҳи калон як роҳи борик чудо мешавад; агар бо ин роҳ тахминан ҳазор кадам равед, аз пешатон як деҳаи ободе мебарояд, ки бар лаби чӯе воқеъ шудааст ва номашро Кофарработ[59] мегӯянд.

Як шаби торик вакти саҳари барвакт дар ин деҳа аз як дарвозаи калоне, ки ба рӯ ба рӯи чӯй кушода мешуд, ки одам баромад, ки монанди баъзе занони фаранчипартофтаи мо ба сари худ чомаеро гирифта, худро бо он чома сахт пӯшонда буд; ин одам ба лаби чӯй омад, дар он чо сиёҳии чондореро дида як кад парид ва як кадам худро акиб кашида, монанди каҳрамонтарошони тарсу бо як садои ларзишдори баланд:

— Кист? — гуфт.

— ... — садое набаромад.

— Кист мегӯям?

— ...

— Бегонай, ё ошно, чаро дам намезанӣ?

— ...

Ин одам бозгашта ба ҳавлӣ даромад ва як калтаки калон гирифта, зуд боз берун омад; ин бор ба сиёҳии чондор наздиктар шуда калтакро бо як дасти худ бардошта ва бо дасти дигари худ гиребони чомаро аз пештарааш ҳам зиёдтар ба рӯи худ кашида:

— Кӣ буданатро маълум мекунӣ, ё не? Агар маълум накунӣ, чунон мезанам, ки бе ному нишон мурда меравӣ,— гуфт.

— Роҳгузар! — гуфта сиёҳии чондор чавоб дод.

— Кучоӣ ҳастӣ ва чикорай?

— ...

Боз даҳшат карда;

— Кучоӣ мегӯям, мешунавӣ, ё не?

— Вобкандӣ.

— Ман аз ҳафтсола то ҳафтодсолаи вобкандиёнро мешиносам, хуб, кӣ буданат маълум шуд, биё бо ман.

Сиёҳии чондор, дарахтеро, ки ба вай такья карда ба як паҳлу нишаста буд, дастгир карда хост, ки ба по хезад, аммо натавонист; одами чома бар сар, баъд аз он, ки бо калтаки худ сиёҳии чондорро як-ду бор нихта карда дид, калтакро ба дасти чапаш, ки бо вай чома-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ро бар рӯ кашида меистод гирифта, бо дасти рости худ ба сиёҳии ҷондор ёрӣ дода хезонид ва аз бозуяш гирифта ба ҳавлӣ дароварда, ба саисхонаи худ андохт; пас аз он ба ҳавлии дарун даромада чароғеро афрӯхта бароварда, сиёҳии ҷондорро, ки ҳақиқатан як одами номаълуми мурдамонанд буд, дар рӯшноии чароғ дид ва гуфт:

— Чаро кӣ будан ва чӣ будани худро рӯйрост намегӯӣ?

— Ман ҳам беморам, ҳам гушна, чизе ба ёдам намерасад, ки ба шумо гӯям.

Одами ҷомабарсар ба ҳавлии даруни худ даромада:

— Очеш! — гуфта занашро ҷеғ зад.

— Лаббай, чӣ мегӯед? — гуфт занак.

— Як коса об ва як нон деҳ, ки ба мо як меҳмони бемаҳал омад.

Занак обу нонро гирифта аз хона ба рӯи суфа баромада дид, ки ба сари шавҳараш ҳанӯз ҷома аст, нимшӯхӣ ва нимҷиддӣ карда гуфт:

— Рӯятон хуш (хушк) шавад-у, шумо ҳанӯз оббозӣ накардед, боз мехоҳед, ки нон ба даст гиред, ба шумо чӣ шуд? Рӯятонро пӯшед-ув, чашмам наафтад.

Мард, сари худро ба ҷома маҳкамтар печонда гуфт:

— Бисьёр манаҳ назан, вақти ин гапҳо не, нонро ба як латта печонда деҳ, ки дастам ба вай нарасад.

Мард об ва нонро бароварда ба меҳмони ногаҳонии худ хӯронд, аммо боз аз вай сухани муайяне нашунид; лекин аз мӯйҳои дарози то бари гардан фуромада ва рангҳои кандаи ӯ донист, ки ин одам яке аз гурезагони зиндон аст, бинобар ин пас аз оббозӣ кардан ба ҷӯй, дасти ин одами номаълумро баста ба аспи худ савор кард ва ба тарафи Вобканд гирифта бурд.

* * *

Аввали пагоҳ дари қозихонаи Вобкандро об зада рӯфта, мулозимон саф кашида нишаста буданд, қозӣ ҳам пас аз гирифтани саломи мулозимони худ чашм дар роҳи мулозиматалабон буд. Мулозиме аз беруни қозихона ба дарун даромада ба қозӣ арз кард:

— Оқсақоли деҳаи Кофарработ касеро баста овардааст, агар рухсат шавад, ба пеши шариатпаноҳ дарорам мегӯяд.

— Дарорад,— гуфт қозӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Оқсақол бандиро пеш андохта даровард ва мулозимон ҳам ҳамагӣ аз дунбол даромаданд, оқсақол бандиро ба қозӣ рӯ ба рӯ шинонда гуфт:

— Мувофиқи фармоиши олӣ ин одами номаълумро дастгир карда овардам, дар вақти дастгир карданам хост маро зада аз дастам гурезад, лекин аввал аз меҳрубонии худо, дуюм ба шарафи давлати олӣ ва тавақчӯҳи шариатпаноҳӣ ба ман зарар расонда натавонист.

Қозӣ пас аз он, ки ба тарафи ин ҷавони ғирифтор тез-тез нигоҳ кард:

— Ту аз гурезагони зиндон ҳастӣ, а?— гуфт.

— Не, ман одами бечораам,— гуфт ҷавон.

— Куҷоӣ мебошӣ?

— Ғиҷдувонӣ.

Оқсақол хам шуда ба қозӣ таъзиме карда:

— Шаб ба ман худашро вобкандӣ гуфта буд, тақсир,— гуфт.

Қозӣ;

— Шабона дар Кофарработ чӣ мекардӣ?

— Барои мардикорӣ ба шаҳр мерафтам, роҳро гум карда дар ҳамон деҳа афтодам ва хостам то рӯз дар он ҷо бихобам, ин кас маро баста гирифтанд.

— Номат ва номи падарат чист?

— Номам Ҳасан ва номи падарам Маҳмуд аст.

Қозӣ аз пеши зонуи худ як лӯла коғазро гирифта сар то пой вайро аз назар гузаронид ва боз ба бандӣ нигоҳ карда:

— Росташро гӯй! Номат чист? — гуфт.

— Росташ ҳамин, номам Ҳасан аст,— гуфт бандӣ.

Қозӣ ба яке аз мулозимони худ, ки ба пушти сари ҷавони бандӣ рост истода буд;

— Зан ин дурӯғгӯро! — гуфт.

Мулозим дасти худро кашидаву кушода ба буни гардани ҷавони дастбаста як шатронии сахт зад. Сари ҷавон аз зарби шатта пешнокӣ хам шуд ва калапӯш аз сараш парида ба пеши қозӣ якрӯя ғалтид; ҳамин ки чашми қозӣ ба даруни калапӯш афтод, дасти худро ёзонда вайро аз замин гирифт ва тӯмореро, ки дар он ҷо дӯхта шуда буд, дарронда коғазеро аз дарунаш бароварда сар то пояшро аз назар гузаронид, чун чашмаш ба поёни коғаз афтод, ба овози баланд:

— Ин дуо ба номи Ёдгор валади Бозор, барои наҷот ёфтанаш аз зиндон навишта шуд,— гуфта хонд. Пас аз он қозӣ ба ҷавон нигоҳ карда:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Акнун чӣ мегӯӣ? — гуфт.

Ҷавон:

— Ихтиёр ба дасти шумост, насибам ҳамин будааст,— гуфт.

Қозӣ:

— Агарчи ин дуо барои наҷот навишта шуда бошад ҳам, сабаби гирифторӣ шуд,— гуфта ба сахт нигоҳ доштани ҷавон амр фармуд.

E-mail: ozoda@gmail.com

ҚИСМИ СЕЮМ

I. «ҲУРРИЯТ»

(1917 март — апрель)

Қариб як моҳ аст, ки дар зиндон гуфтугузорҳои бисьёр аҷиб меравад.

— Ҳуррият мешудааст!

— Ҳуррияташ чист?

— Ҳуррияташ ҳамин будааст, ки касе ба касе аз ин чо хез, ин ҷо нишин гуфта наметавонистааст.

— Ин тавр бошад, мо ҳам аз зиндон озод шуда меравем гӯй-чӣ?

— Албатта!

— Лекин мусулмонӣ аз даст меравад-дия.

— Чиба (чаро)?

— Зеро занон ҳам фаранҷиҳоро партофта ба ихтиёри худ мешудаанд, ҷуҳудҳо ҳам телпакчаҳо ва ресмончаҳоро партофта бо мусулмонон баробар мешудаанд.

— Кӯр шавад, шудан гирад, ҳозир занони ману ту ба ихтиёри худ нестанд-чӣ? Мо чанд сол аст, ки ин ҷо хобидаем, занони мо бошад ба ихтиёри худ гаштаанд, ҳоло магар ҳоли мо аз ҷуҳудон беҳтар аст? Ҳар чӣ шавад, шавад, мову ту аз банд озод шавем, «то шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад» гуфтаанд.

— Ба фаҳми ман ба ин кор амир, амалдорони вай ва муллоҳо розӣ намешаванд, зеро ҳар кас ба ихтиёри худ шавад, ба амират кӣ пул медиҳад, вай ин кадар айшу ишраташро аз болои кӣ мекунад? Амалдорони амир бошанд, «бо фармоиши чаноби олӣ» гуфта, мардумро хонасалот карда гаштаанд, дар он вакт мардум мегӯянд, ки на ту даркор ва на амират. Муллоҳо ҳозир аз пушти амиру вазир ба болои ҳама калонӣ карда мегарданд:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

козӣ мешаванд, раис мешаванд, муфтӣ мешаванд ва мударрис мешаванд, чӣ мегӯӣ, ки хар чӣ мешаванд, пул мегундоранд, мехӯранд, мепӯшанд; агар аз бинӣ боло гап занӣ, «сабби набӣ шуди»[60] гуфта, ба козихона кашола мекунанд, сангсор мекунонанд; чанд сол аз ин пеш, Қудратаробакашро барои пули киро талаб карданаш чанг карда, ба козихона оварда ба амир арз кунонда ба уштур савор кунонда «сабби набӣ шудааст» гуфта, ба шаҳр гардонда сангсор карда нагаштанд?![61] Агар ҳар кас ба ихтиёри худ шавад, ба гапи инҳо кӣ гӯш меандозад, кӣ карру фарри инҳоро мебардорад? Агар ҳар кас ба ихтиёри худ шавад, инҳо аз гушнагӣ мемиранд, аз дасти онҳо коре наояд, инҳо мардикорӣ карда натавонанд, ҳаммолӣ карда натавонанд, деҳконӣ карда натавонанд ва мардум хам ба инҳо пул надиҳанд, пас ҳоли инҳо чӣ мешавад? Бинобар ин то чон доранд, ба ин кор розӣ намешаванд.

— Албатта, кор ба дасти амиру вазир, ё муллоҳо ва сипоҳҳо бошад, ба ин кор розӣ намешаванд, лекин ин корҳоро «чадид»-ҳо мекунем мегуфтаанд.

— Чадидҳо киҳоанд?

— Чуҳудҳои мусулмоншударо «чадид» мегӯянд-дия.

— Не, ин чадидҳо унҳо не; дирӯз зиндонбон кӣ будани чадидҳоро ба шогирдони худ маънидод карда истода буд, ман аз пушти дар шунидам; назар ба кавли зиндонбон, мусулмони газетахони кофиршуда, эрониҳо ва баъзе чуҳудҳо як шуда ба худашон чадид ном мондаанд, ана ҳаминҳо корро мекунем мегуфтаанд.

— Гапи бекор, инҳо ҳеч кор карда наметавонанд, тӯп надошта бошанд, туфанг надошта бошанд, сарбоз надошта бошанд, чӣ кор аз дасташон меояд, чӣ тавр карда гапи худро ба амиру вазир мегузаронанд? Ҳамаашонро дар як рӯз гирифта ба дор меовезанд, аз манор мепартоянд, бадарға мекунанд, ба сарашон об мерезанд мемонанд-дия.

— Не, инҳо танҳо нестанд, мардикорон ва саллотони урусҳо хам ба инҳо ёрӣ медодаанд.

— Аввалаш ки зӯри мардикорҳо ва саллотҳои урус ба амир намерасад, дуюмаш кӯнсур (консуль) мемонад, ки онҳо омада ба амир мукобил шаванд?!. Кӯнсур ҳар боре, ки пеши амир меомадааст, дасти амирро маҳкам гирифта, «ду давлат, як давлат» мегуфтааст.

— Бай, бай, ту ба ин ақлу тамизат аз таги зимистон читу (чи тавр) баромадӣ? Мардикорҳо ва саллот-

ҳои урус Некалай барин одамро, ки аз чор подшоҳ як подшоҳ ҳисоб меёфт, бекор карданд, амири ту ба пеши вай чӣ қурбу манзалат дорад, як губурнотури вай барин ҳам нест; кӯнсур бошад, «гӯсола аз болои мех мепаррад» гуфтагӣ барин аз болои Некалай калонӣ мекард, акнун ки вай бекор шудааст, ба гапи кӯнсур кӣ гӯш меандозад?

* * *

— Ҳуррият шудааст.

— Ростӣ?

— Навакак ман ба пушти дар истода гӯш мекардам, зиндонбон ба шогирдони худ гуфт, ки «амир корро бой дод, ба ҳуррият[62] даст мондааст; эҳтимол ҳаман бандиёнро озод кунад, дар вақти озод шудани бандиён хабардор бошед, ки мабодо ба мо зарар нарасонанд, чанд рӯз боз чашмҳошон бечо менамояд».

Имшаб аз шодии озодӣ хоби бандиён набурд; рӯз шуд, ҳанӯз аз озодӣ хабаре не, соат нӯҳ шуд, даҳ шуд, ҳанӯз ҳеч гап не; касе, ки гуфтугузори зиндонбонро дирӯз шунида буд, «ҳамин замон озод мешавем» гуфта ҳамаро бовар мекунонид.

Соатҳои 11 дари зиндон якбора кушода шуд.

— Ана, ана ман нагуфтам, ки ҳамин замон озод мешавем,— гуфта расонандаи хабари озодӣ аз як тараф ба сабаби озод шудан бошад, аз тарафи дигар ба сабаби рост баромадани сухани худ шодӣ мекард. Дигар бандиён ҳам чулу чиҳози худро ғундоштан гирифтанд.

Зиндонбон ба ҳамаи шогирдони худ дарун даромада дарро аз дарун қулф зад.

Як бандӣ ба дигаре:

— Магар барои озод кардани мо дарро маҳкамтар қулф кардан даркор будааст? — гуфт.

Зиндонбонон чел ва ишкели бандиёнро як-як аз назар гузарониданд, ба пой ва гардани онҳое ҳам, ки то ҳол яла буданд, чел ва ишкел заданд.

Зиндонбон гуфт:

— Ҳама чадидҳои ба чаноби олӣ тегкашидаро гирифта ҳабс карда истодаанд, ҳамаашонро мекушанд, ҳозир чанд касро ҳафтоду панччӯбӣ заданд.[63] Дониста бошед, ки агар ҳар кадоми шумо ҳаракати бечо кунед ва ё гапи пасту баланд занед, бе пурсиш ба куштан меравед.

Зиндонбон бо шогирдони худ баромада рафт, бан-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

диён ҳам мазаи «ҳуррият»-ро чашида, ба тақдир тан доданд ва аз ҳар калла як садо:

— Ман нагуфта будам, ки аз дасти ин чадидҳот як-пула кор намеояд?!.

— Ман нагуфта будам, ки кӯнсур (консуль) ба амир ошност, «чони худро ба чаббор дода» амирро кӯрук мекунад?..

— Ман нагӯфта будам, ки чадидҳои бетӯпу туфангро амир дар як рӯз нест мекунад?..

Яке аз миён гуфт:

— Имрӯз фардо ҳам дорад, агар бекор шудани Некалай рост бошад, агар чадидҳо бо мардикорони урус, ки Некалайро бекор кардаанд, якзабон шуда бошанд, ин кор ба ин ҳол наемонад; имрӯз нашавад, фардо лингги амиру вазиратро аз осмон меоранд.

Ба чавоби ин кас як бандии дигар:

— Ҳар чӣ, ту як каромат карда мон, Дохунда!— гуфт.

* * *

Баъд аз як моҳ бандиён «озод» шудан гирифтанд, лекин на ба ихтиёри худ, балки ба «шербача» ном дастаи сарбозе, ки аз дуздон ба ҳам расида буд, сарбоз шуда мерафтанд. Ёдгор, ки як бор мазаи сарбозиро чашида буд, ба ин гуна «озодӣ» розӣ нашуд ва дар зиндон пӯсиданро аз сарбозии амир бехтар донист, лекин Ёдгор дар зиндон танҳо намонд, чои бандиёни «озод»-шударо бо бандиёни нав — бо «чадидон» пур мекарданд.

II. КУШИШХОНА

(1918 — март)

Зиндон дубора холӣ шудан гирифт; касоне, ки ба тӯҳмати чадидӣ бандӣ шуда буданд, дар чоҳи зиндон сарнагун рафтанд, як қисм бандиёни дигарро амалдор-махрамони амир омада, барои «хизмат» бурданд. Дар зиндон танҳо Ёдгор ва чанд нафар кӯру кару лангу мафлуки дигар монда буданд.

Рӯзе амалдормахраме ба зиндон даромада, ҳамаи бандиёнро як-як аз назар гузаронид ва ба зиндонбон гуфт:

— Инҳо намешаванд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Зиндонбон Ёдгорро нишон дода:

— Ин-чӣ? — гуфт.

— Ин дуруст-куя, лекин чарс менамояд,— гуфт амалдормаҳрам ва ба Ёдгор наздиктар омада:

— Хизмат мекунӣ, Дохунда? — гуфта пурсид.

— Чӣ хизмат?

— Чӣ буданашро сонӣ мефаҳмӣ, агар аз ӯҳдаи ин хизмат барой, озод мешавӣ.

— Хуб, хизматро нишон диҳед, агар тавонам, бачо оварда озод мешавам.

Зиндонбон бо ишорати маҳрам банд аз дасту пои Ёдгор кушод ва маҳрам ӯро ҳамроҳи худ гирифта аз зиндон бароварда бурд ва чор нафар сарбози милтиқдор ҳам аз посбонони зиндон аз дунболи инҳо равон гардиданд.

Ёдгор пас аз панҷсола бандигӣ, акнун рӯзи рӯшноиро мебинад: аҳволи шаҳр хеле дигаргун шудааст, дӯконҳо баста, мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳар тараф медаванд, ба дастҳояшон шоф, шамшер, корди ош, теша, табар ва калтак барин ярок ҳам доранд.

Ба Регистон расиданд, дар он гирду пеш чои сӯзан задан набуд; майдони Регистон то бомҳои масҷиди Поянда ва мадрасаи Дорушшифо аз мардум пур буд. Маҳрам ба Ёдгор гуфт:

— Дидӣ ин ғазоталабонро, ҳама барои ёрӣ додан ба ҷаноби олӣ сарҳои худҳоро ба кафи даст гирифта тайёр истодаанд.

Дар ҳамин вақт чанд нафар аз шогирдпешагон як касро дасту гардан баста кашола карда оварданд: сари ин бандӣ аз чанд чой кафида, рӯйҳояш хуншор шуда ва либосҳояш дарида буд; худаш ҳам маҷоли қадам мондан надошт, ки гӯё ӯро бардошта меоварданд.

«Ғазоталабон» бо дидани ин бандии маҷрӯҳ бе он ки чӣ гуфтанашон маълум шавад, монанди сагони садои раъду барқ шунида, ҳама баробар ва ба як овоз «уллос» мекашиданд.

Сарбозони посбон мардумро ба ҳар тараф ронда барои ба арк баровардани бандӣ роҳ кушоданд. Амалдормаҳрам ҳам Ёдгорро пеш андохта, аз дунболи ин бандӣ ба арк нигоҳ карда равон шуд. Аз остонаи дарвозаи арк то пеши масҷиди Ҷомеъ амалдорони дарбори амир ки бо камарҳои заррини минокорӣ миёнҳои худро аз рӯи ҷомаҳои абру зарбафт баста буданд, дутарафа саф баста истода буданд. Дар айвони масҷиди ҷомеи арк мул-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лоён қатор андар қатор нишаста буданд; дар миёни давраи муллоён як муллои дасторкалони бузриши рангканда, ки тахминан панҷоҳсола менамуд, дузону нишаста буд; ба рӯи зонуҳои ин мулло як шамшери бараҳна ва ба ду паҳлуяш ду таппонча буд. Ба назари Ёдгор ин мулло шинос барин менамуд, аммо ба ёдаш намерасид, ки ӯро дар кучо ва кай дидааст.

Бандии мачрӯҳро шогирпешагон ба ин мулло рӯ ба рӯ нигоҳ дошта манзур карданд.

— Дидӣ, ки шариат одамро чӣ гуна мезадааст,— гуфта муллои шамшердор ба бандии мачрӯҳ даҳшат карда ва ба ду муллои дасторкалони дигар, ки ба ду паҳлуяш нишаста буданд, як-як назар андохт. Ҳар кадоми онҳо бо ишорати тасдиқ сари худҳошонро болою поён ҷунбониданд.

Муллои шамшердор ба дорандагони бандии мачрӯҳ нигоҳ карда:

— Баред ин муртади ёғиро ба мирғазаб супоред, ки ба ҷои муқаррарнаш фиристонад,— гуфт.

Аз миёни мардум як нафар бо шунидани «ҷои муқаррарӣ» оҳиста ба зери лаб:

— Э бечора,— гуфта монд.

Ёдгор дид, ки аз чашмони ин одам об мерезад, лекин барои пинҳон кардани гирьяи худ зуд-зуд чашмони худро пок мекунад.

— Ҷои муқаррарии ин одам кучост? — гуфта аз вай пурсид.

Он кас ба Ёдгор бо як назари тааччуб нигоҳ карда:

— Дохунда! Магар имрӯз аз кӯҳистон омадай? Ҷои муқаррарнаш гӯр аст, гӯр! Ӯро барои куштан фиристоданд,— гуфт.

Хаёли Ёдгор ҳанӯз ба чӣ кас будани ин муллои шамшердор банд буд, якин аст, ки ӯро як бор пеш аз ин дидааст, аммо дар кучо?..

«— Хо, хо, хо, ин мулло ҳамон насьячини Боймутии ҳинду нест, ки чанд сол пеш аз ин аз ман ба ноҳақ бист танга гирифта буд?» — ба хотири Ёдгор омад.

Пас аз ин он марде, ки барои ба куштан бурдани бандии мачрӯҳ афсӯс мехӯрд, муллои шамшердорро нишон дода:

— Ин мулло пештар магар ба ҳиндуён насьячинӣ намекард? Чӣ шуд, ки якбора ҳукми куши мардум ба дасти ин кас расид? — гуфта пурсид.

— Дохунда оҳистатар гап зан, ки ҳам сари маро

барбод медиҳӣ, ҳам сари худатро,— гуфт он одам,— ман ба ҳиндуён насьячинӣ кардани ин муллоро намедонам, ки инро Ибодулло махдуми таракачӣ[64] мегӯянд ва пештар ба қозикалон таракачигӣ мекард, (даҳони худро ба гӯши Ёдгор наздиктар оварда) таракачигии қозикалон ҳам аз насьячинии ҳиндуён ҳеҷ фарқ надорад; агар фарқ дошта бошад, ҳамин қадар аст, ки насьячинии ҳиндуён рост аст, ё дурӯғ пули ба қарз додаи ҳиндуро талаб карда мегирад, аммо таракачиён бе ҳеҷ сабаб ва баҳона моли мардуми мурдаро, хусусан ҳаққи сағирон ва беваю бечорагонро рӯйрост тофта ба қозикалон месупоранд...

Ин вақт амалдормаҳраме, ки Ёдгорро оварда буд ва дар гӯшае аз калонтари худ фармонҳои нав мешунид, расида омад ва:

— Биё, Дохунда, ба сари хизмат биравем,— гуфта гап-гапи Ёдгорро бо он шахс бурида, ҳамроҳаш гирифта бурд.

* * *

Амалдормаҳрам ба пушти масҷиди ҷомеи арк гузашта ба як «ҳавлича»[65] даромад, Ёдгор ҳам аз паси вай даромаданӣ шуда ҳамин ки як қадами худро аз остона дарун монд, «вой!» гуфта худро ба ақиб кашид. Ӯ чунон тарсида буд, ки агар паҳлудариро даст намегирифт, бо ҳамон ақиб гаштан ба замин меафтод.

— Магар ту аз ӯҳдаи ин хизмат намебарой?!— гуфт амалдор ва Ёдгорро аз гиребонаш гирифта ба даруни ҳавлича даровард, лекин Ёдгор чашмони худро бо ду дасташ маҳкам гирифта ба замин афтод.

— «Гир гургата*»,— гуфтани як одам ва ба сухани вай қоҳ-қоҳзанон ханда карда ҳамроҳ шудани дигарон, ба дили Ёдгор қадре ҷасорат оварда ва чашми худро оҳиста кушода ба атроф як нигарист; дид, ки дар миёнҷои ҳавлича хандақе ҳаст, ки гирдогирдаш пур аз хуни баста аст ва се қадам дуртар аз он хандақ тахминан бист мурдаи сарбурида ҳаст, ки болоиҳам чида мондаанд.[66]

Ёдгор аввал гумон кард, ки як хоби ҳавлнок дида истодааст, лекин кам-кам ҳуши худро ба сар оварда андешид, ки:

---

* Гургатро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— «Бо амалдор аз зиндон омаданам, ҷамъомади Регистон, иморати арк, тантанаи одамони амир, дабдабаи муллоён, бандии маҷрӯҳ, ҳукми куши муллои шамшердор, ниҳоят ин кушташудагон, ки ба назарам намуда истодаанд, ҳатто бӯи бади хун, ки монанди тааффуни кушишхона, қариб аст димоғамро тарконад, набояд хоб ё хаёл бошанд, инҳо ҳақиқатанд,— як ҳақиқати даҳшатангезанд, ки ман дар бедорӣ мебинамашон».

— Аҷабо, дар ин ҷое, ки,— Ёдгор дар андешаи худ давом мекунад,— аз як бор дидани ин, ман бехуд шудам, ин мардум чӣ тавр ханда ва чақ-чақ карда нишастаанд.

Ёдгор бо ин андеша ҳуши худро ба тарафи бошандагони он ҷо монда, ба гуфтугузори онҳо гӯш дод ва овози амалдорро шунид, ки мегуфт:

— Инҳо ҳам бо фармоиши ҷаноби олӣ ба шариат ороста карда кушта шуда истодаанд, ин хуни ноҳақ ҳисоб намеёбад, ки шуморо гирад.

— Не, намешавад,— мегуфт яке аз бошандагони он ҷо.— Дуруст аст, ки ҳар кадоми мо дар мавридаш хуни ноҳақ кардаем, лекин дар он вақтҳо ин қадар дили мо сиёҳ нашуда буд; худи ман имшаб нахобидаам, ҳар боре, ки чашмамро гармӣ мебарад, ба хаёлам ҳамин мурдаҳои сарбурида, ба ҳолате, ки сарҳошон овезон, аз гулӯяшон хун равон аст, омада ба гиребонам дармеафтанд; ба дигар ҳамроҳони ман ҳам ҳамин ҳол рӯй додааст; акнун ба мо ёрои он нест, ки ба гардани мардум корд ронем. Вай амир, ин қозикалон, вай қушбеги, ин муллоён — онҳо медонанду шумо: ихтиёр ба дасти шумост, хоҳед ҷаллодони дигар ёфта меоред ва моро дубора ба зиндон меандозед, хоҳед ба қатори ин кушташудагон моро ҳам мекушед, ҳар чӣ мекунед, кунед, ки мо баъд аз ин ин корро карда наметавонем.

Сухани ин гӯяндаро дигаре тасдиқ карда гуфт:

— Ака Маҷид рост мегӯяд, шердилтарини мо ҳамин буд, ба худатон маълум аст, ки дар ҳафт тумани Бухоро «Маҷиди каҳкашонӣ» гуфта ном баровардааст, ин ки аз ӯҳдаи ин кор намебароям мегӯяд, дигарон, албатта, наметавонанд. Чунончи, ин одами овардаатон (ба Ёдгор ишорат карда) шунидааст, ки бандиён ҷаллодӣ карда озод мешудаанд, ин ҳам ҳавас кардааст, вақте ки ба сари кор омад, дидед, ки чӣ шуд!

Ёдгор аз ин гуфтугузорҳо пай бурд, ки бо кардани чӣ гуна «хизмат» ӯро озод мекардаанд, бинобар ин аз

E-mail: ziyozoda@gmail.com

будаш ҳам зиёдтар худашро беҳуш нишон медод ва кӯшиш мекард, ки амалдор ноӯҳдабароии ӯро бовар кунад.

Дар ҳамин вақт як шахси қоматбаланди ришкалони мӯйлабдарози шоҳбурутнок, ки рӯяш доғи кунҷидак дошт, аз дари ҳавлича даромада:

— Маҷид! Охир чӣ кор карданӣ шудетон? — гуфт.

— Худо якта, гап якта!— Маҷиди каҳкашонӣ ҷавоб медиҳад,— ҳамин қадар хизмат кардем, бас аст, дигар тоқат надорем.

— Хуб, зарар надорад. Ин мушкилро Эшони қозикалон бо машварати уламо осон карданд,— гуфта шахси навомада ба гапи худ давом кард:

— Қарори уламо ҳамин шуд, ки дар тобадони «регхона» як ғарғара шинонда шавад, ҳар касеро, ки тасаддуқоти олӣ карданӣ шаванд (яъне барои саломатии амир садақа гӯён куштанӣ шаванд), ба «регхона» дароварда, ба гарданаш каманди канабӣ меандозанд, як сари канабро аз ғарғара гузаронида, ба тарафи берун мефуроранд, вақте ки ресмонро аз берун кашиданд, роҳи гулӯи гунаҳгор баста шуда бе он, ки хунаш барояд, ё чашмаш ба чашми кушандаи худ афтад, мемирад, дар ин ҳол «на сих месӯзад, на кабоб», на хун рехта шуморо хун мегирад, на гунаҳгор зинда монда ба давлати олӣ зарар мерасонад.

Маҷиди қаҳкашонӣ:

— Э валло,— гуфта ёбандаи ин тадбирро таҳсин кард,— раҳматӣ падари Эшони қозикалон ҳам одами соҳибтадбир буданд, аз унту (он тавр) падар инту (ин тавр) писар мерӯяд-дия — «гӯшти нағз шӯрбои нағз» гуфтаанд,— гуфта қозикалонро махсусан таъриф кард.

Шахси навомада баъд аз маълум кардани «усули нави одамкушӣ» ба ҷаллодон:

— Баъд аз ин гап ҳамин,— гуфта баромада рафт ва Маҷиди каҳкашонӣ аз ин шахс миннатдорӣ карда, ба ҳамкорони худ гуфт:

— Ана ин Ҳикмати буз[68] як олам корҳо кардааст, ба ҳамин сабаб аз мулозимии қозикалон ба миршабии Бухоро расид, чӣ қадар душвор будани одамкуширо худаш хуб медонад, ин воқеаҳоро чанд бор аз сари худ гузаронидааст, бинобар ин узри моро ба калонон маъқул карда, ҳилаи шаръиашро ёфта омад.

Масъала ҳал шуда, акнун ба хизмати Ёдгор ҳеҷ эҳтиёҷ намонда буд, бинобар ин амалдор, бе он ки чи бу-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дани «хизмат»-ро маълум карда адояшро ба вай таклиф намояд:

— Хез, Дохунда! — гуфта Ёдгорро аз чояш хезонид ва ӯро ба дасти яке аз мерганон супурда, дар обхонаи дуйум — дар паҳлуи регхона бурда хабс карданашро амр фармуд.

III. ДАР ОБХОНА

Аз Регистони Бухоро то дарвозаи арк рӯ ба офтоббаро бо як тахтапул аз нишеб ба фароз мебароед; аз дарвоза то тахтгоҳи амир, ҳарамсарояш ва ҳавлии қушбегӣ, аввалан рӯ ба шимоли шарқӣ, баъд аз он ба шарқ, пас он гоҳ ба чануб нигоҳ карда, ҳамчунон аз нишеб ба фароз меравед. Нисбати ин нишебӣ ва фарозӣ ба дараҷаест, ки сатҳи замини саисхонаи (тавилаи) амир бо сатҳи боми роҳрави дарвозаи арк хамрӯй аст.

Вакте ки аз дарвозаи арк даромадед, аввал гузаргоҳатон аз даруни як долон аст, ки дарозиаш тахминан 50 қадам меояд. Ба даруни дарвоза ба дасти рост як суфаи баландиаш 2-оршинии равоқдор ҳаст, ки он чо ҳар пагоҳ дар вакти машқи сарбоз қушбегӣ ва саркардагон менишастанд; ба ҳафтоду панҷ чӯб задан маҳкумшудагон низ ба наздикии ин чо ба болои тахтапул, ба чое, ки парчаҳои гӯшти аз бадани «гунаҳгор» чудошуда ба пеши ин суфа ба назаргоҳи қушбегӣ ва дигар амалдорон парида омада тавонад, зада мешуданд ва инчунин касоне, ки ба сар буридан маҳкум шуда бошанд ҳам, дар ин чо ба ҳузури қушбегӣ дасташон пешбанд шуда пас аз «дуо» кунонданашон дар ҳаққи «чаноби олӣ аз тахтапул фуроварда шуда, ба бозори ресмони Бухоро,[69] ки агар қушбегӣ дилаш тамошо хоҳад, аз ҳамин сарсуфа, бе он, ки қад рост кунад, дида метавонад сар бурида мешуданд.

Баъд аз тамом шудани машқи сарбоз, дар ин суфа тӯпчибошии дарвозаи арк, ки сардори дарвозабонони арк ва воқеанависони пинҳонии амир аст, менишаст.

Пас аз ин суфа то охири долон боз як қатор суфачаҳои равоқдори пешгоҳашон ҳучранок ҳастанд, ки ин чо макони мерганони дарвозабон буд.

Дар ин долон ба тарафи дасти чапатон суфача ва ҳучраҳои мерганон, боз як қатор хоначаҳо ҳастанд, ки инҳоро «обхона» меноманд; ин обхонаҳо аз машҳур-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

тарин ва мустаҳкамтарини ҳабсхонаҳои Бухорои амирӣ буданд.[70] Фарохии ин обхонаҳо ҳар кадом тахминан 4 ё 5 оршини мураббаъ буда, чои даромади ҳаво ва зиёашон танҳо як даричаест, ки ба таги долони торики дарвозаи арк кушода мешавад ва ин ҳам ҳамешагӣ бо як қулфи чойдории даҳқадоқӣ баста буд. Бомҳои обхонаҳо ҳамрӯи саисхонаи подшоҳӣ буда, саргин ва чиркобҳои аспони амир ҳамеша дар ин бомҳо ғун шуда, дар ҳарчанд рӯз, ба пушти девори арк аз як сӯрохе партофта мешуданд.

Палоси ин обхона танҳо як бурьёчае буд, ки пас аз чӯб зада хуншор кардани пушти бандиён, онҳоро пушт ба замин бар рӯи ҳамин бурьёча мехобонданд ва дар дигар вақтҳо бандиён ба рӯи ҳамин бӯрьёча хобу хез мекарданд, ки ин бистари истироҳати онҳо ба шумор мерафт.

Ба даруни ҳар кадоми ин хоначаҳо ду чуқурча ҳаст, ки яке аз онҳо гулхани бандиён ва дигарашон халочои онҳо буданд. Чуқурчаҳои халочо пас аз пур шуда ба рӯи хона ва ба таги бандиён шорида рафтани чиркобҳояшон ҳафтае ё даҳ рӯзе як бор тоза карда мешуданд. Аз порухонае, ки ба боми ин хоначаҳо буд, низ ҳамеша чиркобҳо заҳида ва чакида меистоданд.

Сабаби «обхона» номидани ин ҳабсхонаҳо ин буд, ки инҳо ҳам монанди обхона — халочоҳо ҳамеша мартуб, бадбӯй ва мулаввас буданд.

Шабушҳо, канаҳо ва дигар ҳашароте, ки дар ин хоначаҳо буданд, монанди бандиёни ин чо аз бошандагони қадимии ин чо ба шумор рафта, онҳо бо бандиён ва бандиён бо онҳо хуб улфат шуда буданд.

Дар поёни ин долон, дар паҳлуи ҳавличаи тӯпчибошӣ охирини ин хоначаҳо ҳаст, ки вайро «регхона» меноманд. Сабаби регхона номидани он ин аст, ки ҳамеша дар он чо рег анбор карда мемонданд ва дар рӯзҳои лою боронгарӣ дар вақти савории амир аз он чо рег гирифта, ба таги пои аспи амир дар долон ва роҳи тахтгоҳ мерехтанд, то ки асп налағжад ва амир афтода гарданаш нашиканад.

* * *

Вақте ки дар забункушӣ бебуриш будани Ёдгор маълум шуд, вайро дар обхонае, ки ба паҳлуи ҳамин регхона буд, андохта бандӣ карданд. Ёдгор рӯзҳои сах-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ти зиндагии худро дар ҳамин обхона гузаронид; хусусан дар моҳҳои март ва апрели соли 1918 дар он ҷо зинда истодан ва ба фочиаҳое, ки дақиқа ба дақиқа рӯй медоданд, шоҳид шуда тоқат кардан кори ҳар кас набуд.

Дар он рӯзҳо обхонаҳо монанди пештара хобгоҳи абадии бандиён намешуданд, балки ҳар бандиро, ки рӯзона ба он ҷо меоварданд, шабона ба регхона гузаронида ба ғарғарааш мекашиданд; кам касе буд, ки ду рӯз ё се рӯз дар ин ҷо зинда мемонд. Аз бандиёни кӯҳна ва зиндамонда танҳо Ёдгор буд, ки нола ва зории бандиёнро бо меҳрубонӣ мешунид, ба дарду ҳасрати онҳо ҳамроҳӣ мекард ва дилаш ба ҳоли онҳо месӯхт, лекин дилсӯзӣ кардан аз дасташ намеомад; ёрӣ додан мехост, аммо роҳ намеёфт, аз ҳама бештар ана ҳамин аҳвол дард бар дард ва ғусса бар ғуссаи Ёдгор меафзуд.

Шумо тасаввур кунед: дар миёни чанд нафар нишаста бошед, ки онҳо баъд аз як соат ба қабеҳтарин сурате кушта шудан ва ба фаҷеътарин ҳолате ба ғаргара кашида шудани худро донанд, дар ҳақиқат онҳо мазлум ва забун бошанд ва шумо бо вуҷуди шоҳиди ин ҳол шуда истодан ба онҳо ёрмандие расонда натавонед, ба шумо чӣ таъсирҳо мебахшид; Ёдгор имрӯзҳо пай дар пай ана ҳамин гуна ҳолатҳоро аз сари худ мегузаронид.

Шабҳо боз фаҷеътар ва боз ҷонкоҳтар мегузаштанд. Як пос аз шаб гузашта буд, ки садои гурс-гурси пой мондани ду-се нафар ба гӯшҳо омад; бандиён монанди охувоне, ки омадани гургонро пай баранд, гӯшҳои худро сих карда истоданд; дари обхона кушода шуд:

— Ҳомидхӯҷа!

— ...

Ин садо такрор ёфт:

— Ҳомидхӯҷа мегӯям,— илова шуд:— ӯй малъун! Магар бо овоз надодан аз мурдан халос мешавӣ?!. Агар сад ҷон дошта бошед, як ҷони шумо муртадоҷ ҳам халос намешавад.

Ҳомидхӯҷа[71] ночор худро маълум кард, яке аз оярдагон, монанди шағоле, ки мурғеро даррабояд, аз гиребони Ҳомидхӯҷа гирифта берунаш кашид.

Ҳаман бандиён бо гирьяи хомӯшона ҳар чӣ зудтар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ва пештар марги худро мехостанд, то ки дигар бор шоҳиди ин гуна фочиа нашаванд.

Баъд аз панҷ дақиқа аз сӯрохе, ки бандиёни пештара аз ин обхона ба тарафи регхона кушода буданд, садои ғижир-ғижири ғарғара омад, аз паси ин овози ҷонгудози хар-хари одам шунида шуд: пас аз фурсате садои «гурсӣ» карда, аз сақфи регхона ба замин афтодани як чизи вазнин омад.

Боз овоз: ,

— Дигарашро биёред!

Баъд аз панҷ дақиқа боз дари обхона кушода шуд, мисли аввал Ҳоҷӣ Абдусатторро ҷеғ зада бурда, ба ғарғара кашиданд.

Баъд аз ин, ин ҳол ба сари Мирзо Шоҳ, Ҳоҷӣ Сироҷ*, Мирзо Аҳмад, Мирзо Раҳматулло, Азимҷон, Мирзо Файёз ва дигарон пасу дунбол омадан гирифт.[72]

Рӯз шуд, Регистонро то дару боми мадраса ва масҷидҳо тамошобинон фаро гирифтанд, якбора садои «уллос»-и ғазоталабон ба осмон баланд шуд.

— Оварданд!

Ин овоз аз даҳони ҳазорҳо нафар якбора мебаромад бо акси садои тоқ, равоқ, гунбазҳои мадраса ва масҷидҳо ғулғулае дар шаҳр афтод; Ёдгор аз сӯрохе, ки аз зери сақфи обхона ба тарафи Регистон кушода буданд, чашм андохт:

Ду нафарро дасту гардан баста меоварданд; ғазоталабон:

— Мирзо Шамс, бо писараш Маҳдӣ; инҳо бо большевикон як шуда ба ҷаноби олӣ теғ кашидаанд, инҳоро дар Регистон ба пеши чашми ибрати мардум гӯсфандвор сар буридан даркор аст.

Дар ҳақиқат инҳоро пас аз он ки як дараҷа ба арк баровардаанд, дарҳол боз фуровардаанд дар бозори ресмони Регистон, ба ҷое, ки амир аз даричаи саломхонаи худ дида меистод, сар буриданд.

Боз ғулғула такрор шуд:

— Мулло Шарифи ғурбунӣ, ин мӯйсафеди 60-сола ҳам ҷадид будааст-а?

Инро ҳам бо ду писари 14 ва 16-солааш дар Регистон сар буриданд; ин ҳол ба сари Фатҳуллохӯҷа ва дигарон такрор ёфтан гирифт.

---

* Бародари нависанда

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Аз долони роҳрави дарвозаи арк фарьёди нохушнудоие баромад:

— Подшоҳони пеш ва калонони дарбори онҳо ба касоне, ки дар ҷанг ва ғазоҳо корномаҳо нишон диҳанд, амалҳои калон медоданд ва инъомҳо мекарданд, ман хостам хизмати худамкардаро ба кушбегӣ арз кунам, ясавулбошӣ рох надод, бо ин ҳол ба кадом дилхушӣ кас корнома нишон медихад?

— Ту чӣ корнома нишон додӣ?—овози каси дигаре баромад.

— Баъд аз гурехтани Колесов[73] ва ҷадидон, гӯри Мирзо Назруллои[74] ҷадидро, ки дар инкилоби аввал ҳафтоду панҷ чӯб хӯрда кушта шуда буд ва барои вай ҷадидон дар миёнаи Коғони Кӯҳна ва Нав гӯрхона сохта буданд, вайрон карда чангхояшро аз осмон овардам.

— Не, дурӯғ мегӯяд,— дигаре гуфт,— ин корро ман бо ҳамроҳии муллоёни ғазоталаб кардам; ин одам ба мо ҳамроҳ нашуда аз барои тороҷ кардани Мирзо Мустафокул, ки аз Коғон ва Ғурбун мегурехт, рафта буд. Аз рӯи шунидаи ман, вақте ки нонбои Мазор бо миршаби он ҷо Мирзо Мустафокулро бо одамҳояш куштаанд, аз чизҳои вай хелеашро ин кас гирифтааст; боз мехохад, ки бардурӯғ худро хизматкарда нишон дода, аз давлати олӣ ҳам чизе гирад. Агар барои вайрон кардани гӯри Мирзо Назрулло аз хазина чизе барояд вай ҳаққи ман аст, ман дар ин ғазо чони худро ба ҷаббор дода кор кардам, чорбоғи Фазлиддин махдум ва Мирзо Шамсро ман оташ додам, аммо ягон пула чиз нагирифтаам.

Магар пеш аз оташ додан тала накардед? Албатта, бояд аввал хама чизро гирифта, пас аз он оташ зада бошед.

— Не, ба худо ки ягон чиз нагирифтаам, ман хостам аз чорбоғи Мирзо Шамс як чувол орд гирам, аммо муллоҳо «орди ҷадидонро хӯрдан харом аст» гуфта намонданд. Дар пеши чашмам сесад ман барин орду гандум сӯхта хокистар шуд, ки дудҳом баромад.

* * *

Ёдгор ду моҳи дароз ба ин гуна вокеаҳо шоҳид шуд, пас аз он одамкушӣ хеле сабук шуда бошад хам, фочиа бартараф нашуда буд, обхона хеҷ гоҳ аз бандиёни кушташудани холӣ намемонд. Гоҳо дар ин хоначае, ки чор касро барои нишастан намеғунчонид, 20—30 нафарро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҷой мекарданд, ҳар рӯз мирғазабон омада инҳоро мурдавор мезаданд;

— Бо ҷадидони гурезаи бухорӣ ва большевикони рус чӣ хату хабар кардед? Аз инҳо ба шумо чӣ фармоишҳо омад? Росташро гӯед! — гуфта гап мепурсиданд. Табиӣ ҳеҷ кадоми он бандиён дар ин бора лаб намекушоданд; боз мирғазабон ба шӯриш омада мезаданд, дар хамгашти пойҳошон чӯб мебастанд ва ба айнаки зонуҳошон бо санг мезаданд; вақте ки ин гуна бандиён ба мурдан наздик мерасиданд, ба регхона гузаронида корашонро ба поён мерасонданд, ё ин ки дар ҳамин обхона мегузоштанд, ки ба ҳоли худ мемурданд.

Аз тарафи подшоҳӣ барои ин бандиён лаби ноне дода намешуд, ҳатто обро ҳам бо бисьёр сарфакорӣ медоданд. Барои бандиёне, ки дар берун кас доштанд, ошу нон меомад; лекин аз ин ошу нон ҳам саҳми калонро бандибонон хӯрда, «аз гов ғадуде» ба худи бандиён медоданд, ки инҳо ин як луқмаро бо бандиёни бекас бо ҳам медиданд.

IV. ОТАШИ НИҲОНӢ

Чанд рӯз аст, ки обхона холист, Ёдгор танҳо мондааст, воқеаҳое, ки дар муддати ин якунимсола ҳаёти обхонагӣ ба пеши чашмаш воқеъ шудаанд, монанди суратҳои лентаи кино паи ҳамдигар аз назар мегузаранд. Таъсири ин воқеаҳои хаёлӣ аз фоҷиаҳои аслие, ки дида буд, даҳшатангезтаранд; зеро дар вақти рӯй додани он фоҷиаҳо Ёдгор танҳо набуд, бинобар ин онҳо монанди буданашон таъсир мекарданд. Акнун-чӣ?

Акнун дар танҳоӣ қувваи воҳима вусъат гирифта, хаёл то метавонад ба ҳар тараф медавад, ҳар кадом фоҷиаҳои гузашта садчанди аввал шуда, пайдарҳам аз пеши чашмаш мегузаранд, ҷонзоде нест, ки аз вай ба дили худ қувват гирад.

* * *

Дари обхона кушода шуд, монанди он ки бузеро аз тӯдаи кӯбкорӣ бароварда ба гӯшае андозанд, шахсеро ба даруни обхона ҳаво доданд; ҳақиқатан ҳам бадани ин шахс монанди бузи дар кӯбкорӣ тохташуда пора-пора ва хуншор шуда буд. Танҳо фарқ дар ин ҷо буд, ки ин шахс асари ҳаёт нишон дода монанди мӯи ба оташ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

афтода ба худ мепечид. Баъд аз соате ин шахс чашм кушода, ба атроф назар андохт ва Ёдгорро дида боз чашми худро пӯшид.

Ёдгор барои дилчӯй, ҳам барои сабук кардани дарди танҳоии худ, ба сари ин шахс рафта:

— Ака, ака,— гуфта монанди оне, ки хобидаеро бо нармӣ бедор кунад, он шахсро аз хоб ё мадҳушӣ бедор ё ҳушьёр карданӣ шуд.

— Чӣ мегӯй? — гуфт он шахс.

— Ҳеч чиз не, аҳволат чӣ тавр аст?—гуфт Ёдгор.

— Шукр.

— Барои чӣ бандӣ шудӣ?

— Барои мурдан.

— Сабаби бандӣ шуданат чист мегӯям?

— Худи ту кистӣ ва сабаби бандӣ шудани худат чист?

Ёдгор нақл кардани саргузашти худро сар кард, то вақте ки Ёдгор саргузашти худро ба поён расонид, бандии нав ҳам ба қувват омада, ба чои худ нишаста буд. Шунидани саргузашти Ёдгор ба ин шахс таъсири ачибе бахшид, ба чашмонаш нур пайдо шуд; чашме, ки як соат пеш аз ин монанди чашми мурдагон хира менамуд, холо монанди ситораи саҳарӣ дар он хонаи торик медурахшид.

Бандии нав, баъд аз он ки кадре чашми худро ба чашми Ёдгор дӯхта истод, гуфт:

— Ман мемирам, яъне маро мекушанд, аммо ту халос мешавӣ; на танҳо ту, балки ҳамаи онҳое, ки агарчи дар хонаи худ хастанд, дар ҳақиқат бандианд, озод хоҳанд шуд. Бинобар ин ман, аз кушта шудани худ хеч ғамгин нестам...

Дар ҳамин вақт садои пое омад ва дари обхона кушода шуда, касе сари худро дарун кард:

— Абдуллохӯча!— гуфта чеғ зад.

— Чӣ хизмат?— бандии нав, ки ӯро оянда бо номи Абдуллохӯча чеғ зад, ин чавобро чунон хотирчамъона дод, ки гӯё ӯро аз хонаи худаш яке аз дӯстонаш чеғ зада бошад.

— Биё!—оянда гуфт.

— Чаро? Ҳар кор карданӣ бошӣ, ҳамин чо кардан гир!

— Биё гуфтам, падарлаънат!

Абдуллохӯча хест ва аз дунболи оянда рафт, дари обхона ҳам баста шуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

чой мекарданд, ҳар рӯз мирғазабон омада инҳоро мурдавор мезаданд;

— Бо чадидони гурезаи бухорӣ ва большевикони рус чӣ хату хабар кардед? Аз инҳо ба шумо чӣ фармоишҳо омад? Росташро гӯед! — гуфта гап мепурсиданд. Табиӣ ҳеч кадоми он бандиён дар ин бора лаб намекушоданд; боз мирғазабон ба шӯриш омада мезаданд, дар хамгашти пойҳошон чӯб мебастанд ва ба айнаки зонуҳошон бо санг мезаданд; вақте ки ин гуна бандиён ба мурдан наздик мерасиданд, ба регхона гузаронида корашонро ба поён мерасонданд, ё ин ки дар ҳамин обхона мегузоштанд, ки ба ҳоли худ мемурданд.

Аз тарафи подшоҳӣ барои ин бандиён лаби ноне дода намешуд, ҳатто обро ҳам бо бисьёр сарфакорӣ медоданд. Барои бандиёне, ки дар берун кас доштанд, ошу нон меомад; лекин аз ин ошу нон ҳам саҳми калонро бандибонон хӯрда, «аз гов ғадуде» ба худи бандиён медоданд, ки инҳо ин як луқмаро бо бандиёни бекас бо ҳам медиданд.

IV. ОТАШИ НИҲОНӢ

Чанд рӯз аст, ки обхона холист, Ёдгор танҳо мондааст, воқеаҳое, ки дар муддати ин якунимсола ҳаёти обхонагӣ ба пеши чашмаш воқеъ шудаанд, монанди суратҳои лентаи кино паи ҳамдигар аз назар мегузаранд. Таъсири ин воқеаҳои хаёлӣ аз фочиаҳои аслие, ки дида буд, даҳшатангезтаранд; зеро дар вақти рӯй додани он фочиаҳо Ёдгор танҳо набуд, бинобар ин онҳо монанди буданашон таъсир мекарданд. Акнун-чӣ?

Акнун дар танҳоӣ қувваи воҳима вусъат гирифта, хаёл то метавонад ба ҳар тараф медавад, ҳар кадом фочиаҳои гузашта садчанди аввал шуда, пайдарҳам аз пеши чашмаш мегузаранд, чонзоде нест, ки аз вай ба дили худ қувват гирад.

* * *

Дари обхона кушода шуд, монанди он ки бузеро аз тӯдаи кӯбкорӣ бароварда ба гӯшае андозанд, шахсеро ба даруни обхона ҳаво доданд; ҳақиқатан ҳам бадани ин шахс монанди бузи дар кӯбкорӣ тохташуда пора-пора ва хуншор шуда буд. Танҳо фарқ дар ин чо буд, ки ин шахс асари ҳаёт нишон дода монанди мӯи ба оташ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

афтода ба худ мепечид. Баъд аз соате ин шахс чашм кушода, ба атроф назар андохт ва Ёдгорро дида боз чашми худро пӯшид.

Ёдгор барои дилчӯй, ҳам барои сабук кардани дарди танҳоии худ, ба сари ин шахс рафта:

— Ака, ака,— гуфта монанди оне, ки хобидаеро бо нармӣ бедор кунад, он шахсро аз хоб ё мадҳушӣ бедор ё хушьёр карданӣ шуд.

— Чӣ мегӯй? — гуфт он шахс.

— Ҳеҷ чиз не, аҳволат чӣ тавр аст?—гуфт Ёдгор.

— Шукр.

— Барои чӣ бандӣ шудӣ?

— Барои мурдан.

— Сабаби бандӣ шуданат чист мегӯям?

— Худи ту кистӣ ва сабаби бандӣ шудани худат чист?

Ёдгор нақл кардани саргузашти худро сар кард, то вакте ки Ёдгор саргузашти худро ба поён расонид, бандии нав ҳам ба қувват омада, ба чои худ нишаста буд. Шунидани саргузашти Ёдгор ба ин шахс таъсири ачибе бахшид, ба чашмонаш нур пайдо шуд; чашме, ки як соат пеш аз ин монанди чашми мурдагон хира менамуд, холо монанди ситораи саҳарӣ дар он хонаи торик медурахшид.

Бандии нав, баъд аз он ки кадре чашми худро ба чашми Ёдгор дӯхта истод, гуфт:

— Ман мемирам, яъне маро мекушанд, аммо ту халос мешавӣ; на танҳо ту, балки ҳамаи онҳое, ки агарчи дар хонаи худ ҳастанд, дар ҳақиқат бандианд, озод хоҳанд шуд. Бинобар ин ман, аз кушта шудани худ ҳеҷ ғамгин нестам...

Дар ҳамин вакт садои пое омад ва дари обхона кушода шуда, касе сари худро дарун кард:

— Абдуллохӯҷа!— гуфта чеғ зад.

— Чӣ хизмат?— бандии нав, ки ӯро оянда бо номи Абдуллохӯҷа чеғ зад, ин чавобро чунон хотирчамъона дод, ки гӯё ӯро аз хонаи худаш яке аз дӯстонаш чеғ зада бошад.

— Биё!—оянда гуфт.

— Чаро? Ҳар кор карданӣ бошӣ, ҳамин чо кардан гир!

— Биё гуфтам, падарлаънат!

Абдуллохӯҷа хест ва аз дунболи оянда рафт, дари обхона ҳам баста шуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Баъд аз соате дубора дари обхона кушода шуд, боз касеро монанди буз ҳаво доданд ва дарро баста рафтанд.

Ин Абдуллохӯча буд, лекин ин дафъа монанди аввала бемадор наменамуд, баъд аз 5 дақиқа ба замин хобидан сар бардошта чорзону нишаст:

— Дохунда!—гуфта гап сар кард,— ба «дохунда» гуфтанам қаҳрат наояд, ин як одат шудааст, ки ҳамаи бухориён ҳар кадоми пойбараҳнагони кӯҳистониро «дохунда» мегӯянд, мақсади ман аз «дохунда» гуфтан туро ҳақорат кардан не, балки ман инро ба ту фаҳмондан мехоҳам, ки ба ин наздикӣ, рӯзи фирӯзи дохундагон — пойбараҳнагон ва фақирон мерасад. Ин номҳо барин номҳое, ки далолат ба бечизӣ ва фақирии кас карда, то ҳол сабаби ҳақорат мешуданд, сабаби иззат хоҳанд шуд.

Ёдгор ин бархоста ба чой нишастани Абдуллохӯчаро хонаравшанкунии пеш аз марг ва суханҳояшро сафсатаҳои чонканӣ мепиндошт, бинобар ин ба гапҳои вай «ҳоҳо» гуфта он қадар аҳамият намедод; Абдуллохӯча ба ин фикри Ёдгор пай бурд ва чиддитар карда гуфт:

— Дохунда! Ман гумон мекунам, ки ту маънии суханҳои маро нафаҳмида истодай, бинобар ин мехоҳам ба ту дурусттар гап занам, чунончи, пеш аз он ки маро аз ин чо мебурданд, ба ту гуфта будам, ки маро ба зудӣ хоҳанд кушт. Ман мехоҳам пеш аз кушта шуданам аз воқеаҳое, ки дар ин наздикиҳо шуданист, туро хабардор карда монам, то ки ҳар чизро фаҳмида дониста пешвоз кунӣ. Аввалаш инро дониста мон, ки саргузаштҳои аз сари ту гузашта танҳо ба сари ту наёмадаанд, бештарини фуқарои музофоти Бухоро, хусусан фақирони кӯҳистонӣ, саргузашти ту барин воқеаҳоро ҳаррӯза аз сар гузаронида истодаанд. Он одамҳое, ки ту дидӣ ва ба пеши чашми худат бо он ваҳшоният кушта шуданд, касоне буданд, ки ба ҳамин саргузаштҳои шумо изҳори норизоӣ карда, ислоҳ ёфтани ҳукумати амирро орзу мекарданд. Амир ба муносибати воқеаи Колесов инҳоро ба даст дароварда, ҳар чӣ метавонист дар ҳаққашон кард ва пиндошт, ки «акнун ба сари ҳамаи норозиён об рехтам, баъд аз ин осуда ҳукмронӣ ва комронӣ хоҳам кард». Лекин ин ҳисоби амир саҳв буд, оташи норизой, ки амир хомӯш кардан мехост, ба зери коҳхонаҳо чой гирифта пинҳон шуда буд. Ин оташи ниҳонӣ дақиқа ба дақиқа дар зиёд шуданаст ва зуд аст, ки якбора даргирифта боло гирад,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

тахту точи амирро бо ёридихандагонаш сўхта хокистар кунад.

Абдуллохўча сухани худро ба ин чо расонида, монанди касоне, ки дар поёни мастй хобашон даррабояд, ба хаёл фурў рафт. Ёдгор барои фахмидани ин ки Абдуллохўча ханўз сафсатахои чонканй мегўяд, ё суханонаш асле доранд, пурсид:

— Як сол зиёд аст, ки ман мебинам амир дар ин чо одам мекушад, назар ба кавли бандиёне, ки ман дидам, дар дигар вилоятхои каламрави амир хам, бозори одамкушй гарм аст; магар боз норозие зинда мондааст, ки ба мукобили амир сар бардорад ва коре карда тавонад?

Абдуллохўча чашми ба хаёл рафтаи худро боз карда, ба тарафи Ёдгор як тех кашида нигох кард; бо ин нигохи худ гўё ўро месанчид, ки ба фахмидани суханонаш тайёр аст ё не? Дид, ки Ёдгор монанди пештара ба тарафи худаш сарсарй намебинад, балки диккат мекунад, ки аз гуфтахояш чизе дарьёбад. Бинобар ин хамаи хавоси парокандашудаи худро ба як чо чамъ намуда, хамаи рўзхои ояндаи дар тасаввураш бударо пеши назараш оварда, гуфт:

Дуруст, агар дуньё дуньёи пештара ва Бухоро хам Бухорои кўхна мебуд, эхтимол амир хам бо ин кушокушихо чои ба саломат мебурд; лекин холо дуньё чаппаву поскона шудааст... Оё ту шунида бошй, ки дар Россия инкилоб[78] шуд ва подшох Николайро, ки хомй ва ёридихандаи амир буд, бекор карданд.

Хо, се сол аз ин пеш ин вокеаро дар зиндон шунида будам, бандихо: «амир хам хуррият медодааст, мо хам озод мешавем» гуфта хурсандй мекарданд. Дере нагузашт, ки банди мо аз аввал сахттар шуд...

— Акнун, ки он вокеаро шунида бошй, суханони маро дурусттар гўш кун: кори Россия бо бекор кардани Николай тамом нашуд, коргарони фабрика ва заводхои Россия дехконони мехнаткаш ва саллотонро (солдатонро) сарчамъ намуда шўриш карда буданд, ки бо кувваи онхо Николай бекор шуда буд, дар зери рохбарии фиркаи коммунистй, ки ўро фирқаи большевик хам меноманд, ба бекор шудани Николай каноат накарда, кори инкилобии худро боз пештар бурданд; дар натича дар 25 мохи октябри соли 1917, яъне пас аз хашт мохи бекор шудани Николай бозмондагони ўро хам аз миён бардоштанд; боён, заминдорони калон, сохибони фабрика ва заводро, ки пас аз даври Николай ба болои хукумат

E-mail: ziyozoda@gmail.com

нишаста боз кори ӯро давом кунонда истода буданд, пеш карда ҳукуматро ба дасти худ гирифтанд; на танҳо ҳукуматро, балки фабрика, завод, банк ва ҳамаи дороии мамлакатро ҳам ба дасти худ гирифта, давлатмандонро монанди гурги бедандон, ё мурғи бечангол карда монданд, ки ин воқеаро Инқилоби Октябрь меноманд. Акнун дар Россия қуввате намонд, ки амир ба онҳо такья карда тоҷу тахти худро нигоҳдорӣ кунад. Дуруст аст, ки ҳанӯз дар Россия боқимондагони даври кӯҳна ҳастанд, аммо онҳо ба ҳолате нестанд, ки рӯйрост ба амир ёрӣ дода тавонанд.

— Яъне ту гуфтан мехоҳӣ, ки акнун ҷадидон сар бардоранд, ба муқобили амир коре карда метавонанд...

Абдуллохӯҷа қадре шӯрида гуфт:

— Ҷадидҳо?.. Ҷадидҳо ҳеҷ кор карда натавонистанд ва пас аз ин ҳам ҳеҷ кор карда наметавонанд, дар асл ҳам онҳо ягон кори дуруст карданӣ набуданд, «давидани гӯсола то каҳдон» гуфтаанд; ниҳояти матлаби инҳо «ислоҳи мактаб», «ислоҳи мадраса» ва «ислоҳи ҳукумати амир» буд. Худ аз худ маълум мешавад, ки ислоҳи як чиз нест кардани он чиз не, балки дурусттар карда пойдор намудани он чиз аст. Дуруст аст, ки ҷадидҳо ба сабаби ин талабҳои хурди худ аз амир хеле зулм диданд, хеле кушта шуданд; дар натиҷаи ин ҳол, ба шахси амир ва ба чанд нафар калони дарбори амир душман ҳам шуданд; бо ин ҳама гуфта намешавад, ки онҳо ба амирӣ (аморат) муқобиланд.

— Соли гузашта гуфтанд, ки ҷадидон бо большевикон як шуда ба амир теғ кашидаанд; магар ин дурӯғ буд?—гуфта Ёдгор пурсид.

— Рост аст!—гуфт Абдуллохӯҷа.—Рост аст, ки ҷадидон бо Колесов як шуда ва бо ёрмандии ӯ ба амир ҳуҷум карданӣ шуданд, лекин дар ин кор якдила набуданд, онҳо хаёл мекарданд, ки бо як дӯғи сипоҳигарӣ амир метарсад, касонеро, ки ба ҷадидон мухолиф ҳастанд, аз дарбораш меронад, худаш ба зери таъсири ҷадидон медарояд; ҷадидон ҳам ба ин восита ҳокимиятро ба дасти худ гирифта шаъну шавкати амириро ниҳоят бо андак ислоҳот — бо ислоҳоте, ки каме пеш аз ин гуфта шуд, давом мекунонанд. Ин нияти ҷадидон аз китобчае, ки дар вай мақсад ва матлаби худашонро навиштаанд, равшан маълум мешавад. Сабабаш ҳамин буд, ки дар рӯзҳои воқеаи Колесов бо бекор шудани як қушбегӣ (Мирзои урганчӣ) бо қушбегӣ шудани каси дигаре

E-mail: ziyozoda@gmail.com

(Усмонбек) ҷадидон ба хусули муддаои худ умедвор шуда шодихо мекарданд. Вакте ки амир аз ин «тап-тапи заѓома» натарсида корро ба ҷанг анҷомонид, боз хам ҷадидон аз дудилагй набаромаданд; яке мегуфт: тири тўп ба шахр нағалтад, барои тарсонда ба худ ром кардани амир хамин овози тўп басанда аст; дигаре хозир мешуд, ки худ рафта бо амир гуфтугузор карда, корро бо сулх тамом кунад. Аз таги дил набудани он хучум аз ин чо хам маълум мешавад, ки ҷадидон, пеш аз хучум, ба ахолй ташвикот карданро хам лозим надонистанд; хатто ба худи ҷадидхои дар даруни шахр будагй ва хайрхохони онхо хам ахволро нафахмонданд, ки онхо ба вокеаи Колесов монанди як вокеаи ногахонй бархўрда, чи кор кардани худро надониста, ба дасти амир ва ҷаллодонаш гирифтор гардиданд. Лекин ахвол хамин тарз шуда истода, Колесовро, ки пеш аз хучум ташвикот бурданро лозим медонист: «сй хазор нафар инкилобчии мусаллахи дар даруни Бухоро тайёр дорем» гуфта фиреб доданд.

Ман баъзе бандихоро дидам, ки худхошонро «мо ҷавонон» ва «ҷавонбухориён» гуфта гап мезаданд; инхо кихоанд?

— Инхо хамон ҷадидон хастанд, ки худашон худро «ҷавонбухорй» хам меноманд. Сабаби ин дар он аст, ки дар миёни ҷадидони Бухоро таъсири турк ва тоторхо бисьёр аст. Туркони усмонй ҷадидони худро «жунтурк» меноманд, ки маънии ин «ҷавонтурк» гуфтан аст. Тоторхо бошанд, ҷадидони худро «ёшлар» гуфта гап мезаданд, маънии ин хам «ҷавонон» аст. Ҷадидони Бухоро хам ба онхо таклид карда, худашонро «ҷавонбухорй», «ҷавонон» хам мегўянд.

— Хуб, акнун ки ҷадидон ва ё бо номи дигарашон бигўем ҷавонбухориён ба ин хол ва ба ин нияг бошанд, харакатхои дар мукобили амир шуданиро кй рохбари ва сардорй мекунад?

Ман дар аввали сухани худ гуфта будам, ки инкилоби Россияро мехнаткашони Россия дар зери рохбарии фиркаи коммунистй пеш бурданд ва ба охир расониданд, баъд аз вокеаи Колесов як кисми гурезагони бухорй хам дар Тошканд ва Самарканд ба фиркаи коммунисти даромаданд, большевик шуданд, инхо бо номи Комитаи Марказии коммунистони Бухоро дар Тошканд як ташкилот барпо карданд, дар Самарканд, Когон ва Чорчўй барин чохо шўъбахои худро кушоданд; дар да-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

руни шаҳр ҳам тӯдаҳои пинҳонии коммунистон пайдо шуд.

Қомитаи Марказии коммунистони Бухоро дар зери роҳбарии фирқаи коммунистии Россия ҳаракатҳои инқилобии дар муқобили амирро роҳбарӣ мекунад: ҳама норизоён, хусусан меҳнаткашонро ба як ҷо ҷамъ карда, ба муқобили амир бармехезонад. Акнун ки мисли фирқаи коммунистӣ як фирқаи оҳанине, ки дар Россия Инқилоби Октябрьро ба майдон овардааст, ба инқилоби Бухоро роҳбарӣ мекунад, аз дудилагии ҷадидон ҳеҷ тарс ва бим нест; мо умедворем, ки ин дафъа ба ҳаракати худ музаффар шуда, амир ва амириро аз миён бардорем; на танҳо амир ва амириро, балки он аҳвол ва тарзи зиндагониро ҳам, ки амир ва амириро ба майдон овардааст, нест кунем...

Ҳоло Абдуллохӯҷа[76] ба назари Ёдгор як шахси сафсатагӯи ҷонкандаистода наменамуд; балки як нарраше-ре менамуд, ки бо вуҷуди афтоданаш ба қафаси оҳанин ва маҷрӯҳ будани сару танаш, аз ҳар буни мӯяш оташи шуҷоат шӯълаварӣ мекард. Ёдгор ба гирифтории ин нарраширі гапдон афсӯс мехӯрд, «бо ин фаҳму дониш чаро ба Самарқанд ё Тошканд нагурехта, ба дасти амир гирифтор шудааст»—гуфта тааҷҷуб мекард:

— Пас чаро худат ба тарафи Самарқанд ё Тошканд нагурехтӣ ва чӣ шуд, ки ба дом афтодӣ?—гуфта Ёдгор аз Абдуллохӯҷа пурсид.

— Ман коммунист шудам, ба Тошканд рафта, бо Қомитаи Марказии коммунистони Бухоро бевосита алоқа бастам, барои кор кардан бозгашта ба Бухоро омадам, дар даруни шаҳр хеле кор кардам. Ташвиқот намудам, ячейкаҳо кушодам; оқибат сиррам кушода шуда, ба даст афтодам; акнун мехоҳанд ҳамаи сирҳоро аз ман фаҳманд. Сабаб ин аст, ки имрӯз маро ду бор бо тарзҳои гуногун қин карда гап пурсиданд, аммо аз ман чизе шунида натавонистанд, ин ҳол боз як ду рӯзи дигар давом хоҳад кард; дар ин миён ё ман дар таги қин хоҳам мурд, ё аз гап гирифтан ноумед шуда маро хоҳанд кушт. Ба ҳар ҳол умри ман ба поён расида ва рӯзи ман башумур мондааст. Аммо ту ҳушьёр бош! Ва тарзе кун, ки то он рӯз—то он рӯзи фирӯз худро саломат расонӣ, «мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» ва ба коркунони инқилобӣ ҳамроҳ шуда кор кун! Агар ба он рӯз саломат расидӣ, албатта, ба фирқаи коммунистӣ даро! То ки дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

зери рохбарии он фирка дар рохи инқилоб корҳои намоён куни...

- Ман мемурам, з и н д а б о д и н қ и л о б!— гўён Абдуллохўча суҳани худро тамом кард. Аммо аз озурдагии бадани худ, ки гўштҳояш дар зери кини амирӣ порча-порча чудо шуда буд, аз чои худ чунбида наметавонист, бо андак чунбиш либосаш, ки бар бадани хуншоришудааш часпида хушкида буд, канданӣ шуда озор бар озораш мсафзуд. Ҳар чи бошад, бо ёрмандии Ёдгор ба рўи бўрьёча рўйнокӣ дароз кашид. Аммо ба чои хуррухури хоб иолаҳои хазинона мекашид. Гоҳо монанди касе, ки дар хобаш сиёҳӣ пахш карда бошад, суханони пой дар хаво гуфта фарьёд мекард. Ин сафсатаи табиӣ сўзандае буд, ки шабона аз дарачаи миёна хеле боло рафта буд.

* * *

Абдуллохўча дар тахмини худ хато накарда буд; фардои он рўз боз ўро бурданд, дигар баргашта наёмад, лекин баъд аз ду рўз, ки ўро бурда буданд, аз сўрохии тарафи регхона аввал садои «з и н д а б о д и н қ и л о б»!, пас аз он ғижир-ғижири ғарғара, баъд аз он хир-хири одами гулўгирифта, нихоят садои дахшатноки гурсӣ карда ба замин афтодани як чизи вазнин шунида шуд.

Ин рўзи охирини Абдуллохўча буд.

V. ҲАШАМАТ ВА ТАЙЕРӢ

Моҳи августи соли 1920 чўши хурўши дарбори амир зиёд шуда буд. Ёдгор, ки ба даруни обхонаи тангу торик ғайр аз танҳо нишастан кори дигаре надошт, бештарини вақташро бо нигоҳ кардан аз сўрох ба тарафи Регистон мегузаронид. Як аввали пагоҳӣ, ки ҳанўз офтоб набаромада буд, гурўҳе аз мардум, ки тахминан дусад нафар буданд, чор-чор саф кашида, пиёда аз тарафи бозори собуни Регистон—аз ғарбии масчиди Поянда намоён шуданд. Аз дунболи ин қатор як шахси аспсавор, ки ба тан чомаи зардўзии гулдўзӣ, ба сар кулохи зардўзӣ ва дастори калон дошт, намоён гардид; лабҳои ин савор ғафс, биниаш ситабри пахн, рўяш сафеди пургўшти фарбеҳ ва чашмонаш танг буд; тангии чашмони ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com

одам модарзод набуда, балки сергўштии рўяш чашмашро тангтар карда нишон медод; бурутҳои ин шахс гурбагӣ ва ришаш каму кўтоҳ буда, ин ришу бурут бо он ҷомаву дастор он қадар шинам наафтода буданд; хусусан намуди зери манаҳи пургўшти овезон аз таги риши кам ва кўтоҳ он қадар зебо наменамуд.

Аспи савории ин шахс сиёҳмушкини калон буда, бо як даврии махмали заминдўзӣ, зинпўши гулдўзӣ, лаҷоми заррини 16-зулфа, пешбанд ва пасбанди ёқуткорӣ ва қўтоси заррини калобатунӣ зинат дода шуда буд; дар ҷилави ин савор ду пиёда медавид, ки қиёфати инҳо ба мардуми Бухоро хеҷ монандӣ надошт; дар пои инҳо кафш—пайсори зардўзии афғонӣ, ба танашон ҷомаи адраси кўтоҳи танг, ба сарашон телпаки савсори нўгдор буд, ки нўги он аз сар тахминан ним олчин баланд буда, ба тарафи пушташон хам хўрда меистод; миёни инҳо аз рўй бо як камарбанди шол, ки вайро гилембофони Қаркӣ махсусан барои ҳаминҳо бофта буданд, баста буд; бари ин камарбанд тахминан як вақаб буда, ба ду канори пешаш зангўлаҳои ғўзагӣ овехта буданд. Зонуҳои инҳо бо як зонубанди тасмагӣ баста буд, ки ба ин тасмаҳо ҳам зангўлаҳои ғўзагиро қатор карда дўхта буданд, дар вақте ки инҳо дар рикоби ин савор пой мепартофтанд, ин зангўлаҳо чунон садое медоданд, ки шунаванда гумон мекард қатори шутуре меояд.

Аз дунболи ин гурўҳ боз як гурўҳ мардуми дигар пайдо шуданд, ки тахминан сад нафар буданд; аз паси инҳо ҳам як савори боҳашамат меомад, ин савор дар зинати асп ва сару либос аз савори аввал камтар фарқ дошта бошад ҳам, аз ҷиҳати сохти бадан хеле дигаргуниҳо дошт: сиёҳчурдагӣ, камгўштӣ, бузришӣ ин одамро аз савори аввалӣ фарқ мекунонид, боз як фарқи дигари ин одам аз савори аввалӣ ин буд, ки дар ҷилави худ пиёдаҳои зангўладори савсор ва пайсорпўш надошт, балки ба ҷои инҳо чор нафар пеш-пеши қатори мардум ва чор нафар дар ҷилави асп мерафтанд, ки дар зери бағали инҳо дарра ном як асбоби чармини дастадор буд; дарозии ин асбоб тахминан як газ буда, чор-панҷ қабат чарми сахти ғафси пуштанворро болои ҳам монда бахья зада дўхта буданд; дастаи ин асбоб тахминан як вақаб буда аз чўби заранг харротӣ карда сохта буданд.

Вақте ки ин ду савор пасу дунболи ҳамдигар бо гурўҳи худ омада ба дами тахтапули арк аз аспҳошон фуромаданд, аз роҳрави дарвозаи арк овозе баромад:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Дав, ба мири кушбегӣ, «Эшони козикалон ва Эшони раискалон омаданд» гуфта хабар деҳ!

Ба мучарради баромадани ин овоз як шахс дартоз боло баромада рафт.

Пас аз инҳо боз одамҳои босавлати гуногун пайдо шуданд: баъзе аз инҳо кулӯча ва шалвори зардӯзипӯш буда, ба пояшон мӯзаҳои американӣ, ба сарашон телпакҳои савсор, ба сари кифташон погонҳои калобатунӣ ва ба сари синаашон медалҳои амирӣ ва императорӣ доштанд. Баъзеи дигарашон бо чомаҳои кундал ё кимхоб буда, ба сарашон дастор ва кулоҳи зардӯзӣ ва ба пояшон мӯза пӯшида буданд. Қисми дигар айнан бо ҳамин либос буда, ба пояшон ба чои мӯза кафшу масҳӣ буд. Лекин зинати асп—даврӣ, зинпӯш, лачоми зулфдор, пешбанд, гарданбанд ва кӯтоси аспҳошон аз якдигар камтар фарқ дошт.

Баъд аз инҳо боз чанд нафар пайдо шуданд, ки дасторҳошон калони вайрона буд, аспҳошон давридор бошад ҳам, аз рӯи он як чойнамози маллагӣ андохта будланд. Ба чилави хар кадоми инҳо ду пиёда медавид, ки кариб буд инҳо аз печидани чомаҳои дарозашон ба пои худашон афтанд, дастори ин пиёдагон дар вайронагӣ аз дастори соҳиби худҳошон, бефарқ бошад ҳам, аз онҳо андак хурдтар буд:

Пас аз ин боз як чамоаи дигар пайдо шуданд, ки чомаҳошон шоҳиҳои каршигӣ, хисорӣ ва казокчонӣ, дасторҳошон шалгами буда, аз дасторҳои аввалинҳо андак хурдтар, аспҳошон аз чиҳати зинат содда, лекин фарбеҳ ва хушсохттар буданд.

Сансҳои хар кадоми инҳо баъд аз фуромаданашон, аспҳошонро савор шуда ба пеши мадрасаи Дорушшифо пушт ба девор катор шуда меистоданд, ки дар охири кор ин катор то болои хавз расида буд.

Баъд аз ин даста-даста сарбозҳои савора пайдо шудан гирифтанд; хар дастае, ки ба Регистон меомад, кадре машк карда накораи саломӣ мезад, аз болои арк яке аз он одамҳои кулӯча ва чалвори зардӯзипӯши телпаки савсордор, ки пагоҳӣ ба арк баромада буданд, фуромада ба пеши ин даста даромада аз Регистон баромада мерафт. Дар катори дастаҳои сарбозҳои савора якчанд дастаи нафаронашон аз 15 то 17-сола буданд, ки назари диккати бинандагонро ба худ чалб мекарданд. Либоси инҳо аз порчаҳое ва ба тарзе дӯхта шуда буданд, ки

E-mail: ziyozoda@gmail.com

аз сарбоз зиёдтар ба духтарони бозигари саҳнаҳои тамошои мамлакатҳои буржуазӣ монандӣ доштанд.

Пас аз сарбозони савора сарбозҳои пиёда ва тӯпхона ҳам ба ҳамин тартиб машқ карда, саломӣ зада бо саркардагони худ баромада рафтанд.

Баъд аз инҳо якчанд даста навкарон пайдо шуданд, ки инҳо дар зери саллаву ҷомаи муқаррарӣ буданд, лекин бари ҷома ва домани куртаҳошонро ба даруни шалвори васеи мешигии кӯбкоритозии худ андохта, хеле чаққон шуда буданд. Яроқи инҳо гуногун буда, баъзе милтиқи фарангӣ, баъзе дигар милтиқи болопури сунбагӣ, баъзеҳошон милтиқи шохдори қадимӣ доштанд. Лекин дар миёни ҳар кадоми инҳо шоф ё шамшере овезон буд, ки дар вақти ба Регистон омаданашон ин шоф ва шамшерҳоро аз ғилоф кашида гӯё касеро мезада бошанд, ба ҳар тараф ҳавола мекарданд. Ба ҳар кадоми ин дастаҳо яке аз одамони ҷомаи зарбофтпӯши салладор аз арк фуромада сардорӣ карда, аз Регистон гирифта баромада мерафт.

Баъд аз инҳо тахминан панҷсад нафар одамони савори синнашон гуногуни (аз 16-сола то 70 солаи) саллаву ҷомадор пайдо шуданд, ки ба дасти ҳар кадоми инҳо як милтиқи дунболпури фарангӣ буд, вақте ки инҳо ба Регистон омада дар рӯ ба рӯи арк саф баста истоданд, боз аз боло як нафар ҷавони тахминан 25—27-сола, ки ба тан ҷомаи кундал ва ба сар кулоҳи зардӯзӣ ва дасторчаи мисқолӣ дошт, фуромада ба асп савор шуда пеш даромад. Дар ду паҳлуи ин ҷавон, лекин як қадам пасттар аз он чор-панҷ нафар одамони миёнсол савор буданд, ки ба ҳар нигоҳи вай ба тарафи гардани аспи худ хам шуда ба ин ҷавон таъзим мекарданд, ба ҳадде ки сари синаашон ба қоши зин мерасид; аз қиёфати нафарони ин даста маълум мешуд ки инҳо савдогарони Бухороанд, ки ин ҷавон ҳам аз савдогарон буда ба инҳо сардорӣ мекунад.

Пас аз баромада рафтани ин даста гурӯҳи дигари бисьёр калоне пайдо шуд, ки нафарони ин гурӯҳ аз болои ҳавз то дари арк ҳама ҷои Регистонро пур карданд; инҳо рангканда, хирачашми ҷингилариш ва лоғарбадан буда ҷомаҳошон аз дарозӣ заминро мерӯфт ва саллаҳошон аз вайронӣ ба гарданашон монанди калоба фуромада буд. Миёни инҳо бо рӯймоле аз рӯй бастагӣ буда дар дасти ҳар кадомашон як милтиқи дунболпури фарангии ёздаҳтира буд. Ба пойҳои худ кафшҳои сарипоӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

(бемасхй) доштанд, ки эзорпочахошон ба рӯи кафшхошон мефуромад.

Як шахси ришкалоне, ки миёнашро аз рӯи чоман кимхоб бо фӯтаи сафеде баста ва дар он фӯта шамшереро овехта буд, аз болои арк фуромада ба пеши ин дастаи чомадарози саллакалоба истода, дастхоро бардошта дуое хонда даст бар рӯй кашид.

Баъд аз он аз болои арк одамони қушбегй чувол-чувол масхихоро фуроварда, ба хар кадоми ин пойбарахнагон якдонаги дода, аз пеши тахтапул аз назари қушбеги гузарониданд; вакте ки маросими масхидихй ба поён расид, марди шамшердори кимхобпӯш:

— Мо муллоён дар роҳи саломатии зоти олй ва нигахдории шариат чони худро фидо мекунем. Умедворем, ки ба юмни давлати оли номи чадид ва большевикро аз дунъё нест кунем,— гуфт ва ба аспе, ки аз рӯи давриаш чойнамоз пушонда шуда буд, савор шуда пеш-пеши ин даста даромада аз Регистон баромада рафт.

Яке аз одамони қушбегй:

— Домулло Қутбиддин аз хамаи саркардагони чаноби оли баҳодуртаранд, иншооллох ба Бухоро хеч офат нест, — гуфта монд.

Пас аз рафтани инхо козикалон ва раис аз арк фуромада, бо тартиб ва хашамате, ки дар вакти омадан доштанд, кози ба тарафи хавлии худ раҳсипор гардид ва раис барои эхтисоб ба сӯн хонакохи болои хавз рафт.

Баъд аз он ки раис ба саҳни хонакоҳ рафта нишаст, одамони яроки чарминдораш ба бозори Регистон омада ду нафар дехконро аз самоворхона гирифтанд ва як харбузафурушеро хам, ки яке аз харбузахояш хом баромад, дастгир карда хамаи харбузахояшро кафонда партофта, хар сеи инхоро ба саҳни масчид ба пеши раис бурданд. Раис аз дехконон «Фарзи айн»[77] пурсид, надонистанд, фармуд, ки пушташонро бараҳна карда одамонаш бо он асбоби чарминн дастадор (дарра) 39-тагй заданд. Пас аз он харбузафурӯшро барахна карда ӯро низ 39 дарра заданд; пас аз он аз инхо ба хакки «чаноби олй» дуо гирифта сар доданд.

VI. МАШКИ ЧАНГ

Берун чй кадар дар чӯшу хурӯш бошад хам, акнун ягон бандие хам нест, ки Ёдгор бо вай гуфтугузор кунад; ночор пас аз монда шудани аз дидбонии дахани сӯ-

рох, ба бистари истироҳати худ—ба бӯрьёчае, ки порчаҳои гӯшти бадани чандин бандии 75 чӯб хӯрда ба вай часпида хушкида монда буд, ёзида дар хоб, ё хаёл фурӯ рафт. Баъд аз соате чашми худро кушод, ки як ҷавони тахминан 20-сола дар гӯшаи обхона монанди мурғе, ки ба тозагӣ ба як катаки бегонааш андохта бошанд, хӯсида ва хазида нишастааст.

— Ту кистӣ?—Ёдгор пурсид.

— Як бадбахт,—ҷавон ҷавоб дод.

— Шукр кун, ту бадбахт нестӣ, аввалин касе, ки ба ин ҷо бе он, ки сару танаш маҷрӯҳ шуда бошад, омадааст, туӣ, боз чӣ ношукрӣ мекунӣ?

— Бадбахттарини мардум дар ин замин он кас аст, ки ба «ҷадидӣ» ё «большевикӣ» муттаҳам шавад, маро бо тӯҳмати ҷадидӣ ба ин ҷо овардаанд, бинобар ин рӯзи ман ба шумур мондааст, боз ба кадом рӯзи худ шукр кунам?

Ёдгор дар дили худ бадбахтии ин ҷавонро тасдиқ карда бошад ҳам, барои тасаллии хотири вай гуфт:

— «Дард дигар, аҷал дигар» гуфтаанд, барои мусибати ба сар наёмада азодорӣ кардан умри худро ба беҳудагӣ бо ғам гузаронидан аст. Боре, гӯй, ки туро кӣ ба ҷадидӣ тӯҳмат кардааст, ё ин ки дар ҳақиқат худат ҷадид астӣ?

— Не, ман ҳаргиз ҷадид нестам,—гуфт ҷавон,—лекин Юсуфбой ва Қаршибег маро ба ин кор тӯҳмат кардаанд.

— Онҳо чикораанд ва ба ту чӣ душманӣ доштанд?

— Юсуфбой саркардаи дастаи боён аст, Қаршибег бошад, хеши вай ва аз кафгирзанони боён аст, ки ба амир ҳам хеле муқарраб аст, то имрӯз миёни ман ва онҳо ҳеҷ душманӣ набуд, ман як даллолбачаи муқаррарӣ будам, ки ба душманӣ кардани онҳо намеарзидам; лекин имрӯз як фалокат сабаб шуд, ки ман ба ин бало гирифтор шудам: имрӯзҳо боён бо фармоиши амир барои тайёрии ғазо машқи ҷанг мекунанд; имрӯз ҳам ба одати муқаррарӣ дастаи боён дар беруни дарвозаи Қарокӯл ба қишлоқи Шаҳри Ислом рафта машқ карданӣ шуданд. Дар вақти машқи ҷанг маро ба даруни хандаке, ки нишонгоҳ дар лаби он буд, гузоштанд ва ба дастам як ялавча дода гуфтанд, ки ҳар тире, ки ба нишон расад, ялавчаро хобон, то ки занандаи он маълум шуда ба дафтар гузарад ва аз «марҳамати олӣ» «сарфароз» шавад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ҳама саф баста милтиқхоро ба даст гирифта истоданд, ман ҳам ба даруни ҳандақ даромада сари худро аз гузаргоҳи тир поёнтар кашида нишастам; дар ҳамин вақт Қаршибег асп давонда ба сари ман омад ва таъин кард, ки ҳар гоҳ овози паридани тири ҳаштум барояд, хоҳ ба нишон расад, хоҳ не, ялавчаро хобон.

Ман сабаби ин корро надонам ҳам, азбаски Қаршибег барин як одами калон таъин кард, амал карданӣ будам; лекин ин сабилмондаи «ҳаштум» ба гӯши ман «ҳафтум» расидааст. Бинобар ин ман бо он ки тири ҳафтум ба нишон нарасида буд, ялавчаро хобондам, аммо ба тири ҳаштум, азбаски ба нишон нарасида буд, аз рӯи қоидаи муқаррарӣ нахобондам.

Баъд аз тамомияти машқ маълум шуд, ки дар ҳаштум худи саркардаи боён Юсуфбой истода будааст ва ин таъин барои хотири вай будааст; бинобар ин Қаршибег ва Юсуфбой ба ман бадгирӣ карданд ва маро ба дасти як шогирдпешаи қушбегӣ супурда гуфтанд, ки: «назар ба шунидаи мо, ба ин кас аз чадидон ва большевикони гурсза хату хабар меомадааст, то таҳқиқ шудани кор, инро бурда ба обхона супорӣ»,—гӯён чавон сухани худро тамом кард ва гирья карда сар дод.

Лекин тарси ин чавон ва гумони Едгор хато баромад, баъд аз соате бандибон омада он чавонро бо халосиаш муборақбод кард:

— Корвонбошӣ гуноҳи шуморо аз мири қушбегӣ талабиданд ва ман ҳам далолат кардам, ҳар чӣ бошад, хизматонаи маро равғанӣ кунед-дия,— гуфта гирифта бурд.

VII. НИЯТИ ҒАЗО

(28 моҳи августи соли 1920)

Имрӯз як ҳолати аз одат берун рӯй дода буд, соат ба соат маҳрамон ва ясавулон аз чорбоғи Ситорамаҳхоса,[78] ки амир дар он чо буд, асп давонда пеши қушбегӣ ба болои арк меомаданд ва баъд аз расонидани супориш, аспро бадал карда боз дартоз ба роҳи омадаашон бармегаштанд; эшиавкарон милтиқхои шохдор ва сунбагии ҳудҳоширо ба арк супурда аз он чо милтиқхои ёздаҳтира ва панчтираи дунболапур мегирифтанд, аробахои ҳўқандии подшоҳиро пай дар пай болои арк бароварда аз он чо бор бор карда фуроварда мебурданд; аз

қӯрхонае, ки ба паҳлуи чапи дарвозаи арк дар поёни обхонаҳо бино ёфта буд, ба қатори пулемётҳои фарангии навбаромад тӯпҳои даҳанпури калони шохдори қадимиро ҳам садҳо асп баста бароварда мебурданд.

Имрӯз бозори тамошои Ёдгор гарм шуда буд, вай гоҳо ба даҳани сӯрох чашм дӯхта аҳволи Регистонро медид, гоҳо ба тарқиши дар гӯш ниҳода гуфтугузорҳои дар долони арк рафтаистодаро мешунид. Шаб шуд, дарвозаи арк баста гардида, рафтуоӣ ва такудави одамони амир ҳам ором гирифт; баъд аз гуфта шудани азони хуфтан аз нақорахонаи арк, тӯпчибошии дарвоза худ имом шуда бо мерганони дарвозабон дар долони арк ҷойнамоз андохта намози хуфтанро хонд. Ва ба хобгоҳи худ, ки дар ҳавличаи сари долони арк буд, рафт.

Мерганони дарвоза ҳам мӯза ва либосҳошонро кашида, кӯрпа ва болишҳошонро, ки монанди рахти хоби мусофирони роҳи оҳан бо тасмае баста, дар гӯшаҳои суфачаҳо гузоштагӣ буд, кушода барои хоб ҳозирӣ диданд.

— Гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум,—тинг—гум,—тинг-тинг—гум-гум.

Ин садои табли қаторак[79] буд, ки аз пеши тахтапули дарвозаи арк баромада мерганонро саросема кард. Ҳама якбора аз ҷой ҷаста дубора либосҳошонро пӯшида, миёнҳошонро баста ба хизмат ҳозир истоданд. Вақт нагузаронида тӯпчибошии дарвоза ҳам аз ҳавличааш расида омада ба пушти дарвоза рафта:

— Кист?—гуфт.

— Ман, миршаб, кушоед!

Даричаи дарвоза кушода шуд ва бо даромадани миршаб дарҳол боз баста гардид.

— Ассалому алайкум.

— Ваалайкум ассалом.

— Аз они шумо тайёр аст, а?—миршаб аз тӯпчибошӣ пурсид.

— Ду нафареро, ки дирӯз қозии Шофирком фиристода буд, обтоза карда мондам.

Дар ҳамин вақт як марди ришкалони мӯйсафеди қоматбаланд, ки ба миёни худ камарбанди тилло дошт, аз тарафи ҳавлии қушбегӣ ба пеши инҳо омад.

— Салом алайкум, ясавулбошӣ! Шумо кӯҳнакоред, аз они шумо бояд кайҳо тайёр шуда бошад?—гуфт миршаб ба ин одами ришкалон.

— Ду нафарашон созандаҳои кӯҳнаанд, ки онҳо ҳа-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

меша тайёр ва чашм ба роҳи супориши оянд. Аммо ду нафари дигар, ки дирӯз чанобн шариатпаноҳ Эшони козикалон фиристода будаид, бисъёр чарс будаанд, ки то як шабонарӯз аз гирья бозмонстоданд: худи пошшобибй (модари амир) ваъз ва насиҳати бисъёр карда андаке ром кардаид, ҳозир бояд аз шом ҳаммом кунонда либосҳои ҳосагй пӯшонданд.

Аробаи хӯкандии каппадоре, ки ба пасу пешаш намад духта будаид, аз боло фуромада ба долони арк дар пушти дарвоза истод. Ду нафар бачаи 15—16-соларо ҳам ду мерган аз ҳавлии тӯпчибоший[80] оварда ба пеши аробa мунтазири фармои шуда истоданд.

— Аробаи бачагои кучост?—гуфта миршаб аз ясавулбоши пурсид.

— Дар аробаҳоиаи оляй ғайр аз ҳамин дигар аробa намоидааст, ҳама аробаҳоро ба сарбозхонаҳо ва каровулхона, кӯрхона бор карда бурдаанд. Дар боло дах аробаи болопӯшидаи ӯрдакашй буд, ки ба ҳаман онҳо ҳам ни гашти рӯз тиру дору бор карда, ба Коғони Кӯҳма –ба шинаки нав фиристодем.

— Ибн, акнуи чи кор мекунем, ни бачаҳоро ба кучо бор мекунем?—гуфт миршаб.

Аробакаш ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

Миршаббег! Шумо ғалатй будед. Инҳо (ба дарунн аробa ишорат карда) ӯрда бошанд, инҳо (ба бачагон ишора карда) ҳам ӯрдаанд, инҳоро ҳам ба ҳамин аробa савор кунед, чй зарар дорад?!.

Миршаб:

Масхарабозй накуи, кал!—гуфт.

Ясавулбоши:

Кали Курбон[81] рост мегӯяд, вакте ки ба мияти ғазо кӯрхонакашонй барии як узри шаръй дар миён бошад, ба як аробa савор кардани марду зан чи зарар дорад?! Агар дилатон кабул накунад, фардо аз Эшони аълам пурсед!

— Зарар надорад, то расидан ба Ситорамаҳҳоса ман ба ин газали «Ҳазрат саломат бошанд»-ро ёд медиҳам, агар як чо базм фармоянд, ҳамроҳ шуда мехонем, ки вакти ҳазратам бисъёр хуш мешавад.

Дар чанобн ин овоза, ки аз дарунн аробa баромад, миршаб гуфт:

— Биби! Шумо розй бошед, мо ҳам розй, ҳар чй бошад, ба чанобн олй «миршаб моро бо номаҳрамон ба як аробa савор кунонда фиристод» гуфта маро бад макунед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ҳотирҷамъ бошед!

Камарчаҳои намади пушти аробаро кушода бачагонро ҳам ба пеши занон савор карданд.

Аробакаш:

— Ана гап ин-дия, «ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан аст» гуфтаанд, як кор карда борро ба Ситорамаҳҳоса бурда фурорем, шудагеш, коре шавад, ки бор ба манзил расад.

— Ҳа, бадбахти кале! Маро «борфурор»* гуфтӣ-дия, — миршаб шӯхӣ кард.

— Худо накунад,—гуфт аробакаш,—аз ҷониби шумо ман ғуломатон хизмат мекунам.

Дарвозаи калон кушода шуд, миршаб ба шогирдпешагони савори худаш, ки ба дами тахтапул истода буданд:

— То дарвозаи Имом мардумро аз роҳ дур кунед, шамъҳоро кушед ва роҳро қатаған кунед,— гуфта фармон дод.

Шогирдпешагон асп давонданд, табли қаторак ҳам «гум, гум, гум, ғум, гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум, гум-тинг—гум—тинг-тинг, гум-гум» карда ба роҳ даромад, аз дунболи вай миршаб ва аз паси миршаб аробаи «ӯрдаи олӣ» равон шуд.

VIII. БИМУ УМЕД

Баъд аз рафтани аробаи «ӯрда» ва баста шудани дарвозаи арк ясавулбошии қушбегӣ ва тӯпчибошӣ бо ҳам гапзанон аз долон ба боло нигоҳ карда равон шуданд. Магар дарозтар кашидани гуфтугузори худҳошонро пай бурданд, ки дар рӯ ба рӯи регхона ба суфачае нишаста сӯҳбатро давом кунонданд:

— Охири ин кор чӣ мешуда бошад?—гуфта тӯпчибошӣ ба сухани худ давом кард.

— Аз рӯи хабарҳои пухтае, ки ҳаррӯза ба ман расида истодааст, кори мо он қадар хуб нест. Аввал он ки чашми сарбозҳо бечо, дар ин чанд моҳи охирӣ хеле сарбозҳо бо яроқи худ гурехта ба Тошканд ва Самарқанд рафтанд ва большевик шуданд; онҳо хату хабарҳои пинҳонӣ карда дигар сарбозҳоро ҳам аз роҳ бароварда истодаанд. Чашми мардум ҳам ба мо он қадар ошно на-

* Ба истилоҳи Бухоро далларо «борфурор» мегӯянд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

менамояд, деҳқонон бошанд, дар ин ду соли охирӣ боз зиёдтар ба танги афтоданд, дар ин ҳол агар ҷадидон ва большевикон бо большевикони урус як шуда ҳуҷум кунанд, ба мо он қадар хуб намешавад. Аз дасти ин чанд нафар бии таипарвар ва муллоҳои хезалак чӣ меояд, мегӯед? Ин гапҳоро ба шумо дилам пур шуда, шуморо як марди куҳансоли таҷрибадида ва монанди падари худам доништа гуфта истодаам, набошад ин гапҳо гапҳои ба кас гуфтани не, мабодо дилашон сиёҳ нашавад гуфта ҳеч кадоми ин вокеаҳоро ба ҳазратам ҳам нанавиштам. Намедонам охир чи мешавад?

— Чи мешавад мегӯед? -гуфт ясавулбошӣ,—ҳазрати Баҳоваддин ёр ва пирҳо мададгор бошанд, ба Бухоро ҳеч офат не; дирӯз Домулло Кутбиддин манокиби ҳазрати Баҳоваддинро ба мири кушбеги хонда доданд. Он кас дар китоби худ навиштаанд, ки «агар аз кабри ман як хишт бокӣ бошад, як каф хоки калъаи Бухоро бечо намешавад».

Ясавулбошӣ ба гапи худ давом кард:

— Шумо гумон накунед, ки чаноби олӣ, ё дигар калонон аз аҳвол бехабар ҳастанд, аҳволи ҳаррӯзаро шумо нанависед ҳам, ба ҳазратам чун офтоб маълум аст, «дили подшоҳон назаргоҳи ҳақ» гуфтаанд. Дигар ин ки аҳволи Тошканд ва Самаркандро Мирбобо ва дигар вокеанависон навишта истодаанд; аҳволи шаҳр ва саҳро ҳам аз раъи ҷаҳоннамои чаноби олӣ пӯшида нест. Ба рафти кор нигоҳ карда ҳозирӣ ҳам дида истодаанд, аз дастаи шербачаҳо, ки ҳама дуздони корнома нишондода мебошанд, бисьёр умедҳо кардан мумкин аст. Хусусан дастаи афғонон касони бисьёр озмуда ва ҷангидаанд, ҳар кадоми онҳо ба сад нафар «большевики мужик» ҷавоб гуфта метавонанд. Бар болои ин дуохонон ба дуохонӣ, шайхон ба дуогӯӣ машғуланд. Чунончи, чанд рӯз шуд, ки Эшони козикалон ба чаноби олӣ арз карданд: «аз руи ривоятҳои саҳеҳ маълум мешавад, ки ба сар бардошта гаштани китоби «Саҳеҳи бухорӣ»[82] барои дафъи душмани мучарраб аст; бинобар ин ман чанд дона китоби «Саҳеҳи бухорӣ» ёфта, чанд нафар муллоёнро паркезгорро тайёр намудам: агар рухсати олӣ шавад, ҳар кадоми инҳо як дона китоби «Саҳеҳи бухорӣ»-ро ба сари худ бардошта ба даври шаҳр ва гирдогирди чорбоғи Ситорамаҳҳоса мегарданд; иншоаллоҳ, ба давлати олӣ ҳеч осебе намерасад». Чаноби олӣ ҳам рухсат доданд; холо чанд шаб аст, ки муллоёи ба ҳамин кор маш-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ғуланд. Баъд аз ҳамин қадар саъю кӯшиш боз ба дил ваҳму ҳаросро роҳ додан аз сустии имон меояд; шумо, тӯпчибошӣ, ин тавр шаккок нашавед! Кори калони дигаре, ки дар ин миён шуд, ба Маскав элчӣ фиристодани ҷаноби олист; яке аз элчиён Наврӯзи зӯр аст, ки бо вуҷуди бесаводӣ сад каси доноро ба лаби дарьё ташна бурда, ташна мебиёрад. Албатта, ин аз Маскав хушк намегардад. Ҳамаи корҳоро ҷадидон ва большевикони аз дин баргаштаи бухорӣ бо мужик-урусони Тошканду Самарқанд як шуда карда истодаанд. Дар Маскав ҷаноби олиро бисьёр риоя мекунанд ва намехоҳанд бо як подшоҳе, ки ҷонишини амир Темури соҳибқирон аст, ба гапи якчанд нафар ҷадид ва большевики «сар аз куҷо, пой аз куҷо» даромада бад шаванд.

Баъд аз рафтани ясавулбошӣ ва тӯпчибошӣ мерганон хобиданд. Ёдгор ҳам, ки то ин вақт ба тарқиши дари обхона гӯш ниҳода ҳамаи гуфтугузорҳоро шунида истода буд, ба болои бӯрьёча ёзид, лекин хобаш намебурд, гоҳо дар хобаш ё хаёлаш медид, ки ҷанг шудааст, вай дар миёнаи ҷанггоҳ монда куҷо рафтанашро намедонад, гоҳ ба назараш чунон меомад, ки одамони амир гурехтаанд, вай ҳам аз банд халос шуда ба Дараи Ниҳон рафтааст, ба лаби санглох нишаста шаршари оби аз кӯҳ фаромадаистодаро гӯш мекунад ва ба тарафи кулбаи Гулнор чашм меандозад. Гоҳо ҳамаи ин хоб ва хаёлҳоро аз худ ронда қарор медод, ки агар рӯзи воқеаро саломат дарьёбад ва роҳе ёфта ба ҳуҷумкунандагони ба боргоҳи амир расад, бо онҳо як шуда барои хароб кардани ин саллоҳхона хоҳад кӯшид ва большевик шуда инқилобро то охир хоҳад бурд.

IX. РӮЗҲОИ ВОПАСИН

Як садои «гумбур-гумбури» бисьёр бадҳайбате Ёдгорро аз хобаш бедор кард ва ё аз хаёлаш бозовард; ин гуна садои пурдаҳшатро пеш аз ин нашунида бу ин садо бо овози тӯпи амир, ки ҳар рӯз сарбозонаш дар вақти машқ мепарронданд, аз як ҷиҳат монандӣ дошта бошад ҳам, лекин аз ҷиҳати ҳайбат, даҳшат ва ҳавлангезӣ аз вай чанд дараҷа баланд буд. Ҳар гоҳ, ки ин садо мебаромад, дару девори обхона ба ларзиш медаромад. Ёдгор гумон мекард, ки ҳамин замон арк бо қуббаву боргоҳи худ ба замин фурӯ хоҳад рафт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Бошандагони арк бе он ки чӣ кор карданашон маъ-луш бошад, ба ин тараф ва он тараф медавиданд ва каф бар каф суда хасрат мехурданд.

Рӯз шуд, садои «гумбур-гумбур» шиддат кардан гирифт. Ин пагох дар Регистон машқи сарбоз нашуд, лекин навкарон ва газоталабон даста-даста омада худро ба дари арк як нишон дода гузашта мерафтанд; соат ба соат гирдеи аҳли шаҳр зиёд мешуд, гоҳо аз тири тӯпе, ки ба арк афтода мекафид, атрофро тӯфони дуду хок фаро мегирифт, ҳануз ин дуду хок бартараф нашуда, боз тири дигаре меафтод ва мекафид. Аз гурриши тӯпу тариқидани тир чунон зилзилаи сахмгине пайдо мешуд, ки арк бо ҳама азамат ва ҳашамати худ монанди киштие, ки дар обӣ пуртуғёи монда бошад, меларзид ва ҳар кас гумон мекард, ки ҳамин замон «гарқи тӯфони хок хоҳад шуд»; тирезаҳо мешикаст, пардеворҳо мегалтид, нақшҳои мукарнасии хонаҳои кабзафурӯмон мепарид, кунгураҳои девори калъаи арк бо чеҳаҳонаҳои бурҷҳояш аз ҳам мерехт. Тӯфони хок ва гирдбодҳои дудолуд аз дигар гӯшаҳои шаҳр ҳам намоён шудан гирифтанд.

Як вақт дар ҳаво мурғонс, ки Едгор мисли инҳоро аз ин пеш ҳаргиз надида буд, ба парвоз омаданд, вақте ки Едгор инҳоро аз сӯрохи обҳона дид, ҳаман ҳодисаҳои даҳшатангезро, ки аввали пагоҳ боз дида истода буд, фаромӯш карда чашмони худро аз онҳо намеканд. Едгор аввал инҳоро мурғ гумон кард, вақте ки яке аз инҳо монанди кабутар муаллақзанон ва бозикунон омада ба назаргоҳи Едгор наздик шуд, дид, ки ин парранда аз чиҳати бол ба мурғ монанд бошад ҳам, аз чиҳати дум ба моҳи монанди доштааст, лекин аз чиҳати чусса аз мурғон ва моҳиён, ки Едгор пеш аз ин дида буд, хеле калонӣ дошт. Аммо садои гурриши ин мурғи моҳимонандро Едгор на аз мурғ ва на аз моҳи нашунида буд. Едгор ба ин гурриши пурғурӯш танҳо як маъсал ёфт: ин гурриши шаршараи Дараи Нигоҳ буд, ки шабу рӯз ҳаёҳаш ҳайро шунида буд.

Як вақт шаҳпарҳои ин парранда канда ба замин рехтанд; Едгор афсӯс мехӯрд, ки ҳамин замон ин мурғи ҳаҷмпарвоз бе болу пар монда ба замин хоҳад афтод. Лекин вақте ки ин шаҳпарҳо ба замин наздик шуданд, маълум шуд, ки инҳо шаҳпар набуда, варақаҳои коғаз будаанд.

Яке аз мергашони дарвоза, ки пеши гулдастаи тахта-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

пул истода ин коғазборонро тамошо мекард, яке аз онҳоро ба даст дароварда ба болои арк нигоҳ карда давид; дар долони дарвозаи арк ясавулбошии қушбегӣ аз пеш баромада коғазро ба дасти мерган дида:

— Ин чист?—гуфта пурсид.

— Коғаз,—мерган ҷавоб дод.

— Дида истодаам, ки коғаз аст, коғази чӣ гуфта мепурсам аз ту каллаварам,—гуфта ясавулбошӣ мерганро коҳиш дод.

— Надонам, аз аэроплан афтод!

Ясавулбошӣ саросемавор коғазро аз дасти мерган даррабуд ва:

— Рав паси кори худ,—гуфта мерганро ба дарвоза гардонд ва худ ба сари зинаи обхона нишаста ба хондани коғаз сар кард:

«Э меҳнаткашони Бухоро! Э деҳқонони Бухоро! Рӯзи озодӣ, рӯзи хушбахтӣ, рӯзи саодат ва рӯзи фирӯзии шумо расид; шумо анқариб аз зулме, ки садҳо сол боз мекашидед, халос хоҳед шуд, ба наздикӣ ба дастранҷи худ, ба номуси худ, ба толеъ ва тақдири худ худ соҳиб хоҳед шуд. Мо бо ёрмандии меҳнаткашони Россия ва аскарони сурхи коргар ва деҳқон барои ёрӣ додан ба шумо ва халос кардани шумо аз чанголи амир ва тарафдоронаш миён баста ба муқобили ҳукумати амир ба майдон даромадем; шумо ба иғвои одамони амир, ба иғвои муллоён, ки садҳо сол боз аз номи шариат хуни шуморо макида, молу ҷони шуморо гирифта, номус ва обрӯи шуморо помол кардаанд, фирефта нашавед; бе ҳеҷ гуна тарсу бим худро ба оғӯши аскарони сурх андозед, ки инҳо бародарони меҳрубони шумоанд.

«Э сарбозони Бухоро! Э фарзандони деҳқонони меҳнаткаши Бухоро! Донед ва огоҳ бошед, ки рӯзӣ вопасини амир расидааст, қасраш вайрон, аркаш ба замин яксон, бахту рахташ сарнагун, тоҷу тахташ пурхун хоҳад шуд. Шумо ба тарафи аскарони сурх, ки ёридиҳандагони мо ҳастанд, тир наандозед, ки инҳо бародарони меҳрубони шумоанд ва омадаанд, ки шуморо аз зиндони абадӣ, ки сарбозии амир аст, халос кунанд; шумо бе ҳеҷ гуна андеша ба тарафи бародарони худ гузаред.

Зинда бод меҳнаткашони Бухоро!
Зинда бод фирқаи большевикӣ!
Зинда бод ҳукумати шӯроӣ!
Нест бод амир ва ҳукумати амирӣ![83]

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ясавулбоши пас аз хонда ба пеши расондани коғаз худ ба худ:

— Ман гуфтам, чаро ин сарбозони кӯриамак ба чанг намераванд, чаро одамони дарбори амирро тороч мекунанд,—гуфта афсус мехӯрд.

Ясавулбоши коғазро печонда ба багали худ андохт ва аз чояш хест; рост истода панчаи дасташро ба пешонии худ никод, баъд аз як сония риши калони худро кафа карда дасташ кард, пас аз он дасти худро ба таги манахи худ бурда ришашро ба боло гардонда ба дахони худ андохта газида истод, бо ҳамин хол рӯи худро ба тарафи дарвозаи арк гардонда ду кадам пештар рафт, боз аз рахаш гашт ва хост боло барояд; ҳанӯз се кадам намонда буд, ки тӯпчибоши аз хавлиҷои худ баромад, ясавулбоши чунон бехуд буд, ки то ба худаш наздик расида салом додани тӯпчибоши аз омадани вай бехабар монда буд. Ба шунидани овози саломи тӯпчибоши монанди касе, ки аз хоби сахт ба ногох бедораш карда бошанд, ба худ ларзида ба вай чашм андохт, бе он ки чавоби саломи ӯро гардонад:

— Бахайр аст, чй гап? — гуфта пурсид.

— Корхо он кадар хуб нест,—гуфт тӯпчибоши,—аввал дурут бошад, назар ба хабаре, ки ба мани расонданд, дар кӯли Тошбукъа сарбозони дастаи «турк», ки умеди мо бештар аз онхо буд, бойкот газоталаброро барахна карда пӯшокхошон ва аспу яроқхошонро гирифтаанд; саркардаи боёни Юсуфбой, Каршибег ва Хочй Алимбой сару тан барахна, пиёда ба тарафи шахр гурехта омада истода будаанд, ки дар рох Эшони козикалон ба онхо вохӯрда, ба хар кадоманаш якдонагй яктак пӯшонда ба шахр фиристодаанд. Дар Чорӯббанди якчанд нафар сарбоз ба куди Эшони козикалон ва рамсалон хам милтик холй кардаанд, хар чй тир хато хӯрдааст ва инхо зуд гурехта омада худро ба даруни шахр гирифтаанд; ачибаш дар ин чост, ки Юсуфбой дар вакти гурехтан ба Каршибег мегуфтааст, ки «мо аз тарси большевикон худро ба ин таклука андохтем, набошад аз чавзои мани хеч тарсу бим надоштам; ҳанӯз хам ман умедворам, ки агар чавоби олй ширкат хӯранд, кор ба дасти чавзои афтад, дар он вакт боз мо ба ягон мансаб расида осуда зиндагонй хохем кард», аз ин гуфтахои Юсуфбой маълум мешавад, ки бойкот мо ба большевикон мухобира бошанд хам, ба чавзои он кадар душманй надоштаанд, хатто аз онхо умеди мансаб ва давлат хам доштаанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ясавулбошӣ:

— Не-е?

Тӯпчибошӣ:

— Не нагӯед, як воқеанависи бисьёр пухтае, ки ман ӯро ба даруни дастаи бойҳо монда будам, ҳозир ҳамин хабарро ба ман расонда рафт.

— Ҳар чӣ бошад, ин хабарҳои хунукро овоза карда нагардед,—гуфт ясавулбошӣ ва худ ба тарафи болои арк нигоҳ карда рафт.

Ёдгор, ки мазмуни коғаз ва гуфтугузори ясавулбошӣ ва тӯпчибоширо аз тарқиши дари обхона шунида истода буд, яқин кард, ки имрӯзҳо рӯзҳои вопасини амир ва одамони ӯст.

Х. ИНҚИЛОБ ВА ОЗОДӢ

— Қор хароб, аз дарвозаи Шайх Ҷалол деҳқонони деҳаи Гулобиён, бо большевикон ва ҷадидон ҳамроҳ шуда, пахш карда ба шаҳр даромадаанд.

— Аз дасти чанд нафар деҳқон чӣ меояд мегӯӣ? Он дарвозаро миршаб саришта карда истодааст, вайро Ҳикмати бӯз мегӯянд, ки бо як ҷунбонидани шоҳбурути худ сад деҳқонро ба асфалассофилин[84] мефиристонад.

— Ҳоло ту тамом аз дуньё бехабар будаӣ, аввал касе, ки ҷуфтакро музоаф кард,[85] Ҳикмати бӯз буд.

— Чӣ? Магар Ҳикмати бӯз дарвозаро партофта гурехтааст?

— Қошкӣ гурехта метавонист, шояд, боз ба ягон ҷой кор меомад; ба ун дуньё нигоҳ карда ҷуфтакро музоаф кардааст, яъне кушта шудааст.

— Чӣ навъ?

Вақте ки деҳқонон ҳуҷум карда омадаанд, миршаб гумон кардааст, ки инҳо ҳамон деҳқононанд, ки як нафар шабгард сад нафарашонро бо як себанд* пеш андохта ба зиндон мебарад: «ин чӣ беодобист, ки инҳо имрӯз ба ҷаноби олӣ теғ мекашанд ва ба ҷое, ки ман истодаам, ҳуҷум мекунанд». Ба ҳамин хаёл миршаб хостааст онҳоро дашномҳои бемаънӣ диҳад, ҳанӯз дашном аз даҳонаш тамом набаромада як тири паррон ба ҳалқаш меравад ва ҷо ба ҷо меафтад.

---

* Себанд — чӯби илғаи дарози найзамонанди себанддор аст, ки дар Бухорои амирӣ чӯбдасти шабгардон буд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Вақте ки меҳмонони дарвоза ба ҳамин тариқ аз рафти чанг гуфтугузор мекарданд, садои «совардан, оварданд» баланд шуд, ҳамаи чашмҳо ба тарафи онҳо сидо гардид. Аз тарафи бозори кӯҳ ба Регистон чор нафар деҳқонпиро дасту гардан баста меоварданд, одамҳои миршаб бо себангҳои худ ба сари онҳо мезаданд.

Деҳқонони дастбастаро ба ҳамин ҳол оварда ба рӯи дарвозаи арк ба пойи тахтапул нигоҳ доштанд. Панҷ деҳқонро аз миёни нигузаштаи ясавулбошиҳои кушбеги давондавон аз арк фуромад ва то расидан ба пеши бандиён лоақал понзда қадам дуртар аз дарвозаи арк ба чое, ки ясавулбоши дида мехост, ба замин хобонда гӯсфандвор сарҳошпиро буридаид.

Одамони миршаб пас аз адои хизмат, яъне тамоми кардани кори деҳқонон ба дарвозаи арк омада дар рӯ ба рӯи ясавулбоши таъзим карда истоданд.

— Кушандагони миршаб ҳамин муртаддо будаид, а?— гуфта ясавулбоши пурсид.

Яке аз одамони миршаб чавоб дод:

— Не, таксир! Деҳқонони Гулобиён бо аскарони большевик як бор ҷуҷум карда омаданд ва дар он ҳуҷум миршаб ба тир парид, онҳо боқимонда ба тарафи Гулобиён рафтанд. Баъд аз хотирҷамъии рӯй додан мо аз дарвоза берун баромада таг-таги қалъа то дарвозаи Каракул омадем, дар наздикии дарвозаи Каракул ин чор нафар деҳқон ба даст афтоданд, ки гирифта овардем.

— Бисёр хуб кардед, агар инҳо ҳам ярок ва фурсат меёфтанд, ба шаҳр ҷуҷум мекарданд, «душман — сарбуридаи бек»,— гуфт ясавулбоши.

• • •

Рӯзҳои душанбе, сешанбе ва чоршанбе (30—31 август ва якуми сентябри соли 1920) шаҳр тамоман зеру забар шуд, аз ҳар гӯшаи шаҳр аз миёни гирдбод ва дуду ҳок шунидани овози забона зада намоён мегардид, аҳли шаҳр гурӯҳ-гурӯҳ ба тарафи дарвозаи Имом ва ғалаи мерафтанд. Рӯзи чоршанбе ҳаводиси нагоҳӣ ва-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

вулбошии қушбегӣ ба дарвозаи арк фуромада асп талаб кард ва ба тӯпчибошӣ супориш карда гуфт, ки:

— Шумо дарвозаро хуб нигаҳбонӣ кунед! Ҳуди ман ба ғазо наравам, намешудагӣ барин!

Ва худ аспро савор шуда ба тарафи Дарвозаи Имом нигоҳ карда ронд.

Тӯпчибошӣ:

— Ӯй, ӯй, ясавулбошӣ! Ҷанг ба ин тараф аст,— гуфта тарафи роҳи дарвозаи Қаволаро нишон дод.

Ясавулбошӣ бе он ки аспи худро нигоҳ дорад, рӯи худро ба тӯпчибошӣ гардонда сари худро болою поин ҷунбонида:

— Медонам, медонам,— гуфт ва ба роҳи пешгирифтаи худ нигоҳ карда бадар рафт.

Рӯзи чоршанбе баъд аз пешин ҳамаи бошанда ва дорандагони арк:

— Амир гурехтааст, акнун мо ин ҷо чӣ кор мекунем, зудтар худро ба канорае кашиданамон беҳтар аст,— гӯён ду-ду, чор-чор аз арк фуромада рафтан гирифтанд.

* * *

Рӯзи панҷшанбе — дуюми сентябрь аз долони дарвозаи арк садои пои раванда ва ояндае шунида намешуд, лекин аз бозорҳои атрофи Регистон, аз гузарҳои даври арк, аз ҳавлии поёни арк, ки идораи молияи ҳукумати амир дар он ҷо буд, аз ҳар гӯшаи даруни арк ва хусусан аз тахтгоҳ ва ҳарамсарои худи амир шӯълаи оташ аланга мезад.

Ёдгор медид, ки ҳама кор дигаргун шудааст, аммо ҳанӯз як қулфи даҳқадоқӣ ба дари обхона аз болои вай задагист; то ҳол ба вай ғами бандигӣ ва асирӣ бошад, акнун бими дар оташ сӯхтан ва беному нишон аз ҷаҳон нест шуда рафтан ҳаст; мекӯшид, ки худро аз байни ин дарьёи оташ халос кунад, аммо муяссараш намешуд; монанди шери дар қафаси оҳанин бандшуда бефоида худро ба ҳар тараф мезад, бо қуввати тамом дарро пеш мекашид: аммо натиҷа ҳеҷ; бо кӯшиши тамом мехост сӯрохи зери сақфро васеътар кунад, аммо фоидае не; дар ангафҳои[86] девор ангуштони худро дароварда хиштҳои пухтаро мекашид, аммо ба ҷуз паридани нохунҳои дасти худ ҳосиле намедид; фарьёд мекашид, аммо касе намешунид; меполид, аммо касе

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба фарёдаш гўш наметод. Дарнест дар он вакт дар он чо чонибе набуд, ки нолакои вайро шунавад ва ба фарёдаш расад.

Ав болои ари садои нос баромад. Едгор дарҳол онҳоро аз тарсиши дар дил ки мушкофеҳо, ки ба дастаи калонтои калон буд, пеши меомад, фарёд карда гуфт.

— Бй, очаи! Маро халос кунед, оғо! Аммо ман дар ин чо ба дасти ин ва ин бадбахт мемонам,— гуфто он пири кафтосоле, ё аз гояти пирй ва ё аз дарёфтани вокеасое ки ба сари худаш афтода буд, фарёди ғуро пешгирй ва ё шунида бошад ҳам, ҳарчанд мардони ки бандаи султанпиро дошанд медонист, ба ҳар ҳол ба тарафи овозаш нигоҳе накарда ва ба роҳи худ рафтан гирифт.

Ҳамаро ба дақиқа шўълаҳои оташ ба обҳоза наздик мерасонданд, бодҳои ҳангоматолуд ва дудҳои шарорадор аз сурох ба дарун медаромаданд. Едгор якин кард, ки баъд аз чанд дақиқа ё соате талаф ҳохад шуд:

— Ҳай дареғ, сад дареғ! Рузи озодиро, ки ба пеши чашмам омадааст, пайдо хоҳам сўхт, васиятҳои Абдуллопучаро ба чо оварда наҳоҳам тавонист, аз рафтани ба Дарои Никон ва дидани Гулнори меҳрубон абадй маҳрум хоҳам монд,— гуфта афсус меҳўрд ва

— Сўзад ин оташи бебок агар пайкари ман,
Вубар, э бод, ба чанги кафи ҳангоматон ман!

гуфта, монанди шоирони Шарқ бодро як одам фарз карда, ба вай васият менамуд.

Дар ҳамин вақт касе:

— Осуда бош, ки худатро зинда ба тандуруст ба чои дилхоҳат мерасонем,— гуфта бо як задани табарзине занҷиру зулфҳои дари обҳозаро аз ҳам гусехту ба дарун даромада.

— Зинда бод никлоб ва озодй!— гўён Едгорро ба бар кашида берун баровард.

Мушкофедеро, ки чанд дақиқа пештар аз ин ба фарёду фиғони Едгор гўш надода гузашта рафта буд, ду нафари дигар аз бозувонаш нигоҳ дошта истода буданд ва дастаи калонтои канўз ба дасташ буд; касе ки Едгорро халос карда баровард, ба он мушкофед нигоҳ карда:

— Мири қушбегй! Калонтои ҳаминаро ба дасти ин суворед ва худатон марҳамат карда бо ин хона ба чои ин бандй дароед! Дар ошёри умратон, ки рўз ҳам бошад, ҳамчи ин ошёнамаро, ки худ соҳтед, танаффус

E-mail: ziyozoda@gmail.com

карда бинед, то ки аз дунъё беармон равед,— гуфта вайро ба обхона андохт.

Инҳо большевикони Бухоро буданд, ки ҳамроҳи аскарони сурхи пешдор силоҳ ба даст гирифта аввал бор ба арки амир даромада буданд.

X. ДӮСТОНИ ДЕРИНА

Ёдгор акнун озод шуда буд ва озодона ба ҳар тараф мегашт, аммо ба кучо рафтанашро намедонист; дар як шаҳри бегона, ки дар байни ин чанд рӯз ҳамин қадар дигаргуниҳоро аз сар гузаронидааст ва ҳанӯз хам ҳар чо-ҳар чо оташ шӯълавар аст, ба кучо рафта метавонист; дар кӯчаҳо ғайр аз одамони ҳарбӣ, ки раванда ва ояндагони бегонаро бо ҳазор гуна тафтиш аз назар мегузарониданд, касе дида намешуд. Агар ба дасти Ёдгор мандате, ки ба мазмуни: «Доранда Ёдгор Бозорзода аз зиндони амир озод карда шудааст, ҳеч як аз посбонони ҳарбӣ ва маъмурони мулкии шӯравӣ ба вай кордор набошанд ва дар вақти даркорӣ ҳеч гуна ёрмандиро аз вай дареғ надоранд» навишта шуда бо мӯҳр ва имзои шӯъбаи алоҳида тасдиқ гардидааст, намебуд, ачаб набуд, ки дастгир шавад.

Рӯз бегоҳ шуд, аммо чои сарпаноҳе нест, Ёдгор роҳ мерафт, як вақт пеши дарвозаи шаҳр расид, мазоре, ки дар беруни шаҳр буд, ба назараш намоён гардид, хост, ки аз шаҳр барояд ва ба онҷо бо оромӣ манзил гузинад, аммо посбони дарвоза монеъ шуд:

— Мумкин нест!— гуфт.

Ёдгор мандати худро аз ҷайб бароварда ба посбон нишон дод, посбон баъд аз диққат карда дидани мӯҳр ва имзои мандат:

— Хуб, акнун ба ҳар кучо равӣ, ихтиёр дорӣ,— гуфта ба баромаданаш рухсат дод.

Ёдгор мандатро ба ҷайби худ андохта хост аз шаҳр барояд:

— Ҳа, Дохунда! Ҳанӯз ту зинда будӣ-а?— гуфта садое аз роҳ рафтанаш бозгашт; Ёдгор рӯи худро пас гардонда дид, ки касе рухсатномаи аз шаҳр баромадани (пропуски) худро ба посбон нишон дода ба худаш бо назари ошноёна нигоҳ карда истодааст. Ёдгор нашинохт. овоз такрор шуд:

— Магар маро нашинохтӣ, Дохунда!

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Пешсое шеҳамой, аҳмад ҳамеҳонам, ки дар кучо-ят диҳам?

— Магар эшидаҳро ба гуреҳтани аз он чоро фаромӯш кардй?

— Хо, хо, хо! Аллоҳ ба ёдам оваҳй, магар ту Фармон не?

— Худам.

Ин сухан пешкаҳи Ёҳгор ҳоҳаи ҳудро аз дасти посбон гирифта'

— Бит, кома шеравем,— гуфта Ёҳгорро таъҳиф кард.

— Хоҳат кучоҳт?— Ёҳгор пурсид.

— Хаҳиз чо, наҳдиҳ,— дар деҳаи Дилкушои Беруи.

— Хуб, шеравем.

Хар ду аз дарвозаи шаҳр баромада ба тарафи дасти чап гашта аз паҳлуи майдоне, ки Ёҳгор дах сол пеш аз ин дар он чо маҳи мекард ва дар он чо чуб хӯрда буд, гузашта ба деҳа расидаҳд ва дар ру ба руя чорбоғи подшоҳй ба ин канорҳе, ки рувдарича ва сардобе доҳт , даромадаҳд: ин деҳаи Фармон буд.

Фармон дар сарҳада гилем ва кӯрпача андоҳта ҳӯсти дарвоза ҳудро пушоҳид ва обу тобе бароварда вайро, ки аз гуруснаги чашмонаш фурӯ рафта будаҳд, сер кард.

Пас аз томи Ёҳгор каҳре ҳушат пайдо карда гап сар кард ва аз ачволи модараш пурсид.

— Бечора аллшер мурд.— Фармон чавоб дод.

— Э вой!.. Кай мурд? — гуфта Ёҳгор афсус хӯрд.

— Даҳон рузе мурда буд,— гуфт Фармон,— дар вахти аз эшидани гуреҳтани шумоён ман ба гуреҳтан дил наварда монда будам: ба чое, ки бачон ин вафодории ман маро овод кунаҳд, аз эшидан маро ба «даҳалома» бурда андоҳтаҳд.

— Даҳалома чаҳ?— Ёҳгор пурсид.

— Дар эҳм тахтапуле, ки аз Регистон бо вай ба эҳм баромада мешаваҳд, як дабдабаи хаҳ, ки вайро «даҳалома» мегоҳаҳд; дарм ки хабарона ба тарафи кӯр-ҳонаи дучаҳ, ки коло фойтунҳои шудаҳт, кушода мешаваҳд; ба ин ҳонача на ҳаво ва на рӯшной — чизе на-медарояд, магар ба дарчаҳт. ки дар як сат то устухонҳои сина мегузаҳд. дар эшидан ва обдона чй каҳар ки шабҳи бошаҳ, дар он чо ҳамон каҳар ҳама ҳаҳ.

— Ҳанда туро шагаҳданд?— Ёҳгор пурсид.

— Чаро нагаҳданд? Дар як шабонарӯз сар то пои-ро мешаҳдан ҳамаи ҳашӯр афгор кардаҳд, сару рӯи ҳо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

нанди саромосшудагон варам карда, гарданам бо шикам ва шонаам ҳамрӯй шуд.

— Чанд гоҳ он ҷо хобидӣ?

— Бисьёр дер нахобидам, агар дар он ҷо ягон ҳафта мемондам, агар сад ҷон медоштам, як ҷонам ҳам халос намешуд.

— Пас чӣ гуна аз он ҷо халос шудӣ?

— Маро дар он ҷо ба модарам нишон доданд ва бар болои ин «агар писаратро ба зудӣ халос накунӣ, мемурад» гуфта вайро тарсондаанд. Модарам барои халос кардани ман ба ҳар сӯ давидааст, лекин ба ғайр аз пул ҷораи дигаре наёфтааст; ночор нимаи ин чорбоғчаро ба ҳисоби ҳеҷ ба як қозӣ фурӯхта пулашро ба ясавулбошӣ, тӯпчибошӣ, миршаб ва мирғазаб пора дода маро халос кард.

— Хуб. Модарат кай мурд?

— Вақте ки ман халос шуда ба хона омадам, чунон аҳволам дигаргун шуда буд, ки модарам маро қариб нашинохт ва бадии аҳволи ман ба вай асар карда бемор афтод ва бо ҳамон бемории ногаҳонӣ дигар аз ҷои худ нахеста мурд, надонам, ки ба халссии ман шодимарг буд, ё маро ба он ҳол дида ғуссамарг гардид.

— Он дуохони фиребгар чӣ шуд?— гуфта Ёдгор дуои зиндонро ба ёди Фармон овард.

— Он шайтон чунон овоза бардошт, ки амир, вазир ва дигар ҳукуматдоронро ҳам ба худ мурид ва мухлис карда гирифт; дар миёни мардуми нодон ҳам иззат ва обрӯяш зиёд шуд, ҳар кас сараш дард кунад, ё молашро дузд барад, ба пеши ӯ давид; занон ва мардонро гарму хунук мекард, ба занони бефарзанд дуои фарзанд медод; чӣ мегӯй, ки монанди як ҳокими қӯрғони амир ва ё як савдогари маскавчӣ молу пул ғундошт. Баъд аз баромадани ҷанҷолҳои ҷадиду қадим ва рӯй додани инқилобҳо боз иззат ва эътибори худро зиёдтар кард. Вакили муллоён шуда аз ҳама болонишин гардид, касеро гумон кунад, ки ӯ ба ҷадидон ё большевикон назари нағз дорад, ба амир маълум карда кушонид, касеро дид, ки чизе дорад, вайро ба ҷадидӣ ва большевикӣ тӯҳмат карда аз вай мол ва пул гирифт. Баъд аз зӯр шудани кор «ман дуо навишта медиҳам, тӯпу туфанги большевикҳо таъсир намекунад» гуфта дили амирро пур кард. Худаш шамшер ба миён баста як тӯб муллоҳои ҳезалакро аз дунболи худ давонда машки ҷанг ҳам карда гашт. Дирӯз шунидам, ки пеш аз гурехтани

E-mail: ziyozoda@gmail.com

амир сару по бараҳна аз шаҳр баромада рафтааст ва ҳамаи чизҳояшро, ки ба сад найранг ғундошта буд, ба ҳасрат гузоштааст.

— Номаш чӣ буд?

— Мулло Қутбиддин.

* * *

— Бароетон! Ба шаҳр рафтан даркор! Чанд чои шаҳр ба тозагӣ оташ гирифтааст, ҳукумати нав ҳама касро ба ҳашар чеғ мезанад...

Ёдгор ва Фармон бо ин овоз аз хоб бедор шуданд; ин овози пойкори деха буд, ки бо фармоиши ҳукумат мардумро ба ҳашар чеғ мезад.

— Дирӯза сӯзосӯз аз оташи тири тӯп буд, ки ба хар чо афтода месӯхт, боз ин сӯзосӯзи тоза чист?— гуфта Ёдгор аз Фармон пурсид.

— Магар ту гумон мекунӣ, ки амир гурехт, ҳама тарафдоронаш ҳам дафъ шуданд?.. Не! Ҳоло аз одамон ва тарафдорони амир касоне хастанд, ки чомаашонро чаппа пӯшида дар қатори фуқаро дар шаҳр гашта, ба ҳар чо оташ мезананд.

— Хуб, биравем барои оташкушӣ,— гуфт Ёдгор.

— То дасту рӯй шушта чой хӯрдани мо мардум ғун шуда меоянд, мо ҳам меравем.

Баъд аз як соат роҳи Ғурбун ва Санги Сабз пур аз ҳашарчиён буд, инҳо деҳкононе буданд, ки аз Ғурбун, Марғосун, Чувозкоғаз, Санги Сабз, Бӯломахӯрон ва дигар деҳаҳо чамъ шуда ба тарафи шаҳр меомаданд. Ёдгор ва Фармон ҳам бо аҳли деҳаи Дилкушо ҳамроҳ шуда барои оташкушӣ ба шаҳр рафтанд.

XII. ИНТИҚОМИ ОММА

Оташ бо ғайрати оммаи инқилобӣ, аскарони сурх ва хусусан бо кӯшиши якчояи деҳконони меҳнаткаши атрофи шаҳр хомӯш карда шуд; шаҳр пас аз задухӯрди чаҳонсӯзи дуньёи наву кӯҳна ва сӯзосӯзи даҳшатангези чандрӯза ранги харобазореро гирифта буд, лекин бо ин ҳама шодии умумӣ ва чӯшу хурӯши озодӣ ба шаҳр ранги фирӯзии иди наврӯзро дода буд; ба сари ҳар ҳавлӣ як ялави сурх овехта ва ба сари ҳар кӯча як лавҳаи озодӣ барафрошта буданд; оммаи мардум саф-саф,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

даста-даста: Зинда бод озодӣ! Поянда бод ҳукумати шӯроӣ! Нест бод амир ва амирӣ!— гӯён ба ҳар тараф гардиш мекарданд; ба бозуи ҳар кас як парча алвони сурхи идӣ баста ва ба сари синаи ҳар як нафар як гули сурхи нишонаи озодӣ дӯхта буд; ба ҳамин тартиб шаҳр ба лолазоре ҳамрангӣ пайдо карда буд; оре, ин шаҳр лолазоре буд, ки пас аз ором ёфтани раъду барқи пуртӯфон ба якборагӣ шукуфта буд.

Ёдгор шодмон буд ва ба шодии дарунии ӯ либос ва мӯзаи наве, ки ба вай дар рӯзи озод шуданаш аз хазинаи халқ бахшиш ёфта буд, зинати берунӣ мебахшид; хурсандона ба ҳар тараф сайругашт мекард ва аз ҳар чиз завқ мегирифт; оре, Ёдгор ҳақ дошт, ки аз ҳар кас бештар дар ин рӯзи фирӯз шодӣ кунад. Ӯ, ки аз худро донистан боз дар бандагӣ, дар зулм ва ҳақорат умр гузаронидааст ва ҳеч гоҳ самараи дастранҷаш насиби худаш нашудааст, дар ин рӯзе, ки ҳама чизи вайро ба худаш додаанд, ҳақ дошт, ки аз ҳар кас бештар шодӣ кунад; вай, ки хусусан дар ин даҳ соли охирӣ сарсабзии ниҳоли зиндагонӣ ва навбаҳори айёми ҷавонии худро дар зиндонҳои беҳаво ва дар обхонаҳои безиё ба боди хазон додааст, ҳақ дошт, ки аз ҳама фузунтар насими рӯҳафзои озодиро бишамад; зеро лаззати таом ба қадри гуруснагист ва гувороии об ба андозаи ташнагӣ.

* * *

— Давед! Давед! Қозикалон ва раискалонро дастгир карда оварданд.

Ин овози пуровоза ҳамаи мардуми шаҳрро ба як тараф,— ба тарафи Регистон кашид.

Ёдгор, ки ҳашамат ва дабдабаи қозию раисро ҳангоми дар обхона будани худ дида, хунрезии берахмона ва бедодгарии ваҳшиёнаи онҳоро аз бандиёни инқилобӣ шунида буд, бисьёр мехост, ки рӯзи гирифтории онҳоро ҳам ба чашми интиқом ва ибрат бинад: бинобар ин пой сӯхта пештар давид.

— Ана оварданд!

Ин овоз давандагонро побарҷо рост нигоҳ дошт; агар гирдогирди Регистон сӯхта, ҷой фарох нашуда мебуд, аз анбӯҳи тамошобинон рӯй додани қазоҳо муқаррар буд; бо вуҷуди ин дар майдони Регистон ҷои сӯзан задан набуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Милициягон бо нармӣ, лекин чолокона роҳро кушоданд, мардум дусамта саф баста рост истоданд, дар сафи пеш аламрасидагон ва ситамкашидагон буданд, ки бештарини инҳо занони бева, бачагони ятим, падару модарони доғифарзанддида буданд.

— Инҳо шавҳари маро кушта, хона ва чизҳои вайро гирифта маро бо бачагони сағирам ба кӯчаи нокомӣ пеш карданд,— мегуфт як зани бева.

— Инҳо ҳамон гургони одамсуратанд, ки фарзанди баркамоли навҷавони маро кушта ва хизматона гӯён пулҳои маро ҳам гирифтаанд,— мегуфт як пири ҳафтодсола. Ва ҳоказо...

— Ин аст қозикалон Бурҳониддин! — касе нишон дод.

Ёдгор бовар намекард, зеро вай қозикалонро дар зери чоми зарбофт, бар забари аспи сиёҳмушкин, ки бо даврии зардӯзӣ ва абзоли 14-зулфа ороста буд, дида буд.

Акнун-чӣ?

Акнун сару пояшро барахна карда дасторашро ба гарданаш андохта пеш-пеш мекашанд.

Оре, қозикалон ҳанӯз дараҷа ва мартабаи худро нигаҳдорӣ мекард: чунон ки вай дар айёми давлат ва ҳашамати худ аз дигарон пешӣ мегузид, имрӯз — дар рӯзи ҳисоб а ҷавоб ҳам аз соири дастгиршудагон пештар медавид.

— Ин аст раискалони мусанниф! — гуфт шахсе.

— Эшони раис! Халифа ва даррадастҳотон куҷоанд? Чаро одамонро намезанед?— ин суханҳо аз даҳони як бачаи 10-сола баромад, ки гӯё аҳволи рӯҳияи онрӯзаи оммаро тарҷима мекард.

— Ана Юсуфбой! Ана Қаршибег! Ана Мирзо Усмон! — гӯён мардум ҳар кадом дастгиршудагонро ба якдигарашон нишон медоданд.

Имрӯз мардуми Бухоро охирин бор барои «пешвози» калонони шаҳр ва «соҳибони баниодам» ба роҳи гузари онҳо баромада буданд; лекин ин бор монанди пештара дар пеши онҳо дастбаста, тарсон ва ларзон таъзим ва саломкунон намеистоданд, балки ба ҷои салом нафрат ва ба ҷои таъзим ҳақорат мекарданд. Агар посбонони мусаллаҳ гирдогирди ин басазорасандагонро гирифта нигоҳдорӣ намекарданд, оташи интиқоми омма инҳоро дар як дам сӯхта хокистар карда чангашонро аз осмон меовард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Пурсиш ва тафтиши қозикалон, раискалон ва дигар сутунҳои дарбори амир ва аркони давлаташ ба поён расидааст, имрӯз ё фардо дар миёни омма и мардум кори инҳоро мурофиа карда ҷазои сазоворашонро таъин менамудаанд...

Ин овоза мардумро аз дари ҳавлие, ки қозикалон ва ҳамроҳонаш дар он ҷо маҳбус буданд, дур намекард; ҳама ба шавқи тамом интизорӣ мебурданд, ки зудтар ин бедодгаронро, ки хуни садҳо ва ҳазорҳо бегуноҳонро рехта, хонумонҳоро барбод дода, хонаҳоро вайрон ва хонаводаҳоро пароканда кардаанд, «даст баста ба дари маҳкамаҳо ҳайрон» бинанд; оре, ҳамин ситамкашидагон буданд, ки чанд рӯз пештарак аз ин, ба ғайр аз «ё раб ин қозию ин муфтию ин шоҳу вазир дастбаста ба дари маҳкамаҳо ҳайрон бод»[87] гуфтан дигар коре аз дасташон намеомад, имрӯз он орзуи худро бо кӯшиши ғаюрона ва муттафиқонаи меҳнаткашон дар воқеъ мединданд.

Қозикалонро аз ҳабсхона бароварда, роҳи рост ба ҳавлии худаш — ба ҳавлие, ки дар он ҷо бобо, падар ва худаш ҳукмронӣ карда омада буданд, бурданд. Ҳар кас гумон мекард, ки магар ӯро дар ҷое, ки худ дар он ҷо ба куштани ҳазорҳо мазлум ҳукм кардааст, мурофиа хоҳанд кард; бинобар ин мардуми тамошобин атрофи ҳавлии қозикалонро фаро гирифтанд. Ҳарчанд посбонон ба даромадани мардум монеъ шуда бошанд ҳам, чанд нафар тамошобин худро ба дарун гирифт, аммо дар он ҷо аз маҳкама ва аз ҳайати суд асаре набуд. танҳо чанд нафар коргарони ҳукумати нав — Ҳукумати Шӯроӣ буданд, ки ба рӯйхат ва ҷо ба ҷо кардани чизҳои он ҳавлӣ машғулӣ доштанд.

Яке аз онҳо, ки магар саркори он ҷо буд, як даста калидро пеши қозикалон гузошта:

— Сандуқҳо ва ганҷинаҳоро ба дасти худ кушода чизҳои қиматбаҳои панҷоҳ сол боз дар ин ҷо ғуншударо ягон-ягон нишон диҳед! — гуфт.

Қозӣ пеш аз он, ки корро сар кунад:

— Додар! Агар папиросатон бошад, як дона марҳамат кунед, илоҳӣ саломат бошед,— гуфта илтимос кард.

Саркор як дона папирос дод, қозикалон дарғиронда кашидан гирифт ва ба саркор нигоҳ карда гуфт:

— Додар! Ба чашми худ дидед, ки ман папирос ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

кашам, акнун бояд ба «ҷадид» будани ман ҳеҷ як шакку шубҳаатон намонда бошад: худоро ҳозир дида ҳақро напӯшонед, ба ҷойҳои дахлдор «ҷадид» будани маро маълум кунед ва папирос кашидани маро гӯед, шояд ҷазои ман сабуктар шавад; илоҳӣ саломат бошед!

Саркор ба ин илтимоси қозикалон пас аз «бисьёр хуб» гуфта ҷавоб додан:

— Пеш дароед, дарҳоро кушоед,— гуфт.

Қозикалон қулфи дари даҳлези меҳмонхоначаро кушод ва баъд аз даромадани саркор аз дунболи вай даромада дид, ки дар пойгаҳ як ҷуфт кафши кӯҳнаи худаш истодааст, ба саркор нигоҳ карда гуфт:

— Додар! Илоҳӣ давлататон аз ин ҳам зиёдтар шавад, ҳамин кафшро ба ман бахшед, мебинед, ки кафши поям ҷиғда-ҷиғда шудааст, вақти роҳ рафтан аз поям баромада, аз ман як қадам пештар медавад.

Саркор дид, ки дарвоқеъ кафши пояш пора-пора шудааст ва панҷаҳояш аз нӯги кафш намоён аст:

— Хуб, гирифта пӯшед,— гуфта рухсат дод.

Қозӣ монанди гадое, ки ба ногоҳ хуми пуртиллое ёфта бошад, кафшро пӯшид ва кафши чок-чокшудаи ба пояш бударо гирифта ба бағалаш зад ва дасташро ба хаво бардошта дар ҳаққи саркор ва фарзандонаш дуо кард.

Аввал ганҷинаеро, ки дараш аз даруни даҳлез ва пушташ ба хонаи нишасти ҳавлии дарун мепайваст, кушоданд, дар он ҷо сандуқ-сандуқ тиллоҳои мӯҳрдор, тиллоҳои сих[88], тиллоҳои рег[89] ва ёмуҳои хом (нуқраи хом) буданд.

Саркор пас аз рӯйхат кардани ин чизҳо сандуқҳоро бо дасти худ мӯҳр ва сурғуч карда калидҳоро ба муфаттиши ҳукумати инқилобӣ супурд.

Пас аз он ба даруни меҳмонхона даромаданд, дар он ҷо ғайр аз қолинҳои ба рӯи хона паҳнкардашуда ва кӯрпачаҳои яккандози даври хона чизи дигаре набуд. Танҳо дар пешгоҳи хона ба наздикии дари боло як пешсандуқи чӯбин буд, ки рӯи он як чоки дарозрӯя ва як сӯрохи гирда дошт.

Қозикалон аз миёни калидҳо як калиди хурдтаракро ҷудо карда бо вай қулфҳои хезаи (кассаи) ин пешсандуқро кушода пеш кашид, хезаи зери чок пур аз пулҳои коғазии николаӣ ва хезаи зери сӯрох пур аз тангаҳои бухорӣ буд.

Яке аз бошандагон гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ин сандукест, ки қисми калони дастранҷи мехнаткашони Бухоро ба воситаи чок ва сӯрохаш панҷоҳ сол боз ба хазинаи амир ва ганҷинаи қозикалон гузашта мерафт.

Дигаре:

— Ин сандукест, ки тақдири молу ҷон иззу номус, зану фарзанди фуқарои Бухоро пешаш мӯҳр ва имзо меёфт,— гуфта ба сухани гӯяндаи аввалӣ қувват дод.

Пас аз мӯҳр ва сурғуч кардани ин пешсандук, қулфи мадани хонаро кушода даромаданд; рӯи ин мадан то сақф пур аз яхдонҳои чармин ва сандуққои пӯлодин буд. Дар баъзеи ин сандуққо ҷавоҳир ва сангҳои қиматбаҳо ва дар баъзеи онҳо асбобҳои заррин ва симин буд. Дар байни ин асбобҳо ҳар гуна табақҳо, косаҳо, лаълиҳо, ҷомҳо ва суроҳиҳои заводкорӣ дида мешуд, ки ҳунармандони подиракори Бухоро ба рӯи онҳо бриллиант ва алмос барин сангҳои қиматбаҳоро ба як тарзи дилпишин нишонда буданд: бар рӯи ин сандуққо ҷумлан «ин асбобҳоест, ки барои сафари олӣ ба дарбори ҳумоюни империтури аъзам тайёр карда шудааст» навишта буд.

Дар як қатор сандуққо асбобҳои зинати заҳонаро дар қуттиҳои ҷудогонаи заводкорӣ андохта ҷой карда буданд; ба рӯи баъзеи ин қуттиҳо иборати: «барои хонаводаи мӯҳтарам империтури аъзам» ва ба рӯи баъзе дигарашон калимаҳои: «барои сайругашти ҷаноби олӣ дар иштратгоҳи Ялта барги еабз гӯён тайёр карда шуд» навишта буданд.

Дар яхдонҳо ҷомаҳо ва либосҳои қиматбаҳои дӯхта, ё ки алочаҳои абри хисорӣ, шоҳиҳси кори муллои қаршигӣ, қазоққонӣ, гулмахмалҳои бухорӣ ва фарангӣ, кундал ва кимхобҳои маскавӣ ва хоричӣ буданд, ки шумораашон аз ҳазорҳо мегузашт.

Дар якчанд яхдон докаҳои мисколӣ ҷой карда буданд, ки дар яке аз онҳо дастори бастаи тайёр ҳам буд.

Қозикалон он дастори бастаро дида:

— Додар! Ба ман боз як некӣ кунед, ин дастори бастаро ба ман диҳед, ки саллаам бисьёр чиркин шудааст,— гуфта аз саркор илтимос кард.

Саркор ба гирифтани он рухсат дод, қозӣ дастори бастаро ба сар ниҳод ва саллаи кӯҳнаи худро ба миёни худ бастанӣ шуд, азбаски саллаш дарози бистгазӣ буд, барои ба миён печонидани он худ гирд-гирд

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мегашт; қозӣ дар вақти ба миён печонидани он ба сабаби ба даст даровардани як дастор ва ба дасташ мондани саллаи кӯҳнааш чунон хурсанд шуда чарх мезад, ки бинандагон гумон мекарданд: вай аз шодӣ дар рақс кардан аст.

Пас аз анҷом ёфтани ҳамаи корҳо посбонон қозикалонро ба ҳабсхона баргардонданӣ шуданд, дар вақти аз хона баромадан қозӣ боз як папирос аз саркор пурсида гирифта кашид, дубора «ҷадид» будани худро бо далели папироскашнаш ба саркор зернишин карда то фардо, ки рӯзи суд аст, ба ҷойҳои дахлдор маълум кардани ин маъниро аз вай илтимос намуда рафт.

Саркор рӯйхати чизҳоро ба дасти котиби худ дода аз вай чанд нусха бардошта гирифтанашро фармоиш кард.

Котиб рӯйхатро сарсарӣ аз чашм гузаронида:

— Ин кӯлобӣ хеле чизҳо захира карда будааст,— гуфта тааҷҷуб намуд.

Касе:

— Ин кор ба кӯлобӣ будани вай ҳеҷ дахл надорад, чунончи, ман ҳам кӯлобиам, лекин то ба ҳол шикамам аз нон сер нашудааст,— гуфта ба вай мукобилат намуд.

Ин кас қаҳрамони ҳикояти мо Ёдгор,— ба қавли бухориён Дохунда буд,

Каси дигаре ба гуфтугузори инҳо ҳамроҳ шуда гуфт:

— Ба захира кардан захира кардааст, ҳар чӣ бошад, ба соҳиби аслиаш супурд, лекин ман дар ин ҳайронам, ки фардо рӯзи суди ӯст, агар сад ҷон дошта бошад ҳам, аз дасти суди одили меҳнаткашон ҷонашро ба саломат нахоҳад бурд, инро бояд худаш ҳам донад, пас ин кафшу дасторро чӣ мекарда бошад, ҳатто кӯҳнаҳояшро ҳам аз даст надод?

Саркор ҷавоб дод:

— «Гов бимирад ҳам, алоии чашмаш намеравад» гуфтаанд, ин ҳирс аст! Ҳамин ҳирс буд, ки ба қозикалон ин қадар чизҳоро ҷамъ кунонид; ҳамин ҳирс буд, ки ӯро ба рехтани хуни мардум ва ба хӯрдани моли мардум водор кард; ҳамин ҳирс буд, ки ӯро ба ҳамин рӯзи сиёҳ овард ва ҳамин ҳирс аст, ки ӯро кашон-кашон ба лаби гӯр мебарад, пас чӣ гуна аз вай ҷудо шуда монад?!. «Чашми танпи дуньёдорро хоки гӯр пур мекунад» гуфтаанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XIV. БО ҚОФИЛАИ ВАКИЛИ МУХТОР

— Ба кӣ кор дорӣ, Дохунда!— гуфта касе, ки бар болои кӯрпача чорзону зада нишаста буд, аз касе, ки ба таги дар, гоҳ сарашро дарун карда, гоҳ берун кашида меистод, пурсид.

— Ба вакили мухтор.

— Чӣ кор дорӣ?

— Ман шунидам, ки ҳар кас хоҳад, ҳамроҳи вакили мухтор ба кӯҳистон рафта метавонистааст, ман ҳам мехоҳам ба кӯҳистон биравам.

Қаси чорзонунишаста зонуи пои рости худро рост карда ба пои чапи худ нишаст ва коғазеро ба дасти чапи худ гирифта ба сари зонуи пои рости худ, ки вазифаи чорпояи хатнависиро адо мекард, нигоҳ дошт ва ба дасти рости худ қаламро гирифта:

— Номат чист?— гуфта пурсид.

— Ёдгор!

— Номи падарат?

— Бозор!

— Кучоӣ мебошӣ?

— Кулобӣ.

— Чанд сол боз ин чо ҳастӣ?

— Аз даҳ сол зиёд шуд.

— Чӣ кор мекардӣ?

— Сарбоз шудам, гурехтам; ба зиндон афтодам, боз гурехтам, боз ба зиндон ва обхона афтодам, окибат рӯзи инқилоб озод шудам.

— Бисьёр хуб, хату савод дорӣ?

— Не.

Котиб даҳони худро ба гӯши касе, ки дар паҳлуяш нишаста буд, бурда оҳиста:

— Нағзӣ, ки хату савод надоштааст, вагарна бо ин ҳасабу насабе, ки дорад, ба чои ман ба вакили мухтор [90] мирзо (котиб) шуда мерафт,— гуфт.

— Бо хаёли кӯкнор ту аз ҳар чиз вахм кардан мегирӣ, бо як хату савод ҳеч кор карда намешавад, мову ту бошем, солҳо куртаки мирзохонаи қушбегӣ ва козикалонро хӯрда ба ин чода расидаем, то инҳо кор ёд гирифта нони ману туро аз даҳонамон зада мегиранд, ки думи шутур ба замин мерасад. Коратро кардан гирӣ-чӣ?

Котиб боз рӯи худро ба он шахс гардонда:

— Ба фирқа дохил шудай?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Маънии ин гапатро нафаҳмидам, чӣ гуфтан мехоҳӣ?

— Яъне ба партияи коммунистӣ даромадай ё не?— мегӯям.

— Ҳо! Даромадаам, коммунист — большевик мебошам.

Котиб боз даҳони худро ба гӯши ҳамнишини худ бурда оҳиста:

— Ба болои ин ҳама «фазлу ҳунараш» большевик ҳам бударааст; илоҳӣ тавба,— гуфт.

— Аввалаш он ки большевикҳо дар Бухоро он қадар қадру манзалат надоранд, дуйум он ки ҳамин одам большевик шудан катӣ чӣ кор карда метавонад мегӯӣ?

— Не, инту нагӯй, шарик! Қарру фарри чадидҳо, ки ҳар кадомашон се қабат чомаи абри зеҳкалони астаршоҳиро аз рӯи пӯстини почасиёҳи подшоҳӣ болои ҳам пӯшида гирифта, мӯйҳои худро фатила-фатила намуда аз зери дастори мисқолӣ ва калапӯши тос баровард да даъвои ҳукмронӣ карда гаштаанд, бисьёр дер нахоҳад кашид; оқибат кор тамоман ба дасти большевикҳо хоҳад афтид, ки фирқаи большевик дар пеш бурдани кори инқилоб корҳо карда ва таҷрибаҳо дидааст; ту ба ин дохунда ба назари ҳакорат нигоҳ мекунӣ, ин дуруст нест «хаса хор мабин, ки ба чашмат мехалад» гуфтаанд. Большевики ҳақиқӣ аз ҳамин пойбараҳнагон мебарояд. Россияро зеру забар карданд, ҳамин пойбараҳнагони большевик карданд; Николай барин подшоҳро аз тахту бахташ чудо намуданд, Керенский ва тарафдоронашро аз мамлакат пеш карданд.

Котиб боз рӯи худро ба он шахс, ки ҳанӯз даст пеш гирифта рост истода буд, гардонда:

— Аз дастат чӣ кор меояд?— гуфта пурсид.

— Ҳар гуна меҳнати сиёҳ бошад, мекунам.

— Саисӣ, ё аспбонӣ карда метавонӣ?

— Метавонам.

— Баъд аз ду-се рӯз омада хабар гир, ман аҳволи туро ба коргузори вакили мухтор арз карда чавоб гирифта мемонам.

* * *

Аввалҳои моҳи январи соли 1921, ҳаво дар ғояти сардӣ буд, барф меборид, сар то сари дару боми шаҳри Карширо тӯдаҳои барф фаро гирифта, вайро ба шакли

E-mail: ziyozoda@gmail.com

як кӯҳи барфин оварда буданд, аммо меҳмонхонаи ҳокимнишинро кӯрғони Қаршӣ чунон гарм карда шуда буд, ки нишинандагони он чо аз сардии ҳавои берун ҳеҷ асар намедиданд.

Дар рӯ ба рӯи ин меҳмонхона гурӯҳе аз саисон, аробакашон ва палтарсаворон [91] буданд, ки инҳо дастаи ҳезуми тарро пуф-пуф карда даргиронда ба гарм кардани дасту пои худ машғулӣ доштанд.

— Хезетон! Ҷаноби оғолиқ афандӣ омада истодаанд!

Ин овоз, ки дари меҳмонхона аз забони як пешхизмат баромад, нишастагони таҳти айвонро ба по кард, ҳама аз чои худ хеста даст пеш гирифта барои эҳтироми «ҷаноби оғолиқ афандӣ» рост истоданд.

Дар миёни инҳо танҳо як одам нахест, вай пои аз хунук карахт шуда хобидаи худро рост гирифта натавониста мемолид, ки бо садои пурдахшати:

— Ӯй, дохунда! Одамӣ ё ҳайвон? Ба ту «ҷаноби оғолиқ афандӣ омада истодаанд, хез» мегӯям,— гуфтани пешхизмат, нимхез шуд, аммо аз карахтии по дубора ба замин афтод. Ҳар чӣ то ин вақт «ҷаноби оғолиқ афандӣ», ки ба тани худ пӯстини нохуни паланг дошт, аз пеши айвон ба тарафи меҳмонхона гузашта рафт ва ба фармони дубораи пешхизмат дигар эҳтиёҷ намонд.

— Ин «турҷаун»[92] кӣ буд?— гуфта саисе аз дигаре пурсид.

— Магар нашинохтӣ? Ин ҳамун Нуриддинхӯҷаи оғолиқ аст, ки дар вақти амир ихтиёри зинда ва мурдаи фуқарои Қаршӣ ба дасти ҳамин одам буд,— гуфта он кас ҷавоб дод.

— Мегӯянд, ки калонони даври амириро ба дари ин ҳукумат роҳ нест, ин одам чӣ гуна роҳ ёфтааст?— гуфта Дохунда пурсид.

— Дар гуфтан бисьёр гапҳоро мегӯянд, аммо аз гуфтан то кардан бисьёр фарқ аст; мегӯянд, ки хукумат аз они меҳнаткашон шуд, аммо ин одамоне, ки дар меҳмонхона чорзону зада нишастаанд, ба меҳнаткашон чӣ муносибат доранд?— гуфта аробакаше ба Дохунда ҷавобҳои қаноатбахш дод.

Баъд аз соате аз ошхонаи кӯрғон табақҳои пур аз оши палав баромада пасу дунбол ба меҳмонхона даромадан гирифтанд. Саисон ва аробакашон, ки хеле гурусна монда буданд, аз дидани табақҳои оши палави гарми гӯшти мурғнок, ки буғаш аз сардии ҳаво ба бо-

ло печида мебаромад, иштиҳошон боз ҳам қозгиртар шудан гирифт.

— Магар ба мо ош намедиҳанд?— гуфт яке аз саисон.

— Қалонон сер шаванд, мешавад, мо буғашро дидем, бас,— гуфт як аробакаш.

— «Пулнок кабоб мехӯрад, бепул дуди кабоб» гуфтаанд, ки бисьёр дуруст аст,— гуфт дигаре.

— Ҳаққи гапро ту гуфтӣ!— гуфта касе нақлкунандаи ин маколро таҳсин кард.

Саисон ва аробакашон боз ба чақ-чаққои худ машғул шуданд. Баъд аз соате:

— Ана, ана ба мо ҳам нимнигоҳ шуд,— гуфта яке аз саисон ба тарафи меҳмонхона ишорат кард. Ҳама ба он тараф нигариста диданд, ки дарвоқеъ пешхизматон ошҳои саркутро аз меҳмонхона бароварда ба тарафи инҳо меоранд.

Ош омад, ҳарчанд хунук шуда равғанаш ях баста бошад ҳам, саисҳо ва аробакашҳо бо иштиҳои тамом хӯрданд, ҳатто «шикамҳо сер шуд, ғамҳо дур шуд» гуфта шукрона ҳам карданд.

— Ман як об ёфта хӯрам,— гуфта касе аз миён бархост.

— Ман барои даст шустан об наёфта оқибат дастамро бо барф шустам, ту ҳам ба чои об барф хӯрдан гир,— гуфта дигаре роҳ нишон дод.

— Не-е, дар ин ҳавои хунук барф одамро бемор мекунад, ба меҳмонхона рав, дар он чо бояд об бошад,— гуфта сейумӣ маслиҳат дод.

Касе, ки ташна монда буд, ба дари меҳмонхона рафт, аммо ба даромадан далерӣ накарда, ба пеши дар рост истода монд.

Ба даруни меҳмонхона чақ-чақ гарм буд:

— Туқсабо афандӣ! Интӯхин шумо ҳам ба аҳолии Ҳисор ва Кӯлоб интӯхин, хеле ҳолдон ҳастед-а?
— гуфт садрнишини меҳмонхона.

— Хӯше, аз саратон гардам, тақсирҷон, афандим, «тӯқсабо» нагӯед-а?

— Магар шумо интӯхин, аз тӯқсабогии худ интӯхин, ор мекунед?

— Аз тӯқсабогӣ ор намекунам, лекин аҳволи замона ганда «ин дар замони амир «иноқ»[93] буд, ин «тӯқсабо» буд, ин «ясавулбошӣ» буд» гуфта як қисм одамони паст ба амалдорони кӯҳна гап мепарронанд, «за-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

минро об вайрон мекунад, одамро гап» гуфтаанд, агар ҳамин тавр гап-гап шудан гирад, худи шумо ҳам ба таги думи мо чангал мебандед*.

— Не-е, худо накунад! Ҳукумати шӯроии, интӯхин, Бухоро ҳукумати халқи, интӯхин, Бухорост; интӯхин гапҳоро интӯхин ба дили худ роҳ надиҳед; ҳукуматамо аз амалдорони кӯҳна ва аз бойҳо ҳам истифода мекунад; ҳар кас, ки интӯхин ба ҳукумат содиқона хизмат кунад, интӯхин манфиати халқро, «хусусан меҳнаткашонро» дар назар, интӯхин, дошта бошад, ҳамеша гули сарсабади, интӯхин, ҳукуматамо аст. Интӯхин, Мирзо Исмоили девонбегиро [94], интӯхин, надидед?!. Бо вуҷуди ин, ки интухин, вай дар замони амир аз муқаррабони даргоҳ буд, интӯхин, ҳамаи харҷу дахли амир, интӯхин, аз дасти вай мегузашт, ҳатто дар рӯзҳои чанг ҳам, интӯхин, вакили озуқаи лашкари амир ҳамин шахс буд, азбаски садоқати худро, интӯхин, ба мо исбот кард, ба Шаҳри Сабз барин, интӯхин, як вилояти калон, интӯхин, ӯро вакили озуқа карда фиристодем. Агар худо накарда кор ба дасти интӯхин, ҳоло гуфтед-ку интӯхин, одамҳои паст афтад, хотирҷамъ бошед, ки интӯхин, дар сари ҳукумат мо ҳам намемонем.

— Ба ҳукумати шӯроии халқии Бухоро бадгумон шудани мову шумо нодуруст аст,— гуфта як амалдори кӯҳнаи дигар ба тӯқсабо нигоҳ кард ва илова намуд:

— Аз давлати ҳукуматдорони шӯроии халқии Бухоро ба амали кӯҳнаи мо як лақаби нав ҳам ҳамроҳ шуд, ки моро дар замони амир «тӯқсабо», «девонбегӣ», «иноқ» мегуфта бошанд, ҳозир «чаноби тӯқсабо афандӣ», «чаноби девонбегӣ афандӣ» ва «чаноби иноқ афандӣ» мегӯянд.

Аз пешгоҳи меҳмонхона касе оғози хестан кард, дигарон аз вай пештар часта аз чойҳои худ хеста даст баста, таъзим карда истоданд.

Пешхизмат чорӯберо ба даст гирифта давида аз хона берун баромад ва ба пеши дар касеро дида:

— Гурез, дохунда! Вакил афандӣ баромада истодаанд,— гуфт.

— Ман барои об хӯрдан омада будам, агар бошад, як коса об диҳед,— гуфт Дохунда.

— Дар ин чо оби бекор нест, як машк оби ширин ҳаст, ки махсуси чаноби вакили мухтор афандӣ ва ҳам-

---

* Ба истилоҳи Бухоро ба таги дум чангал бастан, киноя аз пеш кардан-рондан аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

роҳонашон аст, агар ташна монда бошӣ, дар пеши козихона сардобаи абдуллохонӣ хаст, ки он чо рафта об хӯрдан гир,— гуфт пешхизмат ва Дохундаро, ки аз дари мехмонхона дур мешуд, дубора чеғ зада ба дасташ чорӯбро дод:

— Аз ин чо то дари халочо барфхоро рӯфта тоза кун, ки эҳтимол вакил афандӣ барои таҳоратшиканӣ бароянд,— гуфта амр фармуд.

Пас аз ба халочо рафтани вакили мухтор Нуриддинхӯҷаи оғолиқи Қаршӣ аз мехмонхона баромад ва дар вақте ки кашфи худро мепӯшид, ба гӯши пешхизмате, ки маҳрами ҳокими собиқи Қаршӣ буд, оҳиста:

— Назари чадидхо ба мо дуруст-ку; мо беҳуда дар ҳаққи муфтӣ Маҳмудхӯҷаи Бехбудӣ[95] ва ҳамроҳонаш бадгумон шуда онҳоро нобуд кунонда будем,— гуфта ҳам хурсандӣ ва ҳам изҳори надомат кард.

XV. БАЗМИ ТАГИКӮРПАГӢ

Шаҳри Бойсун аз одат берун ҷамъият пайдо карда кӯча ва ҳавлиҳояш аз одамони шаклу шамоилашон гуногун ва либосашон рангоранг пур шуда буд. Дар ин чо аз элнавкарони[96] телпакдарози қоматбаланди корду фӯтадори Қилиф ва Лаби Об гирифта то шоҳбачагони карбосдастори кафши чӯбинпӯши калтак ва камондори Дарвоз ва амалдорони шамшер ва милтиқи шохдорноки Ҳисор, Кӯлоб ва Қаротегин ёфт мешуданд. Албатта, дар ин ҷамъомадгоҳи қабилаҳо сипоҳиёни чоманабри зеҳкалонпӯши камарбанди тиллоноки бухорӣ, хусусан наздикони дарбори амири гуреза, дар худфурӯшӣ ва худнамоӣ аз дигарон болотар меистоданд.

Ҳокими Бойсун Мухторчони нонвой, ки бо як бозии таърих ва чилваи толеъ амири худро ба худ мехмон кардааст, кӯшиш мекард, ки соҳибдавлати худро розӣ ва хушнуд гардонад; агар худо бозгашта давлати тахти Бухороро ба амир насиб кунад, шояд ба сабаби ин некӯхизматӣ ба мансаби калонтар аз ҳокимии Бойсун бирасад, бинобар ин ҳоким, агарчи аз як тараф аз шикасти амир ба бими чудо шудан аз ҳукмронӣ дар ғаму андӯҳ афтода бошад ҳам, аз тарафи дигар ба умеди оянда як дарача хурсанд шуда, аз шодӣ сари калобаи худро гум карда хизмат мекард: чунончи, ба замми он ки ба амир аз либосу кумошу нақдина гирифта,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

то аспу бачаву духтар, нӯҳгона-нӯҳгона (тӯққуз-тӯққуз) пешкаш кардааст, дар Чорчинор ном мавзее, ки дар шимолии қӯрғони Бойсун буда, дар хушҳавоӣ машҳур аст, барои истироҳати рӯзонаи амир нишемангоҳҳо тайёр карда, хайма ва хиргоҳҳо зада, чодир ва шомьёнаҳо барпо намуда зиёфати бисьёр олие омода кардааст.

Ҳоким пас аз гузоришдани пешкашҳои худ аз назари амир ба Имомқул, ки муқарраби даргоҳи амир буд, арз кард:

— Агар ҳазратам майли сайру гашт ва истироҳат доштa бошанд, мавзеи Чорчинор мунтазири ташрифи қудуми хумоюн аст.

— Албатта, хотири олӣ ба сабаби беодобиҳои большевикон ва чадидони бедин хеле кудурат пайдо кардааст, ба замми ин ба сабаби кӯфти роҳи чандрӯза ҳам, ки аз Бухоро то ба ин ҷо гӯё ба яккасаворӣ омаданд, хеле малул шуданд; дар ин гуна вақт сайру истироҳат бисьёр муносиб аст, лекин барои ин ки истироҳат истироҳати хушк нашавад, базме ҳам тайёр кунед,— гуфт Имомқул.

— Аммо дар ин шаҳр, хонанда ва танбӯриҳое, ки муносиби базми хумоюн бошанд, ёфт намешаванд, аз ин вачҳ узри тақсири моро ба суддаи сания [97] расонед,— гуфт ҳоким.

— Базми муқаррарӣ он қадар ҳоҷат нест,— гуфт Имомқул,— мақсади ман базми тагикӯрпагӣ аст.

— Агарчи барои ин кор ҳама чиз тайёр аст,— гуфт ҳоким,— ба фаҳми ман ин корро то шаб мавқуф монем, беҳтар аст, зеро рӯзҳои ғазо, рӯзона дар як саҳро ба пеши чашми ғозиён ин гуна базм кардан он қадар хуб намешудагист...

Дар ҳамин вақт амир барои ғазоталабоне, ки аз Ҳисору Кӯлобу Балҷувону Дарвозу Қаротегин ба пешвоз ва ёрии худаш омада буданд, дар қӯрғони Бойсун зиёфат фармуда, худ асп талаб карда бо наздикони худ ба тарафи Чорчинор роҳӣ шуд. Имомқул ва ҳоким ҳам, пеш аз он ки дар бораи базми тагикӯрпагӣ ба як қарор оянд, аспҳои худро савор шуда ҳоким пеш-пеш ва Имомқул аз дунболи амир асп давонданд.

* * *

Саркардагон, шоҳбачагон, амалдорон ва элнавкарон дар қӯрғони Бойсун ба сари дастархон ҷамъ шуда ба ошхӯрӣ машғуланд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Афсӯс ки,— мегуфт яке аз саркардагони ҳисорӣ,— ҷаноби олӣ бедилӣ карда гурехтаанд, агар то расида рафтани мо худдорӣ мекарданд (шамшери худро намоиш дода), бо ин шамшери худ танҳо худам ба сад большевик ва ҷадид ҷавоб мегуфтам.

— Танҳо аз дасти худи ҷаноби олӣ,— саркардаи дигар мегуфт,— чӣ меояд? Намаккӯрони дарбори олӣ бошанд, хама танпарвар ва бандаи айшу ишрати ҳаррӯзаи худ ҳастанд, акнун ки ҳазратам аз саркардагон ва амалдорони дарбор ҷонсупорӣ надида ба ин ҷониб омадаанд, мо кӣ будани худҳоморо нишон медиҳем ва асосаву дабдабаи подшоҳиашонро дубора баркарор карда худамон ҳам сурхрӯӣ шуда гули сарсабади боргоҳ мешавем...

Ҳанӯз табаққои оши палав нима нашуда буд, ки овозаи «ҷаноби олӣ омаданд» дар миён афтод; меҳмонони ғазоталаб мехостанд, ки ошхӯриро гузошта барои пешвози «валинесъмати худ» бархезанд, дастархончии ҳоким:

— Супориши олӣ чунин аст, ки касе аз ҷои худ нақунбад ва ҳама аз давлати олӣ хотирҷамъона ба ошхӯрӣ машғул бошанд,— гуфта онҳоро ба сари дастархон нигоҳ дошт.

Амир бо наздикони худ омада ба қӯрғон фуромад, лекин фуромадан ҳамон буду баромадан ҳамон; танҳо хамин қадар фурсат гузашт, ки ҳокими Бойсунро ёрғу (мусодира) карда ҳамаи чизҳои қиматбаҳои сабуки ӯро бо пакдина ва асбоби зинати заронаш ба даст дароварда ва бақияи чизҳои қӯрғонро бо чизҳои бардошта-наш душвори ҳокими қӯрғон ҷо ба ҷо гузошта, зуд саворӣ кард.

Ҳоким ҳам аз ин гурези ногаҳонӣ зиёдтар аз нохушнудии амир нисбат ба худаш андӯҳгин шуда бо як қабат либоси кӯҳна ва аспу қамчини салт аз дунболи амир равон шуд.

— Нагуфтам, ки базми тагикӯрпагӣ даркор аст? Дидед, ки табъи ҷаноби олӣ аз ин кӯтоҳии шумо чӣ қадар нохушнуд шуд; хуб, зарар надорад; ин кор ба шумо ва дигарон дар оянда ибрат мешавад,— гуфта Имомқул ҳокими ёрғушударо тасаллӣ медод.

Баъд аз даҳ дақиқа дар қӯрғон ғайр аз меҳмонони ғазоталаб дигар ҷонзоде намонда буд; лекин аз тарафи ғарбии шаҳри Бойсун — аз кӯҳи Посурх садои «тат, тат, тат» меомад; бинобар ин меҳмонони «баҳодур» ҳам бо

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дилҳои кашол ошхӯриро нимкора гузошта бархостанд ва барои ёрӣ додан ба амирашон, аз дунболи вай рафтанӣ шуданд, лекин аз асп ва саворихошон асаре намонда буд ва ҳамаро одамони аспашон мурда ё мондашудаи амир ва амалдорони пиёдаи аз дунбол расидаомадаи ӯ савор шуда рафта буданд, бинобар ин, ин «баҳодурон» ҳам пеш аз он ки калтак, шамшер, милтиқи шохдор ва камонғӯлакҳои худро дар майдони ҷанги бо большевикон кор фармоянд, ба сари деҳқонон озмоиш карда диданд ва ба сояи ин яроқҳо аз дасти фуқарои хокпош аспошонро даррабуда аз дунболи амир бадар канданд.

* * *

Ҳаштод нафар аскари сурхи бо пулемёт ва милтиқ мусаллаҳ аз кӯҳи Посурх фуромада ба шаҳр омаданд, ки дар он ҷо ҷонзоде не, аммо ҳавлиҳо бо чизҳояшон ба ҳоли худ гузошта шуда буданд. Дар қӯрғон бошад, дастархонҳо паҳн, ошҳо дар табақҳо, баъзе деғҳо пур аз оши тозабӯғ ва дар баъзе дигарашон барои пай дар пай расонда истодани наҳории амир обу равғани ош таёр буда муҳайёи андохтани биринҷ аст.

Аскарони сурх пас аз таҳлили кимиёӣ карда дидани эшҳо аз ин зиёфати бемеҳнат ба қадри дилхоҳ тановул карданд ва пас аз он дар паи одамьёбӣ афтода ба беруни шаҳр чанд нафарро фиристоданд, инҳо пас аз ҷустуҷӯи бисьёре як-ду нафарро ёфта оварданд; аскарони сурх бо забони хуш ва муомилаи дӯстона онҳоро ба худ ром карда маънии инқилоб, сабаби қиёми халқ ба муқобили амир ва амалдоронашро, ба андозае, ки як деҳқон фаҳмида тавонад, ба онҳо хотирнишон карда, аз ғаниматҳои қӯрғон як миқдорашро «асли ин моли худи шумост» гуфта ба онҳо доданд ва гуфтанд, ки:

— Мо танҳо барои дунболагирии амир омада будем, лекин бо деҳқонон ва фуқаро бошад, ҳеҷ душманӣ надорем, балки ёридиҳандагон ва халоскунандагони онҳо мебошем, бинобар ин мо ҳозир ба лашкаргоҳи худ баргашта меравем, шумо ба фуқаро фаҳмонед, ки ба шаҳр омада ба чизҳои худ соҳиб ва бечорагии худ машғул шаванд.

Аскарони сурх ба сари манзили худ баргаштанд, мардум ҳам ин гуна муомилаи дӯстонаи аскарони сурхро шунида ба шаҳр бозомаданд, лекин то баргашта ома-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дани мардум, шаҳр аз тарафи торочгарони бодиягард ва амалдорони гурезаи амир тамоман ғорат шуда, то парчае бўрьёе дар хонаи касе чизе намонда буд.

XVI. ШАХСИ САРОҶАНИШИН

— Аз Бойсун то Душанбе дар шаҳр ва қишлоқҳои сари роҳ ҷонзоде намондааст, гурезагони амирӣ ҳамаро дар воҳима андохта гурезонда, молу асбобҳои онҳоро ба қадре, ки метавонанд, тороҷ карданд.

— Дар Душанбе ҳам касе намондааст, амир ба нияти гурехтани ба Афғонистон ба тарафи Қўрғонтеппа рафтааст.

Мардуми қишлоқӣ ва саҳроии атрофи Ҳисор ва Душанбе ҳамин тариқа гуфтугузорҳо карда, барои оянда и мамлакат андеша мекарданд ва фикрҳо меронданд.

— Барои осоиши мамлакат ва халосӣ ёфтани аз дасти торочгарони амирӣ зудтар ба большевикон ва ҷадидон пешвоз баромадан ва онҳоро гирифта овардан даркор аст.

Ин фикр, ки аз тарафи деҳқоне ба миён партофта шуд, аз тарафи омма қабул ёфт, барои пешкаш миқдоре озуқа ва барои аломати таслим як алами сафед ҳам тайёр шуд.

— Мухаммад Назар қадре забони русиро медонад, ҳамин шахсро пеш андозем, хуб мешавад,— гуфт касе.

Ин фикр ҳам маъқул шуд ва худи Муҳаммад Назар ҳам қабул кард.

— Большевикон ҳозир дар кучо бошанд?— яке аз пешвозчиён пурсид.

— Назар ба қавли одамони амир дар Сари Осиёанд.

— Не-е, ман шунидам, ки дар Деҳнав будаанд.

— Инҳо ҳама гапҳои бардурўғи одамони амир аст, ки мардумро барои тарсондаву гурезонда чизҳояшонро толон кардан чунин овозаҳо мекунанд, хабари пухта ҳамин аст, ки як дарача ба Бойсун омада бозгашта ба Дарбанд рафтаанд.

— Истетон-истетон, инҳо киҳоанд?— гуфт яке аз пешвозчиён.

Ҳама ба тарафе, ки вай ишорат карда буд, чашм дўхтанд. Як даста мардони мусаллаҳ меоянд, пеш-пе-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ши худҳояшон ду асперо, ки бар болои онҳо як сароча бор карда шудааст, меронанд.

— Дар ҳақиқат инҳо киҳо бошанд ва бар болои сароча кӣ хобида бошад?— дигаре аз пешвозчиён бо тааҷҷуб ин саволро дод.

— Инҳо ҳам ҳамон шумқадамони амиранд, ки мехоҳанд дар охири айёми давлаташон боз як бори дигар моро тороҷ кунанд ва бо шумии қадами худ мамлакатро ҳам помол кунонанд; ин сарочанишин, албатта, ё мурдааст ва ё бемор.

Даста пздик расида омад, касе аз миёни даста омада аз пешвозчиён мақсад ва муродашонро фаҳмида рафт. Сарочанишине, ки ҳанӯз пешвозчиён мурда ё зинда будани ӯро намедонистанд, бе он ки сари худро аз болиши сароча бардорад, дасташро боло карда ишорате дод; ба муҷарради ин ишорат дастаи мусаллаҳ монанди гала гургоне ки худро ба рамаи гӯсфандон заданд, ба мардуми сулҳ ва осоишҷӯи пешвозчӣ заданд, дар ним соат чандеро куштанд ва чандеро маҷрӯҳ карданд ва бокимондагон пароканда шуда ба ҳар тараф гурехтанд, чизҳои барои пешқаш тайёркардаашон ба дастаи мусаллаҳ ва шахси сарочанишин афтод.

XVII. ВАСИЯТНОМА

— Аз Мирзои урганчӣ ариза омадааст.

Ин хабар амирро, ки дар роҳи Қӯрғонтеппа барои гурехтан ба Афғонистон тайёрӣ медид, аз роҳ бозгашт:

— Худи ӯ дар кучо будааст?— гуфта амир аз гӯяндаи хабар пурсид.

— Дар Дарбанд аз аскарони сурх ба як кӯҳ гурехта аз асп афтода, қоши зин ба шикамаш даромада маҷрӯҳ шуда будааст, ки ба сароча бор карда ба Душанбеаш овардаанд,— гуфта пешхизмат ба амир эзоҳ дод.

Амир аризаи Мирзои урганчиро талаб карда хонд; мазмуни ариза ин буд, ки:

«Большевикон аз Бойсун баргашта рафтанд, ҳозир дар ун тарафи Дарбанд истодаанд; ба сипоҳиён ҳеҷ эътимод кардан дуруст нест, ки инҳо худашон ваҳмида зоти ҳумоюнро ба гурез водор мекунанд: ба фуқаро, албатта, такья карда намешавад. Чунончи, фуқароёни Душанбе ва Хисор мехостаанд, ки ба давлати олӣ кӯрнамакӣ карда ба пешвози большевикон бароянд, ман

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба болои кор расида омадам, ҳамаро пароканда кардам, муллоён, дуогӯи давлати олӣ бошанд ҳам, ғайр аз «балегӯи» аз дасташон коре намеояд. Дар ин гуна рӯзҳо танҳо ба дуздони номӣ такья кардан мумкин аст, ки ман ин маъниро борҳо ба пешгоҳи ҳумоюн арз кардам. Агар гӯрсӯхтаи Насрулло қушбегӣ ба гуфтаи ман медаромад, ман дар соли 1917 ҳамаи ҷадидонро ба воситаи дуздони худам тасаддуқоти олӣ кунонда (кушонда) «хас каму ҷаҳон пок» мекардам ва ин қадар фитнаҳо ҳам пайдо намешуд. Аз давлатҳои беруна танҳо аз Инглис умед кардан дуруст аст, ки онҳо ҳамеша мехоҳанд Туркистонро аз дасти русон бигиранд. Давлати Афғон бошад, қавл надорад, вақте ки ба давлати олӣ захми чашм расид, чизҳои ваъдакардааширо надод ва боз ҳам ёрӣ медиҳам гуфта фиреб дода гаштааст; ба ҷадид будани Амонуллоҳ ҳеҷ шакку шубҳа нест. Бинобар ин зоти олӣ дуздони номии мамлакати худамонро ҷамъ оварда ва аз босмачиёни Фарғона ҳам ёрӣ талабида бозгашта ба Душанбе оянд ва асоси салтанатро барқарор доранд; ва ба Ҳиндустон вакил фиристода аз давлати Инглис ҳар чӣ хоҳанд, гирифта метавонанд. Иншоаллоҳ ба давлати олӣ ҳеҷ офате нест. Худи ман дар роҳи ислом сахт маҷрӯҳ шудаам, дур нест, ки бимирам, ин аст васияти ман ба боргоҳи ҳумоюнӣ. Боқӣ бод давлати олӣ».

Амир пас аз хондани ариза ба Имомқул гуфт:

— Магар ба худи Мирзои урганчӣ эътимод кардан мумкин аст? Албатта, не! Авлиёқулбег, ки падар бар падар намакхӯри давлати мост, ба мо чӣ кард, ки ин кунад? Авлиёқулбег маро тарсонда ба ин тараф гурезонда худаш ҳама чизҳоро бардошта ба тарафи Кӯлоб рафт; дур нест, ки худи Мирзои урганчӣ ҳам маро фиреб дода, ба Душанбе бурда дастгир карда ба дасти большевикон супурданӣ бошад; як гапаш маъқул аст, ки «танҳо ба дуздон такья кардан мумкин аст» мегӯяд. Касби дуздон дуздист. Агар дуздиро аз номи ман кунанд, онҳо шукр гуфта ба ман хизмат кардан мегиранд, Аз ғайри дуздон ба савдогарон ҳам эътимод кардан мумкин аст, зеро бадтарини душманони большевикон савдогаронанд. Бинобар ин ба қавли Мирзои урганчӣ фирефта нашуда, аввал барои фаҳмидани ҳақиқати ҳол Ҳоҷӣ Алимбои савдогарро ба Душанбе фиристодан даркор аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Амир, пас аз қадре андеша карда истодан гуфт.

— Ҳозир Мирзои урганчиро ҳам наранчондан даркор аст, бинобар ин ба номи вай «шуморо ҳокими Ҳисор ва Душанбе таъин кардем, то бозгашта рафтани мо мамлакатро саришта карда истед» гуфта хат шавад. Агар фиребаш маълум шавад, пас аз он ҷазо хоҳам дод.

* * *

Ҳоҷӣ Алимбой ба Душанбе омад, ки Мирзои урганчӣ мурдааст ва аз калоншавандагони он ҷо:

— Дуздони номии ин ҷо кист?— гуфта пурсид.

— Машҳуртарини дуздон Иброҳим Галлу писари Чақабой тӯқсабои лақай ва ҳамроҳи вай Абдулхолиқ аст,— гуфта дарак доданд.

Баъд аз як соат Иброҳим Галлу ва Абдулхолиқ ба тарафи Бойсун барои овардани хабари пухта равона шуданд ва Ҳоҷӣ Алимбой мунтазири хабари онҳо шуда дар Душанбе монд.

XVIII. САЛТАНАТИ ДУБОРА

«Бӯрӣ Батоши дузд бо Шарофбои қаршигӣ ҳазор нафар марди ҷангӣ ғундошта Дарбандро посбонӣ мекунанд, бинобар ин ба давлати олӣ ҳеҷ гуна халале роҳ наҳоҳад ёфт».

Ин хабар, ки аз натиҷаи таҳқиқи Ҳоҷӣ Алимбой ба амир расид, ӯро водор кард, ки зуд баргашта ба Душанбе ояд ва барои салтанати дубора асос гузорад.

— Бӯрӣ Батоши дузд, Шарофбои қаршигӣ!— мегуфт амир,— инҳо намояндаи ду гурӯҳ — дуздон ва боёнанд, ки ба онҳо эътимод ва такья кардан мумкин аст. Ин як фоли нек аст, ки маро ба устуворӣ ёфтани салтанати дубораам умедвор мекунад: ҳайфо кӣ ёбандаи ин фикр аз миён рафтааст (яъне Мирзои урганчӣ мурдааст). Хуб, зарар надорад, «асои пир, ба ҷои пир» гуфтаанд, вай мурда бошад, писарашро дар Душанбе ва Ҳисор ҳоким таъин мекунем.

* * *

Амир пас аз омаданаш ба Душанбе, элнавкарон ва сипоҳиёни аз атроф ҷамъшударо амалдор кардан гирифт. Аз сипоҳиён ва элнавкарон тортуқ [98] болои тортуқ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мӯомад ва аз ҷониби амир ярлиқ болои ярлиқ [99] мебаромад, ба ҳадде ки дар байни мирзои муншӣ, ки ярлиқ менавишт ва хазиначӣ, ки пули коғазӣ нақш мекард, дар болои бисьёртар ба ихтиёри худ гирифтани коғаз мунокиша мерафт; ба ҳар ҳол ҳар дуи инҳо дар коғаз исрофкунӣ аз якдигар монданӣ надоштанд.

Удайчию шиғавул, [100] маҳраму ясавул, муншию дафтарлор, дарбону шарбатдор ҳама таъин шуда қӯрғони Душанбе ранги дарбори Бухороро гирифт.

Корҳо мувофики муддао дуруст шуда истодааст,— мегуфт амир,— ҳайфо, ки тангаву тилло камӣ мекунад.

— Аз ин вачҳ ба хотири олӣ ҳеҷ гуна андеша роҳ наёбад, ки ғуломашон ман,— гуфт Имомкул,— чораи ин камбудиро андешидаам.

— Ҳақиқатан ту ба ман ҷонсупори бемонанд ҳастӣ; гӯй, ки чораи бештар ёфтани тангаву тилло чист?

— Дар Душанбе,— ҷавоб дод Имомкул,— ҳаштод хонавор яҳудиён ҳастанд, ки нақдина ва асбоби зинати заҳонаи инҳоро гирифта худҳошонро ба Ҳисор фиристода, дар зиндони он ҷо ҳабс кардан даркор аст. Мо бо ин тир чанд нишонро мезанем: аввал он ки бо нақдина ва бо тангаву тиллои нав, ки аз асбоби зинати заҳонаи инҳо зарб мекунем, дар хазина ҳеле тангаву тилло пайдо мешавад; дуюм хонаву ҷой ва асбоби рӯзгори инҳоро ба аҳли дарбори олӣ таксим карда медиҳем, ки инҳо аз хонабардӯшӣ халос мешаванд; сеюм он ки бо ин кори мо чашми фуқарои Ҳисор ва Душанбе, ки бо хабари омад-омади болшевикон ба мо бечо шудааст, ба хонааш афтида ба ҳар ҳукму фармони олӣ гардан медиҳанд, ба пойдор шудани салтанати олӣ дил баста дар вакти талаб бе ҷанҷолу харҳаша молу чиз, духтару писарашонро ба мо месупуранд.

Дар як рӯз ҳамаи ин фикрҳо иҷро шуд. Яҳудиён ҳаман чизҳо ва хонаву ҷои худро аз даст дода сару побараҳна бачагони сағири худро бардошта пои пиёда ба зиндони Ҳисор рафтанд, яъне фиристода шуданд. Имомкул ҳоли яҳудиёнро ба тариқи мисол ба мардум нишон дода гуфт, ки:

— Агар ҳар кас аз фармони олӣ сар печад ва гардан тобад, ба ҳамин ҳол, ки яҳудиён афтоданд, гирифтор мешавад; агар аз зиндагӣ ва аз хонумон умед дорад, ҳар чӣ нақдина ва асбобе, ки дошта бошад, бе ҳеҷ гуна қилу қол ба хазинаи олӣ супорад, вагарна ҳар чӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба саратон ояд, аз ҷаноби олӣ гила накунед ва аз аъмоли бади худ донед!

Ин амр хам ичро шудан гирифт, зеро мардум тарсиданд, ки агар гардантобӣ кунанд, ҷазоҳои Имомкул нишондодаро дар ҳаққи худашон элнавкар ва аъёни мамлакати худашон, ки дар ин салтанати дубора ба амалҳои калон расида ба ҷои милтиқҳои шохдори худ милтиққои дунболапур гирифтаанд, ичро хоҳанд кард.

Дар натичаи як дараҷа устуворӣ ёфтани хазинаи амир, масъалаи айшу ишрататаш ҳам ба хубӣ ҳал шудан гирифт: як зани ҷавони Авлиёқулбег, ки дар вақти гурехтани худаш, бинобар навзоида буданаш дар қишлоқи Хонақоҳ ба дасти Зоҳид мингбошӣ амонат супорида шуда буд, ба воситаи ин «амонатнигоҳдор» пешкаш гардида зинатбахши ишратсарои нав шуд. Дуюм зани қозии Деҳнав, ки худаш бо хабари «большевик омад» дилкаф шуда мурда буд, ба воситаи ҷустуҷӯи хазиначӣ ба харамсаро оварда шуд; сеюм духтари Иброҳимхӯҷа ном бухорӣ, чорум духтари Алимардон ном хонақохӣ ва дигарон пай дар пай оварда шудан гирифтанд, ки харамсарои Душанбе хам ба ӯрдаи Бухоро наздик расид, яъне зоҳиран ва ботинан усули подшоҳӣ устуворӣ ёфт.

Амир барои тачдиди макон ва зиёдтар фоида бурдан аз ин салтанати дубора ба Ҳисор рафтанӣ шуда дар вақти савор шудани асп ба ҳокими Душанбе, ки рикобашро медошт, гуфт:

— Ин занон ва духтарон он қадар лаззат надоданд, духтаре ҷавонтар ёфта аз дунбол ба Ҳисор фиристон!

Ҳоким:

— Хӯш, таксир!— гуфта се бор таъзими рукӯъмонанди ба сачда наздик кард.

Барои ҳоким воситаи баланд шудани мартабааш ёфт шуда буд, бинобар ин фурсатро аз даст надода, ба воситаи духтарьёбони худ дарак кард, ки дар амлоки Тӯдаи Ҳисор Темуршоҳ ном касе духтари ҷамилае дорад. Фаврӣ Темуршоҳи мазкурро оварда ба супурдани духтараш амр фармуд.

— Духтарам ҳанӯз сағираи хурдсол аст, ҳашт сол дорад,— гуфта гирья кардани Темуршоҳ ҳеч фоида набахшид.

— Кори подшоҳӣ ҳазлкорӣ нест, бояд бечунучаро ба ин амр розӣ шавӣ,— гуфта барои ичрои ин хоҳиш фармон додани ҳоким ба шогирдпешагони ярокдори ху-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

даш масъаларо ҳал кард. Дар худи ҳамон шаб он духтараки ҳаштсола ба кӯрғони Ҳисор ба ишратгоҳи амир Олимхон фиристода шуд.

Фардои он рӯз хабари аз Ҳисор ба Душанбе баргаштани амир ба ҳоким расид.

— Наро ба ин зудӣ?— мегуфт ҳоким.

Ясавули хабарбиёр гуфт:

— Духтараки Темуршоҳ ба ҳайбати подшоҳӣ тоб наёварда тасаддуқоти зоти олӣ шудааст (яъне мурдааст); ин маъниро аҳолии кӯрнамаки Ҳисор фаҳмида ба шӯриш омадаанд, бинобар ин ба табъи ҳумоюн кудурат пайдо шуда буд, ки зуд баргаштанд.

— Афсӯс, ки ин некӯхизматии ман,— гуфт ҳоким, — абас рафт, ман умед карда будам, ки бо ин хизмат муқарраби даргоҳ хоҳам шуд, ҳайфо ки толеам натохт, падарлаънати Темуршоҳ духтари худро дуруст тарбия накарда будааст-дия.

Амир баргашта ба Душанбе омад ва:

—«Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре» гӯён Абдулҳафизро, ки «хурдсол аст» гуфта ба додани духтараш рози нашуда буд, сараскар карда ба ҷониби Бойсун фиристода духтарашро оварад ва кудуратеро, ки ба сабаби мурдани духтари Темуршоҳ ба дилаш пайдо шуда буд, бо ин васила бартараф кард.

* * *

«Зафар бар болои зафар»; аз ғайри 26 нафаре, ки аз аҳолии Ҳисору Душанбе ва гурезагони бухорӣ ба гунохи ҷадидӣ ва большевикӣ ба даст афтода кушта шуданд, аз майдони ҷанг ҳам ду нафар аскари сурхро асир карда оварданд.

Амир инҳоро ба ҳузури худ даровард ва «барои биззот шарик шудан ба савоби ғазо» ба рӯи ҳар кадоми инҳо як шатронигӣ бо дасти худ зад ва пас аз он амр дод, ки дар бозори Душанбе дор баста инҳоро овехта кушанд.

Барои ёрии амир омада бо Бойсун фиристода шудани 400 нафар босмачиёни Фарғона ҳам ба ин зафарҳои амир далел буд.

* * *

— Акнун Душанбеи мо аз Бухоро фарқ надорад,— гуфт амир ба Имомкул,— танҳо як камӣ монд, ки дар ин ҷо чои сайру гашт кам аст, маҷбур мешавем, ки ду

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шаб дар кӯрғон бошем, ду шаби дигар дар «дворес»* манзил кунем, аммо дар Бухоро як шаб дар Ситорамаҳхоса бошем, шаби дигар дар Ширбадан, он чо ба дил занад, ба чорбоғи Гул, ё ба Талча, ё ба Найманча ё ин ки ба арки Бухоро мерафтем; гоҳо хавлиҳои даруни шаҳрамонро як-як сайр мекардем, ки дар моҳе як бор ҳам ба ҳар кадоми онҳо навбат намерасид; тӯйҳои қозикалон ва қушбегӣ, духтару писар пешкаш кардани онҳо ва ба сари мо тангапошиҳошонро ҳеҷ аз ёд бароварда наметавонам.

— Худо хоста бошад, боз ба он давлатҳо ба зудӣ мерасем,— гуфт Имомқул,— лекин барои хушнудии хотири олӣ мумкин аст, ки ба ҳар кадоми аъён ва давлатхоҳони Душанбе ба навбат зиёфат фармоем. Албатта, духтар ва бача бошад, дар ин чо ҳам қаҳт нест, як чиз ҳаст, ки танга ба дасти мардум камьёб аст, инро ҳам ба додани дусад ё сесад танга аз хазинаи ҳумоюн, ки имрӯзҳо хеле пур шудааст, ба ҳар як аз зиёфаткунандагон барои пошидани ба сари муборак, чора кардан мумкин аст.

Ин фикр ҳам ба амир хеле хуш омад ва фавран иҷрояшро амр фармуд; навбати зиёфат ба Ёрмуҳаммад бӣ расид, ин ҳам асбоби зиёфатро ба қадри ҳол омода карда, амирро ба ҳавлии худ фуровард ва сесад тангаеро, ки ба вай аз хазина дода шуда буд, аз дарвозаи ҳавлӣ то дари меҳмонхонааш ба сари амир пошид, ин тангаҳоро пешхизматон, маҳрамон ва ясавулон аз замин чида гирифтанд, ки ҳам амир ва ҳам аҳли дарбор хурсанд шуданд.

Танҳо бе духтар гузаштани ин зиёфат амирро ва инчунин Имомқулро, ки ҳамаи масъулияти ин зиёфатро ба гардани худ гирифта буд, хеле нохушнуд кард.

Оқибат Имомқул ба забон омада ба Ёрмуҳаммад гуфт:

— Шумо як хоҳарзодаи ҷамила доштаед, ки муносиби ҷаноби олӣ будааст; барои хушнудии хотири олӣ ҳамон духтарро пешкаш карданатон даркор аст.

— Вай ба писари худам номзад аст,— Ёрмуҳаммад ҷавоб дод.

— Агар хазрат саломат бошанд, писари шумо бозан наменомонад, ҳозир хурсандии зоти олӣ даркор аст.

— Ин ҷо як гапи дигар ҳам ҳаст,— гуфт Ёрмуҳам-

* Амир ягона иморати аврупоиро, ки духтурхонаи Душанбе буд, дворец меномид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мад.— Модари ин духтар, ки хоҳари ман аст, ба ҷаноби олии марҳум, яъне ба падари ҷаноби олии ҳозира домодрас шуда буд; дур нест, ки ин духтар ба ҷаноби олӣ хоҳар бошад; дар ин сурат ба ин кор шариат роҳ намедиҳад.

— Ба шариат оросга кардани ин кор осон аст,— гуфт Имомқул ва фавран Ҳаким савлатро, ки муфтии аскари ин салтанати дубора буд, чеҳ зада оварда бароп ин кор фатво талабид. Муфтии аскар ҳам:

— Дар шариат ҳарач нест,— гӯён фатвое навишта мӯҳр карда дод.

Бо ин ҳама Ёрмуҳаммад розӣ нашуд; амир аз хонаи вай хашмгин шуда баромада ба қӯрғон рафт ва мехост, ки «амри шаръӣ»-ро ба воситаи «баҳодурони» дарбори худ ичро намояд, «афсӯс ки» (ба қавли амир) хабари гузаштани аскарони сурх ва инқилобчиёни Бухоро аз Бойсун ва расида омаданашон ба наздикии Душанбе ба хусули ин муддао халал расонид ва амир ҳам «бароп зиёрати мазори амири Ҳамадонӣ» дар таҳияи сафари Кӯлоб афтод.

XIX. ЗАНАКИ «ДЕВОНА»

(Моҳи февралӣ соли 1921)

Шаб торик, барф меборад, лои барф ва яхолуди кӯчаҳои Душанбе то миёни аспу одам мебарояд. Дар дарбори салтанати дубораи амир як ҳаракати аз одат берун сар шудааст: аз фаррошон ва маҳрамон гирифта то саркардагон ва худи амир кор мекунанд, чизҳои қиматбаҳоро чудо карда бор мебанданд; лекин ҳамаи ин корҳоро эҳтиёткорона ва хомӯшона мекунанд, ки касе аз ин ҳол хабардор нашавад. Як қисм чизҳои қиматбаҳо ва нақдинаи хазинаи давлати дубораро баста ба аспон бор карда фиристоданд ва боз ба бастан ва тайёр кардани чизҳои дигар машғул шуданд.

Аммо ҳаракати беруни шаҳр ҳам аз чунбиши дарунии қалъа кам надошт; гурӯҳ-гурӯҳ мардумони гуногуни силоҳдор аз тарафи Ҳисор меоянд ва ба ҳар тараф пароканда шуда мераванд, дар миёни ин гурӯҳҳо бароп тақсими чизҳои аз торочи сари роҳ дар даст доштаашон гоҳо задухӯрд ҳам мешавад. «Ҳар аз хар монад, гӯшашро мебурранд» гуфтаанд, онҳое, ки аз рафиқони

E-mail: ziyozoda@gmail.com

худашон чизро камтар ба даст даровардаанд, кӯшиш мекунанд, ки аз хонаи деҳқоне чизе ба даст дароранд ва ҷои камиҳои худро пур кунанд.

250 нафар аз босмачиёни Фарғона, ки аз сафи «ғазо» гурехта меомаданд, ба аввалин корвони амир вохӯрда гуфтанд:

— «Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем; об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем»; «Ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан аст» гуфтаанд, пас чаро мо кӯҳ ба кӯҳ ва дашт ба дашт аз паи тороҷгарӣ гардем? Ин борҳои баста ва тайёршудаи амирро, ки монанди давлати ногаҳонӣ аз пешамо баромад, ба даст даровардан аз ҳар гуна тороҷ беҳтар ва осонтар аст. Дар ним соат ин фикр иҷро шуд; «оби ганда ба хандақ» гуфтаанд, молҳои амир ба дасти босмачиёни Фарғона афтод.

Иброҳим Галлу ҳам, ки бо дастаи дуздони худ аз сафи ҷанг гурехта меомад, ба сари ин воқеа рост омада:

— «Давои қурут оби гарм» аст,— гӯён худро ба босмачиёни Фарғона зад ва молҳои амирро аз дасти онҳо даррабуда ба Кӯктош бурд, барои «салтанати» ояндаи худ хазинаи аввалинро барпо кард ва:

— «Дуздро қаракчӣ зад»,— гуфта хурсандӣ мекард.

Ба даруни қӯрғон ҳанӯз кор давом мекард. Пас аз ба роҳ андохтани борҳои охирин худи амир ҳам ба асп савор шуд ва гирдогирдашро аскарони хоссаи худаш ва афғонони ёридиҳандааш гирифтанд.

— Овозатонро набароред ва хабардор бошед, ки аспҳотон шеҳа накашанд,— гуфта амир ва наздиконаш ба аскарон ва афғонон гашта баргашта таъкид мекарданд.

Як ғулғулаи бисьёр пурҳайбате, ки гӯё ҳазорҳо кас баробар фарьёд мекашида бошанд, баромад; амир бо шунидани ин овоз гӯё, ки ҳайкали ёдгории салтанати дубораш бошад, монанди сурати аз гач сохташуда, ба болои асп беҳиссу ҳаракат гардида монд.

Ғулғула наздик шудан гирифт, ба «ҳайкал» ҷон даромад, лекин ин ҷон на барои асари зиндагӣ нишон дода ба халосии худ кӯшидан, балки барои аз болои асп ба замин афтода мурдан буд.

Имомқул ба ёрмандӣ расида омад ва аз бозуи амир нигоҳ дошта:

— Натарсанд ва ба хотири худ ҳеҷ андешаеро роҳ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

надиханд, ки иншооллоҳ давлат барқарор аст,— гуфта ӯро тасаллӣ дод.

Гурӯҳи фарьёдкашон монанди сели хурӯшон ба қӯрғон наздик расид, пеш-пеши ин гурӯҳ як нафар зане, ки мӯйҳои худро монанди девонагон кушода ва парешон карда ба атрофи худ партофта буд, фарьёд мекард:

— Намонед ин дуздро! Намонед, ки пас аз тороҷ кардани мамлакат, рехтани хунҳо ва поймол кардани обрӯй ва номусҳоямон аз ин ҷо саломат гурезад; намонед, ки осоиши мо дар гирифтории ин шумқадам аст...

Дигарон ҳам бе он ки чӣ гуфтанашон маълум шавад, фарьёд мекашиданд.

Гурӯҳ ба қӯрғон расид, он зан:

— Атрофро чӯббандӣ кунед, ки ин мурдор ба гурехтан роҳ наёбад,— гуфта амр дод; як нафар мард аз як канор расида омада:

— Ӯй, девона. Ӯй, аҳмақ, ӯй мӯйдарози ақлкӯтоҳ! Ин чи беҳаёгист, ки пеш гирифтай? Маро расво кардӣ, бозгард! Вагарна ҳозир мекушамат,— гуфта ба занак хитоб кард. Аммо занак гуш намедод ва «намонед, намонед...»ӣ худро такрор мекард.

Касе аз гурӯҳи амир ҷудо шуда ба наздикии он мард рафт ва гуфт:

— Алимардон! Магар ин зани туст? Чаро ин расворо ба худ зан кардӣ ва чаро роҳ додӣ, ки вай аз хона баромада ба ин балво ҳамроҳ шавад? Зудтар илоҷашро кун, вагарна бо хонаводаат хароб мешавӣ.

— Вакте ки ман,— гуфт Алимардон,— инро ба худ зан карданӣ шуда будам, ин занак расво набуд, балки як духтари сочибҷамоли Дараи Нихон буд; ин чунон хушрӯй буд, ки ҳокими Сари Ҷӯй ба худаш зан карда буд. Лекин ба ҳоким сар нафуроварда се моҳи арӯсиро бо ҷангу ҷадол гузаронид, оқибат ҳоким безор шуда:

— «Қолаи бад ба риши соҳибаш»,— гӯён инро ба худи ман бахшид; ба ман ҳам сар нафуровард, девонагиро сар кард; дар аввалҳои кор дасту пояшро баста як бор базӯр ба вай наздикӣ кардам, аз он наздикӣ як духтарча ба рӯи қадам омад; дигар бор ба ин наздики карданам мумкин нашуда бошад ҳам, ба хотири он духтарча инро бароварда пеш накардам, чанд моҳ аз ин пеш, ки он духтарчаро ҷаноби олӣ гирифтанд, девонагиаш боз зиёдтар шуд ва ҳар замон «амирро рафта мекушам» гӯён аз хона мебаромад. Бинобар ин ман ба пои ин ишкел зада ба мадонхона андохта монда бу-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дам; чӣ навъ карда имшаб дар набудани ман худро халос карда берун баромадааст ва ин пойбараҳнагонро, ки аз амир дилгир буданд, ба шӯр овардааст, дар ин кор ман ҳеҷ гуноҳ надорам.

Ҳанӯз гуфтугузори он кас бо Алимардон ба поён накашида буд, ки аз тарафи аскарон ва афғонони амир тирпарронӣ сар шуд, мардуми беяроқ дар зери борони тир ба истодан тоб наёварда дар даҳ дақиқа пароканда шуданд ва барои гурехтани амир роҳ кушода шуд.

Аммо он занаки «девона» ба замин хобида ҳанӯз:

— Намонед!.. Намонед!..— гуфта фарьёд мекард.

XX. «СОҲИБХУРУҶ»

Дар лаби дарьёи Вахш дар қишлоқи Саргазон панҷсад нафар одамоне, ки ҳар кадомашон аз ҳар вилоят буданд, омада фуромаданд.

— Аз рӯи мубораконмаи ҷаноби олӣ,— гуфт яке аз онҳо,— маълум мешавад, ки ҳазрат барои зиёрати Амири Ҳамадонӣ ва мадад талабидан аз рӯҳонияти он кас ба Кӯлоб рафтаанд ва ба мо амр додаанд, ки бо ҳар роҳе, ки метавонем, ба муқобили аскарони сурх истодагӣ кунем; акнун бояд ҳар кадоми шумо дар ин бора ва савобдиди худатонро гӯед, ки ба чӣ роҳ ва ба чӣ тарз ин амри олиро ба ҷо меорем?

— Шарофбой! — гуфт дигаре,— акнун кор аз кор гузаштааст, шаҳрҳои обод ва бандаргоҳҳои сахт ба дасти аскарони сурх афтод, ба болои ин большевикҳо ба ҳар қишлоқ одам фиристода ба мардум ваъзу насиҳат карда худашонро нағз нишон дода, амирро бад карда, ҳамаро аз мо рӯгардон кардаанд; дар ин ҳол аз дасти мо чӣ кор меояд? Беҳтар он аст, ки акнун аз паи ин кор нагашта ҳар кадомамо худро ба гӯшаи саломатӣ кашем.

— Ҷаноби олӣ,— гуфт сеюмӣ,— қадри дуогӯёнро надонистанд, ҳар вақт сипоҳонро аз муллоён пеш донистанд; агар аз сипоҳ сад касро амалдор кунанд, аз мулло базӯр як касро амалдор карданд, агар ба як сипоҳ бист «қӯш» танхоҳ диҳанд, ба як мулло базӯр як «қӯш» доданд, ҳар кадоми ин корҳо ба иҳонати уламо, ки дар ҳақиқат иҳонати шариат аст, сабаб шуд; иҳонати шариатро бошад, алъаёзу биллоҳ,[101] дар китобҳо куфр гуфтаанд; фалоҷарам бар сарашон омад, он чӣ омад: дар ин сурат боз аз паи дурустии ин кор гаштан ба кор-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хонаи илохӣ чанг задан аст, бинобар ин ҳозир ризо ба қазо дода ба баромадани ягон соҳибхуруҷе мунтазир шуда истодан салоҳ аст.

— Эшони муфтӣ! — гуфт Шарофбой,— ҳар кас аз ҷаноби олӣ гила кунад, гила кардани шумо дуруст нест, шумо як муллобачаи пойлуч будед, ҳеҷ чиз надоштед, ҷаноби олӣ шуморо муфтӣ карданд, судур карданд, ба шумо танхоҳ доданд, ихтиёри шаръии тамоми ҷамоати Лакайро ба шумо супурданд; боз чӣ кор кунанд? Магар подшоҳии худашонро ҳам ба дасти шумо супурданашон даркор буд? Шумо муллоён дар гап задан, дар чиз гирифтан усто, аммо дар вақти кор бошад, шона-шона (шопаҷунбонӣ) мекунед, «ду зан як мард, ду мулло як зан» гуфтаанд, ки бесабаб нест. Мо аз баҳри ҳамаи мулку асбобамон гузашта ба майдон даромадем, лекин аз ҳеҷ кас гила ва шикоят намекунем; чунончи, худи ман дар Қаршӣ 150 дӯкони алочабофӣ доштам, ки то халифаву шогирд дар онҳо сесад нафар кас кор мекард, агар кори боғу деҳқониамро ба ин ҳамроҳ кунам, тахминан 400 нафар аз дари хонаи ман ошу нон мехӯрд: ҳамаи ин чизҳоро дар роҳи «шариат», дар роҳи «ҷаноби олӣ» фидо карда ба майдон баромадам; боз ният дорам, ки то чон дар рамақ дорам, дар ин роҳ кӯшиш кунам. Нав кадом як саркардагони ҳисорӣ «кор аз кор гузаштааст» гуфта ноумедӣ кард. Ба фаҳми ман ноумедӣ ҳеҷ дуруст нест. Якчанд нафар бухорӣ ба амир муқобил баромада, ба большевикон ҳамроҳ шуда, дастае аз пойбараҳнагони бепову сарро ба атрофи худ ғун карда ҳамин қадар корро карданд ва қариб аст, ки тамоми мамлакатро соҳибӣ кунанд; агар мо ки ҳама калоншавандагон ва зубдаи мамлакат ҳастем, якдила шуда кор кунем, чаро ҷаноби олиро, ки «авлоди Темуранд» боз ба тахти Бухоро шинонда натавонем?.. Бинобар ин ҳеҷ васвасаро ба дил роҳ надода ба Кӯлоб рафтан ва аз он чо бо маслиҳати ҷаноби олӣ кор сар кардан даркор аст.

Аҳли маҷлис гуфтаи Шарофбои қаршигиро қабул карданд ва ба тарафи Кӯлоб равона шуданд.

* * *

Шаҳри Кӯлоб мурдаест, ки ҳеҷ асари зиндагӣ нишон намедиҳад, ё мазористонест, ки садое намебарорад; дарвозаҳои бештарин ҳавлиҳо боз, аксари чизҳои рӯзгор чо ба чо гузошта шудаанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Дар ин шаҳри бечон, ё мазори хомӯшон таиҳо се нафар ба назар менамоянд; инҳо монанди юрмонҳои мазористон, ки аз гӯре ба гӯре даромада бароянд, ба ҳар ҳавлӣ даромада мебароянд, ба як ҳавлӣ даромаданд, ки дар он ҷо чанд мурдаи тоза кушташуда хобидааст.

— Одамони амир,— гуфт яке аз онҳо,— чунон дасту пои худро гум кардаанд, ки баъд аз куштани ин ҷадидон мурдаҳояшонро ба як тараф нест кардан он тараф истад, лоақал саллаву ҷомаи инҳоро ҳам кашида нагирифтаанд.

Секаса шуда либосҳои мурдаҳоро кашида гирифта худҳошонро дар як чоҳе, ки дар шафати он ҳавлӣ буд, андохтанд ва ба кофтукови ҳавлиҳои дигар рафтанд.

Дар ҳамин вақт гурӯҳе аз саворагон омада ба шаҳр даромаданд, диданд, ки касе нест.

— Ман нагуфтам, ки,— гуфт яке аз онҳо,— кор аз кор рафтааст?

— Ба Афғонистон рафта,— гуфт дигаре,— аз ҳамон ҷо кор сар мекунем.

— Ба ин гапатон ман ҳам ёр, Шарофбой!— гуфт сейумӣ,— ҳар чӣ бошад, он ҷо мамлакати ислом аст.

Ин гуфтугузор бисьёр дароз накашида гурӯҳ ба роҳ даромад; вақте ки инҳо аз шаҳр мебаромаданд, аз ҳавлие он се нафар юрмон баромаданд, ки ба дасти яке аз онҳо як қаторвазна буд.

— Биё, Иброҳим,— гуфт яке аз гурӯҳи саворагон,— ба Афғонистон меравем.

— Маро дар Афғонистон чӣ кор, ҳозир ба дастам 24 дона тир афтод, агар як милтиқ ҳам ба даст дарорам, мешавам босмачӣ,— гуфт Иброҳим.

— Амир бо он ҳама тӯпу тӯпхонааш чӣ кард, ки ту бо ин 24 дона тир мекарда бошӣ, беҳтар он ки ба Афғонистон равем ва то сар бардоштани соҳибхуруҷе сабр кунем ва агар муяссар шавад, аз давлати Инглис ёрмандӣ гирифта боз гардем.

— Аҷаб нест, ки он соҳибхуруҷ худи ман бошам, Эшони муфтӣ!— гуфт Иброҳим ва ба ҳавлии дигаре даромада рафт.

XXI. ҲИҶРАТИ АБАДӢ

Амир бо асосаву дабдабае, ки гӯё аз арки Бухоро баромада ба чорбоғи Ситорамаҳҳоса мерафта бошад, баромада дар лаби дарьёи Панҷ ба наздикии гузарго-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хи «Даркад» омада фуромад ва ба хонаи сиёхе, ки гулханашро гарм карда ба чули асп ва кўрпачахои палтарй хобгохе тайёр карда буданд, даромада нишаст ва:

— Хазиначй! — гуфта фарьёд кард.

Имомкул, ки хануз барои худ хобгохе тайёр накарда буд:

— Хуш таксир! — гўён дартоз омад ва ба хонаи сиёх даромада дар рў ба рўи амир таъзим карда истод.

Амир ду сония чашм ба чашми Имомкул дўхта истода, пас аз дами сарде кашидан гуфт:

— Ба вилоятхои бегона меравем, холо маълум нест, ки дар он чохо холамо чй мешуда бошад?..

Вай кадре сукут карда истод; Имомкул аз ин сукут истифода карда гуфт:

— Хазратам гам нахўранд, иншооллох ба давлати олй хеч халал нест.

Амир сари худро боло-поён чунбонида гуфт:

— Маълум нест, ки дар он чохо мувофики табъ зиндагони карда метавонем, ё не? Бинобар ин фурсати охирипро, ки дар хоки мамлакати худамон мегузаронем, ганимат донистан даркор аст; имшаб худи шумо ба дари хона навбатдор шавед ва Файзичаи мавизфурўшро пеши ман фиристонед, ки ман як дами беғам занам, лекин эхтиёт кунед, ки афгонон аз ин маънй хабардор нашаванд; онхо одамони сергап хастанд ва ба наздикии хонаи сиёх хеч касро нагузоред.

Имомкул се таъзими болои хам карда пуштнокй рох рафта аз хона баромад ва баъд аз панч дакика як бачаи сафедруи чашму абрўяш сиёхи тахминан 16-сола омада ба пеши амир даромад.

* * *

Субх наздик шуд, аммо хануз абри сиёхе, ки шарки чанубии кухистони точикро фаро гирифтааст, ба сафед шудани руз рох намедихад: одамони амир аз хоби гарон сар бардошта барои бор кардани борхо ба киштихо тайёрй мебинанд. Дар ин вакт чамоае аз дур намоён шуданд, ки асп давонда меомаданд; туфангдорони афгон, ки гирдогирди манзилгохи амирро посбонй мекарданд, ба мукобили ояндагон милтикхои худро рост карда нишон гирифта истоданд. Имомкул хам, ки то он вакт аз дари хонаи сиёхи амир, начунбида буд, саросема шуда бархост ва ба пеши афгонони посбон рафта, мунтазири наздиктар омадани ояндагон шуда истод.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Як қисми бору бунаҳ ва амалдорони амир аз дарьё гузашта буданд, абрҳои сиёҳ ҳам қадре пора шуда рӯшноие ба уфуқи Тоҷикистон пайдо гардида буд. Ояндагон наздик омаданд. Имомқул ба афғонон гуфт:

— Хотирҷамъ бошед, ки инҳо азони худамон будаанд.

Милтиқҳои афғонон аз сари даст ба сари кифт баромад, Имомқул бо пешравони ояндагон бағал кушода вохӯрдӣ кард, ҳатто гӯё ки бо падар, ё фарзанди нав аз сафар омадаи худ мулоқот мекарда бошад, сару рӯйҳои онҳоро чалп-чалп мебӯсид.

Баъд аз ба поён расидани расми мулоқот:

— Маълум мешавад, ки,— гуфт яке аз пешравони ояндагон,— ҷаноби олӣ ба хоки Афғонистон гузаштан мехоҳанд; мо ки ба сояи давлати олӣ осуда зиндагонӣ мекардем, баъд аз ин чӣ кор мекарда бошем? Мо омадем, ки ҷамоли ҷаҳонорояшонро ба чашми худ бинем ва аз барои ояндаи худ маслиҳати олиро фаҳмем.

Имомқул бозгашта ба дари хонаи сиёҳи амир омад, бе он ки ба дарун дарояд ва ё пардаро боло кунад, гуфт:

— Тақсир! Чорводорони калон ва давлатмандони вилоят омадаанд, ки манзури назари кимиёасари ҳазратам шаванд ва барои баъд аз ин чӣ гуна зиндагонӣ карданашон раъи олиро аз забони гуҳарбори шакаргуфтори ҳумоюнӣ шунаванд.

— Худатон медонед, ки,— гуфт амир,— мо ҳозир ба муроқаба ва вирду авроди[102] саҳарӣ машғулӣ дорем,— ҳамту* не, писарам, Файзича,— гуфта ба ҳамхобаи худ хитоб карда ба суханаш давом намуд,— бинобар ин онҳоро ба пеши худ дароварда наметавонем; лекин ба онҳо гӯед, ки мо ба Афғонистон гурехта намеравем, ҳиҷрат мекунем. Ҳиҷрат суннати пайғамбари мост, мо ҳиҷрат мекунем, ки дар он ҷо таҳияи дуруст дида аз давлати Инглис ёрмандӣ гирифта бозгашта биёем. Қалоншавандагони вилоят худ медонанд, ки большевик душмани давлатмандон аст, бинобар ин агар моро гӯянд ва нигаҳдории молу асбоби худро хоҳиш дошта бошанд, рама ва галаҳои худро пеш андохта молҳои манқулаи худро гирифта аз дунболи мо ба Афғонистон гузаранд ва дар миёнаи оммаи мардум ҳам овоза андозанд, ки большевик ҳамаро мекушад. То ки дигарон ҳам ба гурех-

---

* Ҳамин тавр не.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

тан мачбур шаванд. Боз ҳар гоҳ, ки вақту соаташ расид, бо ҳам меоем.

Имомқул омада супоришҳои амирро ба калонша-вандагони мамлакат расонид.

Вакте ки Имомқул сухани «мо ҳичрат мекунем, ки... бозгашта биёем»-и амирро ба калонон нақл мекард, яке аз ҳаммолони боркаш ба рафиқаш оҳиста:

— Баъд аз ин мамлакатро дар хоби шабаш мебинад, ин ҳичрат, ҳичрати абадии ӯст,— гуфт.

Баъд аз ним соат амир бо наздикони худ ба киштӣ даромад; агарчи ҳануз порчаҳои абри сиёҳ дар ҳаво чавлон мекарданд, лекин фазои кӯҳистони тоҷик хеле рӯшной пайдо карда буд.

XXII. ДАҲШАТ

— Э мардум! Ношукрии шумо гирифт, осоиш аз миён рафт, пас аз ин дар фалокат, дар ғурбат умргузарони мекунед. Шумо қадри ҷаноби олиро надонистед, ба ҳар кори он кас забон расондед, надонистед, ки кори подшоҳон беҳикмат нест; надонистед, ки «салоҳи мамлакату мулк хисравон донанд». Агар амлокдорон аз шумо молиёт талаб карданд, шумо норозӣ шудед; агар закотчиён закоти шаръӣ хостанд, шумо норозӣ шудед; агар саркардагон ва амалдорон ҳосилоти танҳоҳи худро...

Фардои он шабе, ки амир гурехта рафта буд, дар Душанбе овозаҳои ачибу ғариб афтод; гӯё ки большевикон, инкилобчиён ва русон меоянд, ҳамаро мекушанд, бачагони ширхораро ба сари найзаи милтик мебардоранд, буду нобуди аҳолиро тороҷ мекунанд; бинобар ин ҳар чи зудтар гурехтан, ба Афғонистон рафтан ё ки худро бо хонаводаи худ ба қуллаҳои кӯҳҳои баланд кашидан даркор аст.

Баъд аз он, ки мардум ба ин овозаҳо дода шуда бештариашон дар фикри гурез афтоданд, саркардае ба сари баландие баромада ба мазмуни суханҳои дар боло навишташуда гап мезад. Ҳанӯз саркарда сухани худро тамом накарда буд, ки муллое:

— Истед, истед! — гуфта ӯро аз сухан гуфтан боздошт ва худ гап сар карда гуфт:

— Чунон ки пайғамбар бе уммат, пир бе мурид намешавад, инчунин ҳоким ҳам бе пешхизмат ва подшоҳ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бе маҳрам намешавад. Мардуми мо беҳаёиро ба чое расонданд. ки агар ҳоким ё ки ҷаноби олӣ барои худ пешхизмате ё маҳрамбачае нигоҳ доранд, онҳоро ливотагар[103] гуфта тӯҳмат карданд, ва ҳол он ки ягон кори бади онҳоро медиданд ҳам, чашм пӯшида гузаштанашон даркор буд; дар китобҳо «ҳамли мӯъмин бар салоҳ» гуфтаанд, мардуми мо сухани китобро зери пой андохта аз рӯи гумон калонони худро бадном карданд: «гумон аз имон ҷудо мекунад» гуфтаанд, бинобарин инҳо ҳамагӣ кофир шуданд, иззат ва ҳурмати уламоро ба ҷо наёварданд, ба онҳо садақаи фитр, пӯсти қурбонӣ, имоматӣ ва дигар садақоти воҷиба ва нофиларо[104] дар вақташ надоданд ё ки кам доданд; фалоҷарам ба сарашон омад, он чӣ омад...

— Шумо гӯрсӯхта муллоҳо,— гуфта як занаки жӯлидамӯ муллоро аз сухан боздошт ва дар миёни ҳаёҳуи мардум ба сухани худ давом карда гуфт:— ҳама кори амиратонро аз рӯи шариат ва ҳар ҳаракати авомро куфр нишон дода мардумро ба фақирӣ, гадоӣ ва ғарибӣ андохтед, номус ва обрӯи мардумро ба шариат ороста карда помол кунондед; баъд аз гурехтани амир боз мехоҳед, ки мардумро аз номи вай ва барои вай...

Мардум дар ҳаяҷон омаданд ва мулло:

— Ӯй, беҳаё, ӯй фоҳиша,— гуфта дастҳояшро бардошта ишорати ҳуҷум кард ва:

— Ин зонияро дар ҷувол андохта ҳадди шаръӣ задан даркор аст,— гуфт. Чанд нафар муллобача ва бойбачагон ба тарафи занак давиданд ва гурӯҳе аз авом худро ба миён андохта занакро аз дасти ҳуҷумкунандагон даррабуданд. Садои:

— Зан! Куш! Каш! — аз миёни мардум баланд шуд, ҳама ба якдигар дарафтоданд, аммо ба хубӣ маълум намешуд, ки кӣ бо кӣ ҷанг мекунад.

Лекин садои қарс-қурси милтиқ, ки аввал ягон-ягон баромада, пас аз он ба якборагӣ дусад-сесад милтиқ ба тарзи шиллик холӣ шуд, мардумро аз задухӯрди якдигар боздошт.

— Ман нагуфтам?.. Ин аст аввалин асари ношукрии шумо, ана большевик омад, зудтар гурехтан даркор аст,— гуфта саркарда пеш даромад ва мулло ҳам:

— Ваъдаву ваиди худо ва расулаш дурӯғ нахоҳад шуд, ин ҷазои куфрони неъматест, ки шумо ба давлати ҷаноби олӣ кардед,— гӯён аз миён ғоиб шуд. Баъд аз

E-mail: ziyozoda@gmail.com

як соат дар шаҳри Душанбе ва атрофи он касе намонда буд.

* * *

Баъд аз он ки чанд дафъа садои ба якборагӣ холӣ шудани сад-дусад милтик баланд шуд, аз тарафи дарьёбоди шаҳри Душанбе тахминан панҷсад нафар саворони мусаллаҳ намоён гардиданд, ба дасту миёни ин саворон аз шофу шамшеру корду ханҷар гирифта то милтику таппончаву шашпар силоҳҳои гуногун буд; ба тани бештарини инҳо чомаҳои танги серпахтаи фарғонагӣ, ба пойҳояшон мӯза ва чалвори кӯбкоритозӣ, ба сарҳошон телпакҳои намадини киргизи буда, пешонаҳои ҳамаашон бо рӯймолчаҳои шоҳӣ ё алвон баста буд. Саворон бо ҳамин шаклу шамоил, дар холате ки милтикҳоро бар сари дастҳошон дошта мухайёи парронидан буданд, дартоз ба шаҳр даромада то пеши кӯрғон омаданд ва пас аз он ки як бори дигар милтикҳоро ба якборагӣ холӣ карданд, яке аз инҳо, ки ба сараш салла дошт ба дигаре, ки чомаи кундал пӯшида миёнашро аз рӯй бо камарбанди тилло баста буд, гуфт:

— Ана, Асғар Понсад! Ин шаҳри аз одам холиро аз мол пур ба ту пешкаш! Ту барои як беандешагии Иброҳим Ғаллу ҳаман моро айбдор макун!

— Махсум!*,— гуфт одами чомаи кундалпӯш,— ӯзбекони мо мегӯянд, ки «қорним учун йиғламайман, кадрим учун йиғлайман»**. Ман дар зери дасти Кӯри Шермат бошам ҳам, нисфи Фарғонаро худам мепурсидам, худам хон, худам бег будам; ман ҳаман иззату ҳурмату шаъну шавкати худро гузошта ба гапи ту даромада барои ёрӣ додан ба амират ба нияти ғазо омадам, ба чои он ки маро ҳамаатон меҳмондорӣ кунед, Иброҳим Ғаллуат бехурмат кард.

— Боз мегӯям, ки,— гуфт Махсум,— гуноҳи як Иброҳимро ба сари ҳаман мо бор накун! Чаноби олӣ бошанд, туро хуб ҳурмат карданд, ба ту амали эшикокобошигӣ,[105] чомаи кундал ва камарбанди тилло доданд, ки барои расидани ба ин амал ва иньомҳо солҳо ба дарбори олӣ хизмат кардан даркор буд. Агар чиз гӯй, ана ин чиз! Аз кӯрғон гирифта то ҳавлиҳои фуқаро аз

---

* Маҳдум.

** Барои шикам — барои чиз гирья намекунам, балки барои кадрам, яъне барои ин ки маро бехурмат карданд, гирья мекунам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

молу ашьё пур аст, бигир он чӣ мегирӣ; агар бо инҳо ҳам сер нашавӣ, аз Душанбе гирифта то Ғарм ҳар чӣ, ки аз пеш барояд, хоҳ галаи асп бошад, хоҳ рамаи гӯсфанд ва хоҳ молу асбоби хона, ҳамагӣ моли ману туст. Кист, ки дар ин вилоят ба дами ин милтиққо баромада пеши роҳи ману туро гирад. Ғарм бошад, он ҷо хонаи худи ман аст, дар он ҷо касе нест, ки аз гуфту фармони ман сар тобад. Агар бачагони ширмакконро «Фузайл Махсум омад» гуфта тарсонанд, аз гирья бозмеистанд. Дар он ҷо туро чанд рӯз меҳмон мекунам, иззату ҳурмататро ба ҷо меорам, кадом вақте ки аз иззат сер шудӣ, ба Фарғонаат мефиристонам.

Ҳанӯз ин ду сардор гилагузорӣ ва узру маъзури худро ба поён нарасонида буданд, ки панҷ савори дигар асп тохта омаданд ва:

— Зуд бошед, ки аскарони сурх ба ин сӯ нигоҳ карда аз Ҳисор баромаданд,— гуфта ҳамаро дар ҷунбиш оварданд.

Баъд аз чанд соат аскарони сурхи большевикон, инқилобчиён бо касоне, ки аз Бойсун то Ҳисор дар роҳ бо хоҳиши худ ба онҳо ҳамроҳ шуда буданд, ба шаҳри Душанбе даромаданд, ки он ҷо на одам мондааст ва на чиз; аз қӯрғони ҳукуматӣ гирифта то ҳавлӣ, сарой ва дӯкони фуқаро чунон холӣ шуда монда буданд, ки гӯё он ҷоҳоро рӯфта, чида ва тозакарда рафта бошанд.

XXIII. МИТИНГ

Шаҳри Душанбе ранги рӯзи наврӯзро гирифта буд, кӯчаҳо пур аз одамҳои гуногун; раванда ба душворӣ роҳ меёфт; дар ҳавлиҳо бошад, ғайр аз соҳибонашон боз меҳмонҳое ҳастанд, ки барои тамошо кардани ин рӯзи нав аз қишлоқ ва саҳроҳои дурдаст омаданд.

Дар ҳақиқат ҳам имрӯз барои аҳолии меҳнаткаши Душанбе, ҳатто барои ҳамаи деҳқонон, чӯпонон ва подабонони Бухорои Шарқӣ наврӯз буд; имрӯз, рӯзи наве буд, ки истибдоди кӯҳнаи чандинсолаи амир ва амирӣ аз миён рафта ва барои Ҳукумати Шӯроӣ, ки навтарини усули ҳукуматдории ҷаҳон аст, таҳкурсӣ гузошта шуда буд; имрӯз рӯзи нави бародарӣ ва улфат буд, ки пас аз он ҳама даҳшат ва ваҳшати амир ва амирӣ аз ояндан пуросоиши наздике мужда мерасонид; имрӯз

E-mail: ziyozoda@gmail.com

касоне, ки аз ин пеш ҳеч гоҳ якдигарро надида буданд, бағал кушода бо ҳам мулоқот мекарданд; як тоҷики чорукпуши даридалибоси салладор бо як шахсе, ки ботинкаи аврупой дар по, шапкаи фарангӣ бар сар ва тужуркаву брюк дар бар дорад, бо камоли гармӣ бо ҳам вохурӣ мекарданд.

Деҳқоне, ки як хирвор гандум оварда ба бадали он газвор, канд, чой ва пул гирифтааст, ба ҳамқишлоқи худ мегӯяд;

Он чи одамони амир ва муллоён гуфтанд, ки большевикон хамаро тороҷ мекунанд, ҳама дурӯғ ва тӯҳмат будааст, мо то ҳол ёд надорем, ки деҳқоне ба дари ҳукумат ғалла оварда ба бадалаш чиз гирифта бошад; аммо холо ман як чувол гандум оварда ҳам мол гирифтам ва ҳам пул.

Ман ҳам,— дигаре мегӯяд,— гӯсфанде оварда будам, ки ба бадалаш мол ва пул гирифтам, ба хама хабар додан даркор аст, ки ғаллаҳои зиёдатиашонро ба шаҳр оварда ба чояш чизҳои даркорнашонро гиранд, агар хамин тавр кардан гирем, чойҳои торочҳое, ки амир ва дуздони ӯ карданд ва ҳама асбоби хона ва бисоти рӯзгорамонро рӯфта чида бурданд, пур хоҳад шуд.

— Ҳамин тавр кардан даркор аст,— гуфта дигаре чавоб медод.

Аз як бухорӣ, ки;

— Биёед, митинг мешавад, митинг!— гуфта мардумро чег мезад, як тоҷики маҳалли:

— Митингаш чӣ? — гуфта пурсид.

— «Ҳукуматҳо» мардумро ба як чо чамъ карда ваъз мегуянд ва чи будани Ҳукумати Шӯроиро мефаҳмонанд,— гуфта бухори чавоб дод.

— Биёед, биравем.

— Хо, меравем.

Дар ним соат майдони бозорчои Душанбе аз мардум пур шуд.

Яке аз чадидон ба болои минбар баромада:

— Бародарон! Митингро кушода эълон мекунам ва барои маъруза сухан ба вакили мухтор дода мешавад,— гуфт.

Ҳануз вакили мухтор ба минбар набаромада садои карсак ва чапак ба осмон печид. Як шахси баландкомати зардинарӯи рангкандан камхун ба минбар баромад, карсак ва чапак такрор ёфт.

— Бародарон! Интӯхин,— гуфта вакили мухтор ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com

гап даромад,— мо амирро бо ёрмандии аскарони сурх, интӯхин, пеш кардем, интӯхин, баъд аз ин ҳукумат аз они халқ аст. Дар ин ҳукумат тарафдорони амирро, интӯхин, роҳ нест...

Аз рост истодагон яке ба дигаре, касеро нишон дода оҳиста гуфт:

— Инро мешиносӣ?

— Чаро нашиносам, Абдураҳмон мингбошӣ-дия[106]

— Вай дар ин ҷо чӣ кор мекунад?

— Ҳозир ҳам одами калон аст — вакили озуқа аст, ман гандумро ба ҳамин одам супурдам, мехост ба ман пул ва мол надода пеш кунад, ҷанҷол кардам; як бухорӣ ба сари ҷанҷол омада ба вай коҳиш кард ва ба ман молу пул дод. Дамаш ба дарунаш афтода чизе гуфта натавонист, агар замони амир мешуд, медидӣ чӣ кор мекард.

— Магар ин тарафдори амир нест, ки боз ба дари ҳукумат роҳ ёфтааст?

— Ман чӣ донам, калонон медонанд.

Вакили мухтор ба сухани худ давом карда гуфт:

— Амалдороне, ки интӯхин, дар вақти ҳукумати амир ба мардум зулм кардаанд, интӯхин, ба ҷазои сахт хоҳанд расид.

Яке аз он ду нафаре, ки дар бораи Абдураҳмон мингбошӣ гуфтугузор карда гӯшашонро ба вакили мухтор дода чашмашонро аз мингбошӣ намеканданд, ба рафиқи худ гуфт:

— Бубин, ки аз ин гапи вакили мухтор ранги мингбошӣ канд.

— Чаро рангаш наканад? — дигараш ҷавоб дод,— вай дар вақти амир камакак зулм накардааст, хусусан дар ҳамин панҷ моҳи охирӣ, ки амир дар ин ҷо буд, панҷ ҳазор нафар аскар ва амалдорони дарбори ӯро ин одам бо хуни фуқаро сер кард, дар хонаи касе ҳатто барои як рӯз ҳам озуқа намонда гирифт ва ба онҳо хӯронд; аз ҷазои амали худ тарсад дуруст-дия.

— Мо,— гуфт вакили мухтор,— интӯхин, ба амалдороне, ки ба мо аз сидқи дил хизмат мекунанд, муомилаи хуб хоҳем кард ва мукофотҳо ҳам хоҳем дод.

Ба шунидани ин сухани вакили мухтор ба рӯи Абдураҳмон андак хун давид; лекин аз сари худро хам карда дар андеша афтоданаш маълум мешуд, ки ҳанӯз дар дил нобоварӣ дорад..

Вакили мухтор сухани худро ба поён расонда дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

зери чапакзанихои бисьёр аз минбар фуромад. Пас аз вай боз якчанд бухорй пайдарҳам ба минбар баромада наздик ба мазмуни нутки вакили мухтор гап заданд.

Дар охири митинг як зани жўлидамўе, ки ба сараш фаранчии даридае дошт, ба минбар баромад, дар асноои гап задан чўшида рафта фаранчиро аз сар хаво дод, дар мачлис як чунбиш ва ғид-ғидии аз одат берун рўй дод; яке мегуфт;

— Ин занак девона аст, ки чанд рўз боз дар ин чохо менамоял.

Дигаре мегуфт:

— Ин ситамдидаи даври амирист, ки аз шодй чй кор карданашро намедонад.

Дар ҳакикат хам ин зани жўлидамў чй гуфтанашро намедонист:

— Бародарон! Ман шукр мекунам, ки... бародарон, ман муборакбодй мекунам, ки... гуфта нотамом-нотамом гап мезад.

Баъд аз он ки ин зани жўлидамў фаранчиро аз сар хаво дод, як каси ришу буруташ тамом тарошида аз миёни мардум бо дикқати тамом ба вай нигоҳ мекард; окибат ин каси риштарошида аз чои худ хеста, оҳиста-оҳиста аз миёни мардум роҳ ёфта ба пеши минбар рафт; пас аз он, ки як бори дигар ба он зани жўлидамў бо дикқат нигарист:

— Оҳ, магар ту Гулнор нестй?!.— гуфта як қад парид; зани жўлидамў, ки бо ин сухани мард хомўш монда буд, ба пурсанда як сония нигоҳ карда истод ва якбора:

— Воҳ! Ту Ёдгори ман хастй,— гўён худро аз болои минбар хаво дод. Агар пурсанда ўро ба ду дасти худ аз хаво гирифта ба багал намекашид, эҳтимол ки ба замин афтода ягон аъзояш шикаст меёфт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҚИСМИ ЧОРУМ

I. ШАХСИ ҚАТОРВАЗНАДОР

Сарои Арбоб Насир дер боз аз оянда ва раванда холӣ монда буд; деги сарой, ки ҳар шаб барои сер кардани 20 — 30 нафар шогирдпешагони ҳокимони Қӯлоб ва Балҷувон меҷӯшид, имрӯзҳо рӯи оташро намедид; Арбоб бо зани худ ду ба ду аз ин аҳвол шикоят карда нишаста буданд, ки ногоҳ дари сарой кӯфта шуд. Арбоб бо бисьёр беҳавсалагиҳо аз ҷои худ хеста:

— Магар боз ягон большевики хушкпой омад,— гуфта оҳиста-оҳиста ба таги дарвоза рафт ва:

— Кист? — гуфта садо дод.

— Ошно, кушо!

Дарвоза кушода шудан замон як нафар савор ба сарой даромад, ки ба гарданаш қаторвазнае ҳамоил буд.

Арбоб Насир ҳамин ки ин шахсро дид, беҳавсалагии аввалаашро гузошта гарму ҷӯшон пешвоз ва пурсупос кард; аспашро ба саисхона баст ва худашро ба меҳмонхона дароварда ба гулхан оташ гиронд; то гарм шудани хона чою дастархон ҳам ҳозир шуд. Шахси қаторвазнадор аз ҷайби худ панҷ тангаи бухорӣ бароварда дода;

— Арбоб, ман то як соат ба ту меҳмонам. Зуд бӯш, як табақ ош тайёр кун! — гуфт.

Арбоб пас аз он ки ҳавлии дарун рафта зани худро ба ошпазӣ фармуд, боз омада ба пеши меҳмони худ дар сари гулхан нишаст. Хона хомӯш буд. Ба ғайр аз шитир-шитире, ки аз сӯхтани чӯби бурс (арча) мебаромад, дигар садое шунида намешуд.

Ин хомӯшӣ бисьёр дароз накашид, шахси қатор-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

вазналор бе он ки дастони худро аз пеши шўълаи оташ кашад:

— Арбоб, гап зан, ин вақтхо ахволат чй тавр аст? — гуфта гап сар кард.

— Чй тавр мешуд? — гуфт Арбоб,— баробари чаноби олй хайру барака хам аз миён рафт, дар вакти мусулмонободй ягон шаб сарои ман аз мехмон холй намемонд; агар хоким ё амлокдор мехмон шавад, гайр аз харочоти мукаррарй ба ман чома хам мепўшонд. Шогирдпешагон бошанд, хеч набошад, ягон гўсфанд кушта як парчаашро худашон хўрда дигарашро ба ман вогузошта мерафтанд; чй метўй, ки он вактхо зиндагонии ман монанди зиндагонии сиёхгўш, ки аз давлати шер шиками худро сер мекунад, бе хеч гуна ташвиш бо осудагй мегузашт.

— Акнун чй? — каторвазнадор пурсид.

— Акнун бошад, дар 15 — 20 рўз сарои ман рўи мехмонро намебинад; агар ягон большевик даромада оял, хўрокворнашро хамрохи худ меорад; агар ба чизе мўхточ шавад хам, бе хисоб пул намедихад, харочотро як пул-як пул аз кирьё[107] гузаронида ба рўйхат навишта, даст мононда, пас аз он пул медихад.

— Зарар надорад,—гуфт шахси каторвазнадор,—инхо мегузарад, боз дунъё дунъё мешавад, чаноби олй рафта бошанд хам, мо чароги он касро хомўш нахохем кард; танхо беярокй корро камтар пас андохта истодааст; агар як милтик меёфтам, ки ба ин (каторвазнаро нишон дода) тирхо рост меомад, аз хамин рўз худи ман корро сар мекардам. Як казоки чорводор як милтики берданкаро бо чанд дона тираш ба ман дод, лекин танхо бо вай корро пеш бурдан хеч мумкин нест, барои нагз кор кардан милтики 11-тира, хеч набошад панчтира даркор аст.

Арбоб бо ишорати инкор сари худро чапу рост чунбонида:

— Бо ёфт шудани милтик танхо аз дасти худи ту чй кор меояд. «Пайгамбари беуммат барин» дар кўху дашт мегардй, агар шикорат барор гирад, бузе ё гўсфандеро ба даст медарорй, ки бо он корхо мамлакат мусулмонобод намешавад.

— Арбоб!— гуфт шахси каторвазнадор кадре шўрида,— ту одамн ин кора нестй, ту ба як табак ош ду танга харч карда аз мусофир панч танга гирифтан ва ба дехконе сад тангаро ба фонда дода дар як сол са-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ду панҷоҳ танга карда рӯёнданро медонӣ; ту одамро намешиносӣ, агар милтиқи мувофиқ ба даст дарояд, бо ин (қаторвазнаро нишон дода) тирҳо, ки 24 донаанд, ман метавонам, ки 24 милтиқи дигарро ба даст дарорам, аз вачҳи одам бошад, ҳоло ту аз дуньё бехабар ҳастӣ; ту шунидӣ, ки Абдураҳмон мингбошӣ ба большевикҳо вакили озуқа шудааст, ё Давлатманд бӣ ба Балҷувон ревком[108] шудааст; мепиндорӣ, ки ҳама ба большевикҳо тан дода рафтаанд; хотирҷамъ бош, ки инҳо ҳеҷ гоҳ шаъну шавкати замони амирро фаромӯш нахоҳанд кард. Як садо аз тарафе барояд, лаббай гӯён аввал ҳаминҳо ёрӣ хоҳанд дод. Хушбахтии мо дар ин ҷост, ки ҷадидон «мо Абдураҳмонро вакили озуқа кардем, Давлатманд биро ревком кардем, ба ин кор амалдорони амирро ба тарафи худ гардондем» гуфта на танҳо ба худи инҳо, балки ба ҳамаи амалдорони кӯҳна ҳам боварӣ доранд, русҳо бошанд, ба ин мамлакат нобаладанд, пасту баландашро хуб намедонанд; ин аҳвол моро ба ҳар кор умедвор карда метавонад...

Ош тайёр шуд, шахси қаторвазнадор пас аз хӯрдани ош бо Арбоб Насир хушбошӣ карда рафтанӣ шуд.

Дар вақте ки шахси қаторвазнадор ба аспи худ савор мешуд, Арбоб:

— Ин вақтҳо қӯшхонаат куҷост? — гуфта пурсид.

— Дар ҳавлии Абдулқайюм бӣ,— гуфта аспи худро ба тарафи қишлоқи Данғара ронда рафт.

II. ШАЙТОН

Як меҳмонхона пур аз одам, дуд ба дуд чилим мекашанд ва пай дар пай чой менӯшанд.

— Тағоии ҷаноби олӣ Саидбег,— гуфт касе, ки дар пешгоҳи меҳмонхона нишаста буд,— хату хабар карда калоншавандагони тарафи Файзободро тайёр кардааст; онҳо бошанд, як-як, ду-ду, дида ҳаман амалдорони дигари тарафи Ҳисорро бар сари кор овардаанд, акнун калоншавандагони Кӯлоб ва Балҷувонро бояд шумо тайёр кунед,— гуфта ба касе, ки дар поёни хона нишаста буд, хитоб кард.

— Шайтон,— гуфт касе, ки дар поёни хона нишаста буд,— як каси муҷаррад (безан)-ро ғарво кардааст, ки ба як зан наздикӣ кунад, аммо зан ёфт нашудааст, лекин шайтон аз васваса бознаистодааст, оқибат марди муҷаррад ба ҷон омада ба шайтон гуфтааст, ки ман

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба хар кор тайёр хастам, маро иғво кардан хочат нест, як зан ёфта дех, корномаҳоро аз ман дидан гир; мисли хамин ба Сандбеги шайтон хат кардан даркор аст, ки ярок ёфта дихад, агар ярок бошад, мо ба хеч иғво мўҳточ нашуда, корномаҳо нишон додан мегирем.

Яке аз бошандагон:

— Агар ярок бошад, зан хам ёфт мешавад, а,— гуфт.

Хама ба якбора каҳкос зада ба суханфахмии ин одам хандиданд.

Як зани фаранчинок ба таги дар омада касеро, ки дар пеши мехмонхона нишаста буд, имо карда ба беруи баровард.

Ана ярок набошад хам, зан ёфт шуда монд,— гуфт касе; боз хамагй якбора хандиданд.

Каси берун баромада, зуд баргашта омад ва ба каси пешгахнишин нигох карда:

Иброхим, ин зан ба ту кор доштааст,— гуфт.

Иброхим берун баромад, баъд аз панч дакика боз ба хона даромад:

— Дар хакикат,— гуфт,— ин занро ба мо шайтон фиристода будааст, тайёр шавед, имшаб як толеъозмои кунем.

Хама миёнхоро баста, чомаҳоро пўшида тайёр шуданд.

— Би! — гуфт Иброхим,— милтики казокро пок карда монда боши, бароварда дех, ки имшаб кор медихад,— ва худ каторвазнаро аз токи мехмонхона гирифта ба гарданаш хамоил кард. Сохиби хона, ки Иброхим ба ў бо унвони «би» хитоб карда буд, як милтики берданкаро бароварда бо чанд дона тир ба ў дода:

— Сабилмонда,— гуфт,— магар ба таги хок бисьёр монда будааст, ки харчанд равган карда сунба задамаш, боз хуб покиза нашуд.

— Зарар надорад,— гуфт Иброхим милтикро гирифта,— як-ду бор холй кунем, худаш покиза мешавад меравад.

Иброхим пеш-пеш ва дигарон аз дунболи вай-пиёда ба рох даромаданд; дар вакти аз хавли баромадан:

— Би! — гуфт Иброхим,— як гўсфанди фарбех куштаяхни кунонда мон; эхтимол фардо худро ба канораторе кашиданамон даркор шавад.

Баъд аз ним соат инхо ба дари сарои Арбоб Насир буданд; бе оч ки садое бароранд ва ё дарро кўбанд,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дарвозаи сарой кушода шуд, ки ба даруни дарвозахона Арбоб истода буд.

— Аҳвол чӣ тавр аст, Арбоб? — гуфта Иброҳим аз он кас пурсид.

— Бад нест,— гуфт Арбоб,— чор нафар саллот ба сарой фуромаданд, дидам, ки шикамашон гурусна ва худашон мондаву ҳалок менамоянд, даррав барои онҳо обу таом тайёр карда занамрэ аз паси ту фиристодам; ҳамин вақт ҳамаашон масти хобанд. Агар коре мекунӣ, вақташ ҳамин вақт аст.

— Ресмон дорӣ?

— Чор дона канаб тайёр карда мондам.

— Бисьёр хуб, ресмонҳоро ба дасти инҳо деҳ,— гуфта Иброҳим нафаронашро нишон дод, худ берданкаро ба даст ва нафаронашро аз дунбол гирифта ба дари меҳмонхона рафт. Аз даруни меҳмонхона ғайр аз садои хур-хури хобидагон дигар овозе шунида намешуд; ҳамагӣ оҳиста худро ба даруни меҳмонхона гирифтанд ва фаврӣ ба чор тақсим шуда худҳоро ба болои солдатҳои хобида партофтанд; то аз воқеа хабардор шудани солдатҳо, дасту пояшон бо ресмонҳои канаб баста шуд ва аз таги сарҳошон чор дона милтиқро ба даст даровардаид. Иброҳим милтиққоро ягон-ягон аз назар гузаронид ва ба яке аз онҳо аз қатор-вазнаи худ тиреро гузаронида дид, ки рост омад:

— Шайтон ёрии муносиб дод,— гӯён он милтиқро ба гардани худ андохт ва се дона милтиқи дигарро дар бағал гирифта, аз хона берун баромад ва рафиқонаш ҳам баромаданд:

— Ма, инро ту гир, Асадулло! Ин аз они туст, Шоҳимардонқул! Ва инро ту кор мефармоӣ, Тӯғайсариғ!— гӯён ҳар се милтиқи дигарро як-як ба се нафари дигар дод.

— Инҳоро,— гуфт Асадулло, магар зинда гузошта меравем?

— Албатта,— гуфт Иброҳим,— агар ба ҷони инҳо зарар расонем, ҳам Арбоб Насирро ва ҳам Давлатманд бии ревкомро дар ташвиш меандозем; тадбир он аст, ки як қисм чизҳои хонаи Арбобро ҳам бо худ мебардорем, ҳар кас аз воқеа пурсад, дузд омад, нашинохта мондам гуфта ҷавоб медиҳад.

Ин тадбир ба Арбоб ҳам маъқул шуд, пас аз гирифтани ду-се бӯғча мол аз хонаи Арбоб ҳама баромада рафтанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Арбоб, пас аз баромада рафтани инҳо якчанд бор:

— Дуздонро намонед, хонаамро рӯбучин карда бурданд,— гуфта фарьёд кард ва баъд аз он ба пеши солдатҳо даромада дасту пои онҳоро кушод ва ба ҳоли онҳо «афсӯс хӯрда» ба тарафи Балҷувон гусел кард.

III. ОГОЗ

Дар вакте ки Иброҳим бо нафарони худ дар хавлии Абдулкайюм би яхни хӯрда нишаста буд, саворе аз дарвоза даромад.

— Ҳа? Чӣ кор карда омадӣ? — гуфта Иброҳим аз он савор пурсид.

Пеш аз он, ки саллотон ба Балҷувон расанд, ман рафта Давлатманд биро дида корро пухтам: агар русҳо аз дунболи мо саллот фиристонанд, роҳбаре ки Давлатманд би ба онҳо медиҳад, онҳоро ба кухи Сарсарак меорад, мо бояд зудтар ба он чо рафта камин гирифта истем.

Сад нафар аскари сурх меояд; пеш-пеши онҳо даромада як нафар балҷувонӣ роҳбарӣ мекунад; аскарони сурх то бегоҳи кӯҳ ва дарахоро кофта, аз душманони худ дарак наёфтанд; шом шуд, аскарони сурх мехостанд баргарданд, роҳбар гуфт:

— Кухи Сарсаракро ҳам дидан даркор аст.

То расидан ба доманаи кӯхи Сарсарак торикӣ рӯи оламро фаро гирифта буд, бо вуҷуди ин аскарони сурх азми худро нашикаста, ба болои кӯҳ баромадан гирифтанд; баъд аз якчанд кадам боло рафтанашон аз рӯ ба руяшон панҷ милтик якбора холӣ шуд ва аз паси он, боз садои милтик пайдарҳам баромадан гирифт. Солдатҳо баргаштанд.

Баъд аз он ки садои пои аспи аскарони сурх дуртар рафт, аз болои кӯҳ чанд нафар фуромаданд ва дар камари кӯҳ панҷ мурдаро бо панҷ дона милтики панҷтира ёфтанд; милтик ва либоси мурдахоро ба даст даровардаа, худхошон ҳам аз кӯҳ фуромадан гирифтанд; якчанд кадам поёнтар як мурдаи мусулмонро ҳам ёфтанд, Иброҳим вайро дида:

— Магар саллотон бӯи пилтаро фахмидаанд, ки роҳбари худхошонро кушта партофтаанд, акнун худамонро дар гушаи дигаре кашиданамон даркор аст,— гуфта нафарони худро ба тарафи кӯҳи Табакчӣ гирифта бурд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

* * *

— Акнун корро сар кардан даркор аст,— гуфт Абдулқайюм бӣ ба Давлатманд бӣ,— аз воқеаи дирӯза албатта, большевикон дар ҳаққи ту ҳам бадгумон шуданд. Агар суст монем, ачаб нест, ки аскари бисьёре оварда вилоятро хӯбтар забт кунанд ва туро аз миён бардошта, ба ҷои ту яке аз худҳошонро гузоранд, дар он сурат кор кардан душвор мешавад.

— Гапи ту маъқул аст, лекин агар фурсат медоданд, ки боз чанд гоҳе ревком шуда нишаста кор мекардам, хубтар мешуд.

— Дуруст аст, ки хубтар мешуд, лекин ман гумон намекунам, ки боз туро дар ин ҷо саломат монанд, бинобар ин ҳамаи андешаҳоро ба як тараф андохта, рӯйрост ба майдон баромаданамон даркор аст; намебинӣ Фузайл ва Эшони Султон кайҳо худашонро ба аҳолӣ ҳоким карданд, Фузайл Ғармро, Эшони Султон Дарвозро аз они худ кард.

— Яроқ камӣ мекунад. Коре мешуд, ки як миқдор яроқ ба даст медаровардем, корро пеш бурдан осонтар мешуд.

— Бисьёртар яроқ ба даст даровардан ҳам бо рӯйрост ба майдон даромадан мешавад. Ту ҳокими вилоят шав, ман ба ту ноиб мешавам, Иброҳимро сараскар мекунем; ба аҳолӣ андоз меандозем. Барои аз аҳолӣ пул гирифта тавонистан ҳамин яроқҳои ба даст доштаамон кифоя аст, як миқдор пули нақд, ки ба даст даровардем, ба Хонобод ба тағоии ҷаноби олӣ мефиристонем, ки дар се рӯз ба мо яроқ мерасонад.

— Ҳайф ки,— гуфт Давлатманд,— беандешагиҳои Иброҳим корро лат дод, вагарна ман ба дарун истода бисьёр кор мекардам. Надидӣ Исмоили девонбегӣ худашро ба большевикон содиқ нишон дода, чӣ корҳо кард. Шаҳри Сабз барин як вилоятро, ки аҳолии он ҷо худашон аскари большевикро пешвоз гирифта, Тӯраро дастгир карданӣ шуда, мамлакатро ба дасти худ ба онҳо супурда буданд, зеру забар кард; агарчи худаш ба гурехтан маҷбур шуд, лекин дар вилояти Шаҳри Сабз як захме зада гурехт, ки он захм ба ин наздикиҳо беҳ намешавад.

— Давлатманд! Агар-магарҳоятро мон! Агар ҷаноби олӣ намегурехтанд, агар туро дар Кӯлоб ва маро ба Балҷувон ҳоким мекарданд, боз беҳтар буд, лекин ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com

корҳо нашуд, корҳои гузаштаро ёд карда, афсус хӯрдан нафъ надорад, фикри ояндаро дидан даркор аст.

— Лекин Иброҳим як одами гарданкафси якрахаи худписанд аст, вай мехохад, ки худаш дар мамлакат калон бошад, намедонам ба ин кавлу карор рози мешавад, ё не?

— Ман вайро рози мекунам, худаш хам медонад, ки ӯ дар мамлакат обрӯи дуруст надорад, хар кас уро «Иброҳим Галлаи дузд» мегуяд, бойҳо хам ба калон шудани ӯ рози намешаванд. «Худаш чизҳон моро медуздад» гуфта метарсанд, ту хамшираатро ба вай доданй шави, хамин давлат барои ӯ бас аст, домодии «хокими мамлакат» ва сараскарии «давлат» мартабаи калон аст.

— Хуб, набошад рафта Иброҳимро ба ин маъни рози карда, ахду паймон баста гирифта биёр.

IV. ОШТИ

Дар мавзеи Хоча Бадчувони вилояти Балҷувон мачлиси тантананоке барпо шудааст; гусфандонро кушта дегҳоро катор карда, ошҳои гуногун пухта истодаанд. Дар як тараф калоншавандагони мамлакат: боён, муллоён, эшонон, саркардагон ва амалдорон дар хузури бародари вакили мухтор, ки баъди аз Бухоро рафтани худи вакил ба чои ӯ чонишин шуда буд, дузону нишаста «таксиркаши» мекунанд. Дар тарафи дигар Сурайё афанди ба шарафи мехмонон аскарҳои миллиро машқ дода намоиш кунонда тантанаи ин мачлиси таърихиро дуболо мекунад.

Дар поёни зиёфат Давлатманд бй, Абдукайюм бй ва Абдушукур, ки ин зиёфат ба шарафи онхо мухайё шуда буд, бо чомаҳои зардор, аспҳои рохвор ва накдахои бисьёр сарафроз гардиданд; дигар калоншавандагон хам хар кадом ба кадри чоху мартабаи даври амирии худ, аз «давлати» чонишини вакили мухтор бахравар шуданд; хулоса, хама шод ва хама миннатдор.

Танхо дар гӯшае, дуртар аз мачлиси зиёфат, дар чое, ки дар он чо аспони чонишини вакили мухторро баста будаанд, Дохунда сари дупо нишаста буд, ки аз чехрааш аломати нохушнудй ҳувайдо мегардид; ӯ ба маздикии ин мачлис, ки овози «зинда бод!»-хо ва садои карсакҳо ба осмон мепечид, гӯё ки хеч чизро намеди-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

да ва намешунида бошад, пешонаи худро ба сари зонуи худ ниҳода, дар олами хоб ва хаёл фурӯ рафта буд.

— Ҳа, Дохунда! — гуфта як бухорӣ ин одамро аз хаёлоташ боз оварда:

— Боз дар сари худ чӣ хаёл дорӣ? Магар ҳоло ҳам мамлакат дар зери мӯзаи босмачиён поймол мешавад, гуфта ғам мехӯрӣ?— гӯён масхара дошт.

— Ҳоло чӣ шудааст?— гуфта Дохунда ҳам ҳайрат ва ҳам савол кард.

— Сулҳ шуд.

— Бо кӣ сулҳ шуд? Бо босмачиён?!.

— Хоҳ босмачиён ном ниҳӣ, хоҳ калоншавандагони вилояти Кӯлоб ва Балҷувон, ҳар чӣ бошанд, бошанд, бо ҳаминҳо сулҳ шуд.

— Ба фаҳми ман сулҳ шудан надорад,— гуфт Дохунда,— агар дар миёнаи гургу гӯсфанд сулҳ шудан мумкин мебӯд, дар миёнаи мо ва босмачиён ё калонони мамлакат сулҳ барпо мегардид.

— Ҷонишини вакили мухтор коре карданд, ки ҳам гург сер шуд ва ҳам гӯсфанд осуда монд.

— Ақли ман ба ин кор намерасад.

— Дуруст аст, ту як одами бесаводи нохондаӣ, ҳеҷ чизро намедонӣ, инро ҳам намедонӣ, ки калонони мо одамони доно ва соҳибтадбиранд, хусусан ҷонишини вакили мухтор аз акаашон ҳам донотаранд, ба соҳибтадбирӣ ва фиребгарии ин кас ҳамаи аҳли Бухоро қоиланд, ин кас ҳазор босмачиро ба лаби дарьё ташна бурда, ташна меоранд, ин кас чанд сол дар Истанбул таҳсил кардаанд ва ба болои ин, аз дасти амир гуреза шуда, дар Тошканд гоҳо ба фирқаи эсерҳо, гоҳо бо коммунистҳо ва гоҳо ба фирқаи ҷавонбухориёни инқилобӣ даромада кор кардаанд ва тарбияи сиёсӣ гирифтаанд; ту осуда бош, ки ин гуна одам хато нахоҳад кард.

— Хуб, бисьёр хуб, шартҳои сулҳатон чист?— Дохунда пурсид.

— То чор моҳ ярокҳои калонони мамлакат, ба қавли ту босмачиён, ба дасти худашон меистад, харочотҳошон аз тарафи ҳукумат дода мешавад, ки як қисмаш дар худи ҳамин маҷлис дода шуд; дар бадали ин инҳо дуздони майдаро барҳам мезананд, мамлакатро сариштa мекунанд ва дар итоати Ҳукумати Шӯроии Халқии Бухоро нигоҳ медоранд ва баъд аз чор моҳ ярокҳошонро ба ихтиёри худ ва бо ду дасти адаб ба ху-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

кумат оварда месупоранд ва худхошон хам таслим мешаванд.

— Барои ба чо овардани ин шартхо аз чониби онхо кй кафил шуд?

— Хамаашон ба номи Хоча Балчувон — ба ин бузургворе, ки дар ин мазор хобидаанд, касам хўрданд.

— Хай, хай бисьёр нагз, лекин ба фахми кутохи ман «аз ин... хо бача намеруяд».

• • •

— Ахди бо ман бастаат чй шуд, ки дарраи бо хукумат ошти кардй? — Иброхим ба Давлатманд бй мегўяд.

Ту намедонй,— гуфт Давлатманд би,— ки мо бо ин сулх хеч чизро бой надодаем; ман аввал гумон надоштам, ки инхо бо мо сулх мекунанд; акнун ки худхошон ба сари сулх омада то чор мох ихтиёри мамлакатро ба дасти мо гузоштанд, мо дар ин муддат хар кор карда метавонем: аввал он ки то метавонем, пул гундошта ба Афгонистон фиристода, ба воситаи тагони чанюби олй, ки дар Хонобод нишастааст, яроки бисьёре ба даст дарорем; дуйум ба номи ба чо овардани як моддаи сулх, ки бархам заданн дуздони майдаи вилоят аст, мо метавонем хама дуздонро ба зери дасти худ гирифта, мусаллах карда, ба худ нафар ва навкар кунем ва ба ин восита мардум хам мачбур мешаванд, ки барои хар кори худ ба мо рўй оваранд, зеро касе, ки хонаашро дузд мезанад, мачбур мешавад, ки ба мо оид, моро хурсанд кунад ва аз мо ёрй талабад; дар ин сурат обрўи хукумат паст мешавад ва обрўи мо дар пеши мардум зиёд мегардад. Холо Сурайё афандиашонро ба Гарм ва Дарвоз фиристоданд, ки бо Фузайл ва Эшони Султон хам сулх бандад; агар онхо хам акл дошта бошанд, ба ин гуна сулх розй мешаванд ва ханўз ки кувваи дурust надоранд, корро ба чанг оид намекунанд. Акнун ки ту ба мачлиси сулх хозир нашуда мукобилати худатро рўйрост нишон додй, бехтар он аст, ки ба пеши мо наист ва ба тарафи Хисору Душанбе рафта, аз он чо ба сари худ кор сар кун.

V. СИЛОХИ ГАНЧ

Дар кишлоки Норун чамъомади бузурге барпо шудааст, ки кариб як хазор нафар меоянд.

— Чй гап?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Иброҳим Галлу писари Чаққабой тўқсабо мардумро барои машварат чеғ задааст.

— Магар мардум кори дигаре надоштаанд, ки бо чеғ задани вай ин чо омадаанд?

— Намебинӣ, ки ин чо чамъшудагон киҳоанд? Инҳо ҳамон одамонеанд, ки дар даври амир давр меронданд, соҳиби мамлакат буданд, заминҳои хуб, рамаҳои калон аз они инҳо буд; баъзеашон «ман саркарда, ман амалдори амир» гуфта, ба мардум ҳукмронӣ мекарданд, танхоҳ мехӯрданд, қӯш мегирифтанд, мардумро ба муфт кор мефармуданд, баъзеашон «ман мулло, ман эшон, ман қозӣ ва ман раис» гуфта, хуни мардумро мечаббиданд, вақф мехӯрданд, назр меситонданд; акнун ки амир рафт, як қисмашон аз он шаъну шавкат чудо шуданд, баъзеашон ҳанӯз ба ҳоли аввалиашон монда бошанд ҳам, метарсанд, ки дер ё зуд аз он ҳама муфтхӯриҳо чудо шаванд, зеро инҳо ҳамаи давлат ва ҳашамати худҳошонро аз амир медонистанд, чунончи ба ҳар корашон «мо аз давлати чаноби олӣ ин тавр шудем» ва «мо ба сояи давлати олӣ фалон кор кардем» мегуфтанд; дар ҳақиқат ҳам ҳаман корро инҳо ба сояи «давлати амир» ва аз номи ӯ мекарданд, акнун шунидаанд, ки ҳукумат аз они меҳнаткашон шудааст ва медонанд, ки дар замони пеш дар ҳаққи меҳнаткашон худҳошон чиҳо кардаанд агар дар ҳақиқат ин ҳукумат ҳукумати меҳнаткашон бошад, медонанд, ки ба сари худҳошон чиҳо хоҳад омад; бинобар ин чо чамъ шудаанд, мехоҳанд, ки пеш аз ба курсӣ нишастани ҳукумати меҳнаткашон вайро нест кунанд ва даври амириро аз сари нав барпо доранд. Дигарон бошад, монанди ману ту ҳақиқати корро нафаҳмида: «чӣ гап, чӣ гап» гуфта ё ки «бинем, инҳо чӣ кор мекунанд» гуфта ва ё ин ки ба сухани саркардагон, боён ва муллоён фирефта шуда омадаанд...

Дар миёнаи як қисм одамони дар ин чо чамъомада чунин гуфтугузор мерафт, ки Иброҳим аз чои худ хеста ба баландие баромад ва пас аз ягон-ягон аз назар гузаронидани чамъомадагон гуфт:

— Мусулмонон! Ман шуморо барои ин чеғ задаам, ки ба ман ёрӣ диҳед, то ки дар роҳи ислом ва мусулмонӣ ғазо кунем, мамлакатро мусулмонобод намоем ва чаноби олиро аз Афғонистон оварда, боз ба худ подшоҳ бардорем...

Ғулғула дар миёни мардум:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Мо аз амир чӣ некӣ дидем, ки боз вайро металабем?

— Агар гушна монда бошӣ, камтар чиз ҷамъ карда гир ва моро ба ҳоли худ ва ба бечорагии худҳомо гузор.

— Вай нияти ғазо дорад, чаро ин гуна суханҳои пойдарҳаво мезанед?— гуфт муллое.

— Амираш бо он ҳама тӯпу туфангу хазинаву дафина чӣ кор карда тавонист, ки ин мекунад?!. Ба беҳудагӣ мардумро таги пой, хонаашонро вайрон ва деҳқониашонро парешон мекунонад.

— Ин ва касоне, ки ӯро пеш андохтаанд, ба хонавайрон шудани мардум чӣ парво доранд, коре шавад, ки ҳеҷ набошад, чанд рӯзе давр ронанд, «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» мегӯянд. Дар замони пеш ҳам деги инҳо бо сӯхтани хонаи мардум мечӯшид ва фарбеҳии инҳо аз харобии фуқаро меомад, боз ҳамонро мехоҳанд.

— Ҳоло ҳукумат ҳукумати меҳнаткашон мегӯянд, лекин дар ҳақиқат чӣ шуд? Абдураҳмон мингбошӣ «ман вакили озуқаам» гуфта мардумро хонасалот кард; ба анбор ва ӯраи пургандуми боён ва ҳаннотон кор надорад, «мо ҳукумати фақирхалқ» гуфта ҳамеша чашмашро ба як хум гандуми деҳқони фақир дӯхтааст; пештар ба бадали ғалла чой, қанд, чит ва дигар чизҳо медод, акнун «ҳар гоҳ чиз аз Бухоро ояд, мединҳам» гуфта як дастхати хушк медиҳад, ин дастхатро деҳқон ба об тар карда хӯрад, ё ба замин андохта корад?

— Ин гуноҳи Абдураҳмон аст, имрӯз набошад, фардо хиёнатҳои ӯ маълум шуда ба ҷазояш мерасад; ба мо на Иброҳим даркор аст, на амираш.

Иброҳим баъд аз пасанда шудани гуфтугузор ва ғулғулаи мардум ба сухани худ давом карда гуфт:

— Ғармро Фузайл ва Дарвозро Эшони Султон аз худ карданд; агар 60 нафар аскари сурхеро, ки ба даруни Кӯлоб мондаанд, ба ҳисоб нагирем, гуфта метавонем, ки Кӯлоб ва Балҷувон ба дасти Давлатманд ва Абдулқайюм даромадааст, худи ман бо чанд нафар ҳамроҳони худ як хат карда Қӯрғонтеппаро холӣ кунондам, ревкоми он ҷо бо хондани хати ман Қӯрғонро партофта гурехт, ман дар он ҷо даромада чанд нафар марду занеро, ки ба большевикон изҳори дӯстӣ мекардаанд, ёфта куштам ва аз ҷониби худ дар он ҷо Кенҷабегро ҳоким таъин кардам. Аз хатҳои Саидбег, тағоии амир, маълум мешавад, ки ҷаноби олӣ ба зудӣ аз дав-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лати Инглис ва Афғон ёрӣ гирифта меоянд; то он вақт мо мамлакатро аз душман холӣ карда истоданамон даркор аст, то ки ба пеши ҷаноби олӣ бо рӯи сурх бароем; агар шумо ба ман ёрӣ диҳед, Душанберо холӣ карда гирифтан он қадар душвор нест.

Ғулғула...

— Ҳеҷ намешавад, ту паси кори худ рав, моро ба бечорагарии худ гузор, ба ту чиз даркор бошад, мо каму беш чиз ҳам ҷамъ карда мефиристонем,— гуфт Қарахони ёбонӣ.

— Ҳайф ки,— гуфт Иброҳим худ ба худ,— ин одам бо падарам қадрдон буд, вагарна ҳозир бо як тир майнаашро аз косахонаи сараш мебаровардам,— ва ба мардум нигоҳ карда гуфт:

— Шуморо ман мусулмон гуфта ба ин ҷо ҷеғ задам, бо мусулмонони дигар як шуда ғазо кунем гуфтам, ғазо фарз аст, агар бовар накунед, аз муллоён пурсед...

— Ҷиҳод фарз аст! Ҷиҳод фарз аст! — аз ду-се каллаҳои саллаи сафеддор барои тасдиқи сухани Иброҳим ин гуна садо баромад. Иброҳим ба сухани худ давом карда гуфт:

— Шумо ба ҷои ёрӣ додан ба ман гапҳои сахт мезанед ва варсоқӣ мехонед...

— Тақсир, арз дорам.

Иброҳим аз гап задан ба мардум бозистода, ба гӯяндаи ин сухан нигоҳ карда:

— Чӣ мегӯӣ? — гуфт.

— Ман имшаб вақте ки аскарони сурх аз роҳ мегузаштанд, мабодо ба ман зарар нарасонанд гуфта, галаи худро ба канорае ронда то рӯз онҳоро нигаҳдорӣ кардам; баъд аз сафед шудани рӯз галаро аз чашм гузаронида дидам, ки дар миёни модиёнҳо як аспи сиёҳи думбуридаи занҷирнӯхтадор, ки ба болояш бори баста дошт, пайдо шудааст; он аспро даст гирифта борҳояшро кушода дидам, ки ду қуттӣ тир ва шаш дона милтиқ ҳаст, ин асп ҳамон асп аст, ки бо бораш пеши шумо овардам,— гуфта он шахс аспи бордореро ба Иброҳим пешкаш кард.

Иброҳим пас аз шунидани ин сухан ба мардум нигоҳ карда:

— Шунидед? Ин аст ёрии илоҳӣ, ин аст силоҳи ғайбӣ, ки худо ба мо фиристодааст, шумо ҳама беимонед, ки дар роҳи худо ёрӣ доданро намехоҳед, акнун ман

E-mail: ziyozoda@gmail.com

миёни худро маҳкам баста, ба кор баромадам, ҳар кас, ки гардантобӣ кунад, дониста монад, ки ба ғазаби худо гирифтор мешавад ва ба ҷо оварандаи он ғазаб худи ман ҳастам; мо дар роҳи худо ғазо мекунем ва худо бо мост,— гуфт ва аспи худро савор шуда ба тарафи Душанбе ронд; ва дусад нафар мард ҳам аз он ҷамъомад ҷудо шуда ба дунболи ӯ афтоданд.

VI. ҶАЗО

Дар қишлоқи Шоҳмансур аҳолӣ дар пеши масҷид ҷамъ шуда буданд; аз аҳволашон маълум мешуд, ки ҳодисаҳои аз одат беруне рӯй додааст ва муносибати худро бо он ҳодисаҳо таъин карданашон даркор аст. Бои қишлоқ гуфт:

— Иброҳимбег ба нияти ғазо миён бастааст: ба мо ён лозим аст, ки аз рӯи ҳамияти исломӣ ба вай ёрӣ диҳем.

— Иброҳим куҷову исломият куҷо? — гуфт Ҳақбердӣ ном яке аз аҳолии қишлоқ,— як одаме, ки аз падару бобояш дуздиро ба худ касб карда омада бошад, ба исломият чӣ муносибат дорад?

Имоми деҳа ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

— Дар китобҳои таърих мазкур аст, ки амир Темури соҳибқирон ҳам дар аввалҳои кори худ роҳзанӣ мекард; аҷаб нест, ки ин дузди мо ҳам рӯзе соҳибқирон шуда барояд. Бинобар ин ёрӣ додан даркор аст, то ки дар он рӯз шармсор нашавед.

Садоҳо:

— Ҳақбердӣ рост мегӯяд...

— Аз дузд чӣ умед карда мешавад?!.

— Мақсади вай тороҷ кардани мардум аст...

— Мо чаро ба тороҷкунандаи худ ёрӣ диҳем.

— Дузд ҳам бошад,— гуфт бой,— ҳоло мурғи давлат ба сари вай нишастааст. Дар Норун ба вай аз ғайб силоҳ расидааст, милицияҳои ба худаш муқобилбаромадаро пеш карда, баъзеашонро кушта яроқҳояшонро гирифтааст; ба як давлате, ки амирро гурезонда буд, муқобил баромадан кори осон нест; инҳо ҳама аломати он аст, ки ин одам соҳибқирон аст; як одамиро, ки худо ба мартабаи соҳибқироншаш лоиқ бинад, мо чаро аз вай гардан тобем?!.

— Аз вай гардан тофтан,— аз худо рӯй гардондан ҳисоб меёбад,— гуфт имом.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Яроқи ғайбӣ, ки ту мегӯӣ,— гуфт Ҳақбердӣ,— он яроқест, ки дар гузори роҳ як аспе, ки ба вай силоҳ бор карда будаанд, ба сабаби саҳл гирифтани аскарони сурх ба галаи модиёнҳо ҳамроҳ шуда мондааст; милицияҳоро гурезонда силоҳи онҳоро гирифтанаш айби ҳукуматдорони Душанбе аст, ки ба муқобили як дузди нишонзани таҷрибакор чанд нафар милицияи ноозмудакорро фиристодаанд; вақте ки ба муқобилаш чанд нафар аскари сурх баромадааст, ист накарда гурехтааст, «давидани гӯсола то каҳдон» мегӯянд, ки рост аст.

— Ман,— гуфт бой,— барои нафъи шумоҳо гап мезанам, вагарна ба ман чӣ, ман ҳам яке аз шумоёнам, агар ба Иброҳим ёрӣ надиҳед, ҳамаи ғаллаатонро Абдураҳмон мингбошӣ гирифта ба большевикон мехӯронад, агарчи дар он қатор аз ман ҳам ғалла равад, боз ман метавонам, ки худро ҳар навъ карда аз гушнагӣ нигоҳ дорам, «хонаи гург бе устухон нест» гуфтаанд. Аммо агар ғаллаи шумо аз дастатон равад, аз гуруснагӣ мемиред ва барои кишт ҳам ба дастатон тухмӣ намемонад дар он вақт ман ҳам, ки ба дастам ғалла кам мемонад, мисли замони амир ба шумо барои тухмӣ ғалла дода наметавонам.

— Ҳукумати меҳнаткашон ба гурусна ва ба бе тухмӣ мондани деҳқонони хокпош розӣ намешавад; ин гапро чанд бор коркунони ҳукумат дар маҷлисҳо ва бозорҳо ба мардум гуфтанд; агарчи дар вақти даркорӣ аз мо ғалла ситонад ҳам вақте ки мо мӯҳтоҷ шавем, ҳар навъ карда ба мо мерасонад ва наметавонад, ки баъд аз ин аз ту як ман тухмиро ба ду ман қарз гирем.

— Ба мо,— гуфт Ҳақбердӣ,— дузд даркор не, агар ба ту даркор бошад, худат ба пеши вай рафтан гир, агар Иброҳим зӯр барояд, боз ба сари мо амирро меорад, ки мо ҳанӯз ҷавру зулми ӯро аз ёд набаровардаем.

— «Дарди кампир ғӯза», бой ҳам омадани амирро мехоҳад,— гуфт дигаре.

Маҷлис пароканда шуд ва аз ҳама пештар бой дӯмани худро афшонда аз маҷлис баромада рафт.

* * *

Шаб, дар вақте ки мардум дар хоб буданд, садои пай дар паи холӣ шудани чанд милтиқ омад; ҳама саросемавор аз хоб бедор шуда, ба таги дарвозаҳои ҳавлии худҳошон баромаданд: лекин ҳар касе, ки аз ҳав-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лиаш баромад, дасту пояш баста шуда, ба кӯча афтод; дуздон қишлоқи Шоҳмансурро фаро гирифта буданд; қишлоқро аз як сар хонаковак карда ҳама чизҳои коройро ғундошта гирифтанд.

— Ин аст,— гуфт Иброҳим,— ҷазои касоне, ки ба «лашкари ислом» ёрӣ намедиҳанд; гӯшу бинни касонеро, ки мурдаи милиция ва аскаронро аз роҳ бардошта гӯронидаанд, бурред! Ҳақбердиро дасту гардан баста пеш андозед! Ва дигаронро ба ҳоли худҳошон гузоред, ки аз гурусангӣ бимиранд ва бубинанд, ки большевиконашон чӣ гуна озуқа расонда онҳоро сер мекардаанд.

Баъд аз як соат ғайр аз хонаи имом ва бой дар дигар ҷое чизе боқӣ намонда буд.

* * *

Баъд аз он ки Кӯктош, Мавлоно ва дигар қишлоқҳои атрофи Душанбе ҳам монанди қишлоқи Шоҳмансур ҷазо диданд, калоншавандагон: муллоён эшонон, саркардагон, амалдорон ва боён дар қишлоқи Қарасу сарҷамъ шуда, аҳду паймон баста Иброҳимро ба худ калон бардоштанд.

Дар поёни маҷлис Иброҳим гуфт:

— Худоро шукр, худамо акнун давлат шудем; лекин касоне, ки дар ин маҷлис ҷамъ омада фотиҳа хонданд, аҳду паймони худро нашикананд, чӣ будани «фотиҳа»-ро аз ёд набароранд...

— Фотиҳа «мӯҳри худост», тақсир! Касе, ки фотиҳаро мешиканад, гӯё ки мӯҳри худро шикастааст,— гуфт як мулло.

— Ҳо, ҳамин тавр аст,— Иброҳим ба сухани худ давом мекунад,— аз ҷаноби олӣ ҳам ҳар рӯз хабарҳои хуш расида истодааст; ҷаноби олӣ дар муборакномаи худ навиштаанд, ки «ҳар кадом аз навкарон ҷонбозӣ кунанд, ба мо маълум кунед, ба онҳо амалҳои калон мediҳем».

— Ҳазрат каромот кардаанд, тақсир! — гуфт яке аз саркардагон,— расми подшоҳони пешин ҳам ҳамин буд, касони ҷонсупорро аз давлат маҳрум намекарданд. Чунончи, худи ман дар вақти падарашон амири марҳум як деҳқонро, ки хироҷи подшоҳиро надода мехост ба Афғонистон гурезад, дастгир карда оварда будам, якбора маро мирохур карда буданд.

— Ҳоло ҳам чунин мешавад,— гуфт Иброҳим,— ҳар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

касе, ки қонсупорӣ кунад, аз рӯи нишондоди ман қаноби олӣ сарафрозаш мекунанд; тиру туфанг ҳам аз қаноби олӣ пай дар пай расида омада истодааст, лекин мардуми мо қангҳои низомиро надидаанд, бинобар ин ба мо лозим аст, ки то дуруст машқ дидани навкаронамон, то метавонем, ба аскарони сурх рӯ ба рӯ нашавем. Аммо коре кунем, ки онҳо бе озуқа монанд; барои ин ба мо лозим аст, ки деҳқононро сахтгирӣ кунем, то ки ба шаҳр озуқа набаранд; агар донем, ки деҳқоне ба шаҳр як каф озуқа бурдааст ё ба озуқабарӣ далолат кардааст, ӯро ба сахттарини қазоҳо гирифтор намоем.

— Агар аскарони сурх худ баромада аз қишлоқҳо озуқа гиранд, чӣ кор мекунем? — гуфт навкаре.

— Агар аскарони сурх баромада аз қишлоқ озуқа гиранд, мо бояд баъд аз рафтани онҳо аҳолии он қишлоқро қазои сахт диҳем, то ки дубора ба ихтиёри худ ба аскарони сурх озуқа надиҳанд; дар ин ҳол аскарони сурх маҷбур мешаванд, ки ба озуқанадодагон муомилаи сахт кунанд: дар ин сурат дар миёни мардум ва аскарони сурх душманӣ меафтад, ки ин айни муддаои мост. Агар аскарони сурх ҳафтае як бор ба қишлоқе бароянд, одамони мо ҳамеша дар ҳама қишлоқҳо ёфт мешаванд, бинобар ин мо метавонем, ки ҳар навъ карда ҳукми худро ба қишлоқ қорӣ кунем; дар қишлоқҳо пул, мӯза ва қомандоз карда навкарони худро пӯшонда ва хӯронда истоданамон даркор аст. Ба муллоён ва эшонон расми қӯш ва улуфа доданро барпо кунем, ки инҳо дуогӯёни холиси мо ва қаноби олианд ва метавонанд, ки мардумро ба ҳар роҳ аз додани озуқа ба большевикон бозоранд.

Яке аз муллоён нимхез шуда:

— Қаромат карданд, тақсир! Худо давлатшонро зиёда гардонад, биннабии ва олиҳилъамқод (ба ҳурмати пайғамбар ва авлоди бузургвори ӯ),— гуфта дуо кард.

— Хулосаи калом,— гуфт Иброҳим,— мо метавонем бо ҳар роҳ озуқаро аз шаҳр бозорем; беҳтарин ва осонтарини ин роҳҳо қазост.

VII. БАЗМ ВА КӮБКОРӢ

Дар Кӯктош ҳавлиеро дарун-берун то пеши дарвоза ва сари кӯча рӯфта об заданд, аспони бидави роҳворро саисони чобукдаст дар якқамеҳҳо қатор баста, обу чорӯб мекунанд. Ба рӯи шаҳсуфа қолинӣ калонеро ан-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дохтаанд, ки сар то сари он суфаро баробар гирифтаааст; дар ду тарафи дарозрӯяи суфа ду кӯрпачаи яккаандози абри ҳисориро андохта дар пешгоҳаш чор қабат кӯрпачаи адрасу шоҳию атласу махмалро паҳн кардаанд; ба рӯи инҳо як шахси тахминан 45-солаи баландқомати бузриши сиёҳчеҳра се болиши парро болои ҳам ба зери оринҷи худ ниҳода якпаҳлу ёзида нишастааст: ба тарафи пои ин шахс як ҷавони 16—17-солае нишастааст, ки пойҳояшро мемолад. Дар тарафи поёнтари суфа боз як бачаи ба ҳамин синну сол миёни худро бо фӯтаи сафеде баста, ба пеши худ як чойнику пиёларо ба лаъличае ниҳода нишастааст, ки ҳар гоҳ он шахси пешгаҳнишин ишорат кунад, чойро ба пиёла кашида, пиёларо ба рӯи лаълича ниҳода бо ду дасти адаб бурда ба пеши он шахс гузошта пуштнокӣ роҳ рафта ба ҷои худ бозгашта менишинад. Дар ду тарафи суфа ба рӯи кӯрпачаҳои яккаандоз чор-панҷ нафари дигар дузону нишастаанд, ки аз сару либосашон баъзеашон бой ва баъзеашон амалдор барин менамоянд.

Дар тарафи поёни суфа ба рӯи кӯрпачае чор нафари дигар нишастаанд, ки ба пешашон ду манқали оташ ниҳода шудааст: яке аз инҳо ба дасти худ рубобе дорад, ки гӯшакҳои вайро тофта торҳояшро ба мизроб меорад, ду нафари дигарашон дойраву думбаки дар даст доштаи худҳошонро ба рӯи манқали оташ таранг мекунанд. Як нафари инҳо, ки тахминан 17—18-сола аст, кокулҳои сиёҳи дарози худро аз зери калапӯши тос баровардаа шона мезанад.

Шахси пешгаҳнишин, вақте ки пиёлаи дар даст доштаи худро холӣ карда, ба рӯи лаълича гузошт, ба тарафи рубобӣ нигоҳ карда:

— Шумо, оғо, чанд сол боз дар ин тарафҳо ҳастед? — гуфт.

Шахси рубобӣ, ки аз қиёфа ва лаҳҷааш афғон будани аш маълум мешуд:

— Сардор соҳиб,— гуфт,— мо се сол шуд, ки ба нияти ғазо аз ватани худ омада, дар Бухоро ба амир соҳиб навкар шуда будем, гоҳо рубобе навохта базме карда аҳли дарбори амир соҳибро хурсанд ҳам мекардем. Пас аз он ки амир соҳиб аз ин мулк рафтанд, мо бесоҳиб шуда монда будем; шукри худо, ки шумо соҳибдавлат шудед, боз ба мо навбат расид, ки ҳунарҳои худро нишон диҳем.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Хуб, ин тавр бошад, як машқ кунед, шунавем канӣ,— гуфт шахси садрнишин.

Рубобу дойраву думбак бо ҳам чӯр шуданд ва рубобӣ хониш сар кард:

«Бурд афғонписаре ҳуши ман аз бонги рубоб (2 бор)
Оллоҳ-оллоҳ ачаб нағмасарое будаст! (2 бор)
Аз пинак рафтану хамьёзаву хоболудеш (2 бор)
Метавон ёфт, ки дӯшина ба чое будаст (2 бор),
ой амон, амон...

— Оғо! — гуфт шахси садрнишин,— уфар кунед, ки бозии бачаатонро тамошо кунем.

Ба зудӣ нағмаҳои созҳо ба уфар гашт; бачаи кокулдор ҳам аз чои худ хеста ба рақс даромад ва рубобӣ хониш сар кард:

«Ба дастат додам теша,
Майда кунӣ қамиша (қамишро),
Қасе, ки ғозӣ меша (мешавад),
Бағал кашад бериша (беришро).
Ой касе, ки ғозӣ меша,
Бағал кашад бериша». ...

Дар айни гармии базм домулло имом аз дарвоза даромада омад, лекин барои ин ки базми «мири ғозӣ» халал нарасад ва барои эҳтироми ӯ аз мачлиси базм барнахезанд, зуд-зуд пой монда ба рӯи суфа баромад; шахси пешгохнишин барои эҳтироми вай ба андак чунбиш иктифо карда аз болотари суфа ба вай чое нишон дод; имом омада нишаста дар ҳаққи «мири ғозӣ» ва «чаноби олӣ» дуо кард.

— Тақсир,— гуфт шахси садрнишин ба имом,— айб нафармоед-дия, «гоҳ ғамзаву усул, гоҳ худову расул»— гуфтаанд, мо шабу рӯз дар роҳи дини ислом чиҳод мекунем, гоҳо базме тартиб дода димоғро чоқ накунем, намешавад.

— Албатта, албатта,— гуфт имом,— ин суннати подшоҳони пешин аст; дар китобҳои таърих мазкур аст, ки хулафои Аббосия [109] ҳам бо канизакон базм мекардаанд. Албатта, дар валӣ будани онҳо ҳеч шакку шубҳа нест. Дур наравем, мешунидем, ки чаноби олӣ ҳам вақти дар Бухоро буданашон базмҳои хосагӣ карда димоғашонро чоқ мекардаанд, гоҳо чаноби Эшони қозикалони шаҳидро ҳам ба базм медаровардаанд, ки он шахс аз чавон чойқанд карда гирифта, ба вай хушомадҳо мезадаанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Хуб, ин тавр бошад, шумо ҳам суннати эшони калонро ба ҷо оварда, аз ҷавони мо як чойқанд карда гирифта ба вай як хушомад занед канӣ.

Имом як пиёла чойро пеши бачаи раққос овард ва дасти худро ба гардани вай андохта чойро пеши лабаш дошт, ва:

— Садақаат шавум, барои хотири мо ба «мири ғозии мо» як илтифот кун,— гуфт.

— Домулло, худатонро дидан гиред,— гуфт шахси пешгоҳнишин,— ба ман шаб дар таги кӯрпа илтифот мекунад.

Аҳли маҷлис қаҳқаҳ зада хандиданд ва рубобӣ ба хониши худ давом кард:

«Ба дастат додам рӯмол,
Биё ба рӯи ман мол,
Касе, ки ғозӣ меша,
Ба вай расад пулу мол,
Ой касе, ки , ғозӣ меша,
Ба вай расад пулу мол.

— Ба домулло имом ҳам андак пулу мол мерасад гӯй, оғо,— гуфт имом ба рубобӣ.

Рубобӣ пас аз он, ки рӯи худро ба тарафи имом гардонда ду-се нохун ба рубоб зад, гуфт:

«Касе, ки мулло меша,
Залла барад ҳамеша,
Ой касе, ки мулло меша,
Залла барад ҳамеша».

Навкарони босмачӣ як нафар дасту гарданбастаро аз дарвоза дароварда, ба шахси пешгоҳнишин рӯ ба рӯ карданд.

— Ин кист? — гуфт шахси пешгоҳнишин.

— Саъдулло ном аз қишлоқи Роҳатӣ аст, ки дар вақти барои большевикон ба шаҳр ғалла бурда истода-наш дастгираш кардем,— гуфта як навкар ҷавоб дод.

— Хуб, ҳоло истад, пас аз базм аз вай гап мепурсем.

Лекин то тамом шудани базм зинда мондан ба ин одам насиб нашуд; 50 нафар босмачии дигар бо Абдурашиди лақай савора ба ҳавлӣ даромаданд ва Абдурашид он мардро дида, ба шахси садрнишин гуфт:

— Иброҳимбег! Як дақиқа ҳам зинда мондани ин одам дуруст нест, ба мо супор, ки ба ёбон бароварда кӯбкорӣ кунем, то ки базми ту бе кӯбкорӣ нашавад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ба «ҳа» ё «не» гуфтани Иброҳим мунтазир нашуда, саворон Саъдуллоро даррабуданд ва либосҳояшро аз танаш кашида гирифта, худашро аз дарвоза берун баровардand ва бузвор ба кӯбкорӣ карданаш сар карданд. Дар майдони кӯбкорӣ чапандозон ба бузи сарбурида чӣ муомила мекарда бошанд, инҳо ҳам ба одами зинда ҳамон муомиларо карданд.

Баъд аз нимсоата кашмакаш дасту пою сару гардани Саъдулло аз ҳам ҷудо шуда танааш монанди хики пурхуне ба замин афтод.

— Акнун тӯдакашӣ мекунем,— гуфт Абдурашид,— ҳар кас ин «буз»-ро аз тӯда бароварда, ба пеши «мири ғозӣ» бурда андозад, молу асбоб ва зани ҷавони ин аз они ҳамон одам аст.

Ин шарт ба чапандозон маъкул шуд; хики пурхунро касе ба болои дарахте баровард, чапандозон остинҳоро барзада, лаҷомҳоро ба гардани аспҳо партофта, қамчинҳоро ба дандон газида дастҳоро бар ҳаво карда истоданд. Бузандоз пас аз он ки ин хики пурхунро ду-се бор ба ҳар тараф алвонд дод, дар миёнаи тӯда партофт.

Чапандозон бо камоли чолокӣ қоматҳои худро аз болои асп ба замин хам карда, аз чор тарафи хики пурхун гирифтанд, боз кашмакаш сар шуд. Оқибат Абдурашид, яккаҷилавро чор қат карда, ба миёни хики пурхун андохт ва сари дигари яккаҷилавро ба қоши зин маҳкам баста, ба аспи худ қамчин зад; асп бо ду хез задан худро аз тӯда ба канор кашид, агарчи дигарон ҳам аз паси вай асп ронданд, лекин аспи Абдурашид майдонро чапғалат зада тахминан сад қадам аз тӯда ҷудо шуд ва ба даруни ҳавлӣ даромада, ба пеши маҷлиси базм истод.

Абдурашид хики пурхунро ба поёни суфа, дар пеши назари Иброҳим ба замин андохта гуфт:

— Ин аст кӯбкории мо, ки бузро ҳам худам бароварда андохтам. Рубобӣ ҳанӯз ба хониши худ давом мекард ва:

«Пахтара гир, пахтара (пахтаро), 2 бор
Пахтаи носохтара,
Касе ки ғози меша,
Ба бар кашад духтара (духтарро),
Ой касе ки ғозӣ меша,
Ба бар кашад духтара!»

гӯён вақти «мири ғозӣ»-ро хуш мекард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

VIII. ПАС ГАШТАН БАРОИ ПЕШ ҶАҲИДАН

Ҳаво дар ғояти сардӣ, барф меборид; даруни клуби гарнизон, ки иборат аз як хонаи вайронаи маҳаллисохт аст, дар сардӣ аз берун камтар фарқ дорад, ҳатто порчаҳои барфҳое, ки бо гирдбод аз тарқиши дар ва сӯрохи равзан пай дар пай даромада меистанд, рӯи хонаро монанди палоси сафед пӯшонда буданд.

Дар миёнаи хона даҳ нафар намояндагони аскарони сурх ящикҳои аз тир холишударо дар зери худ ниҳода нишастаанд: аз шинель ва аз мӯзаҳои даридаашон маълум мешавад, ки дар ин наздикиҳо ба инҳо либос нарасидааст, аз рангҳои парида ва рӯйҳои хушкидаашон метавон ёфт, ки инҳо дер боз бо серӣ хӯрок ҳам нахӯрдаанд, лекин аз чашмони оташбори дурахшонашон зоҳир аст, ки шуҷоат ва ғайрати аскарисурхиашон ҳанӯз побарҷост.

— Рафиқон! Маҷлисро кушода эълон мекунам,— гуфт раиси маҷлис,— дар рӯзнома танҳо як масъала — масъалаи Кӯлобро партофта баромадан, ё баъд аз ин дар ин ҷо мондан аст; касе ба ин рӯзнома иловае дорад?

— ...

— Нест; гуфта мешавад, ки рӯзнома бо як овоз қабул шуд. Барои маърӯза ба комиссари сиёсӣ сухан дода мешавад.

— Рафиқон! Мо ҳар чӣ мумкин буд барои нигаҳдории қалъаи Кӯлоб, кардем; дар гуруснагӣ, дар бараҳнагӣ ва дар сармо сабр намудем; ба се ҳазор нафар босмачӣ, ки бо яроқҳои англисӣ мусаллаҳ шудаанд, танҳо — бо ин шаст нафар аскари сурх, бо ин шаст нафар, ки бо ин ҳама сахтиҳо аз шуҷоати аскарисурхонаи худ ҳеҷ накоҳидаанд, музаффарона муқобилат кардем ва баъд аз ин ҳам, агар лозим бошад, муқобилат карда метавонем, лекин ман гумон мекунам, ки баъд аз ин дар ин ҷо монданамон бефоида аст, зеро моҳҳо гузашт, ки аз тарафи Душанбе ба мо ёрӣ нарасид ва баъд аз ин ҳам дар ин наздикиҳо ба расидани ёрӣ умед нест; ба болои ин, хусусан масъалаи озуқа ҷои андеша аст; масъалаи озуқа масъалаест, ки аз болои вай сарсарӣ гузаштан мумкин нест. Дар ин бора фикри рафиқонро шунида, бояд маҷлис ба як қарор ояд.

— Ман,— гуфт яке аз нафарон,— дар ин фикрам, ки ҳар чӣ шавад, шавад, боз дар ин ҷо пойдорӣ кунем, то ки ин қалъаро, ки ба девори вай шиори «Пролетар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҳон ҳаман мамлакатҳо, як шавед!»-ро зада моҳҳо боз нигаҳдоштаам кардаем, ба дасти душман нагузорем; озуқа бошад, то ҳол вайро ба чӣ навъ, ки ёфта бошем, баъд аз ин ҳам ба ҳамон навъ меёбем.

Командир сухан гирифт:

— Ман аз он ҷо, ки гӯшти баданам дар ҷангҳои ҳамватанӣ ва дар оташи муборизаи муқобили аксулинқилобчиён пухтааст, ҳеҷ намехоҳам, ки зинда истода қалъаи ба дасти меҳнаткашон даромадаро боз пас гузорем; хусусан моро, ки ҳукумати Шӯроии Халқии Бухоро барои ёрӣ додан ба меҳнаткашони мазлуми Бухоро ҷеғ зада овардааст, аз ҳамият нест, ки бори ба гардани худ бардоштаамонро дар роҳ гузорем, лекин масъалаи озуқа моро маҷбур мекунад, ки муваққатан аз ин ҷо пас гардем; ин рафиқ гуфт, ки «то ҳол чӣ навъ карда, ки озуқа ёфта бошем, боз ба ҳамон навъ меёбем»; ҳамин навъ озуқаёбӣ маро дар андеша андохтааст; дар атроф чизе намонда ҳамаро босмачиён тороҷ кардаанд, хӯрокворихоро дар ҷоҳои дурдаст — ба қуллаҳои кӯҳ бурда пинҳон намудаанд; қишлоқҳо чунон бечиз мондаанд, ки аҳолӣ дучори балои гуруснагист; ба болои ин, мо чанд нафар шуда ба қишлоқ мебароем, каму беш чизе аз ҷое ёфта бозмегардем, ҳамин ки мо аз қишлоқ бозгаштем, босмачиён меоянд, тару хушки он ҷоро месӯзонанд ва «шумо ба аскарони сурх озуқа додед» гуфта, аҳолиро ҷазо медиҳанд. Ба рафиқон маълум аст, ки босмачӣ ба аҳолӣ чӣ гуна ҷазо медиҳад: ҷазои босмачӣ аҳолиро сӯхтан, куштан, овехтан ва кӯбкорӣ кардан аст, камтарин ва осонтарини ҷазояш гӯшу бинӣ буридан аст, ки танҳо баъзе хушбахтон бо ин ҷазо халос мешаванд. Агарчи баъд аз рафтани мо ҳам ин гуна муомилаҳои босмачӣ дар қишлоқҳо давом хоҳад кард, лекин дар он вақт, ҳеҷ набошад, мардум ба ин корҳо моро сабаб намедонанд, бинобар ин ман дар ин фикрам, ки дар вақте ки барои мақсади умумии мо ҳеҷ нафъе надорад, аз худамо ба аҳолӣ ҳисси ранҷиш пайдо кунонда истоданамон лозим нест.

Дигарон ҳам дар бораи нафъ ва зарари партофта баромадан ё ба даст нигоҳ доштани қалъаи Кӯлоб фикри худро гуфтанд; дар охири маҷлис комиссари сиёсӣ барои сухани охирин навбат гирифта гуфт:

— Мо ин қалъаро абадӣ партофта намеравем; мо меравем, ки ба зудӣ бо қувваҳои нав ва асбобҳои мукаммал боз оем; мо меравем, ки боз омада бар боми

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ин хона, на танҳо бар боми ин хона, балки хонаҳои нав сохта, бар болои бомҳои онҳо ҳам ялави сурхро барафрозем; мо пас мегардем, лекин ин пасгардии мо монанди пас гаштани касест, ки барои ҷаҳидан аз ҷуе, ки дар пешаш баромадааст, пас мегардад; мо як-ду қадам пас мегардем, то ки якбора давида омада аз ин хандақе, ки дар пеши роҳи мо истилогарони англис ва вакилони амир кардаанд, ба осонӣ ҷаҳида гузарем; таърихи ҷангҳои инқилобии мо аз ин гуна пас гашта пеш рафтанҳо бисьёр мисолҳо дорад...

Масъала ҳал шуд, маҷлис барои давида омада аз хандақҳои босмачигарӣ ҷаҳида гузаштан як-ду қадам пас гаштанро бо як овоз қарор дод.

IX. ХАЛТАИ ПУРГӮШУ БИНӢ

Иброҳимбег, Эшони Султон, Давлатманд бӣ, Абдулқайюм бӣ, Тӯғайсариғ, Барот эшикоқобошӣ ва соири қӯрбошиён ва сардорони босмачӣ бо даста ва навкарони худ дар шаҳри Кӯлоб сарҷамъ шуданд; пас аз он ки миёни худ аҳду паймон баста ҳамаи қӯрбошиён Иброҳимбегро ба сари худ калон бардоштанд, калонон дар як хона нишаста маҷлиси ҳарбӣ барпо карданд; Иброҳим гуфт:

— Корҳо мувофиқи матлаб меравад; ба дасти мо афтодани шаҳри Кӯлоб ин як фоли хайрест, ки пас аз ин то шаҳри Бухоро ба мо роҳ кушода хоҳад буд. Аз тарафи ҷаноби олӣ ҳам хабарҳои хуш расида истодааст; аз рӯи маҳаматҳои олӣ худо, пайғамбар ва шариат ба мо ёр аст; чунончи, бо вуҷуди сахтгириҳои ҳукумати Афғонистон, ки ҳеҷ намехоҳад миёни ҷаноби олӣ ва давлати Инглис робита пайдо шавад, дар ин кор роҳ ёфта шудааст: касе аз коргузорони консулхонаи давлати Инглис ба либоси машкобӣ даромада миёни ҷаноби олӣ ва сафири Инглис хату хабар бурда оварда истодааст; ҷаноби олӣ ва сафир корро ба тарзе қарор додаанд, ки пас аз ин мо аз ҷиҳати яроқ ҳеҷ тангӣ намекашем; хоҳ аз роҳи Хонобод бошад ва хоҳ аз роҳи Бадахшон ба мо ҳар гуна яроқ расида меистад, лекин барои ин пул расонда истоданамон даркор аст ва низ Сандбег ба ман навиштааст, ки муҷоҳидони дар ғазо корҳои намоён нишондодаро рӯйхат карда фиристонам, то ки ҳар касро мувофиқи хизматаш амале аз пешгоҳи ҳумоюнӣ даррасад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Масъалаи пул ба осонӣ ҳал шуд: қӯрбошиён бо як овоз қарор доданд, ки ҳар чӣ қадар нақдинаеро, ки дар дасти аҳолии Кӯлоб ва Балҷувон ёфт шавад, то тангаҳои ба калапӯши бачагон духтаи инҳо, ҷамъ карда ба Хонобод фиристонанд, то ки Саидбег яроқ харид кунад.

Пас аз ин Иброҳим ба рӯйхат кардани касони ба амал шоён даромад; ҳар кас барои даромадан ба ин рӯйхат корҳои худаш кардаро баён кардан гирифт:

— Ман фалон қишлоқро оташ сар додам.

— Ман як дарзӣ (хайёт)-ро, ки ба ҷадидон ва большевикон либосҳои фӯрма дӯхта медод, куштам.

— Ман фалон касеро, ки мехост ба аскарони сурх озуқа фурӯшад, аз гӯшаш ба дарахт парчин кардам.

— Ман як ятимро, ки «акнун замони ҳуррият шуд, касе ба касе аз бинӣ боло гап зада наметавонад» гуфта, ба рӯи хӯҷаинаш давида будааст, аз биниаш овехтам.

— Ман гандумҳои фалон қишлоқро, ки дидам ба кӯҳ кашонда намешавад, оташ сардода сӯхтам...

Дар ин маҷлис танҳо як нафар чизе намегуфт ва аз корҳои кардаи худ ҳисоб намедод.

Иброҳимбег ба он одам нигоҳ карда гуфт:

— Ту чаро чизе намегӯй, магар дар ин маъракаҳо коре накардай?

Он шахс як халтаи карбоси пурчизи даҳанбастаро ки дар зери зонуяш буд, ба Иброҳимбег нишон дода:

— Ҳар коре, ки ман карда бошам, ба даруни ин халта аст,— гуфт,— ҳар вақт ки ҷаноби олӣ омаданд, ба худашон пешкаш мекунам.

— Ба даруни ин халтаат чист? — гуфт Иброҳим,— агар ҷавоҳир ва тиллост, вақти сарфаш ҳамин вақт аст, ки ба Афғонистон фиристода, ба ин яроқ харид кунем.

— Не,— гуфт он шахс,— ин ҷавоҳир ё тилло нест, ба ин ярок ҳам намедиҳанд, лекин як чизест, ки аз дидани ин ҷаноби олӣ аз дидани ҷавоҳир ва тилло ҳам зиёдтар хурсанд мешаванд.

Як босмачӣ ба гӯши дигаре оҳиста гуфт:

— Маълум мешавад, ки ягон бачаи беришро дар ин халта андохта, ба нияти пешкаш кардан ба ҷаноби олӣ бардошта гаштааст.

— Нишон деҳ, ки ин матои нестдарҷаҳонат чист,— гуфт Иброҳим.

Он шахс даҳони халтаро кушода нишон дод, ки гӯшу биниҳои буридаи одамист ва гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ҳар кадоми ин гӯшу бинихо гӯшу бинии ҷадид, большевик ва хайрхоҳони онҳост, ки ба нияти устувор кардани давлати олӣ буридаам ва баъд аз ин ҳам ҳар қадар гӯшу бинӣ, ки дар ин роҳ бибурам, ҷамъ мекунам; ҳар вақт ки ҷаноби олӣ омаданд, ба хузури муборак пешкаш менамоям, дар он вақт ҷаноби олӣ медонанд, ки Туғайсариғ кӣ будааст ва марҳаматҳои муносиб дар ҳаққи ман хоҳанд кард.

Х. ЧАШМАИ ПУРТИР

Аскарони сурх аз Кӯлоб баромада, ба Кангурт расиданд; баъд аз чанде дар он ҷо истодан, агарчи дар роҳ байни инҳо ва босмачиён ҷангу ҷидоли бисьёре вокеъ шуда бошад ҳам, худро саломат ба Файзобод расонданд; саломат гузаштани шаст нафар аскари сурх ва чанд нафар партизани сурхи маҳаллӣ аз байни се ҳазор нафар босмачии ҷаллод (хатто гоҳо ба душмани худ талафот ҳам расонда), ин як маҳорат ё шуҷоат, ё як мӯъҷизаест, ки танҳо дар саҳифаҳои таърихи муборизаи инқилобӣ дида мешавад.

Ин аскарон дар Файзобод ба як миқдор аскаре, ки пеш аз он дар он ҷо буд, ҳамроҳ шуда атрофи худро мустаҳкам карда, чанд гоҳ монданд.

Ададди босмачӣ рӯз то рӯз зиёд мешавад. Ҳар рӯз дар ҳар қишлоқ ба чанд нафар аз амир амалҳои тоза ба тоза мерасад, ки ин амалдорони нав дар атрофи худ нафарҳо ғундошта, ба амалдорони қӯҳна (босмачиён) омада ҳамроҳ мешаванд. Ба ҳамин тариқа чор ҳазор нафар босмачӣ атрофи Душанбе ва Файзободро фаро гирифтаанд. Ба Файзобод аз Душанбе мадад намерасад, аскарони дар Файзобод буда бе озуқа мондаанд, бештарин аспҳошон ҳам аз бехӯрокӣ талаф ва монда шудааст; ҳар чӣ бодо бод аз Файзобод баромада роҳи Душанберо пеш гирифтан даркор аст, аммо асбобу аслиҳаи барзиёди худро чӣ кор кунанд? Хусусан 20 ҷуволча тирҳои эҳтиётии худро, ки қариб чил хазор дона меояд, ба чӣ чиз бор карда, ба Душанбе кашонанд? Баъд аз ин як рӯз ҳам бошад, дар Файзобод мондан мумкин нест, зеро на ба худ ва на ба аспҳои зиндамондаашон якрӯза озуқа ҳам намондааст; ҳар чӣ ки дар наздикии Кӯрғон як чашма ҳаст, вагарна беоб ҳам мемонданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

* * *

Дар қишлоқи Мавлонои Душанбе «пойтахти» як «ҳукумат» барпо шудааст, ки сардори ин «Мулло Муҳаммад Иброҳим бӣ девонбегӣ — лашкарбошӣ-тӯпчибошӣ бинии Чақабой тӯқсабо» аст, нағзӣ, ки ин унвони дуру дароз дар мӯҳри ин сардор канда шуда буд ва мардум ин унвонро ҳар рӯз дар фармонҳое, ки бо ин мӯҳр содир мешуд, ба имоми қишлоқ хононда такрор мекарданд, вагарна агар саҳван касе яке аз ин лақабҳоро партофта, ин сардорро ном мебурд, дар беодобӣ гунаҳгор шуда аз дами теғ мегузашт.

Ҳар рӯз пагоҳ ва бегоҳ ин «ҳукумат», ки дар сурат ва сифат вориси ҳукумати амир аст, ду тӯпи кӯҳнаро, ки аз амир мерос монда буд, дору ҷой карда оташ дардода, ба тарафи Душанбе нигоҳ карда холӣ мекунад.

Душанбе маҷбур шуд, ки ба аскарони сурх барои ҳуҷум кардан ба ин «ҳукумати» кӯҳнаи навбуньёд рухсат диҳад.

Аскарони сурхи дар Душанбе буда, ки шумораашон ягон рақами калонро нишон намедод, аз байни худҳо сад саворро бо ду пулемёт ҷудо карда, ба тарафи қишлоқи Мавлоно фиристоданд.

Баъд аз он ки ин сад савор шабона ба қишлоқи Мавлоно расида ҷойгир шуда, ба ҳуҷум омодагӣ диданд, босмачиён аз воқеа хабар ёфта, ба сари инҳо рехтанд, лекин ба сари аскарони сурх рехтани босмачиён ҳамон буду тут барин рехтанашон ҳам ҳамон; ду пулемёт, сад милтиқ ва сад шоф, ки дар дасти корфармоёни моҳир — аскарони сурх буданд, хеле кор нишон доданд. Лекин муқобилати сад нафар бо чор ҳазор нафар, ки дар байнашон хеле нишонзанони пайҷтира ва ёздаҳтирадор ҳам ҳастанд, кори осон нест: аскарони сурх ба ақибнишинӣ маҷбур шуданд, дар вақти ақибнишинӣ хеле аз аскарони сурх талаф ва маҷрӯҳ шуда яроқашон ба дасти душман афтод. Ин ақибнишинӣ то расидани мадади нав аз Душанбе давом кард; пас аз он аскарони сурх дубора боз ба ҳуҷум даромада, «пойтахти» босмачиён (қишлоқи Мавлоно)-ро торумор ва асиронро халос карданд; тӯпу ялави амириро ҳам ба ғанимат гирифтанд.

Дар ин миён аскарони дар Файзобод монда ҳам фурсат ёфта бо босмачиён дар роҳ ҷангу гурез карда худро саломат ба Душанбе расонданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

* * *

Дар қишлоқи Мавлонои Душанбе «пойтахти» як «ҳукумат» барпо шудааст, ки сардори ин «Мулло Муҳаммад Иброҳим бӣ девонбегӣ — лашкарбошӣ-тӯпчибошӣ бинни Чақабой тӯқсабо» аст, нағзӣ, ки ин унвони дуру дароз дар мӯҳри ин сардор канда шуда буд ва мардум ин унвонро ҳар рӯз дар фармонҳое, ки бо ин мӯҳр содир мешуд, ба имоми қишлоқ хононда такрор мекарданд, вагарна агар саҳван касе яке аз ин лақабҳоро партофта, ин сардорро ном мебурд, дар беодобӣ гунаҳгор шуда аз дами теғ мегузашт.

Ҳар рӯз пагоҳ ва бегоҳ ин «ҳукумат», ки дар сурат ва сифат вориси ҳукумати амир аст, ду тӯпи қӯҳнаро, ки аз амир мерос монда буд, дору ҷой карда оташ дардода, ба тарафи Душанбе нигоҳ карда холӣ мекунад.

Душанбе маҷбур шуд, ки ба аскарони сурх барои ҳуҷум кардан ба ин «ҳукумати» кӯҳнаи навбуньёд рухсат диҳад.

Аскарони сурхи дар Душанбе буда, ки шумораашон ягон рақами калонро нишон намедод, аз байни худхо сад саворро бо ду пулемёт ҷудо карда, ба тарафи қишлоқи Мавлоно фиристоданд.

Баъд аз он ки ин сад савор шабона ба қишлоқи Мавлоно расида ҷойгир шуда, ба ҳуҷум омодагӣ диданд, босмачиён аз воқеа хабар ёфта, ба сари инҳо рехтанд, лекин ба сари аскарони сурх рехтани босмачиён ҳамон буду тут барин рехтанашон ҳам ҳамон; ду пулемёт, сад милтиқ ва сад шоф, ки дар дасти корфармоёни моҳир — аскарони сурх буданд, хеле кор нишон доданд. Лекин муқобилати сад нафар бо чор ҳазор нафар, ки дар байнашон хеле нишонзанони панҷтира ва ёздаҳтирадор ҳам ҳастанд, кори осон нест: аскарони сурх ба ақибнишинӣ маҷбур шуданд, дар вақти ақибнишинӣ хеле аз аскарони сурх талаф ва маҷрӯҳ шуда яроқашон ба дасти душман афтод. Ин ақибнишинӣ то расидани мадади нав аз Душанбе давом кард; пас аз он аскарони сурх дубора боз ба ҳуҷум даромада, «пойтахти» босмачиён (қишлоқи Мавлоно)-ро торумор ва асиронро халос карданд; тӯпу ялави амириро ҳам ба ғанимат гирифтанд.

Дар ин миён аскарони дар Файзобод монда ҳам фурсат ёфта бо босмачиён дар роҳ ҷангу гурез карда худро саломат ба Душанбе расонданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Баъд аз ин воқеа босмачиён диданд, ки «бо думи шер бозӣ кардан» (бо аскарони сурх муқобил шудан) кори осон нест, «подшобозии» рӯйӣростро ба як тараф гузошта — дар як ҷо сарҷамъ истоданро муносиб надида, даста-даста ба қишлоқҳо ва кӯҳсорҳо пароканда шуданд ва дар атрофи худ посбонон гузошта ба тороҷ кардани қишлоқҳо, ки осонтарини корҳост, машғул гардиданд.

* * *

Оби чашман Файзобод ранги кабуд пайдо карда, таъмаш дигаргун шудааст; аз он чашма, акнун об хӯрдан мумкин нест. Мардуми атроф ин ҳолро дида хашар карда, ба тоза намудани ин чашма даромаданд, ки дар он ҷо дар таги об ва дарунӣ лой 20 ҷуволчаи пурчиз хобидааст, инҳоро аз чашма бароварда кушода диданд, ки чил ҳазор дона патрони пур аст.

Иброҳимбег, ки баъд аз воқеаи Мавлоно гӯё тамоман бе тир монда буд, дарҳол аз воқеа хабар ёфта ин тирҳоро ба даст дароварда ба мардум мегуфт:

— Ин аст «мадади илоҳӣ», ки барои ғозиёни ислом чашман обро пуртир кардааст.

XI. «ҲОМИЁНИ ИСЛОМ»

Кӯҳҳои баланди ба фалак саркашида; дараҳои чуқури бетагу буни ба қаъри замин расида; роҳҳои танги пардевормонанде, ки кабк дар гузаштан аз онҳо ба худ меларзад; теғаҳои бориқи ҳавлангезе, ки абр аз расидан ба он ҷо ба худ меболад; харсангҳое, ки филро дар паси худ пинҳон медорад; шутургарданҳое, ки аз печу хами худ морро дар ҳайрат мегузоранд — ин аст лавҳаи хурд карда кашидашудаи кӯҳистони Масчоҳ!

Дар як канори ин лавҳа як нуқтаи сиёҳи бағоят резаро мебинед; ин нишонаи қишлоқи Оббурдони Масчоҳ аст, ки дар он ҷо як иморати дувоздаҳҳуҷрадор бино ёфтааст; ин иморат аз соли 1920 то 1923 «пойтахти» як қисм «ҳомиёни ислом» шуда буд, ки сардори онҳо Саид Амир Аҳмадхон ном дошт; агар мо ҳолати онзамонии ин бинороро тасвир кунем, шумо ин манзараро мебинед:

Ба дарҳои ин ҳуҷраҳо лавҳаҳои хурд-хурдро бо хати настаълиқи чалӣ навишта овехтаанд; аз мазмуни

E-mail: ziyozoda@gmail.com

навиштаҳои ин лавҳаҳо маълум мешавад, ки яке аз ин ҳуҷраҳо қозихона, дигаре муфтихона, сеюме раисхона, чоруме сараскархона ва монанди инҳо буданд.

Дар дари яке аз ин ҳуҷраҳо, ки нисбат ба дигарҳояш қадре калонтар аст «золи заседани» (машваратхона), «нишемангоҳи амир» гуфта навиштаанд; ба замини ин ҳуҷра қолинҳои нафиси каркигиро бо кӯрпачаҳои яккаандози дарози бухорӣ паҳн карда, пешгоҳашро бо панҷ қабат кӯрпачаи шоҳӣ ва се дона болиши пар оростаанд; ба деворҳои ин ҳуҷра милтиқ, шоф ва шамшер барин силоҳҳоро овехта, дар пойгаҳаш як чакасро[110] ба замин зада, ба болояш шинонда мондани як бози шикориро ҳам аз ёд набаровардаанд.

Агар бо зинаи ғормонанде, ки даҳонаш аз як гӯшаи ин иморат кушода мешавад, тахминан 12—18 поғунда ба зери замин фуроед, дар он чо як манзараи аҷиби дигареро мебинед: се хонаи зеризаминӣ, ба дари яке аз онҳо калимаи «зиндон», ба дигаре «шарбатхона», ба сеюмӣ «қӯрхона»-ро навишта овехтаанд: агар аз тарқиши дари зиндон як чашм андозед, мебинед, ки дар он чо ғул ва занҷирҳо ба гардан, кундаҳо ба по чанд нафар деҳқонони хучандӣ, ӯротеппагӣ ва панҷакентӣ хобидаанд, ки барои чон додан ба фатвои «муфтии ислом» ва фармони Саид Амир Аҳмадхон интизорӣ доранд.

Агар ба шарбатхона дароед, мебинед, ки мавизхои аз Ӯротеппа ва Панҷакент тохта овардаро ба аппарати араққашӣ андохта, як шахси аврупоиранг, ки саллаву чомаи мусулмонӣ пӯшидааст, арақ мекашад; агар ба қӯрхона дароед, мебинед, ки чанд нафари дигар аврупоии саллаву чомапӯш барои «лашкари ислом» патрон месозанд ва тир мерезанд.

Дар тобистони соли 1921 ҳама калоншавандагони «ҳомиёни ислом» ба машваратхона ҷамъ шуда буданд; дар пешгоҳи хона худи Саид Амир Ахмадхон чорзону зада менишаст; дар зери девори тарафи дасти росташ то поёни хона муфтӣ, қозӣ, раис ва соири уламо ва ба тарафи дасти чапаш қӯрбошиён саф баста, бо дузонуи адаб нишастаанд.

Маҷлиси машваратро Амир Аҳмадхон кушода гуфт:

— Ман андак вакт дар вӯлуси Бӯкса — Исфонии Хучанд раиси комитаи ичроия шуда, ба большевикон хизмат кардам; лекин дар ин вақти кам аз онхо бисьёр чизҳоро ёд гирифтам; яке аз корҳои муҳимми

E-mail: ziyozoda@gmail.com

большевикон ин аст, ки барои оянда пештар фикр карда, план кашида тайёрӣ мебинанд; бинобар ин дар ҳеҷ кор бесариштa намешаванд. Мо ҳам барои ояндаи худ ҳамин тарика фикр карда, план кашида кор кардан мамон даркор аст.

Ба аҳли маҷлис як назар андохта, боз Амир Аҳмадхон сухани худро давом кунонид:

— Чӣ будан ва чӣ чиз доштани Масчоҳ ва Фалғарро шумо медонед; Масчоҳ гӯё ки ҳеҷ чиз надошт. Фалғар бошад, дар чандрӯза хӯроки асп ва одамони мо тамом шуд; имрӯзҳо худи аҳолии ин район аз гуруснагӣ дар мурдананд, чи ҷои он ки ба мо хӯроку пӯшок ёфта дода тавонанд. Пеш аз ин мо ба тарафи Хуҷанд ва Ӯротеппа тохт оварда чизҳои даркориамонро ба даст медаровардем, ҳоло он тарафҳоро большевикон чунон сахт гирифтаанд, ки аз аҷбан Рогиф ва Оббурдон пой берун ниҳодан ҳеҷ мумкин нест; чанд гоҳ ба мо барои дарамо ҷаноби олӣ амири Бухоро аз тарафи Ҳисор ёрӣ расонда истода буданд, лекин ба давлати он кас захми чашм расида, мо аз ёрмандии он кас ҳам маҳрум мондем. Агар ба зудӣ барои чизҳои даркории худ чора наҷӯем, танг мешавем; ба фаҳми ман ба тарафҳои Ҳисор ва Душанбе дастаҳо фиристода, аз он ҷоҳо барои худ хӯроқ ва пӯшок тохта оварданамон даркор аст; азбаски дар он ҷоҳо большевикон ба тозагӣ омадаанд ва ҳанӯз вилоят дуруст ба таҳти забти онҳо надаромадааст, барои ҳар гуна тохтутоз роҳ ҳаст; аркони давлат ба ин фикри ман чӣ мегӯянд?

Ҳама бо як садо:

— Ҳазрат каромат карданд,— гуфта овоз доданд.

— Уламои дин дар ин бора чӣ мефармоянд? — гуфта Сайд Аҳмадхон ба тарафи дасти рости худ нигоҳ кард.

— Таҳсир! — гуфт қозӣ,— «дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест» гуфтаанд, раъи олӣ айни савоб аст, ба фаҳми ман бе ҳеҷ гуна машварат баҳодурони умароро ба ҳучум ин кор амр фармудан лозим аст.

— Шумо чизе намегӯед, эшони муфтӣ? — гуфта Аҳмадхон ба муфтӣ нигоҳ кард.

— Ин корро,— гуфт муфтӣ,— дар китобҳои сияр ва таворих сарияҳо меноманд, ки пайғамбарамо ҳам барои тохтутоз ба дорулҳарбҳо аз асҳоб сарияҳо мефиристоданд. Ҳоло, ки ҷаноби олии Бухоро рафта ва мамлакат ба дасти большевикон ва ҷадидон мондааст, он ҷониб

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дорулҳарб ба шумор меравад; бинобар ин аз рӯи шариати ғарро тохтутози фуқарои он ҷоиз, балки суннати пайғамбар аст.

Бози шикории ба болои чакас нишаста, ки дар асноӣ маҷлис бо минқори худ зери парҳои худро мехорид, дар поёни сӯҳбат сари худро ба зери шаҳбол кашид, гӯё вай аз ин фатвои муфтии ислом, ки барои манфиати босмачиён дар ҳаққи аҳли исломи Душанбе ва Ҳисор дода буд, шарм дошт.

* * *

Дар вақте ки Иброҳимбег Кӯлоб ва Балҷувонро ба дасти Давлатманд бӣ ва Абдулқайюм бӣ супурда, худ бо Тӯғайсариғ дар қӯҳистони Ҳисор ва Душанбе тохтутоз карда мегашт, ба сари фуқаро ошӯби дигаре барҳост; аз тарафи дараи Ромит Нусратшоҳи масчоҳӣ ва аз тарафи Варзоб Асрортӯра бо дастаҳои худ барои тохтутоз гузаштанд; инҳо монанди малаҳони гурусна, ки ба киштзоре ҳуҷум оранд, ҳар чӣ аз пешашон мебароянд, мебардоранд аз хӯрокворӣ ва пӯшокворӣ гирифта то колин, гилем, намад, кӯрпа, кӯрпача, дег, табақ, коса, говдӯша ва аз соири асбоби зиндагӣ чизеро ба ҷояш намегузоранд—ҳамаашро ба хар ва аспҳо бор карда, ба тарафи Масчоҳ мефиристонанд, хару аспу гову гӯсфанди вилоятро гала ва рама карда ба он тараф меронанд, ҳатто намакҳои оширо ҳам ғундошта дар ҳар бор 300 улав ва 400 улавро намак бор карда ба Масчоҳ мекашонанд; ҳар кас аз аҳолӣ ба муқобили инҳо дам занад, аз дами тег ё тири милтиқаш мегузаронанд.

Монанди ду даравгаре, ки аз ду тарафи замини гандум ба дарав даромада дар охири кор ба якдигар наздик мешуда бошанд, Нусратшоҳ омада, ба қишлоқи Қиблаии Душанбе ва Асрортӯра ба қишлоқи Чорбоғи Хонақоҳи Душанбе манзил кард.

Аммо баъд аз ин ки дастае аз аскарони сурх аз Душанбе ба инҳо ҳуҷум овард, ин «ҳомиёни ислом» миқдоре аз нафаронашонро талафот дода, худҳошон боз як бори дигар Ромит ва Варзобро тороҷ карда, ба тарафи «диёри ислом», яъне «пойтахти» Санд Амир Аҳмадхон гурехта бадар рафтанд.

Иброҳимбег аз ин воқеа ба амир ба ин мазмун маърӯза навишт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

«Ҷаҳонпаноҳо! Ғуломашон мири Масчоҳ барои осоиши мусулмонон ва истеҳкоми давлати олӣ аз саркардагони худ Нусратшоҳ ва бародари худ Асрортӯраро бо дастае аз баҳодурони «ҳомиёни ислом» фиристода буд, ки инҳо чанде ба осоиши фуқаро ва дафъи душмани мусулмонон кӯшида боз гашта, ба ватани худ рафтанд. Дигар аз ҳар ваҷҳ мамлакат дар осоиш буда, ба дуои ҷондарозии ҳазратам машғулӣ доранд, аттақсир, аттақсир, аттақсир».

XII. «ХАЁЛҲОИ КӮКНОРИЁНА»

— Дохунда!

— ...

— Ӯй, Дохунда!

— ...

— Дохунда мегӯям!

— Лаббай, тақсир!

— Хобӣ, ё бедор, як чойник чой дам карда биёр!

Саркотиби вакили мухтор, баъд аз он, ки бо доду фарьёди бисьёр хизматгорро ҷеғ зада чой фармуд, ба ҳамқалами худ ки дар паҳлӯяш нишаста буд, гуфт:

— Дар хотир дорӣ, шарик? Порсол дар вақте ки ба сафари Бухорои Шарқӣ тайёрӣ мединдем, дар хаққи ин Дохунда чӣ гуфта будам? Гуфта будам, ки агар хату савод медошт, ба вакили мухтор саркотиб мешуд; аз ин воқеа ҳанӯз як соли пурра нагузаштааст, лекин он тахмини ман қариб дуруст баромада истодааст; ин одам дар ин муддат хату савод бароварда, баробари баромадани хату саводаш авзоаш ҳам бечо шуд, акнун он дидадориҳои пештарааш нест; агар ягон кор фармоед, худашро ба нодонӣ мезанад, ё базӯр мечунбад, қариб аст, ки «худатон кардан гиред» гӯяд; албатта, ки дар ҳаваси саркотиб шудан афтодааст.

— Хаташро ғайр аз худаш дигар ҳеч кас хонда наметавонад, чӣ гуна саркотиб шуданро ҳавас мекунад? Ё кист, ки ниро саркотиб кунад.

— Дар замони ҷадидон ва большевикон ба хусни хат қадру қимат намонд: «хат дорӣ?» «Дорам!» Саркотиб шуд гуфтан гир. Большевикон илмро ҳам хор карданд; мо чӣ қадар шаттаву фаллоқи домуллоро хурда, базӯр дар дах сол хату савод бароварда будем, ин Дохундан кӯҳӣ дар замони инҳо худ ба худ дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шаш моҳ хату савод баровардааст, ҳар чӣ ки вакили мухтор маро «аз қадрдонҳои кӯҳна аст» гуфта хотирхоҳӣ мекунад: вагарна ин чорукпӯш кайҳо аз дасти ман саркотибиро мегирифт; хусусан имрӯзҳо, ки Дохунда як большевики фаъол ҳисоб меёбад ва ман бошам, аз хизматгорони ҳукумати кӯҳна; дар ин ҳол танҳо қадршиносии вакили мухтор аст, ки маро дар ин ҷода нигоҳ доштааст.

— Шумо ҳам, ки як чакакатон боз шуд, дигар худатонро даст гирифта наметавонед, майна барин гап задагетон гап задагӣ. Ин замон замони ҳуррият аст, касе ба касе аз бинӣ боло гап зада наметавонад; «хату савод баровард, саркотиб шуд, ё мешавад, большевики фаъол шуд...» гуфта ғам хӯрда нишастан ҳам фоида надорад; ака гӯед, ука гӯед, як навъ карда кори худатонро пеш бурдан гиред; ана дар ҳамин вақт бурд мекунед; агар дар ҳар кор ҷанҷол бароред, корро бой медиҳед; панҷ дақиқа пеш не, панҷ дақиқа пас як чойник чой бошад, ҳамин Дохунда дам карда оварда медиҳад, ба ин кор ин қадар димоғсӯзӣ ҳоҷат не.

— Охир аз ташнагӣ ҳалқам қоқ шуд, кариб аст ки забонам ба комам часпад.

— Сабилмондаи баршро камтар мехӯранд-дия, ҳамин пагоҳ кордчаро мисли белчаи Исҳоқи аттор карда каллаи гов баринашро, ки печонда задед, акнун ҳалқи шумо қоқ нашуда, ҳалқи кӣ қоқ шавад?

— Агар рости гапро гӯям, корҳои вакили мухтор кайфи маро парронда истодааст; имрӯзҳо вояро дучанд карда бошам ҳам, кайфам ба ҷояш намеояд.

— Хӯш, чӣ кори вакили мухтор кайфатонро парронид?

— Ҳамин рӯзҳо ба рафти кор ҳеҷ зеҳни мемонӣ? Вакили мухтор ҳамеша бо Алирзо [1] пичир-пичир дорад. Шабҳо то саҳар ду ба ду менишинанд, ғайр аз Дониёл каси дигареро ба сӯҳбати худ роҳ намедиҳанд.

— Хуб. Пичир-пичир кунанд, кардан гиранд, ба мову шумо чӣ?

— Инҳо...

— Инҳо чӣ?

— Дохунда омада равад, сонӣ гап мезанам.

Дохунда чойники чойро оварда пеши саркотиб монд.

— Кучо будӣ, ба чеғ задан «ҳа» намегӯӣ? — гуфт саркотиб ба Дохунда.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Алиризо афандй сарбозҳоро парад карда истодааст, тамошо мекардам.

— Ана ин чойникро ҳам дам карда биёр, баъд ба тамошоят рафтан гир,— гуфта саркотиб чойники холии дигареро пеши Дохунда тела дод.

Дохунда чойникро аз пеши саркотиб гирифта баромада рафт.

— Ҳоло ман чӣ гуфта истода будам? — гуфта саркотиб аз ҳамқалами худ пурсид.

— Мегуфтед, ки Алиризо ва вакили мухтор бо ҳам пичир-пичир доранд.

— Ҳо, инҳо ягон хаёли фосид доштагӣ барин менамоянд, шабҳо баъзе босмачиён ҳам пеши инҳо омада мераванд; ҳар гапашонро аз таворишҳо (русҳо) чого медоранд; мабодо ягон фалокатро сар накунанд, гуфта метарсам.

— Чӣ фалокатро сар мекунанд мегӯед?

— Ман инҳо бо босмачиён як шуда наравапд, гуфта метарсам.

— Хуб, як шаванд, шудан гиранд: ба мову шумо чӣ? Вазифаи мо кори ҳаррӯзаро мувофики гуфту фармоши ҳаминҳо кардан ва моҳонаамонро гирифтан аст; инҳо бо босмачӣ як шаванд, ё ки босмачӣ шаванд, ба мо дахл надорад, «хари лӯлиро об деҳу пулашро гир!» гуфтаанд; дар ин кор кайфпарроний, димоғсӯзӣ даркор нест.

— Ман ба ту як ҳикоят кунам: дар вакти чанги чаҳон, як рӯз Эшони қозикалони марҳум аз ман пурсида буданд, ки ҳамин «Гинденбург»-аш чизайлин одам аст, ки дар ҳар кадом сафи чанг пайдо шавад, дах ҳазор-дах хазор одам мурдан мегирад?

Ман бе ҳеч мулоҳиза дар чавоб гуфта будам, ки тақсир, вай ачал аст, ачал! Ӯ ба кучое, ки ояд, ҳамроҳи худ марг меорад.

Баъд аз ин ҳикоят ҳамеша дар назарам Гинденбург [12] монанди ачал намоён шудан гирифт; хусусан вакте ки хобам мебурд. Гинденбургро ба сурати ачал дида, тарсида бедор мешудам ва то ба поён расидани чанги чаҳон осуда хобида натавонистам, аммо аз бозе, ки босмачӣ баромадааст, ҳар шаб дар хобам ба чои Гинденбург босмачиро мебинам; хусусан имрӯзҳо ки гохо яке аз онхо чашмашро косан пурхун барин карда пеши вакили мухтор даромада меояд, на ин ки даф хоб, балки дар бедорӣ сурати ачалро дида хуш аз сарам ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

паррад. Агар худо накарда, вакили мухтор бо инҳо як шавад, хотирҷамъ бош, ки ҳамин босмачиҳо бошанд, на танҳо большевиконро, ҳатто ягон ҷадидро ҳам дар дуньё зинда намегузоранд; дар қатори инҳо мову ту ҳам ҳаром мурда меравем. Ана ҳамин андешаҳо аст, ки кайфи маро мепарронад, вагарна ба ман амираш ҳам баробар, босмачиаш ҳам баробар, ҷадидаш ҳам баробар. Кадомаш ки як лаб нон диҳад, ман ғуломи ҳамун, гуфтаи худат барин ман сухани пурхикмати «хари лӯлиро об деху пулашро гир»-ро ба гӯши худ маҳкам гирифтаам.

— Ман, аз ин хаёлҳои шумо чизе намефаҳмам; вакили мухтор, ба замми ин ки вакили мухтори корҳои Бухорои Шарқист, раиси ҷумҳурияти Шӯрои халқии Бухоро ҳам худаш аст; босмачиҳо бошанд, душмани ин ҳукуматанд, пас чаро вакили мухтор бо инҳо як шавад?

Саркотиб пас аз он, ки қадре андеша карда истод, гуфт:

— Ман, аз Дохунда имрӯз набошад, фардо саркотибиро аз дастам хоҳад гирифт гуфта чӣ қадар тарсам, вакили мухтор ва ҷадидони дигар ҳам аз дохундаҳо ҳамон қадар метарсанд. Асли гап дар ин ҷост, ки инҳо ба тартиби ҳукуматдории большевикӣ розӣ нестанд; ҳарчанд баъд аз инқилоби Бухоро вакили мухтор большевик шуда бошад ҳам, ин кораш монанди ҷадид шудани мову ту аз зарури замона аст; дуруст аст, ки холо вай ба сифати як большевик раиси ҷумҳурии Халқии Бухорост; лекин ба хубӣ медонад, ки ин тартиби ҳукумат дароз нахоҳад кашид; имрӯз набошад, фардо дохундаҳо, машкобҳо, мардикорҳо ва деҳқонони пойлуч сар бародошта тартиби ҳукумати Бухороро ҳам монанди Россия ва Туркистон ба тартиби большевикии ҳақиқӣ хоҳанд овард; дар он сурат раиси ҷумҳурии вай (агар дар ин мансаб пойдор монад) ба дарачаи оқсақолии гадоён мефурояд ва ҳол он ки ӯ ва ҳамфикронаш мехостанд, ки хӯҷаини гадоён ва соҳиби зиндаву мурдаи мамлакат бошанд. Сабаб ин аст, ки вай барои пешгирии ин кор чора мечӯяд ва мехоҳад, ки бо як шудани бо босмачиён бошад ҳам, ба тарафи мақсади худ як қадам пеш гузорад.

— Таворишҳо — аскарони сурх, ки бо илтимоси ҳукумати Ҷумҳурияти Шӯрои Халқии Бухоро барои ёрӣ додан ба меҳнаткашони Бухоро дар роҳи дафъ кардани

E-mail: ziyozoda@gmail.com

амир ва босмачиён омадаанд, магар ба ин кори вакили мухтор розӣ мешаванд?

— Агар фаҳманд, албатта розӣ намешаванд, лекин вакили мухтор ин корро аз онҳо пинҳонӣ карда истодааст.

— Пас чаро Алиризо ва Дониёл, ки то ҳол аскар ва милиция тартиб дода, аз номи ҳукумати Шӯроии Халқии Бухоро бо босмачиён меҷангиданд, ба ин фикри вакили мухтор хамроҳ шуда бо босмачиён як мешаванд.

— Инҳо ҳам то ҳол аз зарури замона бо босмачиён меҷангиданд, имрӯз, ки як такьягоҳи калон ёфтаанд, мехоҳанд ниқобро аз рӯи худ бардоранд.

— Хӯш, такьягоҳи калони инҳо кист?

— Ту ба дунъё нав омадагиҳо барин гап мезанӣ-а шарик! Анварпошшо барин як одами машҳур, ки калони ҷадидҳои туркони усмонист [113] аз Бухоро ба баҳонаи шикор баромада, гурехта омада дар миёни босмачиён пинҳастааст, магар барои қимиз ва қазӣ хӯрдан омада буд?! Ана ҳамин Анварпошшо сарманшаъ аст, агар вай намебуд, эҳтимол вакили мухтор, Алиризо, Дониёл ва дигар ҳамфикрони инҳо ба изҳор кардани ин фикри худ далерӣ намекарданд. Вақте ки ин одам ба тариқи меҳмонӣ ба Бухоро омада, корро ҷӯшонид; ачаб нест, ки инҳо дар худи Бухоро маслиҳатро дар як ҷо монда бошанд ва дур нест, ки аз ҳукуматдорони Бухоро баъзе касони дигар ҳам бо инҳо як шуда бошанд.

— Анварпошшо...

— Исто, Дохунда чойро монда равад.

Дохунда чойникки чойро оварда монда рафт.

— Шумо аз Дохунда чаро ин қадар эҳтиёт мекунед? — гуфта ҳамқалами саркотиб тааҷҷуб кард.

— Ин Дохунда он Дохундаи порсола не, холо ӯ ҳар гапро мефаҳмад. Қадом шабе, ки хобам гурезад, гулханро гарм карда, ҳаминро чеғ зада оварда гап зананда менишинам; бештарини корҳои Алиризо ва вакили мухторро ҳам аз ҳамин Дохунда фаҳмида гирифтам. Назар ба қавли Дохунда Абдураҳмон мингбошӣ, ки дар аввалҳол инқилоб ба мо вакили озуқа шуда, фуқароро ба дод оварда, оқибат босмачӣ шуда гурехта рафта буд, ду шаб аз ин пеш ба назди Дониёл, ки пештар бо худаш ҷанг мекард, омада аз вай чил дона милтиқ ва ду сандуқ тир гирифта бурдааст. Босмачиёни пинҳонӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

пеши вакили мухтор омада рафтаро ҳам Дохунда ба ман нишон дод. Дохунда мегӯяд, ки «чадидон бо босмачиён як шуда, бо таворишҳо ҷанг мекардаанд» гуфта дар миёни мардум овоза будааст. Бо шудани ин гапҳо бойҳо, муллоҳо ва амалдорони амир хурсандӣ мекардаанд; аммо фақирон бошанд, «магар фалокати даври амириро яке бар дах карда боз ба сари мо меоранд» гуфта дар ташвиш будаанд. Дохунда ҳар ҳикояте, ки дар ин бора кунад, «ҳа-ҳа» гуфта шунида менишинам; аммо аз худам чизе намегӯям ва худро тамоман бехабар нишон медиҳам. Агар фаҳмад, ки мову ту аз ҳамин гапҳо гуфтугузор карда нишастаем, ачаб нест, ки «инҳо ҳам хабар доштаанд» гуфта гумон кунад. Ҳоло маълум нест, ки оқибати ин корҳо чӣ мешавад; дар замони инқилоб эҳтиёт даркор аст. Ҳоло чӣ гуфтан мехостӣ?

— Ман гуфтанӣ будам, ки Анварпошшо барин як одами машҳур ватани худашро монда дар ин ҷоҳо чӣ кор мекарда бошад?

— Ман ҷадид набошам ҳам, 17—18 сол боз аз ҷанги русу япон ин тараф газета мехонам: Анварпошшоро аз бозе, ки дар Туркия ҳуррият шудааст, ба воситаи газета мешиносам; ин ҳам дар хунрезӣ додари Гинденбург ҳисоб меёбад. Дар ҷанги ҷаҳон ҳам дар зери дасти Гинденбург истода кор кард. Дар муддати умраш «туркҳои рӯи заминро як мекунем, мусулмонони рӯи заминро як мекунем» гуфта каси бисьёреро ба куштан дод. Оқибат дар ҷанги ҷаҳон шикаст хӯрда, беобрӯ шуда гурехт. Қамолпошшо,[114] ки хурӯҷ карда мамлакати аз даст рафтаи Туркияро боз ба даст даровард, «мабодо ягон ҷанҷол ва фитнае барпо накунад» гуфта инро дубора дар он ҷо роҳ надод. «Дили одаткарда бало» гуфтаанд, ба болои ин худаш як одами лофакии паррами беандеша аст. Акнун ба ин ҷо омадааст, ки дар миёни мардуми нодон ягон кори калон сар карда, шояд шӯҳрати аз даст рафтаи худро дубора ба даст дарорад.

— Босмачиён, ки душмани хунии ҷадидон буданд, чӣ навъ шуда бо Анварпошшо созиш кардаанд?

— «Дузд дуздро дар шаби торик меёбад» мегӯянд, ҳоло инҳо якдигарро ёфта созиш кардаанд, лекин ҳар кадомашон мехоҳанд они дигарро фиреб дода, ба мақсади худ кор фармоянд ва дар натиҷа ҳокимиятро ба дасти худ гиранд. Назар ба миш-миши мардум Анварпошшо «иттиҳоди ислом» мекунем гуфта мехостааст

E-mail: ziyozoda@gmail.com

босмачиёнро сарҷамъ карда, ба итоати худ дароварда, ба мақсадаш кор фармояд ва хукуматро ба дасти худ гирад. Босмачиён, ки хазор мусулмонро ба як пули пуччак намехаранд, мехостаанд аз шӯҳрати Анварпошшо фоида бурда, хокимиятро ба дасти худ гиранд ва мувофики дилхохи худ мусулмононро тороҷ намоянд. Чӣ мегӯй, ки «ҳар кас барои мурдаи худ мегирьяд», дар миёна «ҷадид, қадим, мусулмон, турк, миллат, ватан» гуфта фарьёд заданҳо барои мардумро ба шӯр андохтан як аллогӯй аст; дар ин миёна, чунончи, гуфтам, мову ту ҳаром мурда меравем.

— Ин гапҳои шумо ҳама хаёлҳои кӯкнориёна аст, иншооллоҳ ҳеҷ гап намешавад.

— Кӯкнорӣ ҳам гоҳо бо хаёлҳои худ бисьёр ҳақиқатҳоро меёбад; ҳар чӣ бошад, аз оқибати ин хаёлхо тарсидан даркор аст.

XIII. ОЗУҚАВОРӢ

— Салом дур!

Аскарони миллӣ, ки дар қӯрғони Душанбе ду соат боз саф баста рост истода буданд, бо шунидани ин фармон «вазъияти салом» гирифтанд. Фармондеҳ, ки як шахси қоматбаланди шоҳбурутдор ва зардинаи форман туркипӯш буд, пас аз болонокӣ тоб додани бурутҳояш ба касе, ки бо либоси аскарони кавказӣ дар паҳлуяш, аммо қадре пасттар аз худаш истода буд:

— Насил (чӣ гуна аст), Дониёл афандӣ? — гуфт.

— Чуқ гузал! (бисьёр нағз),— гуфта Дониёл ҷавоб дод.

Худи фармондеҳ ҳам бо Дониёл вазъияти салом гирифтанд. Аз тарафи дигари қӯрғон як шахси қоматбаланд, камхунӣ рангканда, ки осори андеша аз чашмонаш пайдо бӯд, намудор шуда, оҳиста-оҳиста бо тамкин ва виқор пеши фармондеҳ омад ва пас аз қабули арзи эҳтиром ва ҷавоби саломи фармондеҳ ва Дониёл ба сарбозҳо нигоҳ карда:

— Уғлонларим...— гуфта ба забони туркии усмонӣ аз сарбозон ҳолпурсӣ кард. Сарбозҳо ҳам мувофики таълимоте, ки дар ин чандрӯза машқ омӯхта буданд, ҷавоб гардонда ва:

— Ёшосун вакили мухтор ҳазратларӣ! — гуфта дуо карданд. Вакили мухтор дар ҷавоб, сари худро як чунбонида:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ташаккур эдарам,— гуфт.

Аз сафи дуйум, сарбозе аз сарбози дигаре оҳиста:

— Ака Шариф! Вакили мухтор «ташшоката хӯрам» гуфт-мӣ,— гуфта пурсид.

Шариф худдорӣ карда натавониста хандида фиристод. Фармондеҳ бо як чобукие, ки сараскаронро дар ин гуна мавридҳо сазовор аст, ба сафи дуюм гузашта Шарифро як торсакӣ зад ва:

— Пазавангла! Исс!..— гуфт.

Шариф:

— Ӯҳ! Акрам тӯпчибошӣ аз кадом гӯр зинда шуда омад-а? — гуфта сарбозҳоро боз хандонд. Аммо фармондеҳ ин дафъа худро ба нодонӣ зада, ба ҷои худ бозгашт ва дар рӯ ба рӯи вакили мухтор вазъияти салом гирифта истода, бо забони туркии усмонӣ:

— Аз ин ҷавонони ба хубӣ таълимдида ва дар зери интизом даромада ҳар чизро умед кардан мумкин аст,— гуфт.

Вакили мухтор ҳам бо як забони шукрон:

— Чӯқ ёшо, интӯхин, шей, Алиризо афандӣ! — гуфта фармондеҳро табрик кард.

Алиризо пас аз арзи эҳтиром ва ташаккур вакили мухторро ба як ҳуҷрае, ки дар он ҷо буд:

— Ташриф фармоянд,— гуфта гирифта даровард ва рафиқи худро ҳам:

— Дониёл бӣ, ту ҳам биё! — гуфта таклиф кард.

Ҳар се нафар ба ҳуҷра даромаданд. Вакили мухтор:

— Корҳо чӣ гуна меравад? — гуфта аз Алиризо пурсид.

Алиризо:

— Бисьёр нағз,— гӯён аз ҷайби худ мактуберо бароварда ба вакили мухтор дод. Вакили мухтор бе он ки овози худро барорад, мактубро мехонд ва дар аснои хондани мактуб осори андеша аз чеҳрааш бартараф шудан гирифт, ҳатто дар вақти ба поён расидани мактуб дар лабҳояш табассум пайдо шуда:

— Гуфта мешавад, ки интӯхин, шей, кор бо роҳи худаш меравад— гуфт ва мактубро дубора ба дасти Алиризо дод. Алиризо дар ҳолате, ки мактубро дар ҷайби худ мегузошт:

— Бешубҳа,— гуфт,— кор бо роҳи худаш меравад, мо имшаб бо Дониёл афандӣ барои «озуқаковӣ» мера-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

вем ва ҳар чизро бо худашон забонӣ гуфта мешунавем: аз ин хусус бо оварандаи ҳамин мактуб ҳам навишта фиристодам.

— Ҳар чи бошад, шей,— гуфт вакили мухтор,— интӯхин, шей, тайёр шудан даркор аст, ки интӯхин, сад, ба сад шей, интӯхин, муваффақ шавем,— ва боз андак осори андеша дар чеҳрааш пайдо шуд.

— Зоти олии ҳазрати вакили мухтор,— гуфт Алиризо,— аз бандагонашон хотирҷамъ шуда метавонанд. Мо як мушт зобитони усмонӣ, арманӣ, курд, арнавуд, араб, турк, хулоса ҳамаи ихтилолчиҳои миллатҳои зулмдидаи усмонро бо суханҳои ширин ба атрофи худ ғун карда, машрута барпо намудем ва бо ҳамин қувват, воқеаи 31-ми мартро аз сар гузаронида Абдулҳамидро аз тахт фуровардем, дар ҷанги Болқон аскарро ба гурезу шикаст водор карда, кобинаи Комилпошшоро ғалтондем, аз ихтилоф ва ҷанги Булғору Сербу Юнон истифода карда, бе он ки тире андозем, Адрнаи аз дастрафтаро боз пас гирифтем ва бо ин обрӯи кобинаи худро дар пеши дӯсту душман баланд кардем; роҳи оҳани Багдодро ба немисҳо ва дигар имтиёзҳоро ба дигар давлатҳои аврупо бахшиш карда, маошҳои ҳамаи мансабдоронро моҳ ба моҳ дар вақташ расонда истодем; ниҳоят ба ҷанги ҷаҳон ҳамроҳ шуда, дар қатори давлатҳои ҷаҳонгир даромада номи усмониёнро баландовоза карда, гӯшзади ҷаҳониён гардонидем. Дар ин маврид ҳам, ки нисбат ба воқеаҳои аз сар гузаронидани мо ҳеҷ аст, метавонем бо сояи давлати ҳазрати вакили мухтор, ки дар айни замон раиси ҷумҳури миллати Бухороанд, ҳар корро бо муваффақияти том ба анҷом расонем. Танҳо дар мақсад ва ваъдаи худ устувор истодани ҳазрати зоти олии вакили мухтор даркор аст.

Бо шунидани ин «манокибҳои зафар» ва унвонҳои пуркарруфар аз чеҳраи вакили мухтор боз осори андеша барҳам хӯрда, аломати хушнудӣ ва умедворӣ намоён гардид:

— Ташаккур мекунам, интӯхин, ба шумоён, шей, роҳи интӯхин, сафед металабам,— гуфта вакили мухтор ба идорахонаи худ баргаштанӣ шуд; Алиризо ҳам бо камоли эҳтиром мулоқоти видоъ карда:

— Бо мусоадаи зоти олиашон мо ҳамин соат барои «озукаковӣ» меравем,— гуфт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

* * *

Дар қишлоқи Кӯктош даруни як хонаи пахсае, ки бомаш бо най ва хас пӯшида шуда, ҷиҳоз ва бисотҳояш ҳам аз хонаи деҳқонони оддии он ҷо фарқи калон надошт, як шахси миёнақади камгӯшт рост истода буд. Пӯшоки ин шахс ба тарзи аврупоиён бошад ҳам, аз сих зада баромадани ришаш маълум мешуд, ки рӯяш ба ин наздикиҳо тарошро надидааст; ҳар гоҳ, ки ин шахс шоҳбурутҳои дарози худро болонокӣ тоб медод, торҳои бурут ба сихҳои ришаш печида, ба ҳусни сураташ халал мерасонид; ин шахс магар аз ин ҳол дар асабият меафтод, ки фаврӣ нӯги бурутҳояшро аз риш ҷудо карда миёни лабҳои худ бурда мехоид ва дар пеши пои худ чашм дӯхта меистод.

Ин шахс пас аз он ки фурсате бо ин ҳол андешамандона дар миёнҷои ин хона рост истод, рӯи хонаро аз боло ба поён ва аз поён ба боло ба қадам зада даромад; ҳар боре, ки ба пойгаҳи хона мерасид, аз тарқиши дар ба берун нигоҳ карда, боз пас ба қадамзании худ машғул мегардид.

Баъд аз он, ки аз шаб ду пос гузашт, садои пое аз берун баланд шуд; ин шахс ҳам интизоми қадамзании худро барҳам дода, бо рафтори чобукона ба пеши дар омад ва:

— Чӣ гап? Ҳасанбей! — гуфта аз оянда, ки ҳанӯз ба пеши дар нарасида буд, пурсид.

— Омаданд, агар рухсати ҳазрати пошшо бошад, даромоянд,— гуфт Ҳасан.

— Фармоянд,— гӯён, ин шахс бурутҳояшро, ки бо оби даҳан тар шуда, қобилияти печиш пайдо карда буданд, ба боло тоб дода, қадре ба интизом оварда боз пас ба миёнҷои хона омада рост истода, мунтазири қабул кардани ояндагон шуд.

Ин интизорӣ бисьёр дер накашид: ду нафар аз дар даромада бо эҳтиром ва саломи аскарӣ дастҳои худҳошонро ба пешонаашон бурда, дар рӯ ба рӯи ин шахс рост истоданд.

— Алиризобей, чаро дер мондӣ, ду соат боз интизорӣ мекашам,— гӯён ин шахс ҳам дар ҷавоби эҳтиром ва салом дасти худро қадре боло бардошта, пас аз он барои вохӯрдӣ дароз кард. Алиризо давида омада дасти ин шахсро ба чашмони худ молид ва фав-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

рӣ худро ба замин андохта пойҳояшро ҳам бӯсид. Лекин бо:

— Бархез! — гуфта фармон додани ин шахс бо як фармонбарии аскариёна сабук аз ҷои худ ҷаста:

— Аз қаҳрамонони машҳури ҳамроҳони мо (маййятимизинг машҳур қаҳрамонларидан) Дониёлбеӣ — гӯён рафики худро ба ин шахс тақдим кард.

— Домоди халифаи муслимин Анвар! — гӯён он шахс дасти худро барои мулоқот ба Дониёл ҳам дароз карда:

— Шуҷоат ва қаҳрамонии шуморо аз Алиризобеӣ шунида ғоибона ситоишкори шумо будам,— гуфта Анварпошшо Дониёлро ба хусни таваҷҷӯҳи ҷудогонаи худ «шарафьёб» гардонид.

Пас аз он Алиризо:

— Аз раиси комитаи иҷроияти Ҷумҳурияти Шӯроии Халқии Бухоро ва дар айни замон вакили мухтори корҳои Бухорои Шарқӣ Усмонхӯҷа арзи салом мерасонам,— гуфта эҳтироми худро ба камол расонид.

Пас аз ба поён расидани маросими мулоқот ҳар се нафар бо ҳам нишаста сӯҳбат сар карданд.

— Қорро ба кадом ҷо овардед? — гуфта Анварпошшо аз Алиризо пурсид.

— Ҳама чиз тайёр аст, барои ҳар кор ҳозирем! — Алиризо ҷавоб дод.

— Усмонхӯҷа чӣ?

— Усмонхӯҷа ҳам ба аҳду паймони худ устувор аст; танҳо ба мусоада ва фармони ҳазрати пошшо мунтазирем.

— Ин тавр бошад, корро сар кардан даркор аст.

— Ба сару чашм,— гӯён Алиризо аз ҷои худ хест ва дасташро то пешонаи худ бардошта, фармонбарии аскарии худро нишон дода боз пас нишаст.

— Агар қуввататон камӣ кунад,— гуфт Анвар,— барои ёрӣ додан ба шумо босмачиён тайёранд, лекин як қисми онҳо силоҳ надоранд, аз Ҳиндустон аз болои Бадахшон силоҳҳои нав расиданӣ буд, аммо дер кашид; бояд шумо то рӯзи воқеа босмачиёни бесилоҳро бо ярок таъмин кунед.

— Ба чашм!

— Аскарони миллӣ, хусусан милициягон, ки онҳоро худам баргузида тарбия кардаам, аз ӯҳдаи ҳар кор баромада метавонанд,— гуфта Дониёл бечо набудани шӯҳрати қаҳрамонии худашро изҳор дошт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Муҷоҳидон омаданд,— гуфта аз берунӣ дар пешхизмат хабар дод.

— Фармоянд,— гуфт Анвар.

20 нафар аз қӯрбошиёни босмачӣ бо Иброҳимбег омада даромаданд. Ҳар кадоми инҳоро Анварпошшо бо унвонҳои «ғозӣ, муҷоҳид, девонбегӣ, додхоҳ...» ном бурда, расман бо Алиризо ва Дониёл шиносо кард. Пас аз мулоқоту пурсупос ҳамагӣ ҷо ба ҷо нишастанд. Алиризо бо Иброҳим, Дониёл бо Абдураҳмон паҳлу ба паҳлуи ҳамдигар нишаста, гарми сӯҳбат шуданд; чунон ки бинанда гумон мекард, инҳо паҳлавонони гӯштигири саҳнаи цирканд, ки пас аз ба пеши тамошобинон бо якдигар дарафтода адо кардани ролҳои худ ба ҳуҷраи хосашон даромада, бо ҳам чақ-чақ мекунанд.

Баъд аз музокира ва қарордоди рӯз ва нақшаи хуруҷ Алиризо:

— Бо мусоадаи ҳазрати пошшо зудтар баргаштани мо беҳтар аст,— гуфта рухсат талабид,— лекин мо аз Душанбе ба баҳонаи озуқаковӣ баромада будем, агар тиҳидаст баргардем, дур нест, ки ба пеши таворишҳо ҷои шубҳа шавем.

— Аз ин вачҳ шумо хотирҷамъ шуда метавонед, Иброҳимбей шуморо дасттиҳӣ нахохад фиристод,— гуфт Анвар.

Алиризо ва Дониёл аз пеши Анварпошшо ва босмачиён баромада ба роҳ даромаданд ва аз лаби дарьё даҳ сар гӯсфанд ва сад пуд гандумеро, ки барои худашон тайёр шуда буд, гирифта ба ҳузури вакили мухтор омаданд.

Барои ин ки вазифаи «озуқаёбии» худро «музаффарона» адо карда буданд, аз вакили мухтор таҳсинҳо ҳам шуниданд.

XIV. АМИРИ ЛАШҚАРИ ИСЛОМ ВА НОИБИ ҶАНОБИ ОЛИИ БУХОРО

Дар яке аз шабҳои моҳи декабри соли 1921 дар шаҳри Душанбе ошӯбе барпо шуд:

— Чӣ гап?

— Вакили мухтор аскарони сурхро ба босмачиён таслим шавед гуфта амр додааст, аммо онҳо қабул накардаанд.

— Баъд?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Баъд аз ин Алиризо ва Дониёл аскарони худро ба мукобили крепость оростаанд, ки бо зўр яроқи аскарони сурхро бигиранд.

— Худи вакили мухтор дар кучост? Шояд ин хиёнатро худи Алиризо ва Дониёл аз пеши худ карда бошанд.

— Не, худи вакили мухтор дар манзилгохи худ нишаста, яроқҳои аз Бухоро овардаашро ба босмачиён таксим карда дода истодааст.

Дар миёнаи ду нафар душанбегӣ ин гуна гуфтугузор мерафт, ки якбора садои милтиқ ва пулемёт аз тарафи крепость баланд шуд. Мардуми шаҳр вакти саҳар бо ин садои пурдаҳшат аз хоб бедор шуда дар паи гурез афтоданд, бачагони хурдсоли худро ба гардан бардошта аз шаҳр баромадан гирифтанд; то соати 8 дар шаҳр аз аҳолии маҳаллӣ ғайр аз чанд хонавор яҳудиён, ки чои гурез надоштанд, касе намонд, лекин асбоби зиндагонии мардум чо ба чо ба ҳоли худ монда буд.

Дар шаҳр соат ба соат ошўб зиёдтар мегашт; вакили мухтор ба яроқтаксимкунии худ ҳанўз давом дошт; босмачиёне, ки аз «шарафи давлат»-и вакили мухтор яроқдор мешуданд, аввал одамҳои худи вакили мухторро, дуюм хонаҳои бесоҳиби фукароро, сеюм яҳудиёни беховандро тороҷ карда, аз шаҳр бадар мерафтанд.

Вакте ки вакили мухтор дид барои хўрок дар шаҳр озуқа намонд, босмачиён мехоҳанд бо куввати он силоҳе, ки худаш ба дасти онҳо додааст, бақияи силоҳ ва асбобро ҳам аз дасташ даррабоянд ва аскарони сурх ҳам ба беҳудаги яроқи худашонро ба дасти «ҳазрати вакили мухтор» намесупоранд, дар паи гурез афтод. Шабҳангом, вакте ки борон меборид, чизҳои киматбаҳо, пақдинаи тиллову танга ва як қисм яроқҳои сабуки аз «бахшиш» боқимондаро бардошта, бо Алиризо, Дониёл, Сурайё ва сояри ҳамроҳони худ аз шаҳр баромад. Аммо дар қўрғон, яхдонҳои пур аз чома, тойҳои қолин, анборҳои пур аз мисина, сесад ящик тир, яроқҳои дигар ва соир чизҳое, ки вакили мухтор ва ҳамроҳонаш бардошта натавонистанд, монда буд.

Босмачиён аз гурези вакили мухтор хабардор шуда, ба шаҳр даромада ҳамаи ин чизҳоро даррабуданд, чизҳои яҳудиёнро ҳам тохтанд, хонаҳои фукароро толон карданд. Вакте ки рўз сафед шуда аскарони сурх

E-mail: ziyozoda@gmail.com

аз манзилгоҳи худ шаҳрро диданд, ба ҷуз ӣморатҳои аз одаму чиз холишуда ва яхудиёни сару по бараҳна дар қӯрғон ва шаҳр чизе ва касе ба назарашон наменамуд. Аммо гирдогирди шаҳрро тахминан панҷ ҳазор нафар босмачии бо яроқҳои нав мусаллаҳшуда ҳалқавор фаро гирифта буданд ва ба болои онҳо Анварпошшо бо унвон ва имзои «амири лашкари ислом, домоди халифаи муслимин ва ноиби ҷаноби олии Бухоро» фармондиҳӣ мекард. Лекин ин сардори номӣ, ки дар саргузашти моҷароҷӯёнаи (авантюраи) худ сафҳоро шикаста ва хусусан дар ҷанги ҷаҳон куртаки Гинденбургро хӯрда буд, наметавонист бо панҷ ҳазор ҳамроҳони хунхори худ ба якчанд даҳ нафар аскарони сурх, ки намояндагони пролетарҳои ҷаҳон ва ҳомии ҳукуқи онон буданд, ғалаба намояд ва ин шаҳри Душанберо, ки дар оянда маркази ҷумҳурияти Тоҷикистон шуданист, ғасб кунад; аммо ин сардори овозадор, гуноҳи ин номуваффақиятин худро қисман ба бевафоӣ кардани босмачиён ба вакили мухтор ва қисман ба пойдорӣ карда натавонистани худи вакили мухтор бор карда, худро тасаллӣ медод.

XV. ҚОФИЛАИ ПАРЕШОН

Қофилаи вакили мухтор, ки қариб аз шашсад-ҳафтсад нафар одам, 21 дона пулемёт, 1700 дона милтиқ, саночҳои пур аз тангаву тилло, яхдонҳои пур аз ҷома ва либосҳои аъло ба ҳам расида буд, сарсариёна дар кӯҳу биёбон мегашт. Худи вакили мухтор «интӯхин, шей, интӯхин, шей» гӯён пеш-пеш асп меронд; Алиризо бошад, аз ғояти хашм шоҳбурутҳои худро хоида, «пазаванглар, сафиллар-пазаванглар, сафиллар» гӯён касонро номаълумро дашном медод, қофила ду рӯз дар кӯҳу кутал гашта соатҳои 12-и рӯзи сеюм ба қишлоқи Латтабанд омада фуромад; лекин пеш аз он ки аҳли қофила обу таоми худро тайёр кунад, аз гирдогирди қишлоқ садоҳои ҷонфарсои милтиқҳо ғулғулаандоз шуданд, вакили мухтор акнун «интӯхин, шей» ҳам гуфта наметавонист; ҳар гоҳ барои сухан гуфтан лаб во мекард, дандонҳояш монанди касони вараҷагирифта шақаррос зада ба ҳам хӯрда ба ҳаракат кардани забон роҳ намедод, балки аз ғояти тарсу бим худи забон ҳам ҳаракат намекард. Садо торафт шид-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лат мегирифт. Баъд аз чанд дакика дар зери ин садоҳо намояндагони босмачиён пеши вакили мухтор омада таслим шудан ва тарки силоҳ карданашро таклиф карданд. Дар панҷ дакика овозаи «таслим, таслим» дар миёни аҳли қофила паҳн шуд.

— Бародарон! Ба кӣ таслим? Ба босмачиён таслим?!.. Ба он босмачиёне, ки мо то имрӯз бо роҳбарии фирқаи коммунистӣ аз номи ҳукумати Шӯроии халқии Бухоро ва омми меҳнаткашон бо онҳо мечангидем, таслим?!.. Ин таклифест, ки инро танҳо босмачиён ба мо карда метавонанд; ин таклифест, ки инро танҳо касоне, ки дар ҳақиқат худ босмачианд ва ба либоси хизматгорони ҳукумати Шӯрой дар миёнаи мо даромадаанд ва моро роҳбарӣ мекунанд, қабул карда метавонанд. Мо бояд то чон дар рамақ дорем, бо босмачиён ва дар навбати аввал бо касоне, ки моро ба таслим далолат мекунанд, бичангем; бас аст хӯрдани он фиребе, ки то ҳол ба мо ба сифати вакили мухторӣ доданд; бас аст пайравӣ кардан касонеро, ки оқибат моро ба ин водӣ кашола карда оварданд; имрӯз вакили мухтор ва ё ин ки сардори аскар дар миён нест; имрӯз танҳо босмачӣ дар майдон аст; биёед бичангем бо босмачиён ва тарафдорони онҳо!..

— Дохунда рост мегӯяд,— гуфт Шариф,— мо бо чӣ ният аз Бухоро ва аз хонаву чои худ чудо шуда ба ин чоҳо омада будем? Мо барои чӣ то ҳол бо босмачиён мечангидем? Агар мо босмачӣ шуданӣ мебудем, ба мо ин қадар ташвиш ҳочат набуд, мо метавонистем, ки аз хонаи худ набаромада ҳам босмачӣ шавем, мо агар нияти ба босмачӣ таслим шудан медоштем, ин қадар кӯҳу биёбонгардӣ чӣ даркор буд? Мо метавонистем, ки дар хонаи худ осуда нишинем, на рӯи босмачиро бинем ва на рӯи таслим шудани ба вайро; мо ҳар кадом аз ғайри он, ки касе моро маҷбур карда бошад, барои адои вазифаи фирқагӣ ва иҷтимоии худ бо хоҳиш ва ихтиёри худ дар майдони чангу чидоли бо босмачӣ баромадем; дар ин роҳ бисьёр вазниниҳоро бардоштем, моро заданд, «мазанг»* «сатил»** гуфта дашном доданд, сабр кардем; ҳаман инҳоро барои ин бардоштем, ки босмачиёнро дафъ кунем ва бо кори деҳқонии худ осуда машғул шавем. Аммо ин сардорони мо, ки ёд аз Акрам тӯпчибошӣ ва Наврӯзи зӯр меди-

* Пазаванг
** Сафил

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҳанд, мехоҳанд худи моро босмачӣ кунанд ва ба он ҳама ҷонсупориҳои мо бо абадӣ бадном кардани мо «инъом» бахшанд. Биёед, биҷангем бо босмачиён ва бо хуни худ бишӯем он доғи бадномиеро, ки вакили мухтор ва ҳамроҳони ӯ аз мансаби худ фоида бурда ба домани номуси мо заданд!..

— Меҷангем, меҷангем!..

Ин садое, ки аз забони бештарини аскарони Аликизо ва милициягони Дониёл бо як овоз баромад, садои ғулғуладори милтиқҳои босмачиёнро зер кард; ин садое буд, ки аҳли қофиларо ба ҳам зад, ин оташи шӯълаваре буд, ки аҳли қофиларо дар бӯтаи имтиҳон андохта гудохт, мисро аз тилло, нуқраро аз қалъагӣ ва ғишро аз холис ҷудо кард; ин сели хурӯшон буд, ки сангро ба санглох, регро ба лойдон ва хасу хошокро ба канор андохта худ ба роҳи худ мерафт; дар аввали он ки пистонакҳои милтиқ дар ҷунбиш омада тирҳо рафтуомадро сар карданд, Дониёл бо 70 нафар аз милициягони худ, ки онҳоро худ баргузида ва худ тарбия карда буд, аз майдони корзор баромада босмачии мустакил шуда ба тарафи Санггирдак рафт; қисми дигар ба тарафи босмачиён гузаштанд; аммо маркази фидоиён, ки ба таслим муқобил баромада буд, бе он ки ба вай касе сардорӣ ва фармондиҳӣ кунад, ба сари худ бо босмачӣ меҷангид; дар ним соат босмачӣ монди мӯру малах атрофи қишлоқро фаро гирифт; бозори ҷон арзон ва кор ба фидоиён гарон шуд; сели хурӯшон ба дарьёи хуни ҷӯшон бадал гардид.

Вакили мухтор дид, ки оқибат монанди як душман ба дасти босмачиён афтода ҷазо хоҳад дид, ё ба дасти фидоиён талаф хоҳад шуд, барои халосии худ чора ҷуст: он чораеро, ки бо он чора Худоёрхон[115] 22-юми моҳи июли соли 1875 — аз Хӯқанд ва амири охирини Бухоро 3-юми сентябри 1920 аз Ғиҷдувон гурехта буд, кор фармуд, яъне саночҳои пуртилло ва яхдонҳои пуртангаро бо ҳамаи пулемёт ва милтиқҳо дар роҳ — дар роҳи босмачиён ягон-ягон партофта мегурехт ва ҳар боре, ки босмачиён наздик меомаданд, боз аз он хазинае, ки то охирин дақиқа бо худ дошт, миқдореро ба роҳ андохта бо кӯҳу кӯтал асп медавонид.

Оқибат босмачиёни гурусначашм аз ин ғанимат-ҳои ройгон чунон пурбор шуданд, ки дигар пеш кар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дани вакили мухтори сабукборшударо лозим надонистанд.

Вакили мухтор бо бакияи хамроҳони худ, ки баъзеи онхо ба ихтиёр ва баъзеашон бинобар набудани чораи дигар аз дунболи ӯ мерафтанд, ба қишлоқи Ӯзбакон Кенди омада фуромад ва одамони худро ду-ду, чор-чор ба хавлихои мардум таксим карда худ бо Алиризо дар хонае чойгир шуд.

* * *

То сахаргохон аз ин кофилаи парешон, дар ин қишлоқ касе намонда буд: ҳар кас бо дилхохи худ ба тарафи хотирхохи худ рафт; баъзе ба тарафи босмачиён, баъзе ба тарафи ташкилотхои хукумати; вакили мухтор бошад, бо Алиризо ба тарафи Афғонистон раҳсипор гардиданд.

Саркотиби вакили мухтор, ки аз ҳама акиб монда буд, қуттии баршро[116] ба ҳамқалами худ нишон дода:

— Ҳайрият ки дар вақти ҳаво додани хӯрчини тилло ба тарафи босмачиён, гирифта мондани ин куттиро фаромуш накардаам, вагарна ин зинда мондан барои ман ба як пули сиёҳ ҳам намеарзид,— гуфта шукрона мекард.

XVI. ҒАНИМАТ ВА АСИР

Дар мавзеи Юрчӣ як бесариштагии аз одат беруи рӯй дода буд; мардум чизхои зиёдатии худро дар замин мегуронидаид, чизхоеро, ки он қадар қадру қимати калон надошт, ба холи худаш мегузоштанд ва чизхои зарурнашонро, ба қадре, ки метавонистанд, бо худ бардошта гову гӯсфанд барин хайвоноти хонагишонро пеш андохта ду-ду, чор-чор ба тарафи кӯху биёбон мерафтанд.

Дар вакте ки гӯё дар Юрчӣ касе намонда буд, дах нафар марди мусофири сарупо бараҳна ин чо омада даромаданд; агарчи аз шаклу шамоили гуногунашон аз як шахри дигар ва ё вилояти дигар будани ҳар кадоми инхо маълум шавад ҳам, либосхои дарида, баданхои аз зарбу лат бисьёр мачрӯҳшуда, похои аз пиёдагарди варамида, чашмхои аз гуруснагӣ чукурафта, лабхои аз бехунӣ кабудшуда, биниҳои аз бекув-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ватӣ теғкашида — хулоса ин гуна ҳолатҳои умумиашон нишон медод, ки ҳамаашон дар як вақту соат ба як фалокат гирифтор шудаанд.

— Ревкомхонаи ин ҷо дар кучо бошад? — гуфта яке аз инҳо аз дигараш пурсид.

— Ман чӣ донам? Ӯв, аз вай одам пурсем-чӣ? Шояд вай донад,— гуфта мардеро, ки ду бачаи хурдсолро дар бағал гирифта бо зане, ки як бӯғча молро ба сар бардошта буд, мерафт, нишон дод.

— Ӯй, ака, ин ҷо ист!

Марди раванда ба шунидани ин овоз рӯи худро пас гардонда ба тарафи мусофирон як нигоҳ кард ва қадами худро аз пештарааш тезтар партофта боз ба роҳи худ рафтан гирифт.

— Ӯй одам, ин ҷо ист мегӯям!

Агарчи он мард ба ин овоз гӯш наандохта зани худро ба тезравӣ далолат карда рафта истода бошад ҳам, мусофирон тезтар роҳ рафта ба вай расиданд.

— Одам астӣ ё ҳайвон, чаро ба гап гӯш намеандозӣ? — гуфт яке аз мусофирон.

— Ана гӯш андохтам, чӣ мегӯӣ? — гӯён марди раванда аз роҳи худ бозистод.

— Ревкомхона кучост?

Марди раванда пас аз он ки мусофиронро ягон-ягон аз назар гузаронид:

— Шумо шумқадамон,— гуфт,— магар ҷадидед? Бинед, ки аз шумин шумо ба чӣ ҳол афтодем; вакили мухтори шумо мамлакатеро, ки дар асл об барин лаппида истода буд, оташ дардода гурехт; акнун аз як тараф аскарҳо дар ҳаққи мо бадгумон шуда моро босмачӣ гуфта ба назари бад нигоҳ мекунанд, аз тарафи дигар босмачиён «мамлакат аз они худамо шуд» гуфта беибо буду нобуди моро толон мекунанд, мо бечорагон бошем, дар миёнаи ду оташ монда чӣ кор карданамонро намедонем...

Ин мард, ҳанӯз дарди дили худро тамом накушода буд, ки аз як тараф садои милтиқ баланд шуд ва аз кӯча чанд нафар саворони ярокдор пайдо шуда ба тарафи инҳо тохтанд.

— Босмачӣ, босмачӣ! — гӯён мусофирон аз баҳри ёфтани ревкомхона гузашта ба ҳар тараф пароканда шуда гурехтанд.

Яке аз инҳо, ки:

— Нагурезед! Вагарна дар ҳаққи мо бадгумон

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мешаванд,— гуфта ба чои худ истода хамрохони худро аз гурехтан бозмедошт, ба дасти саворон афтод.

— Ту кистй? — гуфта яке аз босмачиён пурсид.

— Ман одам!

— Ман хам медонам ту хайвон нестй, аз кадом тоифаи мегуям.

Хануз мусофири дастгиршуда лаб ба чавоб накушода буд, ки марди раванда:

— Ман гумон мекунам, ки ин чадид аст ва ё большевик, зеро аз ман ревкомхонаро мепурсид,— гуфт.

Дархол дасту гардани мусофири дастгиршуда аз тарафи саворон баста шуд.

— Худи ту кисти ва кучо меравй? — гуфта яке аз саворон аз марди раванда пурсид.

— Ман хаминчонам, ба тарафе ки мардуми ин чо рафтаанд, ман хам меравам.

— Бисьёр хуб, бугчаатро ба мо дех, худат сабукбор шуда хар чо, ки хохи, рафтан гир,— гуфт савор.

Ба чавоби рад ё кабули марди раванда мунтазир нашуда, яке аз саворон бугчаро аз сари занак дарра буд.

То ин вакт шахр аз саворони ярокдор пур шуда буд; саворон аспхошонро дар кучахо баста ба хонакови даромаданд, аз як сар хавлихоро кофта чизхои аз гурезагон бозмондаро ба даст даровардапд. Хатто заминхои хавлихоро каландгардон карда чизхои гуроидаро хам ёфта, хамагй дар як чо сарчамъ шуданд.

— Ин бандиро чй мекунем? — гуфт касе, ки бандии мусофирро посбонй мекард.

— Чи мекардем? Як дона тир хам садкаи сари ин, «хас каму чахон пок»,— гуфта яке аз ярокдорон милтики худро рост кард.

— Не! гуфт дигаре, «ачаб нест, ки ин одам большевик набуда чадид бошад. Анварпошшо хар чадид ва хар одами хукумат, ки ба даст афтад, нокушта ба марказ фиристонанд гуфта амр додааст; мири Бозй хам ин маъниро кабул кардаанд, бинобар ин бо як кисми ин ганиматхо ин касро хам асир гуён ба Кўктош фиристоданамон даркор аст.

Босмачиён чизхои аз шахр ба даст афтодаро миёни худ таксим намуда ва як кисмашро ба номи сардорони марказии худ чудо карда ин асирро хам ба вай «ганимат» хамрох намуда бо дах нафар савор ба тарафи Кўктош фиристоданд ва худхошон аз Юрчй баромада ба тарафи Дехнав рафтанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XVII. САНГСОР

Қишлоқи Янгиқўрғон аз босмачӣ пур шуда буд; босмачиёни лақай, марқа, қарлуқ ва тоҷик ҳама ҳавлӣ, хона ва кӯчаҳои қишлоқро фаро гирифта хобида буданд; дар миёнаи инҳо тахминан ҳаштсад нафар босмачиёни кафши чӯбинпӯши дарвозӣ буданд, ки ба гарданашон ғайр аз милтиқи панҷтира ва ёздаҳтираи фарангӣ як-як камонғӯлақи бобоӣ ҳам овехта дар лофзанӣ аз ҳама пешӣ мекарданд.

Дар миёнаҷои қишлоқ дар як хонае, ки бо асбобҳои нафиси аз вакили мухтор ғаниматафтода ороста шуда буд, Эшони Султон, Алимардон, Абдулқайюм бӣ ва дигар қӯрбошиён ва муллоён нишаста буданд.

Эшони Султон ба Алимардон мегӯяд:

— Акнун ту бо ёрии мо ва домоди халифаи муслимин Анварпошшо ба ҷои Иброҳими дузд гузаштӣ, ҳеҷ корро бе маслиҳати мо макун: мо бояд ин давлати худододаро бо ҳам бинем. Иброҳим мехост, ки ҳама чизро худаш хӯрад, ҳар кор ба ихтиёри худаш бошад, ӯ ҳеҷ касро писанд намекард.

— Албатта,— гуфт Алимардон,— вақте ки шумо бо мо дӯст бошед, мо ҳам ҳеҷ корро бе маслиҳати шумо намекунем; ҳоло ҳам ман ба хизмати шумо барои маслиҳат омадаам, ки чӣ навъ карда урусҳоро аз мамлакат пеш мекунем.

Яке аз муллоён ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

— Ҳар корро мувофиқи шаръи шариф кардан даркор аст, дар ҳамон сурат мамлакат мусулмонобод мешавад, ба чи тарзе, ки аз дасти ҷадидҳо халос шуда бошем, аз дасти урусҳо ҳам халос мешавем; дар охирҳои кор Иброҳимбег шариатро дуруст пос надошт, уламоро эҳтиром накард, аз ғаниматҳое, ки аз вакили мухтор ба даст даровард, ба муллоён чизи дурусте надод...

Садои ғалоғулае, ки аз берун омад, муллоро ба тамом кардани суханаш роҳ надод; чанд нафар яроқдор як марди дасту гарданбастаро гирифта меовардаанд, ки аз дунбол зане ҳам девонавор фарьёд карда Алимардон ва босмачиёни дигарро дашном дода меомад.

Бандиро аз дари боло ба Эшони Султон манзур карданд:

— Ин кист? — гуфта пурсид Эшони Султон.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ин чадид аст, мо аз Юрчӣ дастгираш карда оварда будем, лидем, ки дар Кӯктош калонон нестанд, ин чо ба хизмати шумо оварданӣ шуда ба рох баромадем; дар рох ин зан ин бандиро ба дасти мо дида барои халос карданаш девонавор худро зад, харчанд пеш кардем, аз рох нагашт ва то ин чо аз дунболи мо омад.

Алимардон бо диккати тамом ба он бандӣ нигох карда:

— Номат чист? — гуфта пурсид.

— Ёдгор!

Алимардон сари худро бо ишорати тасдик болову поён чунбонида:

— Магар ту чӯпони гурезаи Азимшохи саричӯӣ набуди? — гуфт.

— ... —бандӣ ба ин савол чавобе надод.

Ба Эшони Султон нигох карда:

— Таксир! Хикояти ин мард ва ин зан бисьёр аст; ман инхоро дер вакт боз медонам, инхо дар байни худ муомилаи гайришаръи доштанд; ба болои ин хар дуи инхо хам ба мукобили мо дар хар кучо гап мезадаанд, аз рӯи шуниди ман, дар кишлоки Латтабанд хам отрадони вакили мухторро ба мукобили аскарони мо хамин одам чанг кунонидааст; бинобар ин агарчи Анварпошшо «чадидонро накушед» гуфта бошанд хам, ба фахми ман инхоро куштан даркор аст; ачаб нест, ки ин одам большевик хам шуда бошад.

Яке аз муллоён:

— Модом ки,— гуфт,— бо якдигарашон алокаи гайришаръи доштаанд, инхоро сангсор[117] кардан даркор аст, сангсор!

— Албатта, сангсор кардан даркор аст,— гуфта муллои дигаре ба гап хамрох шуд.

— То фардо,— гуфт Эшони Султон,— нигох доштан, ба уламо ривояти шаръӣ нависонидан, пас аз он дар миёнаи мардум бароварда сангсорашон кардан даркор аст,— ва ба одами худ нигох карда,— инхоро бурда чудо-чудо дар ду хона андоз ва аз болояшон кулф зан,— гуфта фармон дод.

* * *

Пагохирӯзи муллоён фатвои сангсор кардани гунахгоронро навишта оварданд, Эшони Султон пас аз хонданн фатво ба махрами худ:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Гунаҳгоронро биёранд,— гуфт.

Баъд аз панҷ дақиқа:

— Оварданд,— гуфта маҳрам аз дар даромад.

Эшони Султон, ки аз дари боло ба рӯи суфа нигоҳ карда танҳо бандии мардро дид:

— Занакаи гунаҳгор кӯҷост? — гуфта аз одами худ пурсид.

— Тақсир!

— Занакро ҳам биёр мегӯям.

— Занакро дар хонаи дудара ҳабс карда, аммо қулф задани дари дигарашро фаромӯш карданд, бинобар ин гурехта рафтааст.

Эшони Султон, пас аз он ки одамони худро ба сабаби ин беэҳтиётӣ ва саҳлгириашон хуб дашном дод, гуфт:

— Зуд бошед, дар як ҷои васеъ чоҳчае канда бандиро то миёнаш гӯронед ва аскаронро хабар диҳед, ки ҳар кас яксангӣ зада ҳама ба «савоб» дохил шаванд; агар мурда монад ҳам, то гӯр шуданаш аз сангзанӣ даст накашанд.

Пешхизматон бандиро аз суфа фуроварда ҳанӯз аз дарвоза берун набароварда буданд, ки садои милтиқ ва пулемёт баланд шуд. Босмачиён ба ҳоли худ шуда ҳар кас дар паи ба даст гирифтани силоҳ ва савор шудани асп афтод.

То 20 дақиқа атрофи қишлоқи Янгиқӯрғонро тахминан сад нафар аскарони сурх ва партизанҳо гирифта буданд; босмачиён ҳам аз ҳавли ҷон ба ҷанг даромаданд; муллоён: «кушед — ғозӣ, муред — шаҳид» гуфта онҳоро ба ҷанг ташвиқ мекарданд. Аммо ба босмачиён «ғозӣ» шудан муяссар нашуда, ҳама гурӯҳ-гурӯҳ «шаҳид» мешуданд. Дастаи пешҷанги босмачиён, ки дарвозиён буданд, кафшҳои чӯбини худро партофта гурехтанд.

— Валлоҳӣ,— мегуфт яке аз дарвозиён,— ба ин гуна ҷанги номардона ҳеҷ хушам намеояд, ба ман муборизе даркор аст, ки мардонавор бағал ба бағал дарафтад, то ки мард аз номард ҷудо шавад.

Майдони ҷанг ба даруни қишлоқ даромад, тирҳое, ки аз ду тараф мебаромад, дӯсту душмани худро фарқ накарда синаҳоро мешикофт. Босмачиён диданд, ки ба холӣ кардани қишлоқ маҷбур мешаванд, ҳавлиҳои ғалланокро оташ дардоданд; қишлоқ дар миёнаи хуну оташ монда буд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Босмачиён гурехтанд; аскарони сурх ба қишлоқ даромада бокимондаи онхоро кофтанд; ғайр аз Дохунда, ки дар паси дарвозаи қўшхонаи Эшони Султон дарро ба худ сипар карда истода буд, дигареро наёфтанд ва уро пеш андохта ба тарафи Душанбе бурданд.

XVIII. «ТАНК»

Гирдогарди шаҳри Душанберо тахминан дах хазор нафар босмачи халкавор гирифта буд; ин босмачиён монанди босмачиёни пештара бенитизом ва бехабар аз донишу чангу не, балки ба инхо яке аз машхуртарини сардорони чангии дунье — Анварпошшо рахбарй мекунад; хусусан баъд аз хиёнати вакили мухтор нуфузи маънавии ин сардор ба болои босмачиён ва аксинкилобчиён зиёд шудааст; акнун босмачиён ба вай хуб итоат мекунанд. Ў ба хар тараф бо имзои «амири лашкари ислом, ноиби амири Бухоро ва домоди халифаи муслимин Анвар» хату хабар карда мардумро ба итоати худ ва ба мукобилати хукумати Шўрои чег мезанад. Молхои аз тороч ба даст даровардаашро ба Афгонистон фиристода ярок ва либосхои низоми мехаронад ва бо имзои худ «коғазакча» бароварда мардумро ба кабул кардани он ба чои пули накда мачбур мекунад.

Дар шаҳри Душанбе бошад, аҳвол бо бисьёр сахтй мегузарад; дастае аз аскарони сурх, ки бо чанд нафар бухорй ва точики маҳалли дар он чо ба муҳосира монда буданд, хўрокворини харрўзаашонро бо машаккати бисьёр ба даст медароранд, хатто роҳи обро хам босмачиён бастаанд, ки ин хам ба осонй ёфт намешавад. Бисьёр вактхо мачбур мешаванд, ки ташнагии худ ва аспони худро танхо бо оби борон ва барфе, ки меборад, бишкананд; либосҳояшон тамоман дарида аз кор баромадааст, ба хадде, ки гўё зимистони каттолро бе либос мегузаронанд; беморй, мачрўҳи рўз то рўз кувватеро, ки дар асл кам буд, боз камтар мекунад. Аспҳои гурусна дар майдони болояш кушода дар зери барфу борон монда ланг ва барчо монда шудаанд. Аз Бухоро мадада намерасад.

— Баъд аз ин дар ин чо истодан мумкин не!

Ин сухан аз сардорон гирифта то нафарй аз забони холи хама мебаромад; лекин интизоми аскари сурхи мчозат намедихад, ки касе ин суханро ба за-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бон ронад, зеро аз марказ — аз Бухоро хабаре нест, агар хабарҳои бесару бунро, ки гоҳ-гоҳ ба воситаи телеграфи ҳавоӣ мерасад, ба назар нагирем, гуфта мешавад, ки умуман роҳи мухобараашон аз рӯи дуньё баста шудааст.

— То гирифтани фармони дуюм муваққатан Душанберо гузошта пас гардед!

Пас аз се моҳе, ки дар муҳосирамондагони Душанбе ба он ҳама машаққатҳои тоқатгудоз бардошт карданд, телеграфи ҳавоӣ ин фармонро аз Бухоро овард.

Иҷро кардани ин фармон, ки онҳоро аз тангнои муҳосира халос мекард, аз иҷро накарданаш ҳам мушкилтар буд; лекин азм ва иродаи аскарисурхӣ ҳар мушкилро осон мешуморад.

Шаб торик, борону барф меборад, дар лои замин аспу одам то миёна меғӯтад; аспҳое, ки се моҳ боз рӯи сериро надида аз пой мондаанд, барои аз лой кашида баровардани саворони худ кор намеоянд; балки саворон маҷбуранд, ки пиёда шуда то миён дар лой ғӯтида савориҳои худро аз лой кашида бароранд.

Қофила бо ҳамин аҳвол аз Душанбе баромада ба роҳ даромад; ғайр аз 60 хонавор яҳудиёни Душанбе, ки зану мард, сағиру кабир, пиру ҷавони сарупобараҳна ба ҳимояти аскарони сурх аз дасти босмачиён мегурехтанд, касе садое намебаровард, пасу пеш, росту чапи қофиларо аскарони сурхи савора ва пиёда посбонӣ мекунанд, асбоби қӯрхона, беморони сарочанишин ва тӯдаи гурезагон аз миёнаҷои роҳ роҳӣ мешаванд.

Душвории роҳро аз ҳамин қиёс бояд кард, ки аз соати даҳи шаб то соати нӯҳи рӯз базӯр ҳашт чақрим — як фарсах роҳ тай шуд.

Босмачиён, ки аз ин ҳол бехабар монда буданд, баъд аз баромадани офтоб аз аҳвол хабардор шуда атрофи қофиларо фаро гирифтанд. Аз пешу пасу росту чап ҳамеша тирборон карда роҳро ба аскарони сурх танг мекунанд, ба болои ин ҳар қадар пул — кӯпрук, ки дар роҳ бошад, вайрон кардаанд, аҳолии Регар, Сари Осиё, Юрчӣ ва Деҳнав барин шаҳр ва қишлоқҳои сари роҳро «аскарони сурх меоянд» гуфта тарсонда гурезондаанд; баъд аз гурехтани аҳолӣ он ҷоҳоро тороҷ карда, иморат ва анборҳои ғалларо месӯзонанд.

Аммо аскарони сурх қофиларо нигаҳдорӣ карда

E-mail: ziyozoda@gmail.com

пеш мераванд; занон ва мардони пирсол ва бачагони хурдсоли яхудиёнро ба аспхои худ бор карда пеш мераванд; дар холате, ки аз пасу пешу росту чап бо босмачиён чанг мекунанд, пеш мераванд; монанди он ки нишонзанони мохир гургони вахширо пеш кунанд, душманони худро пеш карда ба худ рох кушода пеш мераванд. Монанди танк аз пасу пеш ва аз пахлухои худ тир бароварда ба пастихо, баландихо, чуйхо, чархо, куххо ва куталхо нигох накарда пеш мераванд.

XIX. ЧАШНИ ЗАФАР

Дар миёнаи Дехнав ва Бойсун ягона гузаргохе хаст, ки бояд хар раванда ва оянда аз ин чо гузарад; ин гузаргох, ки «Анборсой» ном дорад, гузаргохи сеч буда ба мурури айём бо гузаштани селобхо, дар ин чо горхо, гумхо, пастихо ва баландихо ба хам расида як монеаи табии пайдо шудааст, чунон ки агар як одам бо як милтик сари рохро гирад, бе он ки тири тарафи мукобилро ба худ расонад, барои даххо одам рохро мебандад.

Анварпошшо, ки аз Душанбе то ин чо ба аскарони сурх даст наёфта буд, ин вартаро муносиб дарьёфта доми худро дар ин чо ниход, ба монеахои табии чандин хандакхо ва шинакхоро мувофики фанни харби имрўза сохта илова намуд; чор хазор босмачии тирандозро, ки аз дах хазор якка чин карда — баргузида гирифта буд, дар ин чо дод; барои хар гурўх яке аз туркони корозмуда ва чангдидаи худро фармондех таъин карда, фармондихии умумиро ба дасти худ гирифта барои «пешвози» аскарони сурх тайёр истод.

Аскарони сурх ва партизанхои сурхи махаллй, ки дар шумора тахминан дахьяки ин «пешвозгирандагони» худ буда, дар хар кадам хазор машаккатро дида мемаданд, ногахонй ба ин монеа бархўрда бо як фармони сардори худ худхоро ба замин андохта ба гаваккаши даромаданд. Тир аз тарафи душман монанди борон меборад, гайр аз тўдахои барфхое, ки сару тани худро дар он пинхон карда гавак мегаштанд, сипаре нест. Гурриши тўпу парриши милтик гулғула дар кўхсор меандохт.

Аскарони сурх ба хамин хол дар сесоата гаваккаши ба лаби хандакхо расиданд.

Душман гурехт ва аз вай чуз хандакхои пур аз

E-mail: ziyozoda@gmail.com

патронҳои холӣ асаре намонд. Аскарони сурх дар қароргоҳи душман, ки хеле мувофиқи техникаи ҷангии имрӯза сохта шуда буд, ором гирифтанд.

Сардори ҷангӣ аскарони сурхро бо ғалаба кардан нашон ба машҳуртарини сардорони ҷангии дунъё табрик кард; дар ҷавоби табрик суруди «Байналмилал», ки бо як овоз хонда шуд, кӯҳсорро ба садо овард, гӯё кӯҳсор ҳам суруди «Байналмилал»-ро хонда ин зафарро табрик мекард.

На шоҳу на тавонгарам,
Либоси кӯҳна дар барам,
Большевикист раҳбарам,
Дохунда қаҳрамон мешам,*
Пои пиёда меравам,
Роҳ кушода меравам,
Даст надода меравам,
Дохунда қаҳрамон мешам.
Кӯҳу кӯтал гузаргаҳам,
Сина ба барф мениҳам,
Лек чу барқ мечаҳам,
Дохунда қаҳрамон мешам.

Хонда шудани ин нақш аз тарафи як тоҷик тантанаи ин ҷашни зафарро дуболо кард. Маълум аст, ки ин тоҷик қаҳрамони ҳикояти мо Ёдгор ва ба қавли бухориён «Дохунда» буд.

XX. КӮҲИ ОТАШФИШОН

Дар қишлоқи Қофуруни Бойсун боргоҳе монанди боргоҳи амири собиқи Бухоро барпо шуда буд; гирдогирди боргоҳро аскарони тоҷик, афғон ва ӯзбек, ки либосҳои аскарии аврупоӣ пӯшида буданд, дар зери фармони туркони усмонӣ нигоҳдорӣ мекарданд. Дар пешгоҳи боргоҳ хонаеро ороста буданд, ки дар он ҷо сардоре дар зери либоси низомӣ дар ҳолате, ки сари бозу ва сафҳаи синаи худро бо погон ва нишонҳо зинат дода буд, нишаста ба харита нигоҳ мекард ва ҷо-ҷои харитаро бо қалами қариндош нишон карда ба коғази дигаре, ки дар паҳлуи он харита паҳн буд, чизе менавишт.

— Ҳоҷӣ Латифи девонбегӣ аз ҳузури ҷавоби олӣ амири Бухоро омадааст, агар рухсати олии ҳазрати пошшо шавад, ба дастбӯсӣ мушарраф гардам мегӯяд.

* Мешавам

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Сардор пас аз чанд лакикаи шуниданн ин суханхо бе он ки сари худро аз харита бардорад:

Пас аз 15 дакика ларояд,— гуфт.

Пешхизмате, ки дасти худро ба пешонаи худ нихола арзи холи Хочй Латифи девонбегиро расонда интизорй мекашид, бо шунидани чавоби сардор сари худро бо эхтироми тамом хам карда:

— Хуб! — гуён аз дар баромад.

Сардор такрор дар мутолиаи харита фурў рафт: баъд аз 15 дакика пешхизмат боз даромад, аммо ич бор чизе нагуфта дасти худро ба пешонаи худ нихода истод.

Сардор пас аз он ки дах дакикаи дигар харитаро нишон ва когазро сиёх кард:

— Хуб, гўй дарояд! — гуфт.

Як шахси тахминан 45-солаи баландкомати миёнариш, ки саллаи худро ба гардан ва пешонаи худ фуровардаа печонда баста буд, аз дар даромада ба пеши остона дузону нишаста монанди он, ки амири Бухороро дуо мекарда бошад, бо хамон тартиб ва одоб ба дуо кардани сардор даромад. Аммо сардор ба тамом шудани дуо мунтазир нашуда, чолокона аз чои худ хест ва бо мехмони худ, ки ў хам барои эхтироми сардор аз чои худ хеста буд:

— Магар ба зиёрати Хочй Латифбой мушарраф мешавам,— гуён гарму сузон мулокот кард ва барои ў чои нишаст нишон дода, худ хам ба чои худ нишаст. Пас аз пурсупоси ахволи худи Хочй Латиф:

— Мизочи шарифи бародарам чаноби олии Бухоро чй гуна аст? — гуфта пурсид.

— Алхамдулиллох,— гуфт Хочй Латиф,— вакти чаноби оли аз хар вачх хуш аст; ба дуои чондарозии хазрати пошшо машгулй доранд, саломи дустона мерасонанд ва хамаи умедашонро аввал ба худо, дуйум ба хазрати пошшо бастаанд ва умедворанд, ки бо ёрии худову пир ва хазрати пошшо ба зуди ба тахти Бухорои шариф зинатбахшо шаванд.

— Иншоаллох,— гуфт сардор,— хаман максадхо ба зудй хосил хохад шуд. Мо чанд гох боз барои ба як интизом тобеъ шуда муттафикона кор кардани курбошиён, ки хар кадом худро хокими мутлаки як кишлок ё музофот медонистанд ва бештарин барои нуфуз дар байни худ чанг мекарданд, кушиш доштем; окибат бо хусни таваччухи бародарамо чаноби олй

E-mail: ziyozoda@gmail.com

амири Бухоро як дараҷа ба ин мақсад расидем, алҳол ҳаман қӯрбошиёни Самарқанд, Бухоро, Шаҳри Сабз, Қаршӣ, Ғузор, Шеробод ва умуман қӯрбошиёни Бухорои Шарқӣ ба мо итоат ва инқиёд доранд; бештаринашон бо дастаҳои муҷоҳиди худ ба ин ҷо ҳозир шудаанд, ки дар зери фармони мо кор мекунанд. Гарданшахтарини қӯрбошиён Иброҳим буд, ки вай ҳаргиз ба мо итоат кардан намехост; муллоҳои ҷоҳил ҳам ба вай ёрӣ медоданд. Бинед муллоён ба вай ба чӣ мазмун хат карданд,— гуён сардор аз ҷузъдони худ мактуберо бароварда хонд (айнан):

«АМИРУЛМӮЪМИНИН САЛЛАМАҲУЛЛОҲУ ТАОЛО ҲУВАЛФАТТОҲ [118]

Аморатпаноҳ, иззатҷоҳи мир бӣ додхоҳ лашкарбоширо баъд аз тӯҳфаи дуову салом расида бод, ки моҳон уламоён-дуогӯёни мӯътақиди самимӣ дар Султонобод иди муборакро гузаронида иҷтимоъ шуда маслаҳат намудем, ки чанд кас аз ҷаноби олӣ ва аз ҷаноби шумо гашта бағӣ [119] шудааст гуфта мешунавем ҷанобашон ба моҳон маълум намоед кадом кас бошад ба Анвар мутобаат намудагиҳоро аз рӯи китоб рибояти аимма [120] намуда кофир гардонида ҳама уламоён ва фуқароён ҷамъ шуда аввал аз худи лақай бағӣ шудагиҳоро мувофиқи шаръи шариф ба қатл мерасонем баъдаҳу ба ғазо меравем ва сониян аз ғайри лақай аз тоҷикия ва аз қарлуқ ба Анвар мутобаат кардагиҳоро ба моён маълум кунед мувофиқи шаръи шариф ҳамаи уламо ва фуқароён ҷамъ шуда ба қатл мерасонем аз рӯи шаръи шариф моҳон кор мекунем ҷаноби шумо ба моён ҳавола карда истед ҳар бадномӣ бошад дар болои моён шавад агар ба ҷанобашон маъқул бошад боз худашон беҳтар ва хубтар медонанд аттақсир ассалому алайкум.

Мӯҳр ва имзои соҳибони мактуб:

1. Мулло Муҳаммадсалими мударрис, 2. Халифа Мулло Оллоназар махдум, 3. Мулло Исматулло махдум, 4. Мулло Алимуҳаммади мударрис, 5. Мулло Тағоймуроди мударрис, 6. Мулло Абдураҳмон махдум, 7. Махдум Муҳаммади тӯқсабо».

— Мо зобитони [121] усмонӣ,— гуфт сардор,— дар ин ҷо абадӣ наемонем, ҳар гоҳ мамлакатро аз больше-

Маҳмарҳаҳаҳ ҳаҳаҳ, ки ҳаҳ шаҳаҳаҳ ба Ҳафтшаҳтаҳ гузарад, ҳастаҳ кӯро даҳтаҳ кард ба дасти ҳуд ба қӯчаҳаҳ шаҳаҳаҳ сурат ва ба ин ҳасаҳ ҳафи гузаҳ кӯро ҳалаҳаҳ, аммо Фуҷайра ҳафи шаҳаро фаҳаҳаҳ бароҳ ин шаҳ фурсат надода, ба боронаш ҳуд Салаҳ ва ҳе ҳамаҳ даргоҳ шаҳаҳаҳ ҳа об гузашта ба тараф Ҳафтшаҳтаҳ ҳаҳар рафт.

Маҳмарҳаҳаҳ ҳам фарёҳ ин рӯ ҳаста-ҳаста ба аралаҳ ҳуд ҳамаҳ ба қӯчаҳ ҳаҳаҳ ҳудаҳаҳ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Пас аз ин вилояти Ғарм дар роҳи обод шудани худ озод буд.

XXX. АРТИСТИ ҲАВАСКОР

Аскарони сурх дар вилояти Дарвоз Сағирдаштро барои худ қароргоҳ карда буданд; дар ин дашти ваҳшӣ чодирҳои қироатхона, кино ва театри худро барпо намуда, бо роҳи маданӣ истироҳат ва дамгирӣ мекарданд.

Баъд аз тамошои кино бозии театр сар шуд; як мачлиси тамошо ба поён расида парда барафтод; чароғ тарафи нишастгоҳи тамошобинонро равшан кард; чашми Дохунда дар пушти тамошобинони маҳаллӣ ба зане афтод, ки ба тарафи худаш тез-тез менигарад ва аз чашмонаш маълум мешавад, ки шиносост. Дохунда барои фаҳмидани кӣ будани ин зан аз ҷои худ хеста ба тарафи пушти тамошобинони маҳаллӣ, ки рост истода буданд, гузашт; он зан ҳам гӯё ки аз мақсади Дохунда хабардор бошад, аз қатори тамошобинон ҷудо шуда худро ба каноре кашида ҷӯяндаи худро мунтазир шуд.

Дохунда қадами худро партофта ба зан наздик расид ва якбора дар ҳайрат афтода:

— Бахайр, Гулнор? Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?— гуфт.

— Ту чӣ кор карда гаштай? — гуфт зан,— як соли пур шуд, ки аз Душанбе ҷудо шудай, на ба Душанбе бармегардӣ ва на маро пеши худ мехонӣ, оқибат ҷудой ба ҷонам расид, дар паи ҷустучӯи ту афтодам; гуфтанд ба дашти Бедона рафтааст, он ҷо рафтам; гуфтанд ба Оби Гарм рафтааст, он ҷо рафтам; гуфтанд дар Ғарм аст, он ҷо рафтам; гуфтанд ба Тавилдара рафтааст, он ҷо омадам; гуфтанд ба Сағирдашт рафтааст, охир ин ҷо омада туро ёфтам. Ман омадам, ки аз ту як гапи пухта шунавам: «чӣ бояд кард»? Ана ба ҳамин гапи ман ҷавоб деҳ! Дигар тоқати интизорӣ намонд.

— Босмачиёнро нест бояд кард! Ҳозир ғайр аз ҳамин кори дигаре ба назари ман наменамояд,— гуфт Дохунда.

— Босмачиёнро аскарони сурх нест мекунанд, нест кардани босмачиён ба ту нигоҳ карда намондааст.

— Ту ғалат мекунӣ, Гулнор! Дар асл нест кардани босмачиён вазифаи ман, вазифаи ту ва вазифаи ҳамаи меҳнаткашони тоҷик аст; инҳо ҳамон қасонеанд, ки

E-mail: ziyozoda@gmail.com

онтер ба пеш аспадорӣ, ба пеш бой, ба пеш кошӣ ва ба пеш пешӣ кун перо истӯдад, шӯр ба дабаст бигзонтерӣ бороида ба истодад ҳамон дари онӣ. дари аспадорӣ ва дари сигоштопро барои кушод ба истодад кун ману туро ва тамоми мардонтопро мепад. Бинобар ин зинфи барои дадан бигзонӣ аспа ба гардан ману ту мефтад, зеро осонӣ ин дар барои кӯрдани ҳамин аст. Ин бояд дар атрофи осорони сурх кун шавем, то ки кунӣ бигзонтер ба даст ори ва ҳамин аст кунем.

— Агар гап ҳамин аст, перо ман ба куд гир ва перо ман дар рота аст мардони бигзонӣ шер фарем

— Агар пеӣ, албатта, ба ту ман шер ёфт метавад

— Черо наҳавӣ, ман ки ҳунар чӯпонӣ дар пеш пешуи ва пешдасти дари онӣ пӯстад, ман ки дар чаш кудро ба урфу одатон кӯчаи ва даст дадам, агар дар он майдони васеъпешаш кӯчаму пеш дар ин зиндагӣ дари онӣ ва кунунӣ истеъдодӣ агар аз дастам омад ва ба ман шарафаш бихад ва ҳимояти ман дар ин рох даркор бихад, черо шер нагунам?

— Хуб, ман туро шер мефармоям, дар ҳунар, ӣ гуна ва ба ӣ кунат будани Дасторхон ва Гайратиро дарозтар фаъолиятанат даркор аст; агар барои ин шер шарафро фарогирӣ, албатта талаф хоҳад шуд, зеро бигзонӣ дар одатон шер ва дар кас дар шуҳрат ифтода ба нурӣ кунӣ истодад Аммо бояд дар замон он ҳадар шуҳрат надошта бихад, бинобар ин ман гуфтам ҳамчун ин ва шарф ту кард истодам

— Албатта, истодам, ба сафед шудан рӯз ба тарафи Хатлон Хуш рафтан мехоҳам,— гуфт Гулнор Занги шер шудани бошӣ театр хеле шуд. Дилгушод аст, ки ба тамошо равад. Гулнор зуд бозгашто гуфт.

— Ба ман ман ва талабе ояд

— Ӣ талаб?

— Ман пешиб дар ин ҷо ва ин шери ғалатперо диданам: аввал ин бозигарон бароз бошӣ театр талаб мекунанд, дар натиҷа онҳо ва дами чиптаҳои ройгон ба талаб дармеоянд ба сурати ин ҳунарҳо кунӣ 10-сола шуда бармеоянд. Агар истодам, шояд ман ба сурати ин ҳунарҳо 10-сола дарозтарро ба рох андозам

— Хайр ту,— гуфт Дилгушод хандакунон.— ба чашми ман ва дар гуна ҳунарҳо 10-сола кунӣ?тар ва хобтар?, ин ғалатперо ӣ дидаи аст?

— Ба назари ту эҳтимол ҳамин тавр бошад, аммо

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба назари босмачиён аз ман то духтари 18-сола фарқ бисьёр аст ва бо ин тадбир ба мақсад зудтар мерасам.

— Дар он ҳол мабодо ба ту зараре расонанд.

— Барои ноомади кор ба ман як ханҷар ёфта диҳӣ, кифоя аст.

— Магар мехоҳӣ, ки дар ноомади кор ба синаи худ ханҷар занӣ?

— Не, худо накунад, ба ин синае, ки дар вай муҳаббати ту ҷойгир шудааст, ҳеҷ гоҳ ман бо дасти худ ханҷар нахоҳам зад; агар ин корро раво медонистам, кайҳо ман талаф мешудам; ханҷар барои он аст, ки дар ноомади кор бо вай худро нигоҳдорӣ кунам; агар рост ояд, онро ба синаи душманони ту, душманони худам ва душманони бечорагони тоҷик занам.

— Бисьёр хуб,— гуфта Дохунда ба ин таклифи Гулнор ҳам розӣ шуд, ҳар ду аз баҳри тамошои театр даргузашта дар пушти саҳна ба чодири сартарошӣ даромаданд.

XXXI. ДУХТАРИ МУЛЛО ЧОРТОРӢ Ё ШОҲСАНАМ

Аз тарафи Сағирдашт ба тарафи Қалъаи Хум нигоҳ карда як савор асп медавонид; вақте ки ба Қалъаи Хум наздик расида омад, аз чӯйчае, ки аз чашмае равон шуда меомад, аспи худро об доданӣ шуда аз роҳ бозистод; дар вақти об хӯрда истодани асп, ба гӯши савор аз тарафи чашмасоре, ки атрофашро сабзаву себаргаву лолаҳои кӯҳӣ фаро гирифта буданд; нолаи ҳазинонаи касе расид, ки бо нағмаи тор ғазалхонӣ мекард:

— Дар кӯҳу дар дашт
Лола расида,
Дар боғу дар кишт
Сабза дамида,

Бингар ба ҳар ҷо
Ҷуз хотири мо
Боди муроди
Шодӣ вазида

Э боди хушбӯй!
Аз вай хабар гӯй!
Оё нигорам
Ояд давида?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Ба инҳову ман
Ба ту ҳеҷ кас
Ё кунӣ ман
Ё мурда ман

Дили сенор бо шунидани ин суханҳои сабзи бехабар шуд, сари ҳеҷ кудо ба тарафи чашмгир гардонда рафт ва дид, ки як духтари тақрибан 18-сола сандалии чортарафро ивазкунӣ истода, гуё ки ин ба сенор хабар надорад, ҳеҷ кудо нигоҳашро тар намекард.

Ҳамчи ба дар ин ҷо чӣ кор кардӣ?

Ин суханҳои сенор духтарро аз худрафтаро ба ҳуш ҳуд бозовард ва чортори кудо ба ҳеҳи ҳандид.

— Гарибе шутаҳмалӣ, — гуфт,— ба падари ҳуд ҳар ду ба ҳаҳти расидаи ба бозгоҳи шабеҳатони Дарвоз ба ин сарҳавзи гузашта будӣ, падарат дар ҳад кафт кард ва ман тасо ҳамда ранҷур гуи кардам, ҳамд ҳаҳмат, ки ҳуҳ ба ҳуҳ, дашт ба даст ҳалқунии шикастаи

— Ҳамаи ҳаст ба падарат чӣ ҳам дашт?

— Ҳеҳи ман Шоҳсанам аст, аторҳи ҳаҳи аслаи падараи Шоҳгуҳ ҳамад ҳаҳ. Ба сабаби тарҳаҳҳамаи ҳуро нарҳуи Мулло Чортори шигуфтаи ва ба ин дилаб шуҳрат дафа буд

— Ҳамаи ҳуҳ,— гуфт сенор,— ҳаҳ ба гушти ман сенор шав ба бозгоҳи шабеҳатҳаҳ шарҳамам

Духтар кори кудо ба даст гирифта ба сӯи сенор шуд. сенор ҳеҳи кудо ба тарафи Калъаи Хум нигоҳ карда рафт.

Сенор ба Калъаи Хум расида ба ҳаҳам, ки бегаҳаҳи дар ин ҷо ҳеҳиҳа дидаҳам, аз ҳеҳ фурсата ва духтарро дар гӯшаи гузашта ҳуд ба ҳиҳат, ки курбошиҳи ҳаҳиҳта будам, дарҳам

— Ҳаҳ, Мирзо Аскар! Чӣ хабар овардӣ? — гуфта Дилшодҳон аз ҳеҳа ҳурҳа

— Хабар ҳеҳи ҳаҳ, ки бахшидаҳам ба ҳтоҳти маҳҳи ҳо рафта ҳаҳҳаҳ. сенор шутаҳ дар ҳаҳиҳат аз сари сандали бехабаҳгоҳ гузашта бошад, ба ҳилу ҳол ба ҳаҳ падар аз ҳарҳам ҳуд ҳеҳа ба ҳо тар дил ҳамад шигуфта

— Гуё аз дастам чиҳ, ки ҳеҳ аз ҳо дар падараҳ

— Бахшидаҳам, — гуфт Ғафуртам, — ҳуҳбахтаро ҳам шутурдаҳаҳ. гуфт ҳудаҳтам ҳеҳа дар ҳайдаҳ падараҳ ҳамаи ҳар ҳамад, ҳамаи дар ҳуҳтам ҳа, ки ҳар ҳа-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

рафаш бо қалъаҳои худоофарид мустаҳкам шудааст, агар аз теғаи кӯҳе сангеро ғелонем, ҷавоби сад тӯпу пулемётро медиҳад, чӣ кор карда метавонанд.

— Сиддиқбек қӯрбошӣ,— гуфт Диловаршоҳ,— ҷавонони далери ҷанговарро бурда гузаргоҳҳоро посбонӣ кунад, мо бояд ба ин дӯғҳои хушку холӣ осоиши худро аз даст надиҳем ва дар паи хурсандии худ бошем.

— Агар ҳазрати шоҳ ба базм ва хурсандӣ майл дошта бошанд,— гуфт Мирзо Аскар,— як шикори шуғнонии чорторнавоз ҳам ба даст афтод, ки базмро мувофиқи табъ гарм хоҳад кард.

— Ин ҳам доди худост, зуд базмро тайёр кун! — гуфт Диловаршоҳ ба Мирзо Аскар.

* * *

Шаб дар ҳузури Диловаршоҳ ва Ғайратшоҳ маҷлиси базм ороста гардида буд; духтари Мулло Чортории шуғнонӣ тор менавохт ва ғазалхонӣ мекард; як тоҷик думбак зада усули нағмаи торро нигоҳ медошт ва дар навбати худ бо духтар ҳамовоз шуда ин ҳам ғазал мехонд ва нақш мегуфт. Базм гарм шуд, мӯи диловези духтари шуғнонӣ, ки дар вақти бо рез навохтани тор ба рӯяш афтода меларзид, ҳисси ҳайвонии Диловаршоҳро бедор кард ва хост, ки муддаои худро бо ғазалхонӣ ва бадеҳагӯӣ ба духтар пешниҳод кунад; думбакеро ба даст гирифт ва бо нағмаи чортор ҷӯр карда ба бадеҳагӯӣ даромад:

Диловаршоҳ:

— Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ (мешавӣ)?

Духтар:

— Намшам (намешавам)?
— Ҷони мо мешӣ?
— Намшам!
— Они мо мешӣ?
— Намшам!

Диловаршоҳ:

— Қанду асал лабони ту,
Ширу шакар забони ту,
Ғунчаи гул даҳони ту,
Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?

...ozoda@gmail.com

[illegible]

Дуктер

— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]

Диаметрини тирй аниқла

— Сайд Сафаровнинг оиласи.
Дилан Ваҳобовнинг оиласи.
Бир ой ичи, икки оиласи.
Ой дуктер Ирлан Чоршов.
Ҳеч ким йўқ.

Дуктер

— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]

Диаметрини қайси вариантга тўғри ёзилган

Ҳеч қандайсида.
Дуктер икки хилда.
Диаметрлари тенг.
Ой дуктер Ирлан Чоршов.
Ҳеч ким йўқ.

Дуктер

— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]

Диаметрини

[illegible]
— [illegible]
[illegible]
[illegible]

Дуктер

— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]
— [illegible]

Диаметрини ва симларини ва дуктер дер газий оқим ва дуктерда ҳа ва ой оқими дуст ҳа қайси оқимлари ҳеч бирда ўзаро дуст эмас. Дуктер дан чиқиш ҳа оқими пулсиз ва дуст дер бирдан ҳа қайси ҳа оқимлари ҳеч ўзаро ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

рафаш бо қалъаҳои худоофарид мустаҳкам шудааст, агар аз теғаи кӯҳе сангеро ғелонем, ҷавоби сад тӯпу пулемётро медиҳад, чӣ кор карда метавонанд.

— Сиддиқбек қӯрбошӣ,— гуфт Диловаршоҳ,— ҷавонони далери ҷанговарро бурда гузаргоҳҳоро посбонӣ кунад, мо бояд ба ин дӯғҳои хушку холӣ осоиши худро аз даст надиҳем ва дар паи хурсандии худ бошем.

— Агар ҳазрати шоҳ ба базм ва хурсандӣ майл дошта бошанд,— гуфт Мирзо Аскар,— як шикори шуғнонии чорторнавоз ҳам ба даст афтод, ки базмро мувофиқи табъ гарм хоҳад кард.

— Ин ҳам доди худост, зуд базмро тайёр кун! — гуфт Диловаршоҳ ба Мирзо Аскар.

* * *

Шаб дар ҳузури Диловаршоҳ ва Ғайратшоҳ маҷлиси базм ороста гардида буд; духтари Мулло Чортории шуғнонӣ тор менавохт ва ғазалхонӣ мекард; як тоҷик думбак зада усули нағмаи торро нигоҳ медошт ва дар навбати худ бо духтар ҳамовоз шуда ин ҳам ғазал мехонд ва нақш мегуфт. Базм гарм шуд, мӯи диловези духтари шуғнонӣ, ки дар вақти бо рез навохтани тор ба рӯяш афтода меларзид, ҳисси ҳайвонии Диловаршоҳро бедор кард ва хост, ки муддаои худро бо ғазалхонӣ ва бадеҳагӯӣ ба духтар пешниҳод кунад; думбакеро ба даст гирифт ва бо нағмаи чортор чӯр карда ба бадеҳагӯӣ даромад:

Диловаршоҳ:

— Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ (мешавӣ)?

Духтар:

— Намшам (намешавам)?
— Ҷони мо мешӣ?
— Намшам!
— Они мо мешӣ?
— Намшам!

Диловаршоҳ:

— Қанду асал лабони ту,
Ширу шакар забони ту,
Ғунчаи гул даҳони ту,
Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Духтар:

— Намшам!
— Чони мо мешӣ?
— Намшам!
— Они мо мешӣ?
— Намшам!

Диловаршоҳ зорӣ карда:

— Себи Сифоҳонат медихам,
Лаъли Бадахшонат медихам,
Хар чӣ хохӣ, онат медихам,
Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?

Духтар:

— Намшам!
— Чони мо мешӣ?
— Намшам!
— Они мо мешӣ?
— Намшам!

Диловаршоҳ қадре вазъияти ҷиддӣ гирифта:

Ман шоҳидарвозиям,
Амиру миру қозиям,
Диловаршоҳи ғозиям.
Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?

Духтар:

— Намшам!
— Чони мо мешӣ?
— Намшам!
— Они мо мешӣ?
— Намшам!

Диловаршоҳ:

Пиру чавон азони ман,
— Ҳукми равон азони ман,
Мулки чаҳон азони ман,
Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?

Духтар:

— Намшам!
— Чони мо мешӣ?
— Намшам!
— Они мо мешӣ?
— Намшам!

Диловаршоҳ аз инодкории ин духтар дар ғазаб омад ва думбакро ба як сӯ ниҳода даст ба қабзаи шамшери худ бурда рост хест. Духтар ҳам торро ба замин гузошта даст дар багали худ зада ба мукобили вай рост истод.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Диловаршоҳ:

— Теғи никор мекашам,
— Душману дӯст мекушам,
Шарбати васл мечашам,
Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?

Духтар:

— Озмой!
— Ҷони мо мешӣ?
— Озмой!
— Они мо мешӣ?
— Озмой!

Диловаршоҳ шамшерро аз ғилоф кашида хост ба духтар ҳуҷум кунад, духтар ҳам аз бағали худ ханҷареро бароварда хост ба тарафи синаи вай ҳавола намояд; Диловар даст ёзонда аз кабзаи ханҷар гирифт ва хост, ки онро аз дасти духтар даррабояд; дар хамин вақт тири милтики панҷтирае бо камоли даҳшат ба гӯшхонаи Диловаршоҳ омада расид, ки ҷо ба ҷо ба замин афтод; хонаро дуди снёхи бадбӯе фаро гирифт, чароғ хомӯш гардид. Аҳли базм ба ҳам бархӯрда милтиқҳоро ба даст гирифта ба тарафи омади тир нигоҳ карда диданд, ки боми ҳавлиро аскарони сурх фаро гирифтаанд; тири дигаре аз тарафи бом омад, лекин ин хато хӯрд.

— Дохунда! Худдорӣ кун, ки Гулнор талаф мешавад!

Пас аз баромадани ин овоз дигар аз тарафи бом тире наёмад ва аскарони сурх бе он ки милтиқ парронанд, худро аз бом ба даруни ҳавлӣ партофтан гирифтанд. Босмачиён ҳам барои дастгир шудани худ фурсат надода бо роҳи пинҳоние, ки худ медонистанд, аз торикии шаб истифода карда гурехтанд. Аммо хазина ва асбобҳои чандинсолаи аз тороҷ ҷамъкардашон ба дасти аскарони сурх монд.

Аскарони сурх ҳам аз дунболи босмачиён афтоданд; босмачиён мурда-мурда ба Ванҷ расиданд ва дар он ҷо охирин бор толеъозмой карда ба аскарони сурх мукобил истоданд; аммо дар натиҷаи як ҷанги сахт каси бисьёреро, ки яке аз онҳо Ғайратшоҳ буд, ба куштан дода, зиндамондагонашон ба Афғонистон гузаштанд. Пас аз он аз он ҷо милтиқҳои худро ба гардан андохта, омада ба ҳукумат таслим шуданд ва хамин тавр шуда аз Дарвоз то Помир аз босмачиён пок шуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XXXII. «МАКТУБИ ПУРҚИМАТ»

«ҲАЗРАТИ ИЛОҲ*

Ҷаноби ҷалолатмаоб вазоратпаноҳ нонби шарқии амири Бухорои шариф мир бӣ девонбегӣ лашкарбоши ғозӣ соҳибдавлатам салламаҳуллоҳ.

Баъд аз адои дуо ва салом чунон расонида мешавад, ки уммедгоҳо меҳрубоно ин ҷониб омада дар остонбӯсии ҷаноби олӣ ҳазратам мушарраф шуда саломатии ҷ но-би умедгоҳиамро расонида тортуқи марҳамат намоишонро супорида ҷаноби олӣ ҳазратамро аз ҳар ваҷҳ хурсанд намуда дар ҳаққи ҷаноби умедгоҳиам [illegible] дар ҳаққи аскарони ислом муҷоҳидони фисабилиллоҳӣ дуо гирифта дуоҳо намудам, у м е д г о ҳ о п у ш т у п а н о-ҳ о аз вақти ин ғулом ба рикоббӯсии ҳазратам мушар-раф шудан боз баъзе чизҳои хуш аз ҳар тараф сӯҳур шуд бинобар ин Косим тӯқсаборо дертар ҷавоб додам меҳрубоно панҷ давлат аз ғайри давлати ислом м[illegible]лан давлати Черман, Итолия, Амрико, Фиранса, Англез панҷ нафари инҳо иттифоқ намуда тухми бӯлшевикро нобуд кардан шуда эълони ҷанг доданд алҳол чанд адад шаҳр-ҳое ки дар хати собиқ зикр шуда буд аз дасти бӯлшевик давлати Усмония яъне туркҳо ва Кара Козимпошо ки ин ҳам аз ҷамоаи Туркия мебошад гирифтанд хоки давлати Усмония дар Фаранг буд ё дар рус буд ё дар Черман буд алҳамдулиллоҳ ҳама халос шуд А б д у л К а р и м п о ш-ш о ҳ и ғ о з ӣ дар вилояти Араб дар мулки Реф ва Яман аввалан босмачӣ шуда алҳамдулиллоҳ ба марҳамати илоҳӣ ҳамин вақт ду лаг аскари ҷангҷӯи фисабилиллоҳ пайдо карда аз ҳар ваҷҳ анҷоми туп пулемут ӯқ айруп-лон ҳеҷ камӣ надорад, ки дар байни аҳли насоро аз ка-дом тараф душман пайдо шавад тайёр буди ба иноати илоҳ ҳамеша зафар ҷониби ислом шуда истодааст. Мак-каи шарифро Мадинаи мунаввараро Ибни Сууд гирифт алҳол дар байни давлатҳои исломия иттифоқ шуд ки дар ҷамии мусулмонҳо як нафар халифа шудан даркор халифаи мазкур дар Маккаи муаззама будан даркор иттифоқи куллӣ шуд иншооллоҳ Султон Абдулмаҷидро халифаи исломия месозанд меҳрубоно аз худи шумо гап намемо-над бояд ки дар ҳар аскарбошӣ хат карда аскарро бисьёр намуда дуои фақиру фуқароро гирифта ба дуои ҷондароз-ии ҳазратам машғул бошед иншооллоҳ анқариб аст ки

---

* Айнан

ба муроди дил восил гардед м е ҳ р у б о н о аз тарафи большевик як нафар рус омад ки амири Бухороро бурда дар тахти салтанати худашон менишонем ҷаноби ҳазратам қабул накарданд марҳамат намуданд ки аввал аз вилоят барояд баъдаҳу мо аз дарьё гузашта дар вилояти Кӯлоб истиқомат намуда ноиби ҳуд девонбегиро Бухоро фиристода худамо Бойсун меравем ин навъ гуфтугузор шуда истодааст иншооллоҳ наздик аст ки корҳо ба итмом расад у м е д г о ҳ о як хат карда собиқ фиристода будам аз барои хати ваколат бояд ки фавран хати ваколат аз ҷамии аскарбошиҳо шавад ки моён вакили кул гардонидем мир бӣ девонбегиро ва низ аз худи шумо як хати ваколат ба номи ин ғулом шавад ҳамун хати ваколати аз аскарбошиҳо дар шумо мешудагӣ ва хати ваколати худи ҷанобашонро ҳамроҳи доранда Косим тӯксабо фиристонед ки ин ҷониб дар болои гифтугузор даркор мешавад албатта барвақт ишод кардан даркор арзи дигар ин ки Исмоилбег девонбегиро ҷаноби олӣ фиристоданд ҳамроҳи Милло Кӯри тӯксабо иншооллоҳ аз болои Бадахшон д а р шумо анҷом мепавад ҳар вақто ки дар шумо хат рафт ки ном надорад лекин тӯқсабо дорад донед ки вакили ҷаноби олӣ мебошад м е х р у б о н о дар Ҳоҷӣ Исмоил-девонбегӣ хат нашуда будааст дар ҷаноби шумо бисьёр дӯсти динӣ будааст ин ҷониб дар ҷаноби шумо як хат карда як дурбин ба ин ғулом дод азбаски роххо андак мухотара буд дурбини онро нигоҳ дошта хаташро фиристодем бояд ки ҷаноби шумо як хат карда ду чӯра алочаи ҳиб фиристонед албатта дар Ҳоҷӣ Исмоилбег фиристода мешавад дигар дар ҳеҷ кас хат кардан даркор не аз ғайри ин ду чӯра алоча шаш чӯра алочаи қаратоғ фиристонед ин ғулом дар ҷои даркориаш медиҳам.

Мӯҳри соҳиби мактуб: Мулло Муҳаммад Ниёзбег бӣ Иноқи калон 1344».

Пас аз ба поён расидани кори Анвар, Сомӣ, Фузайл ва шоҳбачагони Дарвоз Иброҳим Галлу худро «мустақил» эълон карда, бо машварати Саидбег тағоии амир шаст ҳазор тангаи нақдаи бухорӣ ва ду ҳазор сар гӯсфанди чорӣ, сесад сар асп ва сӣ сар шутур дода Мулло Ниёзро вакил ва Содиқ пучукро девонбегӣ карда ба Кобул ба пеши амири собиқи Бухоро фиристода буд, ки ин мактубро Мулло Ниёзи мазкур пас аз рафта расиданаш ба Кобул ба Иброҳим навиштааст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Иброҳимбег аз мазмуни ин мактуб бисьёр мамнун шуд, хурсандии аввал ин буд, ки «большевикон бе хеҷ гуна ҷангу ҷӯш мамлакатро холи карда ба амир месупоранд», хурсандии дигар ин буд, ки амир пеш аз худаш ноибаш Иброҳимбегро ба Бойсун ва Бухоро мефиристонам гуфта ваъда додааст; ба ин восита шаст хазор танган нақдан бухорӣ, ду хазор сар гӯсфанди чори, сесад асп ва сӣ сар шутур, ки бо тараки чабина аз факирони тоҷик ва лакай тороҷ карда ба Кобул фиристода буд, яке бар дах шуда ба кисааш медаромад.

Иброҳимбег ба мазмуни мактуби боло, ки ба шарх кардан хеҷ хочат надорад, хошияхо ва иловахо баста ба хама кӯрбошиёни атроф навишта фиристод: ба ин восита босмачиёнеро, ки як дараҷа ба маъюсӣ афтода дар паи таслим шудан буданд, «ба омади амир» ва «нест шудани большевик» умедвор карда дигарбора ба харакат эвард. Фондаи нақдаи ин «мактуби пуркимат» ба Иброҳимбег хамин буд.

Мактуби дигаре ба номи Иброҳимбег аз тарафи амаки амир Миракрам бинни амир Музаффар [133] омад, ки ин хам дар бораи «ба зудӣ нест шудани большевикон» мазмуни мактуби болоро таъкид мекард. Миракрам дар мактуби худ пас аз «мужда» расонихо дар як чо менавишт»: «Кӯри Шермуҳаммад, Фузайл Махсум ва бародараш ба холи табохе дар рохи Кобул хоб кардаанд», ин фирка хам барои дар майдони боздоштани босмачиёне, ки мехостанд ба хоки Афгонистон гузаранд, хеле фоидаманд шуд. Миракрам дар як чои мактуби худ чумлаи: «Бародаро ба хамаи амалдоршудагон аз чониби ман муборакбодӣ расонанд, иншооллоҳ муборакбодиро аз Мулло Ниёз хохем гирифт»-ро навишта талаберо дар миён оварда бошад хам, ин талаби вай бо як маблағе, ки аз босмачиёни амалдоршуда ба номи муборакбодии амаки амир гундошта фиристода шуда буд, адо ёфт ва ба хамин тарика ин мактуб назар ба мактуби аввал хеле арзон афтид.

XXXIII. ҲУКМНОМА

*«Меҳрубоно **

Як ҷуфт мӯза, дусад дона ӯқи мавзир, панҷоҳ дона тири наган, сӣ дона тири таппончаи ҳафттираи итолия-

* Айнан

E-mail: ziyozoda@gmail.com

гӣ фиристодаатон, ду чойники ангрезӣ, як қуттӣ қурс, бист дона кулӯча, чолвор як ойнак, се дона кулӯча чолвори хоссагӣ, умедгоҳо кулӯча-чолворро дар Абдураҳмони парвоначӣ фиристонед. Меҳрубоно як аризаи шукрона ҳам даркор умед аст ки як сад дона тиллои даҳсӯмӣ дар қаноби олӣ як сад дона тиллои даҳсӯмӣ то олуқи дари хона то харҷи рафтани ин ғулом фиристонед аз пули фиристодаатон чизе намонд дар вақти ин дой гиламанд бисьёр мебошад умед аст ки одамҳои рафтагиро барвақт фиристонед кулӯча, чолвори, кулаҳ-бороннок мавҷуд нашуд аз Пишовур таъин кардам иншооллоҳ худам мебарам худованд ба муроди аслии қанобашон ва қамии аҳли мӯъмин расонад омин дар вақти омадани банда Мирзододхоҳ набуданд чиз ҳам наоварда будем худашон се ҳаҷ кардагӣ як сад рупия фиристода як хат кунед дар удайчӣ ҳам ягон марҳамат карда фиристонед дар Шайх Соҳиб як хати чизҳо расидан кунед чиз фиристодан даркор не дар Ҳоҷӣ Мирзо хат кунед аммо чиз даркор не дар парвоначӣ ҳам хат кунед чиз даркор не ғайр аз ду кас дар дигар кас чиз даркор не. Розигии қаноби олӣ ҳам ҳамин агар пул дошта бошед чӣ қадар пул бошад ба ин ғулом фиристонед қои харҷи онро медонам таппонча ва ӯқ мебарам ассалому алайкум

Мӯҳр: Мулло Муҳаммад Ниёзбег
бӣ Иноқи калон».

Вақте ки мирзо ин мактубро то нақши мӯҳраш хонда ба поён расонид. Иброҳимбег ба вай гуфт:

— Хатро ин қо мон, рафта маҳрамро гӯй чилим биёрад,— ва худ пешонаашро бо даст гирифта ба андеша фурӯ рафт.

Як қавони тахминан 17—18-сола чилим андохта оварда ба пеши Иброҳимбег дузону нишаста наи чилимро ба даҳони ӯ дошт, Иброҳимбег чилимро болоиҳам панч-шаш қуллоб кашида ҳама дудашро аз димоғаш бароварда ва ба маҳрамаш, ки чилимро гирифта аз қояш бармехост:

— Холиқ тӯқсаборо гӯй, пеши ман ояд ва дигар касе надарояд,— гуфт ва худ боз пешонаашро гирифта ба андеша фурӯ рафт.

— Боз чӣ бало зад, кайфат паридааст,— гуфта Холиқ омада ба пеши Иброҳим нишаст.

— Шаст ҳазор тангаи нуқраи сараи бухорӣ, ду ҳа-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

зор гӯсфанди чорӣ, сесад асп, сӣ шутур — инхо ба гуфтан осон,— гуфт Иброҳим ва бо дасти худ ба синаи худ ишорат карда,— ин Иброҳим буд, ки ин қадар чизҳоро аз як мамлакати харобшуда, ба даст дароварда фиристода буд. Ҳамаи инхо ба коми наҳанг фурӯ рафт, ин бас нест, ки боз хӯнасӯхтаи Мулло Ниёз хат карда сад тиллои даҳсӯмӣ ба ҷаноби олӣ, сад тиллои даҳсӯмӣ барои худаш, сад рупия барои қадом як сеҳаҷкардаи фиребгар талаб мекунад; гӯё ки ман бача бошам ва маро фиреб медода бошад, чанд касро як-як помбар карда ба инхо чиз даркор не гуфта худашро ба ман давлатхоҳ нишон медиҳад, боз дар охираш мегӯяд, ки «ризои ҷаноби олӣ ҳам дар ҳамин аст, ҳар қадар пул бошад, ба худи ман фиристодан гиред, ман роҳи харҷашро медонам, тиру туфанг мехарам» гуфтааст; аммо як кулӯча чолвори кулаҳбороннокро, ки ман чанд бор пурсидаам, аз Пишовур оваронда доданро ваъда мекунад. Маълум мешавад, ки хамаи инҳо нияташонро гардондаанд, пештар ба мукобили ҳар пуле, ки фиристода мешуд, тиру туфанг меомад, аммо холо ба бадали шаст ҳазор тангаи нақдаи бухорӣ, ду ҳазор гӯсфанди чорӣ, сесад асп ва сӣ шутур, чизе ки фиристоданд, ба панҷсад танга намеарзад.

— «Тею (деҳу) талаб» гуфтаанд,— ба онҳо дидӣ, боз аз фуқаро мегирӣ, барои ин кор ин қадар шӯридан даркор нест, ҳеҷ чизро аз миёни худ намедидӣ, магар аз ёдат баровардӣ, дар вақтҳое ҳам, ки мову ту дуздӣ ва роҳзанӣ мекардем гап ҳамин буд, аз як тараф мезадем, мехӯрдем, аз тарафи дигар ба ҳоким, козӣ ва миршаб медодем, онҳо ҳам як қисм чизҳои аз мо гирифтаашонро ба амир ва ба аҳли рикобаш медоданд. Акнун ки худи ту ноиби ҷаноби олӣ шудӣ, лашкарбошӣ шудӣ, чаро чиз додан сахт мерасад; аз ёд набарор, ки хамаи ин мансабҳоро ту аз давлати ҷаноби олӣ ёфтӣ. Агар онҳо талаб накунанд ҳам, аз худ дониста дода истоданат даркор аст,— гуфт Холик.

— Ҳозир мамлакат он мамлакати пештара не. Акнун аз ин мамлакат чиз ёфтан басе душвор аст, аввал он ки гӯё дар ин мамлакат чизе намонда ҳамаро гирифтем, хӯрдем, ба амир ва ба одамони ӯ фиристодем, ба дасти боён ва молдорони калон чиз бошад ҳам, мо ба онҳо даст расонда наметавонем, зеро дар мамлакат ҳозир такьягоҳи мо танҳо ҳамин одамшавандагонанд; ҳаминҳоанд, ки моро аз чашми большевик пинҳон медоранд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Агар ба инҳо ҳам дастдарозӣ кунем, дар куҷо мемонем? Дуюм, аз бозе, ки Тоҷикистонро як ҷумҳурият эълон карданд, тартиби ҳукуматдориҳошон ҳам дигар шуд; пештар ҷадидон ҳамеша ба калоншавандагони мамлакат инъому эҳсон карда, умедашон ҳамеша ба тарафи онҳо буд; калоншавандагон бошанд, фуқароро зердасти худ карда, то мумкин аст, ба мо ёрӣ медоданд ва мо ҳам осуда ҳукмронӣ мекардем. Акнун бошад, ҳукумат ҳамаи умедашро ба тарафи пойбараҳнагони мамлакат монд; ба онҳо тухми кишт дод, гов дод, асбоби деҳқонӣ дод ва аз онҳо отрядҳо сохт, ки акнун худи фақирони мамлакат дар паи мо афтодаанд; ба ҷое, ки қадам монем, пеш аз он, ки ҷо гарм кунем, ба ҳукумат хабар мерасонанд ва касонеро ҳам, ки моро роҳ додаанд, дастгир мекунонанд; милтиқ бардошта пешопеши аскарони сурх медаванд; ҳатто беяроқҳошон ҳам «калтакдори сурх» шуда ба мо ҳуҷум мекунанд. Дар ин ҳол мо аз кӣ ва аз куҷо чиз ҷамъ мекунем? Шиками худро сер карда тавонистанамо бас нест, ки боз ба ҷаноби олиат фиристонем.

— Алимардон тӯқсабо омад, агар рухсат бошад, дароям мегӯяд,— гуфта маҳрам сухани Иброҳимро бурид.

— Гӯй, дарояд,— гуфт Иброҳим.

Алимардон бо чашмони пуроб салом дода ба хона даромада, давида рафта дузону нишаста дастони Иброҳимро бӯсид ва пас аз он пуштнокӣ ба поёни хона рафта ба гӯшае нишаст.

— Ҳа, чӣ гап, тӯқсабо? — гуфта Иброҳим ҳолпурсӣ кард.

— Пойлучони қишлоқи мо ба хукумат маълумотчӣ шудаанд, чанд рӯз боз ман аз дасти онҳо рӯй пинҳон карда мегаштам, дирӯз отряд оварда ҳавлии маро тала кунонданд. Пеши Абдулло додхоҳ рафта ин аҳволро гуфтам, «зӯри мо намерасад, ба пеши мири тӯпчибошӣ рав» гуфт. Агар ҳол ҳамин аст, зиндагонӣ барои мо басе мушкил шуд, мо бояд таслим шавем ва ё ба Афғонистон гурезем.

Иброҳим ба Холиқ нигоҳ карда:

— Ба ҷаноби олӣ ва Мулло Ниёз гӯй, омада ин корро илоҷ кунанд,— гуфт ва котиби худро чеғ зада:

— Ба Абдулло додхоҳ хат навис,— гуфт.

Котиб ҷузғири худро кушода қаламу коғазро ба даст гирифта дар сарлавҳаи хат ҷумлаи:

«Аморатпаноҳ Абдулло додхоҳро буда медорад ки»-ро навишта ба Иброҳим нигоҳ карда истод, Иброхим имло кард (айнан):

E-mail: ziyozoda@gmail.com

«Чанд нафар ҳавлии доранда Алимардон тӯқсаборо маълумот дода тала кунонида будаанд, бинобар он ба шумо огоҳӣ дода мешавад, ки ба расидани рақима ҳамун маълумотчиҳоро ёфта амволи тӯқсабои мазкурро гирифта дода худи он маълумотчиҳоро ба ҷазои қатл расонида чӣ гунагиро маълум кунед муаккад аст.

Боқӣ ассалому алайкум, санаи ҳичрӣ 1344».

Иброҳим пас аз тамом шудани хат халтачаи мӯҳрдони худро, ки ба дарунаш чанд дона мӯҳри калону хурд буд, ба пеши котиб ҳаво дода:

— Мӯҳр кун! — гуфт.

Котиб ба хат мӯҳрро пахш кард.

— Кадом мӯҳрро пахш кардӣ?— Иброхим пурсид.

Котиб хонд:

— «Мулло Муҳаммад Иброҳимбеги девонбегӣ тӯпчибошӣ лашкарбошӣ бинни Чақабой тӯқсабо».

Иброҳим:

— Дуруст,— гуфта мӯҳрдони худро гирифта ба кисаи худ андохт ва Алимардон хам «ҳукмнома»-ро гирифта баромада рафт.

XXXIV. ПОДШОҲИ БЕПОЙТАХТ

Дар кӯҳистони Боботоғ дар камари кӯҳе қӯрбошиёни босмачӣ бо муфтиаскарони худ ҷамъ шуда буданд: Абдуллобеги додхоҳ гуфт:

— Дар ин гуна замони инқилоб шуморо тасдеъ[135] дода ба ин ҷо ғун доштани мо сабаб дорад: мо аз рӯи ҳукмномаи ҷаноби тӯпчибошӣ Иброҳимбег барои ситонидани амволи Алимардони тӯқсабо ва ҷазо додани маълумотчиён як даста чавононро ба қишлоқи вай фиристода будем; вақте ки инҳо ба қишлоқ расида оташ мезананд, дастае аз отрядони фуқаро ва мардуми калтакдор пайдо шуда ба инҳо ҳучум кардаанд; дар ҷанг каси бисьёре аз мардуми қишлоқ ва ду нафар аз аскаронамо кушта шудаанд, бо вуҷуди ин аскарони мо чанд асп ба даст дароварда халос шуда омаданд. Ман ин маъниро ба мири девонбегӣ ва лашкарбошӣ арз карда, яке аз он аспҳои ба ғанимат афтодаро тортук намуда бо Ҳимматалӣ тӯқсабо фиристода будам, аз мир дар ҷавоби он аризаи ман як хат омад, ки ба номи ҳамаи моён аст,— гуфта Абдулло додхоҳ ба хондани ҳат даромад (айнан):

E-mail: ziyozoda@gmail.com

«Фазилатпаноҳон дуогӯёни ислом муфтиаскарон ба Мулло Абдулқайюми судур»

Аморатпаноҳон фидокорон Абдуллобег бӣ додхоҳ ва Мулло Аҳмад бӣ додхоҳ ва Паҳлавон додхоҳ ва Ҳайдарқули биро буда медорад ки ба марҳамати яздон ва ба шарафи давлати ислом аз ҳар вақҳ саломатӣ ва хотирҷамъӣ буда ба дуогӯии муҷоҳидони ислом шоғилем баъдаҳу ин ки фазилат ва аморатпаноҳоно чунончи рақимаи фиристодаатон ҳамроҳи аспи тарлон аз саҳобати доранда Ҳимматалӣ тӯқсабо омада расид ки мутолаа фармуда саломатӣ ва хайрияти ҳолотро дониста бисьёр хурсанд гардида дуоҳо намудем, ба хати саломатӣ кӯмак гуфта ифода намуда будаед мо ҳозир кӯмак фиристоданӣ будем ки моҳи сафарулмузаффар дохил шуда баъд аз моҳи сафар мавқуф монда бинобар он аз Шеробод ин тараф будагӣ аскарбошӣ бошад амр намудем ки дар дохили моҳи сафар роҳи телегрофро хароб мекунанд аз ин вақҳ ба шумоён низ огоҳӣ намуда будем лиҳозо[135] *саломатиро рақам фармуда иттилоъ дода мешавад, ки тоҷик ӯзбак як синф шуда ҳар коре ки бошад ба савобдиди якдигар намуда бӯзбала баходуронро дар як бӯлак ва дигар камғайратонро як бӯлак намуда шабона ба қишлоқҳо рафта озуқаро гирифта касони атрад додагӣ бошад ва ё хешу ақрабои атрад бошад гирифтугири сахт намуда баъзеи ӯро аз рӯи вафқи шаръи шариф ва ё аз рӯи сиёсат ба ҷазои сахт расонида ва низ номи маълумотчӣ бошад ёфта қатл фармудан гиред ва низ таъхир накарда роҳи телегрофро хароб кардан гиред сими мобайни пӯстхонаҳо бутӯн намонад ҷанг қатӣ душман соф намешавад иншооллоҳ ба хароб гардидани роҳи телеграф душман маҳв хоҳад шуд аскариягони бедилтарро дар як ҷо истироҳат фармуда бӯзбалаҳои бағайратро гирифта корҳои фармудагиро чӣ миқдор сахт гиред ва низ ҳар кадоми шумоён шертаркиби мардонасурат мебошед ризои худовандӣ шуда ду нафар шаҳид шуда алҳамдулиллоҳ дигарон саломатанд таваккал ба зоти илоҳӣ намуда аз соҳиби шариат ва аз азизон ва аз бузургворон истионат хоста ҷабҳаи мардонагиро даррав гирифта зуд-зуд роҳи телегрофро хароб карда одамони номашрӯаро ҷазо дода дуо ҳосил кунед изҳори мардонагӣ дар ин вақтҳо маълум мешавад банда аз модар омадан бояд мурдан аст акнун худо хоҳад вақти маҳв ва нобудии душман омадагӣ бисьёрҳо бетоқатӣ накунед ки ба андак фурсат ба*

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шодкомӣ восил шуда чандон-чандон хурсандиҳоро мебинед натиҷаи изтироби душман ин ки айроплон бутун барҳам хӯрда ба тарафи поёни ҷанги давлатӣ рафтагӣ мебошад асло камдилӣ накунед ба ҳамаи шумоён ҳофизи ,ҳол худованд бошад ҳар ҳафта хату хабаратон омада истад боқӣ ассалому алайкум 1344 ҳиҷрияи набавия.

Мӯҳр: Мулло Муҳаммад Иброҳимбег бӣ девонбегӣ тӯпчибошӣ бинни Чақабой тӯқсабо».

Мулло Абдулқайюми судур гуфт:

— Мусулмононе, ки атрад додаанд, ё атрад шудаанд ва ё хешу табори атрадшудагонанд, дар назари шариат муртад буда аз кофирон бадтаранд, бинобар ин бе ҳеҷ андеша онҳоро куштан ва хонаҳошонро сӯзондан даркор аст.

Мулло Аҳмад бии додхоҳ гуфт:

— Мо бояд ин фармоншро ба Ғаюрбег, Исматуллобег ва дигарон низ расонида ҳамаамо аз ҳама чо ва баробар сар бардорем, вагарна ягон-ягон ба дасти атрадони фуқаро афтода ҳама талаф мешавем.

— Ҳозир худи ҷаноби тӯпчибошӣ кучо бошанд? — гуфта Паҳлавон додхоҳ пурсид.

Ҳимматалӣ ҷавоб дод:

— Вақте ки хатро ба ман супориданд, дар дараи Гардани Ҷавзо буданд, ман ханӯз аз дара набаромада будам, ки аз як тараф як даста аскари сурх ва атрадони фуқаро пайдо шуданд; магар мир истода бо онҳо ҷанг карданро муносиб надиданд, ки бо одамони худ ба теғаҳои кӯҳ сиҳат ва саломат баромада рафтанд.

— Ҳозир подшоҳи мо бепойтахтанд гӯӣ-чӣ?—гуфта Мулло Абдулқайюми судур хандаи ҳазломезе кард.

— Бепойтахтӣ ба як подшоҳ айб нест, худо ҳам ломакон аст,—гуфта муфтии дигар таъсири бадеро, ки аз сухани мавқеъношиносонаи судур ба аҳли маҷлис рӯй дода буд, бартараф намуд.

Дар ин вақт ба як ногоҳ садои қарсо-курси милтиқ баланд шуд; ҳама ба даҳшат афтоданд, ин садо бо акси садои кӯҳсор ҳамроҳ шуда даҳшатро зиёда кард. Босмачиён сангҳоро сипар карда ба теғаҳои кӯҳ гурехтанд, тир ҳам монанди борон, лекин аз поён ба боло нигоҳ карда меборид. Аз миёни борони тир як босмачӣ муаллақзанон ба поён ғелида афтод. Дохунда, ки пешопеши фидоиён меомад, давида ба сари босмачии аз кӯҳ афтода ра-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

сид, ки Алимардон аст ва ҷон меканад. Дохунда пас як дақиқа ба рӯи Алимардон нигоҳ карда истодан:

— Ин ҷазои гуноҳи охирини туст, ки бечорагонро кушта қишлоқи худатро сӯзонда аз дасти мо гурехта будӣ, ҳайфо ки гуноҳҳое, ки аз ин пеш дар муддати умрат дар ҳаққи мо бечорагон карда будӣ, бе ҷазо монд,— гуфта бо душмани дерини худ видои охиринашро кард.

XXXV. МУСУЛМОНҚУШӢ

Соли 1925 бештарини меҳнаткашони Тоҷикистон хоҳ ӯзбек бошанд ва хоҳ тоҷик дар майдони муборизаи бо босмачӣ баромаданд; ҳатто фуқарои беяроқ ҳам калтакҳоро ба даст гирифта «калтакдорони сурх» гардида гурӯҳ-гурӯҳ шуда босмачиковӣ мекарданд.

Зиндагии босмачигарӣ сахт буд; агар рӯйрост дар ободӣ қадам мемонданд, ё кушта мешуданд ва ё дастгир; ин аҳвол пои босмачиро дар ларзиш оварда; аз як тараф фақирон даста-даста шуда худро ба дастаҳои фидоӣ менависониданд; аз тарафи дигар аз нафарони босмачӣ — онҳое, ки аз зарурат ва ё ки ба иғвои қӯрбошиён ва далолати муллоён фирефта шуда босмачӣ шуда буданд, панҷ-панҷ, даҳ-даҳ омада ба ҳукумат яроқашонро супурда таслим мешуданд.

Босмачиёнро маҷоли он намонд, ки рӯйрост ба майдон бароянд. Чӣ ҷои он, ки ба аскарон ва ё ба отрядҳои фидоӣ муқобилат намоянд. Босмачигарӣ ҷон меканд, аммо монанди он мор, ё каждуме, ки дар вақти ҷонканӣ сахттар неш мезанад; ба ваҳшоният даромад, дар ин бора Абдураҳмон парвоначӣ, ки ба тарафи Зиддӣ гуреза шуда мегашт, ба Холмурод ва Розиқ ном босмачиён ин мактубро фиристод (айнан):

«Нури чашмиён Холмурод ва Мулло Розиқ ва ҷамеи аскарияро буда бод ки доӣ ба тарафи Зиддӣ омада омади корҳои хайриятомези шумоҳоро дониста зиёда хурсанд гардида ҳар кас бад бошад ҳаволаашро дар худо кардем бинобар он огоҳӣ дода мешавад, ки дар ҳар куҷо ёру дӯстатон бошад ва милицияҳои мебаромадагӣ бошад хат ва таъин кунед ки бароянд ва низ милицияҳои тарафи Варзоб, Зиддӣ будагӣ Ғоиб ва Раҳматулло ҳамагӣ баромаданд қатӣ шуданд, агар ба доӣ фарзандӣ мекарда бошед ва аз худо ва шариат умед

E-mail: ziyozoda@gmail.com

дошта бошед, аз мусулмони бедин ва бедиёнати нияташ гаштагӣ ёфтагиатонро то панҷсад нафарашро қатл карда, молу амволаш ва хонаводаашро олов зада рафтан гиред асло риоя накунед албатта ва низ дар кӯҷо ки аспи хуб бошад дидед фаврӣ гирифта қабзи дасти худ намоед албатта зарур аст агар ба дой фарзандиро дареғ надоред, дар гапи дой амал намоед боқӣ ассалому алайкум.

Мӯҳр: Абдураҳмон парвоначӣ лашкарбоши гозӣ».

Иброҳимбег хам, ки дар кӯҳсори Сарсарак сарсарӣ мегашт ба муфтии судур, уламо, Абдулло додхох ва Хайдаркулӣ бӣ ин мактубро навишт (айнан):

«Фазилатпаноҳӣ ва муфтии судур дуогӯёни ислом аморатпаноҳон Абдуллобег додҳоҳ ва Хайдарқулӣ биро буда медорад ки ба марҳамати афзуни илоҳӣ аз ҳар ваҷҳ саломатӣ ва хотирҷамъӣ мебошад аморатпаноҳо рақимаи марсулдоштаҳотон омада расид, чигунагиро дониста аз хусуси шаҳодат ёфтани аморатпаноҳ Исматбег додхоҳ мутаассиф гардида ва парешонҳол шуда боз ба қазои илоҳӣ тан дода шукронаи бандагиро ба ҷо оварда аз оёти карима хонда дуои хайр намуда шуд худованди олам ба ҷавори раҳмати лоязолӣ шод кунод омин».

«Аскарияи тоҷикия аз рӯи хоҳиши калону хурд Хайдар биро ифода дошта будаанд хурсанд шуда аморатпаноҳи мазкурро ба ӯруни аскарбошигӣ таъин карда шуд бинобар он ба шумоён огоҳӣ дода мешавад ки ҳар дуятон як одам шуда аскарияро ҳуҷум карда илоҷе бошад то шаш моҳ ҳамроҳи куффор ҷанг нокарда мусулмонкушӣ кунед ба кадом мавозеъ хоҳ аз уламо хоҳ аз фуқаро номи ҳукуматро ба забон гирифта рағбат карда бошанд бутун қатли ом намуда хонаашонро оташ зада абтар гардонед чӣ миқдор ғайрат кунед ин кори шаръ аст эшони муфтӣ савол кунед фатво будагист ва низ Исматуллобегро се нафар шаҳид кардааст бояд ки элу авлод ва хешу ақрабои онҳоро тамоман қатл кунед ва низ аскарияҳотонро базарба карда аз Кӯлоб ва Кизилсу ва Кангурт кӯҳи Санглох ва кӯҳи Сарсарак ва кӯҳистони Сел ёфтагӣ мусулмонро ба қатл расонидан гиред тифоқ шавед аз саломатӣ ва чигунагӣ зуд-зуд маъ-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

лум намуда фиристонед албатта вассалом 1344 ҳ. набавӣ».

Мӯҳр: «Мулло Муҳаммад Иброҳимбег бӣ девонбегӣ ва тӯпчибошӣ лашкарбошӣ бинни Чақабой тӯқсабо».

Имрӯзҳо дар ҳақиқат ду синф рӯйрост ба муқобили якдигар ба майдон баромада буданд: босмачӣ, ки то ҳол ҳамаи ваҳшонияташро ба номи ҳимоят кардани мусулмонон мекард, рӯйрост ба мусулмонкушӣ даромада буд; албатта, ҳар мусулмонро намекушт, ҳатто «муфтии судур» ва «аморатпанэҳон-ро», ки инҳо ҳам мусулмон буданд; барои куштани соири мусулмонон — ҳар мусулмоне, ки «номи ҳукуматро ба забон гирифта бошад» ва ба ҳукумат «рағбат карда бошад», кор мефармуд. Табиӣ аз кадом табақа будани рағбаткунандагони ҳукумат маълум буд; инҳо оммаи васеи меҳнаткашон буданд: ки бо роҳбарии фирқаи коммунистӣ ва ҳукумати Шӯроӣ ва бо ёрмандии иқтисодии онҳо дуруст кардани зиндагии худро мехостанд.

Босмачӣ симои синфии худро чунон рӯйрост карда буд, ки баромадгоҳи иҷтимоии душманони худро ҳам намебахшид, куштани элу авлод ва хешу ақрабои кушандагони Исматуллобегро низ амр мефармуд ва бо ин кори худ аз «эшони муфтӣ» фатво мепурсид. Табиӣ, муфтӣ ҳам дар ин бора фатво доданро дареғ намедошт. Темур иноқ ном яке аз саркардагони босмачӣ ба чанд нафар фақироне, ки ба ҳукумат рағбат карда буданд, хат карда дар як ҷои мактубаш менавишт (айнан):

«То шумо падарлаънатҳоро ба қатл расонида аҳли байти шуморо асир карда оварда нобуд намекарда бошам дар дуньё як рӯз намегардам».

Фақирон ҳам, ки то ҳол ба кучо рафтан ва чӣ кор кардани худро намедонистанд, роҳбариҳои амалӣ ва ёрмандиҳои иқтисодии фирқа ва ҳукуматро дида дӯстро аз душман фарқ карда буданд; ба фақирон қаноат ҳосил шуда буд, ки барои дуруст кардани зиндагии осуда — нест кардани босмачиён ва тарафдорони эшон шарти аввал аст ва инро ҳам дониста буданд, ки нест кардани босмачиён бе иштироки оммаи васеи манфиатдор мумкин нест; ба сабаби ҳамин буд, ки омма ба муқобили босмачӣ барҳоста буд, ҳатто онҳое ҳам, ки аз ҳукумат ба дасташон яроқ нарасида буд, калтак ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

чӯбдастҳоро гирифта «калтакдорони сурх» шуда ба муқобили босмачӣ мебаромаданд. Фақирон гурӯҳ-гурӯҳ аз тарафи босмачӣ кушта мешуданд; аммо ин кушта шуданҳо хуни зиндамондагонро ба ҷӯш оварда, оммаро зиёдтар ба майдони мубориза мекашид; қишлоқҳо месӯхт, аммо ин сӯхтанҳо монанди сӯхтани шафақи шомӣ аз рӯзи равшани офтобноки оянда хабар медод.

XXXVI. ҒАЗАБИ ОММА

Санг аз паси санг омад,
Дохунда ба ҷанг омад,
Аз дасти фидоиён
Босмачӣ ба танг омад.

Дар кӯҳистон гул рӯяд,
Чӯпондухтар гул бӯяд,
Чирки босмачиёнро
Хуни босмачӣ шӯяд.

Абри найсон меборад,
Кофарниҳон мешорад,
Ин ҷавони қаҳрамон
Сари босмачӣ орад.

Дар соли 1925 меҳнаткашони Тоҷикистон ба муқобили босмачӣ барҳоста, бо роҳбарии фирқа ва ҳукумат ва ёрмандии аскарони сурх кӯҳу дашту дараро фаро гирифта буданд; омман бағазабомада аз Шолипоя то Файзобод, аз Ҳисор то Ромит ва аз Деҳнав то Шеробод босмачиковӣ мекарданд.

Босмачӣ ҳам охирини қуввати худро дар майдон андохта хун мерехт, деҳа месӯхт ва хонадон вайрон мекард.

Аммо оммаи бағазабомада, ки дар ин панҷ-шашсола босмачигарӣ аз ҳама чизаш ҷудо шуда буд, акнун аз ҳеҷ чиз наметарсид: акнун мехост душманони худро нест карда бо роҳбарӣ ва ёрмандии фирқа ва ҳукумати худ зиндагонии осуда барпо кунад: дар ин роҳ ҳар гуна монеъ бошад, аз миён бардоштан мехост; бинобар ин монанди касоне, ки ба тӯи арӯсӣ мерафта бошанд, ғазалхонӣ ва нақшгӯӣ карда ба ҷанг мерафт. Дохунда ба сифати як большевик пешопеши фақирон медавид ва монанди қаҳрамонони афсонагӣ:

Санг аз паси санг омад,
Дохунда ба ҷанг омад,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

гӯён худситоӣ мекард.

Оқибат ғазаби омма ғолиб омад: дастаҳои Ғаюрбег, Исматуллобег, Шарифбег, Батарбег ва 21 қӯрбошии дигар торумор гардиданд. Абдураҳмон парвоначӣ ҳам, ки дар кӯҳистони Зиддӣ гуреза шуда мегашт, аз ғазаби омма халосӣ наёфт ва дар Яғноб дастгир шуда сараш аз тан ҷудо шуд; Темур иноқ, Абдулазизи хонақоҳӣ ва чанд нафар қӯрбошиён онҳо несту нобуд гардиданд. Як қисм қӯрбошиён ва босмачиён аз дасти ғазаби омма ба танг омада, даст ба домони бахшоиши ҳукумат зада, бо яроқҳои худ таслим шуданд.

Акнун дар миён танҳо Иброҳимбег монда буд, ки монанди пайғамбари беуммат дар гирди худ ғайр аз чанд нафар наздикони худ касе надошт; Иброҳимбег намедонист. Имрӯзҳо ӯро танҳо теғаҳои кӯҳи абрногузар дар майдон монда буд, аммо дар куҷо будани ӯро касе ва дараҳои танги обногузар нигоҳдорӣ мекарданд.

XXXVIII. АНҶОМ

Тобистони соли 1926 дар кӯҳистони Сарсарак бар теғаи кӯҳе, ки дар он ҷо на об буд. ва на озуқа «Мулло Муҳаммад Иброҳимбеги девонбегӣ тӯпчибошӣ лашкарбошӣ бинни Чақабой тӯқсабо» бо бисту чанд нафар наздикони худ чор моҳ боз хобида буд. Ин ҳамон ҷое буд, ки Иброҳим Галлу аз ҳамин ҷо хуруҷ карда, ба мартабаи «тӯпчибошигӣ», «лашкарбошигӣ» расида буд; лекин ин вақтҳо ин кӯҳи сангдили сахтрӯ меҳрубониҳои пештараашро нишон намедод ва ба фарьёду зориҳои паноҳандаи худ ҳеҷ илтифот намекард. Охирин мояи зиндагӣ ҳам, ки аз як ҷувол гандуми бирьён беш набуд, ба поён расид.

Чора нест, бояд ки як аспи худро кушта хӯрем,— гуфт Иброҳим ба одамони худ. Аспро кушта тор кашиданд ва пӯсташро ҳам бо оби ҷӯш парт карда намак заданд. Аммо дер накашид, ин ҳам тамом шуд.

Дар рӯзе, ки охирин порчаи пӯсти аспро ҷӯшонда обашро ба ҷои шӯрбо менӯшиданд, Иброҳим ба одамони худ гуфт:

— Бо ин ҳол зиндагӣ мумкин нест; ду нафар ҷонсупор даркор аст, ки ҷони худро ба даст гирифта ба поён фурояд, шояд кути лоямуте ёфта барои мо орад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Як нафар ба ин хизмат талабгор шуда аз миён бархост ва даст пеш гирифта рухсат талабид.

— Офарин ба фидокориат,— гуфт Иброҳим,— агар дар замонҳои соҳибдавлатиам дар хизмати ман мебудӣ, туро ба ин ҷонсупориат дар як вилоят ҳоким мекардам. Ҳозир туро забонӣ «додхоҳ» кардам; ҳар гоҳ ягон порча коғаз ёбам, ярлиқи ин амалро ба ту медиҳам,— ва як нафар навкари кӯҳнаи худро ба вай ҳамроҳ карда рухсат дод.

Озуқачӯён аз чашм пинҳон шуда буданд, ки ба дили Иброҳим ҳавл афтод:

— Ҳай дареғ — сад дареғ, чаро ин одами навомади ноозмудро барои ин кор фиристодам; дур нест, ки хиёнат карда моро дастгир кунонад,— гӯён Иброҳим дурбини худро ба даст гирифта ва ба қуллаи кӯҳ баромада дар паси санге нишаста дидбониро пеш гирифт. Ҳар санг, ҳар сиёҳӣ ба назараш аскари сурх ва отряди маҳаллӣ менамуд. Дилаш меларзид ва оқибати торике ба назараш намоён мегардид.

— «Илочи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард»,— гӯён аз ҷояш хест, занони худро дар ҷое дуртар аз қароргоҳи худ — дар ҷое, ки соли гузашта зану фарзанди фуқарои отрядшударо ба он ҷо бароварда ба атрофашон посбон монда аз гуруснагӣ кушонда буд, ба дасти худ бурда пинҳон кард ва дубора дурбини худро рост карда ба роҳпоӣ даромад.

* * *

Дар гарнизони Сарсарак аҳволи пурташвише мегузашт:

— Чаро аз Дохунда дарак нашуд, агар зинда мебуд, бояд то ҳол меомад. То ҳол як ҳафта ғоиб шуда рафтани ӯро касе надидааст; мабодо ба сараш ягон фалокате рӯй надода бошад?

— Бо милтиқ рафта буд, ё бе милтиқ?

— Милтиқи ёздаҳтираи Ғаюрбегро, ки дар рӯзи кушта шудан наш ғанимат афтода буд, бо худ дошт.

Ин гуна гуфтугузори пурбиму умед ҳанӯз ба поён нарасида буд, ки пиёдае аз дур намоён гашт ва ҳамаи чашмҳо ба тарафи ӯ дӯхта шуданд; як нафаре, ки бо дурбин менигарист;

— Худаш, худи Дохунда аст,— гуфт ва илова кард,— ба дасташ ду милтиқ дорад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Пиёда ба гарнизон расида омад, дигар ба касе дар бораи Дохунда будани ин пиёда шубҳа намонд.

— Чӣ гап? Чаро дер рафтӣ?

— Ин милтиқро аз кучо ёфтӣ?

— Даракашро ёфтӣ, ё не?

Дохунда ба ҷавоби ин саволҳо, ки аз ҳар тараф ва болои ҳам меомад, ҳамин қадар гуфт, ки:

— Ёфтам, аммо гурехтан маслиҳат набуд, имрӯз баҳонае ёфта бо рухсати худаш баргаштам, касеро, ки ба ман ҳамроҳ карда буд, нобуд карда милтиқашро гирифтам, тайёр шавед ки фурсат аз даст наравад.

Аскарони сурх ва фидоиён дар даҳ дақиқа тайёр шуда ба роҳ даромаданд, ва пешопеши даста Дохунда

— Санг аз паси санг омад,
Дохунда ба ҷанг омад,
Аз дасти фидоиён
Босмачӣ ба танг омад.

гӯён тарона мекард.

Даста ба кӯҳпоя расида буд, ки Иброҳим бечо набудани шубҳаҳои худро донист ва ба кӯҳи Ҷилонток нигоҳ карда бадар кашд ва дар он ҷо 12 рӯз пинҳон монда бо як аспи худро хӯрд.

Даста ба он ҷо ҳам пай бурд; Иброҳим аз он ҷ гурехта ба Бешориғ ва аз он ҷо ба Сари Чашма рафт аз мардуми он ҷо губсар талаб кард, надодандаш; дас таи пешкунанда наздик расида буд; Иброҳим дид, к агар сустӣ кунад, дар паи губсар сараш аз даст хоҳа рафт, зуд гурехт ва ба Бешкаппа рафта бо 26 нафа ҳамроҳони худ дар охирҳои моҳи июни соли 1926 пс бараҳна худро ба дарьё зад, панҷ нафар навкараш а тирбороне, ки ӯро ба тарафи Афғонистон пеш мекар, ба дуруни дарьё талаф шуданд ва худаш бо 21 нафа навкари зиндамондааш ба Афғонистон гузашта, чор худро аз дасти мардум халос кард ва мардум ҳам а дасти ӯ халос шуда буданд*.

---

* Чунон ки маълум аст, Иброҳимбег баъдтар боз ба хо Тоҷикистон гузашта ғоратгарии худро давом дод ва дар тобистон соли 1931 аз тарафи дастаҳои Армияи Сурх ва фидоёни хал асир гирифта шуда ба ҷазои лоиқи даррандагиаш расонда шу буд. (Эзохи муҳаррир).

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҚИСМИ ПАНҶУМ

I. КАЖДУМИ ТАКИ БӮРЬЁ

Дар моҳи декабри соли 1926 шаҳри Душанбе бо як зинати аз одат берун ороста шуда буд; гӯё ки шаҳрро оин баста бошанд, ҳар тараф чу оина мусаффо буд; дар сар то сари кӯчаҳо шилшилаҳои коғазҳои рангорангро тор кашида, дар бандаргоҳҳо дарвозаҳои баланди сабзабандӣ шинонда буданд. Дар порчаҳои алвон шиорҳои «Зинда бод анҷумани якуми шӯроҳои коргар, аскар ва деҳқони Тоҷикистони мухтор!», «Зинда бод анҷумани барпокунандаи Тоҷикистони мухтори шӯравӣ!» ва «Зинда бод хӯҷанни Тоҷикистон»-ро бо хатҳои ҷалӣ навишта ба дару деворҳои идорахонаҳо ва гузаргоҳҳо овехта буданд. Дару бому хонаҳои хусусӣ ҳам аз ялавчаҳои сурх холӣ набуд. Шаҳр аз оянда ва раванда пур буд, чойхонаҳои сурх аз нағмаҳои рубобу танбӯру дутору думбак мечӯшиданд; клубҳо бо овози ғулғуланоки суханварон ки ба омма ҳисоби анҷумани якумро медоданд, мехӯрӯшиданд. Тасмаҳои кино, манзараҳои Маскави сурх ва лавҳаҳои ҷангу ҷидоли синфӣ ва ҳамватании СССР-ро ба пеши чашми ибрати тамошобинон менамуданд; карнайҳои радио нағмаҳои гӯшаҳои дурдасти дуньёро оварда ба гуши «чоруқпӯшонӣ кӯҳӣ» месуруданд. Маҳтобиҳои газӣ шабафрӯз ва чароғҳои электрикӣ торикисӯз буданд.

Дар ин шаб, ки аз рӯз равшантар буд, Дохунда ва Гулнор паҳлу ба паҳлуи ҳамдигар такья дода, бозу ба бозуи якдигар гузаронида то соати яки шаб шаҳрро гардиш карда, оқибат ба манзилгоҳи худ баргаштанд; манзилгоҳи онҳо яке аз хонаҳои бесоҳибмондаи Душанбе буд, ки пас аз тамом шудани босмачигарӣ бо рухсати

E-mail: ziyozoda@gmail.com

комхоз ба вай дару бастӣ карда дар он ҷо менишастанд.

Дохунда дар пеши хонаи худ дасташро аз зери бозуи Гулнор, ки ҳеҷ сар додан намехост, базӯр кашида гирифта, аз ҷибаки худ калидро бароварда, дарро кушод ва гӯгирде зада чароғро даргиронид. Хона аз ҷиҳати ин ки токҳояш аз чинивор ва равоқаш аз буғҷома холӣ буд, нимаврупоӣ менамуд, лекин ба ҷои фарш ва пол дар заминаш бӯрьёе андохта буданд, ки аз байни бофтаҳои он хокҳои дамида намоён шуда меистод. Як тарафи хонаро як кати чӯбини дукаса, ки ба болояш як ҷои хоби содда бо чойпӯши суф паҳн кардагӣ буд, зинат медод.

Дохунда чароғро ба рӯи курсичаи чӯбине, ки ба пеши кат истода буд, оварда ниҳод ва ҳар ду аз ғояти мондагӣ бе он ки либосҳои худро аз бар кашанд, пойҳои худро ба замин дароз карда ба лаби кат нишастанд Гулнор, ки паҳлу ба паҳлуи Дохунда нишаста буд, як дасти ӯро бо як дасти худ маҳкам гирифта дасти дигарашро аз пушт ба бағали вай гузаронид ва сари худро ба синаи ӯ гузошта бо чашмони нимпӯши хоболудаи ба замин дӯхтаи худ ба хаёлот фурӯ рафт. Дохунда ҳам, гӯё ки хаёлаш ба як кори муҳимме банд, бошад, чашми худро ба гӯшаи муқобили саҳфи хона дӯхта дар дарьёи андеша ғарқ шуда буд.

Гулнор қадаре ба худ омада чашми худро кушод, лекин бе он ки сари худро аз синаи Дохунда бардорад, гӯё ки палос ва бисоти хонаи худро тамошо мекарда бошад, бофтҳои хокдамидаи бӯрьёро як-як аз назар гузаронид ва гап сар карда:

— Дар кино сурати хонаҳои озода ва боғчаҳои зеборо дидам: дар он гуна хонаҳо зиндагонӣ кардан ба кас муяссар шавад?—гуфта орзуи дили худро ба ҳамхонаи умрии худ маълум кард.

Дохунда дар ҷавобгӯӣ дер намонд:

— Бобоён гуфтаанд, ки «хонем хоза бошад, дилам тоза бошад» дигар ин ки ҳоло...

— Вай мор не-мӣ?—гӯён фарьёд карда гӯшаи хонаро нишон додани Гулнор сухани Дохундаро бурид.

Дохунда бо як хез худро ба он гӯшаи хона расонида дид, ки дарвоқеъ мор аст ва мехоҳад, ки гурезад. Аммо азбаски аз сардии ҳаво карахт шуда буд, ба ҷуз дар зери бӯрьё гирифтани нимаи бадани худ дур рафта натавонист. Дохунда бо пойҳои мӯзадори худ аз рӯи бӯрьё сари морро пахш карда ду-се бор сахт молиш дод. Мор пас аз он ки якчанд дақиқа нимаи поёни бадани худро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

печу ҳам хӯронда аз ҳавли ҷон ба ҳар сӯ зад, ором гирифт.

Мор мурда буд; Дохунда бо як дасти худ аз думи мор гирифта бо дасти дигараш бӯрьёро бардошта хост мурдаи вайро аз таги бӯрьё кашад, ба назараш як ҷондори дигар намоён шуд, ки монанди сӯзанаки обӣ ба рӯи хок чолокона медавид.

— Гулнор! Чароғро пештар биёр! — гуфта Дохунда фарьёд кард.

Гулнор, ки аз тарси мор худро ба рӯи кат гирифта беҳиссу ҳаракат монда буд, Ёдгорро дар таҳлукамонда пиндошта бо як фидокории ишқбозона чароғро бардошта ба пеши вай давид.

Дохунда бо рӯшноии чароғ дид, ки аз он ҷондори ба назараш намуда асаре нест:

— Натарс! Кори морро тамом кардам,—гӯён ҳамчунон аз думи мор бардошта аз дар берунаш андохт:

— Кори морро тамом кардам, лекин гумон мекунам, ки дар таги бурьё каждуме ҳаст,— гуфт.

Гулнор чароғдорӣ мекард ва Дохунда бӯрьёро бардошта ҳар тарафи замини хонаро аз чашм мегузаронид, гумони Дохунда дуруст баромад: як каждуми сабзи калон, ки думаш тахминан 12 банд (буғум) дошт, саросемавор ба ҳар тараф медавид ва сари худро ба зери хок мехалонид, аммо роҳ намеёфт.

Дохунда ҳам аз дунболи каждум медавид; оқибат дар зери мӯзаи худ гирифта вайро ҳам поймол карда осуда шуд ва бӯрьёро ҷо ба ҷо тахт карда, боз бо Гулнор ба лаби кат рафта нишаста нафаси худро рост гирифт.

— Воқеаи ин мору каждум ҷои ибрат аст,—гуфта Дохунда гап сар кард ва ба сухани худ давом карда гуфт:—Дар анҷумани якум, ки дирӯз тамом шуд, ман аз аввал то охир ҳозир будам; суханҳои ҳамаи маърӯзачиён ва ба музокира баромадагонро бо диққати тамом гӯш кардам; ҳамаи суханҳо тахминан ба ҳамин мазмун буд: «мо босмачиёнро, ки монанди мор ба назар намоён буданд, нест кардем, аммо он гурӯҳ ва синфе, ки босмачиён намояндагони онҳо буданд, ҳанӯз ҳастанд, монанди каждуми таги бӯрьё бе он ки ба назари мо худро рӯйрост нишон диҳанд, заҳр мезананд, барои ҳар гуна пешрафти мо монеъ мешаванд. Мо бояд ин каждумони таги бӯрьёро тамоман нест кунем, то ки ба тартиби

E-mail: ziyozoda@gmail.com

социалистӣ аз сари нав сохтани мамлакат ба мо муяссар шавад.

Дохунда як дақиқа хомӯш монда боз ба ган даромад:

Гулнор! Ту нав аз фақирона будани хонаи худомон гӯё ки шикоят мекардӣ; ман гуфтанӣ будам, ки обод ва озода кардани як хона кори бисьёр осон аст; лекин мақсади мо ин дараҷа хурд нест; чунон ки анҷуман қарор дод, мо бояд ҳамаи душманонамонро, ки монеи ободии умумии мамлакатамонанд, нест кунем; баробари ҳамин, мо бояд мамлакатамонро монанди як хонаводаи обод ва озода, ки ҳама чизаш муҳайё бошад, аз сари нав созем, дар он вақт ману ту ҳам дар он хонавода монанди як аъзои он ба осудагӣ зиндагӣ хоҳем кард. Барои ба даст овардани ин мақсад бояд ҳамаамо бо як тартиби муайян ҳамеша кор кунем, кор омӯзем, хонем ва ёд гирем. Бинобар ин аст, ки ҳукумат аз як тараф корҳои калон сар карда, аз тарафи дигар чавононро ба Маскав ва Тошканд барин шаҳрҳои калони илмхона барои хондан фиристода истодааст. Агар ту ҳам розӣ бошӣ, ман мехостам ҳар ду бо ҳам барои хондан рафта чанд сол илм омӯзем; то ки бозгашта омада, барои аз нав сохтани хонаи худамон, яъне мамлакат бошуурона кор кунем.

— Ман ки ҳанӯз савод надорам, чӣ гуна барои хондан ба мактабҳои калон меравам?—гуфт Гулнор.

— Ин камбудиро дар шашмоҳ барҳам задан мумкин аст. Агар хоҳӣ метавонӣ дар шаш моҳ хату саводи хубе барорӣ. Маро намебинӣ, ки дар аввалҳои инқилоб худ ба худ хату савод бароварда будам, дар чангу чидоли бо босмачиён фурсати хондан нашуд; дар вақтҳои охирӣ мамлакат қадре осудагӣ ёфта мо ҳам ором гирифтем, кӯшиш карда маълумоти худро зиёд кардам, ҳоло метавонам ба мактабҳои миёна дароям. Лекин ин қадарҳо кам аст; бояд фаромӯш нашавад, ки барои дуруст кардани он харобиҳо, ки босмачиён ба сари мамлакат оварданд, бисьёр меҳнат, бисьёр илм ва бисьёр ҳунар даркор аст.

— Дар муддати босмачигарӣ мамлакат чӣ қадар зарар дида бошад?—Гулнор пурсид.

— Мамлакати мо пеш аз инқилоб ҳам он қадар обод набуд, аз ҳосили мамлакат танҳо амир, амалдорони ӯ, муллоён, эшонон, заминдорон ва чорводорони калон фоида мебурданд, насиби деҳқонони камбағал, чорьяккорон, панҷьяккорон мардикорон ва чӯпонон бошад, мех-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

нати снёҳ кардан буду бас, албатта, онҳое ки танҳо манфиати худро дар назар доштанд, дар обод кардани мамлакат кӯшиш намекарданд. Дар воқеан босмачигарӣ ахвол боз ҳам бадтар шуд.

Дохунда аз бағали худ дафтарчаеро бароварда ба вай нигоҳ карда гуфт:

— Аз рӯи ҳисобе, ки ҳукумат дар анҷуман дод, дар муддати босмачигарӣ киштукори мамлакат ва чорводорӣ қариб ним шудааст, ба болои ин, ҷӯйҳо вайрон, заминҳо майта, қишлоқҳо хароб шуда рафтаанд. Дар асл аз ин қишлоқ ба он қишлоқ, ё аз ин дара ба он дара вай ҳам танҳо дар фаслҳои тобистон бо як чӯб ё ованг (рафак) мегузаштанд. Дар замони босмачигарӣ инҳо ҳам тамом вайрон шуда мондаанд. Дар хонаводаи фақирон, ки бештари аҳолии мамлакат инҳоанд, порчаи палосе ва косаву табақе намондааст. Агар дар як қишлоқ як деги лабшикаста ёфт шавад, ҳамаи аҳли он қишлоқ аз вай истифода карда худро хушбахт мешуморанд. Худат ҳам ҳисоб кунӣ, дараҷаи харобкории босмачигариро ба осонӣ мефаҳмӣ, босмачигарӣ қариб шаш сол дароз кашид; вақтҳое шуд, ки шумораи босмачиён қариб ба сӣ хазор нафар расид. Инҳо аз як тараф мамлакатро сӯхтанд, хароб карданд ва аз тарафи дигар тороҷ карда ба айшу нӯши худ сарф намуданд, ба амирашон фиристоданд ва ба Инглисашон фиристода милтиқу тиру дору харидаанд. Ин гуна харобӣ ва тороҷи шашсоларо ҳисоб кунӣ аз ҳазор миллион сӯм мегузарад. Мамлакате, ки ҳамаи мардумашро ҳаштсад ҳазор нафар тахмин мекунанд, аз таҳти ин ҳама хароҷот ва харобӣ ба чӣ ҳол шуда мебарояд ва барои обод кардани ин гуна мамлакати захмдида чӣ қадарҳо меҳнат ва пул сарф кардан даркор мешавад.

Ана ҳамин гуна аҳволро ба назар гирифта камарбанди ҳиммatро ба миёни меҳнат маҳкам бастан даркор аст.

II. РОҲИ ОҲАН

Дар роҳи оҳани Тирмиз-Душанбе оташароба бо камоли ҳашамат ва шавкат ҳаракат мекард; дашт бо он пахновории худ ба пеши гавак кашидани ин қатори чобукрафтор танг менамуд; кӯҳ бо он азаматии худ, аз шеҳакашиҳои ин аспи бодпои оташниҳод ба фиғон меомад, кӯҳу биёбон барои ҷавлони ин корвони маданият яксон

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шуда буд, дараву дашт барои гузаштани он чун кафи даст ҳамвор гашта буд. Оре, дасту бозуи пурзўри меҳнаткашон аст, ки дараҳои чуқурро пур карда кўҳҳои баландро бурида барои пешрафти олами инсоният роҳ кушода буд. Дар ин кўҳҳо, дар ин кўталҳо, ки пеш аз ин чанд сол ҷавлонгоҳи босмачиёни ваҳшӣ буд, осори маданият қадам гузоштааст ва он ҳама воқеаҳои хунин, дар саҳифаҳои таърих гузаштааст; танҳо хотираҳои пурдаҳшат бинандагони он фоҷиаҳоро монанди хоби паришон аранг-аранг дар ёд мондааст:

— Ин ҳамон дараест, ки мо дар ин ҷо бо дастаи Абдулло додхоҳ як ҳафта ҷангида бо қурбон кардани чанд нафар ҷавонони фидокор бошад ҳам, оқибат парешонаш карда будем.

— Ин ҳамон камарест, ки мо дар ин ҷо шинак карда то омадани мадад худҳоморо аз ҳуҷуми Мулло Аҳмад бии қўрбошӣ нигаҳдорӣ намудаем.

— Ин ҳамон қуллаест, ки босмачиён дар ин ҷо нишаста ба мо тир холӣ мекарданд, мо сангҳоро ба рўи худ сипар карда қадам ба қадам боло баромадем; оқибат босмачиён шикаст хўрданд, баъзеашон аз сари қулла ғелида ба пои худ аз дунъё рафтанд, баъзеашон бо сарнайза ва шамшери мо кушта шуданд; каме аз онҳо гурехта зинда халос шуда бошанд ҳам, ба ғайр аз таслим шуда милтиқҳошонро супурдан чораи дигаре наёфтанд

— Ў-вв, он хонаҳои сафеди қатори дудкашдорро, ки гирдогирдаш майдони васеи пахтакорӣ аст ва як тарафаш боғчаи нави сабз аст, дидед? Ў-вв, ба он дарахти калони бешоху барг ҳам диққат кунед. Ин ҷо як қишлоқи обод буд; босмачиён ба гуноҳи ин ки аҳолиаш аскарони сурхро ба худ роҳ додаанд, ин ҷоро сўхтанд ҳар касеро, ки аз марду зан, пиру ҷавон, хурду калон ба дасташон афтод, куштанд. Пас аз барҳам хўрдани босмачиён дар ин ҷо колхози пахтакорӣ барпо шуд. Ои иморатҳо, ки мебинед, мактаб, клуб, қироатхона ва машинахона аст, ки мувофиқи зиндагонии нав сохта шудаанд. Аҳолии ин ҷо қишлоқи худро бо усули тоза аз сари нав сохтаанд, ки ҳама якҷоя кор мекунанд. Ҳоло аз ои кушокушиҳо ва сўзосўзиҳо дар ин ҷо асаре намондааст танҳо он дарахти калони бесар, пас аз сўхтани шохбаргаш танаи хушке шуда мондааст, ки монанди ягёдгории пуралам, гузаштаи фоҷиадореро ба ёди ибратояндагон оварда истодааст...

Равандагони поездсавор, ду-ду, сарҳои худро аз да

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ричаҳои вагонҳо берун карда бо якдигар ингуна хотиргӯй мекарданд.

Қатори вагон дар чавлон буд; дашту дара монанди хотираҳои нишинандагони он дар акиб мемонд, торафт монанди як ояндаи дурахшон ба пеши назар манзараҳои хуши дилрабо, киштзорҳои дилкаши зебо мебаромад; дар ҳар истгоҳ аз равандагони вагонсавор чанде поин фуромада ба чои онҳо чанде дигар мебаромаданд; поезд монанди аробаи олами инсоният, ки сайри чаҳон кунад, ҳамчунон пур буд.

Дар яке аз истгоҳҳо як марду як зани миёнсол, ки ба тани худ либосҳои аврупой доштанд, аз вагон фуромаданд.

— Агар дар тахмини худ хато карда бошӣ, ташвиши муфт мекашем,—гуфт зан ба мард.

— Хотирҷамъ бош, ки ин тахмини ман хато намебарояд: ман ин чоҳоро вачаб ба вачаб медонам.

— Хуб, ин тавр бошад, равон шав зудтар ба манзил бирасем.

— Равон шав!

Марду зан дар ҳолате, ки ба дасти яке чамадончаи дастӣ ва ба дигаре як сумкаи занона буд, пиёда ба роҳ даромада ба тарафе рафтанд ва дар чанд дакика аз назари бошандагони истгоҳ ғоиб шуданд.

III. ДАРАИ НОШИНОС

— Аз рӯи тахмин бояд баромадгоҳи Дараи Ниҳон ҳамин чо бошад, аммо ин чо ҳоло ба он чое, ки тахминан бист сол пеш аз ин дида дар вакти чангу чидоли бо босмачиён борҳо ин чо омада сангҳояшро ягон-ягон шумурда будам, ҳеч монандӣ надорад,— гуфта марде, ки аз вагон фуромада меомад, ба зане, ки ҳамроҳи худаш буд, тааччубашро маълум кард.

— Нагуфтам, ки агар дар тахмини худ хато карда бошӣ, ташвиши муфт мекашем, ҳоло маълум мешавад, ки дар тахмин хато кардӣ,—гуфта занак сарзаниш кард.

— Не, мумкин нест, ман якин дорам, ки роҳи Дараи Ниҳон аз ҳамин чо буд, лекин тааччуби ман дар ин чост, ки чаро аломатҳо дигаргун шудаанд.

— Ачаб нест, ки аломатҳояшро фаромӯш карда бошӣ.

— Не, Гулнор!—гуфт мард,—ҳар чизро фаромӯш карданам мумкин аст, аммо аломатҳои Дараи Ниҳонро,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ки ҳам саодати ман ва ҳам фалокати ман аз ин ҷо сар шудааст, фаромӯш кардanam мумкин нест: вақте ки ман аз дасти Азимшоҳ гурехтам, паноҳгоҳи ман Дараи Ниҳон шуд; бо ту ҳам дар ин ҷо шиносо шудам; ба дасти Алимардон ҳам дар ин ҷо гирифтор гардидам; оқибат дар вақти ҷангу ҷидоли бо босмачиён ба Алимардон ҳам дар доманаи кӯҳи Боботоғ, ки ба Дараи Ниҳон мепайвандад, ғолиб омадам. Чӣ шуд, ки дар ин чанд сол ҳамаи аломат ва нишонаҳои он ҷо якбора фаромӯш мешавад.

Марде, ки Дохунда будани он аз нақли қисме аз саргузашташ маълум шуд, аз бағали худ дафтарчаеро бароварда аз даруни вай порчаи коғазеро гирифта ба вай як чашм андохт ва гуфт:

— Вақте ки дар мактаб дарси ҷуғрофия мехондам, аломатҳои Дараи Ниҳонро ба хотир оварда як харитачаи тахминӣ кашида будам; аз рӯи ин харитача ҳам дар ҳамин ҷо будани Дараи Ниҳон маълум мешавад; танҳо он нишонаҳое, ки дар харита ишорат шуда буданд, дар ин ҷо нестанд. Нишонаи калоне, ки дигаргун шудааст, роҳ аст, роҳи Дараи Ниҳон зиёда пурпечу ҳам буд, баъзе ҷойҳояш дар ҳолате буд, ки гузаштани аз он ҷойҳо басе душворӣ мекард; ҳоло мо роҳи рости калони аробагузарро мебинем.

— Хуб, рафтан гирем, оқибаташ маълум мешавад,— гӯён Дохунда дафтарчаашро дар бағал гузошт ва бо рафиқаи худ пеш рафтан гирифт. Ҳанӯз панҷсад қадам дигар роҳро тай накарда буданд, ки Дохунда тахтасанги калонеро дида шодикунон:

— Ҳар чӣ як аломаташ пайдо шуд,— гуфт,— ин ҳамон тахтасангест, ки ман пас аз халос шуданам аз дасти Азимшоҳ аввалин бор ба рӯи ин санг, бо осудагӣ хобида будам; пас аз барҳам задани дастаи Алимардон ва Абдулло додхоҳ ҳам ин ҷо омада бо рафиқон ба болои ҳамин тахтасанг нишаста нон хӯрда будем. Лекин дар он вақтҳо аз пеши ин тахтасанг бо роҳи оббурдамонанде гузашта ба дара даромада мешуд, ҳоло дар ин ҷо роҳи автомобильгузар пайдо шудааст. Дарвоқеъ ҳам ин ҷо автомобиль гузаштааст, нақши чарҳҳои он дар замин маълум аст,— гуфта Дохунда ба Гулнор нишон дод.

Пас аз қадре истироҳат кардан ба болои ин тахтасанги таърихӣ боз ба роҳ даромаданд лекин ҳар қадаме, ки мемонданд, тааҷҷуб ва ҳайраташон зиёда ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

шуд: роҳ торафт хубтар шуда мерафт, чӯйчаҳоеро, ки аз чашмаҳои кӯҳсор шорида аз ин пеш ба хотирхоҳи худ ҳар чо, ки мехостанд, мерафтанд, ҳоло ба як тартиб андохта обҳои парокандаро дар як чо сарчамъ карда аз онҳо як чӯи калоне ба ҳам расондаанд; ин чӯйро бо дарғотҳо ва даҳанаҳои сангкорӣ тақсим карда ҳар чо-ҳар чо ба киштзорҳо фиристодаанд; дар дара порчае ҳам замини майта ва нокорам намондааст. Дар байни киштзорҳо майдонҳои пахтакорӣ аз ҳама бештар диққатҳоро ба худ мекашиданд, ки пеш аз ин дар ин дара аз онҳо асаре набуд.

— Агар ман дар ин чо дар тахмини худ хато карда бошам,— Дохунда ба Гулнор мегӯяд,— магар дар ягон чои Тоҷикистон пеш аз ин ин гуна чоҳо буданд; пас маълум мешавад, ки бисьёр чизҳо дар ин чанд соли охирӣ аз сари нав сохта шудаанд.

Бо ин муҳокимаи Дохунда дар Гулнор ҳам дигар шак намонда буд, ки ин чо ҳамон Дараи Ниҳон аст, лекин ғояташ ин аст, ки аз сари нав ба тартиби хубе сохта шудааст, ба ҳадде, ки ба шакли як д а р а и н о ш и н о с даромадааст.

Равандагони мо тамошокунон пеш мерафтанд; ба чое расиданд, ки чавоне аз алафзоре алаф медаравид. Лекин алафҳои ин чо ба юнучка, ё ба дигар алафҳои худрӯ монанд набуданд, балки монанди буттаи гули қачқарӣ баргҳои парродори аррагӣ доштанд.

Дохунда аз чавони даравгар:

— Ин чӣ хел алаф аст? — гуфта пурсид.

Чавон аз чои худ рост хеста пас аз он ки сар то пои пурсандаи худро аз назар гузаронид, гуфт:

— Маълум мешавад, ки ту инчоӣ нестӣ; агар инчоӣ мебудӣ, дарахти тутро аз алаф фарқ мекардӣ.

Дохунда аз сарзаниши чавон андаке дигаргун шуда боз пурсид:

— Пас чаро инҳоро монанди алаф дарав мекунӣ?

— Ду сол аст, ки— гуфт чавон,— дар қишлоқи мо кирмакдории намунагӣ кушода шудааст; бо нишондоди донишмандони пиллагирӣ дар ин майдон тухми тутро алафвор ғӯлӣ карда киштем; ҳар сол ниҳолчаҳои тутро монанди алаф дарав карда ба кирмак мехӯронем; аз таҷрибаи дусола маълум шуд, ки кирмакҳо назар ба баргҳои тутҳои калон, баргҳои ин гуна ниҳолҳои навхезро бехтар ва хубтар мехӯрдаанд; нафъи дигари ин гуна

E-mail: ziyozoda@gmail.com

тутзор ин аст, ки назар ба дарахтзори тут меҳнат барои ин замин камтар меравад.

Дохунда оҳиста ба гӯши Гулнор гуфт:

— Маълум мешавад, ки қишлоқ аз мактаб пеш рафтааст: мо се сол боз дар ин мактабҳои миёна хонем ҳам, аз болои ин гуна масъалаҳо сар-сарӣ гузаштем ва ҳол он ки ин ҷавони қишлоқӣ, ки савод доштанаш маълум нест, масъалаи кирмакдорӣ ва тутпарвариро аз мо беҳтар омӯхтааст, ҳатто ман ба пеши ин ниҳолчаҳои тутро аз алаф фарқ накарда шарманда ҳам шудам.

— Барои ёзида чизе хӯрдан дар ин наздикиҳо ҷое ҳаст-мӣ? — гуфта Дохунда аз он ҷавон пурсид.

— Агар тахминан ҳазор қадам пештар равӣ аз пешат иморати мактаб, чойхонаи сурх ва клуб мебарояд; дар он ҷо мехоҳӣ меёзӣ, мехоҳӣ мехӯрӣ, мехоҳӣ мехобӣ ва мехоҳӣ китоб мехонӣ,— гуфта ҷавон ба кори худ машғул гардид; равандагон ҳам ба тарафи нишондодаи ӯ равон шуданд. Лекин аз дунбол садои тақар-тақари пои асп баромад ва инҳо аз роҳашон бозистода худро ба канортари роҳ гирифта пас нигоҳ карданд, ки савоpe меояд.

Савор ба рӯ ба рӯи ҷавони даравгар расида бе он ки ба тарафи равандагони мусофир чашм андозад, ба ҷавон гуфт:

— Монда нашавӣ, Сангинзода! Кирмакҳои намунагиат пилла баста хонаатро аз абрешим пур карданд-мӣ?

Савор ба ҷавон фурсати ҷавоб гуфтан надода заҳрхандакунон гуфт:

— Дар пиллагирӣ расми падару бобоятро партофтӣ, номатро ҳам дигар карда худро «Сангинзода» номидӣ, чаро то ҳол ба колхоз ҳамроҳ намешавӣ?

Ҷавон бе он ки дасту доси худро аз кор боздорад ва ба тарафи савор нигоҳе кунад, гуфт:

— Хӯҷаин! «Навбати Лайлӣ гузашту навбати Маҷнун расид», гуфтаанд; дар замонаш шумоён ҳар чӣ мехостед, кардед, акнун навбати мост, пиллаи намунагӣ мегирем, номамонро дигар мекунем, ба колхоз ҳам медароем, масхара доштани шумоён моро аз роҳи худ боздошта наметавонад.

Савор:

— Хуб. Ҳар чӣ мехоҳед, кунед!— гӯён аспи худро ронд ва аз пеши равандагони мо гузашта рафт.

— Ин одам кӣ бошад? — гуфта Гулнор аз Дохунда пурсид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Ман ҳам нашинохтам, бояд яке аз муштзӯрони қишлоқ бошад, ҳамон қадараш маълум шуд, ки дар қишлоқ муборизаи синфӣ боло гирифтааст.

— Ҳоло Ҳамроҳбой зинда бошад-мӣ?

— Вай дар вақтҳои мурдани падару модари ту мурда будааст; ман дар вақте ки бо аскарони сурх ин ҷо омада будам, пурсуков кардам, як мӯйсафед, ҳар сеи инҳоро дар як моҳ гӯронидем гуфта буд. Аммо писарашро зинда мегуфтанд.

Гулнор, ки ғуссамарг шудани падару модараш ба ёдаш расида буд, қадре дар андӯҳ афтод: андӯҳи вай ва Ёдгор ҳам асар карда гуфтугузорашон бурида шуд ва ҳар ду хомӯшона ба роҳи худ рафтан гирифтанд.

IV. МАКТАБ

Дар пеши як иморати сафеде, ки мактаб буданаш аз лавҳааш маълум мешуд, заминчаеро ба ҷои гул пахта кишта буданд; ҷавоне тахминан 25-сола, ки дар пеши ин замин бачагонро ба гирди худ ғун карда аз аҳамияти пахтакорӣ гап мезад, бо омадани ду нафар мусофир сухани худро бурида бачагонро озод карда ба ояндагон:

— Муаллими ин мактаб Ф...зода,— гӯён як-як даст дод.

Ояндагон ҳам яке:

— Аз талабагони тоҷик Ёдгор Бозорзода:

Дигаре:

— Гулнор Рустамзода,— гӯён худро шиносониданд.

Пас аз пурсуҷӯи муқаррарӣ Дохунда аз муаллим:

— Магар ин пахтаро худат киштай? — гуфта пурсид.

— Хо,— гуфт муаллим,— ин пахтаи мисрист; аз рӯи гуфтаи агрономҳо дар ҷоҳое, ки монанди ҷои мо баҳораш барвақттар сар шуда, ҳавояш гармтар бошад, пахтаи мисрӣ аз ғайри парварда кардан ҳам мерасидааст; ба машварати агрономи маҳаллӣ барои тағриба ин заминчаро пахтаи мисрӣ кишта будам, ки дар ҳақиқат хуб расида истодааст.

— Ҳақиқатан мактабатро мактаби кор кардӣ, офарин! Агар фурсат дошта бошӣ, моро ба чойхонаи сурх роҳбарӣ карда бубар, дар он ҷо бо ҳам нишаста қадре сӯҳбат кунем,— гуфт Дохунда.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Муаллим:

— Бисьёр хуб,— гўён пеш даромад ва баъд аз чанд дақиқа ҳар се ба болои кате, ки дар пеши чойхонаи сурх буд, нишаста ба чойнўшӣ ва сўҳбат машғул шуданд.

— Дар Тоҷикистони мо чӣ қадар мактаб кушода шуда бошад? — гуфта Дохунда аз муаллим пурсид.

— Маълум аст, ки,— гуфт муаллим,— дар замони амир мактаб ном чизе набуд; дар пеши баъзе масҷидҳо мактабҳои динӣ бошанд ҳам, аз даҳ нўҳи мардумро дар он чоҳо роҳ набуд ва садьяки хонандагони онҳо пас аз даҳ сол шаттаву шаллоқ хўрдан кўрсавод шуда мебаромаданд, дигаронашон тамоман бесавод мемонданд. Бинобар ин одами саводнок дар Тоҷикистон дар саде як ҳам ёфт намешуд. Дар вақти ҷумҳурияти собиқи Бухоро ва инчунин дар замони ҷангу ҷидоли бо босмачиён ҳам, албатта, дар роҳи мактаб коре кардан мумкин нашуд; гўё кори мактаб аз соли 1925 — пас аз барпо шудани Ҷумҳурияти Тоҷикистони мухтор сар шуда, баъд аз рў ба нестӣ овардани босмачиён ва ба дурустӣ по гузоштани аҳволи иқтисодӣ ба роҳ даромад. Бо вуҷуди ин ки роҳ набуд, асбоб набуд ва муаллим набуд, дар ин се соли охир кори мактаб хеле пеш рафт; аз як тараф дар курсҳои кўтоҳмуддат муаллимҳо расонда, аз тарафи дигар мактабҳо кушода шудан гирифтанд; ҳозир дар Тоҷикистон садҳо мактаб кушода шудааст, ки дар онҳо ҳазорҳо фарзандони меҳнаткашон мехонанд. Албатта, дар соли оянда мактаб ва шогирд боз ҳам зиёдтар хоҳад шуд. Аз ҳазор нафар бештар ҷавонони тоҷик дар Маскав, Тошканд ва Самарқанд барин шаҳрҳои калони илмхона мехонанд. Барои нест кардани бесаводӣ ҳам кор сар шуд, имсол барои ин кор садҳо курс давом дорад. Дар ин се соли охирӣ дар роҳи мактаб ва маориф ду-се миллион сўм сарф шудааст, ки ин ба кори мактаб ва маориф чӣ қадар аҳамият додани фирқа ва ҳукуматро нишон медиҳад. Дар ин ду соли охирӣ аз тарафи Нашриёти Давлатии Тоҷикистон хеле китобҳои мактабӣ чоп шуда баромадааст; ин ҳам пешрафти кори мактабро нишон медиҳад. Албатта, соли оянда боз ҳам зиёдтар китоб чоп хоҳад шуд.

Лекин душманони синфӣ ба кори мактаб ҳам халал расонда истодаанд ва ба мукобили мактаб иғвоҳо наҳн карда мекўшанд, ки меҳнаткашонро аз хондан боздоранд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

V. РОҲСОЗӢ

Як ҷавони тахминан 27-сола бо як зани миёнсол ба чойхонаи сурх омада бо муаллими қишлоқ Ф... зода вохӯрдӣ карданд. Муаллим инҳоро бо Дохунда ва Гулнор шиносо карда якеро котиби ҷавобгари ячейкаи фирқа Мискинзода ва дигареро раисаи шӯрои ҷамоат Фотимабегим гӯён вохӯрдӣ кунонид. Дохунда ва Гулнорро ҳам:

— Талабагони мактаби миёнаанд, ки дар рӯзҳои таътил барои истироҳат ва бо чашми худ дидани комьёбиҳои мо омадаанд,— гуфта ба онҳо шиносонид.

Дохунда бо котиби ячейка ба тарзи муқаррарӣ вохӯрдӣ карда бошад ҳам, бо шунидани номи Фотима дар андеша афтод ва дар вақти вохӯрдӣ кардан, бо як ҳаракати кунҷковона ба чашмони ӯ зеҳн мемонд; ҳатто ин ҳоли Дохунда аз Гулнор ҳам пӯшида намонд; лекин ба пурсидани сабаби ин аҳвол тарзи маҷлис гунҷоиш намедод.

— Хуш омадед,— гуфтани котиби ячейка Дохундаро аз андеша бозовард ва ҳавоси худро ғун карда:

— Хушвақт бошед,— гуфт ва боз ба тарафи Фотимабегим як чашм андохта гирифт.

— Боре Тоҷикистони моро дар роҳи ободӣ чӣ гуна дарьёфтед,— гуфта пурсидани котиби ячейка Дохундаро маҷбур кард, ки андешаҳои худро ба як сӯ гузошта, ба ин пурсиш ҷавоб диҳад; пешонаи худро то нимаи сар бо кафи дасти худ як молида гирифта ва ба гап даромада гуфт:

— Тоҷикистони навро ҳанӯз тамом надидаем, он чизе, ки дар ин масофати андак — аз роҳи оҳан то ин ҷо дидем, моро дар ҳайрат андохт; он ҷоҳоеро, ки пеш аз ин чанд сол дида ва вачаб ба вачаб медонистем, қариб аст нашиносем.

— Боре дар роҳ, ташвиши зиёде накашидед? — котиб пурсид.

— Чизе, ки моро зиёдтар дар ҳайрат андохт, ҳамин осудагии роҳ буд, кӯҳу кӯталҳоеро, ки мо пештар рӯзҳо гашта бо ҷонкании бисьёре базӯр мегузаштем, ҳоло ба чанд соат бе он ки монда шавем, пои пиёда тай кардем.

— Маълум мешавад, ки шумо аз истгоҳи роҳи оҳан то ин ҷо пиёда омадаед, агар мехостед автомобиль ҳам буд; ҳукумат на танҳо роҳҳоро дуруст карда истодааст, балки мувофиқи ин роҳҳои дурустшуда автомобиль ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

автобус ҳам оварда истодааст, ки равандагон бо осудагӣ аз чое ба чое мераванд. Агар шумо Тоҷикистони навро дуруст саёҳат кардани шавед, баъд аз ин бо автобус сайр кунед, дар он сурат дар муддати андак бисьёр чойҳоро мебинед. Хусусан чоҳои нав об баровардашударо, ки дар он чоҳо колхозҳо ва совхозҳо барпо шудаанд, дидан даркор аст, намунаи Тоҷикистони нав он чоҳо ҳисоб меёбанд, рафтуои автомобиль ва автобусҳо ҳам дар он чоҳо бисьёртаранд.

Котиби ячейка пиёлаи чоеро, ки ба сабаби гармии сӯҳбат аз хунук шуда рафтанаш хабар надошт, бо ишорати муаллим бардошта як қулт карда фурӯ бурд ва боз ба гап даромад:

— Оре, бо он роҳе, ки дар замони амир барои тороҷ кардани як қишлоқ, чунон ки қишлоқи дигар хабар наёбад, сохта шуда буд, яъне бо он бероҳӣ, ки қишлоқро аз қишлоқ, дараро аз дара, шаҳрро бо тамоми инҳо аз муносибат бозмедошт, дар роҳи пешрафти мамлакат кор кардан мумкин набуд; овардани молҳои саноат, асбоби деҳқонӣ ва асбоби маданият ба мамлакат, ва баровардани молҳои дохилӣ ба беруи, барпо кардани корхонаҳо ва мактабҳо,— роҳи боб месохтанд. Моро ки мамлакатро монанди як хонавода карда боло бардоштанием, моро ки ҷамъияти наве ба усули социалистӣ мехоҳем созем, аз ҳама пештар роҳ даркор буд. Бинобар ин ҳукумат дар қатори дигар ободии мамлакат дар бораи роҳсозӣ ҳам пул ва меҳнатро дареғ надошт; аз рӯи китобчае, ки дар бораи ҳисоботи ҳукумат дар анҷумани дуйум чоп шуда буд, дар ин ду соли охирӣ барои роҳсозӣ ва асбоби боркашонӣ сарф шудани панҷ-шаш миллион сӯм маълум мешавад; лекин ҳанӯз ин корҳо дар ибн роҳ аз «нӯги хамир фатир» аст. Мо бояд дар оянда ҳамаи роҳҳои мамлакатро аз сари нав созем, то ки аз хазинаҳои рӯизаминӣ ва зеризамини Тоҷикистон меҳнаткашони Тоҷикистон ба хубӣ фоида баранд.

— Агар мо ба тарафи чоҳои нав оббароварда рафтанӣ шавем, автомобильро кай ва аз кучо меёбем? — Дохунда пурсид.

— Аз ҳамин чоҳо ҳам ҳафтае се-чор бор автобус мегузарад, агар ба лаби Кофарниҳон равед, харрӯза ёфт мешавад; лекин шумоён як-ду рӯз ба мо мехмон шавед ва кӯфти роҳро бароред, пас аз он ба дигар чо меравед,— гуфт котиби ячейка ва:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Боз сӯҳбат мекунем,— гӯён бо Фотимабегим ҳар ду хеста аз кат фуромаданд ва як-ду қадам он сӯтар рафта миёни худ гуфтугузор карда боз пас ба пеши меҳмонон баргаштанд. Котиби ячейка:

— Мо мехоҳем ба шарафи шумо меҳмони азизамон маҷлиси умумии шӯрои ҷамоатро ҷеғ занем ва дар он маҷлис аз ваҷҳи ободии Тоҷикистон гап занем; аз шумо мепурсидем, ки соати панҷи бегоҳӣ ба клуби қишлоқ ҳозир мешудед.

Меҳмонон ин таклифи котиби ячейкаро миннатдор шуда, хуш қабул карданд.

Мискинзода ва Фотимабегим рафтанд; аммо ҳанӯз ҳавоси Дохунда ба он зани миёнсол банд буд; оқибат Гулнор худдорӣ карда натавониста оҳиста:

— Чаро аз дидани ин зан бепой шудӣ, магар аз ин пеш бо вай алоқае доштӣ— гуфта нимҳазил ва ним аз таги дил карда аз Дохунда пурсид.

— Ин зан ба ман бисьёр шинос менамояд, аммо ҳарчанд фикр мекунам, ба кучо диданам ба ёдам намерасад; гумон мекунам, ки бояд ман ин занро пештар на як бор, балки борҳо дида бошам; аммо дар кучо ва кай? Ин ба ёдам намерасад: ин аҳвол аст, ки ҳавоси маро тамом парешон кард; Фотима... ин ном ба ман бисьёр наздик аст.

Муаллим, ки ҳамроҳи котиб ва раиса то як ҳиссаи роҳ рафта буд, боз омад ва меҳмонони худро гирифта ба гардиш бурд.

VI. ОБОДӢ

Дар клуби қишлоқ марду зани ҷамоат ғун шуда буданд. Фотимабегим аз номи шӯрои ҷамоат маҷлисро кушода меҳмонони азизро хуш омадед гуфт ва барои маърӯза дар бораи ободии Тоҷикистон ба котиби ҷавобгари ячейка Мискинзода сухан дод.

Вақте ки Фотимабегим гап мезад, боз диққати Дохунда ба тарафи ӯ кашида шуда ва оҳиста ба гӯши Гулнор:

— Якин ки ман ин занро пеш аз ин дидаам; лекин аҷаб аст, ки бо вуҷуди фаромӯш накарданам ҳеҷ як аз чизҳои дида ва шунидаи худро, дар кучо дидани ин занро аз ёд баровардаам.

— Маълум мешавад, ки алоқаат бо ин зан сахт нашуда будааст,— гуфта Гулнор шӯхӣ кард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Гулнор! Аз ту мепурсам, ки баъд аз ин аз хусуси алоқаам бо дигар занон гап назан! Ҳарчанд медонам, ки ҳазл мекунӣ, бо вуҷуди ин алоқаи бо дигаронро, ки мақсад аз ин «алоқа» маълум аст, аз забони ту ҳам бошад, тоби шунидан надорам.

Мискинзода ба гап даромада пас аз он ки се-чор калима дар бораи аҳволи умумии хоричӣ ва дохилӣ сухан ронд, гуфт:

— Ман дар бораи корҳое, ки дар қишлоқи худамон карда шудааст ва камбудиҳое, ки дар ин чо ҳаст чизе намегӯям; зеро ҳамаи инҳо ба пеши чашми ҳамаамон намоён аст; меҳмонони азизи мо ҳам як қисмашро диданд, ягон рӯзи дигар дар ин чо монда бақияашро ҳам хоҳанд дид. Ман мехоҳам дар бораи корҳои умумие, ки дар роҳи обод кардани Тоҷикистон карда шудааст ва шуда истодааст, кӯтоҳ карда чанд даҳан гап занам.

— Рафиқон! Таърихи ободии Тоҷикистон аз анҷумани якум сар мешавад: аз он таърих то ба ин дам, ки аз се сол камтар вақт гузаштааст, хеле корҳо ба майдон омад.

Дар натиҷаи вайронкориҳои босмачиёни торочгар киштукори мамлакатамон аз сад шаст монда буд, чорводорӣ бошад, ним кам шуда буд. Дар ин се сол майдони киштукор ва чорводорӣ ба дараҷаи пешазҷангии худ расид. Аз ҷумлаи киштукор, пахтакорӣ, ки пеш аз ҷанг майдони хурдеро фаро мегирифт ва дар замони босмачигарӣ тамоман нест шуда буд, ҳоло аз чанд даҳҳазорҳо гектар гузашт. Албатта, ин корҳо худ ба худ нашуд: аз як тараф ғайрати умумии меҳнаткашон бошад, аз тарафи дигар раҳбарии дурусти фирқа ва шӯро, пулро дареғ надошта сарф кардани ҳукумат, ёрмандиҳои моддӣ ва маънавии меҳнаткашони Ӯзбекистон ва тамоми СССР ба ин корҳо сабаб шуд.

Дар муддати ин се сол барои дуруст кардани ҷӯйҳои кӯҳнаи ботилшуда, баровардани ҷӯйҳои нав аз дарьёҳои Кофарниҳон, Вахш, Қизилсу, Сурхоб маблағҳо сарф шуд, ки бо ин хароҷот ҳазорҳо гектар замин обьёрӣ карда шуд; ба маблағҳои калон асбоби деҳқонӣ оварда дар миёни деҳқонон паҳн карда шуд; дар роҳи дафъ кардани зараррасонандагони хоҷагии қишлоқ ҳам пули бисьёре сарф шуд, қарз гӯён ба деҳқонони камбизоат ва бебизоат ёрмандиҳои моддии бисьёре дода шуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Дарачаи беҳбудии аҳволи иқтисодии меҳнаткашони Тоҷикистонро аз ҳамин ҷо бояд қиёс кард, ки пеш аз ҷанг бештарини хонаводаҳо ҳамаи чизҳои даркории рӯзгори худро худ тайёр мекарданд, аҳьёнан баъзе чизҳо харанд ҳам, ба тариқи муовазаи мол ба мол аз якдигар мехариданд. Молҳои саноатӣ, ки дар замонҳои охирӣ ба Бухорои Шарқӣ — ба Тоҷикистони имрӯза оварда мешуд, ба рӯзгори як гурӯҳ давлатмандон ва амалдорон, ки онҳо самараи меҳнати оммаро ба худ ҷамъ карда буданд, сарф мешуд; баъзе молҳои саноатӣ ба дасти меҳнаткашон дарояд ҳам, боз ба ҷои пули нақда даст ба даст мегашт ва оқибат ба ҷои молиёт ё мӯҳрона ба ҳоким ва қозӣ мерафт. Дар замони босмачигарӣ бошад, аз асбоби рӯзгор ном чиз асаре намонд. Ҳама барбод рафт. Аммо дар муддати ин се соли охирӣ ба маблағи миллионҳо сӯм моли саноатӣ омада ба аҳолӣ фурӯш ёфт, ки ин хеле ба беҳбудӣ рӯй овардани аҳволи иқтисодии меҳнаткашонро нишон медиҳад.

Вақте ки мо дар бораи ободии мамлакат сухан меронем, бояд ин нуқтаро фаромӯш накунем, ки пеш аз ҷанг ҳар чизи мамлакат моли амалдорони амир, муллоён, эшонон ва давлатмандон буд. Оммаи меҳнаткашони мамлакат бошанд, ба манфиати ин гурӯҳи хурди муфтхӯр бандавор кор мекарданд ва дар натиҷа аз гуруснагӣ мемурданд ва ё аз мурда бадтар шуда мегаштанд. Ҳоло бошад, ободӣ ба сифати ободии оммагӣ пеш меравад; ҳар комьёбӣ насиби коми омман меҳнаткашон мешавад. Шавқ ва рағбати оммаи меҳнаткашон ба тарафи оммагӣ кардани корҳо рӯз то рӯз меафзояд; як нишонаи ин шавқ ва рағбат пешравии кори кооперативонидан аст. Дар муддати се соли охирӣ садҳо ширкати хоҷагии қишлоқ барпо шуда, ба ин ширкатҳо ҳазорҳо хоҷагӣ аъзо шудаанд, аз судхӯр ва аз ҳаннот халоскунанда будани ширкатро аъзоён фаҳмида гирифтаанд.

Як қадами дигаре, ки ба тарафи умумӣ ва социалистӣ кардани мамлакат ниҳода шудааст, корҳои колхозӣ ва совхозист; дар муддати ин се сол дар мамлакати мо садҳо колхоз — хоҷагии коллективӣ ва совхоз барпо шудааст, ки ин сарахбори ба усули социалистӣ аз сари нав сохтани хоҷагии қишлоқ аст. Ана ҳамин нуқта аст, ки муборизаи синфиро шиддатнок кунонид, ҳар қадар, ки меҳнаткашон ба тарафи умумӣ кардани хоҷагии нав майл ва ҳаракат мекунанд, ҳамон қадар

E-mail: ziyozoda@gmail.com

хам душмани синфӣ бар зиддияти худ меафзояд, душмани синфӣ ба сифати муллоён аз номи дин ба мукобили колхоз ва совхоз иғвоҳо паҳн мекунад, ба шӯроҳои қишлоқ намояндаҳои худро дароварда корро ба дасти худ гирифтанӣ мешавад, ба колхоз даромада фикри меҳнаткашонро заҳролуд карда колхозро вайрон кардани мешавад, мол ва ашьёҳои колхозро вайрон кардани мешавад, мол ва ашьёҳои колхозро месӯзонад, фаъол ва фаъолагони меҳнаткашро дар кунҷ ва бихилаҳо мекушад, мекушонад ва монанди инҳо ва монанди инҳо... Ба ин гуна корҳои аксулинқилобии душманони синфӣ танҳо ҳушьёрии синфии меҳнаткашон мукобила карда метавонад. Ана ин нуктаро бояд ҳеҷ меҳнаткаш аз хотири худ набарорад.

Як пешрафте, ки бояд мо аз ёд набарорем, пешрафти кори нигаҳдории тандурустии меҳнаткашон аст. Дар замони амир бемор шудан бо мурдан ба як маънӣ мегашт, ҳар меҳнаткаш, ки бемор мешуд, вай мемурд. Аммо дар ин се сол беморхонаҳо, духтурхонаҳо ва дорухонаҳо кушода шудаанд, ки ба инҳо маблағҳои калон сарф шудааст; аз касалхонаҳо аз се ду ҳиссаи фондабурдагон тоҷиконанд — он тоҷиконанд, ки дар замони пеш, пас аз бемор шудан дар зери тозиёнаи эшони дуохон ҷон медоданд.

Рафиқон! Мо аз ҳама роҳ пеш меравем; ба ҷои яккачӯб, ованг ва рафак бо роҳҳои ароба ва автомобильгузар сайру гашт кардан, ба ҷои хари ланг ба аэроплан ва оташароба савор шудан кам кор нест. Саноат ҳам хеле пеш рафт, заводҳои пахтатозакунӣ, заводҳои равғангарӣ ва собунпазӣ, осиёҳои оташӣ ва дигарҳо, аз як тараф мамлакатро обод мекарда бошанд, аз тарафи дигар инҳо корхонаҳоеанд, ки дар он ҷо кадрҳои пролетарҳои Тоҷикистон ба ҳам мерасанд.

Рафиқон! Албатта, шумо хоҳед пурсид, ки Тоҷикистон як мамлакати хароби пасмонда ва толондида буд; ба болои ин ҳукумат солҳои аввал фақирии мардумро дар назар гирифта молиёт ва андозро бахшид, дар солҳои охирӣ молиёт андохта шуда бошад ҳам, маблағи аз ин роҳ даромадшуда назар ба харочотҳое, ки ту шумурда гузаштӣ ба ҳисоби ҳеҷ аст, пас ин миқдор маблағи калонро ҳукумат аз кучо ёфта харҷ кард?

Рафиқон! Албатта, шумо ба ин пурсиш ҳақ доред, лекин як нуктаро набояд фаромӯш кард, ки қонуни Ҳукумати Шӯрой ба пасмондатарини ҷойҳо ёрмандиро

E-mail: ziyozoda@gmail.com

зиёдтар расонидан аст, то ки ҳаман меҳнаткашон дар корҳои иқтисодӣ ва маданӣ баробар пеш раванд, аз рӯи ҳамин қонда меҳнаткашони СССР ҳеҷ гуна ёрмандии моддӣ ва маънавиро аз мо дареғ надоштанд, ҳукумати СССР дари хазинаи худро барои Тоҷикистон, ки яке аз пасмондатарини мамлакатҳои доираи худаш буд, кушода монд. Ин аст ки мо аз ваҷҳи хароҷот тангӣ накашидем.

Рафиқон! Ман ин ҳисоботро аз ҳаво нагирифтаам, ҳаман инҳо дар китобчае, ки барои ҳисоб додани ба анҷумани дуйум чоп шудааст, навишта шудагӣ аст. Дар асл, мо барои исбот кардани ободии мамлакат ба ин гуна ҳисобҳо эҳтиёҷ надорем, ҳаман комьёбиҳои мо ба пеши ҳама намоён аст, ҳар кас мебинад ва медонад, ки Тоҷикистон дар ин муддат то куҷоҳо боло рафтааст...

Дар ин вақт, ки рӯз бегоҳ шуда дуньёро торикӣ фаро гирифта буд, якбора чароғҳои электрикӣ барафрӯхта даруни клубро чун рӯз равшан кард.

Қотиби ячейка ба сухани худ давом карда гуфт:

— Ман дар бораи мамлакат дигар чизе намегӯям, ҳамин чароғҳои электрикӣ, ки дар пеши чашми шумо барафрӯхтанд, мегӯянд, ки мамлакати мо дар муддати се сол аз давраи чароғи сиёҳи равғанизағирӣ ба давраи электрикӣ гузаштааст.

Қарсакзании осмонкафе аз аҳли маҷлис бархост. Мискинзода ҳам:

— З и н д а б о д о я н д а и д у р а х ш о н и м о!— гӯён сухани худро ба поён расонид.

Як меҳнаткаши лақай бо рухсати раиси маҷлис баромада пас аз меҳмононро аз номи миллатҳои майдаи Тоҷикистон табрик кардан, гуфт;

— Як сабаби харобии мамлакат дар замони амир ин буд, ки амалдорон ва давлатмандон меҳнаткашони ӯзбек, тоҷик, қазоқ, туркманро бо якдигарашон ҷанг меандохтанд, ҳатто дарвозӣ, вахьёӣ, қаротегинӣ ва ғармӣ гуфта вилоятеро бар сари вилояти дигар мехезонданд, дар натиҷа мамлакат хароб, хонаи меҳнаткашон вайрон мешуд; аммо амалдорон ва «калоншавандагон» бошанд, дар сояи ин иғвогарии худ осуда ҳукмронӣ карда, хуни меҳнаткашонро мемакиданд. Ҳоло бо роҳбарии фирқа ва ҳукумати шӯроӣ ин гуна зиддиятҳои миллӣ барҳам хӯрд, ҳаман меҳнаткашони миллатҳо аз як гиребон сар бароварда ба мукобили як гурӯҳ — гурӯҳи

E-mail: ziyozoda@gmail.com

амалдорон ва муштзўрон бархостанд; ҳамаи меҳнаткашони миллатҳо муштро ба як чо зада барои ободии мамлакат ва бо ин восита барои дурует кардани тарзи зиндагонии худ мекўшанд. Дар вақти азназаргузарониии ободии мамлакат ва сабабҳои вай дуруст ҳал шудани масъалаи миллиро ҳам гуфта гузаштан даркор аст.

VII. МУШИ МУРДА

Дохунда сухан гирифта пас аз он, ки барои хуш қабул кардани чамоат ва меҳмондориашон аз чониби худ ва Гулнор миннатдорӣ баён намуд, гуфт:

— Оре, Тоҷикистони мо пеш рафтааст ва хоҳад пеш рафт; ин пешрафтҳо комьёбиҳои калонанд, Тоҷикистон пас аз он, ки босмачиёнро нест карда фурсати кор кардан ёфт, дар андак вақт ба ин ҳама пешрафтҳо комьёб шуд. Лекин чунон ки маърўзачӣ гуфт, ҳанўз душмани мо зинда аст; монанди мори саркўфта сари худро ба сўрохе кашида бошад ҳам, боз зинда аст. Амалдорон, муштзўрон, яъне касоне, ки ободии хонадони худро дар харобии мамлакати мо мебинанд, пешрафтҳои моро дида наметавонанд. Ҳар чӣ қадар, ки мо пеш равем, душманиш онҳо ҳам ҳамон қадар зиёд мешавад; агарчи ҳаракати чонканона бошад ҳам, ҳаракати худро зиёд мекунанд; хурўчи охирии Фузайл Махсум яке аз ин ҳаракатҳои сахти чонканона буд. Оре, хуручи Фузайл аз ҳавли чон буд: Фузайл монанди саге, ки дар боғе барои ангурдуздӣ меояд ва бо хабар ёфтани боғбон ба дару девор дарафтода оламеро хароб карда мегурезад, пас аз якчанд қишлоқҳоро хароб кардан ва сўхтан ва якчанд чавонон ва занонро куштан ва ба дор овехтан гурехт; оре, Фузайл гурехт, лекин инро ҳам нишон дод ки душмани мо ҳанўз зинда аст, душмани дохилӣ ва хорчии мо зинда аст; агар фурсат ёбад, сагонро ба тарафи мо бармеангезад. Бинобар ин ба мо лозим аст ки баробари пешрафтҳои худ, дар барҳам задани душмани синфии худ низ кўшиш кунем. Душман бояд тамоман нест шавад, то ки эҳтимоли дигар бор чунбидан ва дам заданаш намонад; дар он сурат мо метавонем дар роҳи обод кардани мамлакатамон осуда кор кунем ва ин мамлакати харобшударо аз сари нав ба усули социалистӣ созем. Ин нуқтаро ҳам набояд фаромўш кард, ки душман ҳамеша бо теғу туфанг рўйрост наме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

барояд; гоҳо мешавад, ки худро муши мурда карда нишон медиҳад, аммо аз хароб кардани анбор даст намекашад, ин гуна душман аз душмани рӯйрост бадтар аст, аз душмани ниҳонӣ бояд зиёдтар ҳазар кард...

Сухани Дохунда бо чапакзаниҳои ғулғуладор тамом шуд; раиси маҷлис мехост ба дигаре сухан диҳад, аз поён касе:

— Савол! — гуфта фарьёд кард.

Раис:

— Навишта деҳ! Дар охири маҷлис ҷавоб мешунавӣ! — гуфт.

— Саволи ман аз ҷамоат аст ва ҳаминвақтист; дар охири маҷлис вақташ мегузарад.

— Пурсад, пурсад,— аз ҳар гӯша садо баромад.

— Барои савол, аз навбат берун ба Сангинзода сухан дода мешавад,— гуфт раис.

— Дар маҷлиси мо муши мурда пайдо шудааст, мемонем, ки ӯ дар ин ҷо монад, ё пеш мекунемаш?

— Кист ин муши мурда?

— Нишон деҳ! — гуён аз ҳар гӯша як садо баромад.

— Ин муши мурда писари Ҳамроҳбой аст, ки ана дар ин гӯша сари худро дарун кашида нишастааст, дар вақташ падараш хуни аҳли дараро мехӯрд; ин ҳам ҳамон касби падарашро пойдор кардан мехоҳад.

Ғулғула:

— Дур шавад, дур шавад, зуд дур шавад...

Ҳамаи чашмҳо ба он тарафе, ки Сангинзода ишорат карда буд, духта шуданд; Ғулнор ва Дохунда бошанд, барои дидани ин шиносои кӯҳнаи худ аз ҷои худҳошон нимхез шуданд.

Муши мурда хест ва дар зери садои «нест шавад»-хо ва пойкӯбиҳои мардум аз дар баромад.

Дохунда ба Ғулнор:

— Ин ҳамон саворест, ки имрӯз дар роҳаш дида будем, аммо нашинохта будем,— гуфт.

Ин муши мурда, писари Ҳамроҳбой — номзади аввалии Ғулнор буд.

VIII. ОЗОДИИ ЗАНОН

Ғулнор сухан гирифта гуфт:

— Пешрафти Тоҷикистон маълум аст, яке аз пешрафтҳои намоёни он озодии занон аст; дар замони пеш

E-mail: ziyozoda@gmail.com

агарчи занон дар зинат додани хонаи давлатмандон ва дар зулм кашидан озод бошанд ҳам, дар корҳои умумии мамлакат ҳамроҳӣ карда наметавонистанд; маҷлисҳо он тараф истад, дар кӯчаҳо ҳам озодона баромада наметавонистанд; ҳоло мебинем, ки садҳо зан дар коргоҳҳо ва колхозҳо кор карда зиндагии худро худ мегузаронанд, дар мактабҳо мехонанд, дар маҷлисҳо ҳамроҳӣ мекунанд ва дар худи ҳамин маҷлис ҳам қариб ниман хонаро занон пур кардаанд, рансаи шӯрои ҷамоат зан аст, ки ин ба дарачаи раҳбарӣ расидани занонро нишон медиҳад.

Фотимабегим сухани охиринро ба худ гирифта гуфт:

— Оре, мо пеш меравем, як нишонаи пешрафти мо чунончи, рафиқа Гулнор гуфта гузашт, озодии занон аст, ҳарчанд ҳанӯз ин масъала тамоман ҳал нашудааст, ҳарчанд ҳанӯз хоҳ дар хондан бошад ва хоҳ дар кор кардан, занон баробари мардон қобилияти худро ба кор надаровардаанд, бо вуҷуди ин дар ин роҳ хеле кор карда шуд. Имсол дар шӯроҳои ҷамоат хеле аз занҳо хоста шуданд, ки аз инҳо чанд нафарашон корҳои раҳбариро адо мекунанд. Чунончи, рафиқ Ёдгор гуфт ҳар қадар, ки мо пеш меравем, душмани мо ҳам ҳаракати худро зиёд мекунад. Душман нуқтаҳои пешрафти моро медонад ва хуҷуми худро ба ҳамон нуқта меорад. Душман медонад, ки агар занон озод шаванд, агар мардум босавод шаванд, дигар онҳоро фиреб додан ва ба болои онҳо ҳокимӣ кардан мумкин нахоҳад шуд! Бинобар ин Фузайл дар хуручи охирини худ бештар ба ҳамин ду нуқта хуҷум овард; занони озодшударо кушт ва ба дор кашид, муаллимонро, ки барои босавод кардани меҳнаткашон кор мекарданд, гӯсфандвор сар бурид. Лекин Фузайл дар ҳисоби худ саҳв карда буд, вай Тоҷикистони имрӯзаро ба Тоҷикистони солҳои 1923—24 қиёс карда буд, вай гумон мекард, ки то расидани аскар аз Душанбе Ғармро қатли ом хоҳад кард. Лекин ҳанӯз вай хумории хунрезии худашро ношикаста, аэропланҳои мо монанди ҷазои осмонӣ ба сараш расиданд ва дастгоҳи хунрезии вайро дар якчанд соат зеру зебар карданд. Фузайл гурехт, аммо ҳанӯз фузайлиён — муштзурон ҳастанд. Чунончи, рафиқ Ёдгор гуфт, мо бояд то тамоман маҳв шуданашон бо инҳо мубориза барем. Аскарони ин мубориза омманаи меҳнаткашонанд.— Фотимабегим дар зери чапакзаниҳо:

— Зинда бод пешрафти Тоҷикистон! Зинда бод озодии занон! Нест бод душ-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

манони синфии мо,— гўён маҷлисро баста эълон кард.

Аммо ба Дохунда, ки аз оташзабониҳо ва суханвариҳои ин зани кӯҳистонӣ ҳайрататаш зиёдтар гардида буд, кӣ будани он ҳамчунон пӯшида монд.

IX. ҚОФИЛАИ МАДАНИЯТ

Автобус аз миёнаи кӯҳсор бо роҳи калоне, ки дар куллаҳои кӯҳ ва чуқуриҳои дара пушти моҳиворанг сохта буданд, ба дашти васеи ҳамвор баромад, дар ду тарафи роҳ ҷуйчаҳое, ки дар вақти зимистон ва боронгарӣ вазифаи обгурезӣ ва дар фасли тобистон ва хушкӣ хизмати обпошӣ ва обрезиро адо мекарданд, кашида шуда буданд. Автобус дар ин роҳи ҳамвори сангфарш бо ғурриши раъдмонанди худ чун барқ дар ҷавлон буд, ҷуз морҳои дугазӣ, калламушҳои харгӯшмонанд, хорпуштҳо ва сангпуштҳои калон, ки гоҳ-гоҳе аз пеш мебаромаданд, роҳи вайро чизе хадук намедод.

— Ин ҷонварон аз куҷо ба куҷо ва барои чӣ мераванд? — гуфта Дохунда аз як ҳамсафари автобуссавори худ пурсид.

— Заминҳои ин тараф чандин сол боз аз киштукор монда, ҷӯйҳояшон вайрон шуда ранги як дашти сӯхтаро гирифта буданд; дар ин ҷоҳо аз одам ва аз ҳайвоноти хонагӣ нишонае намонда буд; дар замони ин харобиҳо ҳар гуна ҷонвароии зарарнок дар ин ҷо бисьёр шуда, ин дашти бесоҳибро соҳибӣ карда гирифта буданд. Вақте ки дар ин ҷоҳо об бароварда шуда дубора рӯ ба ободӣ оварданд, киштзорҳои майта шуда рафта ба кор даромаданд, колхозҳо ва совхозҳо барпо гардиданд, дигар ин ҷонваронро дар ин ҷоҳо маҷоли зиндагонӣ намонд; бештарини инҳо дар қатори зараррасонандагони хоҷагии қишлоқ бо тадбирҳои агрономӣ кушта шуданд, зиндамондагонашон ҳамин тавр аз ҷоҳои ободшуда, ба тарафҳои хароби беодам мегурезанд.

Автобус монанди қофилаи маданияти пролетарӣ, ки ҳар гуна монеаҳои роҳи худро поймол мекунад, ин ҷонваронии зараррасонро зер карда пеш мерафт; торафт асари ободӣ зиёдтар мешуд, ду тарафи роҳро киштзорҳои пахта, алафи юнучка, боғчаҳои нави сабзу хуррам ва иморатҳои тозабинои зебои мунтазам зинат медоданд.

Автобус дар пеши як қишлоқи навобод, ки кӯча ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

биноҳояш ба тарзи аврупоӣ сохта шуда буданд, истод; кондуктор ба Дохунда ва Гулнор:

— Ин аст, чои фуромадии шумо,— гуфта қишлоқро нишон дод. Дохунда ва Гулнор ин чо фуромаданд ва автобус дубора ба роҳ даромада дар панҷ дақиқа аз назарҳо ғоиб шуда рафт.

X. ҚИШЛОҚИ НАВ

Қишлоқ ба тозагӣ бино ёфта бошад ҳам, хеле калон буд; муҳоҷирони ғармӣ, дарвозӣ, хуҷандӣ, ӯротеппагӣ, фарғонагӣ ва дигарон дар он чо ҷой гирифта буданд. Барои ҳар хонавода хонаву чои ҷудогона бошад ҳам, молхона, коҳу бедахона, анбори захираи ҳосилот, анбори озуқаи ҳаррӯза, анбор ва сарои асбоби киштукор муштарак буданд.

Дар миёнаҷои қишлоқ мактаб, клуб, қироатхона, идорахона, чойхонаи сурх, духтурхона, агрономхона, ҳаммом ва дӯкони кооператив барин иморатҳои ҷамоатӣ бино ёфта буданд. Дар як тарафи иморатҳои ҷамоатӣ боғчаи умумии сабзу хуррам бо ниҳолҳои дусабзаи навхези худ чашми бинандаро нур медод.

Дохунда ва Гулнор пас аз ягон-ягон аз назар гузаронидани иморатҳои қишлоқ ба чойхонаи сурх омада чой фармуда, ба болои кат дастҳои худро ба зери гӯшҳои худ рост монда, рӯ ба рӯи ҳам якпаҳлу ёзиданд ва чойникии чойро дар миёна гирифта ба чойнӯшӣ даромаданд.

Чойхона аз одам холӣ буд, ба ғайр аз ду нафар чойхонадор ва як нафар пирамарди чойхӯр, ки пойҳои худро овезон карда ва калапӯшро ба замин гузошта ба лаби кат нишаста буд, дигар касе ба назар наменамуд.

Пирамард чои чойникии дар пешаш бударо ба ду пиёла рехта:

— Як чойник чои дигар биёр! — гуфта самоворчиро садо кард.

Самоворчӣ чойникии чоеро оварда ба пеши мард ниҳода;

— Бобо Собир! Чаро дар чойнӯшӣ ин қадар шитоб мекунӣ, чойро дам дода оҳиста-оҳиста нахӯрӣ, ҳеҷ маза намедиҳад,— гуфт.

— Ба майдони нумури як об сардода омадам, боядқариб пур шуда бошад, зудтар рафта обро ба майдони дигар ронданам даркор аст,— гуфт пирамард ва чои соз-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

воршудаи пиёлаҳоро болои ҳам фурӯ бурда дигарбора боз пиёлаҳоро пур карда монд.

— Ин пирамард хеле бағайрат менамояд,— гуфт оҳиста Дохунда ба Гулнор..

— Бояд шаст сол умр дошта бошад, бо ин синну сол ин қадар кордӯстӣ, ки қариб аст чои чӯшонро гармогарм ба гулӯи худ рехта зудтар аз паи кораш равад, ҳақиқатан нишонаи ғайрат аст,— гуфт Гулнор.

— Бо ин пирамард шиносо шудан даркор аст,— гуфт Дохунда аз чои худ нимхез шуда, ва:

— Бобо! Номи ту Бобо Собир аст-а? — гуфта гап партофт.

— Ҳо,— гуфт пирамард ва пиёлахоро як бори дигар холӣ карда боқимондаи чойро ба онҳо рехт ва калапӯши худро ба сар пӯшида ҳанӯз пиёлаҳои охиринро холӣ накарда ба рафтан тайёр шуд.

— Магар мехоҳӣ зудтар ба сари замин равӣ, агар мумкин бошад, моро ҳам бо худ бубар, киштҳои шуморо тамошо кунем,— гуфта Дохунда аз Бобо Собир илтимос кард.

Пирамард:

— Бисьёр хуб,— гӯён пиёлаҳои охиринро ҳам даркашид ва аз чои худ хеста:

— Агар хоста бошед, равон шавед! — гуфт.

Дохунда ва Гулнор, ки ҳанӯз як чойник чойро холӣ накарда буданд, ба шавқи тамошо чояшонро нимкола монда бо пирамард ба роҳ даромаданд.

XI. КОЛХОЗ

Пирамард шитобкорона роҳ мерафт,. Дохунда ва Гулнор ҳам аз дунболаш гӯё ки медавиданд.

Дохунда бо нияти ин ки пирамардро ба гап гирифта қадре аз тезравиҳояш боздорад, то ки худаш ҳам оҳистатар роҳ рафта атрофро тамошо карда тавонад, гуфт:

— Бобо Собир! Ин қишлоқ бо ин ободӣ чаро беодам аст?

Пирамард ба тарафи Дохунда як нигоҳи тааҷҷубомезе карда:

— Бача, магар аз шаҳр нав омадай? — гуфт ва пас аз он якрӯятар шуда ба тарзе, ки гӯё бо як пахлу роҳ мерафта бошад, рӯи худро ба тарафи Дохунда гардонда, лекин аз роҳ бознаистода гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Аҳли қишлоқи мо ҳамагӣ аъзои колхозанд, дусад гектар замини обӣ, тахминан сесад гектар замини лалмӣ ба колхози мо нигоҳ мекунад. Медонӣ, як гектар замин чӣ қадар мешавад? Як гектар қариб ба чор таноб, ё ба як ман замин баробар меояд. Ана кор кардани ба ҳамин қадар заминро аҳли қишлоқ ба гардан гирифтаанд; корҳо мувофиқи қарори ҷамоат дар миёнаи аъзоҳо тақсим шудааст: ҳар кас бояд аз рӯи расама — норма кори ҳаррӯзаашро дар вақту соаташ адо кунад, ҳар кас, ки бештар кор кунад, ҳамон қадар ҳам бештар музд мегирад; бинобар ин ҳамаи мардум рӯзона ба сари кори худ меравand ва бегоҳӣ ба қишлоқ меоянд.

— Ба ту кадом корро доданд? — Дохунда пурсид.

— Ба ман обдорӣ ва оброниии як қисм заминҳои обиро доданд, қи аз рӯи нишондоди роҳбар ҳар рӯз ба чанд майдони пахтакорӣ ё алафи юнучқа ва ё сабзаваткорӣ об медиҳам.

— Магар дар колхози шумо аз ту ҷавонтар кас набуд, ки ин кори зӯрро ту ба гардан гирифтӣ?

— Аввал он ки ман дар бобати кор кардан аз ҳеҷ ҷавон худро кам намедонам, ҳатто аз баъзе ҷавононе, ки аз ин пеш корашон деҳқонӣ набуд ва аз бекорӣ ба колхоз омада аъзо шудаанд, худамро коркунтар гумон мекунам; магар масали «пирча пих запад, ҷӯҷа рих занад»-ро, ки дар ҳамин мавридҳо гуфтаанд, нашунидай? Дуйум он ки дар колхози мо сабуктарини корҳо кори обдорист; ҳарчанд ман худамро аз бобати кор ҳанӯз пир нашуморам ҳам, ҷавонон мӯйсафедии маро рноя карда ҳамин кори сабукро ба ман ҳавола карданд.

— Як худат ба танҳоӣ чӯйҳоро чӣ гуна банду кушо мекунӣ?

— Сабр кун! Дар сари об равем, аз давлати колхоз чӣ гуна ба осонӣ банду кушо кардани Бобо Собирро мебинӣ,— гуфт пирамард ва дигар ба гапурсиҳои Дохунда маҷол надода, синаи худро ба рафти роҳ рост карда ба чолокона қадам задан даромад. Дохунда ва Гулнор ҳам аз дунболи ӯ мерафтанд. Ду тарафи роҳи пиёдагардро, ки инҳо мерафтанд, майдонҳои кишти пахта фаро гирифта буданд. Як боғбони ҳунарманд як палча заминро ба чӣ обу ранг соз карда райҳои шинонда тавонад, ин майдонҳои васеъ ҳам ба ҳамон обу ранг киштзори пахта шуда буданд. Майдонҳои кишт ҳамагӣ ҳамвор ва ҳамруи ҳамдигар буда бо роиш (вот)-хои рақчагии ростраи аз

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ҳамдигар ҷудо мешуданд, дар миёнаҳои майдонҳо ҷӯйҳоро чунон кашида буданд, ки ҳар кадоми он майдонҳоро ба осонӣ об додан мумкин буд. Дар канори ҷӯйҳо ниҳолҳои навхез сабзида бошанд ҳам, азбаски ҳанӯз паҳлу кушода бисьёр соядор нашуда буданд, аз тобиши офтоб монанди ҷадвали симин тофтани оби равонро монеъ намешуданд.

Ниҳолҳои пахта бо баландқаддӣ ва паҳлудории худ аз ғӯзапоя бештар ба гулбуттаҳои панҷсабза монанд буданд. Дар Фарғона ва Бухоро барин ҷоҳои пахтакории кӯҳна ҳанӯз заминҳои пахта аз хишова набаромада бошанд ҳам, дар ин ҷо аз гул баромада ба кӯрак бастан даромада буданд.

Пирамард ҳамроҳони ҳудро:

— Шумо раҳи рост. рафтан гиред; ман ин майдонро давр зада ба шумо мерасам! — гӯён худ дар миёнаи ду майдон, аз болои рош давид ва дар чор зум задан чор тарафи майдонро давр зада ба лаби ҷӯй баромад, ки Дохунда ва Гулнор ҳам оҳиста-оҳиста қадам монда акнун ба он ҷо омада буданд.

— Ин майдон пур шудааст, акнун бояд обро ба майдони нумури ду сар диҳам,— гӯён ба пеши дарғот омад; тахтаи дарғотро, ки як чакра ҳам обро ба поён гузаштан наметонд, аз дастааш дошта кашида гирифт ва ба дарғоти даҳанан замин, ки вай ҳам ба андозаи дарғоти ҷӯй сохта шуда буд, ҳамон тахтаро гузаронид, об ба тарзе баста шуд, ки як чакрааш ҳам аз замин боз пас намегашт. Ба Дохунда, ки ҳаман ин корҳоро бо назари таҳсин тамошо карда истода буд, гуфт:

— Дидӣ, Бобо Собир аз давлати колхоз чӣ гуна ба осонӣ обро банду кушо кард? Дар обдории ба тарзи кӯҳнаи мо чор нафар коркуни забардаст даркор буд, ки бо белу каланд ин обро банданд ва ду нафар ҳамеша дар сари банд нишинанд, то ки нохост бандро об кофта наравад; зеро дар он сурат оби дам карда задарафтаро даҳ кас ҳам баста наметавонистанд. Ба болои ин атрофи ҷӯй ва замин вайрон ва даруни ҷӯй пурлою хок мешуд, ки барои кофтани вай ҳам деҳқонон чанд рӯз кор мекарданд. Ҳоло як нафар бе он ки як каланд занад ва як каф хокро ба ҷӯй андозад, ин чандин гектар заминро об медиҳад. Дар ҷӯйковӣ ҳам танҳо барои покиза кардани лойҳои селоби баҳорӣ, вай ҳам соле як бор, маҷбур мешавем. Азбаски ҳаман ҷӯйҳои нав баровардаамонро тех-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

никҳо сарнишеб сохтаанд, дар вақти селоб ҳам он қадар лой дар таги чӯй нишаста наемонад.

Пирамард, пас аз он ки обро ба майдони нумури 2 сар дод, ба меҳмонони худ гуфт:

— Чанд соати дигар фурсат дорам, агар хоста бошед, киштҳои дигари колхозиро ҳам нишон диҳам.

Дохунда ва Гулнор:

— «Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан»,— гӯён ин таклифи пирамардро хуш қабул карданд.

Сайёҳон ба роҳ даромаданд, баъд аз киштзори пахта майдони васееро юнучқазорҳо ва сабзавотзорҳо мегирифтанд, пирамард ин киштҳоро нишон дода гуфт:

— Ин киштҳо ба болои ин, ки эҳтиёҷҳои аъзоҳои колхоз ва ҳайвоноташро адо мекунанд, барои киштн пахтаи соли оянда заминро қобилтар ва толибтар карда мерасонанд.

Дар ин киштзор гурӯҳе аз занон алафҳои бегонаи сабзӣ ва пиёз барин сабзавотҳои нозукро дасткаш мекарданд; мардон бошанд, заминҳои харбуза ва тарбузро варқонӣ, картошкаҳоро каландгардонӣ менамуданд, гурӯҳи дигар аз мардон алафҳои юнучқаро даравида, барои беда паҳн мекарданд; гурӯҳи дигар бедаҳои хушкидаро пресс карда той мебастанд.

Сайёҳон аз пеши инҳо дар ҷавоби:

— Монда нашавед-и худ, ба шунидани:

— Саломат бошед! — қаноат карда гузаштанд, зеро вақти кори онҳо зиёда аз ин бо онҳо гуфтугузор кардан-ро гунҷоиш намедод.

Дар поёни киштзор ва заминҳои корам майдони васееро, ки ҳанӯз майтаи ҷимтол буд, трактороронон бо говони оташниҳоди оҳанбуньёди худ кор мекарданд, заминро меронданд, алафҳои бегонаашро решаков карда мебаровардаанд.

Пирамард гуфт:

— Ин майдон имсол шудгор шуда офтоб хӯрад, дар соли оянда пахтаро аз майдони аввалӣ ҳам беҳтар ва хубтар хоҳад расонид.

Пас аз ин, майдонҳои пасту баланди ноҳамвор сар мешуд, ки дар он ҷо дар миёни алафҳои худрӯи бегона молҳои колхоз мечариданд.

Дохунда ва Гулнор тамошоро тамомшуда пиндошта хостанд ба қишлоқ баргарданд, пирамард гуфт:

— Агар монда нашуда бошед, боз камтар роҳ равем,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ба майдони лалмикорӣ мерасем, ки он ҷо ҳам ба колхози мо нигоҳ мекунад.

— Монда шудан дар куҷо? — гуфт Дохунда,— мо ҳар қадаме, ки мемонем, қувватамон зиёдтар мешавад, ба димоғ ва шуши мо, ки се сол боз дар ҳавои нобоби шаҳрҳо бо кор кардани фикрӣ кӯфта шудааст, ҳавои софи рӯҳафзои ин ҷо дар ҳар нафас кашидан як қуввати тоза мебахшад.

Роҳ бисьёр дароз накашид; баъд аз ним соат ба майдони фарохе, ки дар болои қаторталҳои паҳноваре буд, расиданд. Пирамард гуфт:

— Азбаски дар ин ҷоҳо ҳозир об баровардан мумкин нест, ба кишти лалмӣ мачбур шудем.

Агарчи ҷаву гандумҳои ин майдонро даравида гирифта бошанд ҳам зағир, кунҷид, мош ва нахӯд барин кишт. хои лалмии дигар, зумуррадвор нишебу фарози ин қаторталҳоро зинат медоданд. Дар баъзе ҷоҳои ин талҳо ба тариқи тачриба пахтаро ҳам ба тарзи лалмӣ кишта буданд.

Пирамард ба соати кисагии худ нигоҳ карда гуфг:

— Бояд майдони нумури ду қариб аз об пур шуда бошад, акнун бармегардем.

Сайёҳон бо роҳи омадаашон бозгаштанд. Аммо пирамард дар бозгаштан, ба чида-чида қадам партофтани мехмонони худ нигоҳ накарда шитобкорона ба роҳ даромад ва дар як чашм пӯшида кушодан аз назари ҳамроҳони худ ғоиб шуда, ба сари майдони нумури 2 рафт.

XII. «УНСУР»

Дар Қишлоқи Нав барои ба шаҳр гусел кардани Дохунда ва Гулнор, ки се моҳ боз дар ин ҷо дар роҳи босавод намудани аъзоҳои колхоз ва дигар корҳои фирқагӣ ва ҷамоатӣ кор мекарданд, тайёрӣ мерафт; Дохунда ва Гулнор ҳам дар боғчаи умумӣ ба рӯи нимкат (харак) нишаста имрӯз охирин бор ин боғчаро, ки бо вай унс гирифта буданд, тамошо мекарданд.

Дар ҳамин вақт як мӯйсафеде, ки тахминан 60 сол умр дошт. ва барои худро аз будаш ҳам зиёдтар пир нишон додан ба дасти худ асое гирифта қади худро хам карда, нафаскашон оҳиста-оҳиста қадам мепартофт, аз як тарафи боғча намоён шуда, ба тарафи Дохунда ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Гулнор омадан гирифт; вақте ки ба пеши инҳо расид, салом дода «уф!..» гӯён нафаси худро рост кард, аммо коматаш ҳамчунон ҳам буд ва пас аз он, ки ба Дохунда чашмони худро теғ кашонда, қадре нигоҳ карда истод, гуфт:

— Писарам, Ёдгор! Магар маро нашинохтӣ?

Дохунда пас аз он, ки сар то пои ин пирамардро аз назар гузаронид;

— Не, нашинохтамат,— гуфта ҷавоб дод.

— Нашиносӣ ҳам, дуруст аст,— гуфт пирамард,— аввал он ки қариб бист сол аст, ки якдигарро надидаем; дуйум он, ки ту як одами калони ҳукумат шудӣ, мулло шудӣ, закундон шудӣ, большевик шудӣ, акнун мо барин пирғуломҳоро назарат намегирад.

— Биё, ота. Ин гапҳои барзиёдро мон! Гӯй, ки ту маро кай боз мешиносӣ ва ман туро дар куҷо дидаам?

— Ман ба ту падаршинос ҳастам, вақте ки раҳматӣ падарат ба дари хонаи Азимшоҳ буд, ҳар корашро бо маслиҳати ман мекард. Ман ҳамон Қудрати самоворчиам, ки дар вақти бандӣ шудани ту ба ту пул қарз дода аз зиндони Сари Ҷӯй халос карда будам.

— Ҳо, ҳо, акнун шинохтамат,— гуфт Дохунда ва ба Гулнор нигоҳ карда:

— Рост мегӯяд, Бобо Қудрат ба ман бисьёр «некӣ» кардааст, дар ғайби ман ба ман ҳар бист тангаро дар ҳар азоне ба як танга ба фоида дода маро аз зиндон «халос» намудааст, ба ту ҳам ин кас «қадрдон» падаршинос аст: туро барои ҳоким хостгорӣ карда хеле «некӣ» карда буд.

Пирамард:

— Ҳай, ҳай, магар ин духтарам Гулнор аст, бисьёр нағз,— гуфт ва ба Гулнор нигоҳ карда: — духтарам Гулнор, ба ту ҳам некӣ карда будам, туро аз дара оварда ба пешгаҳи хонаи ҳокими вилоят «бика» карда шинонда будам, имрӯз ту ҳам некии худро аз ман дареғ надор!— гуфта аз вай ҳам илтимоси ёрмандӣ кард.

— Хуб, ҳоло чӣ кор карда гаштӣ ва ба ман чӣ мегӯй? — гуфт Дохунда.

— Ман дар асл як одами нобуда будам, ба дари қозихонаҳо ва ҳокимхонаҳо самоворчигӣ карда ва ба муҳтоҷшудагон панҷу даҳ қарз дода рӯз мегузаронидам.— Пирамард оҳе кашида ба сухани худ давом кард,— акнун он даврҳоро об бурд, ба як лаб нони ҳаррӯза мӯҳтоҷ шуда мондам; акнун мехоҳам ба колхоз дароям ва мувo-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

фикри ҳол коре карда нон хӯрам. Аммо ту, «унсур» гуфта маро ба колхоз қабул намекунанд. Ту, ки имрӯз як одами калон шудай ва ҳар кас туро иззату ҳурмат мекунад, чӣ мешавад, ки ба ман қадрдонӣ карда восита шавӣ, маро ҳам «унсур-пунсур» нагуфта ба колхоз қабул кунанд.

Дохунда агарчи бо шинохтани ин «падаршиносӣ» худ корҳои ин одам ба ёдаш омада, хеле хашмгин шуда бошад ҳам, аз «унсур-пунсур» гуфтани вай хандаи худро нигоҳ дошта натавониста:

— Маънии «унсур-пунсур» гуфтанашон чист? — гуфта аз пирамард пурсид.

— Ман кай медонам, маънии ин гапҳои уруспро; аз Собир, ки вай ҳам дар вақтҳои ба дари хонаи Азимшоҳ будаанаш бо ман қадрдон буд, маънии «унсур»-ро пурсидам, гуфт; «маънии ин гап, ту душмани меҳнаткашон гуфтан аст».

— Магар Собир ҳанӯз зинда аст?

— Ҳо, зинда аст, дар вақти ислоҳоти замин ба як қисм замини Азимшоҳ соҳиб шуд ва Фотима ном духтархонаи бойро, ки вай ҳам ба як қисм молу мулки хӯҷаин соҳиб шуда буд, ба занӣ гирифт, ҳоло ин ҷо кӯчида омада ба ҳамин колхоз аъзо шуд ва дар ҳамин ҷо зиндагонӣ мекунад.

— Фотима ҳам ин ҷост? — гуфта Дохунда тааҷҷуб кард.

— Чанд вақт боз наменамуд, дирӯз ба хонаи Собир рафта будам, он ҷо дидам.

— Худи Азимшоҳ чӣ шуд? — гуфта Дохунда гапковӣ кард.

Пирамард пас аз оҳе кашидан, гуфт:

— Бечора бой дар аввалҳои инқилоб дилкаф шуда мурда буд, писараш дар Дарвоз ба босмачиён калон шуда будааст, ки вай ҳам дар вақти дастдарозӣ карданаш ба як духтари шугнонӣ бо тири як тоҷики фидой кушта шудааст.

Аз ин сухани пирамард ба лабони Дохунда як табассуми ғуруролуд пайдо шуда бошад ҳам, аз чашмони Гулнор андаке дурахшандагии хашмгинона намоён гардид, аммо пирамард, ки ҳамаи ҳавасаш дар фикри роҳе ёфта ба колхоз даромадан банд буд, ин чоҳои корро пай набурд.

Дохунда ба пирамард гуфт:

— Мо имрӯз шаҳр рафтан мехоҳем; ба мо хонаи Со-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

бирро нишон дех, вайро бинем, аз вақҳи ту ҳам ба вай гап зада мемонем ва чӣ гуна одам будани туро ба вай хуб мешиносонем.

Пирамард аз пештарааш қадре бардамтар шуда «хуб» гӯён пеш даромад ва инҳоро дар канори қишлоқ ба хонаи наве, ки ба тартиби аврупоӣ бино ёфта буд, бурда:

— Собир! Ана ошноҳои кӯҳнаатро ёфта ба ту восита карда овардам; акнун «унсур-пунсур» нагуфта маро ба колхоз дарор,— гӯён Дохунда ва Гулнорро ба хона даровард.

Ҳамин, ки чашми Дохунда ба Собир афтод:

— Бобо Собир! Акнун донистам, ки ту хамон амаки Собири худам будай,— гӯён худро ба бағали вай андохт ва пас аз бӯсидани сару риши вай Фотимабегимро, ки аз ин аҳвол дар ҳайрат афтода монанди сурати девор ба кунче рост истода буд, дида:

— Мебахшӣ, бегим ҳамин сол туро дида дар ҳаққи ту чӣ кадар фикр карда бошам ҳам, кӣ буданатро ба ёд оварда натавониста будам: ҳар чӣ имрӯз дуи шуморо дар ҳолате, ки тамом мешиносам, дидам,— гуфт.

Аммо Бобо Собир ва Фотимабегим ҳанӯз аз аҳвол бехабар буданд ва ҳанӯз кӣ будан ва чӣ гуна бо худҳошон ошно будани ин талабаро намедонистанд.

Қудрати самоворчӣ ба пурсукови онҳо фурсат надода:

— Магар нашинохтӣ, Собир! Ин, Ёдгор писари ака Бозор аст ва ин ҳам бахшидан ӯст,— гуфта Дохунда ва Гулнорро ба вай шиносонид.

Бобо Собир пеш аз он, ки меҳмонони худро хуш омадед гӯяд, ба Қудрат нигоҳ карда:

— Хуб кардӣ, ки инҳоро оварда ба ман шиносонидӣ, ман аз ин вақҳ аз ту хурсанд ҳастам; лекин худат «хуш омадӣ!» зудтар аз хонаи ман баро ва минбаъд пеши ман наё, ки ман намехоҳам бо ту барин унсурҳои бегона ҳамгап шавам,— гуфта аз дараш тела дода бароварда пеш кард.

Қудрат дар вакте ки аз дар мебаромад, ба тарафи Дохунда нигоҳ карда:

— Писарам, Ёдгор,— гӯён ба забони ҳол аз вай умеди ёрӣ кард; аммо дид, ки Дохунда худро ба нодонӣ зада рӯяшро ба тарафи Фотима гардонда ба ган машғул шуд.

— Уф!.. Нону намаки Азимшоҳ аз чигаратон занад,— гӯён аз ҳавлӣ баромада рафт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XIII. ҶУМҲУРИЯТИ ҲАФТУМ

Дар соли 1929— охирҳои моҳи октябрь дар клуби Қишлоки Нав зану мард пур нишаста буданд; пас аз он ки дастаи ҳаваскорони мактаби қишлоқ, бо роҳбарии муаллим 10—12 номер концерт доданд, мардум барои ғазалхонӣ ва декламациягӯй якдигарро таклиф карда ба саҳна баровардаид, нақш гӯёнданд, рақс куноиданд, дар охири маҷлис касе аз гӯшае:

— Таклиф дорам: чӣ мешавад, ки меҳмонони азизи мо рафиқон Бозорзода ва Гулнор, ки имрӯз аз мо ҷудо шуда барои давом кунонидани таҳсили худ мераванд, ягон номер нақш гӯянд ва моро хурсанд кунанд,— гуфт.

Аз ҳар тараф садои:

— Мепурсем, мепурсем... карсак — баланд шуд.

Дохунда гуфт:

— Ман ин таклифро барои хурсандии ёрон қабул мекунам: як таронаи обнорасида ҳам дорам, ки дар Самарқанд аз як шоири тоҷик, ки ба тозагӣ гуфта будааст, навишта гирифта будам; лекин барои хондани ин тарона як шарт дорам: рафиқони Бобо Собир ва Фотимабегим, ки бо мо дар замони кӯҳна дар як хонаводаи муштзӯр баробар ситам кашидаанд ва солҳо аз якдигар дур афтода имруз ҳамдигарро ёфтем, дар ин таронагӯй бо мо ҳамроҳӣ кунанд.

Аз ҳар тараф садои:

— Мепурсем, мепурсем! — баромад.

Дар зери чапакзаниҳои бисьёр Дохунда, Гулнор, Бобо Собир ва Фотимабегим ба саҳна баромаданд ва пас аз 15 дақиқа тайёрӣ, парда бардошта шуд: садои қарсаки дуру дароз дару девори клубро дар ларза овард; Дохунда бо дасти худ ишорат карда карсакро базӯр хобонид ва чоркаса ба таронахонӣ даромаданд.

Мо камбағалонем, ба ҳар гуна баҳона,
аз дасти замона,
Ҳар тири ситамро, ки ҳамегашт равона,
будем нишона.
Мо камбағалонем, ки осуда нагашта,
дар аҳди гузашта,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Гаштем басе дар ба дару хона ба хона,
ҳам сарсариёна.
Мо камбағалонем, ки бечомаву бечой,
дар бандагии бой
Қардем басе меҳнати токатшиканона,
рӯзона, шабона,
Ҳар соату ҳар сония омодаи мурдан,
завлона ба гардан,
Занҷир ба по, теғ ба сар, чӯб ба шона,
зиндон! Канахона!
Охир зи тани мо, зи дили мо, зи сари мо,
ҳам аз ҷигари мо
Зад оташи пуршӯълаи пуршӯр забона,
ошӯбгарона,
З-ин оташи пуршӯълаи мо кӯҳнаҷаҳон сӯхт,
дарбори шаҳон сӯхт.
Ҳам қоидаи кӯҳнаи бедодгарона
гум шуд зи миёна.
Мо камбағалонем, ки ин водию ин дашт
кардем чу гулгашт,
Ҳарчанд ки пиндошта буданд фасона
арбоби замона,
Бо шавқ гузаштем ба колхозу комуна,
дар шакли намуна,
Аз зиндагии яккагии сарсариёна,
осудадилона.
Ин меҳнати пурманфиат, ин хоҳиши сангин!
шоистаи таҳсин!
Гӯем сазад аз зафари хеш тарона,
бо чангу чағона.

Бо чапакзаниҳои пурҷӯшу хурӯши концерт ба поён расид, аммо пеш аз он, ки тамом шудани маҷлис эълон карда шавад, раиси колхоз дар саҳна намоён шуда гуфт:

— Рафиқон! Ман ба шумо як воқеаи бисьёр калонеро, ки дар пеши мову шумо ва ҳаман меҳнаткашони Тоҷикистон вазифаҳои бисьёр муҳимми пурҷавобгариро мегузорад ва хозир аз почтаи Душанбе гирифтам, эълон мекунам:

«Анҷумани Сеюми фавқулоддаи шӯроҳои Тоҷикистон,[136] ки дар 15 октябрь кушода шуда буд, талаби омаи меҳнаткашони Тоҷикистон ва пешрафти аҳволи иқтисодии онро дар назар гирифта, бе воситаи Ӯзбекистон ба сифати Ҷ у м ҳ у р и я т и Ҳ а ф т у м ба ҳайати СССР даромадани Ҷумҳурияти Иҷтимоии Шӯроии Тоҷикистонро қабул кардааст».

Қарсакзаниҳо — з и н д а б о д Ҷ у м ҳ у р и я т и Ҳ а ф т у м и СССР!-гӯиҳо.

Як эълони муҳимми дигар.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

— Вакилони анҷуман, ба шахри Душанбе С т а л и н о б о д ном доданро талаб кардаанд, ки ин талаб ҳам аз тарафи анҷуман бо як овоз қабул карда шудааст.

Бо қарсакзаниҳо дар зери шиори:

З и н д а б о д С т а л и н ва С т а л и н о б о д мачлис ба поён расид.

10 марти соли 1930
Самарқанд

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ЭЗОҲОТ

1 *«Дохунда»* — аввалин романи нависанда аст, ки дар солҳои 1927—1929 таълиф ёфта, нахустин бор соли 1930 аз тарафи Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Қазон чоп карда шудааст. Пас аз он китоб боз се маротиба (Сталинобод — Самарқанд, 1932; Сталинобод — Ленинград, 1935; Сталинобод, 1949) нашр гардид. Ғайр аз ин, баъзе бобҳои он ба шакли китобчаҳои алоҳида низ чоп шуда буданд: «Мадраса» (1935), «Аҷина асар кардааст» (1936), «Ҷаноза ва тўй», (1939). «Дохунда» ничунин ба бисьёр забонҳои халқҳои СССР ва мамлакатҳои хориҷа тарҷима шудааст. Жанри роман дар адабиёти советии тоҷик бо ҳамин асари устод Айнӣ сар шудааст.

Дар нашри ҳозира қайдҳои муаллиф, ки дар ҳошияи чопҳои собиқи «Дохунда» ба назар расиданд, низ дохил карда шуданд.

2 *Қабзафурўмон* — кандакорӣ ва нақшин.

3 *Сокўл* — банд, машғул ба коре.

4 *Кота* — ба маънои б о н ӣ ва соҳиб омадааст.

5 *Раҳимхони манғит* (1713 — 1758) — асосгузори сулолаи манғитиён аст, ки фаъолияти худро дар майдони сиёсат пас аз қатли охирин намояндаи сулолаи аштархонӣ Абулфайзхон (с. 1746) сар карда, расман аз соли 1755 то соли 1758 дар Бухоро ҳукмронӣ кардааст. Ў тақрибан дар солҳои 1756—1757 ба тарафҳои кўҳистон ҳуҷум оварда буд, ки нависанда дар ин ҷо ба воқеаҳои ҳамон солҳо ишора мекунад.

Ниг. С. Айнӣ. «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», 1923, сах. 5—8; «Куллиёт», ч. 1, сах. 282—283.

6 *Дониёл Атолиқ* — яке аз амирони сулолаи манғитиён аст, ки пас аз марги Раҳимхон ба сари ҳокимият омада, тақрибан 27 сол (1758—1785) дар Бухоро ҳукуматдорӣ кардааст. Ў дар вақти ба кўҳистон лашкар кашидани Раҳимхон ҳокими Ҳисор буд. (Ниг. С. Айнӣ, «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», сах. 8—9.)

E-mail: ziyozoda@gmail.com

7 *Муҳаммадамин* — ҳокими Кармина буда, дар ҳангоми исьёни Ўротеппа ва Ҳисор (1757) бо хокими Нурато Ёдгор парвоначӣ иттифоқ баста, бар зидди ҳукумати манғития сар бардошта буд. Мухаммадамин пас аз шикаст хўрдани исьён ба тарафи кўҳистон фирор намуд.

8 *Манак* — зарфе, ки барои муайян кардани миқдори чизе (масалан, ғалладона) хизмат мекард.

9 *Мисвок* — чўбчаи махсуси дандоншўй, ки одатан аз чўбҳои хушбўй месохтанд.

10 *Намози ишроқ* — намозе, ки пас аз баланд шудани офтоб хонда шавад.

11 *Азоимхонӣ* — дуохонӣ, дуо ва афсуне ки аҳли хурофот гўё барои сиҳат ёфтани бемор мехонанд.

12 *Савму салот* — рўзаву намоз.

13 *Гуломи хоназод* — ғуломеро мегуфтанд, ки дар хонаи соҳиби худ (яъне ғуломдор) таваллуд шуда бошад.

14 *Почпоя*—гандумпоя, замине, ки гандумаш дарав карда шуда, бақияи пояҳояш дар он мемонад.

15 *Моҳи қавс* — моҳи нўҳуми шамсӣ, ки аз 21 декабрь то 21 январь аст.

16 *Моҳи ақраб* — моҳи ҳаштуми шамсии арабӣ аст, ки аз 21 октябрь то 21 ноябрь мебошад.

17 *Ақиқа* — зиёфати маросими номмонӣ ва мўйсаргирии бача.

18 *Шаҳри сафар* — моҳи дуюми соли камарии арабӣ.

19 *Ҳутима билхайри ваззафар* — «гузашт ба хубию хушӣ» гуфтан аст.

20 Соли 1318 ҳичрӣ ба соли 1900 мелодӣ баробар аст.

21 *Дорулқазо* — козихона.

22 *Роиҷа* — чорӣ, дар муомила истеъмолшаванда; мазруб — зарб (тамға) задашуда (сифати пул).

23 *Сонаҳаллоҳу маволияҳо анилофоти валбалиёт* — «нигоҳ дорад онро худо бо соҳибаш аз офатҳову балоҳо» гуфтан аст.

24 *Билоғабни ва ло зарурин ва ло шартин фосидин ва кона золика бимаҳзарил муслимин* — «бе фиребу найрангу баҳонасозӣ ва ин дар ҳузури мусулмонон воқеъ гардид».

25 *Моҳи ҳут* — моҳи охирини соли шамсӣ буда, аз 21 февраль то 21 март аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

26 *Даъвои зилядӣ* — даъвои ҳақдорӣ, ҳаққи ҳамсоягӣ.

27 *Пойқабоқ* — шаробхона.

28 *Садақаи фитр* — садақае, ки рӯзадорон ба имоми масҷид медоданд ва ин «фитри рӯза» ҳам номида мешуд.

29 *Закот* — як навъи андозҳои ҳукумати амирӣ, ки аз молҳои фуқаро (ба қадри аз чил як ҳиссаи арзиши мол) гирифта мешуд.

30 *Қарзи ҳасана* — қарзи бефоида.

31 *«Ҳисоби ҳамдуна»* — ҳисоби беасос ва беҳуда.

32 *Ҳаққулъабд* — ҳаққи кас.

33 *Моникаламон* — наққошони санъаткор (аз номи М о н ӣ—рассом ва наққоши машҳури Хитои қадим).

34 *Масъудона* — хушбахтона.

35 *Маҳр* — ширбаҳо: пул ва чизҳое, ки аз рӯи урфу одати замони феодалӣ домод ба падару модари арӯс ба тарзи ҳатмӣ медод.

36 *Соли қамарӣ* — солшуморие, ки аз рӯи гардиши моҳ ба гирди замин тартиб дода шудааст.

37 *Шаҳодати худой* — иборате, ки аҳли дини мусулмонӣ дар вақти қасам хӯрдан мехонданд.

38 *Пойкор* — хизматгузори махсуси гузар ё кишлоқ.

39 *Собитулвакола* — одами ваколаташ исботшуда.

40 *Тӯқсоба* — амалдори ҳукумати амир, ки вазифаи байракдориро адо мекард.

41 *Ниммусаттаҳ* — ҳапалак.

42 *Нимнимча* — 250 грамм.

43 *Пӯстболо* — пӯстфурӯш, савдогари пӯсти қарокӯлӣ.

44 *Макариёчӣ* — иштироккунандаи ярмаркае, ки одатан дар шаҳри Макарьёв, губернияи Нижегород барпо мегардид.

45 *Монанди фармондеҳони аскарии даври амирӣ* — тартиби сарбозмашқдиҳии командирони лашкари амир дар «Ёддоштҳо» нақл ёфтааст. (Ниг. С. Айнӣ. «Ёддоштҳо», қисмҳои I—II, 1954, сах. 316—317.)

46 *Дойрахабар* — дар Бухоро одатан дар тӯйҳо базмҳои дойрагӣ ташкил мешуд. Бо шунидани овози дойра ҳар кас хабар дошт, ки ба он базм бе даъвати алоҳида барои тамошо равад ва ин гуна тамошобинонро «дойрахабар» мегуфтанд. (Ниг. «Ёддоштҳо»,

E-mail: ziyozoda@gmail.com

қисмҳои III—IV 1955, саҳ. 102—107, «Базмҳои Бухоро ва базмгардӣ». «Куллиёт», ч. 1, саҳ. 45—46.)

47 *Талаби маҷҳули мутлақ* — талаби чизи номаълум.

48 *Пойтуғ* — бошишгоҳ.

49 *Адои таҷвид* — талаффузи равшану гуёи ҳарфҳои арабӣ.

50 *Мирохурбошӣ* — сардори саисҳо — яке аз амалҳои дарбори амир.

51 *Юзбошӣ* — сардори сад нафар сипоҳӣ дар лашкари Бухорои амирӣ.

52 *Кулӯча* — гимнастёрка.

53 *Мадрасаи Кӯкалтош* — яке аз калонтарин мадрасаҳои Бухорост, ки бародари ширхӯран Абдуллохони шайбонӣ — Кулбобо — Кӯкалтош дар вақтҳои дар Ҳирот ҳукумат доштанаш соли 1578 бино кардааст.

54 *Қарзи ҳинду* — С. Айнӣ судхӯрии ҳиндуҳоро дар «Ёддоштҳо»-и худ батафсил нақл намудааст. (Ниг. «Ёддоштҳо», қисмҳои III—IV, 1955, саҳ. 50—54 — «Ҳиндуҳои судхӯр»; «Куллиёт», ч. 1, саҳ. 35—37.)

55 *Ром-ром саттӣ* — иборатест, ки ҳиндувон дар ҳаққи мурда ба тариқи дуо мехонанд.

56 *Қинда* — чӯби чорраҳи калоне буд, ки миёнаашро ба андозае, ки ду пои одамеро гунҷонад, сӯрох кардаанд ва миёнаҷои ин сӯрох як сӯрохи ростнокии дигар ҳам дошт. Вақте ки пои бандиро аз сӯрох мегузаронидаанд, аз сӯрохи дигар дар миёнаи ду пой фона мезаданд, ки пойҳои бандӣ аз ду сӯ тазъиқ ёфта, ба шикастан наздик мерасид. (Ниг. «Одина», саҳ. 203. Куллиёт, ҷилди 1, саҳ. 298.)

57 Ҳаммомбуғ (ҳаммомбуқ) — вақти саҳар; одатан дар ҳамин вақт пас аз гарм шудани оби ҳаммом бо бук — сурнаи сафолин ба мардум хабар медоданд. Аз ин ҷиҳат ҳаммомбуғ маҷозан вақти саҳарро мефаҳмонад.

58 *Куи хомӯшон* — киноя аз кабристон.

59 *Кофарработ* — нависанда ин деҳаро дар «Ёддоштҳо» низ тасвир кардааст. (Ниг. «Ёддоштҳо», қисмҳои III—IV, 1955, сах. 553).

60 *Сабби набӣ* — дашномдиҳандаи пайғамбар.

61 Ин воқеа ҳақиқатан дар соли 1894 дар Бухоро рӯй дода буд. С. Айнӣ дар ин бобат аввалин бор дар «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро» (сах. 12) маълумот дода, сипас ба таври муфассал дар «Ёддоштҳо» қисмҳои III—IV, 1955, сах. 337—378 («Ҷанги муллоён бо аробакаш», «Интизорӣ ба санг-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

сор карда шудани аробакаш», «Хабари «Ҷабраил» дар бораи кори аробакаш», «Қарори «Маҳкама» ва сангсор карда шудани аробакаш») тасвир кардааст.

62 *«Ҳуррият»* — ба манифести амир, ки 7-уми апрели соли 1917 дар бораи қорӣ намудани ислоҳот дар аморати Бухоро эълон карда шуд, ҷадидон ва касоне аз паси онҳо гумроҳшуда ҳамин тавр ном дода буданд. «Ҳуррият» дар асл ба маънои озодӣ аст. Аммо чӣ тавре, ки С. Айнӣ дар тарҷумаи ҳоли худ навиштааст, дар охир чӣ будани ваъдаҳои хушки амир ва «ҳуррият» ба ҳама маълум шуд. (Нигр. «Куллиёт», ҷ. 1, сах. 76—83.)

63 Айнӣ ин навъ ҷазои мудҳишро ҳукумати амириро дар чандин асари бадеӣ ва таърихии худ батафсил нишон додааст. Нигр. «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро», сах. 184—186. («75 чӯб»); «Ёддоштҳо», 1954, қисмҳои I—II, сах. 314—316; «Куллиёт», ҷ. 1, сах. 83—84.

Чунон ки маълум аст, худи нависанда ҳам дар моҳи апрели соли 1917 ба ин ҷазои ваҳшиёна гирифтор шуда буд.

64 *Таракачӣ* — муфтие, ки моли мурдаро байни вориҳон тақсим мекард.

65 *«Ҳавлича»* — яке аз ҳабсхона ва кушиштхонаҳоест, ки дар дарунии арки амирӣ воқеъ гардида буд. Нависанда «ҳавлича» ва манзараи пурваҳшати онро дар «Ҷаллодони Бухоро» тасвир намудааст. Нигр. «Куллиёт», ҷ. 1, сах. 116. («Дар ҳавлича»).

66 *Болои ҳам чида мондаанд* — нависанда ин қабил қатлу куштор ва хандақҳои пурхунро дар қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» батафсил нақл кардааст. Нигр. «Куллиёт», ҷ. 1, сах. 107—109, («Усули нави одамкушӣ»).

67 Ин навъ усули одамкушӣ дар «Ҷаллодони Бухоро» низ тасвир ёфтааст. Нигр. «Куллиёт», ҷ. 1, сах. 107—110. («Усули нави одамкушӣ»).

68 *Ҳикмати буз* — нависанда образи Ҳикмати бузро ба сифати як шахси таърихии реалӣ дар «Ёддоштҳо» тасвир намудааст. Нигр. «Ёддоштҳо», қисмҳои III — IV, 1955, сах. 361—362. («Қарори маҳкама» ва ҳикояи сангсор карда шудани аробакаш.)

69 *Бозори ресмони Бухоро* — дар Бухоро «Бозори ресмон» киноя аз кушиштгоҳи одам буд. (Аз қайдҳои нависанда ба «Ёддоштҳо»).

Дар бораи «бозори ресмон» С. Айниро чунин байте хаст:

«Дил бурда аз кафам бутаки ресмонфурӯш
Ёрон, кунун сари ману бозори ресмон».

Нигр. Афзал махдуми Пирмастӣ «Афзал-ут-тазкор фи зикр-уш-шуаро валашъор», нусхаи фонди китобҳои шӯъбаи шаркшиносии АФ РСС Тоҷикистон, № 2056, сах. 107.

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ҳамон байтро бо каме тағйир (яъне ба ҷои «бутаки ресмонфурӯш» «санами ресмонфурӯш) оварда, аз забони Пирак чунин қайд менамояд: «Як шоири бекормонда

E-mail: ziyozoda@gmail.com

мазмуни дар як чо вокеъ шудани кушишхонаи одам ва бозори ресмонро ба кор бурда шеъри зеринро гуфтааст». (Нигр. С. Айнй «Ёддоштхо», кисмхои I—II, 1954, сах. 320.)

70 *«Обхона»* — ин навъ хабсхонаи амирро нависанда дар «Материалхо доир ба таърихи инкилоби Бухоро» тасвир намудааст. Нигр. китоби мазкур сах. 179—183 («Обхона»).

71 *Хомидхўча* — аз шарикдарсон ва дўстони нависанда буда, дар харакатхои маорифпарварй ва озодихохй иштирок доштааст ва дар соли 1918 хангоми реакцияи хукумати Бухоро дар зиндони амир кушта шудааст. Ў бо тахаллуси «Мехрй» шеърхо низ мегуфтааст. (Нигр. С. Айнй «Материалхо доир ба таърихи инкилоби Бухоро», нашри ўзбекй, Москва, 1926, сах. 35—38; Ёддоштхо», кисми III, 1950, сах. 159—160.)

72 Қисмати пурфочиаи ин шахсони таърихии реалй дар «Чаллодони Бухоро» батафсил накл шудааст. Нигр. «Куллиёт», ч. 1, сах. 112—113.

73 *Колесов* — дар солхои революция раиси советй комиссарони халкии Туркистон буд. Ў дар охирхои мохи февралй соли 1918 кувваҳои харбии худро аз Қўқанд ва Самарқанд ба Когон оварда, 2-юми мохи март бо хамрохии чадидхо барои сарнагун кардани хокимияти амир ба Бухоро хучум намуд. Вале дар натичаи хиёнати рохбарони чадидхо ин хучум бемуваффакиятона анчом ёфт.

74 *Мирзо Назрулло* — писари Домулло Икром ном яке аз мударрисони равшанфикри Бухоро мебошад, ки ба сабаби назари нек доштанаш нисбат ба одамони маърифатпарвар дар мохи апрели соли 1917 бо гуноҳи «чадидй» 75 чўб зада кушта шуда буд. (Нигр. С. Айнй. «Материалхо доир ба таърихи инкилоби Бухоро», сах. 183—188; «Куллиёт», ч. 1, сах. 73, 82—87.)

75 *Инқилоб* — дар ин чо Революцияи февралии соли 1917 дар назар дошта мешавад.

76 *Абдуллохўча* — як шахси таърихист, ки аслан раиси яке аз ташкилотхои махфй дар Бухоро буда, дар охири мохи апрели соли 1920 аз тарафи чаллодони амир вахшиёна кушта шудааст. (Нигр. С. Айнй «Материалхо доир ба таърихи инкилоби Бухоро», сах. 251—252.)

Баъдтар нависанда дар ин роман образ ва амалиёти ўро тасвир менамояд ва чунон ки маълум мегардад, он ташкилоти махфй ташкилоти коммунистй будааст.

77 *«Фарзи айн»* — номи китобест, ки дар он тартибот ва шартхои зарурии дини мусулмонй навишта шудааст.

78 *Чорбоғи ситорамаҳхоса* — номи дехаест дар наздикии Бухоро, ки чорбоғи амир ва касре бо хамин ном дар он чо вокеъ буд.

79 *Табли қаторак* — накорае, ки садояш бонги «хозирбош»-ро ифода мекард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

80 *Тӯпчибошӣ* — сардори тӯпхонаи амир, вазири ҳарбӣ.

81 *Кали Қурбон* — нависанда образи Кали Қурбонро ба сифати як шахси таърихии реалӣ дар «Ёддоштҳо» тасвир кардааст. (Нигр. «Ёддоштҳо», қисмҳои III—IV, 1955, саҳ. 324—327, 357—367. «Дуздии Ҳоҷӣ махдум», «Хабари «Ҷабраил» дар бораи кори аробакаш», «Қарори маҳкама» ва сангсор карда шудани аробакаш».)

82 *«Саҳеҳи бухорӣ»* — номи шаш ҷилд китоби ҳадис аст, ки Муҳаммад бинни Исмоили Бухорой (таваллудаш 194 ҳичрӣ — 811 мелодӣ) тартиб додааст.

83 Ин яке аз ҳамон хитобномаҳоест, ки С. Айнӣ дар арафаи революцияи Бухоро бо супориши ташкилоти коммунистони Бухоро дар Тошкент навиштааст. (Нигр. «Куллиёт», ҷ. 1, саҳ. 92.)

84 *Асфалассофилин* — дар ақидаҳои динӣ; номи чоҳи аз ҳама поёнтарини дӯзах аст, ба асфалассофилин фиристодан — киноя аз маҳв ва нобуд кардан.

85 *Ҷуфтакро музоаф кардан* — киноя аз гурехтан аст, ки ба ин маънӣ «Ҷуфтакро рост кардан» ҳам мегӯянд.

86 *Ангаф* — дарзҳои миёни ду хишти девор.

87 Ин мисраъҳо аз банди охири «Марсия» ном шеъри Айнӣ мебошанд, ки моҳи августи соли 1918 ба муносибати дар зиндони амир кушта шудани бародараш Ҳоҷӣ Сироҷ навишта шудааст ва байти аввали он ин аст:

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз ба сарам.

88 *Тиллои сих* — тиллое, ки ба шакли сих рехта шудааст.

89 *Тиллои рег* — тиллои реза (хока).

90 *Вакили мухтор* — С. Айнӣ дар сурати «вакили мухтор» образи яке аз душманони халқ ва революция Усмон Хӯҷаевро тасвир менамояд. Усмон Хӯҷаев аз ҳамон қабил ҷадидоне буд, ки бо ҳар роҳ ба аппаратҳои давлатӣ сар дароварда, ба мукобили Ҳокимияти Советӣ амал мекарданд, ӯ раиси КИМ Республикаи Халқии Советии Бухоро буд ва дар декабри соли 1921 ҳамчун вакили мухтор ба Душанбе омада, бо босмачиён алоқа баст ва дар сӯиқасди зидди гарнизони Душанбе роҳбарӣ намуд. Вай пас аз ин хиёнат дар аввали соли 1922 бо як даста шарикони худ ба яке аз мамлакатҳои хориҷӣ фирор кард.

91 *Палтарсавор* — дастьёр ва ёвари саркардагон.

92 *Турҷаун* — иборати тамасхуромезест дар ҳаққи одами нофорам.

93 *Иноқ* — шахси наздик ва каробатноки ҳоким дар усули идораи амирӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

94 *Девонбеги* — мудири девонхонаи аморат. С. Айнӣ бо босмачиёни алоқа доштани баъзе раҳбарони Ҳукумати Республикаи Халқии Бухороро дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» низ таъкид намудааст.Ниг. «Куллиёт», ҷ. 1, сах. 95.

95 *Муфтӣ Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ* — яке аз ҷадидони мутаассиби Самарқанд буд, ки дар охирҳои моҳи апрели соли 1919 ҳангоми гузашта истодан аз мавзофоти Каршӣ бо ду ҳамроҳаш (Мардонқул ва Муҳаммадқул) аз тарафи тағоии амир Сандбег ва одамони ӯ кушта шудааст.

96 *Элнавкарон* — навкароне, ки аз деҳот ба хизмати сарбозӣ ҷамъ омадаанд.

97 *Суддаи сания* — остонаи баланд, яъне бошишгоҳи амир.

98 *Тортуқ* — пешкаш, бахшиш.

99 *Ярлиқ (ёрлиқ)* — фармони подшоҳӣ.

100 *Удайчию шигавул* — амалдороне, ки пеш-пеши амир дуогӯён рафта роҳ мекушоданд.

101 *Алъаёзу биллоҳ* — иборати арабист ба маънии «паноҳ металабам аз худо».

102 *Муроқаба* — сархам нишаста ба дарёфти хаёлоти диниӣ фурӯ рафтан *Вирду аврод* — хондани дуоҳо.

103 *Лиютасар* — бачабоз .

104 *Садақоти воҷиба ва нофила* — садақаҳои ҳатмӣ ва ихтиёрӣ.

105 *Эшик оқбошӣ* — саркардаи дарбонҳои дарбори амир.

106 *Минбошӣ* — саркардаи ҳазор нафар сипоҳӣ.

107 *Кирьё* — асбобе, ки заргарон барои борик кардани сим кор мефармоянд. *Аз кирьё гузаронидан* — киноя аз санҷиши бодиққат; бисьёр пурсуков карда муқаррар намудани чизе.

108 *Ревком* — мухтасари ибораи Революционный комитет (Комитети инқилобӣ).

109 *Хулафои Аббосия* — хулафо ҷамъи халифа аст, ки вориҫони Муҳаммадро ҷунин меномиданд. Пас аз вафоти Муҳаммад вориҫони ӯ давлатҳое таъсис намуданд, ки онҳоро хилофат мегуфтанд. Яке аз ин қабил давлатҳо хилофати Аббосия буд, ки онро халифа Абулаббос асос гузоштааст. Халифаҳои хонадони Аббосия аз соли 750 то соли 1258 ҳукмронӣ кардаанд. Ин хилофатро бо номи пойтахти он — «хилофати Бағдод» ҳам меноманд.

110 *Чакас* — нишемангоҳи мурғони шикорӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

111 *Алиризо* — сардори идораи кулли милицияи Республикаи Советии Халқии Бухоро буд ва дар вақти ҳамчун вакили мухтор ба Душанбе омадани Усмон Хӯҷаев бо дастаи 600 нафарии милиция ба ӯ ҳамроҳӣ намуд ва дар сӯиқасди зидди гарнизон фаъолона иштирок карда, пас аз ин хиёнат ҳамроҳи Усмон Хӯҷаев ба Афғонистон гурехт. Алиризо аслан полковники лашкари Туркия буд.

112 *Гинденбург Пауль* (1847—1934) — арбоби давлатӣ ва ҳарбии Германия, фельдмаршал. Дар солҳои якумин ҷанги ҷаҳон фармондеҳи фронти Шарқӣ ва аз соли 1916 сардори штаби ҳарбӣ гардида, амалан сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи немис буд. Ӯ ду дафъа (с. 1925 ва 1932) президенти Германия интихоб шуда, дар соли 1933 Гитлерро ба сари ҳукумат оварда буд.

113 *Анварпошшо* — вазири ҳарбии собиқи Туркия буд, ки дар давраи муборизаи озодихоҳии миллии халқи турк бо роҳбарии Камолпошшо чун хоини ватан аз мамлакати худ ронда шуда, дар соли 1920 бо ташаббуси намояндаи съезди халқҳои Шарқ ба РСФСР омад. Ӯ ҳамчун гумоштаи империализми Англия ба Республикаи Советии Халқии Бухоро роҳ ёфта, қувваҳои зиддиреволюционӣ-босмачиёнро дар атрофи худ гирд оварда, ба муқобили Ҳокимияти Советӣ амал намуд. 4 августи соли 1922 ӯ дар яке аз мавзеъҳои байни Балҷувон ва Хаволинг ҳангоми ҷанг бо тири ҷанговарони советӣ кушта шуд.

114 *Камолпошшо, маъруф ба Камол Отатурк* (1880—1938) — роҳбари ҳаракати миллии буржуазии турк (дар соли 1919), сардори партияи республикачиён ва аввалин президенти республикаи Туркия буд.

115 *Худоёрхон* — аз хонҳои Қӯқанд аст, ки дар солҳои 1845—1858, 1862—1863, 1866—1875 ҳукмронӣ кардааст.

116 *Барш* — хамираи мураккаб аз чанд дору, ки барои кайф ва хушҳолӣ истеъмол мекарданд.

117 *Сангсор* — яке аз ҷазоҳои мудҳиши давраи феодалӣ буд, ки шахси «гунаҳгор»-ро бо фатвои аҳли шариат ба чоҳчае то миён гӯронда ва ё ба болои уштуре баста чанд нафар одамони «савобталаб» бо сангҳо зада мекуштанд.

118 *Саллаллоҳу таоло* — ӯро саломат нигаҳ дорад худои таоло.

119 *Баҳӣ* — ёҳӣ, саркаш.

120 *Аимма* — ҷамъи имом, имомҳо.

121 *Зобит* — офицери Туркияи усмонӣ.

122 *Авроқи иттиҳомнома* — варақҳои айбнома.

123 *Иртикоб* — ҷинояткорӣ.

124 *Таарруз* — дахл кардан.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

125 *Тазвирот* — хила ва найранг.

126 *Фиссабилиллоҳ* — «дар роҳи худо» гуфтан аст.

127 *Улиламр* — соҳиби фармон.

128 *Мумиилайҳ* — шахси номбаршуда.

129 *Сулб* — овехтан (ба дор).

130 *Рабиулаввал* — моҳи сейуми солшумории ҳичрӣ — қамарӣ.

131 *Швецов Е. Н.* — сардори экспедиция, командири—дивизияи 4-уми тирандозии Туркистон буд.

132 *Муҷоҳидони фисабилиллоҳ* — «фидоиёни роҳи худо».

133 *Амир Музаффар* — амири Бухоро буд, ки дар солҳои 1860—1885 салтанат дошт.

134 *Тасдеъ* — дарди сар: маҷозан ташвиш, заҳмат.

135 *Лиҳозо* — бинобарин.

136 Анҷумани муассисони Советҳои Тоҷикистонро дар назар дорад, ки аз 1 декабрь то 12 декабри соли 1926 дар шаҳри Душанбе барпо шуда буд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

МУНДАРИҶОТ

Қисми якум

I. Дараи Ниҳон 3
II. Духтари обкаш 6
III. Ясавул 10
IV. Одами пасисангӣ 12
V. Далерии навмедона 14
VI. Санги ғелон 17
VII. Хӯҷаин 19
VIII. «Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лаг-лаг» 22
IX. Меҳмони иззатманд 26
X. Чӯпони гуреза 30
XI. Бемории ногаҳонӣ 34
XII. Эшон 37
XIII. Ачина асар кардааст 40
XIV. Ҷаноза 43
XV. Маслиҳат 46
XVI. Тӯйи хазинаи худост 54
XVII. Оши кенгош 57
XVIII. Дар сари кӯча 64
XIX. Хати шаръӣ 67
XX. Ҷалои ватан 71
XXI. «Меҳмонӣ» 73
XXII. Ғурбат ва мусибат 77
XXIII. Умеди нав 79
XXIV. Сафар 81
XXV. Хайри бериё 84
XXVI. Закотчиён 86
XXVII. Ин хам хайри бериё 88
XXIII. Қарздорӣ 92
XXIX. Ҳисоби ҳамдуна 97
XXX. Васият 99

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Қисми дуюм

I. Аз гӯристон ба гулистон 103
II. Шоми ғарибон 109
III. Бадехагӯй 113
IV. Ҳичрон 119
V. Фондаи азонӣ 122
VI. Ду хостгорӣ 127
VII. Никох 131
VIII. Мадраса 136
IX. Атои ғайбӣ 140
X. Яҳудии кӯзакаш 145
XI. Рӯзи нишот 148
XII. Доирахабар 151
XIII. Азони бемаҳал 155
XIV. Сарбозӣ 158
XV. Мусикаи навбаромад 164
XVI. Қарзи ҳинду 168
XVII. Ҳиндуи салланок 170
XVIII. Зиндон 176
XIX. Дуои ҳачот 180
XX. Ифтор 185
XXI. Сабаби ҳачот аст, ё гирифторӣ 187

Қисми сеюм

I. «Ҳуррият» (1917, март — апрель) 192
II. Кушишхона 195
III. Дар обхона 201
IV. Оташи ҷихонӣ 206
V. Ҳашамат ва тайёрӣ 213
VI. Машки ҷанг 217
VII. Ниятҳи ғазо 219
VIII. Бими умед 222
IX. Рӯзҳои вопасин 224
X. Инқилоб ва озодӣ 228
XI. Дуетони дерина 232
XII. Интиқоми амма 235
XIII. Ҳиҷр 238
XIV. Бо қофилаи вакили мухтор 242
XV. Базми тағикӯрпагӣ 247
XVI. Шахси сарочанишин 251
XVII. Васиятнома 252
XVIII. Салтанати дубора 254

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XIX. Занаки «девона» 259
XX. «Соҳибхуруҷ» 262
XXI. Ҳиҷрати абадӣ 264
XXII. Даҳшат 267
XXIII. Митинг 270

Қисми чорум

I. Шахси қаторвазнадор 274
II. Шайтон 276
III. Оғоз 279
IV. Оштӣ 281
V. Силоҳи ғайбӣ 283
VI. Ҷазо 287
VII. Базм ва кӯбкорӣ 290
VIII. Пас гаштан барои пеш ҷаҳидан 295
IX. Халтаи пургӯшу бинӣ 297
X. Чашман пуртир 299
XI. «Ҳомиёни ислом» 301
XII. Хаёлҳои кӯкнориёна 305
XIII. Озуқаковӣ 311
XIV. Амири лашкари ислом ва ноиби ҷаноби олии Бухоро 316
XV. Қофилаи парешон 318
XVI. Ғанимат ва асир 321
VII. Сангсор 324
XVIII. «Танк» 327
XIX. Ҷашни зафар 329
XX. Кӯҳи оташфишон 330
XXI. Лашкари шохи дарахт 336
XXII. Сардори бетолеъ 337
XXIII. Акнун нашуд 339
XXIV. Орнома 341
XXV. Якдигаркушӣ 344
XXVI. «Сардори хушбахт» 349
XXVII. Тарма 351
XXIII. Ғарми «мустақил» 353
XXIX. Се шодии ногаҳонӣ 354
XXX. Артисти ҳаваскор 358
XXXI. Духтари Мулло Чортори ё Шоҳсанам . . . 360
XXXII. «Мактуби пурқимат» 365
XXXIII. Ҳукмнома 367
XXXIV. Подшоҳи бепойтахт 371
XXXV. Мусулмонкушӣ 374

E-mail: ziyozoda@gmail.com

XXXVI. Газаби омма 377
XXXVII. Анчом 378

Қисми панҷум

I. Каждуми таги бӯрьё 381
II. Рохи оҳан 385
III. Дараи ношинос 387
IV. Мактаб 391
V. Рохсози 393
VI. Ободӣ 395
VII. «Муши мурда» 400
VIII. Озодии занон 401
IX. Кофилаи маданият 403
X. Кишлоки Нав 404
XI. Колхоз 405
XII. «Унсур» 409
XIII. Чумхурияти хафтум 412

Эзохот 416

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Айнӣ, Садриддин.

А 40 Дохунда: Роман.— Душанбе: Ирфон, 1984.

432 с.

«Дохунда» аввалин романи асосгузори адабиёти советии тоҷик С. Айнист, ки он аз масъалаҳои муҳими рӯзгори тоҷикон баҳс мекунад. Дар он монанди Едгор ва Гулнор як силсила симоҳои рахшони адабӣ ба назар мерасад, ки хулқу атвори умдаю зубдаи тоҷиконро дар худ тачассум кунонидаанд.

Айни, Садриддин.

Дохунда

А $\frac{70303—213}{М\ 501\ (13)—84}$ 107—84

—

Точик?

E-mail: ziyozoda@gmail.com

САДРИДДИН АЙНИ

ДОХУНДА

(на таджикском языке)

Переиздается по изданию:
Таджикгосиздат: Сталинобод, 1960

Мухаррир А. Султонова
Мухаррири техникӣ Е. Цыпин
Мусаҳҳеҳ И. Алиева

E-mail: ziyozoda@gmail.com

БИ № 347

Ба матбаа 06. 12. 83 супурда шуд. Ба чопаш 02.04.84 имзо шуд. Ч
84×108¹/₃₂. Қоғази типографии № 2. Гарнитураи адабӣ. Чопаш ба
Ҷузъи чопии шартӣ 22,68. Ҷузъи рангаи шартӣ 22,89. Ҷузъи нашрию
23,47. Адади нашр 20000. Супориши № 4995. Нархаш 1 с. 60 ти

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Лӣнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид
хои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Лӣнӣ, 126.

E-mail: barozoda@gmail.com

1с. 60 тин.

НАШРИЁТИ «ИРФОН»